ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

Маҷаллаи илмӣ

ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

Научный журнал

№3 (43)
2026

ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН
Маҷаллаи илмӣ

№ 3 (43)
2026

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.

Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ

Сармуҳаррир:	**Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор**
Муовини сармуҳаррир:	**Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор**
Котиби масъул:	**Мирализода И.Қ. – д. и. ҳ., профессор**

Ҳайати таҳририя:

Насриддинзода Э.С.	**д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
Маҳмудзода М.А.	**д. и. ҳ., профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
Ализода З.М.	**д. и. ҳ., профессор**
Зоир Ҷ.М.	**д. и. ҳ., профессор**
Шарипов Т.Ш.	**д. и. ҳ., профессор**
Сафарзода А.И.	**д. и. ҳ., профессор**
Шарофзода Р.Ш.	**д. и. ҳ., профессор**
Ғаюрзода Ш.К.	**д. и. ҳ., профессор**
Сафарзода Б.А.	**д. и. ҳ., профессор**
Раҳмон Д.С.	**д. и. ҳ., профессор**
Искандаров З.Ҳ.	**д. и. ҳ., профессор**
Мирзозода П.З.	**д. и. ҳ., профессор**
Камолзода И.И.	**д. и. ҳ., дотсент**
Сулаймонзода М.С.	**д. и. ҳ., дотсент**
Маҳмудов И.Т.	**н. и. ҳ., дотсент**
Сулаймонов Ф.С.	**н. и. ҳ., дотсент**
Қодиров Н.А.	**н. и. ҳ., дотсент**

Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:
Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.

ISSN 2414 9217

ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА
Научный журнал

№ 3 (43)
2026

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.

Журнал включён в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.

Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.

Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет

Главный редактор:	**Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор**
Заместитель главного редактора:	**Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор**
Ответственный секретарь:	**Миралиэода И.К. – д. ю. н., профессор**

Члены редколлегии:

Насриддинзода Э.С.	**д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана**
Махмудзода М.А.	**д. ю. н., профессор, академик Национальной Академии наук Таджикистана**
Ализода З.М.	**д. ю. н., профессор**
Зоир Дж.М.	**д. ю. н., профессор**
Шарипов Т.Ш.	**д. ю. н., профессор**
Сафарзода А.И.	**д. ю. н., профессор**
Шарофзода Р.Ш.	**д. ю. н., профессор**
Гаюрзода Ш.К.	**д. ю. н., профессор**
Сафарзода Б.А.	**д. ю. н., профессор**
Рахмон Д.С.	**д. ю. н., профессор**
Искандаров З.Х.	**д. ю. н., профессор**
Мирзозода П.З.	**д. ю. н., профессор**
Камолзода И.И.	**д. ю. н., доцент**
Сулаймонзода М.С.	**д. ю. н., доцент**
Махмудов И.Т.	**к. ю. н., доцент**
Сулаймонов Ф.С.	**к. ю. н., доцент**
Кодиров Н.А.	**к. ю. н., доцент**

Научное редактирование и корректура:
Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.

ISSN 2414 9217

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 5.5.1) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.1)		
Шарофзода Р.Ш.	Инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар робита бо гузариш аз методологияи классикӣ ба пасоклассикӣ	**6**
Холиқзода А.Ғ., Миралиzода И.Қ.	Рамзҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ дар анъанаи давлатдории халқи тоҷик	**23**
Зоир Ҷ.М., Сайфуллоев С.	Мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун ва адолат дар таълимоти Абуалӣ ибни Сино	**34**
Шарофзода Р.Ш.	Тағйири объект, предмет ва методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи трансформатсияи рақамӣ	**41**
Рахмон Д.С., Сироджидинова М.Ш.	Развитие законодательства Республики Таджикистан в сфере обеспечения равенства и недопущения дискриминации	**58**
Зоир Ҷ.М., Комилов Д.Р.	Виҷдон ва дунявият: таҳлили фалсафаи ахлоқ дар ҷомеаи муосир	**68**
Шоҳиддинзода Б.Р., Миралиzода И.Қ.	Принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун заминаи амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва танзими меъёрии он	**79**
Шосаидзода Ш.Ш.	Ташаккули низоми муосири давлатдорӣ ва рушди парламенти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**90**
Исозода П.А.	Амният ҳамчун категория ҳуқуқӣ	**98**
Сафаралиzода Д.С.	Инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ	**107**
Давлатзода Ш.Ш.	Забони қонун ҳамчун забони махсуси ҳуқуқӣ	**118**
Азимзода С.Ш.	Амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити рақамикунонии ҷомеа	**133**
Даминзода М.Т.	Тартиб ва танзими ҳуқуқии будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**151**
Шарифзод А.Р.	Механизми байниамрикоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун ниҳоди минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон	**157**
Маҳмадалӣ Н.М.	Масъалаҳои таърихи ҳуқуқии дипломатия дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон	**163**
Давлатова М.М.	Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – нақши таърихии он дар рушди давлатдории навини тоҷикон	**172**
Амиршоева Н.А.	Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**179**
ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 5.5.2) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.2)		
Гадоев Б.С.	Мафҳум ва моҳияти раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**192**
ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 5.5.3) –		

ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.3)		
Саидзода Г.И.	Мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи маданӣ ва аҳаммияти он барои танзими пардохтҳои ғайринақдӣ	**205**
Муминзода Н.И.	Вазъи маданӣ-ҳуқуқии омӯзгор ва донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ	**215**
Давлатқадамова О.М.	Иҷораи корхона тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: сохтори ҳуқуқӣ ва масъалаҳои татбиқи қонун	**223**
ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.8) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.8)		
Сафарзода А.И. Гулзода Н.А.	Баланд бардоштани сифати кор дар колонияҳои ислоҳӣ ҷиҳати пешгирӣ аз ҷинояти такрорӣ дар миёни занон	**232**
Мирализода Э.Б. Раҷабова Ф.Ш.	Нашъамандӣ ҳамчун падидаи хатарзои ҷомеаи муосир	**244**
Ширинҷонов Ф.И., Қудратов Н.А., Миралиев С.А.	Оид ба ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ	**254**
Қаҳорзода Н.М.	Хусусиятҳои тактикии таъин ва гузаронидани экспертизаи наркологӣ дар тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухадир	**264**
Қудратов Н.А., Миралиев С.А.	Баъзе масъалаҳои барномасозӣ ва банақшагирии криминологӣ	**274**
Саидзода Ҷ.З.	Ҷанбаҳои гендерии савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон	**284**
Насриддинзода И.С.	Табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида «дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ»	**297**
Сафарзода Н.Н.	Масъалҳои фарқ кардани ретсидиви ҷиноят аз дигар шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо	**313**
ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.9) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.9)		
Абдуллозода П.С., Зарифзода А.Х.	Допустимость доказательств в уголовном процессе: нормы международно-правовых актов и особенности правового регулирования в основных правовых системах современности	**321**
Раҳимзода М.С.	Сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ	**338**
ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО (ИХТИСОС: 5.5.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.10)		
Кодиров Н.А.	Роль международного энергетического права в системе международного публичного права	**351**
Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд		**359**
Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»		**360**

НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 5.5.1) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.1)

ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ ДАР РОБИТА БО ГУЗАРИШ АЗ МЕТОДОЛОГИЯИ КЛАССИКӢ БА ПАСОКЛАССИКӢ

Шарофзода Р.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Илми ҳуқуқшиносӣ, аз он ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ дар доираи раванди гузариш аз методологияи классикӣ ба пасоклассикӣ инкишоф меёбад. Ба инобат гирифтани самти зикршудаи рушди методологӣ бо дарназардошти гузариш аз илми ҳуқуқшиносии шуравӣ (сотсиалистӣ) ба пасошуравӣ (пасосотсиалистӣ) зарур аст. Раванди рушди методологӣ объективӣ буда, воқеан ҷой дорад ва мо шоҳиди он ҳастем. Чунончи, солҳои 1990-2000-ум тағйироти куллии методологӣ дар таҳқиқи ҳуқуқ ва ҳамаи падидаҳои бо он алоқаманд ба миён омаданд. Ба инобат нагирифтани раванди мазкур мумкин нест.

Методологияи классикӣ дар асрҳои XVII-XIX ташаккул ёфта, ба дарки объективии олам дар натиҷаи фаъолияти субъект мусоидат мекунад. Методологияи пасоклассикӣ, ки пас аз солҳои 1970-ум пазируфта мешавад, ба дарки олам бо дарназардошти ҷой доштани системаҳои худташкилшаванда (дарки синергетикӣ), таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ равона мешавад. Айни замон С.А. Лебедев се даврароро дар инкишофи илми муосир бо дарназардошти рушди методологӣ ҷудо мекунад: классикӣ (XVII – XIX), ғайриклассикӣ (охири асри XIX – солҳои 70-80-уми асри XX), пасоклассикӣ (даҳсолаҳои охири асри XX) [16].

Дарки ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи методологияи қаблии классикӣ ба талаботи таҳқиқи илмии воқеъбинона ҷавоб намедиҳад. Чунончи, назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ (юснатурализм), позитивӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ-ҳуқуқӣ дар доираи методологияи классикии аврупоӣ, ки дар замони нав ташаккул ёфта буданд, солҳои тулонӣ, аз он ҷумла дар назарияи ҳуқуқи посошуравӣ дар соолҳои 1990-ум ва ниммаи аввали солҳои 2000-ум бе ягон дарки танқидӣ, ҳамчун догмаи ҳуқуқӣ истифода шуданд. Минбаъд, асосан бо дарназардошти таваҷҷуҳи олимон ба буҳрони методологияи классикии аврупоӣ, ки онро муҳаққиқони Ғарб эътироф мекунанд, ҳамаи назарияҳои классикӣ тағдиди назар карда шуда, гуногунии (плюрализми) методологӣ рушд мекунад.

Дар натиҷа методологияи пасоклассикӣ дар илми ҳуқуқии пасошуравӣ ташаккул меёбад. Тавре В.И. Павлов қайд мекунад: «Асоси методологии тафаккури ҳуқуқии пасоклассикиро консепсияҳои фалсафии герменевтика, феноменология, экзистенсиализм, пасоструктурализм, антропология ва дигар ... ташкил медиҳанд» [18].

Дараҷаи коркарди масоил. Тавре мушоҳида мешавад, ҷаҳонбинии фалсафӣ асоси методологии назарияи пасоклассикии ҳуқукро ташкил медиҳад. Аз ин хотир, бо дарназардошти пазируфтани ҷаҳонбинии фалсафӣ ҳамчун методологияи дарки воқеияти ҳуқуқӣ аз ҷониби доираи васеи олимон дар мақолаи мазкур ба заминаҳои фалсафӣ-методологии дарки ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад. Ҳамзамон бо ин, мебояд таъкид намуд, ки сухан дар бораи бо ҳам муқобил гузоштани методологияи классикӣ ва пасоклассикӣ намеравад. Тавре В.И. Павлов қайд мекунад: «Ҷудо намудани анъанаҳои классикӣ ва пасоклассикии дарки ҳуқуқӣ муқобилияти шадиди онҳоро ба миён намеорад» [18, с. 48].

Айни замон андешаҳо оид ба моҳияти методологияи пасоклассикӣ гуногунад, аз ҷумла ҳархела баҳо дода мешаванд. Чунончи, Д.В. Третяков методологияи пасоклассикиро ҳамчун пасомодернӣ таҳлил намуда, камбудии онро дар «инкори ҳамагоният, идрок, субъективият» [25, с.100] мебинад.

Аммо чунин андешаҳо заминаи кофии эътимоднокӣ надоранд. Ақидаи қобили қабулро И.Л. Честнов пешниҳод мекунад. Ба ақидаи ӯ «афкори илмии пасоклассикии муосир бо тарҳрезии усулҳои нав, тасвири нави ҷаҳон, маҳакҳои идрок мутобиқи шароити тағйирёбандаи таърихӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ» машғул буда, «проблемаи муҳимтарин, ки дар назди илми ҳуқуқшиносӣ қарор дорад, коркарди назарияи пасклассикии ҳуқуқ мебошад» [27, с. 86].

Илова бар ин, И.Л. Честнов истифодаи методологияи фалсафиро зарур мешуморад. Тавре ӯ қайд мекунад, «назарияи ҳуқуқ (ва илми ҳуқуқшиносӣ) ба эътимоднокии нуктаҳои худ танҳо ба шарте даъво карда метавонад, ки агар ба нуктаҳои фалсафаи иҷтимоӣ (ҷомеашиносии назариявӣ) такя намояд» [27, с.86].

Н.М. Сизова таъсири ҳалкунандаи тағйири шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ, трансформатсияҳои иҷтимоиро дар натиҷаи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ба инкишофи назарияи ҳуқуқ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки буҳрони дарки ҳуқуқ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX бо «гузариш аз идроки классикӣ ба пасоклассикӣ алоқаманд аст» [22, с. 89]. Раванди гузаштан аз идроки классикӣ ба пасоклассикиро ӯ ҳамчун раванди гузариш «аз дарки классикӣ ба пасоклассикии ҳуқуқ» [27, с. 90] шарҳ медиҳад.

Методологияи классикӣ бо позитивизми ҳуқуқӣ (методологияи позитивӣ), яъне дарки шаклии ҳуқуқ ҳамчун воқеияти (факти) ҷойдошта ва дар қонунгузорӣ ифодашуда (ҳуқуқи объективӣ) алоқаманд аст. Методологияи мазкур ба истифодаи васеи усули шаклии меъёрӣ такя дорад. Дар натиҷа ҳуқуқ дар робита бо қонунгузорӣ (шакли ҳастии объективии ҳуқуқ, ё объективияти шаклӣ) дарк карда мешавад. Методологияи пасоклассикӣ бо дарки ҳуқуқ дар алоқамандӣ бо маҷмуи омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, равонӣ, анъанаҳои таърихӣ робита дорад.

Ҳуқуқ дар доираи методологияи классикӣ ҳамчун падидаи соф ҳуқуқӣ, сарфи назар аз омилҳо ва равандҳои таърихӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, анъанаҳои таърихӣ, муносибати одамон ба ҳуқуқ (дар асл қонунгузорӣ) дарк карда мешавад. Мафҳуми классикии позитивии ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи ё низоми меъёрҳои муқарраркардаи давлат солҳои тулонӣ ҳамчун догма

(аз кал. юнонии dogma – фикр, андеша), яъне нуктаи ё ғояи барҳақ (бидуни далелҳо), тағйирнаёбанда, пазируфташаванда, ҳатмӣ, зарурӣ истифода шуда, аз як асар ба асари дигар бе ягон кушиши дарки ақлона ва танқидӣ гузашта омадааст.

Камбудии асосии дарки позитивии ҳуқуқ дар он зоҳир мешавад, ки як мафҳуми ҳатмӣ, ногузири ҳуқуқ барои ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ, аҷибтараш барои ҳамаи халқу миллатҳои ҷаҳон, сарфи назар аз мансубияти таърихии (воқеӣ ва раднашавандаи) онҳо ба ин ё он навъи фарҳангу тамаддун, ба таври сунӣ, тавассути истифодаи фишангҳои идеологӣ паҳн карда мешавад. Дар натиҷа хусусиятҳо ва тафовути фарҳангу тамаддунҳо, аз ҷумла шаклҳои фарҳангӣ, манъновӣ, ахлоқӣ, динӣ, равонии дарки ҳуқуқ ба инобат гирифта намешаванд. Чунончи, мафҳуми позитивии ҳуқуқ ба дарки ҳуқуқ дар доираи тамаддуни тоҷикон мусоидат карда наметавонад.

Маҳдудияти тафаккури позитивӣ ба муҳаққиқони ҷавони Тоҷикистон имконият намедиҳад, ки аз доираи дарки классикии (позитивии) раванди якчандҳазорсолаи инкишофи ҳуқуқ дар тамаддуни тоҷикон берун бароянд. Табиист, ки мафҳуми позитивии ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои муқарраркардаи давлат (сарфи назар аз андешаҳо бобати ифодаи иродаи қонунгузор, ё иродаи халқ, ки хусусияти бештар идеологӣ доранд) ба дарки ҳуқуқ дар замони қадим ё асрҳои миёна ягон робита надорад. Дар натиҷа як мафҳуми сунъии ҳуқуқ дар доираи методологияи позитивӣ (ба маънои сунъӣ будани меъёрҳои ҳуқуқ ё намунаҳои амали одамон) ба падидаҳо ва равандҳои дунёи қадим ё марҳилаҳои баъдина паҳн карда шуда, боз якчанд мафҳумҳои дигари сунъӣ, ки ба воқеияти дунёи қадим ё асрҳои миёна ягон робита надоранд, ҳосил мешаванд. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки илми ҳуқуқӣ (аз ҷумла илми таърихӣ-ҳуқуқӣ) ба маҷмуи мафҳумҳои сунъӣ (ба маънои мафҳумҳое, ки маҳсули эҷоди муҳаққиқ, ё мафҳумҳои субъективӣ бидуни алоқамандии он бо объекти даркшаванда) табдил меёбад. Бесабаб нест, ки муҳаққиқони намоёни Ғарб позитивизми ҳуқуқиро маҷмуи мафҳумҳои шаклӣ (бемазмун) арзёбӣ менамуданд. Чунин ҳолат табиист, ки ба дарки аслии раванди инкишофи ҳуқуқ ва моҳияти он дар замони муосир мусоидат карда наметавонад.

Аз ин хотир, ҳуқуқшиносони муосир мафҳуми ҳуқуқи муосирро дар доираи гузариш аз методологияи классикӣ ба методологияи пасоклассикӣ таҳқиқ мекунанд. Яке аз ҷанбаҳои мусбии методологияи пасоклассикӣ дар он аст, ки барои дарки давлат ва ҳуқуқ ҳамчун падидаҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ, дар доираи тамаддун (усули таҳқиқи тамаддунӣ) имконияти васеъро фароҳам меоранд. Тавре С.А. Калинин қайд мекунад, усули тамаддунӣ «имконият медиҳад, ки ҷанбаи фарҳангӣ-таърихии ҳастии давлат ва ҳуқуқ ба инобат гирифта шавад», тасаввурот доир ба «дарки универсалии давлат ва ҳуқуқ, ки барои ҳамаи замонҳо ва халқҳо мутобиқ аст», арзёбии «халқҳо ва сохторҳои давлатӣ-ҳуқуқии онҳо ҳамчун «қафомонда» ё «пешқадам» ... бартараф карда шавад» [8, с.53].

Дар доираи методологияи пасоклассикӣ гуногунии методологӣ дар ҳолатҳои зерин зоҳир мешавад: гуногунии усулҳои дарки илмӣ ва имконияти бештари татбиқи онҳо; робитаи байни соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла дар байни

илмҳои гуманитарӣ, илмҳои гуманитарӣ бо илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, техникӣ, иқтисодӣ; истифодаи бештари усули таҳқиқи байнифаннӣ; гуногунии назарияҳо доир ба дарки ҳуқуқ дар ҷараёни гузариш аз гуногунӣ дар доираи назарияҳои классикии фитрӣ-ҳуқуқӣ, позитивӣ, сотсиологӣ ба гуногунии сатҳи нав дар доираи назарияҳои гуногуни феноменологӣ, аксиологӣ, герменивтӣ, материалистӣ, антропологӣ, коммуникативӣ ва ғ.; гуногунии нуқтаҳои назар оид ба давлат; татбиқи усули таҳқиқи тамаддунӣ бо дарназардошти эътирофи гуногунии фарҳангҳо ва тамаддунҳо.

Гуногунии методологӣ дар марҳилаи рақамикунонии ҷомеа ба дарки падидаҳо, муносибатҳо ва равандҳои нав дар заминаи татбиқи васеи усули дарки байнифаннӣ (татбиқи натиҷаҳои илмҳои гуманитарӣ, кибернетика, математика ва ғ.) мусоидат менамояд. Татбиқи усули таҳқиқи байнифаннӣ самти зарур ва мубрами дарки дигаргуниҳои куллӣ дар марҳилаи рақамикунонӣ мебошад, чунки истифодаи танҳо усулҳои классикӣ ба ҳалли маҷмуи вазифаҳои онтологӣ ва методологӣ, ки дар ин марҳилаи сифатан нави инкишофи ҷомеа ба миён меоянд, мусоидат карда наметавонад.

Таҳқиқоти байниилмӣ, ки истифодаи усулҳои якчанд соҳаҳои илм, аз ҷумла илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ, дақиқ, техникиро дар назар дорад, самти мубрами таҳқиқоти илмӣ дар ҳаёти имрӯза ба шумор меравад. Таҳқиқоти мазкур ба истифодаи усули таҳлили байниилмӣ асос меёбад. Усули мазкур дар назарияи давлат ва ҳуқуқ низ истифода мешавад.

Айни замон усулҳои кибернетикӣ, математикӣ, моделкунонӣ ва дигари илмҳои дақиқ ва техникӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ бо дарназардошти ба инобат гирифтани ҳолатҳои зерин бояд истифода шаванд:

– ҷой доштани қонуниятҳои инкишофи ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи олами воқеӣ, ки зарурати истифодаи ногузири методологияи фалсафиро тақозо дорад;

– хусусиятҳои падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи ҳаёти иҷтимоӣ, ки ҳангоми таҳқиқи робитаҳои ин падидаҳо бо падидаҳои дигари иҷтимоӣ дар доираи таҳқиқоти байниилмӣ (илмҳои сарҳадӣ) ошкор карда мешаванд;

– хусусиятҳои намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, амаликунонии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ, фаъолияти судӣ, гумрукӣ, криминалистӣ ва ғ.), ки ба истифодаи қобилият ва истеъдоди зеҳнӣ, хулосабарории мантиқӣ, тафаккури системавӣ ва ғ. асос ёфта, дар раванди рақамикунонӣ бояд ба инобат гирифта шаванд;

– робитаи анъанавӣ ва устувори назарияи давлат ва ҳуқуқ бо фалсафа, илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ бо дарназардошти дарки давлат ва ҳуқуқ ҳамчун объекти таҳқиқ дар фалсафа, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ ва соҳаҳои дигари илм;

– инкишофи самти таҳқиқи байниилмӣ ва пазируфтани он дар назарияи давлат ва ҳуқуқ;

– анъанаҳои илмии таърихан ташаккулёфтаи таҳқиқи падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ бо дарназардошти робитаи устувори онҳо бо падидаҳои ҳаёти ҷомеа ва истифодаи натиҷаҳои илмҳои дигар (дар мисоли робитаи давлат ва сиёсат, ҳуқуқ

ва иқтисод, шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҷамъиятӣ, унсурҳои равонии шуури ҳуқуқӣ ва равоншиносӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ ва ӯ.).

Истифодаи усули таҳқиқи байниилмӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ бо дарназардошти гуфтаҳои боло аҳаммияти методологӣ дорад. Олимони муосир аҳаммияти усули таҳқиқи байниилмиро якдилона эътироф менамоянд. Тавре М.В. Воронин қайд мекунад: «усули байнифаннӣ якҷоя бо усули диалектикӣ, усули системавӣ-таркибӣ, усулҳои синергетикӣ ва кибернетикӣ имконият медиҳад, ки самтҳои инкишофи ҳуқуқ, тағйири имконпазири он (самтҳои динамикаи ҳуқуқӣ), ки дар сатҳи наздикшавии пробемаҳои душвор, вале барои амалия муҳим ошкор мешаванд, муайян карда шаванд» [4, с. 91-92].

Трансформатсияи рақамии ҷомеа яке аз заминаҳои такмили методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад, чунки истифодаи усулҳои муосири дарки падидаҳои иҷтимоиро, ки дар иртибот бо рақамикунонӣ ташаккул ёфта истодаанд, тақозо дорад. Айни замон ҳоло инкишофи методологияи ҳамаи илмҳо мушоҳида мешавад. Инкишофи методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ ҷузъи таркибии раванди тағйири методологияи дарки воқеият мебошад. Раванди мазкур бо рақамикунонӣ робита дошта, дар инкишофи консепсияҳои методологии дарки ҳуқуқ, аз ҷумла дар иртибот бо гузариш аз методологияи классикӣ ба пасоклассикӣ, масалан, плюрализми (гуногунии) методологӣ мушоҳида мешавад. Равандҳое, ки бо тағйири методология робита доранд, мазмун ва зуҳуроти инноватсионӣ доранд.

Тавре Е.Ю. Куришев қайд мекунад, ҳоло талабот ба таҳқиқоти методологии инноватсионӣ бештар эҳсос мешавад ва дар байни онҳо самтҳои зерин дурнамои инкишофро ташкил медиҳанд: «Феноменологияи ҳуқуқ, герменевтика, синергетикаи ҳуқуқ, антропологияи ҳуқуқӣ, кибернетикаи ҳуқуқӣ, низоъшиносӣ, физиология ва биологияи ҳуқуқӣ» [15, с. 156]. Ба ақидаи ӯ инноватсия дар методологияи ҳуқуқ зимни таҳқиқи усулҳои зерин зоҳир мешавад: «Синергетикӣ, герменивтӣ, математикӣ, аксиологӣ, иттилоотӣ-коммуникативӣ, пасомодернӣ» [15, с. 156]. Тарҳрезии «моделҳои математикии падидаҳои ҷамъиятӣ» дар робита бо ташаккулу инкишофи ҷомеаи иттилоотии рақамӣ ҳамчун самти мустақили методологияи ҳуқуқии инноватсионӣ эътироф карда мешавад. Бо дарназардошти аҳаммияти усулҳои классикии фалсафӣ, аз ҷумла системавии таркибӣ зарурати татбиқи «методологияи инноватсионии омӯзиши умумифалсафӣ, системавӣ ва таркибӣ» [15, с. 156] таъкид мешавад. Ақидаи муаллиф дар бораи аҳаммияти диалектикаи материалистӣ қабили дастгирист.

Як қатор муҳаққиқон бе ягон асосҳои кофӣ сабаби асосии буҳрони методологиро дар истифодаи беандозаи усули диалектикӣ мебинанд. Чунончи, ба андешаи В.В. Клочков ҳолати имрӯзаи методологӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ хубтар мешуд, агар ба ҷойи усули диалектикӣ «таваҷҷуҳи воқеӣ ба таҳқиқи дақиқи усулҳои танқидӣ дар илмҳои муосири гуманитарӣ, аз ҷумла усули конвенсионализми танқидӣ зоҳир мешуд» [13]. Дар доираи назарияи конвенсионалӣ амали якҷояи қонунҳои меъёрӣ ва иҷтимоӣ ё сотсиологӣ, сарчашмаҳои инсонӣ ва динии ҳуқуқ, хусусияти сунъӣ доштани қонунҳои

меъёрӣ дар баробари амали қонунҳои табиӣ пазируфта мешавад. Аммо андешаҳои В.В. Клочков, ки ба инкори бедалели усули диалектикӣ асос меёбанд, ягон таклифи аз лиҳози илмӣ судмандро дар бар намегиранд.

Ақидаҳои танқидиро нисбат ба диалектика муҳаққиқони дигар низ паҳн мекунанд. Чунончи, ба андешаи М.А. Костенко ва В.В. Клочков дар илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла дар назарияи давлат ва ҳуқуқ тавсифҳои диалектикиро «эҳтиёткорона» истифода намудан лозим аст, «чунки диалектика на танҳо барои инкишофи фалсафа, балки барои инкишофи назарияи сиёсӣ хизмати нохубро ба ҷо овардааст» [14, с. 215].

Аммо усули диалектикӣ танҳо бо назарияи марксистӣ, аз ҷумла ғояҳои идеологии он маҳдуд нашуда, то замони ташаккули марксизм ва дар марҳилаҳои минбаъдаи инкишофи илм истифода шуда, дар ошкор намудани қонуниятҳои инкишофи ҷомеа хизмат намудааст. Мафҳумҳо, категорияҳо, қонунҳои диалектика барои ошкор ва таҳқиқи қонуниятҳои ташаккулу инкишофи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ аҳаммият доранд. Айни замон диалектика ҳоло якҷоя бо усулҳои дигари дарки раванди инкишофи ҷомеа, чунончи, дар доираи инкишофи инқилобӣ ва таҳаввулӣ (эволютсионӣ) истифода мешавад, чунки нуқтаҳои назар ва хулосаҳое, ки қаблан дар доираи ғояҳои идеологӣ пешниҳод шуда буданд, ҳоло таҷдиди назар карда мешаванд. Чунин ҳолат дар илмҳои дигар низ мушоҳида мешавад. Чунончи, дарвинизм ва генетика дар назарияи синтетикии таҳаввул муттаҳид карда мешаванд.

Дар илми муосир усулҳои нав дар робита бо инкишофи методологияи илмӣ пешниҳод мешаванд. Айни замон андешаҳои мубоҳисавӣ ҳангоми татбиқи онҳо дар ҷараёни таҳлили падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд. Чунончи, ба иттилои Е.А. Рожина усули синергетикӣ (аз калимаи юнонии «synergeticos» – якҷоя ё амалиёти якҷоя) дар назарияи давлат ва ҳуқуқ солҳои 1960-ум дар робита бо методологияи пасоклассикӣ, ки ченакҳои асосии онро «конвенсионалӣ ва коммуникативӣ» ташкил медиҳанд, татбиқ мешавад. Мутобиқи ин ченакҳои баҳогузорӣ «меъёрҳои ҳуқуқӣ натиҷаи созиш мебошанд ва аз омилҳои таърихӣ ва фарҳангӣ бармеоянд, аз ин хотир, нисбӣ мебошанд» [20, с. 347]. Е.А. Рожина ба мисли намояндагони назарияи синергетикӣ, ки нақши ҳодисаҳои тасодуфиро дар инкишофи ҷомеа эътироф менамояд, бар ақидааст, ки назарияҳои «позитивӣ (классикӣ) ва пасопозитивӣ (пасоклассикӣ) аз байн рафтаанд». Ба андешаи ӯ «эътимоднокии мантиқӣ ва воқеӣ»-ро ҳамчун «маҳакҳои ҳақиқат», сарфи назар аз истифодаашон, «набояд мутлақ гардонид» [20, с. 347].

Дар натиҷаи инкор намудани ченакҳои баҳогузории мантиқӣ ва воқеӣ (яъне дар ҷараёни таҳлили мантиқӣ ва таҳқиқи воқеияти объективӣ) зарурати истифодаи усули синергетикӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ (бо номи «синергетикаи ҳуқуқӣ) ҳимоя карда мешавад. Усули мазкур имконият медиҳад, ки падидаҳои ҳуқуқӣ васеътар, бо дарназардошти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташаккулу инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ омӯхта шаванд. Е.А. Рожина, аз як тараф, нақши иттилоотро дар ташаккули фазои ҷаҳонии иттилоотӣ, аз ҷумла киберфазо, ташаккули робитаҳои байни одамон, таъсиси ташкилотҳои байналмилалӣ, дастрасӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳо қайд мекунад.

Аз тарафи дигар, ӯ андешаҳои мубоҳисавиро пешниҳод мекунад. Чунончи, таъкид мешавад, ки «ҷомеаи муосир ба беаҳаммиятии сарҳадҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии давлатҳо ҳаракат дорад», яъне (мутобиқи назарияи синергетикӣ) системаи нави ташаккулёфтаи иттилоотӣ «майл ба ҳолати нави устувор – фазои ягонаи иттилоотӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ дорад» [20, с. 347].

Ин андешаҳо дар доираи назарияи синергетикӣ, ки мутобиқи он бесарусомонӣ, бенизомӣ, бартарии омилҳои тасодуфӣ дере нагузашта ба ташаккули системаҳои уствор оварда мерасонанд, пешниҳод мешаванд. Илова бар ин, нуктаҳои назарияи мазкур ба раванди таърихии ташаккулу инкишофи ҳуқуқ татбиқ карда шуда, қонуниятҳои умумии он ба инобат гирифта намешаванд. Андешаҳо оид ба ташаккули фазои ба ном «ягонаи фарҳангию иҷтимоӣ» дар ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ дар натиҷаи сарфи назар намудани гуногунии фарҳангу тамаддунҳо, ки раванди объективии ҷомеаи муосир аст, пешниҳод шуда, асоси методологӣ надоранд. Андешаҳо доир ба беаҳаммиятӣ, яъне аз байн рафтани сарҳадҳои давлатҳо бо назарияи соҳибихтиёрии давлати миллӣ мухолифати ошкоро доранд. Соҳибихтиёрии давлат дар ҷомеаи рақамӣ «дар робита бо хатарҳои муосир ба амнияти миллӣ мубрамияшро минбаъд нигоҳ медорад» [29].

Ба андешаи Е.А. Рожина дар назарияи синергетикӣ ба нақши ҳодисаҳои тасодуфӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ӯ ҳамин нуктаро ба асос гирифта ба хулоса меояд, ки инкишофи минбаъдаи системаи ҷаҳонии ташаккулёфта ду оқибат дорад: «ноил гаштан ба фазои ягонаи ҷаҳонӣ бо имконияти ҷанги шаҳрвандӣ бо мақсади ошкор намудани омили идоракунанда ё нигоҳ доштани давлатҳо ва сарҳадҳои онҳо бо имконияти ҳаракати як қатор мамлакатҳо барои гегемонияи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ» [10, 11].

Аммо дар ҷомеаи иттилоотии рақамӣ дар баробари нобаробарии рушди рақамӣ, ки воқеан ҷой дошта, аз тарафи ҳамаи муҳаққиқон ва ҳатто ташкилотҳои байналмилалӣ пазируфта мешавад ва чораҳо баҳри аз байн бурдани он роҳандозӣ мегарданд, ҳамчунин, раванди дигар – таъмини соҳибихтиёрии давлатҳо тавассути ба роҳ мондани робитаҳои байни давлатҳо дар ҷомеаи рақамӣ ё дар киберфазо дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (эҳтироми соҳибихтиёрӣ, дахолат накардан ба кори дохилии давлатҳо, аз он ҷумла бе ягон асос ворид нашудан ба фазои рақамии давлати миллӣ ва ғ.) инкишоф ёфта истодааст. Раванди дуюмро Россия, Хитой, давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, БРИКС ҷонибдорӣ менамоянд. Чунончи, дар ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Халқии Хитой ба таъмини киберамнияти глобалӣ дар заминаи принсипҳои ҳамкории судманд ва баробарарзиши давлатҳо дар соҳаи таъмини киберамнияти ҷаҳонӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Е.А. Рожина дар натиҷаи мутлақ гардонидани нуктаҳои синергетика ва татбиқи онҳо ба соҳаи ҳуқуқӣ ба хулоса меояд, ки «синергетика ба аҳли илми ҷомеаи ҷаҳон имконият медиҳад, ки ба тасодуфҳо ба назари илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, сохтор ва аҳаммияти асосии онҳоро дар соҳаи таҳлили таърихӣ ва пешгӯии оянда хубтар дарк намояд ... дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илми ҳуқуқии зарури заминавӣ баҳогузорӣ гардад» [20, 11].

Баҳснок ва шубҳанок будани андешаҳои болотар зикршудаи Е.А. Рожина заминаи сусти методологӣ доштани хулосаи ниҳоии ӯро, бушабҳа, собит менамояд. Дар давраи инкишофи босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳоло сатҳи нави рушди он – ҷомеаи рақамӣ истифодаи усули маҷмуии таҳқиқи илмӣ дар доираи татбиқи усулҳои анъанавӣ ва нав қобили қабул аст. Инро бештари муҳаққиқон дастгирӣ менамоянд [20, 11]. Аммо мутлақ гардонидани ин ё он усули нав дар натиҷаи сарфи назар намудани усулҳои дигар қобили қабул нест.

Гуногунии андешаҳои методологӣ асосан бо давраи гузариш аз методологияи классикӣ ба методологияи пасоклассикӣ алоқаманданд. Мебояд зикр намуд, ки ғояи «методологияи классикӣ ва пасоклассикӣ» ё анъанаҳои методологӣ ва усулҳои нави методологӣ дар асарҳои илмӣ ҳархела шарҳ дода мешавад. Андешаҳои баҳсталаб, ки болотар зикр шуданд, натиҷаи кушишҳои беасос бобати пешниҳоди усулҳои нави методологӣ дар доираи методологияи пасоклассикии назарияи давлат ва ҳуқуқ ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Ба ин нигоҳ накарда, олимоне, ки ақидаҳо ва консепсияҳои методологии онҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ солҳои тӯлонӣ аз лиҳози илмӣ ва методологӣ устувор ва арзишманданд, ҷонибдори нигоҳ доштани анъанаҳои методологӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама, назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошанд. Айни замон ғояи бо ҳам мутобиқ намудани анъанаҳо бо усулҳои нави дарки илмӣ аз тарафи онҳо ҳимоя карда мешавад.

Чунончи, В.М. Сирих функсияҳои муштараки назариявӣ, фалсафӣ, методологӣ, мантиқӣ ва сотсиологии назарияи умумии ҳуқуқро таҳқиқ намуда, аҳаммияти усули таҳлили маҷмуиро (комплексиро) ҳимоя мекунад ва моҳияти онро дар истифодаи якҷояи «ҳамаи нуқтаҳои назар, усулҳои муосир ва анъанавӣ, ки имкониятҳои ҳуқуқшиносонро дар дарки қонуниятҳои умумии назарияи умумии ҳуқуқ ва илми ҳуқуқшиносӣ баланд мебардоранд» [23, с. 22], мебинад. Ба ақидаи ӯ истифодаи қисмҳои таркибии назарияи умумии ҳуқуқ (фалсафаи ҳуқуқ, сотсиологияи ҳуқуқ ва ғ.) ба ҳайси самтҳои мустақили таҳқиқ оянда надорад. Муаллиф, нақши муҳимми фалсафаро дар назарияи умумии ҳуқуқ эътироф намуда, қайд мекунад, ки таҳқиқи маҷмуии ҳуқуқ фаъолияти маърифатие мебошад, ки «ба татбиқи маҷмуии фалсафа ҳамчун заминаи умумии методологӣ ва ҳуқуқии он, инчунин усули илми ҳуқуқӣ, ба шарти омӯзиши ногузири вобастагии иҷтимоии падидаҳои ҳуқуқии таҳқиқшаванда ва тафаккури дурусти мантиқӣ дар ҷараёни гузаштан аз дониши эмпирикӣ ба назариявӣ асос меёбад»[23, с. 22].

Пешниҳоди усулҳои нави дарки падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеаи мусири пасосотсиалистӣ раванди объективӣ ва ногузир мебошад, чунки дарки падидаҳои ташаккулёбанда ҷаҳонбинии нави илмии ҳуқуқиро тақозо дорад. Аммо дар ҷараёни пешниҳоди усулҳои нави таҳқиқи методологӣ аз анъанаҳои методологӣ набояд даст кашид ё онҳоро сарфи назар намуд. Чунончи, ба ақидаи Д.А. Керимов сарфи назар намудани усулҳои фалсафии ҳуқуқӣ ба он оварда мерасонад, ки дар таҳқиқоти илмӣ ҳамон масъалаҳои анъанавӣ, ки солҳои тулонӣ таҳлил шуда, ҳалли худро ёфтаанд, такроран мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, нуқтаҳои назари нави илмӣ пешниҳод намешаванд [10, с. 82].

Ин ақида қобили қабул аст. Дар воқеъ, дар як қатор таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ масъалаҳои анъанавии илмӣ такроран таҳлил гардида, ақидаҳои қаблии илмӣ зимни тағйири шакли онҳо (бо нигоҳ доштани мазмунашон, ки аз лиҳози методологӣ устуворанд) ҳамчун навгонии илмӣ муаррифӣ карда мешаванд. Маҳз маҳдудияти ҷаҳонбинии илмии ҳуқуқӣ, ки натиҷаи сарфи назар намудан ё ба таври дахлдор ба инобат нагирифтани усулҳои методологии фалсафӣ дар ҳолати татбиқи онҳо ба дарки падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ба муҳаққиқ имконият намедиҳад, ки аз доираи масъалаҳои қаблии ҳалшуда берун баромада, ақидаҳо ва хулосаҳои нави илмиро дар раванди таҳлили ҷадиди илмӣ, бо дарназардошти тағйири объекти дарки илмӣ пешниҳод намояд.

Ҷаҳонбинии маҳдуди илмӣ ва маърифатӣ имконият намедиҳад, ки ба масъалаҳои нав ва мубрами илмӣ, ки бо дарназардошти трансформатсияи ҷомеа ба миён омада, таҳқиқи илмиро тақозо доранд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар натиҷа ҳамон як доираи сарчашмаҳои илмӣ, аз ҷумла сарчашмаҳои илмии қаблӣ, ки борҳо истифода шудаанд, такроран, дар натиҷаи таҳлили бевоситаи онҳо, ки камтар мушоҳида мешавад, ё дар ҳолати истифодаи иқтибосҳо ба ин сарчашмаҳо аз асарҳои олимони дигар, ки бештар ба мушоҳида мерасад, татбиқ мешавад. Илова бар ин, сарчашмаҳои илмӣ дар ҳолатҳои ҷудогона танҳо бо мақсади зиёд намудани доираи иқтибосҳо ба сарчашмаҳо (доираи сарчашмаҳое, ки бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ муқаррар карда шудааст) истифода мешаванд. Доираи кофии сарчашмаҳои илмӣ мутобиқи талаботи дастурӣ, вале бе таҳлили онҳо, аз ҷумла таҳлили танқидӣ, мутобиқати онҳо ба равандҳои нави ҳаёти ҷомеаи муосир, ба шароити таърихӣ ва фарҳангии маҳаллӣ татбиқ мешавад. Ин ҳолатҳо, ки иллати асосии онро маҳдудияти ҷаҳонбинии илмӣ дар натиҷаи ба инобат нагирифтани усулҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии дарки олам ташкил медиҳад, асосан дар таҳқиқоти муҳаққиқони ҷавон мушоҳида мешаванд.

Хатари маҳдудияти ҷаҳонбинии илмӣ дере нагузашта дар он зоҳир мешавад, ки самтҳо ва дурнамои рушди ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ (инкишофи механизми танзими ҳуқуқӣ, соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, кодификатсия ва ғ.) аниқ муайян карда намешаванд. Пешгӯии илмӣ усули муҳимми методологӣ буда, бо дарназардошти ба инобат гирифтани равандҳо ва падидаҳои нави ҳаёти ҷомеа дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ, таъсири имконпазири онҳо ба ҳолати имрӯза ва инкишофи минбаъдаи ҳамаи падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти илмӣ татбиқ шуда метавонад. Усули мазкур на танҳо дар раванди таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ, балки ҳангоми пешгӯӣ намудани дурнамои рушди қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқ, унсурҳои ҷудогонаи ҳаёти ҳуқуқӣ татбиқ мешавад. Камбудиҳо дар ин самт ба раванди объективӣ ва субъективии рушди низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ таъсири манфӣ расонида метавонанд.

Гуногунии (плюрализми) методологӣ, ки дар илми ҳуқуқӣ, аз ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳукмравост, табиист, ки ба гуногунии назарияҳои ҳуқуқ ва дарки ҳуқуқ дар доираи ин ё он методологияи дарки ҳуқуқ оварда мерасонад, чунки дар консепсияҳои ҷудогонаи дарки ҳуқуқ асосҳои боэътимоди методологӣ истифода мешаванд. Айни замон усулҳои методологии фалсафӣ дар

раванди таҳқиқи ҳуқуқ истифода шуда, ба ҳадафҳои нави таҳқиқи илмӣ бо дарназардошти тағйири объекти дарки илмӣ мутобиқ карда мешаванд. Чунончи, В.М. Сирих назарияи материалистии ҳуқуқро ҳимоя намуда, ҳадафи асосии онро дар дарки «диалектикаи гузариш аз ҳуқуқи объективӣ (имконпазир) ба ҳуқуқи воқеӣ, ки системаи муносибатҳои иқтисодиро (хусусӣ-ҳуқуқиро) таҷассум менамояд» [26, с.5], мебинад.

Назарияи материалистӣ барои таҳқиқи ҳуқуқ аҳаммияти методологӣ дорад. Нуқтаи назари материалистӣ дар раванди таҳқиқи падидаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ (пайдоиши ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва ғ.) татбиқ мешавад. Шароити моддии ҳаёти ҷомеа (воқеияти объективӣ) дар ташаккулу инкишофи ҳуқуқ ва ҳамаи падидаҳои бо он алоқаманд нақши калидӣ доранд. Ҳуқуқи объективӣ (қонунгузорӣ ва шаклҳои дигари имконпазири ифодаи ҳуқуқ) натиҷаи танҳо фаъолияти қонунгузор (мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда) набуда, бо дарназардошти нақши ҳалкунандаи омилҳои объективӣ ташаккул меёбад. Қонунҳо ба мақсади танзими муносибатҳои воқеан ҷойдоштаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, демографӣ ва ғ. қабул мешаванд. Қонунгузор муносибатҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд оварда наметавонад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла муносибатҳое, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд, бо дарназардошти шароити моддии ҳаёти ҷомеа, ба таври объективӣ пайдо мешаванд.

Меъёри ҳуқуқ, ки дар матни қонунҳо ба таври сунъӣ (ба маънои фаъолияти зеҳнии қонунэҷодкунанда) ифода карда мешавад, намунаи амали ҳуқуқии шахс (шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ) мебошад. Аммо намунаи (конструксияи, модели) амали ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва сохтори муносибатҳои ҷамъиятии объективӣ интихоб ва ифода карда мешавад. Дар акси ҳол, яъне дар ҳолати ифодаи (ихтирои, эҷоди) сунъии намунаи амали ҳуқуқӣ дар натиҷаи сарфи назар намудани воқеияти объективӣ (муносибатҳои объективии танзимшаванда), самаранокии (натиҷаи чашмдошти) амалишавии меъёри ҳуқуқ таъмин карда намешавад. Дар ин ҳолат меъёри ҳуқуқ имконияташро ҳамчун намунаи амали ҳуқуқӣ аз даст медиҳад, ба оқибатҳое меорад, ки ҳадафи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва умуман ҳадафҳои танзими ҳуқуқиро ташкил намедиҳанд. Аз ин хотир, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки сарфи назар аз талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ (талаботи воқеан ҷойдошта ва ногузир, аз ҷумла талаботи оперативӣ ва таъхирнопазир) қабул шудаанд, ё дар натиҷаи нусхабардорӣ аз санадҳои меъёрии хориҷӣ бидуни шароити объективии маҳаллӣ (дохилидавлатӣ, миллӣ) вориди низоми қонунгузорӣ шудаанд, натиҷаи мусбӣ намедиҳад.

Олимоне, ки мавқеи устувори методологӣ доранд, ҳамин ва дигар ҳолатҳоро, ки бо робитаи ногузири ҳуқуқ ва воқеияти объективӣ алоқаманданд, ба инобат мегиранд. Ақидаҳои зерини олимонии соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ эътимоднокии ин хулосаро исбот мекунанд:

– меъёрҳои ҳуқуқ «қоидаҳои амали аз лиҳози ҳуқуқӣ объективонидашуда (яъне моддӣ, воқеӣ – Р.Ш.) мебошанд»[19];

– агар ба меъёри ҳуқуқ «талаботи объективӣ ҷой надошта бошад, ягон санади қонунгузорӣ онро ба вуҷуд намеорад» [30, с. 118];

– «ҳамаи қисмҳои механизми танзими ҳуқуқӣ объективона вуҷуд доранд»;

– ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ аслан ҳуқуқи объективӣ буда, «аз ҳар нафари мо вобаста нест» [9, с.82].

С.И. Захартсев ва В.П. Салников аҳаммияти фалсафа, ҷаҳонбиниро дар таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ эътироф намуда, қайд мекунанд: «Бе таҳкурсии фалсафӣ ҳама гуна илм хаёлӣ, маҷмуи муҳокимаронихои мантиқан беалоқа мегардад» [7, с. 304-305].

Метод ва усулҳои омӯзиш. Усулҳои классикии дарки илмӣ имрӯз аҳаммияти методологии худро нигоҳ медоранд. Яке аз онҳо усули аксиологӣ мебошад, ки мафҳум, намудҳо, нақши арзишҳо, ба мисли арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, динӣ, фарҳангӣ, аз он ҷумла ҳуқуқиро дар ҳаёти ҷомеа ва инсон таҳқиқ мекунад. Усули аксиологӣ чун анъана дар илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла дар назарияи давлат ва ҳуқуқ истифода мешавад. Усули аксиологӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар ҷараёни тафсири ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, омӯзиши раванди амалишавии қонунгузорӣ ва ғ. истифода мешавад. Усули мазкур дар илмҳои соҳавии ҳуқуқ татбиқ мешавад. Чунончи, АА. Гогин ва А.Н. Федорова татбиқи усули аксиологиро дар омӯзиши муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ таҳлил мекунанд, чунки ба ақидаи онҳо ин муносибатҳо «на танҳо бо арзишҳои моддӣ, балки маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва дигар дар соҳаи ҳастии инсон дар олам робита устувор доранд» [5, с. 32].

Табтиқи усули аксиологӣ дар таҳқиқи падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар дарки аксиологии давлат (давлат ҳамчун падидаи «сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ҳатто ахлоқӣ») [21, с.89], нақши арзишии давлат дар таъмини ҳастии халқ [6], дарки нақши арзишии ҳуқуқ дар дарки олам аз ҷониби одамон [3], нақши арзишии ҳуқуқ ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани талаботи адолатхоҳонаи одамон ва ҷомеа [17, с. 27] мушоҳида мешавад.

К.Т. Арсланов интихоби «аксиологияи ҳуқуқиро ҳамчун яке аз самтҳои таҳқиқоти илмӣ» зарур мешуморад. Ба андешаи ӯ аксиологияи ҳуқуқӣ «ба ҷустуҷӯи заминаҳои ахлоқии ҳуқуқ дар ҳолатҳои буҳронӣ равона карда мешавад» [1, с. 223]. Аммо маълум нест, ки муаллиф дар заминаи кадом асосҳои илмӣ аксиологияи ҳуқуқиро самти нави таҳқиқи илмӣ мешуморад? Тавре маълум аст, усули аксиологӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун усули илмӣ кайҳост, ки пазируфта мешавад ва илова бар ин, дар таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ васеъ истифода мешавад.

К.Т. Арсланов зарурати аксиологияи ҳуқуқиро бо он асоснок мекунад, ки усули мазкур барои пешгирии «халадоршавии мувозинати дохили предмети илм ба фоидаи усули позитивӣ» хизмат мекунад. Айни замон маълум нест, ки мувозинати муқаррарии предмети (мавзуи омӯзиши) илм дар кадом шаклу мазмун боиси болоравии нуфузи назарияи позитивӣ мегардад? Тавре маълум аст, методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар ҳаёти имрӯза хусусияти плюралистӣ (гуногунӣ) дошта, ба инкишофи озоди консепсияҳои гуногуни фаҳмиши ҳуқуқ мусоидат менамояд. Консепсияи позитивии ҳуқуқ ва усули шаклии меъёрӣ ҳоло дар таҳққоти илмӣ истифода мешавад (вале бо дарназардошти тағйири мазмуни он).

Тавре К.Т. Арсланов қайд мекунад: «Моҳияти рақамикунонӣ маҳз ҳамин тарафи предмети илми ҳуқуқшиносиро инъикос мекунад, чунки механизми иловагии таъсиррасониро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ (заминаи технологӣ) пешниҳоод мекунад» [1, с. 222]. Дар ин ҳолат муаллиф имконияти рақамикунонии ҳуқуқи позитивиро дар назар дорад. Ба андешаи ӯ нуфузи консепсияи позитивӣ дар натиҷаи рақамикунонии ҳуқуқи позитивӣ баландтар мешавад. Аз ин хотир, ӯ ба мақолаи Ю.А. Тихомиров «Право в современном мире: векторы развития» [24] ишора намуда, зарурати пешниҳоди «консепсияи алтернативии дарки ҳуқуқро дар баробари позитивизми рақамӣ» исбот карданӣ мешавад. Аммо таҳлили асари зикршудаи Ю.А. Тихомиров нишон медиҳад, ки дар он ақида ё таклиф оид ба консепсияи алтернативӣ вуҷуд надорад.

Хулоса. Айни замон мутлақ гардонидани усулҳои анъанавӣ дар ҳолати ба инобат нагирифтани усулҳои дигари мубрам дар шароити тағйири куллӣ, трансформатсияи ҷомеа мумкин нест. Бесабаб нест, ки солҳои охир усули шаклии меъёрӣ мавриди таҳлили танқидӣ қарор дода мешавад. Сухан на дар бораи инкор намудани усули мазкур, балки маҳдуд нашудан бо он меравад. Усули шаклии меъёрӣ ба таҳлили шакли зоҳирии (ифодаи) ҳуқуқ бо дарназардошти дарки статикии ҳуқуқ, ҳамчун догма (ақидаи бечунучаро, мутлақ) мусоидат намуда, таҳлили паҳлуҳои дигари ҳуқуқро маҳдуд менамояд. Дар асл моҳияти ҳуқуқ дар иртибот бо маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-маънавӣ бояд муайян карда шавад. Тавре А.В. Василев қайд менамояд, мафҳуми ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои муқаррарнамудаи давлат танҳо хусусияти зоҳирии (шаклии) ҳуқуқро ба инобат гирифта, «ба методологияи умумии фалсафии дарки ҳуқуқ, ки категорияҳои калидии онро мазмун ва шакл, моҳият ва ҳодиса ташкил медиҳанд, асос меёбад» [2, с. 145].

Истифодаи категорияҳои фалсафа барои таҳқиқи ҳамаи падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ аҳаммияти методологӣ дорад. Чунончи, «таҳқиқи сифати қонун на танҳо ҳамчун намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ, балки бо дарназардошти категорияи «шакл ва мазмун», аз ҷумла дар доираи мутобиқати оқилонаи шакл ва мазмуни қонун, ҷустуҷӯи нишондиҳандаҳои арзёбии шаклӣ ва мазмунӣ, умумииҷтимоӣ ва техникӣ-ҳуқуқии қонун ҳаматарафа мешавад» [28, с. 126].

Асосҳои фалсафӣ-методологии дарки ҳаёти ҳуқуқӣ дар марҳилаи трансформатсияи рақамии ҷомеа аҳаммияташонро нигоҳ медоранд. Табиист, ки равандҳо ва падидаҳои нави ташаккулёбанда дар ҷомеаи рақамӣ тавассути усулҳои нав, аз ҷумла усулҳои кибернетикӣ, математикӣ, моделикунонӣ ва ғ. таҳқиқ мешаванд. Аммо усулҳои методологии фалсафӣ, аз ҷумла категорияҳои он ҳангоми дарки олами рақамӣ, ки олами маҷозӣ (сунъӣ) буда, айни замон бо олами воқеӣ робита дорад, истифода мешаванд.

Адабиёт

1. Арсланов К.Т. Развитие методологии юридической науки в эпху цифровизации // Право, экономика и управление: состояние, проблемы и перспективы. Сборник материалов Всероссийской научно-практичской

конференции с международным участием (Чебоксары, 11 февраля 2022 г.). – Чебоксары, 2022. – С. 221-223.

2. Васильев В.С. Содержание и форма, сущность и явление права. Состояния права // Нормативное и индивидуальное в правовом регулировании: вопросы теории и практики. Материалы VII Международной научно-практической конференции (Москва, 16-22 апреля, 2012 г.) – М., 2013. – С. 144-150.

3. Васильева Е.Г. Ценностный подход в правовой науке // Право и государство: проблемы теории и практики. – 2008. – № 6. – С. 9-11.

4. Воронин М.В. Развитие системного правового знания в современной методологии // Вестник Пермского университета. – 2015. – Выпуск 3 (29). – С. 98-99.

5. Гогин А.А., Федорова А.Н. Аксиологический метод исследования гражданско-правовых отношений // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева. – 2024. – № 2. – Том 1. – С. 29-39.

6. Жуков В.Н. Государство как этическая ценность // Право и государство: проблемы теории и практики. – 2009. – № 11. – С. 6-10.

7. Захарцев С.И., Сальников В.П. Философия и юридическая наука. – М.: Юрлитинформ, 2019. – 424 с.

8. Калинин С.А. О современном цивилизационном измерении государства и права // Классическая и постклассическая методология развития юридической науки на современном этапе. – Минск, 2012. https://law.bsu.by/pub/31/Kalinin_76.pdf – С. 52-61.

9. Кашанина Т.В., Сизикова Н.М. Право: учебник для бакалавров / Т.В. Кашанина, Н.М. Сизикова. –М., Издательство Юрайт, 2013. – 510 с.

10. Керимов Д.А. Методология права: Предмет, функции, проблемы философии права. – М.: СГА, 2003. – 521 с.

11. Кожевников С.Н., Кузнецов А.П. О некоторых конкретизированных подходах к познанию предмета и методологии теории государства и права // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2012. – № 1 (17). – С. 34-41.

12. Керимов Д.А. Философские проблемы права. – М.: Мысль, 1972. – 472 с.

13. Клочков В.В. Критический конвенционализм в методологии теории государства и права // Известия Южного федерального университета. Тенические науки. – 2005. – № 9 (53). – [захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/kriticheskiy-konventsionalizm-v-metodologii-teorii-gosudarstva-i-prava (санаи мурочиат 15.04.2026).

14. Костенко М.А., Клочков В.В. Историцизм, эссенциализм и критический конвенционализм в методологии теории государства и права // Известия ТРТУ. – 2005. – № 6 (50). – С. 211-221.

15. Курышев Е.Ю. Инновационное обновление права: теория и методология: монография / Е.Ю. Курышев. – Саратов: Издательство: «Саратовский источник», 2022. – 362 с.

16. Лебедев С.А. Классическая, неклассическая и постнеклассическая методология науки // Гуманитарный вестник. – 2019. – № 2 (76). DOI: 10.18698/2306-8477-2019-2-596.
17. Малько А.В., Субочев В.В. Законные интересы как правовая категория. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 357 с.
18. Павлов В.И. Постклассическая юриспруденция в современном общетеоретическом правоведении: формирование антропологической концепции права // Теоретическая и прикладная юриспруденция. – 2025. – № 3 (25). — С. 41-54. EDN: GZPFZJ.
19. Поляков А. В. Общая теория права: феноменолого-коммуникативный подход. – СПб., 2003. – 439 с.
20. Рожина Е.А. Синергетичесие методы в методологии теории государства и права // Проблемы реформирования российской государственности. Материалы XIV Всероссийской конференции по национальному и международному праву, 2019. – С. 345-350.
21. Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и интересов личности. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 227 с.
22. Сизова Н.М. Классическое и постклассическое правопонимание: онтологические, гносеологические, аксиологические и эпистемологические критерии соотношения // Философия права. – 2014. – № 1 (62). – С. 88-91.
23. Сырых В.М. Общая теория права как философия, методология, логика и социология права // Государственно-правовые исследования. – 2020. – № 3. – С. 20-22.
24. Тихомиров Ю.А. Право в современном мире: векторы развития // Государство и право. – 2017. – № 5. – С. 5–10.
25. Третьяков Д.В. Классическая и постклассическая парадигмы в проблеме понимания субъекта права // Вестник Самарского юридического института. – 2018. – № 1 (27). – С. 98-102.
26. Философия права в России: из опыта XX века / отв. ред. В.Г. Графский. – М.: Норма, 2016. – 240 с.
27. Честнов И.Л. Теория государства и права перед вызовами постсовременности // КриминалистЪ. – 2028. – № 4 (25). – С. 84-89.
28. Шарофзода Р.Ш. Методологические проблемы юридической науки // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (Научный журнал). – 2023. – № 3 (59). – С. 119-126.
29. Шарофзода Р.Ш. Соҳибихтиёрии рақамӣ ва соҳибихтиёрии давлат // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2026. – № 1 (41). – С. 7-29.
30. Явич Л.С. Сущность права. Социально-философское понимание генезиса, развития и функционирования юридической формы общественных отношений. – Л., 1985. – 208 с.

Инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар робита бо гузариш аз методологияи классикӣ ба пасоклассикӣ

Иваз шудани методологияи классикӣ ба методологияи пасоклассикӣ раванди объективӣ буда, ба инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар робита бо татбиқи усулҳои нави назариявӣ дар ҷараёни дарки олами воқеӣ таъсир мерасонад. Назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ (юснатурализм), позитивӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ-ҳуқуқӣ дар доираи методологияи классикии аврупоӣ, ки дар замони нав ташаккул ёфта буданд, солҳои тӯлонӣ, аз он ҷумла дар назарияи ҳуқуқи пасошуравӣ дар соолҳои 1990-ум ва нимаи аввали солҳои 2000-ум бе ягон дарки танқидӣ, ҳамчун догмаи ҳуқуқӣ истифода шуданд. Минбаъд, асосан бо дарназардошти таваҷҷуҳи олимон ба буҳрони методологияи классикии аврупоӣ, ки онро муҳаққиқони Ғарб эътироф мекунанд, ҳамаи назарияҳои классикӣ таҷдиди назар карда шуда, гуногунии (плюрализми) методологӣ рушд мекунад. Гуногунии методологӣ дар марҳилаи рақамикунонии ҷомеа ба дарки падидаҳо, муносибатҳо ва равандҳои нав дар заминаи татбиқи васеи усули дарки байнифаннӣ (татбиқи натиҷаҳои илмҳои гуманитарӣ, кибернетика, математика ва ғ.) мусоидат менамояд. Ҳамзамон бо ин, мебояд таъкид намуд, ки сухан дар бораи бо ҳам муқобил гузоштани методологияи классикӣ ва пасоклассикӣ намеравад. Пешниҳоди усулҳои нави дарки падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеаи мусири пасосотсиалистӣ раванди объективӣ ва ногузир мебошад, чунки дарки падидаҳои ташаккулёбанда ҷаҳонбинии нави илмии ҳуқуқиро тақозо дорад. Аммо дар ҷараёни пешниҳоди усулҳои нави таҳқиқи методологӣ аз анъанаҳои методологӣ набояд даст кашид ё онҳоро сарфи назар намуд. Ҷаҳонбинии фалсафӣ асоси методологии назарияи пасоклассикии давлат ва ҳуқуқро ташкил медиҳад. Аз ин хотир, бо дарназардошти пазируфтани ҷаҳонбинии фалсафӣ ҳамчун методологияи дарки воқеияти давлатию ҳуқуқӣ аз ҷониби доираи васеи олимон дар мақолаи мазкур ба заминаҳои фалсафӣ-методологии дарки ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад.

Калидвожаҳо: методология, методологияи классикӣ, методологияи пасоклассикӣ, гуногунии методологӣ, синергетика, аксиология, назарияи конвенсионалӣ, назарияи коммуникативӣ

Развитие теории государства и права в контексте перехода от классической к постклассической методологии

Смена классической методологии постклассической методологией, будучи объективным процессом, напрямую влияет на развитие теории государства и права в контексте применения новых научных походов в процессе познания изменяющегося объективного мира. Естественно-правовые (юснатурализм), позитивисткие, социолологические теории, которые сформировались в рамках классической европейской методологии в Новое время, применялись в течение долгого времени, в том числе в постсоветской теории права в 90-ые и первой половине 2000-х годов без из критического анализа, в качестве догмы права. В последующие годы, главным образом, в контексте усиления акцента научной общественности на кризис европейской классической методологии, который, кстати, признают сами западные исследователи, происходит переоценка классических теорий и бурными темпами развивается методологический

плюрализм. В то же время, необходимо констатировать, что реь не идет о противопоставлении классической и постклассической методологии. Методологический плюрализм в опоху цифровой трансформации способствует познанию новых явлений, отношений, процессов в рамках применения междисциплинарого метода (гуманитарные науки, кибернетика, математика и др.). Применение новых методов научного познани явлений государственной и правовой жизни в современном постсоциалистическом обществе является объективным и необратимым процессом, поскольку познание формирующихся явлений возможно в рамках нового научного мировоззрения. Однако в процессе чрезмерного увлечения новыми методологическими походами не следует отказываться от методологических традий, либо игнорировать их. Философское мировоззрение выступает методологической основой постклассической теории государства и права. Поэтому в контексте признания многими учёными философского мировоззрения как методологии познания государственно-правовой действительности в данной статье акцентируется внимание на исследование философско-методологических основ познания государственной и правовой жизни.

Ключевые слова. методология, классическая методология, постклассическая методология, методологический плюрализм, синергетика, аксиология, конвенциональная теория, коммуникативная теория

Development of the theory of state and law in the context of the transition from classical to postclassical methodology

The replacement of classical methodology with postclassical methodology, being an objective process, directly influences the development of state theory in the context of the application of new scientific approaches to understanding the changing objective world. Natural law (jusnaturalism), positivist, and sociological theories, which developed within the framework of classical European methodology in the modern era, were applied for a long time, including in post-Soviet legal theory in the 1990s and first half of the 2000s, without critical analysis, as legal dogma. In subsequent years, primarily in the context of the increasing scientific emphasis on the crisis of classical European methodology (which, incidentally, Western researchers themselves acknowledge), a reassessment of classical theories has taken place, and methodological pluralism has developed rapidly. At the same time, it must be noted that this is not a dichotomy between classical and postclassical methodology. Methodological pluralism in the context of digital transformation facilitates the understanding of new phenomena, relationships, and processes through the application of interdisciplinary methods (humanities, cybernetics, mathematics, etc.). The application of new methods of scientific cognition of state and legal phenomena in modern post-socialist society is an objective and irreversible process, since understanding emerging phenomena is possible within the framework of a new scientific worldview. However, excessive enthusiasm for new methodological approaches should not lead to the abandonment or disregard of methodological traditions. A philosophical worldview serves as the methodological foundation of postclassical theory of state and law. Therefore, given

the recognition by many scholars of a philosophical worldview as a methodology for understanding state and legal reality, this article focuses on the study of the philosophical and methodological foundations of understanding state and legal life.

Keywords: methodology, classical methodology, post-classical methodology, methodological pluralism, synergetics, axiology, conventional theory, communication theory

Шарофзода Рустам Шароф, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. Email: www-rustam-tj@mail.ru. Тел.: (992) 901000770

Шарофзода Рустам Шароф, Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор, профессор кафедры теории и истории государства и права. Email: www-rustam-tj@mail.ru. Тел.: (992) 901000770

Sharofzoda Rustam Sharof, Tajik national university, doctor of the legal sciences, professor, professor of the department of theories and histories state and right. Email: www-rustam-tj@mail.ru. Тел.: (992) 901000770

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

РАМЗҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ДАВЛАТӢ ДАР АНЪАНАИ ДАВЛАТДОРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Холиқзода А.Ғ., Мирализода И.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ

Муқаддима. Ҳар як қавм ва ё иттиҳоди қабилавӣ дар марҳилаи гузариш ба идораи давлатӣ ва ташаккули ҷомеаи сиёсӣ ва эътиқодӣ, ки ҳанӯз дар умқи ҷомеаҳои то давлатӣ қарор доранд, дар заминаи устура ва ҷаҳонбинии динию ҳуқуқӣ барои наслҳои оянда дар арсаи ҳуқуқ, ахлоқ, сиёсат ва дин рамзу сифатҳои хосеро интихоб кардаанд, ки баъдан ба рамзҳои идоракунии давлатӣ ва ё хоси ҳуқуқӣ дар масири таърих табдил ёфтаанд. Ин рамзҳо дар ибтидо дар заминаи тасаввуроту тааққулоти ибтидоӣ дар шаклҳои нимаақлию нимағайриақлӣ ба шаклу мусаввараҳо табдил ёфта, бо мурури замон дар генефонд ва коди генетикии ҳамон халқ ҳамчну инъиксокунандаи нуктаҳои муҳимми ташаккули ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ баромад кардаанд.

Он нуктаҳое, ки ҳамон тасаввуротҳоро ба шаклбандӣ моил намудаанд ин ғояҳои ифодаи қудрат, зӯрӣ, дахлнопазирӣ, адолат, инсоф, тартибот, низом ва дигар унсурҳое, ки барои ташаккули ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии он қавмиятҳо дар ҳамон замон ногузир гаштааст, дар умум маҳсуб будаанд. Ба ҳамин минвол иттиҳодияи сиёсии нав ба самти ташаккули давлат ҳаракаткунандаи аксари кулли халқу қавмиятҳо дар оғози гузариш ба ҷомеаҳои потестарӣ чунин унсурҳои муттахидкунандаи меҳвариро барои худ кор кардаанд.

Мисол, барои Ҷамшедшоҳи бостонӣ гирифтани «сувраи заррин» ва «аштраи зарнисор» (истилоҳоти авастоӣ) яъне Чалаи тиллоӣ ва Асо аз Аҳуро Маздо ҳамчун рамзи қудрат ҳисоб меёбад [2]. Бояд ба инобат гирифт, ки чалла дар аҳди бостон дар қавмияти дигари сомиҳо низ мисол ҳазрати Сулаймон паёмбар ҳамчун рамзи қудрат истифода шудааст. Масъалаи он ки кадоме аз онҳо нахуст шуда чалларо рамзи қудрати сиёсӣ донистаанд дар илм ҳалли худро наёфтааст, вале ба андешаи мо ин андеша аз ориёиҳо бурун рафтааст.

Омӯзиши таърихи инсоният ва ташаккули тамаддунҳо дар таърих гувоҳи он аст, ки низоми барқароршудаи идоракунӣ дар дилхоҳ ҷомеа вобаста ба анъана ва фарҳанги қавми мушаххас, усулан аз як қатор рамзҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ иборат буданд. Маҳз тавассути ҳамин рамзҳо бо ҷаҳонбинии хосаи асотирӣ ва эътиқодӣ дар рузгори аввали ташкили ҳаёти мақсадноки иҷтимоӣ нахустинсонҳо хоста, орзуҳо ва ормонҳои ибтидоии хешро баён доштаанд.

Баъзеҳо нахустсарчашмаҳои обу оташ, дигарон воситаи амнияти худ найзаю тир, дигарон дар шакли шаҳомати тан ва ногузирии ҳимояи он каллапушу зиреҳ, сеюмиҳо ягон ҳайвони дар минтақа машҳуру паррандаи шикоркунанда ва ғайраҳою ҳҳоказоро ба сифати ифодагари ғояи муттаҳидӣ ва асли ташкили зиндагии иҷтимоии хеш эълон кардаанд, ки баъдан дар масири таърих ин ҳама ҳамчун рамзи ташкили ҳаёти иҷтимоӣ шинохта шудааст.

Дараҷаи коркарди масоил. Ба андешаи муҳаққиқон рамз тасвир (образ) ё

вожаест, ки тавассути онҳо маҷмуи пурраи тасвирҳо ва ё мафҳумҳои зиндагии воқеӣ дар равони одамон алокаманд аст. Шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, навъҳои меъёрҳои иҷтимоӣ таҳти таъсири ҷаҳонбиниҳои хоса дар масири таърих рамзҳои хосаи худро доштаанд. Маҳз ҳамин рамзҳо ҳамчун аксҳои бесадо ва безабон дар бештари мавридҳо табиати навъи ҷаҳонбинӣ, мақсаду муҳтаво ва вазифаҳои иҷтимоию маънавии иттиҳоди одамонро дар шакли муайян ифода мекард. Аз ин хотир, дарки рамзҳо дар шинохти навъи ҷахонбинӣ ва табиати ходисаҳои иҷтимоӣ ва меъёрӣ аз қадим муҳим арзёбӣ мегашт.

Рамзҳои ҳуқуқӣ ва идорӣ (ба маънои идоракунии давлатӣ, харбӣ ва сиёсӣ) ин маҷмуи тасвирҳое мебошанд, ки дар худ равон, хоҳиш ва умеди рушди давлатӣ-ҳуқуқии як қавм ва этноси муайянро фаро мегиранд.

Ҳам рамзҳои ҳуқуқӣ ва ҳам идорӣ такя бар арзишҳои умдаи ташкили ҳаёти иҷтимоӣ – адолат, баробарӣ, тартибот (интизом), қудрати сиёсӣ, ҳокимияти фардӣ ва ё дастаҷамъӣ, айният (объективӣ), беғаразӣ, ҳақиқат ва амсоли инҳо менамоянд. Масалан, агар Фемидаи Юнони қадимро гирем (Расми 1).



Расми №1. Фемида

Мо мебинем, ки чи тавр юнониёни бостон ҷиҳати дарёфти адолат барои худ Олиҳаи адлро бо чашмони бастаи беғараз, шамшери тез ва тарозуи адл пайдо намудаанд ва бар ҳамагон усули дарёфт ва ҳифзи адолатро таъкид доштаанд. Дар Мисри қадим бошад, барвақттар аз Юнониён ин масъулиятро худованд Осирис бо шакли муайяни мурофиавии хоса бо истифодаи сагони гирандаю, оташ ва ғ. дар даст доштааст (Расми 2). Рашани порсии бостон (Расми 3).

Таҷриба собит сохтааст, ки ҳамагуна давлати муваффақ чӣ дар аҳди бостон ва чӣ муосир ба чунин рамзҳои муттаҳидкунандаю илҳомбахшанда такя мекардаанд. Ҳатто Амрикои муосир низ бидуни ин навъ рамзҳо қудрати худро тарғиб карда натавонист. Мисоли равшани он Статуяи озодии Амрико ва зани рамзи адолати он, ки болои Конгреси ИМА. Махсусан мусаввараи Озодии мусаллаҳи (вооруженная свобода) Амрико, ки дар шакли зани зебои бо тоҷи хусравонии бо сару гардани фулодини уқоб ва парҳои он ороста, дар дасти рост шамшери дар ғилофу дар дасти чапаш ҳалқаи тоҷ бо сипар, атрофи тоҷ ситораҳои фулодин қомат афрохта буд. Ҳар як аз ин дасторҳо маънӣ ва ҳикмати сиёсию ҳуқуқию ҳарбиро дороанд, ки тафаккури миллати нави Амрикоро мудом таҷассум мекунад [12].

Баромади чунин рамзҳо бар анъанаҳои фарҳангии гурӯҳҳои этникӣ, шаклу

мундариҷаи шуури халқу миллатҳо, ба тарзи тафаккури аъзои ҷамъияти муайян вобаста ба мавкеи худудӣ, боду хаво, ба эътикоду эхсосоти динӣ, сарватҳои асосии моддӣ ва ғайра такя менамоянд.

Рамзҳо хамеша дар ҳаёти ҷомеа, ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар ҳолатҳои муҳимми ҳаёти одамон онҳоро ҳамроҳӣ карда, ҷиҳати дарёфти адл, инсоф, баробарӣ ва саодати фардию иҷтимоии инсон нақши бориз доштаанд.

Ҳамзамон бояд эътироф кард, ки умри таҳияи рамзҳо нисбат ба дигар падидаҳои иҷтимоӣ ва навиштаҷотҳои бостонӣ дар таърихи башар қадимтар буда, онҳо дар асл асоси хат, фарҳанг ва тамаддунро бунёд гузошта, ҳаёти маънавии инсониятро пайваста ҳамроҳӣ мекунанд.

Забони рамз бо инъикоси лаҳзаҳои зиндагӣ ва марги инсону чомеаҳо ба равони одамон таъсир мерасонад. Забон худ низ тавассути рамзҳо ва ҳарфҳо зиндагиро инъикос менамояд.

Тоҷикон ҳамчун шохаи фарҳангии ориёинажодон аз қадимулайём дорои фарҳанги ғании моддӣ ва маънавӣ будаанд. Замоне, ки низоми ҳуқуқӣ ва падидаҳои ҳуқуқии тоҷикон дар даврони зардуштӣ ташаккул ёфта буд, он замон тамаддуни Рими Қадим пайдо нашуда буд. Тамаддуни бостонии ниёгони тоҷикон, бешак, тамаддуни қадима аст ва одатҳои ҳуқуқӣ, падидаҳо, рамзҳои адолати судию идораи давлатӣ ва дигар анъанаҳои ҳуқуқияшон ҳанӯз дар ҳазораҳои III-V пеш аз мелод ба авҷи аъло расида буданд. Вале мутаассифона ин хама дастоварду нодиракориҳои сиёсию ҳуқуқӣ аз дасти ҷоҳилоне чун юнониёну қабоили кӯчманчию бадавии ғоратгари баъдӣ ба олами нестӣ кашида шуданд [13].

Муҳокима. Ниёгони тоҷикон таърихан дар низоми идораи давлатӣ низ рамзҳои махсуси ҳуқуқӣ доштанд, ки ғановати фарҳанг, коди генетикии маънавии онҳоро дар осори рушди фарҳангии аҷдодони дури онҳо инъикос менамояд. Бо вуҷуди ҳама сӯзондану хоку туробкуниҳои ёдгориҳои таърихии аҷдодони миллат, зиёд аз мабонии маънавии рамзҳои таърихии халқ дар сарчашмахои хаттӣ маҳфузанд.

Дар низоми идораи давлатӣ ва ҳуқуқии ниёгони тоҷик унсурҳои зерини табиӣ рамзбардори сифати ҳуқуқ ва идораи давлатӣ баромад кардаанд:

1. Оташ. 2. Об. 3. Ҳилол (моҳ) бо ҳафт ситора. 4. Тарозу (мизон). 5. Тиру камон. 6. Шамшеру сипар. 7. Шери болдор. 8. Қалам. 9. Рангдон.

Рамзҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ вобаста аз сатҳи инкишофи идоракунии давлатӣ ва тарзи тафаккури инсонҳо дар даврахои ибтидоӣ, даврони бостон ва асрҳои миёна бо шаклҳои гуногун тасниф мешаванд.

Дар аҳди қадим сараввал унсурҳои табиӣ ба эҳтимоли зиёд на бо усули ақлӣ, балки тавассути воситаҳои ғайриақлӣ ба ҳаёти хуқуқии мардумон ворид мешуданд. Нахуст инсонҳо чун муаммои пайдошудаи ҳуқуқиро ҳал карда наметавонистанд ба кумаки унсурҳои таъсиррасони табиӣ муроҷиат мекраданд. Яке аз навъҳои қадимаи ин усул бо номи «ордалия» [3] машҳур аст. Ордалия ин санҷиш ва имтиҳон бо неруҳои табиӣ, буд, ки дар байни ниёгони халқи тоҷик дар аҳди тамаддуни ориёӣ ва ҳуқуқии зардуштӣ васеъ истифода мешудааст. Гузаронидани Сиёвуш аз миёни оташ дар бобати исботи бегонуҳияш аз ҳамин

навъ ордалияи гарм буд. Перомуни санҷиши (имтиҳон бо шиканҷа) «вар(ж)» дар «Рашн Яшт» [7, с.36-37] муфассалтар омадааст. Рашн, тибқи таълимоти зардуштӣ, аз фариштагонест, ки дар рӯзи қиёмат (растохез) масъули адолат ва инсоф аст [14, с. 58-59].

1.1. Доир ба низоми ҳуқуқии зардуштии тоҷикон ва махсусиятҳои рамзии он. Яке аз аввалин низоми ҳуқуқии тоҷикон низоми ҳуқуқии зардуштӣ буд, ки дар қаламрави таърихии Тоҷикистон амал мекард.

Ин низоми ҳуқуқ дар сарзамини Пешдодиён ва Каёниён аз ҳазораи III-II то асрҳои VIII-VII пеш аз милод, Ҳахоманишиҳо дар асрҳои V-III пеш аз милод, Портҳо аз миёнаи асрҳои III пеш аз мелод то миёнаи III мелод ва Сосониён аз асрҳои II то асрҳои VI-уми милодӣ амал мекард [7].

Аҷиб аст, ки рамзи адолат дар қавонини зардуштӣ фариштаи Рашаноси буд, ки дар рӯзи ққиёмат (растохез) аъмоли мардумро месанҷид. Ӯ дар дасташ тарозу (мизон) дошт, мисли худоӣ Осириси мисриёни кадим ва Фемидаи юнониён. Ва худи ин раванд, ки гузариши зардуштиёнро аз «пули Чинвот» ба самти биҳишт таъмин мекард, шабеҳи як маросими динӣ-мурофиавии рӯзи киёмати Осириси Мисри бостонӣ ва «пули Сирот»-и мусулмонон аст [7].

Вижагии зардуштиён ин буд, ки онҳо моҳи хоси адолати судӣ – Рашанмоҳ ва рӯзи хоси моҳ (рӯзи 18-уми моҳи Рашанмоҳ солшумории шамсӣ)-ро доштанд, ки Рашаносӣ - «Рашанрӯз» ном дошт.

Расми №1 Фариштаи Рашан

Ин моҳ моҳи додгустарӣ буда, мардум кушиш мекарданд, ки дар ин моҳ нисбат ба дигар моҳҳо бештар одилона ва оқилона рафтор намоянд. Рӯзи махсуси ин моҳ рӯзи адолат ба ҳисоб мерафт ва ҷашн гирифта мешуд.

Тибқи андешаи муаррихон дар моҳи Рашан шоҳони Пешдодӣ ва Каёнӣ доди халқро медоданд. Ба андешаи Берунӣ, Низомулмулк ва дигарон падидаи қабули мардуми шикоятдошта дар баробари моҳҳои Наврӯз ва Меҳргон дар яке аз ҳафтаҳои ҳамин моҳ (Рашанмоҳ) сурат мегирифт [10].

Дар низоми ҳуқуқи қадимаи мо тарзе ишора шуд, ваколати адолати судиро Фариштаи Рашаносӣ бар уҳда доштааст. Ю. Яъқубов ин фариштаро аз қозиҳое медонад, ки дар рӯзи қиёмат [14, с.59] адолатро ҷорӣ мекунанд, ба қавли Ҳошим Розӣ – ин фариштаи адлу инсоф [2] аст, ба гуфтаи Ҷ. Дустхоҳ - ин фариштаи адолат аст [4],

Стеблин-Каменский, дар бораи ӯ ҳамчун Худои тартибот ва адолат менависад [6, с.171].

Сарчашмаҳои куҳан низ дар бораи Рашан ҳамчун фариштаи адолат ва инсоф сухан мегӯянд.

Дар фаргарди 5-и Ардавирафнома кайд шудааст: «Вакте ки ман (Ардавир) аз болои пули Чинвот мегузаштам ман фариштаи Рашанро дидам, ки дар дасташ тарозуи тиллоӣ дошт ва бар он некӣ ва рафтори гунаҳкоронаи [1, с.30] одамонро бармекашид. Аҷиб он аст, ки ин фариштаи дар Шарқ дар симои мард муаррифӣ шудааст. Ниг.: Расми №1.

Ҳамин тавр, дар дастгоҳи ҳуқуқии зардуштиён фариштаи қазоват ва ҳуқуқи

судӣ аҳаммияти хеле бузург дорад.

Ин дар навбати худ ба мо имкон медихад, ки вазъи ҳуқуқӣ судиро дар оини зардуштӣ тавсиф кунем.

Ҷолиб он аст, ки амали фариштa Рашан ба амалҳои фариштаи адолати Мисри қадим Осирис хеле монанд аст [3].



»Рӯзи қиёмат». Дар тарафи чап, худои Анубис фавтидагонро ба сӯи тарозуи адл мебарад, дар паҳлуи онҳо Анубис ва «Хӯрандаи бузург» Аменит, дар тарафи рост худои Тот дар нақши котиб аст. Расм дар қабри Ҳутфер.

Расми 3. Осирис.

Дар ин достон тарозу низ ҷойгоҳи мухимро дорост, чун дар он аъмоли нек ва бад баркашида мешавад (айнан чунин тарозуро мо дар дасти олиҳаи юнонии Фемида мебинем).

Достон дар бораи Ардавир назар ба ривояти Сетна каме дертар пайдо шудааст, вале дар мавриди масъалаи авлавияти таълимоти раванди мурофиаи Осирис ва Рашан бошад, он таҳлилу таҳқиқи махсусро такозо мекунад.

Профессор А.Ғ. Холиқзода дар монографияю рисолаҳои илмии худ аз аввалин шуда, дар фазои ҳуқуқӣ ба мавзуи рамзҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ таваҷҷуҳ карда, навъҳои асосии онро дар асарҳояш чунин муқаррар кардааст:

1.2. Рамзҳои ҳуқуқӣ

Оташ. Аҷдодони мардуми тоҷик дар аҳди салтанати Пешдодиёну Каёниён ба оташ ҳамчун неруи илоҳӣ назар намуда, дар холати пеш омадани муаммоҳои ҳуқуқӣ аз он кумак меҷӯстанд. Бахусус ҳангоме, ки ҳуқуқвайронкунӣ дар биёбон ва ё мақоми хилвате содир шуда бошад ва шоҳиде набошад, мубадон имтиҳони қазоӣ тавассути оташ менамуданд (ордалия). Оташ ба ақидаи ориёиҳо дорандаи неруи бузург ва донандаи асрорҳо бегуноҳӣ ё гунаҳгории шахсро муайян намуда, чазо медод. Чунин намуди исботкунӣ намудҳои гуногунро дошт: даст дар оташ доштан, фуру кардани даст дар оби чуш ё равғани доғ, рехтани филиззи музоб дар рӯйи як самти бадан ва аз миёни оташ гузаштан, Сиёвуш ва Зардуштро чунин имтиҳон карда буданд.

Об. Дар Тӯрон ва Эрони бостон фаъолияти судиро худоӣ об – Варуна (писари ӯ – Апам Напат) бар уҳда дошт. Об, ки чун манбаи ҳаёт ризқу рӯзӣ (зарурат ба обёрикунӣ) ва баъзан ҳалокату маҳви одамон мегашт (дар ҳолати хушксолӣ ва ё обхезӣ), ба он чун кудрати таҳлилгари ҳаёти иҷтимоӣ ва донандаи муаммоҳои инсонӣ назар дӯхта, дар мавридҳои зарурӣ тавассути он имтиҳони қазоӣ (ордалия – вар(ж) менамуданд. Ордалияи сард, ки тавассути об ва ашёи моеи сард гузаронида мешуд, дар шакли ба об партофтан, дар зери об муддате истодан ва дар дохили об истода нӯшидани қадаҳи бузурги моеъ ва ғайра сурат мегирифт. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо шахс кушиши бегуноҳии худро собит мекард. Агар аз

имтиҳон намегузашт ва ё мефавтид, ӯ гунаҳгор ҳисобида мешуд.

Ислом ба сарзамини тоҷикон тамаддуни нави ҳуқуқиеро ворид сохт, ки он аз табиати илоҳӣ Худои ягона мабдаъ гирифта, зарурат ба қуввaҳои табиии заминӣ надошта, яккаю ягона, офаридгору тақдирсоз буд. Дар он баробарию бародарӣ, озодию виҷдон, инсофу имон аз манбаи илоҳӣ тавассути паёмбари он паҳн мегашт. Моҳи нав бо ситорагонаш, ки эҳтимол аз нишонаҳои каблии мардуми Осиё бошад, аввал чун ифодагари ҷурми осмонӣ ва суми пойи аспи асосгузори дин дар масҷиду қалъаҳо ҷой гирифта, баъдан, чун ташбеҳгари дини ҷавони ислом, манбаи осмонӣ доштани талаботи он тафсир гашта, аз чониби Салҷуқиёну туркони Усмонӣ чун рамзи давлатию ҳуқуқии олами исломӣ шинохта шудааст. Дар мақолаи мазкур низ ин ишора ба амали тамаддуни ҳуқуқи исломӣ дар сарзамини тоҷикон буда, манбаи осмонӣ доштани ҳуқуқро дар мукоиса бо ҳуқуқҳои аввалия нишон медиҳад.

Тарозу ифодагари адолати судӣ буда, маҳаки асосӣ ва баҳои воқеии неку бад аст, ки дар Тӯрону Эрони бостон, қабл аз гузариш аз пули Чинвот ва ҳам дар тамаддуни ҳуқуқи исломӣ қабл аз оғози пули Сирот ёдрас шудааст. Аҷиб он аст, ки ин тарозуи беғараз бо назардошти ҷаҳонбинии динию ҳуқуқӣ муддатҳо дар ихтиёри неруҳои ғайриақлӣ (оташ, об, офтоб) буда, баъдан ба ихтиёри субъектони воқеӣ ва ақлӣ мегузарад. Вогузоштани тарозу бо ихтиёри қудратҳои ғайри ақлию илоҳӣ танҳо бо мақсади ба даст овардани адолати беғараз, пок ва олӣ аз кинаву ҳасуд будааст, ки дар тамаддуни ҳуқуқии мардуми тоҷик инъикос ёфтааст.

1.3. Рамзҳои давлатӣ

Тоҷ. Тоҷ дар давлатдории тоҷикон ифодаи қудрат аст. Шоҳони Пешдодию Каёнӣ, Сосонию Сомонӣ, Ғурию Салҷуқӣ тоҷҳои хоса доштаанд. Тоҷбахшӣ масъалаи муҳимми ивази қудрати сиёсиро ҳал мекард. Чун тоҷ дода мешуд, ин ифодаи супурдани сарварии давлат буд. Тоҷ дар маросимҳои расмӣ гирифта мешуд, ифодагари муваққатан аз кудрат фаромадан буд. Мисол, ҳангоме, ки дар аҳди Пешдодиён дар рӯзҳои Наврӯз ва Меҳргон даъво нисбат ба шоҳ пешниҳод мешуд. Шоҳ тоҷ аз сар гирифта, назди ҳамагон меистод ва чун ҷавобгар ҷавоб ба суолҳо медод. Дар аҳди қадим нишастан ба сари қудрат ё тоҷбахшӣ ба паҳлавонон бештар вобаста будааст.

Баъдан намудҳои гуногуни тоҷҳо – кулоҳҳо пайдо гаштанд, ки онҳо ба мансабдорони махсуси давлатӣ супурда мешуданд. Ба сарлашкарон, ба вазирон ва ғайра. Умуман тоҷдор – ин подшоҳ ва сарвари давлат буд.

Асо – низ нишонаи қудрат буда, ҳамчун рамзи идоракунӣ аз аҳдҳои қадим дар давлатҳои Шарқ шинохта мешуд. Маҳз, Ҷамшедшоҳ ваколати шоҳиро тибқи Авесто аз Ахуро Маздо тавассути ангуштарин ва асои тиллоӣ гирифта буд. Ин анъана минбаъд дар давлатдории асрҳои миёна низ боқӣ монд. Назарияи гузариши қудрат тавассути супурдани асо чун васияти идоракунӣ аз таҷрибаи паёмбарони шарқӣ Яъқубу бародаронаш низ бармеояд.

Ранг ва рангдон – дар асрҳои миёна ифодагари аҳли қалам – донишмандону вазирон аст. Зеро дар Сомониёну Ғӯриён, Салҷуқиёну Хоразмшоҳиён ва дар давлатдории асрҳои миёна сарзамини тоҷикон бештар ба мансабҳои асосӣ олимонро чун Балъамӣ, Утбӣ, Ҷайҳонӣ, Низомулмулк ва ғайра таъин мекарданд. Дар аҳди Хоразмшоҳиён рангдон нишонаи вазирӣ ва қалам нишонаи соҳибони девонҳо будааст. Онҳо, яъне аҳли қалам ва девонсолорон дар дасти рости шоҳ менишастанд. Дар асрҳои миёна ҳар як аз рамзҳои ишорашуда мансубият бар шахсони мансабдори давлатӣ буд. Аз ин хотир, қабл аз ҳозиршавии онҳо дар ҷаласаҳо рамзи онҳо оварда мешуд. Мисол, агар қаламу рангдонро дар аҳди Сомониён ва ё давлатҳои баъдии кучманчӣ меоварданд ин ишора ба он буд, ки вазири аъзам меояд [11, с.14-20].

Аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо дар саргаҳи ташаккули унсурҳои ҷомеаи мутамаддин қарор дошта, бо офаридаҳои маънавӣ ва модии хеш дар рушди тамаддуни башарӣ нақши бориз доштанд. Махсусан, эҷоди арзишҳое монанди қонун ва ҳуқуқ, ки ҳамчун воситаи асосии танзими муносибатҳо то имрӯз маҳсуб меёбад

аз ҷониби ориёиҳо нишони маърифати созгору муносиб ба талаботи ҷомеаи инсонӣ маҳсуб меёбад. Таълимоти ҳуқуқӣ ва эҷоди қонунҳо дар асоси одату анъанаҳо дар ҳаёти ақвоми ориёӣ таърихи наздик ба 6 ҳазор сола дорад. Далели ин гуфтаҳо дарёфти талисман (рамзе монанд ба салиб, ки ба чор унсур ишора менамуд) аз шаҳраки Саразм аз ҷониби бостоншиносон мебошад, ки он ифодагари муқаддас шуморидани чор унсури табиат об, хок, оташ ва ҳаво мебошад.

Мувофиқи одат ва анъанаи ориёиҳо ҳифз ва эҳтиром гузоштан ба ин чор унсур вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як узви ҷомеа буд. Дар акси ҳол мувофиқи меъёрҳои муайяншудаи ҷомеа шахс ба ҷазо гирифтор мешуд. Ин дар ҳоле буд, ки ҳоло давлат ва механизмҳои дигари танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд надошт. То эҷоди қонунҳо ва ҳуқуқҳои позитивӣ ориёиҳо рамзеро, ки ба чор унсур ишора менамуд ҳамчун меъёр пазируфта буданд. Ориёиҳо, ки аксаран зироатпарвар буданд, барои танзими ин соҳаи муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии хеш рамзи мазкурро истифода менамуданд.



Бозёфт аз Саразм. Талисман

Ҳамчунин, асо ва ё ҳалқа, ки дар дасти сарварони қавм буд, ҳамчун рамзи қонун ва адолат истифода мешуд.

Дар ин радиф, яке аз мафҳумҳои марказӣ ва бунёдие, ки ишоракунада ба қонуни ориёиҳо буд, мафҳуми Аша (авест. aša, форсии бостон arta) ба шумор меравад. Ин мафҳум дар таълимоти динии Зардуштӣ ва дар матни китоби он — Авасто ҷойгоҳи муҳим дорад ва ҳамчун яке аз асосҳои фалсафию ахлоқии ҷаҳонбинии эронинажодон арзёбӣ мешавад. Аша мафҳуми бисёрқабата буда, дар маънои умумӣ қонуни умумиҷаҳонӣ, тартиботи дурусти коинот, ҳақиқат, адолат ва некиро ифода

мекунад. Аз ин ҷиҳат, он ҳамзамон ҳам мафҳуми космологӣ, ҳам ахлоқӣ, ҳам динӣ ва ҳам иҷтимоӣ мебошад.

Калимаи Аша (aša) дар забони авестоӣ ба маънои «ҳақиқат», «ростӣ» ва «тартиботи дуруст» истифода мешавад. Дар форсии бостон шакли он arta мебошад. Ин реша дар бисёр номҳои шахсии давраи қадими эронӣ низ дида мешавад, ки маънои адолат, ростӣ ё ҳақиқатро ифода мекунад.

Аз нигоҳи таърихию забоншиносӣ ин мафҳум бо истилоҳи «ṛta» дар фарҳанги ведоии ҳиндӣ ҳамреша мебошад. Ҳар ду мафҳум қонуни умумии тартиботи ҷаҳон ва мувозинати коинотро ифода мекунанд. Дар таълимоти зардуштӣ Аша ҳамчун тартиботи илоҳӣ дониста мешавад, ки аз ҷониби Аҳуромаздо офарида шудааст. Ба ҳамин маъно, Аша асоси низоми ҷаҳон ва меъёри ҳақиқати ахлоқӣ ба шумор меравад.

Хулоса. Сазовор ба қайд аст, ки парламентаризм ва эҳтироми ҳаққи халқ дар ташкили шаклҳои идора, қонун ва моҳияти он барои миллати мо бегона нест, зеро тоҷикон ҳанӯз аз аҳди бостон эҳтиром ва арҷгузорӣ ба афкори умумро тарғиб намуда, нақши қонунро дар ташкили ҳаёти иҷтимоӣ муҳим дониста, эътирофи ҳаққи халқро дар идораи шаклҳои мухталифи ҳамзистӣ дар шаклҳои муайян амалӣ карда, ба саҳнаи давлатдории бостон ва асрҳои миёна навъҳои гуногуни ҳамзистии осоиштаро ворид намуда, ба ҷаҳониён таҷрибаи идоракунии ҷамоавӣ ва мақоми намояндагиро дар шакли «Ҳанҷамана [11, с.71]» (анҷуман), «Шурои ашрофон ва коҳинон» ва қабули фикри умумро дар шакли «қабули қишрҳои мухталифи ҷомеа ва халқ» [5, с.44-45] ва «додарасии умум»(мазолим) ба наслҳои оянда ба мерос гузоштааст, ки худ гувоҳи бо фаъолияти парламентаризм аз қадим ошно будани миллати мост.

Гузашта аз он ниёгони миллати мо бо қабули қонунҳои олии инсондӯстона ва одилона аз қадим ном баровардаанд. Эъломияи Куруши Кабир дар бораи ҳуқуқу озодиҳои мардуми Бобул аз зумраи онҳост. Қонун дар анъанаи давлатдории мо рамзи адолат, пойдории низом, назму тартиб ва сазову аҷрро таърихан бар дӯш доштааст. Агар дар аҳди Зардуштиён қонун ва додгоҳ вазифаи нест кардани бадӣ ва таъмини ғалабаи некиро бар бадӣ бар уҳда дошта бошанд, дар аҳди тамаддуни исломӣ ин рисолат тағйир ёфта, ба тарбияи инсони солеҳу боахлоқ, ташкили ҷомеи одилона, бунёди «шаҳри адилла» ва дастрасӣ ба саодати дорайн табдил ёфтааст. Ҳамин тавр бо баробари дигар шудани мазмуну муҳтавои тамаддунҳо дар масири таърих рисолати меҳварии қонунҳо табдил ёфтаанд. Ҳамроҳ бо онҳо рамзҳои ҳуқуқӣ низ ба тағйирот рӯ овардаанд. Бинобар он, ҷиҳати дарёфти рамзи ягонаи ҷавобгӯ барои ҳамаи ин даврони таърихии халқ дар миёни ишороту рамзҳои мавҷуда, таҳқиқоти илмии фарогир ва вақт лозим аст.

Ба эҳтимоли зиёд раванди ташаккули мақомоти дастаҷамъонаи қонунбарорӣ ва идоракунӣ дар таърихи халқи мо бо худ рамзу аломатҳои хосаро доро будаанд. Вале то ҳол дар ин самт таҳқиқоти вижа вуҷуд надорад. Бинобар он дар ин масъала дар асоси хулосаю ҷамъбасти фикрҳои мавҷуда ҳарфи наве гуфтан мушкил аст. Гузашта аз он мавзуи мазкур дар ҳошияи таърихнависии нави халқҳои минтақаи Осиёӣ тобиши тоза ва баҳснок гирифтанаш имконпазир аст. Аз ин хотир, вақт ва таҳқиқотҳои иловагӣ дар ин самт зарур аст, то ин ки андешаи

устувору дақиқе гуфта шавад. Муҳим он аст, ки имрӯз фазои амалияи қонунбарорӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ зарурати дарки ин навъ таҳқиқотро зарур донистаанд. Фикр мекунам пайравони мактаби академик Ф.Т. Тоҳиров дар ин албатта ковишҳо илмӣ менамоянд.

Адабиёт

1. Ардавирафнома. - С. 30.
2. Вандидод. В 4-х томах. – Техрон. – 1376 х. – 2167 с.
3. Всемирная история. У истоков цивилизации. Бронзовый век. - М.; Минск, 1999. - С. 565-574.
4. Дустхох. Дж. Авеста. – С. 692.
5. Низомулмулк Туси. Сиасет-намэ. М. 1949. –С.44-45.
6. Стеблин-Каменский. Авеста. – С. 171.
7. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. Монография. – Душанбе, 2005. – 488 с.
8. Хашим Рази. Авесто. Кухантарин ганчнома-е мактуб-е Ирон-е бостон. – Техрон, 1379 х. – 658 с.
9. Холикзода А.Г. Правовая система зороастризма. Монография. – М. ИНФРА. 2025. – 399с.
10. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: «ЭР-граф». 2022. – С.14-20.
11. Холиқов А.Ғ. Таърихи далват ва хуқуқи Тоҷикистон. Ҷ.1. – Душанбе ЭР-граф, 2014. – С.3-6.
12. Холиқзода А.Ғ. Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ. Китоби 1. Нашри дуюм бо тағйиру илова ва таҳрирҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 428 с.
13. Холиқзода А.Ғ. Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ. Китоби 2. Нашри дуюм бо тағйиру илова ва таҳрирҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 448 с.
14. Якубов Ю. Гоҳномаи Авастоӣ. – Душанбе, 2003. – С. 58-59.

Рамзҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ дар анъанаи давлатдории халқи тоҷик

Дар мақола масъалаи ташаккул ва рушди рамзҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ дар анъанаи давлатдории халқи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон пайдоиш ва моҳияти рамзҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва маънавиро дар тамаддуни ориёӣ, низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва фарҳанги давлатдории тоҷикон баррасӣ намуда, нақши онҳо дар ташаккули идоракунии давлатӣ, адолати судӣ ва ҷаҳонбинии иҷтимоиро таҳлил кардаанд. Дар мақола рамзҳое чун оташ, об, тарозу, тоҷ, асо, шамшер, моҳи ҳилол ва дигар нишонаҳои ҳуқуқиву давлатӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон арзёбӣ мешаванд. Ҳамчунин, масъалаи таъсири арзишҳои динӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ ба ташаккули рамзҳои давлатдорӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин нақши онҳо дар рушди парламентаризм, қонун ва адолат дар анъанаи давлатдории тоҷикон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: рамзҳои ҳуқуқӣ, рамзҳои давлатӣ, давлатдории тоҷикон, ҳуқуқи зардуштӣ, адолат, Аша, тарозу, тоҷ, қонун, фарҳанги ҳуқуқӣ.

Правовые и государственные символы в традиции государственности таджикского народа

В статье исследуются вопросы формирования и развития правовых и государственных символов в традиции государственности таджикского народа. Авторы анализируют происхождение и сущность политико-правовых и духовных символов в арийской цивилизации, зороастрийской правовой системе и культуре таджикской государственности, раскрывая их значение в становлении государственного управления, судебной справедливости и общественного мировоззрения. Особое внимание уделяется таким символам, как огонь, вода, весы, корона, скипетр, меч, полумесяц и другим государственно-правовым атрибутам, рассматриваемым в качестве важных элементов политико-правовой культуры таджикского народа. Также анализируется влияние религиозных, нравственных и исторических ценностей на формирование государственно-правовой символики, развитие парламентаризма, права и принципов справедливости в истории таджикской государственности.

Ключевые слова: правовые символы, государственные символы, таджикская государственность, зороастрийское право, справедливость, Аша, весы, корона, закон, правовая культура.

Legal and state symbols in the tradition of statehood of the tajik people

This article examines the formation and development of legal and state symbols in the tradition of the statehood of the Tajik people. The authors analyze the origin and essence of political, legal, and spiritual symbols within Aryan civilization, the Zoroastrian legal system, and the culture of Tajik statehood, highlighting their role in the development of state governance, judicial justice, and social worldview. Particular attention is paid to symbols such as fire, water, scales, crown, staff, sword, crescent, and other legal and state attributes regarded as essential elements of the political and legal culture of the Tajik people. The article also explores the influence of religious, moral, and historical values on the formation of legal and state symbolism, as well as their contribution to the evolution of parliamentarism, law, and justice in the historical tradition of Tajik statehood.

Keywords: legal symbols, state symbols, Tajik statehood, Zoroastrian law, justice, Asha, scales, crown, law, legal culture.

Холиқзода Абдураҳим Ғафор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмхои ҳуқуқшиносӣ. Тел.: +992 938020568. Email: halim2006@yandex.ru

Мирализода Исфандиёр Қарахон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти давлат ва ҳуқуқ, ходими калони шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ,

доктори илмхои ҳуқуқ, профессор. Тел.: +992 908483869. Email: isfand_1986@mail.ru

Холикзода Абдурахим Гафор, Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения, доктор юридических наук. Тел.: +992 938020568. Email: halim2006@yandex.ru

Миралиzода Исфандиер Карахон, Национальная академия наук Таджикистана, Институт государства и права, старший научный сотрудник отдела государственного права, доктор юридических наук, профессор. Тел.: +992 908483869. Email: isfand_1986@mail.ru

Kholiqzoda Abdurahim Ghafor, Tajik national university, faculty of law, professor in the department of human rights and comparative law, doctor of laws. Tel.: +992 938020568. Email: halim2006@yandex.ru

Miralizoda Isfandier Qarakhon, National academy of sciences of Tajikistan, Institute of state and law, senior researcher of the department of state law, doctor of law, professor. Tel.: +992 908483869. Email: isfand_1986@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

МАФҲУМҲОИ ҲУҚУҚ, ҚОНУН ВА АДОЛАТ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Зоир Ҷ.М., Сайфуллоев С.
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ,
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима. Абуалӣ ибни Сино (980-1037) яке аз бузургтарин намояндагони тамаддуни фарҳанги тоҷик ба шумор меравад. Ӯ ҳамчун файласуф, табиб, мантиқшинос ва донишманди доиратулмаориф шинохта шудааст, аммо аҳаммияти осори ӯ танҳо ба соҳаҳои тиб ва фалсафа маҳдуд намегардад. Дар таълимоти ӯ масъалаҳои ҷомеа, давлат, қонун, адолат, роҳбарӣ ва масъулияти инсон низ ҷойгоҳи муҳим доранд.

Дар шароити муосири рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими ҷомеаи ҳуқуқбунёд омӯзиши мероси сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккирони классикӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Аз ҷумла, таҳқиқи андешаҳои Ибни Сино дар бораи ҳуқуқ, қонун ва адолат имкон медиҳад, ки решаҳои таърихии фарҳанги ҳуқуқии тоҷикон амиқтар дарк карда шаванд.

Гарчанде ки ибни Сино рисолаи махсуси ҳуқуқшиносӣ таълиф накардааст, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар осори ӯ, махсусан дар бахши илоҳиёти «аш-Шифо», «ан-Наҷот» ва «ал-Ишорот ва-т-танбеҳот» ба таври бо низом инъикос ёфтаанд. Дар ин осор масъалаҳои табиати иҷтимоии инсон, зарурати қонун, нақши қонунгузор ва аҳаммияти адолат ҳамчун асоси тартиботи ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дараҷаи омӯзиши масъала. Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии ибни Сино нисбат ба масъалаҳои метафизика, мантиқ ва тиб камтар таҳқиқ шудааст. Бо вуҷуди ин, дар даҳсолаҳои охир як қатор муҳаққиқон ба омӯзиши амалии ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Муҳсин Маҳдӣ қайд мекунад, ки масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар осори ибни Сино шакли пароканда дошта бошанд ҳам, онҳо як низоми муайяни фалсафаи амалиро ташкил медиҳанд [5, с. 84]. Ҳумайро Озтуран нишон медиҳад, ки фалсафаи амалии ибни Сино идомаи анъанаи Форобӣ буда, масъалаҳои қонунгузорӣ, ахлоқ ва сиёсатро фаро мегирад [6, с. 35]. Мириам Галстон бошад, ҷойгоҳи қонун ва роҳбариро дар фалсафаи сиёсии ибни Сино таҳлил намуда, робитаи онҳоро бо адолат нишон медиҳад [7, с. 561].

Дар муҳити илмии тоҷик бештар ҷанбаҳои фалсафӣ ва тиббии мероси ибни Сино мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аммо таҳқиқи махсуси мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун ва адолат аз нуқтаи назари таърихи ҳуқуқ ҳанӯз ҳам аҳаммияти илмии худро нигоҳ медорад.

Мақсад ва методологияи таҳқиқот. Мақсади асосии мақола таҳлили мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун ва адолат дар таълимоти ибни Сино ва муайян намудани аҳаммияти онҳо барои фалсафаи ҳуқуқ мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад аз усулҳои таҳлили таърихи ҳуқуқ, муқоисавӣ, герменевтикӣ ва системавӣ истифода шудааст. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки андешаҳои ибни Сино дар заминаи муҳити таърихӣ ва фарҳангии асри XI таҳлил гардида, аз интиқоли механикии мафҳумҳои ҳуқуқшиносии муосир ба осори ӯ пешгирӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «ҳуқуқ» дар таълимоти ибни Сино ба маънои ҳуқуқи позитивии муосир истифода нашудааст. Ӯ бештар аз мафҳумҳои «ҳақ», «адолат», «қонун», «суннат» ва «сиёсат» истифода мебарад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳуқуқ дар осори ӯ бояд дар доираи ҷаҳонбинии фалсафӣ ва иҷтимоии худи мутафаккир анҷом дода шавад.

Асоси иҷтимоии ҳуқуқ дар таълимоти ибни Сино.

Нуқтаи ибтидоии фаҳмиши ҳуқуқ дар таълимоти ибни Сино табиати иҷтимоии инсон мебошад. Ба андешаи ӯ инсон наметавонад дар танҳоӣ зиндагии комил дошта бошад. Барои қонеъ намудани ниёзҳои гуногуни худ ӯ ба дигарон эҳтиёҷ дорад. Ҳамин вобастагии мутақобил сабаби пайдоиши ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоӣ мегардад.

Дар китоби «аш-Шифо» ибни Сино таъкид мекунад, ки инсон барои бақои худ ба ҳамкорӣ ва муомилаи мутақобил ниёз дорад. Азбаски чунин муносибатҳо метавонанд боиси ихтилоф ва барҳӯрди манфиатҳо гарданд, онҳо ба қонун ва адолат эҳтиёҷ доранд [1, с. 364].

Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқ натиҷаи табиии зиндагии ҷамъиятӣ мебошад. Ҳуқуқ барои танзими муносибатҳои байни одамон, ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва пешгирии худсарӣ хизмат мекунад. Агар чунин низоми меъёрӣ вуҷуд надошта бошад, ҷомеа ба бесарусомонӣ ва зулм рӯ ба рӯ мегардад.

Ибни Сино инсонро мавҷуди ақлонӣ низ медонад. Ақл ба инсон имкон медиҳад, ки зарурати ҳамкорӣ ва риояи меъёрҳоро дарк намояд. Аммо ақли инфиродӣ на ҳамеша барои ҳалли ихтилофҳо кофӣ аст. Аз ҳамин сабаб ҷомеа ба қонун ва қонунгузори одил ниёз пайдо мекунад [1, с. 365].

Мафҳуми ҳуқуқ дар андешаи ибни Сино.

Гарчанде ки ибни Сино назарияи мустақили ҳуқуқро ба маънои муосир таҳия накардааст, дар осори ӯ унсурҳои муҳимми фаҳмиши ҳуқуқ мушоҳида мешаванд.

Пеш аз ҳама, ҳуқуқ ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Ҳуқуқ бояд муносибатҳои байни одамонро ба тартиб дарорад ва аз барҳӯрди манфиатҳо пешгирӣ намояд.

Дуввум, ҳуқуқ бо мафҳуми «ҳақ» робитаи зич дорад. Дар анъанаи фалсафаи исломӣ «ҳақ» ҳам маънои ҳақиқат ва ҳам маънои муносибати дурусту одилонаро дорад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ дар таълимоти ибни Сино ифодаи муносибатҳои одилона мебошад.

Севвум, ҳуқуқ бо манфиати умумӣ алоқаманд аст. Қоидаҳое, ки танҳо ба манфиати гурӯҳи муайян хизмат мекунанд, наметавонанд асоси устувори тартиботи ҷамъиятӣ бошанд. Ҳуқуқ бояд ба ҳифзи ҷомеа ва таъмини ҳамзистии осоишта мусоидат намояд.

Ниҳоят, ҳуқуқ дар таълимоти ибни Сино бо ахлоқ робитаи ногусастанӣ дорад. Гарчанде ки ҳуқуқ ва ахлоқ як мафҳум нестанд, ҳар ду ба таъмини зиндагии шоистаи инсон равона шудаанд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ бояд ба арзишҳои ахлоқӣ ва адолат такя намояд.

Қонун ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Дар таълимоти ибни Сино мафҳуми қонун ҷойгоҳи марказӣ дорад. Ӯ қонунро воситаи зарурии ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ ва нигоҳдории тартиботи иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Ба андешаи мутафаккир, ҷомеае, ки дар он қоидаҳои умумӣ ва ҳатмӣ вуҷуд надоранд, наметавонад субот ва ҳамоҳангии худро нигоҳ дорад.

Ибни Сино дар «аш-Шифо» таъкид мекунад, ки муносибатҳои байни одамон бояд тавассути меъёрҳои муайян танзим карда шаванд. Агар ҳар шахс танҳо аз рӯи хоҳиш ва манфиати шахсии худ амал намояд, ихтилофҳо афзоиш ёфта, зиндагии ҷамъиятӣ ғайриимкон мегардад [1, с. 364].

Аз ин рӯ, қонун вазифаи муҳимми иҷтимоӣ дорад. Он барои ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва пешгирии зулму худсарӣ низ хизмат менамояд. Қонун ба одамон мефаҳмонад, ки кадом амалҳо ҷоиз ва кадом амалҳо номатлуб мебошанд [1, с. 365].

Дар фаҳмиши ибни Сино қонун бояд хусусияти умумӣ дошта бошад. Он набояд ба манфиати шахс ё гурӯҳи алоҳида хизмат кунад. Баръакс, қонун бояд ба нафъи тамоми ҷомеа равона гардида, барои ҳамаи аъзои он яксон татбиқ шавад. Маҳз ҳамин хусусият ба қонун имконият медиҳад, ки ҳамчун воситаи таъмини адолат амал намояд [5, с. 85].

Муҳим аст, ки Ибни Сино қонунро танҳо маҷмуи фармонҳо намедонад. Ба андешаи ӯ, қонун бояд бо ақл ва адолат мувофиқат дошта бошад. Қонуне, ки ба манфиати умумӣ хизмат намекунад ё бо адолат мухолифат дорад, наметавонад вазифаи воқеии худро иҷро намояд [8, с. 214].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар таълимоти ибни Сино мавқеи махсус дорад, масъалаи қонунгузор мебошад. Ӯ бар он назар аст, ки ҷомеа ба шахсе ниёз дорад, ки қонунро муқаррар намуда, иҷрои онро таъмин кунад.

Дар «аш-Шифо» ибни Сино менависад, ки одамон бояд шахсеро дошта бошанд, ки қонунро муайян намуда, миёни онҳо адолатро ҷорӣ созад [1, с. 365]. Дар шароити таърихии замони ӯ чунин шахс пеш аз ҳама пайғамбар ё роҳбари дорои ҳикмат ва фазилат ба ҳисоб мерафт.

Аз нуқтаи назари фалсафаи ҳуқуқ ин масъала ба машруияти қонун алоқаманд аст. Саволи асосӣ чунин аст. Чаро одамон бояд ба қонун итоат кунанд? Ба андешаи Ибни Сино, ҷавоби ин савол дар робитаи қонун бо адолат ва манфиати умумӣ ҷой дорад [11, с. 165].

Қонун танҳо дар сурате қобили қабул мебошад, ки ба ҳифзи ҷомеа ва таъмини зиндагии одилона мусоидат намояд. Агар қонун ба зулм ё худсарӣ хизмат кунад, он асоси маънавии худро аз даст медиҳад. Аз ҳамин сабаб қонунгузор бояд шахси донишманд, оқил ва дорои фазилатҳои ахлоқӣ бошад [6, с. 12].

Дар ин масъала таъсири анъанаи фалсафаи сиёсии юнонӣ ва исломӣ ба андешаҳои ибни Сино равшан мушоҳида мешавад. Монанди Абунасри Форобӣ, ӯ низ роҳбариро бо дониш, ҳикмат ва адолат пайваст менамояд. Ҳокимияти воқеан қонунӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки ба манфиати ҷомеа хизмат кунад [7, с. 569].

Адолат яке аз мафҳумҳои асосии низоми фалсафии ибни Сино мебошад. Ӯ адолатро асоси муносибатҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ низ арзёбӣ мекунад.

Дар осори ибни Сино адолат ҳамчун ҳолати мувозинат ва ҳамоҳангӣ тавсиф мешавад. Адолат вақте ба вуҷуд меояд, ки инсон дар рафтори худ аз ҳад нагузарад ва ҳуқуқи дигаронро эҳтиром намояд. Дар сатҳи ҷомеа бошад, адолат маънои таносуб ва мувозинати муносибатҳои иҷтимоиро дорад [2, с. 102].

Дар осори фалсафии ӯ таъкид мешавад, ки адолат ҳамаи фазилатҳои асосии инсонро муттаҳид намуда, онҳоро ба низоми ягона табдил медиҳад. Аз ин рӯ, адолатро метавон ҳамчун меъёри умумии арзёбии рафтори инсон ва фаъолияти давлат фаҳмид [2, с. 103].

Аз нуқтаи назарияи ҳуқуқӣ адолат вазифаи дугона дорад. Аз як тараф, он меъёри арзёбии қонун мебошад. Аз тарафи дигар, худи қонун воситаи татбиқи адолат дар ҷомеа ба ҳисоб меравад [12, с. 458].

Ба андешаи ибни Сино, давлате, ки бар адолат асос наёфтааст, наметавонад устувор бошад. Зеро беадолатӣ боиси норозигӣ, ихтилоф ва заиф гардидани тартиботи ҷамъиятӣ мегардад. Баръакс, адолат эътимоди шаҳрвандонро ба қонун ва ҳокимият тақвият медиҳад [10, с. 118].

Аз ҳамин сабаб адолат дар таълимоти ӯ шарти муҳимми суботи сиёсӣ низ мебошад.

Таҳлили осори ибни Сино нишон медиҳад, ки ҳуқуқ, қонун ва адолат дар ҷаҳонбинии ӯ мафҳумҳои як низоми ягонаи маънавӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Ҳуқуқ мазмуни муносибатҳои дурусти байни одамонро ифода мекунад. Қонун шакли меъёрии ин муносибатҳоро муайян менамояд. Адолат бошад, меъёри арзёбии ҳуқуқ ва қонун мебошад [8, с. 219].

Дар чунин низом ҳар яке аз ин унсурҳо ба дигаре ниёз дорад. Агар ҳуқуқ бе қонун бошад, он танҳо ҳамчун ормони ахлоқӣ боқӣ мемонад. Агар қонун бе адолат бошад, метавонад ба воситаи маҷбуркунӣ ва худсарӣ табдил ёбад. Агар адолат бе ҳуқуқ ва қонун бошад, имкони татбиқи воқеии худро аз даст медиҳад [13, с. 231].

Аз ин рӯ, ибни Сино ба зарурати ҳамоҳангии ин се унсур таъкид менамояд. Танҳо дар сурати мавҷудияти чунин ҳамоҳангӣ ҷомеа метавонад ба субот ва рушди устувор ноил гардад [1, с. 365].

Ин андеша барои фалсафаи ҳуқуқи муосир низ аҳамияти назариявӣ дорад. Имрӯз низ масъалаи мутобиқати қонун ба адолат яке аз масъалаҳои марказии назарияи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Мероси сиёсӣ-ҳуқуқии Ибни Сино танҳо аҳаммияти таърихӣ надорад. Бисёр андешаҳои ӯ метавонанд барои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаи муосир низ муфид бошанд.

Пеш аз ҳама, таълимоти ӯ аҳаммияти қонунро ҳамчун воситаи таъмини тартибот ва ҳамзистии осоишта нишон медиҳад. Дар шароити ҷомеаи муосир низ эҳтиром ба қонун яке аз шартҳои асосии рушди давлат мебошад [1, с. 364].

Дуввум, ибни Сино зарурати пайвастагии қонун ва адолатро таъкид менамояд. Ин андеша имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст. Қонун танҳо дар сурате метавонад аз ҷониби ҷомеа қабул гардад, ки шаҳрвандон онро одилона ва мувофиқ ба манфиатҳои умумӣ донанд [7, с. 573].

Севвум, таълимоти ӯ ба рушди худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Омӯзиши афкори сиёсӣ-ҳуқуқии Ибни Сино нишон медиҳад, ки масъалаҳои давлатдорӣ, қонун ва адолат дар фарҳанги тоҷикон дорои анъанаи қадимӣ мебошанд [4, с. 287].

Чаҳорум, мероси ӯ метавонад барои ташаккули фалсафаи ҳуқуқи миллӣ аҳамияти назариявӣ дошта бошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши таҷрибаи таърихии худ барои нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ аҳамияти махсус дорад [9, с. 412].

Таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои илмӣ пешниҳод карда шаванд:

Дар таълимоти ибни Сино ҳуқуқ аз табиати иҷтимоии инсон ва зарурати ҳамзистии ҷамъиятӣ сарчашма мегирад [1, с. 364–365].

Қонун ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумӣ баромад мекунад [1, с. 365].

Адолат меъёри асосии арзёбии қонун ва шарти устувории ҷомеа мебошад [2, с. 102].

Қонун ва адолат дар ҷаҳонбинии ибни Сино ҷудонопазиранд ва танҳо дар ҳамбастагӣ метавонанд тартиботи иҷтимоиро таъмин намоянд [1, с. 365].

Андешаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ибни Сино дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва давлатдории миллӣ истифода шаванд [6, с. 28].

Таҳлили мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун ва адолат дар таълимоти Абуалӣ ибни Сино нишон медиҳад, ки мутафаккир ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавоҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Гарчанде ки ӯ назарияи мустақили ҳуқуқро ба маънои муосир таҳия накардааст, дар осори ӯ унсурҳои муҳимми фалсафаи ҳуқуқ ба таври равшан мушоҳида мешаванд.

Ибни Сино ҳуқуқро бо табиати иҷтимоии инсон, қонунро бо зарурати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва адолатро бо асосҳои ахлоқӣ ва сиёсии ҷомеа пайваст менамояд. Дар ҷаҳонбинии ӯ қонун танҳо дар сурате арзишманд аст, ки ба адолат хизмат кунад ва манфиати умумиро ҳифз намояд [1, с. 365].

Мероси сиёсӣ-ҳуқуқии ибни Сино қисми муҳимми фарҳанги маънавии тоҷикон буда, омӯзиши он барои рушди илми ҳуқуқ, таҳкими худшиносии миллӣ ва такмили фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа аҳаммияти калон дорад.

Адабиёт

1. Avicenna. The Metaphysics of The Healing: A Parallel English-Arabic Text / translated by Michael E. Marmura. - Provo: Brigham Young University Press, 2005. 452 p.

2. Абуалӣ ибн Сина. Избранное. Том 1. Восточная философия / пер. и коммент. С. Сулаймони. - Ашхабад, 2003. 442 с.

3. Ibn Sina. Al-Najāt. - Cairo, 1938. 360 p.

4. Ибн Сина. Избранные философские произведения. - Москва: Наука, 1980. 554 с.

5. Mahdi M. Avicenna VII. Practical Sciences // Encyclopaedia Iranica. - 1987. - Vol. III. P. 84.

6. Özturan H. The Practical Philosophy of Al-Fārābī and Avicenna // Nazariyat. - 2019. - Vol. 5, № 1. P. 1.

7. Galston M. Realism and Idealism in Avicenna's Political Philosophy // The Review of Politics. - 1979. - Vol. 40. - № 4. - P. 561.

8. McGinnis J. Avicenna. - Oxford: Oxford University Press, 2010. 320 p.

9. Gutas D. Avicenna and the Aristotelian Tradition. – Leiden: Brill, 2014. – 617 p.

10. Rosenthal E. I. J. Political Thought in Medieval Islam. - Cambridge: Cambridge University Press, 1958. 320 p.

11. Marmura M. E. Avicenna's Theory of Prophecy in the Light of Ash-Shifāʾ // Islamic Theology and Philosophy. - Albany: SUNY Press, 1984. P. 159.

12. Black D. L. Practical Wisdom, Moral Virtue and Theoretical Knowledge // Moral and Political Philosophies in the Middle Ages. - Ottawa, 1995. – P. 451.

13. Butterworth Ch. E. Ethics in Medieval Islamic Philosophy // Journal of Religious Ethics. - 1983. - Vol. 11. - № 2. – P. 224.

Мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун ва адолат дар таълимоти Абуалӣ ибни Сино

Дар мақолаи мазкур мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун ва адолат дар таълимоти Абуалӣ ибни Сино аз назарияи таърихи афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва фалсафаи ҳуқуқ таҳлил карда шудаанд. Муайян карда шуд, ки дар низоми ҷаҳонбинии ибни Сино масъалаҳои ҳуқуқ ва қонун бо табиати иҷтимоии инсон, зарурати ҳамзистии ҷамъиятӣ, танзими муносибатҳои байни одамон ва таъмини адолат робитаи мустақим доранд. Муаллиф, нишон медиҳад, ки дар таълимоти мутафаккир инсон мавҷуди иҷтимоӣ буда, зиндагӣ ва камоли ӯ бе ҳамкорӣ, тақсимоти вазифаҳо ва низоми меъёрии одилона ғайриимкон аст. Аз ҳамин асос зарурати қонун, қонунгузор ва адолат ба вуҷуд меояд.

Дар мақола таъкид мешавад, ки қонун дар андешаи ибни Сино воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешгирии худсарии инсон мебошад. Адолат бошад, ҳамчун меъёри арзишӣ ва ҳуқуқии дурустии қонун, пояи давлатдорӣ ва шарти устувории ҷомеа баромад мекунад. Хулоса карда мешавад, ки афкори сиёсӣ-ҳуқуқии ибни Сино барои таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ, рушди худшиносии миллӣ ва омӯзиши мероси давлатдории тоҷикон аҳаммияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: Абуалӣ ибни Сино, ҳуқуқ, қонун, адолат, фалсафаи ҳуқуқ, ҷомеа, давлат, қонунгузор, давлатдорӣ, ахлоқ, тартиботи иҷтимоӣ.

Понятия права, закона и справедливости в учениях Абуали ибн Сино

В статье исследуются понятия права, закона и справедливости в учениях Абуали ибн Сино с позиций историко-правового анализа и философии права. Показано, что в системе взглядов мыслителя право и закон рассматриваются в тесной связи с социальной природой человека, необходимостью общественного сосуществования и обеспечением справедливости. Автор, приходит к выводу, что закон в понимании ибн Сино выступает средством регулирования общественных отношений, а справедливость является критерием его легитимности и основой устойчивости государства.

Ключевые слова: Абуали ибн Сино, право, закон, справедливость, философия права, общество, государство, законодатель.

The concepts of right, law and justice in the teachings of Abuali ibn Sino

The article examines the concepts of right, law and justice in the teachings of Abuali ibn Sina from the perspective of legal philosophy and historical-legal analysis. It is argued that ibn Sina understood law not merely as a set of commands but as a necessary instrument for regulating social relations and maintaining justice. Justice is presented as the criterion of legitimacy and the foundation of social and political order. The article concludes that ibn Sina’s legal and political ideas remain relevant for contemporary legal culture and state-building.

Keywords: Abuali Ibn Sina, right, law, justice, philosophy of law, society, state, lawgiver.

Зоир Ҷурахон Маҷидзода, Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ. E-mail: zoirov2009@mail.ru

Сайфуллоев Самад, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвончӯ. Телефон: +992988085889

Зоир Джурахон Маджидзода, Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана НАНТ, доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом государственного права).

Сайфуллоев Самад, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, соискатель. **Тел.:** +992988085889

Zoir Jurakhon Majidzoda, , Institute of State and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan NAST, Doctor of Law, Professor, Head of the Department of State Law.

Samad Sayfulloev, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, researcher. **Phone:** +992988085889

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТАҒЙИРИ ОБЪЕКТ, ПРЕДМЕТ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ НАЗАРИЯИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ ДАР МАРҲИЛАИ ТРАНСФОРМАТСИЯИ РАҚАМӢ

Шарофзода Р.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Объект, предмет ва методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи трансформатсияи рақамӣ тағйир меёбад. Дар асарҳои илмии мутахассисони соҳа таъсири трансформатсияи рақамӣ ба назарияи давлат ва ҳуқуқ дар иртибот бо дарки падидаҳои нави ҳаёти ҷомеа якдилона пазируфта мешавад. Тағйири объект ва предмети назарияи давлат ва ҳуқуқ дар ҷараёни «зарурати дарки илмӣ-методологии як қатор мафҳумҳои нав, ки ба фазои ҷустуҷӯи илмӣ, танзими ҳуқуқӣ, сиёсати давлатӣ дохил шудаанд» [50, с.9] ба назар мерасад.

Олимон ба самтҳои зерини таъсири рақамикунонӣ ба назарияи давлат ва ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд: 1) таъсири рақамикунонӣ ба мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ; 2) тағйири нақш, функсияҳо, вазифаҳои давлат дар ҷомеаи рақамӣ, аз ҷумла ташаккули давлати рақамӣ дар доираи консепсияи «давлати рақамӣ», ҳамчунин, нақши давлат дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ; 3) шаклҳои рақамии амалишавии функсияҳои давлат; 4) рақамикунонии ҳуқуқ дар шароити ташаккули фазои ҳуқуқии рақамӣ, ташаккули ҳуқуқи рақамӣ; 5) дарки ҳуқуқ дар шароити рақамикунонӣ [18]; 6) демократияи рақамӣ (электронӣ) [11]; 7) танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеаи рақамӣ [29]; 8) рақамикунонии фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла рақамикунонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ва ғ.

Таҳқиқи самтҳои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама, назарияи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи трансформатсияи рақамӣ вазифаи аввалиндараҷаи методологӣ мебошад, чунки ба муайян намудани доираи имконпазир ва чашмдошти масъалаҳои таҳқиқшаванда, пешгӯии рушди таҳқиқоти илмӣ, илман асоснок намудани ақидаҳо, фарзияҳо, назарияҳои ҷудогона мусоидат менамояд. Ҳалли вазифаи мазкур аҳаммияти амалӣ низ дорад, чунки ҳоло доираи васеи масъалаҳои амалӣ пайдо шуда истодаанд, ки аз ҳалли назариявии (эътимоднокии илмии) онҳо рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, самаранокии танзими ҳуқуқӣ, инкишофи муътадили низоми ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин хотир, самтҳо ва дурнамои инкишофи илм, аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони муосир қарор дорад. Чунончи, ба иттилои С.В. Лонская даҳсолаи охир дар таркиби илмҳо маҷмуи илмҳои рақамӣ бо номи «гуманитаристикаи рақамӣ» ҳамчун маҷмуи фанҳои таълимии илмӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ ташаккул ёфт [17]. Ба иттилои Л.Н. Данилова гуманитаристикаи рақамӣ («Digital Humanities») дар Ғарб охири солҳои 90-ум ташаккул ёфта, предмети онро «истифодаи технологияҳои рақамӣ ва усулҳои таҳқиқи математикӣ дар илмҳои гуманитарӣ ташкил медиҳад» [10, с.57]. Гуманитаристикаи рақамӣ ҳамчун соҳаи таҳқиқи байниилмӣ дар доираи истифодаи технологияҳои рақамӣ «дар таҳқиқот ва таълими гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ» [20, с.73] шарҳ дода мешавад.

Гуманитаристикаи рақамӣ, ки дар заминаи муттаҳид шудани илмҳои гуманитарӣ ва технологияҳои рақамӣ ташаккул ёфтааст, ҳамчун усули байнифаннӣ барои таҳқиқи инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар ҷомеаи рақамӣ мусоидат менамояд. Истифодаи усули мазкур робитаи назарияи давлат ва ҳуқуқро бо илмҳои техникӣ (кибернетика, информатика) таъмин намуда, ба дарки падидаҳо, равандҳо ва муносибатҳои фазои рақамӣ, ки ҳоло ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта истодаанд, мусоидат менамояд.

Назарияи давлат ва ҳуқуқ ба мисли дигар илмҳои гуманитарӣ бо таъсири технологияҳои иттилоотии рақамӣ (ТИР) инкишоф меёбад. Методологияи дарки падидаҳо, равандҳо ва муносибатҳои нав, ки дар иртибот бо истифодаи ТИР пайдо шуданд, пешниҳоди мафҳумҳо ва категорияҳои нави илмӣ-назариявиро тақозо дорад. Раванди мазкур боиси ташаккули мафҳумҳои нави илмӣ («давлати рақамӣ»«, «идоракунии рақамӣ», «ҳуқуқи рақамӣ» ва ғ.) гардид. Методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар робита бо ташаккули падидаҳои нави олами рақамӣ (ҳуқуқҳои рақамӣ, пули рақамӣ, шартномаҳои электронӣ, овоздиҳии электронӣ ва ғ.) ва бо дарназардошти зарурати таҳлили методологии ин падидаҳо ҳамчун объектҳои нави дарки илмӣ табиист, ки такмил меёбад. Рақамикунонӣ таҳлили нави дониши назариявии бунёдиро талаб мекунад, чунки трансформатсияи рақамӣ ба предмет ва методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ таъсир мерасонад.

Тағйири объект ва предмети танзими ҳуқуқӣ талаб мекунад, ки дониши бунёдии назариявӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ тафдиди назар карда шавад. Тавре Т.Я. Хабриева қайд мекунад, ҳуқуқ «объекти таъсири рақамикунонӣ мегардад», чунки ба соҳаи танзими ҳуқуқӣ «муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ворид мешаванд, ки пештар ҷой надоштанд, ё танзими ҳуқуқиро талаб намекарданд», ҳатто муносибатҳое пайдо мешаванд, ки «иштироки инсонро дар онҳо истисно мекунанд» [39, с.6]. Ӯ дурнамои рушди ҳуқуқро дар ҷомеаи рақамӣ бо «ташаккули низоми нави меъёрӣ, ки ҷойи худро дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ дар баробари ҳуқуқ, ахлоқ, дин ишғол менамояд» [39, с.15], алоқаманд мемекунад.

Ба андешаи Т.Я. Хабриева ва Н.Н. Черногор дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ муносибатҳое ташаккул ёфтанд, ки «субъекти онҳо шахсиятҳои маҷозӣ ё рақамӣ мебошанд», ба «истифодаи техникаи роботӣ равона шудаанд», доир ба «объектҳои ғайримуқаррарӣ» пайдо мешаванд, «бо анҷом додани амалҳое дар фазои маҷозӣ робита доранд, ки ба пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, амалисозӣ ва иҷрои уҳдадориҳое, ки мазмуни ҳуқуқии онҳоро ташкил медиҳанд, равона шудаанд» [40].

Дар ҷомеаи рақамӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки предмети танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, тағйир меёбанд. Ҳолати мазкурро шартан «тағйири предмети танзими ҳуқуқӣ» номидан мумкин аст. Дар асл предмети нави танзими ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, чунки муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар олами рақамӣ пайдо мешаванд. Ҳамзамон бо ин, равандҳои зикршуда ҳоло дар ҳолати инкишоф қарор доранд, чунки трансформатсияи рақамии ҷомеа, аз он ҷумла трансформатсияи ҳуқуқ даҳсолаҳои охир оғоз гардида, марҳилаи калони таърихиро дар бар мегирад. Аз ин хотир, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳоло

самтҳо, қонуниятҳо, дурнамои рушди трасформатсияи ҳуқуқ, аз он ҷумла трансформатсияи танзими ҳуқуқӣ пурра аниқ карда нашуда, танҳо гипотезаҳои илмӣ пешниҳод шуда истодаанд.

Ба ин нигоҳ накарда, таҳқиқи трансформатсияи ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқӣ масъалаи мубрам, ҳаётан муҳимми илмӣ мебошад. Дар назди илми ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама, назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳоло вазифаҳои нав меистанд. Ҳалли ин вазифаҳо бе такмил ва таҷдиди назар намудани методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ имконнопазир аст.

Доир ба зарурати ҳалли вазифаҳои дорои аҳаммияти методологӣ олимони зиёд ибрози андеша менамоянд. Чунончи, Т.Я. Хабриева ва Н.Н. Черногор яке аз ин вазифаҳоро, ки тамоили методологӣ дорад, чунин баён мекунанд: «ба миён гузоштан ва коркарди проблемаи маҷозият ва воқеият дар ҳуқуқ, инкишофи методологияи илми ҳуқуқшиносӣ, ғанӣ гардонидани он воситаҳои дарккунӣ, ки омӯзиши ҳуқуқро бо дарназардошти таносуби маҷозият ва воқеият имконпазир менамоянд» [40, с.94-96].

Ба инобат нагирифтани заминаҳои ташаккулёфта ва эътирофшудаи таҳқиқи падидаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ ба он оварда мерасонад, ки мафҳумҳо ва категорияҳои илмӣ аҳаммият ва нақши аксиологии худро гум мекунанд. Чунончи, ба ақидаи Т.Н. Радко ва А.А. Головина мафҳуми «соҳаи ҳуқуқ» дар натиҷаи истифодаи аз ҳад зиёди он аз ҷониби намояндагони илмҳои соҳавӣ, пешниҳоди соҳаҳои нав, вале номаҳдуди ҳуқуқ «арзиши худро аз даст додааст» [27, с.34]. Ба иттилои онҳо ҳар сол соҳаҳои нави ҳуқуқ, ҳатто ақидаҳои ғароиб доир ба зарурати эътироф намудани «ҳуқуқи тиббӣ-ислоҳотӣ, хизматӣ, ҳуқуқи иттифоқи касаба, ҳуқуқи рушди устувор, ҳуқуқи ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқи Интернет ва дигар пешниҳод мешаванд» [27, с.34]. Сабаби асосии ҳолати мазкурро муаллифон дар он мебинанд, ки «дар чунин таҳқиқҳо таҳлили ҷиддӣ ва объективии нуктаҳои назарияи умумии ҳуқуқ оид ба соҳаҳо, институтҳо ва низоми ҳуқуқ вуҷуд надорад» [40].

Тибқи иттилои Ю.Г. Арзамасов «имрӯз муҳаққиқон бештар аз 90 соҳаҳои «нави» ҳуқуқро муайян намуданд. Чунончи, соҳаҳои ҳуқуқи энергетикӣ, суғуртавӣ, таҳсилотӣ, сармоявӣ, варзишӣ ва дигар ҷудо карда мешаванд. Тааҷҷубовар аст, ки ҳуқуқи қубурҳои об, маъданҳо, сохтмонӣ ва ғ. ҷудо када мешаванд» [3, с. 86]. Ҳолати мазкур натиҷаи он аст, ки «нуктаҳои умуминазариявӣ, ки дар илм ва муҳити академӣ тасдиқи худро ёфтаанд, дар амалия ҳама вақт афзалият надоранд»[3].

Дар илми назариявӣ ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳои пазируфташуда оид ба мафҳум ва асосҳои ташкили соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ ҷой доранд. Чунончи, соҳаҳои ҳуқуқ бо дарназардошти ҳолати имрӯза ва инкишофи предмети (мавзуи) танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла талаботи пешниҳодшаванда ба предмети танзими ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд [42]. Аммо дар як қатор таҳқиқоти илмӣ ҳамин натиҷаҳои илмӣ ба инобат гирифта намешаванд. Дар натиҷа таклифҳои мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд.

Аз ин хотир, таклифҳо оид ба такмили методологияи таҳқиқи низоми ҳуқуқ пешниҳод мешаванд. Тавре Ю.Г. Арзамасов қайд мекунад, «ҳоло талабот ба

усулҳои нави ҳам консептуалӣ ва ҳам методологии таҳқиқи дарки мафҳум, сохтори низоми ҳуқуқ, инчунин маҳакҳои ҷудо намудани унсурҳои асосӣ ва иловагии он пайдо мешавад» [3, с.67].

Ҳоло андешаҳои гуногун доир ба консепсияи нави дарки ҳуқуқ дар ҷомеаи рақамӣ пешниҳод шуда истодаанд. Чунончи, ақида ҷой дорад, ки дар робита бо рақамикунонии фазои иттилоотии рақамӣ (ФИР) назарияи позитивии ҳуқуқ табиати рақамӣ пайдо мекунад, яъне нуфузи назарияи позитивӣ боло меравад. Ба андешаи ҳуқуқшиноси амрикоӣ, намояндаи фалсафаи ҳуқуқ Л.Л. Фуллер (1902-1978) дар ҷомеаи рақамӣ заминаи иловагӣ – заминаи технологии таъсиррасонии ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбад [38, с.228]. Ю.А. Тихомиров самтҳои рушди ҳуқуқи муосирро таҳлил намуда, ба яке аз самтҳои он – «танзими бисёрқабата», яъне ҷой доштани шумораи зиёди воситаҳои танзимкунанда дар як соҳаи қонунгузорӣ ё доир ба ҳамон як мавзуи танзими ҳуқуқӣ ишора мекунад [35, с. 7].

Тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар тағйири дарки ҳуқуқ ифода меёбад. Методологияи классикӣ ба дарки ҳуқуқе, ки дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, равона карда мешавад. Онро ҳуқуқи навишташуда, ҳуқуқи ифодашуда, ҳуқуқи «коғазӣ», ҳуқуқи сабтшуда меноманд. Мафҳумҳои классикии ҳуқуқ ба дарки ҳуқуқи дар меъёрҳо ифодашуда асос меёбанд. Ҳамаи дигар мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи классикии давлат ва ҳуқуқ (меъёри ҳуқуқ, танзими ҳуқуқӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, муносибати ҳуқуқӣ ва ғ.) ба ҳамин мафҳумҳои ҳуқуқ мутобиқ карда мешаванд.

Аммо дар ҷомеаи рақамӣ шаклҳои рақамии ифодаи ҳуқуқ ташаккул ёфта, истифода мешаванд. ФИР дар доираи қоидаҳо ва мафҳумҳои худаш ташаккул ёфта, инкишоф меёбад. Падидаҳои нав (смартшартномаҳо, савдои электронӣ, маркетплейс, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои компютерӣ, барномаҳои мобилӣ ва ғ.) дар ФИР ҳоло арзи вуҷуд доранд. Ҳамаи ин дарки нави ҳуқуқро дар ФИР талаб мекунад. Дар натиҷа таваҷҷуҳи асосӣ на ба ҳуқуқи классикии дар меъёрҳо ифодашуда, балки фазои рақамии ҳуқуқӣ дода мешавад. Раванди мазкур тағйири куллиро дар методологияи назарияи классикии давлат ва ҳуқуқ ба миён меорад.

Усули таҳқиқи байнифаннӣ, ки истифодаи усулҳои ҳуқуқӣ ва дигари илмӣ, аз ҷумла техникиро тақозо дорад, мубрамӣ пайдо мекунад. Усули байнифаннӣ истифодаи якҷояи усулҳои ҳуқуқии дарки олами рақамӣ ва илмҳои дигари техникӣ, аз ҷумла кибернетика, информатикаро тақозо дорад.

Усули кибернетикӣ заминаи методологии таҳқиқи фазои иттилоотии рақамиро (ФИР) ташкил медиҳад. Калимаи «кибернетика» аз калиаи қадими юнонӣ «κυβερνητικη» (санъати идоракунии шаҳр-давлат) гирифта шуда, дар Юнинои Қадим ба маънои санъати идоракунӣ истифода мешуд. Н. Винер соли 1948 кибернетикаро ба маънои илм дар бораи идоракунӣ истифода мебарад. Кибернетика масъалаҳои консептуалии зеринро меомӯзад: «идоракунӣ ва коммуникатсия дар организмҳои зинда, мошинҳо ва ташкилотҳо, аз он ҷумла худташкилшавӣ»[21, с.74].

Кибернетика ҳамчун илми байнифаннӣ дар доираи математика, мантиқ, семиотика, физиология, биология, сотсиология ташаккул ёфта, ҳоло аз самтҳо ё

унсурҳои зерин иборат аст: назарияи идоракунӣ, назарияи математикии алоқа ва иттилоот, назарияи умумии системаҳо, таҳлили системавӣ, беҳсозӣ ё оптимизатсия (барномарезӣ, идоракунии мақбул, алгоритмҳои генетикӣ ва ғ.), таҳқиқи амалиётҳо (назарияи бозиҳо ва қарорҳои оморӣ), зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумот ва қабули қарорҳо, техникаи роботӣ, техникаи системавӣ, дарёфткунӣ, нейрошабакаҳои сунъӣ ва нейрокомпютерҳо, назарияи муайянкунӣ ё муайянкунии шахс (идентификатсия), нназарияи алгоритмҳо, назарияи ҷадвалҳо ва хизматрасонии оммавӣ, лингвистикаи математикӣ, назарияи барномасозӣ, синергетика ва дигар. Дар баробари кибернетикаи умумӣ, ҳамчунин, кибернетикаҳои махсус (техникӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ) ва дар дохили онҳо кибернетикаи техникӣ, биологӣ, тиббӣ, иқтисодӣ, физикӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ, квантӣ, кайҳонӣ ҷудо карда мешаванд [21, с.74-75].

Ташаккули кибернетика ва информатика ҳадафҳои нави таҳқиқоти илмӣ, аз он ҷумла илми ҳуқуқиро муайян мекунад. Мафҳумҳои «киберфазо», «кибersоҳибихтиёрӣ», «киберамният», «киберҷиноятҳо», «кибертерроризм» ва дигар, ки ҳоло истифода мешаванд, бо истилоҳи «кибернетика», аз ҷумла пешоянди «кибер» алоқаманданд.

Бо баробари ихтирои мошинҳои ҳиссоббаробаркунии электронӣ (МҲЭ) ақидаҳои автоматикунонии ҳуқуқ, ё автоматикунонӣ дар соҳаи ҳуқуқ бо мақсади ташаккул додани ҳуқуқи автоматӣ ё ҳуқуқе, ки мошин мехонад, паҳн мешавад. Тавре М.А. Орлов қайд мекунад, ақидаҳои автоматикунонӣ дар ҳуқуқ солҳои 50-уми асри гузашта пешниҳд шуда, инкишофи онҳо якчанд даврaҳоро дар бар мегирад Ақидаи мазкур соли 1949 дар асари Ли Ловенгер пешниҳод шуда, сипас, дар асарҳои Л. Мел, (таҳия ва қабули автоматии қонунҳо дар доираи «мошинҳои иттилоотӣ» ва «мошинҳои машваратӣ»), Брюс Г.Бюкенен, Томас Е. Хедрик, Д.Т. Шеннон, Р. Сасскинд таҳлил мешавад [22]. Ақидаи иттилоотонии ҳуқуқ дар асари А.Б. Венгеров, асари якҷояи АА.Б. Венгеров, И.С. Самошенко, В.И. Никитинский таҳқиқ мешавад.

Зарурати татбиқи усулҳои информатика, кибернетика ва математика дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ дар асарҳои В.Н. Кудрявсев собит шуда буд [22, с.100]. Ақидаҳои ӯ доир ба истифодаи кибернетика дар фаъолияти ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ҳамчун илми дақиқ, ҳамчун падидаи зиндаи иҷтимоӣ, фарқи тафаккури инсон аз тафаккури «мошин» (яъне МЭҲ) [19, 14-15] ҳоло мубрам мебошанд.

Истифодаи усулҳои компютерӣ ва системаҳои иттилоотӣ дар соҳаи ҳуқуқ «дар кишварҳои сотсиалистӣ номи кибернетикаи ҳуқуқӣ, дар хориҷа бошад, аз ҷониби як қатор муҳаққиқон номи «юскибернетика»-ро мегирад» [37]. Илова бар ин, кибернетикаи ҳуқуқӣ дар баробари «информатикаи ҳуқуқӣ, ки диққати асосиро ба ҷустуҷӯи иттилоот медиҳад, ҳамчунин, самти моделикунонии ҳуқуқии кибернетикиро дар бар мегирад»[37]. Моделикунонии компютерӣ дар асоси усулҳои ҳисоббарории истеҳсолӣ ҳамчун «ҳуқуқ ва зеҳни сунъӣ» [37] номгузорӣ карда мешавад.

Тибқи иттилои С.А. Маркунсов ва С.В. Полубинская масъала оид ба истифодаи кибернетика дар ҳуқуқ ва илми ҳуқуқшиносии шуравӣ, аз ҷумла дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, зкспертизаии судӣ, омори ҳуқуқӣ, омода намудани

кадрҳои ҳуқуқшинос дар нимаи дуюми солҳои 1960-ум ба миён гузошта мешавад. Дар ҳалли ин масъала саҳми арзандаро В.Н. Кудрявсев мегузорад. Солҳои 1960-1970 маҷмуи мақолаҳо дар соҳаи кибернетикаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла доир ба истифодаи техникаи ҳисоббаробаркунӣ барои ҷустуҷӯи маводи меъёрӣ, инчунин дар криминология, криминалистика, экспертизаи судӣ нашр мешаванд [19, с.13-14].

Аввалин воситаи таълимии «Асосҳои истифодаи кибернетика дар илми ҳуқуқшиносӣ» соли 1977 нашр шуда буд. Дар он зарурати истифодаи усулҳои кибернетика бо дарназардошти хусусияти системавӣ доштани падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ исбот карда мешавад. Ақидаи мазкур дар доираи таҳлили системаи «ҳуқуқ – муносибатҳои ҷамъиятӣ» ва «системаи танзими ҳуқуқӣ» асоснок карда мешавад [8, с.109].

Усулҳои кибернетикӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла таҳқиқи сохторҳои таркибии ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Ба андешаи А.Р. Пурге сохторҳои таркибии ҳуқуқӣ натиҷаи татбиқи «усули кибернетикии дарки ҳуқуқ ба раванди омӯзиши ҳуқуқ мебошад» [26, с.49]. Айни замон сохторҳои таркибии ҳуқуқӣ бо истифодаи усули моделикунонии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Ақидаҳо ва таклифҳои як қатор муҳаққиқон бо зарурати танзими ҳуқуқии равандҳои рақамикунонӣ алоқаманд буда, айни замон заминаи устувори илмӣ-методологӣ надоранд. Чунончи, А.В. Тонконогов таклиф пешниҳод мекунад, ки «ҳуқуқи кибернетикӣ (киберҳуқуқ)», «қонунгузории кибернетикӣ», «ҳуқуқи кибернетикии маданӣ», «ҳуқуқи кибернетикии меҳнатӣ» ва соҳаҳои дигари ҳуқуқи кибернетикӣ ҳарчи зудтар ташаккул дода шаванд, «асосҳои юридикии (ҳуқуқӣ ва қонунгузории) робитаи иҷтимоӣ бо зеҳни сунъӣ ҳам дар сатҳи фардӣ, коллективӣ, оммавӣ ва ҳам давлатӣ, байнидавлатӣ ва байналмилалӣ ташаккул дода шаванд» [36].

Агар дар илми ҳуқуқии шуравӣ ва қисман пасошуравӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи усулҳо ва назарияҳои кибернетика дар фаъолияти ҳуқуқӣ дода шавад, пас дар илми хориҷӣ ҳамаи таҳқиқоти илмӣ дар доираи «юриметрика» ба роҳ монда мешавад. Ба ақидаи поягузори ин самти таҳқиқи илмӣ – Ли Ловенгер (соли 1949) истифодаи методологияи илмӣ ва технологияҳои кибернетикӣ зинаи нав дар инкишофи илм мебошад. Аз охирҳои солҳои 1950-ум сар карда, ақидаи юриметрика ва истифодаи кибернетика дар ҳуқуқ на танҳо дар Амрико, балки Аврупо мубрамӣ пайдо мекунад. Дар охири солҳои 1950-ум робертМорган (Донишгоҳи штати Оклахома) тавассути системаҳои компютерӣ шакли электронии китобхонаи ҳуқуқиро ташкил мекунад. Солҳои 1959-1960 бо кӯшишҳои Ҷессики Мелтон ва Роберт Бенсинг (донишгоҳи ш. Клевленд) имконияти ҷустуҷӯи маводи зарурӣ бо ёрии истилоҳҳо (дар доираи усули рамзикунонии семантикӣ) пайдо мешавад. Солҳои 1958-1962 Ҷон Хорти ва Уилям Кел (донишгоҳи Питтсбург) таҳқиқоти илмиро доир ба нигоҳдорӣ ва батартибдарории электронии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд. Солҳои 1960-ум системаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯкунандаи индексӣ (мутобиқи индекси KWIK ва SDI), аз ҷумла индекси CREDOC, ки махзани электронии онро 60 000 ҳуҷҷат ташкил медод, ихтироъ карда мешаванд. Солҳои 1960-1970-ум дар ИМА,

Британияи Кабир, Канада, Шветсия системаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯкунандаи индексӣ, ки дастрасиро ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар ҳаҷми пурра таъмин менамуданд, истифода мешаванд. Солҳои 1980-ум технологияҳои зеҳни сунъӣ дар ин соҳа истифода мешванд (моделикунонии консептуалӣ). Минбаъд системаҳои ҷустуҷӯи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ дар заминаи технологияҳои зеҳни сунъӣ пешниҳод шуда, имконияти дастрасиро ба донишҳои ҳуқуқӣ таъмин мекунанд. Системаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ (СИҶ) дар давлати шуравӣ, аз ҷумла СИҶ «Право - 1» (с. 1973), СИҶА (автоматишуда) «Қонунгузорӣ» (соли 1982)», СИҶА «ЮСИС» (1989) ва пасошуравӣ – СИҶА «Гарант» (1990), «Закон» ва «Кодекс» (1991), «КонсултантПлюс» (1992), «Система» (1993) тарҳрезӣ карда мешаванд [37].

А.П. Анисимов ва С.В. Рибак дурнамои рушди илми ҳуқуқшиносиро бо истифодаи нейрошабакаҳои матнӣ ва графикӣ, аз ҷумла ChatGPT алоқаманд намуда, айни замон маҳдудиятҳои этикӣ (яъне аз лиҳози этикаи илмӣ) ва ҳуқуқии онро ба инобат мегиранд. Аз ин хотир, истифодаи ChatGPT дар як қатор мактабҳои штати Ню-Йорк манъ шудааст, Илон Маск ва 100 нафар экспертҳоии ҷонибдори ӯ соли 2023 талаби манъ намудани рушди нейрошабакаҳоро бо дарназардошти таъсири манфии онҳо ба амният ва тамаддуни инсонӣ пешниҳод намуданд, маҷаллаҳои Scopus истифодаи зеҳни сунъиро ҳангоми навиштани мақолаҳои илмӣ манъ намуданд Мақола дар ҳолати истифодаи зеҳни сунъӣ ҳамчун асардуздӣ баҳогузорӣ шуда, муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи бевиҷдон пазируфта мешавад) [2].

Ба ақидаи А.П. Анисимов ва С.В. Рибак ChatGPT (матнӣ) дар таҳқиқоти илмӣ «барои ҷамъбасти маводи илмӣ ё эмпирикӣ, гузаронидани таснифҳо, аниқтар намудани хулосаҳо ва ғ. метавонад, ки истифода шавад», аммо истифодаи матнҳои бо зеҳни сунъи генератсияшуда аз лиҳози этикӣ дуруст нест, аз ҷумла дар як қатор маҷаллаҳои илмӣ манъ шудааст»[2].

Дар як қатор донишгоҳҳо кафедраҳои ихтисосӣ бо мақсади омӯзиши ҳуқуқи иттилоотӣ ташкил дода шуда, муҳаққиқони он мустақилияти ҳуқуқи иттилоотӣ ва рақамиро исбот карданӣ мешаванд. Чунончи, В.А. Вайпан ва В.А. Северин доир ба ин масъала андешаи зеринро баён мекунанд: «Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ айни замон ташаккули соҳаи нави ҳуқуқ – ҳуқуқи рақамӣ, ки предмети танзими ҳуқуқии худро дорад, идома дорад» [5].

Т.А. Полякова ва Н.А. Троян рушди кибернетика ва информатикаро ҳамчун самтҳои илмии байнифаннӣ таҳқиқ намуда, ба хулоса меоянд, ки «усулҳои гносеологии таҳлили даврaҳои кибернетика, информатика ва иттилоотонӣ яке аз самтҳои калидии такмили асосҳои назариявӣ-методологӣ барои низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад» [24, с.215].

Ба ақидаи олимон дар илми ҳуқуқшиносӣ усулҳои таҳлили миқдорӣ ва баҳогузории сифатӣ, масалан, омори ҳуқуқӣ, экспертизаи ҳуқуқӣ, мониторинги ҳуқуқӣ истифода шаванд ҳам, вале таҳқиқот «дар соҳаи усулҳои зеҳни сунъӣ соҳаи ҳуқуқшиносиро камтар фаро мегиранд, ҳол он ки дарҳол пас аз ихтирои компютерҳо таҳқиқот оид ба ҷорӣ намудани воситаҳо, технологияҳо, системаҳо ва усулҳои компютерӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ оғоз шуда буд» [23, с.21].

Ба иттилои ин муаллифон дар доираи «юриметрика» (солҳои 1948-1960) зарурати истифодаи усулҳои ҳисобкунӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ исбот карда шуда, сипас, дар доираи «юскибернетика» (пас аз солҳои 1960-ум) ду самти таҳқиқоти байнифаннии компютерӣ-ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд: информатикаи ҳуқуқӣ ва моделикунонии ҳуқуқии кибернетикӣ. Таҳқиқотти зеҳни сунъӣ дар доираи кибернетика ҳуқуқӣ ва моделикунонӣ ба роҳ монда мешавад. Солҳои 1990-ум кӯшишҳои ихтирои компютерҳое, ки барои қабули қарорҳо қодиранд, инчунин дар соҳаи моделикунонии қонун натиҷа намедиҳанд. Аз соли 2010 сар карда системаҳои зеҳние, ки ба дониши ҳуқуқӣ, коркарди забони табиӣ, маълумоти калон асос меёбанд, ихтироъ карда мешаванд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, проблемаи интегратсияи илмҳои компютерӣ ва ҳуқуқӣ боқӣ мондааст [23].

Ба ақидаи М.В. Пугатский тарзҳои махсуси омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқукро усулҳои зерини хусусии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд: кибернетикӣ, моделикунонии математикӣ, сотсиологӣ, оморӣ, таҳлили таркибӣ. Моҳияти усули кибернетикиро «истифодаи мафҳумҳо ва воситаҳои техникии кибернетика барои таҳлили автоматӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи иттилооти ҳуқуқӣ» [25, с. 102] ташкил медиҳад. Моҳияти усули моделикунонии математикиро бошад, «тавсифи наздики падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ бо забони математика» ташкил медиҳад.

Такмили методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ ба таҳқиқи падидаҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Ин маънои онро дорад, ки ҳам методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳам методологияи таҳқиқи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ дар марҳилаи рақамикунонӣ такмил меёбад. Чунончи, И.В. Вершок шуури ҳуқуқиро дар доираи усули дарки байниилмӣ – истифодаи маҷмуии илмҳои равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва кибернетика таҳқиқ намуда, шуури ҳуқуқиро ҳамчун «шакли идеалии инъикооси унсурҳои ҷудогонаи воқеияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ» [6, с. 404] шарҳ медиҳад.

Яке аз функсияҳои муҳимми методологияи назарияи давлат ва ҳуқукро таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотии рақамӣ, аз ҷумла блокчейн, зеҳни сунъӣ (ЗС), ҳуқуқҳои инсон дар ФИР ташкил медиҳад. ФИР ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ дарк карда мешавад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки дар ФИР пайдо мешаванд, мубрамӣ пайдо мекунад. Таҳқиқи ФИР истифодаи усулҳои рақамии таҳқиқро, ба мисли Big Data, ЗС талаб мекунад.

Усулҳои рақамии таҳқиқи илмӣ – Big Data ва алгоритмҳои ЗС ба истифодаи маълумоти калонҳаҷм асос меёбанд. Ин усулҳо дар раванди таҳлили ҳуқукэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқ, таҷрибаи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, омори ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Онҳо якҷоя бо усулҳои математикӣ истифода мешаванд.

Дар раванди таҳқиқи ФИР усулҳои зерин мубраманд: усули системавӣ-иттилоотии ҳуқуқӣ, ки ба дарки ҳуқуқ ҳамчун рамз, гардиши иттилооти ҳуқуқӣ, робитаҳои ҳуқуқӣ дар ФИР мусоидат менамояд; усули моделикунонии ҳуқуқӣ дар ҷараёни тарҳи молелҳои падидаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла моделикунонӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ, инчунин қабули санадҳои ҳуқуқӣ; усули таҷрибавӣ-пешгӯикунӣ бо мақсади таҳқиқи раванди эҳтимолии амалишавии меъёрҳои

ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла дар ҳолатҳои ғайричашмдошт; усули таҳлили алгоритмӣ (таҳлили табиати ҳуқуқии смартшартномаҳо ва нейрошабакаҳо, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқ бо забони рамзи барномавӣ ифода карда мешаванд); усули антропологии ҳуқуқӣ (таҳқиқи тағйири вазъи ҳуқуқии инсон бо таъсири технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла таҳлили ҳуқуқҳои рақамӣ, шахсиятҳои рақамӣ).

Методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар ҷомеаи рақамӣ бо таҳлили воқеият маҳдуд нашуда, функсияи пешгӯиро иҷро мекунад. Дар доираи функсияи мазкури методологӣ як қатор масъалаҳои мубрам, аз ҷумла тағйири минбаъдаи ҳолати воқеӣ ва вазъи ҳуқуқии инсон дар ҷомеаи рақамӣ, тағйири доираи ҳуқуқҳои инсон, имкониятҳо барои риояи ғояҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии адолат ва инсондӯстӣ ҳангоми қабули қарорҳо бо истифодаи зеҳни сунъӣ (ЗС), хусусиятҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ, алалхусус ЗС дар фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ва ғ. ҳал карда мешаванд.

Трансформатсияи рақамӣ бо ташаккули субъектҳои нави муносибатҳои рақамӣ робита дорад. Дар асарҳои илмӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад, чунки он бо масъалаи бунёдии назариявӣ – танзими ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ақидаҳои олимон оид ба доираи субъектҳои олами рақамӣ зиёданд. Чунончи, И.А. Воронина ва А.В. Кирпичникова субъектҳо ва муносибатҳои зерини ҳуқуқи «рақамӣ»-ро ҷудо мекунанд: субъектҳо ва муносибатҳои рақамӣ ва шабакавӣ, дар фазои маҷозӣ, муносибатҳое, ки бо ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ дар фазои шабакавӣ, истифодаи дастовардҳои зеҳни сунъӣ, объектҳои «ғайрианъанавӣ», маълумоти калони рақамӣ, бо ирсоли муносибатҳои ҷамъиятӣ ба фазои шабакавӣ алоқаманданд [7, с.111].

В.А. Северухин татбиқи усулҳои кибернетикӣ ва математикиро зимни таҳқиқи давлат, аз ҷумла тавассути истифодаи «диафрагма ё ҷадвалҳо, инчунин усули моделикунонӣ», масалан, усули моделикунонии давлат зарур мешуморад [32, с.68-69]. Дар илми ҳуқуқшиносӣ дар иртибот бо тағйири нақш ва функсияҳои давлат дар ҷомеаи рақамӣ мафҳумҳои «давлати рақамӣ», «давлати электронӣ», «давлати шабакавӣ», «давлати маҷозӣ» пешниҳод мешаванд. С.В. Липен ҳамаи ин мафҳумҳоро синоним мешуморад. Ба андешаи ӯ «давлати маҷозӣ ба таври физикӣ вуҷуд надорад», «сарҳадҳои замон ва фазо надорад» [16, с.33]. Ҳолатҳои зерин табиист, ки методологияи дарки давлатро тағйир медиҳанд. Чунончи, Р.А. Ромашов қайд мекунад, дар шароити рақамикунонӣ «state of law (тартиботи миллии ба забони миллии анъанаҳои ҳуқуқӣ асосёфта дар ҳуқуқи миллӣ) ҷойи худро ба digital state медиҳад, ки пояи онро технологияи рақамӣ ташкил дода, забони миллӣ бо рамзи рақамӣ иваз мешавад» [28, с. 72].

Ташаккули олами маҷозӣ дар баробари олами воқеӣ табиист, ки ба тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат мекунад. Чунончи, таклифҳо доир ба зарурати таҳқиқи ҳуқуқ дар доираи таносуби олами маҷозӣ ва олами воқеӣ пешниҳод мешаванд [40, с.100]. Ҳамзамон бо ин, дар раванди дарки илмии падидаҳои нави ҷомеаи рақамӣ ақидаҳои гуногун, ки аз лиҳои методологӣ қобили қабул нестанд, пешниҳод мешаванд. Муаллифони ин ақидаҳо падидаҳо ва мафҳумҳои анъанавиро, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлат, давлати миллӣ,

ҳуқуқи миллиро зери шубҳа қарор медиҳанд, ё рад мекунанд. Ба ақидаи онҳо трансформатсияи рақамӣ имкониятҳои давлати миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатро то ҳадди имкон маҳдуд мекунад. Барои исботи ин андешаҳо далелҳои гуногун оварда мешаванд.

Чунончи, ба андешаи В.О. Саяпин иқтидори давлати муосир «дар иртибот бо ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодии марказонидашуда, ҳамчунин, ҷаҳонишавии ВАО, коммуникатсияи электронӣ ва ҷаҳонигардии ҷиноятҳо ба таври ҷиддӣ халалдор мегардад» [31, с.164].

Ба андешаи Д.С. Линкин-Хард ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеаи рақамӣ «на тавассути санадҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ, балки бо ёрии инфрасохтори рақамӣ – интерфейсҳо, барномаҳо, платформаҳо амалӣ карда мешавад» [15, с.34]. Мутобиқи андешаи дигари ӯ давлати муосир бо субъектҳои рақамие робита дорад, ки «қонунӣ будани онҳо берун аз фазои ҳуқуқӣ – тавассути обрӯи иҷтимоӣ, ҷонибдории маҷозӣ ва сафарбаркунии шабакавӣ ташаккул меёбад» [15, с.34].

Ба ин нигоҳ накарда, олимони зиёд ҷонибдори ақидаи классикии давлати миллӣ ва соҳибихтиёрии давлат мебошанд. Чунончи, Э.В. Талапина муътақид аст, ки модификатсияи давлатдории миллӣ маънои даст кашиданро аз соҳибихтиёрии давлат надорад [33]. Тавре С.В. Липен қайд мекунад: «Давлатдорӣ ва соҳибихтиёрӣ, ҳатмӣ будани муқаррарот ва имконияти маҷбурсозӣ аз байн намераванд, минбаъд ҳамчун асоси доктриналӣ ва конститутсионии сохти ҳуқуқӣ-сиёсии ҷомеа боқӣ мемонанд»[33].

Таҳқиқи ҷараёни тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ айни замон таҳлили раванди инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқро тақозо дорад, чунки дигаргуниҳои методологӣ боиси ба сатҳи нави инкишоф расидани илми мазкури бунёдӣ мегардад. Тавре Н.С. Латипова доир ба ин масъала қайд мекунад, дар шароити трансформатсияи танзими давлатӣ-ҳуқуқӣ «таҳқиқи инкишофи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи дигаргуниҳои рақамӣ мубрамии махсус пайдо мекунад» [14, с.9-10].

Таҳқиқи анҷомёфта имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин баён гарданд:

1. Инкишофи методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи трансформатсияи рақамии ҷомеа раванди ногузир буда, дар тағйири асосҳои методологии илми мазкур, таҷдиди назар гардидани усулҳои классикӣ, пешниҳоди усулҳои нави дарки равандҳо ва муносибатҳое, ки бо трансформатсияи рақамӣ алоқаманданд, ифода меёбад.

2. Ташаккули ФИР ҳамчун объекти дарки илмӣ ба инкишофи методологияи ҳамаи илмҳо, аз он ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ такони ҷиддӣ мебахшад. Ташаккул ва инкишофи фазои рақамии глобалӣ доираи мавзуи (предмети) таҳқиқи илмиро васеътар мегардонад, ба татбиқи усули таҳқиқи байниилмӣ (маҷмуи усулҳои илмҳои техникӣ, кибернетикӣ, табиатшиносӣ, дақиқ, гуманитарӣ) мусоидат менамояд.

3. Назарияи давлат ва ҳуқуқ илми бенёдии методологӣ, фалсафаи илми ҳуқуқшиносӣ буда, инкишофи асосҳои назариявӣ-методологии он ба инкишофи методологияи дарки ҳамаи падидаҳои давлаию ҳуқуқӣ, асосҳои методологии

илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Методология танҳо бо таҳқиқи илмӣ маҳдуд намешавад. Хусусияти илми ҳуқуқшиносӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар робита бо амалияи ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзими ҳуқуқӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ ташаккул ёфта, ҷанбаи амалӣ дорад. Назарияи давлат ва ҳуқуқ, илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ, алалхусус, илмҳои амалии ҳуқуқӣ (криминалистка, криминология, назорати прокурорӣ ва ғ.) бо амалияи ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, фаъолияти тафтишотӣ, назорати прокурорӣ, адолати судӣ, фаъолияти мурофиавӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, мубориза бо ҷиноятқорӣ, терроризм ва ғ.) робитаи бевосита ва ногузир дорад. Аз ин хотир, инкишофи методологияи илми ҳуқуқшиносӣ ба такмили методологияи таҳқиқи танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, адолати судӣ, мурофиаи судӣ, фаъолияти адвокатӣ, нотариалӣ, гумрукӣ ва ғ. мусоидат мекунад. Сухан дар бораи он меравад, ки методологияи илми ҳуқуқшиносӣ сатҳи умумиилмӣ ва амалӣ дорад.

4. Бо дарназардошти сатҳи умумиилмӣ ва амалии методологияи илми ҳуқуқшиносӣ (илмҳои умуминазариявӣ, соҳавӣ, махсуси амалӣ), ки хусусияти методологияи илми ҳуқуқшиносиро ташкил медиҳад, ташаккули фазои рақамӣ дар баробари ҷой доштани олами воқеӣ (объективӣ) табиист, ки ба методологияи илми ҳуқуқшиносӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, зарурати дарки ФИР-ро ногузир меардонад. Айни замон дарки фазои рақамӣ дар доираи методологияи илмӣ имконпазир аст. Бе дониши илмӣ, аз ҷумла дониши рақамӣ дарки олами рақамӣ душвор аст. Натиҷаҳои илмие, ки дар раванди таҳқиқоти ҷиддӣ ва васеи олами рақамӣ ба даст меоянд, танҳо бо соҳаи илм маҳдуд нашуда, аҳаммияти амалӣ доранд, чунки ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, татбиқи онҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо, дар фаъолияти тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, криминалистӣ, нотариалӣ, адвокатӣ, гумрукӣ ва ғ. мусоидат менамоянд.

Адабиёт

1. Алферова Е.В. Развитие государства в цифровую эпоху / Е.В. Алферова // Социальные и гуманитарные науки. Отечественная и зарубежная литература. Серия 4. // Государство и право. – 2020. – № 3. – С. 6-12.
2. Анисимов А.П., Рыбак С.В. О некоторых тенденциях и перспективах использования нейросетей в юридических исследованиях // Правовой порядок и правовые ценности. – 2024. – № 2 (4). – С. 9-16. https://doi.org/10.23947/2949-1843-2024-2-4-9-16.
3. Арзамасов Ю.Г. Проблемы развития системы права в современной России // Проблемы системы и систематизации законодательства: сборник статей / под ред. В.Б. Исакова и Е.Н. Салыгина. Национальный исследовательский университет «Высшая школа экономики». Факультет права. Кафедра теории и истории права. – М.: «Юриспруденция», 2018. – С. 82-92.
4. Быстрова А.А. Цифровое государство и перспективы развития экономики России / А.А. Быстрова // Экономика. Бизнес. Финансы. – 2019. – № 11. – С. 30–34.

5. Вайпан В.А., Северин В.А. Традиции и развитие исследований в сфере правовой информатики, информационного и цифрового права // Вестник Московского университета. – Серия 11. Право. – 2024. – № 6. – С. 123-140. DOI: 10.55959/MSU0130-0113-11-65-6-8.
6. Вершок И.Л. Междисциплинарный подход к анализу динамики правового сознания // Сибирское юридическое обозрение. – 2020. – Том 17. – № 4. – С. 438-454.
7. Воронина И.А., Кирпичникова А.В. Государство и право в условиях цифровой реальности // Аграрное и земельное право. – 2025. – № 6. – С. 110-111.
8. Гальперин Л.Б., Бочкарев Н..П., Лоскутов А.П. Рецензия на учебное пособие: «Основы применения кибернетики в правоведении» / Под ред. Н.С. Полевовго и Н.В. Витрука. – М.: Юридическая литература, 1977. – 272 с.
9. Головкин Р.Б. Механизмы цифровизации права и юридический комплекс: учебное пособие / Р.Б. Головкин, Е.Р. Крайнова, В. С. Манохин; под редакцией Р.Б. Головкина. – Владимир: Издательство ВлГУ, 2022. – 170 с.
10. Данилова Л.Н. Цифровая гуманитаристика в педагогическом образовании // Профессиональное образование в России и за рубежом. – 2021. – №4 (44). – С. 56-64.
11. Дзидзоев Р.М. Цифровая (электронная) демократия в России: понятие и пределы / Р.М. Дзидзоев, А.С. Лолаева // Юридический вестник Кубанского государственного университета. – 2022. – № 14 (2). – С. 14-17.
12. Колоткина О.А. К вопросу о влиянии процессов цифровизации на понятийно-категориальный аппарат дисциплины «Теория государства и права» / О.А. Колоткина // Юридическое образование и наука. – 2022. – № 6. – С. 12–17.
13. Концепция цифрового государства в цифровой правовой среде: монография / Н.Н. Черногор, Д.А. Пашенцев, М.В. Залоило [и др.]; под общей редакцией Н.Н. Черногора, Д.А. Пашенцева. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2021. – 244 с.
14. Латыпова Н.С. Государство и право в условиях цифровизации // Правовое государство: теория и практика. – 2020. – № 4 (62). – С. 9-10.
15. Линкин-Хард Д.С. Необходимость реформирования институтов публичной власти и гражданского общества в условиях цифровизации // Государственная служба и кадры. – 2025. – № 2. – С. 32-36.
16. Липень С.В. Аспекты виртуализации политической жизни и виртуальное государство в современных юридических исследованиях // Актуальные проблемы российского права. – 2022. – Том 17. – № 1. – С. 31-40.
17. Лонская С.В. Цифровая история права: начала методологии // *Journal of Digital Technologies and Law*. – 2024. – №2. – С. 14-33. https://doi.org/10.21202/jdtl.2024.2.
18. Малахов В.П. Проблема правопонимания в условиях цифровой реальности / В.П. Малахов, Г.М. Азнагулова // Вестник МГПУ. Серия: Юридические науки. – 2021. – № 2 (42). – С. 37–44.

19. Маркунцов С.А., Полубинская С.В. Научные труды В.Н. Кудряцева: вчера, сегодня, завтра // Право. Журнал Высшей школы экономики. – 2023. – Том 16. – № 3. – С. 4-33. DOI:10.17323/2072-8166.2023.3.4.33.

20. Можаева Г.В. Цифровая гуманитаристика: организационные формы и инфраструктура исследований / Г.В. Можаева, П.Н. Можаева Ренья, В.А. Сербин // Вестник Томского гуманитарного университета. – 2014. – № 389. – С. 73-81.

21. Новиков Д.А. Кибернетика 2.0 // Проблемы управления. – 2016. – № 1. – С. 73-81.

22. Орлов М.А. Возникновение и развитие идей автоматизации в праве во второй половине XX века // Историко-правовые проблемы: Новый ракурс. – 2021. – № 1. – С. 93-102.

23. Поляков Е.В., Мецкер О.Г. Право и искусственный интеллект: направления и перспективы научных исследований и разработок // Актуальные вопросы развития государственности и публичного права. Материалы V Международной научно-практической конференции, 2019. – С. 21-28.

24. Полякова Т.А., Троян Н.А. Трансформация государственного управления в Российской Федерации: от кибернетики, информатики к цифровизации // Правовая информатика. – 2025. – № 4. – С. 215-226. DOI: 10.24412/1994-1404-2025-4-215-226.

25. Пугацкий М.В. Вопросы методологии теории государства и права // Интеграция науки и практики в современных условиях. Сборник научных трудов. Научный редактор А.Х. Цечоева. – М., 2018. – С. 98-103.

26. Пурге А.Р. Юридические конструкции как категория кибернетического метода познания права // Право и политика. – 2023. – № 6. – С. 48-58. DDI: 10.7256/2454-07070620236.40900

27. Радько Т.Н., Головина А.А. Современная системно-правовая теория: новый этап развития или методологический кризис? // Государство и право. – 2017. – № 2. – С. 34-40.

28. Рузуваев Н.В., Шмарко И.К. Обзор научно-практической конференции «Третьи Баскинские чтения. Право и государство информационной эпохи: новые вызовы и перспективы» (Санкт-Петербург, 28 апреля 2021 г.) // Теоретическая и прикладная юриспруденция. – 2021. – №3 (9). – С. 67-89.

29. Савенко Н.Е. LegalTech в цифровой экономике и правовом регулировании экономической деятельности граждан / Н.Е. Савенко // Право. Журнал высшей школы экономики. – 2023. – Т. 16. – № 1. – С. 145–170.

30. Савина С.И. Цифровая форма реализации функций государства: теоретико-правовые аспекты и ее значение в государственно-правовой действительности / С.И. Савина // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2022. – № 2 (58). – С. 217-225.

31. Саяпин В.О. Технологии виртуализации политической власти в информационную эпоху // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – 2015. – № 8-1 (58). – С. 159-166.

32. Северухин В.А. Подходы к пониманию государственности // Вестник МГПУ. Серия: Юридические науки. – 2010. – № 2. – С. 66-72.
33. Талапина Э.В. Государственный суверенитет в информационном пространстве: новые задачи права // Государство и право. – 2018. – № 5. – С. 60-67.
34. Талапина Э.В. Право и цифровизация: новые вызовы и перспективы / Э.В. Талапина // Журнал российского права. – 2018. – № 2. – С. 5–17.
35. Тихомиров Ю.А. Право в современном мире: векторы развития // Государство и право. – 2017. – № 5. – С. 5–10
36. Тонконогов А.В. Киберправо и киберзаконодательство: юриспруденция кибернетического общества // Закон и право. – 2026. – № 01. – С. 97-100. https://doi.org/10.24412/2073-3313-2026-01-97-100
37. Трофимов Е.В., Мецкер О.Г. Использование компьютерных методов и систем в изучении права, интеллектуальном анализе и моделировании правовой деятельности: систематический обзор // Труды ИСП РАН. – 2020. – Том 32. – Выпуск 3. – С. 147-170. DOI: 10.15514/ISPRAS–2020–32(3)–13.
38. Фуллер Л.Л. Мораль права / Л.Л. Фуллер; пер. с англ. Т. Даниловой. – М., 2019. – 305 с.
39. Хабриева Т.Я. Право перед вызовами цифровой реальности / Т.Я. Хабриева // Журнал российского права. – 2018. – №9 (261). – С. 5–16.
40. Хабриева Т.Я., Черногор Н.Н. Право в условиях цифровой реальности // Журнал российского права. – 2018. – № 1. – С. 85-102.
41. Шабуров А.С. Проблемы права в условиях цифровизации общества / А.С. Шабуров // Вестник Уральского юридического института МВД России. – 2021. – № 4. – С. 7–14.
42. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2025. – 1000 с.
43. Шарофзода Р.Ш. Перспективы развития юридической науки в эпоху цифровой трансформации общества // IV Международная научно-практическая конференция на тему: «Юридическая наука и практика» (г. Душанбе, 18 апреля 2025 г.). – Душанбе, 2025. – С. 71-75.
44. Шарофзода Р.Ш. Рақамикунонии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2 (38). – С. 6-34.
45. Шарофзода Р.Ш. Таҳаввули нуқтаҳои назар ва методолгияи тарбияи ҳуқуқӣ дар давраи пасошуравӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1 (37). – С. 7-32.
46. Шарофзода Р.Ш. Ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар шароити рақамигардонии ҷомеа // Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ. Маҷаллаи илмӣ. – 2025. – №2 (66). – С. 91-99.
47. Шарофзода Р.Ш. Этико-психологические аспекты информатизации юридической деятельности // Правовая жизнь. – 2025. – №1 (49). – С. 17-38.
48. Шарофзода Р.Ш. Методологические проблемы юридической науки // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (Научный журнал). – 2023. – №3 (59). – С. 119-126.

49. Шарофзода Р.Ш. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ / Р.Ш. Шарофзода, Ҳ.С. Сафарбекзода // Фурӯғи илм. – 2024. – №3 (3). – С. 117-125.
50. Шарофзода Р.Ш. Информация как объект юридического научного познания и правового воздействия / Р.Ш. Шарофзода, Г.А. Шокиров // Правовая жизнь. – 2021. – № 3 (35). – С. 5-22.
51. Шахновская И.В. Понятие и признаки цифрового государства / И.В. Шахновская // Вестник Полоцкого государственного университета. Серия D: Экономические и юридические науки. Юридические науки. – 2022. – № 6. – С. 134–137.
52. Ягофарова И.Д. Обновление понятийно-категориального аппарата учебной дисциплины «Теория государства и права» в условиях цифровизации / И.Д. Ягофарова // Теория и практика мировой науки. – 2023. – № 7. – С. 51–54.

Тағйири объект, предмет ва методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи трансформатсияи рақамӣ

Таҳқиқи самтҳои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама, назарияи давлат ва ҳуқуқ дар марҳилаи трансформатсияи рақамӣ вазифаи аввалиндараҷаи методологӣ мебошад, чунки ба муайян намудани доираи имконпазир ва чашмдошти масъалаҳои таҳқиқшаванда, пешгӯии рушди таҳқиқоти илмӣ, илман асоснок намудани ақидаҳо, фарзияҳо, назарияҳои ҷудогона мусоидат менамояд. Методологияи дарки падидаҳо, равандҳо ва муносибатҳҳои нав, ки дар иртибот бо истифодаи технологияҳои рақамӣ пайдо шуданд, пешниҳоди мафҳумҳо ва категорияҳои нави илмӣ-назариявиро тақозо дорад. Рақамикунонӣ таҳлили нави дониши назариявии бунёдиро талаб мекунад, чунки трансформатсияи рақамӣ ба предмет ва методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ таъсир мерасонад. Тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар тағйири дарки ҳуқуқ ифода меёбад, чунки дар ҷомеаи рақамӣ шаклҳои рақамии ифодаи ҳуқуқ истифода мешаванд. Усули таҳқиқи байнифаннӣ (маҷмуӣ), ки истифодаи усулҳои ҳуқуқӣ ва дигари илмӣ, аз ҷумла техникиро тақозо дорад, мубрамӣ пайдо мекунад. Усули байнифаннӣ истифодаи якҷояи усулҳои ҳуқуқии дарки олами рақамӣ ва илмҳои дигари техникӣ, аз ҷумла кибернетика, информатикаро тақозо дорад. Ташаккули олами маҷозӣ дар баробари олами воқеӣ табиист, ки ба тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат мекунад. Таҳқиқи ҷараёни тағйири методологияи назарияи давлат ва ҳуқуқ айни замон таҳлили раванди инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқро тақозо дорад, чунки дигаргуниҳои методологӣ боиси ба сатҳи нави инкишоф расидани илми мазкури бунёдӣ мегардад. Ташаккул ва инкишофи фазои рақамии глобалӣ доираи мавзуи (предмети) таҳқиқи илмиро васеътар мегардонад, ба татбиқи усули таҳқиқи байниилмӣ (маҷмуи усулҳои илмҳои техникӣ, кибернетикӣ, табиатшиносӣ, дақиқ, гуманитарӣ) мусоидат менамояд. Инкишофи методологияи илми ҳуқуқшиносӣ ба такмили методологияи таҳқиқи танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, адолати судӣ, мурофиаи судӣ, фаъолияти адвокатӣ, нотариалӣ, гумрукӣ ва ғ. мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: объекти илм, предмети илм, методология, рақамикунонӣ, дониши рақамӣ, танзими ҳуқуқӣ, соҳаҳои ҳуқуқ

Изменение объекта, предмета и методолгии теории государства и права в эпоху цифровой трансформации

Исследование тенденций развития юридической науки, в первую очередь, теории государства и права в эпоху цифровой трансформации является первостепенной методологической задачей, поскольку способствует раскрытию прогнозируемого круга познавательных проблем, прогнозированию актуальных направлений научных поисков, научному обоснованию идей, гипотез, отдельных концепций. Методология познания явлений, тенденций и отношений, возникающих на фоне применения цифровых технологий, способствует выдвижению новых научных понятий и категорий. Цифровизация требует анализа фундаментальных теоретических знаний, поскольку цифровая трансформация оказывает влияние на предмет ва методологию теории государства и права. Изменения в методологии теории государства и права проявляется в процессе познания права, поскольку в цифровом обществе применяются цифровые формы выражения права. Междисциплинарный подход, предполагающий применение юридических и иных познавательных подходов приобретает актуальность. Междисциплинарный подход способствует применению юридических и иных неюридических методов познания цифрового мира, в частности, методов информатики и кибернетики. Формирование виртуального мира, парарарлельного миру объективному, разумеется, способствует изменению методологии теории осударства и права. Анализ процесса изменения методологии теории государства и права протекает в рамках исследования развития теории государства и права, поскольку методологические преобразования способствуют изменению уровня данной фундаментальной науки. Формирование и расширение глобального цифрового пространства расширяет предмет научного познания, способствует активному применению междисциплинарого подхода (в рамках технических, кибернетических, естественно-научных, точных, гуманитарных наук). Развитие методологии юридической науки создает условия для развития методологии исследования правового регулирования, правотворчества, правосудия, судебного процесса, адвокатской, нотариальной, таможенной и иных видов юридической деятельности.

Ключевые слова: объект науки, предмет науки, методология, цифровизация, цифровые знания, правовое регулирование, отрасли права

Changes in the object, subject and methodology of the theory of state and law in the era of digital transformation

Researching development trends in legal science, primarily the theory of state and law, in the era of digital transformation is a primary methodological task, as it facilitates the identification of a predictable range of cognitive problems, forecasting current directions of scientific research, and providing a scientific justification for

ideas, hypotheses, and individual concepts. The methodology for understanding the phenomena, trends, and relationships emerging from the application of digital technologies facilitates the development of new scientific concepts and categories. Digitalization requires an analysis of fundamental theoretical knowledge, as digital transformation influences the subject and methodology of the theory of state and law. Changes in the methodology of the theory of state and law are reflected in the process of legal cognition, as digital forms of legal expression are used in a digital society. An interdisciplinary approach, involving the application of legal and other cognitive approaches, particularly technical ones, is becoming increasingly relevant. This interdisciplinary approach facilitates the application of legal and other non-legal methods of understanding the digital world, in particular, methods of informatics and cybernetics. The emergence of a virtual world parallel to the objective world naturally contributes to changes in the methodology of state and legal theory. Analysis of the process of changing methodology in state and legal theory is carried out within the framework of research into the development of state and legal theory, as methodological transformations contribute to enhancing the status of this fundamental discipline. The emergence and expansion of the global digital space expands the scope of scientific knowledge and facilitates the active application of an interdisciplinary approach (within the technical, cybernetic, natural, exact, and human sciences). The development of legal methodology creates the conditions for the development of research methodology in legal regulation, lawmaking, justice, litigation, advocacy, notarial, customs, and other legal activities.

Keywords: scientific object, scientific subject, methodology, digitalization, digital knowledge, legal regulation, branches of law

Шарофзода Рустам Шароф, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. Email: www-rustam-tj@mail.ru. Тел.: (992) 901000770

Шарофзода Рустам Шароф, Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор, профессор кафедры теории и истории государства и права. Email: www-rustam-tj@mail.ru. Тел.: (992) 901000770

Sharofzoda Rustam Sharof, Tajik national university, doctor of the legal sciences, professor, professor of the pulpit to theories and histories state and right. Email: www-rustam-tj@mail.ru. Тел.: (992) 901000770

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РАВЕНСТВА И НЕДОПУЩЕНИЯ ДИСКРИМИНАЦИИ

Рахмон Д.С.,
Сироджидинова М.Ш.
Таджикский национальный университет

Введение. Равенство и его обеспечение представляет собой не только самостоятельную конституционно-правовую ценность, но и необходимое условие фактической реализации всего комплекса прав и свобод человека. Для нынешней правовой системы Республики Таджикистан настоящий вопрос приобрёл новое вектор после принятия в 2022 году специализированного нормативного правового акта, а именно Закон Республики Таджикистан «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации». Необходимо отметить, что регулирование данного вопроса вышло за рамки традиционной модели, при которой запрет дискриминации был распределён между Конституцией и отдельными отраслями права, и было дополнено универсальными понятиями, институциональными механизмами и специальными способами защиты.

Конституционный аспект такого развития сформулирована достаточно конструктивно. Так, в соответствии со статьёй 5 Конституции Республики Таджикистан человек, его права и свободы признаются высшей ценностью, а государство обязуется признавать, соблюдать и защищать права и свободы человека и гражданина [1, с. 72]. Логическая продолжение данной нормы встречается в статье 17 устанавливает, что все равны перед законом и судом, а государство гарантирует права и свободы независимо от национальности, расы, пола, языка, религиозных убеждений, политической позиции, социального положения, образования и имущественного положения; одновременно непосредственно закреплено равноправие мужчин и женщин [1, с. 80]. Конституционная категория равенства в Республике Таджикистан имеет двойное содержание. С одной стороны, закрепляется юридическое равенство всех перед законом и судом. С другой, предусматривается запрет неблагоприятного различия в правовом положении по названным Конституцией признакам. Поэтому содержание статьи 17 не следует сводить к требованию одинакового обращения с каждым лицом при любых обстоятельствах. Конституционное равенство требует одинакового правового отношения к лицам, находящимся в сопоставимой ситуации, и допускает объективно обоснованную дифференциацию, когда для нее имеется законная цель и правовое основание.

Дополнительное значение имеет статья 10 Конституции, закрепляющая её высшую юридическую силу и непосредственное действие, а также положение о том, что признанные Таджикистаном международные правовые акты являются составной частью правовой системы и при расхождении с национальным законом применяются нормы таких международных актов[1, с. 74-75]. Тем

самым принцип равенства развивается одновременно по конституционному, международно-правовому и отраслевому направлениям.

Обсуждение. Проведенный анализ позволяет выделить несколько этапов развития законодательства Республики Таджикистан в исследуемой сфере. Так, первый этап характеризуется формированием конституционного фундамента равенства и постепенным закреплением соответствующих гарантий в отраслевых нормативных правовых актах. Центральным событием стало принятие Конституции Республики Таджикистан 6 ноября 1994 года, заложившей универсальный принцип равенства.

В последующем отдельные аспекты недопустимости дискриминационного обращения получили выражение в семейном, трудовом, уголовном и других сферах законодательства. При этом регулирование не представляло единой системы: разные отрасли использовали собственную терминологию, определяли различные перечни защищаемых признаков и связывали нарушение равноправия с неодинаковыми юридическими последствиями.

Особое значение имел Закон Республики Таджикистан от 1 марта 2005 года №89 «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации». Официальная действующая редакция определяет целью закона обеспечение конституционного равноправия мужчин и женщин в экономической, социальной, политической, культурной и других сферах и предупреждение дискриминации по признаку пола [4].

Данный Закон существенным образом конкретизировал равенство применительно к трудовым отношениям. Его статья 13 возлагает на работодателя обязанность обеспечивать мужчинам и женщинам равные возможности при заключении трудовых договоров, равный доступ к вакантным должностям, равное вознаграждение за одинаковую или равноценную работу, равные возможности для повышения квалификации, переподготовки и служебного продвижения, а также одинаково безопасные условия труда [4].

Существенным последующим этапом стало принятие Трудового кодекса Республики Таджикистан 23 июля 2016 года №1329. Его система принципов включает запрет дискриминации и равенство прав и возможностей работников. Статья 5 закрепляет возможность свободного выбора труда без дискриминации, а статья 7 непосредственно запрещает дискриминацию в трудовых отношениях и допускает обращение лица, считающего себя дискриминированным, в суд [2].

Таким образом, к началу 2020-х годов в Таджикистане уже существовал значительный массив антидискриминационных гарантий. Однако они преимущественно развивались внутри отдельных отраслей и не содержали общего для всей правовой системы определения дискриминации и ее многочисленных форм.

Качественное изменение произошло с принятием Закона Республики Таджикистан от 19 июля 2022 года №1890 «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации». Его назначение прямо определяется как установление организационно-правовых основ равных прав и возможностей для всех лиц и системы предупреждения и эффективной защиты от всех форм дискриминации.

Закон был подписан 19 июля 2022 года под №1890. Его официальный текст размещен в базе Национального центра законодательства [5].

Новизна данного нормативного акта проявилась прежде всего в содержательной детализации понятия дискриминации. Закон связывает ее не только с прямым умалением права, но с любым различием, исключением, ограничением или предпочтением по реальному либо предполагаемому признаку, если целью или следствием является ухудшение, уничтожение или умаление равного признания, использования либо осуществления прав и свобод. В перечень прямо включены раса, цвет кожи, происхождение, пол, язык, религия и убеждения, национальная или этническая принадлежность, инвалидность, состояние здоровья, возраст, гражданство, взгляды, имущественное положение и иные обстоятельства. Кроме того, дискриминацией признается отказ в разумном приспособлении.

Закон расширяет доктрину недискриминации за счет категорий прямой и косвенной дискриминации, преследования, сексуального домогательства, преследования на рабочем месте, подстрекательства к дискриминации, сегрегации, виктимизации, множественной, повторной и длительной дискриминации и позитивных мер. В частности, преследование на рабочем месте определяется через повторяющееся нефизическое воздействие, унижающее лицо и направленное на ухудшение условий труда или профессионального статуса. Закон одновременно признает позитивные меры временными специальными законодательными, административными и практическими средствами, применяемыми для преодоления неблагоприятного положения и достижения фактического равенства.

Не менее принципиальным стало институциональное оформление защиты. Уполномоченный по правам человека определен как уполномоченный государственный орган в сфере равенства и ликвидации всех форм дискриминации. Ему предоставлены полномочия рассматривать жалобы, изучать случаи дискриминации по собственной инициативе, содействовать примирению, направлять рекомендации о восстановлении прав, обращаться в суд в связи с неисполнением рекомендаций, информировать органы уголовного преследования при наличии признаков преступления, вести мониторинг и статистический анализ.

Последующий этап характеризуется не столько принятием еще одного универсального антидискриминационного закона, сколько развитием механизмов его применения и приведением отраслевого законодательства в соответствие с общей моделью.

Новейшее направление данного процесса связано с Законом Республики Таджикистан «Об обеспечении прав и социальной защите лиц с инвалидностью» от 17 июня 2026 года №2278. Официальная база Национального центра законодательства указывает, что закон является действующим. В нем введено самостоятельное понятие дискриминации по признаку инвалидности и состояния здоровья, а к принципам государственной политики отнесены запрет такой дискриминации, полное и эффективное участие и интеграция в общество,

равенство возможностей и доступность. Статья 20 гарантирует отсутствие ограничения прав по признаку инвалидности и судебную либо иную предусмотренную законодательством защиту [6].

Следовательно, развитие после 2022 года не устранило отраслевую дифференциацию, а изменило ее характер: специальные отраслевые нормы все больше формируются внутри единой антидискриминационной парадигмы.

Трудовая сфера представляет собой один из наиболее сложных объектов антидискриминационного регулирования, поскольку дискриминация может возникнуть на любой стадии движения трудового отношения: еще до заключения договора, при определении условий труда и оплаты, при обучении и продвижении, при привлечении к дисциплинарной ответственности и при прекращении трудовых отношений [7, с. 130].

Статья 7 Трудового кодекса прямо включает отказ в приеме на работу в содержание запрещенной дискриминации. Закон Республики Таджикистан от 1 марта 2005 года №89 «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации» дополнительно требует равного доступа к вакантным должностям и равных возможностей при заключении трудовых договоров, профессиональной подготовке и продвижении. Закон Республики Таджикистан от 19 июля 2022 года №1890 «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации», в свою очередь, распространяет общую защиту на прямую и косвенную дискриминацию, преследование, сексуальное домогательство, виктимизацию и отказ в разумном приспособлении [2].

Отсюда следует важный правовой вывод: современная трудовая дискриминация в Таджикистане не должна оцениваться исключительно по статье 7 Трудового кодекса. Правоприменитель должен устанавливать также применимость специальных законов, поскольку именно их совместное применение позволяет охватить современные формы неблагоприятного обращения.

Контрольный механизм Трудового кодекса также имеет значение. Статья 361 закрепляет, что контроль за соблюдением трудового законодательства осуществляется уполномоченными государственными и негосударственными органами; статья 363 предусматривает общественный контроль со стороны профсоюзов и представителей работников; статья 364 устанавливает общее правило ответственности за несоблюдение требований Кодекса [2].

При этом Кодекс об административных правонарушениях содержит статью 139, устанавливающую ответственность работодателя за неисполнение в установленный срок предписания или указания государственного органа, осуществляющего контроль за соблюдением трудового законодательства. Следовательно, административно-правовой механизм может обеспечивать исполнение законных требований трудового надзора даже тогда, когда само первоначальное нарушение связано с трудовым правом [3].

Однако это обстоятельство нельзя отождествлять с наличием общего самостоятельного состава административного правонарушения «дискриминация». Полнотекстовый анализ предоставленной редакции Кодекса

об административных правонарушениях по термину «табъиз» выявил прямое употребление этого понятия в общих гарантиях гуманного обращения при применении административного принуждения: запрещаются физические и психические страдания, запугивание, дискриминация и унижение достоинства. Аналогичный запрет установлен применительно к целям административного наказания.

На основании этих положений нельзя сделать вывод о существовании универсального специального административного состава за любой факт дискриминации. В исследованной редакции Кодекса такой общий состав не был установлен. Следовательно, статья 22 Закона Республики Таджикистан от 19 июля 2022 года №1890 «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации», согласно которой лица отвечают за нарушение закона в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, является отсылочной нормой и сама по себе не создает административного состава правонарушения.

Принятие Закона Республики Таджикистан «Об обеспечении прав и социальной защите лиц с инвалидностью» от 17 июня 2026 года №2278 подтверждает продолжение законодательной детализации. В нем используются категория дискриминации по инвалидности, равенство возможностей и доступность, что концептуально согласуется с моделью Закона Республики Таджикистан от 19 июля 2022 года №1890 «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации». При этом статус Конвенции ООН о правах инвалидов требует точности: официальный международный реестр по состоянию на дату исследования фиксирует подписание Таджикистаном Конвенции, но не фиксирует ее ратификацию. Поэтому развитие национального права в этой сфере нельзя объяснять наличием уже вступившего для страны в силу договорного обязательства по Конвенции.

Одновременно сохраняется проблема различия между развитостью материально-правовых определений и разработанностью процедур реализации. Законодательство достаточно подробно определяет виды дискриминации, права пострадавших и компетенцию Уполномоченного, однако доказывание в суде, административно-деликтная квалификация и применение специализированных процедур требуют дальнейшей систематизации.

Заключение. Проведенное исследование показывает, что законодательство Республики Таджикистан в сфере равенства и недопущения дискриминации претерпело существенную качественную эволюцию.

Первоначальная конституционно-отраслевая модель исходила из универсального принципа равенства перед законом и судом и закрепления отдельных гарантий в отраслевом законодательстве. Следующим этапом стала специальная конкретизация отдельных направлений, наиболее выраженная в законодательстве о равноправии мужчин и женщин и трудовом законодательстве.

Принятие Закона Республики Таджикистан от 19 июля 2022 года №1890 «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации»стало системным рубежом: национальное законодательство получило универсальное понятие дискриминации и комплекс связанных с ним категорий — прямой и косвенной

дискриминации, отказа в разумном приспособлении, преследования, сексуального домогательства, сегрегации, виктимизации, множественной дискриминации и позитивных мер.

Вместе с тем полная нормативная гармонизация еще не достигнута. Перечни защищаемых признаков и используемая терминология Трудового, Семейного, Уголовного кодексов и специального Закона не тождественны. Само по себе такое различие не является коллизией, однако способно затруднить предсказуемое правоприменение и требует системного согласования.

Наиболее существенная процессуальная проблема связана с доказыванием. Закона Республики Таджикистан от 19 июля 2022 года №1890 «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации»требует от заявителя представить факты и подтверждающие материалы, тогда как в общем гражданском процессе действует правило доказывания сторонами собственных утверждений. Для публично-правовых споров предусмотрено возложение обязанности подтверждения законности на государственный орган. Дополнительное значение имеет установленный факт исключения в декабре 2022 года статьи 14 Закон Республики Таджикистан от 1 марта 2005 года №89 «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации», ранее закреплявшей специальную доказательственную обязанность работодателя. Следовательно, создание современной дифференцированной модели доказывания дискриминации является одним из наиболее обоснованных направлений дальнейшей реформы.

Административную и уголовную ответственность необходимо строго отделять от самого факта дискриминации. Действующий Уголовный кодекс предусматривает конкретный состав нарушения равноправия граждан, однако его применение требует наличия всех элементов состава преступления. В исследованном Кодексе об административных правонарушениях самостоятельный универсальный состав за любой факт дискриминации не подтвержден. Поэтому карательная реакция не может формироваться путем аналогии или расширительного толкования.

Следовательно, основной тенденцией развития законодательства Республики Таджикистан является переход от равенства как общего конституционного принципа – к равенству как развернутой межотраслевой системе материальных, процессуальных и институциональных гарантий**. Следующий этап должен быть связан не столько с дальнейшим увеличением числа декларативных запретов, сколько с обеспечением согласованности норм, доказуемости дискриминации, доступности эффективного средства правовой защиты и исполнимости решений компетентных органов.

Литература:

1. Конституция Республики Таджикистан была принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года и путём всенародного референдума были внесены изменения и дополнения 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22

мая 2016 года (На таджикском и русском языках). – Душанбе, «Нашриёти Гандж». – 2016. – 136 с.

2. Трудовой Кодекс РТ от 26.07.2016 года №1329. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://ncz.tj/search/node/%D1%82%D1%80%D1%83%D0%B4%D0%BE%D0%B2%D0%BE%D0%B9%20%D0%BA%D0%BE%D0%B4%D0%B5%D0%BA%D1%81]. (Дата обращения: 25.03.2025г.)

3. Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях (принят Законом Республики Таджикистан от 31 декабря 2008 года №455) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 16.02.2026 г.). [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414710]. (Дата обращения: 12.08.2026г.).

4. Закон Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации» от 1 марта 2005 года №89 // Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0 [Электронный ресурс]. – Источник доступа: URL: http://www.mmih.tj (Дата обращения: 19.05.2026г.)

5. Закон Республики Таджикистан «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации» от 19 июля 2022 года №1890 // Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0 [Электронный ресурс]. – Источник доступа: URL: http://www.mmih.tj (Дата обращения: 19.05.2026г.)

6. Закон Республики Таджикистан «Об обеспечении прав и социальной защите лиц с инвалидностью» от 17 июня 2026 года №2278. [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31808889]. (Дата обращения: 12.08.2026г.)

7. Бобозода У.Э., Сироджидинова М.Ш. Трудовая дискриминация на рынке труда: теоретико-правовой анализ причин, последствий и способов решения [Текст] / У.Э. Бобозода, М.Ш. Сироджидинова // Государствоведение и права человека. Научный журнал. Издательство юридического факультета ТНУ. – №2 (42). – Душанбе, 2026. – С. 127-135. ISSN 2414-9217.

Развитие законодательства Республики Таджикистан в сфере обеспечения равенства и недопущения дискриминации

В статье исследуется развитие законодательства Республики Таджикистан в сфере обеспечения равенства и недопущения дискриминации с момента конституционного закрепления принципа равноправия до формирования специального межотраслевого антидискриминационного регулирования. На основе формально-юридического, историко-правового, системного и межотраслевого методов проанализированы Конституция Республики Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации», Трудовой, Гражданский, Семейный, Уголовный кодексы, Кодекс об административных правонарушениях, законодательство о прокуратуре и Уполномоченном по правам человека, законодательство о государственных

гарантиях равноправия мужчин и женщин, а также новейшее законодательство 2026 года о правах и социальной защите лиц с инвалидностью. Установлено, что развитие национального законодательства прошло путь от конституционной модели формального равенства и отраслевых запретов к комплексной модели, охватывающей прямую и косвенную дискриминацию, отказ в разумном приспособлении, преследование, сексуальное домогательство, сегрегацию, виктимизацию и позитивные меры. Одновременно выявлена неоднородность терминологии и перечней защищаемых признаков в отдельных отраслевых актах. Особое внимание уделено трудовой сфере, механизму доказывания дискриминации, соотношению восстановительных и карательных средств защиты, компетенции Уполномоченного по правам человека, прокуратуры и органов контроля. Обоснована необходимость дальнейшей процессуальной и межотраслевой гармонизации законодательства, включая совершенствование правил доказывания дискриминации и трудоправовых гарантий.

Ключевые слова: равенство, дискриминация, недопущение дискриминации, равноправие, трудовые отношения, право на труд, Уполномоченный по правам человека, судебная защита, виктимизация, разумное приспособление, сексуальное домогательство, уголовная ответственность, административная ответственность, Республика Таджикистан.

Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини баробарӣ ва роҳ надодани табъиз

Дар мақола рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини баробарӣ ва бетабъиз аз лаҳзаи муқаррар шудани принсипи баробарӣ дар конститутсия то ташаккули танзими махсуси байнисоҳавии зиддитабъиз баррасӣ шудааст. Дар мақола бар асоси усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ ва байнисоҳавӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарҳуқуқӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», Кодексҳои меҳнатӣ, шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунгузорӣ дар бораи мақомоти прокуратура ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, қонунгузорӣ дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардон ва занон, инчунин қонунгузории охирини соли 2026 дар бораи ҳуқуқ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюб таҳлил карда шудааст. Муайян шудааст, ки рушди қонунгузории миллӣ аз модели конститутсионии баробарии расмӣ ва мамнӯъиятҳои соҳавӣ ба модели ҳамаҷонибае табдил ёфтааст, ки табъизи мустақим ва ғайримустақим, рад кардани мутобиқсозии оқилона, таъқиб, озори ҷинсӣ, ҷудоихоҳӣ, қурбонӣ ва чораҳои мусбатро дар бар мегирад. Ҳамзамон, нобаробарии истилоҳот ва рӯйхати хусусиятҳои ҳифзшаванда дар қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ ошкор карда шуд. Таваҷҷӯҳи махсус ба соҳаи меҳнат, механизми исботи табъиз, робитаи байни чораҳои барқароркунанда ва ҷазодиҳанда, салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, прокуратура ва мақомоти танзимкунанда равона карда шудааст. Зарурати ҳамоҳангсозии минбаъдаи расмиётӣ ва байнисоҳавии қонунгузорӣ, аз ҷумла такмили қоидаҳои исботи табъиз ва кафолатҳои қонунгузории меҳнатӣ асоснок карда шудааст.

Калидвожаҳо: баробарӣ, табъиз, бетабъиз, ҳуқуқҳои баробар, муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ҳифзи судӣ, қурбонӣ, чораҳои муносиб, таъқиби ҷинсӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Developments in the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of ensuring equality and preventing discrimination

This article examines the development of legislation in the Republic of Tajikistan in the field of ensuring equality and preventing discrimination, from the time the principle of equality was enshrined in the Constitution to the establishment of specific cross-sectoral anti-discrimination regulations. Using formal-legal, historical-legal, systemic and cross-sectoral methods, the article analyses the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan 'On Equality and the Elimination of All Forms of Discrimination', the Labour, Civil, Family and Criminal Codes, the Code on Administrative Offences, legislation on the Public Prosecutor's Office and the Human Rights Commissioner, legislation on state guarantees of equality between men and women, as well as the latest legislation of 2026 on the rights and social protection of persons with disabilities. This article examines the development of legislation in the Republic of Tajikistan in the field of ensuring equality and preventing discrimination, from the time the principle of equality was enshrined in the Constitution to the establishment of specific cross-sectoral anti-discrimination regulations. Using formal-legal, historical-legal, systemic and cross-sectoral methods, the article analyses the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan "On Equality and the Elimination of All Forms of Discrimination", the Labour, Civil, Family and Criminal Codes, the Code on Administrative Offences, legislation on the Public Prosecutor's Office and the Human Rights Commissioner, legislation on state guarantees of equality between men and women, as well as the latest legislation of 2026 on the rights and social protection of persons with disabilities.

Keywords: equality, discrimination, non-discrimination, equal rights, employment relations, the right to work, the Human Rights Commissioner, judicial protection, victimisation, reasonable accommodation, sexual harassment, criminal liability, administrative liability, the Republic of Tajikistan.

Рахмон Дилшод Сафарбек, Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения, доктор юридических наук. **Тел.:** (+992) 918-67-52-82. **Email:** s_dilshod85@mail.ru

Сироджидинова Махинабону Шухратовна, Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Тел.:** (+992) 888-788-388. **Email:** bonu6ka@mail.ru

Раҳмон Дилшод Сафарбек, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуки инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. **Тел.:** (+992) 918-67-52-82. **Email:** s_dilshod85@mail.ru
Сироҷидинова Маҳинабону Шӯҳратовна, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуки инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Тел.:** (+992) 888-788-388. **Email:** bonu6ka@mail.ru
Rahmon Dilshod Safarbek, Tajik national university, faculty of law, professor of the department of human rights and comparative law, doctor of law. **Phone:** (+992) 918-67-52-82. **Email:** s_dilshod85@mail.ru
Sirojidinova Mahinabonu Shuhratovna, Tajik national university, faculty of law, PhD student of the department of human rights and comparative law. **Phone:** (+992) 888-788-388. **Email:** bonu6ka@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ВИҶДОН ВА ДУНЯВИЯТ: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФАИ АХЛОҚ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Зоир Ҷ.М., Комилов Д.Р.
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии ин таҳқиқ таҳлили фалсафии муносибати виҷдон ва дунявият ҳамчун ду пояи бунёдии ташаккули ахлоқи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир мебошад. Муаллифон кӯшиш менамоянд табиати онтологӣ ва ахлоқии виҷдон, инчунин нақши дунявиятро дар ташаккули муҳити ҳуқуқӣ ва маънавии ҷомеа баррасӣ намояд.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин пеш гузошта шудаанд: 1) таҳлили мафҳуми виҷдон дар анъанаҳои фалсафии Ғарб ва Шарқ; 2) баррасии моҳияти дунявият ҳамчун модели фалсафии ташкили ҷомеа; 3) таҳлили робитаи диалектикии виҷдон ва қонун дар ҷомеаи муосир; 4) муайян намудани нақши фарҳанги виҷдонӣ дар ташаккули ахлоқи шаҳрвандӣ ва суботи иҷтимоӣ.

Объект ва предмети таҳқиқ. Объекти таҳқиқ муносибатҳои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеаи муосир мебошанд, дар ҳоле ки предмети таҳқиқ таҳлили фалсафии робитаи виҷдон ва дунявият ҳамчун механизмҳои танзими ахлоқии рафтори инсон ба шумор меравад.

Навгонии илмӣ. Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки муносибати виҷдон ва дунявият унсурҳои мутақобилан пурракунандаи низоми ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҷомеа таҳлил карда мешаванд. Дар ин раванд виҷдон ҳамчун пояи маънавии танзими иҷтимоӣ ва дунявият ҳамчун муҳити ҳуқуқии озодии ахлоқӣ баррасӣ мегардад.

Дар оғози асри XXI инсоният ба марҳилаи нави худшиносии тамаддунӣ ворид мегардад, ки дар он масъалаи муносибати инсон бо арзишҳои ахлоқӣ ба яке аз масъалаҳои марказии тафаккури фалсафии муосир табдил ёфтааст. Ҷаҳони имрӯз бо равандҳои фарогири ҷаҳонишавӣ, тағйироти босуръати иҷтимоӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамзамон бо гуногунрангии фарҳангӣ ва динӣ тавсиф мешавад. Дар чунин шароит инсон маҷбур аст пояҳои маънавии ҳастии худро бозбинӣ ва аз нав маънидод бикунад. Маҳз дар ҳамин нуқта масъалаи асосии фалсафаи ахлоқ ба миён меояд: меъёри ниҳоии рафтори инсон дар ҷомеаи муосир кадом аст? Оё низоми ҳуқуқӣ метавонад ба танҳоӣ танзимкунандаи комили ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ё инсон дар асл ба қонуни амиқтар ва ботинӣ виҷдон такя мекунад?

Дар ҳамин замина фалсафа ба масъалаи виҷдон ҳамчун қонуни ботинии инсон бозмегардад. Виҷдон шакли олии худогоҳии маънавӣ ва механизми худтанзимкунии рафтори инсон мебошад [2, с. 34]. Маҳз тавассути виҷдон инсон қобилияти фарқгузорӣ миёни адолат ва беадолатӣ, ҳақиқат ва ботил, масъулият ва бепарвоиро пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, виҷдон фазои ботиниест, ки дар

он инсон бо худ, бо дигарон ва бо арзишҳои умумибашарӣ муколамаи маънавӣ анҷом медиҳад. Аз ин ҷиҳат, виҷдонро метавон ҳамчун падидаи онтологӣ ва аксиологӣ тавсиф кард, ки дар сохтори маънавии шахсият мақоми махсус дорад.

Дар баробари ин, ҷомеаи муосир бар пояи арзиши дунявият ташаккул ёфтааст. Дунявият дар маънои худ шакли махсуси ташкили фазои иҷтимоӣ аст, ки дар он озодии виҷдон, гуногунандешии ҷаҳонбинӣ ва муколамаи фарҳангҳо ҳифз карда мешаванд [4, с. 25]. Дар чунин муҳит инсон имкони интихоби озоди ҷаҳонбинӣ ва масъулияти ахлоқии шахсиро пайдо мекунад. Аз ин рӯ муносибати виҷдон ва дунявият барои дарки табиати ахлоқии ҷомеаи муосир аҳаммияти махсуси назариявӣ ва иҷтимоӣ дорад, зеро маҳз дар ҳамоҳангии ин ду падида озодии дунявӣ ва масъулияти виҷдонӣ имкони ташаккули ҷомеаи адолатпарвар ба вуҷуд меояд.

Дар ин таҳлил виҷдон шакли махсуси зуҳури ҳастии маънавии инсон ба шумор меравад. Инсон маҳз тавассути виҷдон қобилияти рӯ овардан ба худ, ба асли ҳастии худ ва ба масъулияти ахлоқии худ дар назди дигаронро пайдо мекунад. Аз ин ҷиҳат, виҷдонро метавон ҳамчун яке аз шаклҳои худшиносии инсон тавсиф намуд, ки дар он инсон бо арзишҳои умумибашарӣ ва маънои аслии будани худ рӯ ба рӯ мегардад.

Дар асри XX, махсусан дар таъдимоти Мартин Ҳайдеггер, мафҳуми виҷдон маънои экзистенсиалӣ пайдо мекунад. М.Ҳайдеггер дар асари маъруфи худ «Будан ва замон» (Sein und Zeit) виҷдонро ҳамчун «даъвати виҷдон» (Ruf des Gewissens) шарҳ медиҳад, ки инсонро аз ҳолати зиндагии бетафаккур ва ғайриасилӣ ба худогоҳии ҳақиқии ҳастӣ бедор менамояд. Ба назари ӯ, виҷдон садои ботиниест, ки инсонро ба дарки масъулияти шахсӣ яъне будани асил ва ҳақиқии худ даъват мекунад [6, с. 273].

Ин даъват падидаи ҳастии инсон мебошад. Вақте инсон садои виҷдонро мешунавад, ӯ худро ҳамчун мавҷуди масъул дар назди ҳастии худ ва дар назди дигарон дарк мекунад. Дар ҳамин ҳолат инсон аз ҳолати ғайриасилӣ, ки М.Ҳайдеггер онро зиндагии «дар байни дигарон гумшуда» меномад – хориҷ шуда, ба сатҳи худшиносии аслӣ мерасад. Аз ин рӯ виҷдон дар фалсафаи экзистенсиалӣ на танҳо меъёри ахлоқӣ, балки роҳи бозгашт ба ҳақиқати ҳастии инсон мебошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар робитаи виҷдон бо мафҳумҳои ҳастӣ, масъулият аст. Виҷдон инсонро водор мекунад, ки аз ҳолати зиндагии бетафаккур берун баромада, масъулияти шахсии худро дар назди ҷаҳон ва ҷомеа эҳсос намояд. Дар ин раванд инсон ҳамчун мавҷуди озод ва масъул зуҳур мекунад, ки амалҳои худро аз рӯи маънои ҳастии инсонӣ арзёбӣ менамояд.

Ҳамин тавр, дар таҳлили онтологии виҷдон падидаи экзистенсиалии ҳастии инсон мебошад, ки инсонро ба худшиносӣ, масъулият ва зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад.

Дар таърихи фалсафа мафҳуми виҷдон яке аз мафҳумҳои марказии фалсафаи ахлоқ ба шумор меравад, зеро маҳз тавассути он инсон қобилияти дарки масъулияти ахлоқии худро пайдо мекунад. Дар фарҳанги фалсафии Ғарб ва Шарқ виҷдон ҳамчун падидае тавсиф мешавад, ки инсонро ба худшиносии

маънавӣ ва арзёбии рафтори худ аз нуқтаи назари адолат ва ҳақиқат водор месозад. Аз ин ҷиҳат виҷдон шакли худогоҳии инсон мебошад, ки дар он шахсият бо арзишҳои умумибашарӣ вориди муколамаи ботинӣ мегардад.

Иммануил Кант дар фалсафаи ахлоқии худ ба мафҳуми виҷдон аҳаммияти махсус медиҳад. Ӯ виҷдонро ҳамчун «додгоҳи ботинии ақл» маънидод мекунад, ки инсон дар он рафтори худро аз нуқтаи назари қонуни ахлоқӣ арзёбӣ менамояд [1, с. 112]. Ба андешаи И.Кант, виҷдон шакли амалкарди ақли амалӣ мебошад, ки инсонро водор месозад худро ҳамчун субъекти озоди ахлоқӣ дарк менамояд. Дар ин маънӣ виҷдон таҷассуми масъулияти маънавии инсон дар назди қонуни ахлоқ мебошад.

Пол Рикёр ин падидаро дар доираи герменевтикаи худшиносии инсон таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки виҷдон шакли таҷрибаи масъулияти инсон дар назди дигарон аст [2, с. 86]. Ба назари ӯ, инсон маҳз тавассути виҷдон қобилияти дарки ҷойгоҳи худро дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ пайдо мекунад. Аз ин нуқтаи назар виҷдон шакли худфаҳмии инсон ва фазои ботинии муколамаи ӯ бо дигарон мебошад.

Виҷдон яке аз шаклҳои асосии ҳастии маънавии инсон ба ҳисоб меравад. Он дар сатҳи шуури инсон ҷойгир буда, тарзи будани инсонро ҳамчун мавҷуди масъул муайян менамояд. Маҳз тавассути виҷдон инсон қобилияти аз доираи манфиатҳои танги шахсӣ берун рафтан ва ба арзишҳои умумибашарӣ рӯ оварданро пайдо мекунад. Ҳамин тавр, виҷдонро метавон механизми ботинии танзими ахлоқӣ донист, ки инсонро ба риояи арзишҳои адолат, масъулият ва ҳамдардӣ ҳидоят менамояд.

Мафҳуми дунявият бо як қатор истилоҳоти наздик секуляризм, дунёвият ва лаитсизм иртибот дорад, ки аксар вақт ба ҷойи ҳам истифода мешаванд, аммо аз ҷиҳати маъноӣ фарқият доранд. Секуляризм пеш аз ҳама назарияи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки бар ҷудоии институтҳои давлат аз дин ва баробарии ҳамаи эътиқодҳо дар фазои ҷамъиятӣ асос меёбад. Дунявият бошад, дар маънои васеи фалсафӣ шакли ташкили муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст, ки дар он гуногунандешии ҷаҳонбинӣ ва озодии виҷдон ҳифз карда мешаванд. Лаисизм (laïcité), ки бештар дар анъанаи сиёсӣ-ҳуқуқии Фаронса истифода мешавад, шакли нисбатан қатъии ҷудоии дин аз давлат мебошад, ки ҳузури институтсионалии динро дар фазои давлатӣ маҳдуд месозад.

Аз ин рӯ, фарқгузории ин мафҳумҳо барои таҳлили дақиқи фалсафӣ аҳаммияти назариявӣ дорад: агар секуляризм бештар ба принсипи сиёсӣ-ҳуқуқии идоракунии давлат ишора кунад, дунявият ба муҳити фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеа дахл дорад, ки дар он инсон имкони интихоби озоди ҷаҳонбинӣ ва ташаккули масъулияти маънавиро пайдо мекунад.

Дар фалсафаи сиёсии муосир Ҷон Ролз масъалаи дунявиятро дар доираи назарияи «адолати сиёсӣ» таҳлил мекунад. Ба андешаи ӯ, ҷомеаи демократӣ бояд бар принсипи «ақли умумӣ» (public reason) асос меёбад, ки дар он шаҳрвандон новобаста аз ҷаҳонбинии динӣ ё ғайридинии худ метавонанд дар асоси меъёрҳои умумии адолат ба муколамаи ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Ҷ.Ролз таъкид мекунад, ки дар ҷомеаи ҳеҷ як ҷаҳонбинӣ наметавонад худро ҳамчун асоси

ягонаи қонунгузорӣ муаррифӣ намояд; баръакс, тартиботи сиёсӣ бояд ба принсипҳои адолати умумӣ такя намояд, ки барои ҳамаи шаҳрвандон қобили қабул бошанд [8, с. 217].

Бо ҳамин роҳ, назарияи Ҷ.Ролз дунявиятро ҳамчун муҳити сиёсие шарҳ медиҳад, ки дар он гуногунандешии ҷаҳонбинӣ бо принсипҳои умумии адолат ҳамоҳанг мегардад. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҷомеа на бар асоси бартарии як ақида, балки бар пояи муколамаи шаҳрвандӣ ва эҳтироми мутақобили арзишҳо ташаккул ёбад.

Дунявият ҳамчун мафҳуми калидӣ одатан ба принсипи ҷудоии давлат аз дин ва таъмини озодии эътиқод ишора мекунад. Аммо ин мафҳум танҳо бо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намегардад. Дунявият пеш аз ҳама шакли ташкили фазои иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа мебошад, ки дар он гуногунандешӣ, таҳаммулгароӣ ва имкони муколамаи ҷаҳонбинӣ таъмин мегардад. Дар чунин муҳит инсон ҳамчун субъекти озоди интихоби арзишҳо ва эътиқодҳо зуҳур мекунад ва масъулияти ахлоқии интихоби худро эҳсос менамояд. Аз ин ҷиҳат дунявиятро метавон ҳамчун сохтори фарҳангӣ ва тамаддунӣ фаҳмид, ки дар он муносибатҳои иҷтимоӣ бар пояи муколама, тафоҳум ва эҳтироми мутақобили арзишҳо ташаккул меёбанд [3, с. 54].

Юрген Ҳабермас дунявиятро муҳити муколамаи фарҳангҳо ва ҷаҳонбинӣ меномад, ки дар он намояндагони ҷаҳонбиниҳои гуногун метавонанд дар асоси гуфтугӯи оқилона ва эҳтироми мутақобил ҳамзистӣ намоянд. Ба назари ӯ, ҷомеаи секулярӣ фазоест, ки дар он ақидаҳои динӣ ва ғайридинӣ метавонанд дар сатҳи муколамаи маърифатӣ ба ҳамдигар рӯ оваранд ва дар ҷустуҷӯи меъёрҳои умумии адолати иҷтимоӣ иштирок намоянд [3, с. 61]. Дар чунин ҷомеа ҳеҷ як ҷаҳонбинӣ ҳаққи ҳукмронии мутлақ надорад; баръакс, ҳамаи онҳо дар фазои муколамаи ҷамъиятӣ имкони баён ва баррасии ақидаҳои худро пайдо мекунанд.

Чарлз Тейлор таъкид мекунад, ки дунявият пеш аз ҳама тағйири тарзи худшиносии инсон дар ҷомеаи муосир мебошад. Дар таълимоти ӯ, ҷомеа муҳитест, ки дар он инсон дигар маҷбур нест танҳо дар доираи як ҷаҳонбинии муайян зиндагӣ кунад; баръакс, ӯ имкони интихоби озоди маърифати ҷаҳон ва арзишҳои маънавиро пайдо мекунад [4, с. 210]. Ин ҳолат масъулияти ахлоқии шахсиятро низ зиёд менамояд, зеро дар чунин муҳит инсон бояд барои интихоби худ дар назди ҷомеа ва виҷдони худ ҷавобгар бошад. Аз ин рӯ дунявият марҳилаи нави ташаккули худшиносии маънавии инсон дар тамаддуни муосир ба ҳисоб меравад.

Муносибати виҷдон ва қонунро метавон диалектикаи се сатҳи танзими рафтор қонун, ахлоқ ва виҷдон инсон фаҳмид. Ин сохтори мураккаби танзими иҷтимоӣ ва маънавии рафтори инсонро ташкил медиҳанд ва дар якҷоягӣ низоми ахлоқӣ-ҳуқуқии ҷомеаро муайян месозанд.

Якум, қонун (меъёри ҳуқуқӣ). Қонун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат муқаррар гардида, рафтори шаҳрвандонро дар доираи тартиботи иҷтимоӣ танзим мекунад. Қонун хусусияти беруна дорад, ки он тавассути институтҳои давлатӣ, низоми ҷазо ва механизмҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Ҳадафи асосии қонун нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ ва таъмини

адолати ҳуқуқӣ мебошад. Аммо қонун на ҳамеша метавонад тамоми ҷанбаҳои ахлоқии рафтори инсонро фаро гирад.

Дуввум, ахлоқ (меъёри иҷтимоӣ). Ахлоқ маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки дар ҷомеа тавассути анъанаҳо, арзишҳо ва таҷрибаи таърихӣ ташаккул меёбанд. Агар қонун рафтори инсонро аз берун танзим намояд, ахлоқ рафтори ӯро тавассути интизориҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангӣ роҳнамоӣ мекунад. Ахлоқ муҳити маънавиест, ки дар он инсон мефаҳмад, ки кадом амалҳо дар ҷомеа қобили қабул ва кадом амалҳо номуносиб мебошанд.

Севвум, виҷдон (меъёри ботинии шахсият). Виҷдон сатҳи амиқтарини танзими рафтори инсон мебошад. Бар хилофи қонун ва ахлоқ, ки бештар хусусияти беруна ва иҷтимоӣ доранд, виҷдон дар фазои ботинии шуури инсон ҷойгир аст. Маҳз виҷдон инсонро водор мекунад, ки амалҳои худро аз нуқтаи назари адолат, инсоф ва масъулияти шахсӣ арзёбӣ намояд. Аз ин ҷиҳат виҷдонро метавон баландтарин шакли худтанзимкунии ахлоқии инсон номид.

Ин се сатҳ – қонун, ахлоқ ва виҷдон – дар ҷомеаи муосир бо ҳам робитаи диалектикӣ доранд. Қонун метавонад тартиботи иҷтимоиро таъмин намояд, ахлоқ метавонад муҳити фарҳангии рафтори инсонро муайян кунад, аммо танҳо виҷдон метавонад инсонро ба масъулияти ҳақиқии маънавӣ раҳнамоӣ намояд. Аз ин рӯ, устувории ҷомеаи демократӣ на танҳо ба низоми ҳуқуқӣ, балки ба сатҳи баланди худогоҳии ахлоқии шаҳрвандон низ вобаста мебошад.

Дар ҳамин замина Эммануэл Левинас ба масъалаи виҷдон аз нуқтаи назари ахлоқи масъулият назар мекунад. Дар афкори ӯ, сарчашмаи аслии ахлоқ на дар қоидаҳои абстрактӣ, балки дар масъулияти зиндаи инсон дар назди дигар инсон қарор дорад [5, с. 74]. Маҳз дар рӯ ба рӯи «дигар» инсон эҳсоси масъулияти маънавиро таҷриба мекунад ва ҳамин таҷриба ба бедории виҷдон оварда мерасонад.

Ҳамоҳангии виҷдон ва дунявият шарти муҳими устувории низоми демократии ҷомеа мебошад. Дунявият муҳити ҳуқуқии озодиро таъмин мекунад, аммо устувории воқеии он танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки дар ҷомеа фарҳанги баланди виҷдонӣ ташаккул меёбад. Ҷомеае, ки дар он шаҳрвандон қонунро танҳо аз тарси ҷазо риоя мекунанд, ҷомеаи устувор нест; ҷомеаи воқеан устувор он аст, ки дар он эҳтиром ба қонун аз шуури ахлоқӣ ва масъулияти виҷдонии инсон сарчашма мегирад.

Муносибати виҷдон ва дунявиятро метавон ҳамчун робитаи диалектикии қонуни ботинӣ ва низоми меъёрии беруна тавсиф кард. Қонун рафтори инсонро аз берун танзим менамояд ва тартиботи иҷтимоиро таъмин мекунад, аммо ангезаи аслии иҷрои он аз фазои ботинии шуури ахлоқии инсон — аз виҷдон — сарчашма мегирад. Агар қонун танҳо ҳамчун маҷмуи талаботи беруна амал кунад, иҷрои он бештар хусусияти маҷбурӣ хоҳад дошт; вале вақте ки талаботи ҳуқуқӣ бо эҳсоси масъулияти виҷдонӣ ҳамоҳанг мегардад, қонун ба арзиши маънавии ҷомеа табдил меёбад.

Дар ҳамин замина Эммануэл Левинас ба масъалаи виҷдон аз нуқтаи назари ахлоқи масъулият назар мекунад. Ба андешаи ӯ, сарчашмаи аслии ахлоқ на дар

қоидаҳои абстрактӣ, балки дар масъулияти зиндаи инсон дар назди дигар инсон қарор дорад [5, с. 74]. Маҳз дар рӯ ба рӯи «дигар» инсон эҳсоси масъулияти маънавиро тақриба мекунад ва ҳамин тақриба ба бедории виҷдон оварда мерасонад. Аз ин нуқтаи назар виҷдон падидаи муносибатӣ мебошад, ки дар он инсон худро ҳамчун мавҷуди масъул дар назди дигарон дарк мекунад.

Фалсафаи иҷтимоӣ, ҳамоҳангии виҷдон ва дунявият шарти муҳими устувории низоми демократии ҷомеа мебошад. Дунявият муҳити ҳуқуқии озодиро таъмин мекунад, аммо устувории воқеии он танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки дар ҷомеа фарҳанги баланди виҷдонӣ ташаккул меёбад. Ҷомеае, ки дар он шаҳрвандон қонунро танҳо аз тарси ҷазо риоя мекунанд, ҷомеаи устувор нест; ҷомеаи воқеан устувор он аст, ки дар он эҳтиром ба қонун аз шуури ахлоқӣ ва масъулияти виҷдонии инсон сарчашма мегирад. Ҳамин тавр, виҷдон ба пояи маънавии дунявият табдил ёфта, қонунро аз механизми маҷбурӣ ба арзиши фарҳангии ҷомеа табдил медиҳад.

Ахлоқи шаҳрвандӣ маҷмуи арзишҳо, меъёрҳо ва масъулиятҳои маънавиест, ки муносибати инсонро ба ҷомеа, давлат ва сарнавишти умумии инсонӣ муайян мекунад. Ин падида на танҳо маҷмуи қоидаҳои рафтор, балки шакли баланди худогоҳии иҷтимоии инсон мебошад. Дар доираи ахлоқи шаҳрвандӣ шахсият худро ҳамчун узви ҷомеа дарк намуда, масъулияти худро дар назди дигарон, давлат ва наслҳои оянда эҳсос мекунад. Маҳз дар ҳамин раванд виҷдон ҳамчун қонуни ботинии ахлоқӣ нақши марказӣ мебозад, зеро он инсонро водор месозад, ки амалҳои худро на танҳо аз рӯи манфиати шахсӣ, балки аз рӯи меъёрҳои адолат, масъулият ва эҳтиром ба дигарон арзёбӣ намояд.

Дар анъанаи фалсафаи аҳди бостон низ масъалаи ахлоқи шаҳрвандӣ мавқеи муҳим дорад. Дар таълимоти Арасту фазилати шаҳрвандиро ҳамчун қобилияти зиндагӣ дар ҷомеа бар асоси адолат, миёнаравӣ ва масъулияти умумӣ шарҳ медиҳад. Ба назари ӯ, инсон «мавҷуди сиёсӣ» мебошад ва камолоти ахлоқии ӯ танҳо дар муҳити ҷомеаи одилона ва муназзам амалӣ мегардад [9, с. 145]. Аз ин рӯ фазилати шаҳрвандӣ шарти муҳими суботи ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар фалсафаи Шарқ низ масъалаи робитаи ахлоқи шаҳрвандӣ ва виҷдон мавқеи муҳим дорад. Абӯнасри Форобӣ дар таълимоти иҷтимоии худ таъкид мекунад, ки инсон танҳо дар ҷомеаи одилона ва мутавозин метавонад ба камоли ҳақиқии маънавии худ бирасад [10, с. 134]. Ба назари ӯ, ҷомеаи солим он ҷомеаест, ки дар он шаҳрвандон бо ҳисси масъулияти маънавӣ дар рушди некуаҳволии умумӣ иштирок менамоянд. Аз ин нуқтаи назар ахлоқи шаҳрвандӣ ба шакли виҷдонии ҳамбастагии иҷтимоӣ табдил меёбад.

Дар таълимоти Ибни Сино низ адолат ва тартиботи иҷтимоӣ танҳо дар асоси шуури маънавии инсон устувор мешаванд [11, с. 92]. Дар таълимоти ӯ инсон ҳамчун мавҷуди оқил ва ахлоқӣ тасвир мешавад, ки қобилияти дарки некӣ ва бадиро дар сатҳи ботинии шуури худ дорад. Аз ин рӯ устувории ҷомеа ба камолоти маънавии инсон вобаста мебошад.

Андешаҳои ирфонии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ низ ба масъалаи виҷдон ва инсоф аҳаммияти махсус медиҳанд. Дар таълимоти ӯ виҷдон ҳамчун «нури ботинии инсон» тавсиф мешавад, ки инсонро ба роҳи инсоф, меҳрубонӣ ва

масъулияти ахлоқӣ ҳидоят мекунад. Ба андешаи Мавлоно, ҷомеае, ки дар он инсонҳо бо инсоф ва виҷдон амал мекунанд, ҷомеаи ҳамбастагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мегардад [12, с. 312].

Дар фалсафаи иҷтимоии муосир масъалаи ахлоқи шаҳрвандӣ бо мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ иртиботи зич дорад. Ҷомеаи фазои иҷтимоиест, ки дар он шаҳрвандон дар асоси арзишҳои умумии адолат, ҳамкорӣ ва масъулияти иҷтимоӣ ба фаъолияти ҷамъиятӣ иштирок менамоянд. Дар чунин муҳит виҷдон ба пояи маънавии фаъолияти шаҳрвандӣ табдил ёфта, инсонро ба иштироки фаъол дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ водор мекунад.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавии анъанаҳои фалсафаи Юнон, Шарқ ва фалсафаи иҷтимоии муосир нишон медиҳад, ки ахлоқи шаҳрвандӣ бе ташаккули фарҳанги виҷдонӣ имкони рушди устувор надорад. Маҳз дар ҳамоҳангии фазилати шаҳрвандӣ, инсоф ва масъулияти ботинии инсон пояҳои ҷомеаи адолатпарвар ва инсонмеҳвар ташаккул меёбанд.

Ахлоқи шаҳрвандӣ маҷмуи арзишҳо, меъёрҳо ва масъулиятҳои маънавиест, ки муносибати инсонро ба ҷомеа, давлат ва сарнавишти умумии инсонӣ муайян мекунад. Ин падида шакли баланди худогоҳии иҷтимоии инсон мебошад. Дар доираи ахлоқи шаҳрвандӣ шахсият худро ҳамчун узви ҷомеа дарк намуда, масъулияти худро дар назди дигарон, давлат ва наслҳои оянда эҳсос мекунад. Маҳз дар ҳамин раванд виҷдон ҳамчун қонуни ботинии ахлоқӣ нақши марказӣ мебозад, зеро он инсонро водор месозад, ки амалҳои худро аз рӯи меъёрҳои адолат, масъулият ва эҳтиром ба дигарон арзёбӣ намояд.

Дар анъанаи фалсафаи Шарқ низ масъалаи робитаи ахлоқи шаҳрвандӣ ва виҷдон мавқеи муҳим дорад. Абӯнасри Форобӣ дар таълимоти иҷтимоии худ таъкид мекунад, ки инсон танҳо дар ҷомеаи одилона ва мутавозин метавонад ба камоли ҳақиқии маънавии худ бирасад [10, с. 134]. Ба назари ӯ, ҷомеаи солим он ҷомеаест, ки дар он шаҳрвандон бо ҳисси масъулияти маънавӣ дар рушди некуаҳволии умумӣ иштирок менамоянд. Аз ин нуқтаи назар ахлоқи шаҳрвандӣ ба шакли виҷдонии ҳамбастагии иҷтимоӣ табдил меёбад.

Ибни Сино низ, ки адолат ва тартиботи иҷтимоӣ танҳо дар асоси шуури маънавии инсон устувор мешаванд [11, с. 92]. Дар таълимоти ӯ инсон ҳамчун мавҷуди оқил ва ахлоқӣ тасвир мешавад, ки қобилияти дарки некӣ ва бадиро дар сатҳи ботинии шуури худ дорад. Аз ин рӯ устувории ҷомеа ба камолоти маънавии инсон вобаста мебошад.

Дар ҷомеаи муосир масъалаи нақши виҷдон дигар танҳо масъалаи ахлоқ ба яке аз омилҳои муҳими суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи давлатҳои демократӣ нишон медиҳад, ки устувории низоми сиёсӣ ба сатҳи баланди фарҳанги ахлоқии шаҳрвандон вобаста мебошад. Дар чунин шароит виҷдон ҳамчун механизми ботинии масъулият нақши калидӣ мебозад.

Яке аз намунаҳои равшани аҳамияти фарҳанги виҷдонӣ дар ҷомеаи муосир рушди демократия мебошад. Дар ҷомеаи демократӣ шаҳрвандон танҳо иҷрокунандаи қонун, иштирокчиёни фаъоли ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Агар шаҳрвандон масъулияти ахлоқии худро эҳсос накунанд, демократия

метавонад ба шакли зоҳирии идоракунӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, фарҳанги виҷдонӣ шаҳрвандонро водор месозад, ки дар интихобот, фаъолияти ҷамъиятӣ ва назорати иҷтимоӣ бо ҳисси масъулият иштирок намоянд.

Намунаи дигар масъалаи ҳуқуқи инсон мебошад. Гарчанде ки ҳуқуқи инсон дар қонунҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ муқаррар гардидааст, аммо риояи воқеии он танҳо дар муҳите имконпазир аст, ки дар он фарҳанги эҳтиром ба шаъну шарафи инсон ташаккул ёфта бошад. Виҷдон инсонро водор мекунад, ки ҳуқуқи дигаронро ҳамчун арзиши маънавӣ эҳтиром намояд.

Фарҳанги виҷдонӣ инчунин дар таъмини суботи давлатдорӣ нақши муҳим мебозад. Давлатҳое, ки дар онҳо шаҳрвандон бо эҳсоси масъулияти иҷтимоӣ амал мекунанд, одатан устувории бештар доранд. Дар чунин ҷомеаҳо риояи қонун, мубориза бо фасод, эҳтиром ба манфиатҳои умумӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ ба як қисми шуури шаҳрвандӣ табдил меёбад.

Аз ин рӯ, виҷдонро метавон ҳамчун яке аз пояҳои асосии фарҳанги сиёсӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир арзёбӣ кард. Агар қонун тартиботи берунаи ҷомеаро таъмин намояд, виҷдон мазмуни маънавии ин тартиботро муайян мекунад. Маҳз дар ҳамоҳангии низоми ҳуқуқӣ ва фарҳанги виҷдонӣ имкони ташаккули ҷомеаи устувор, адолатпарвар ба вуҷуд меояд.

Дар ҷомеаи муосир виҷдон тадриҷан ба яке аз пояҳои муҳими суботи иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа табдил меёбад. Тартиботи берунаи зиндагии ҷамъиятиро таъмин намояд, пас адолат пеш аз ҳама падидаи маънавӣ ва ахлоқӣ мебошад, ки дар шуури инсон ташаккул меёбад. Қонун метавонад рафтори инсонро танзим кунад, аммо қобилияти эҳсоси масъулият, дарки ҳақиқат ва арзёбии ахлоқии амалҳо танҳо дар фазои ботинии виҷдон ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, пояи устувории ҳар ҷомеаи адолатпарвар дар сатҳи баланди худогоҳии ахлоқии шаҳрвандон қарор дорад.

Аз ҳамин ҷиҳат ҷомеаи муосир ба ташаккули фарҳанги баланди виҷдонӣ ниёз дорад. Фарҳанге, ки дар он иҷрои қонун аз тарси ҷазо аз эҳсоси масъулияти ботинӣ ва эҳтироми арзишҳои умумии инсонӣ сарчашма мегирад. Дар чунин муҳит виҷдон ба механизми асосии худтанзимкунии ахлоқии ҷомеа табдил меёбад. Инсон амалҳои худро аз рӯи меъёрҳои адолат, инсоф ва масъулияти иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Ҳамин тавр, фарҳанги виҷдонӣ ҳамчун пояи маънавии давлатдории дунявӣ ва суботи иҷтимоӣ зуҳур карда, имкони ташаккули ҷомеаи инсонмеҳвар, адолатпарвар ва маърифатиро фароҳам меорад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ. Таҳлили анҷомдода нишон медиҳад, ки:

виҷдон ҳамчун падидаи онтологӣ ва ахлоқии худшиносии инсон нақши калидӣ дар танзими ботинии рафтори инсон мебозад;

дунявият муҳити ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад, ки дар он озодии ҷаҳонбинӣ ва озодии виҷдон таъмин мегардад;

ҳамоҳангии се сатҳи танзими иҷтимоӣ - қонун (меъёри ҳуқуқӣ), ахлоқ (меъёри иҷтимоӣ) ва виҷдон (меъёри ботинии шахсият) - шарти муҳими суботи ҷомеаи муосир мебошад;

фарҳанги виҷдонӣ ба ташаккули ахлоқи шаҳрвандӣ, рушди демократия ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

Навгонии илмӣ. Навгонии асосии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки муносибати вичдон ва дунявият на ҳамчун падидаҳои мухолиф, балки ҳамчун унсурҳои мутақобилан пурракунандаи низоми ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҷомеа таҳлил карда мешаванд. Дар доираи ин равиш пешниҳод мегардад, ки вичдон ҳамчун пояи маънавии танзими иҷтимоӣ ва дунявият ҳамчун муҳити институционалии озодии ахлоқӣ фаҳмида шавад.

Дурнамои таҳқиқоти минбаъда. Дар оянда масъалаи вичдон метавонад дар доираи як қатор самтҳои нави таҳқиқоти фалсафӣ баррасӣ гардад: 1) таҳлили робитаи вичдон ва масъулияти иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 2) омӯзиши нақши фарҳанги вичдонӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ; 3) таҳқиқи муносибати вичдон, ахлоқ ва технологияҳои рақамӣ дар ҷомеаи муосир.

Таҳлил нишон медиҳад, ки вичдон ва дунявият ду пояи диалектикии ташаккули тартиботи ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаи муосир мебошанд. Дунявият муҳити ҳуқуқӣ ва институционалии озодиро фароҳам меорад, ки дар он гуногунандешии ҷаҳонбинӣ ва озодии шахсият ҳифз мегардад; аммо мазмуни маънавии ин муҳит танҳо дар ҳолате пурра зуҳур мекунад, ки фаъолияти иҷтимоии инсон бо меъёрҳои ботинии вичдон ҳамоҳанг бошад. Ба ибораи дигар, агар дунявият шакли ҳуқуқии танзими ҷомеа бошад, вичдон рӯҳи ахлоқии он мебошад.

Аз ин рӯ, ҳамоҳангии дунявият ва фарҳанги вичдонӣ пояи бунёдии ташаккули ҷомеаи адолатпарвар, инсонмеҳвар ва маърифатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он озодии дунявӣ бо масъулияти вичдонӣ муттаҳид мегардад, имкони рушди устувори ахлоқӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳамзистии фарҳангҳоро фароҳам меорад.

Адабиёт

1. Kant I. Critique of Practical Reason. - Cambridge: Cambridge University Press, 1997. - 256 p.
2. Ricoeur P. Oneself as Another. - Chicago: University of Chicago Press, 1992. - 363 p.
3. Habermas J. Between Naturalism and Religion: Philosophical Essays. – Cambridge: Polity Press, 2008. – 361 p.
4. Taylor C. A Secular Age. – Cambridge, MA: Harvard University Press, 2007. - 874 p.
5. Levinas E. Ethics and Infinity. - Pittsburgh: Duquesne University Press, 1985. - 120 p.
6. Heidegger M. Being and Time. - Oxford: Blackwell Publishing, 1962. - 589 p.
7. Gadamer H.-G. Truth and Method- New York: Continuum, 2004. - 601 p.
8. Rawls J. A Theory of Justice. - Cambridge, MA: Harvard University Press, 1971. - 607 p.
9. Aristotle. Nicomachean Ethics. - Oxford: Oxford University Press, 2009. - 368 p.
10. MacIntyre A. After Virtue: A Study in Moral Theory. - Notre Dame: University of Notre Dame Press, 2007. - 286 p.
11. Arendt H. The Human Condition. - Chicago: University of Chicago Press, 1998. - 349 p.
12. Taylor C. Sources of the Self: The Making of the Modern Identity. - Cambridge, MA: Harvard University Press, 1989. - 601 p.
13. Форобӣ А. Фозил одамлар шаҳри. - Тошкент: Fan, 1993. - 256 с.

14. Ибни Сино. Китоб аш-шифо. - Теҳрон: Интишороти Данишгоҳ, 1984. - 520 с.
15. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Маснавии маънавӣ. - Теҳрон: Амир Кабир, 2001. - 840 с.
16. Nasr S. H. Islam and the Plight of Modern Man. - London: Kegan Paul, 1975. - 190 p.
17. Абдуллоев С. Фалсафаи иҷтимоӣ. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 312 с.
18. Раҳимов М. Фалсафаи ахлоқ. - Душанбе: Дониш, 2015. - 280 с.
19. Комилов Р.С., Комилов Д. Виҷдоншиносӣ. - Душанбе, 2025. - 200 с.
20. Саидов З. Тафаккури фалсафии тоҷикон дар замони муосир. - Душанбе: Дониш, 2018. - 295 с.

Виҷдон ва дунявият: таҳлили фалсафаи ахлоқ дар ҷомеаи муосир

Мақолаи илмии мазкур ба таҳлили фалсафии муносибати виҷдон ва дунявият ҳамчун ду пояи бунёдии ташаккули ахлоқи ҷамъиятии ҷомеаи муосир таҳқиқ шудааст. Муаллифон бо истифода аз усулҳои герменевтикаи фалсафӣ, таҳлили онтологӣ, аксиологияи ахлоқ ва фалсафаи иҷтимоӣ масъалаи табиати виҷдон, ҷойгоҳи он дар худшиносии инсон ва нақши дунявиятро дар ташаккули фазои озоди ахлоқӣ баррасӣ менамояд. Дар мақола нишон дода мешавад, ки дунявият муҳити ҳуқуқию иҷтимоиест, ки дар он виҷдон меъёри ботинии масъулияти инсонӣ имкони пурраи зуҳур пайдо мекунад. Таҳқиқ ба хулоса меояд, ки ҳамоҳангии фарҳанги виҷдонӣ ва низоми дунявии давлатдорӣ шарти муҳими устувории ҷомеаи муосир мебошад.

Калидвожаҳо: виҷдон, дунявият, ахлоқ, фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеаи муосир, озодии виҷдон, масъулияти инсон, ахлоқи шаҳрвандӣ.

Совесть и секуляризм: анализ философии морали в современном обществе

Данная научная статья посвящена философскому анализу взаимосвязи совести и светскости как двух фундаментальных оснований формирования общественной морали современного общества. Авторы, используя методы философской герменевтики, онтологического анализа, моральной аксиологии и социальной философии, рассматривают природу совести, её место в самосознании человека и роль светскости в формировании пространства нравственной свободы. В статье показано, что светскость представляет собой правовую и социальную среду, в которой совесть как внутренний критерий человеческой ответственности получает возможность полного проявления. Исследование приходит к выводу, что гармония культуры совести и светской системы государственности является важным условием устойчивости современного общества.

Ключевые слова: совесть, светскость, мораль, социальная философия, современное общество, свобода совести, человеческая ответственность, гражданская этика.

Conscience and secularism: an analysis of the philosophy of morality in modern society

This scientific article is devoted to the philosophical analysis of the relationship between conscience and secularism as two fundamental pillars in the formation of

public morality in modern society. The authors, using the methods of philosophical hermeneutics, ontological analysis, moral axiology, and social philosophy, examine the nature of conscience, its place in human self-awareness, and the role of secularism in shaping a free moral space. The article demonstrates that secularism represents a legal and social environment in which conscience, as an internal norm of human responsibility, finds the full opportunity for expression.

Keywords: conscience, secularism, morality, social philosophy, modern society, freedom of conscience, human responsibility, civic ethics.

Зоир Ҷурахон Маҷидзода, Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ. E-mail: zoirov2009@mail.ru

Комилов Далер Рустамович, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Email: www.daler.komilzoda@gmail.com

Зоир Джурахон Маджидзода, Институт государства и права НАНТ, доктор юридических наук, профессор, заведующий отдела Государственное право. E-mail: zoirov2009@mail.ru

Комилов Далер Рустамович, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода – кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой истории и межкультурных связей. Email: www.daler.komilzoda@gmail.com

Zoir Jurakhon Majidzoda – Department of Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law. E-mail: zoirov2009@mail.ru

Komilov Daler Rustamovich, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of History and Intercultural Relations. Email: www.daler.komilzoda@gmail.com

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ТАНЗИМИ МЕЪЁРИИ ОН

Шоҳиддинзода Б.Р., Мирализода И.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои ҳуқуқ на ҳамчун муқаррароти тавсиявӣ ё унсурҳои берун аз низоми ҳуқуқии амалкунанда, балки ҳамчун асоси бунёдии меъёрӣ дар амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаҳмида мешавад. Принсипҳои мазкур мазмуни танзими ҳуқуқӣ, самти ҳуқуқэҷодкунӣ раванди татбиқи ҳуқуқро муайян менамоянд. Олими ватанӣ Р.Ш. Шарофзода дуруст қайд менамояд, ки моҳияти ҳуқуқ дар принсипҳо ва функсияҳои ҳуқуқ ифода мегардад. Ҳуқуқ бошад ифодаи меъёрии ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Тавассути ҳуқуқ инсон ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ифодаи расмӣ пайдо мекунад. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки принсипҳои ҳуқуқ на танҳо қоидаҳои умумӣ, балки заминаи воқеии ташаккул ва инкишофи тамоми низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси принсипҳо назарияҳои илмӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар заминаи онҳо намудҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, адолати судӣ ва дигар самтҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ташкил ва амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, ҳар як меъёри ҳуқуқӣ бояд бо принсипҳои асосии ҳуқуқ мутобиқат дошта бошад, зеро маҳз тавассути онҳо арзишҳои бунёдӣ, аз ҷумла адолат, баробарӣ, озодӣ, қонуният ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши принсипҳои ҳуқуқ имкон медиҳад, ки на танҳо мазмун ва моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки роҳҳои амалии таъмини онҳо дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократӣ муайян карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар таълимоти ҳуқуқии шуравӣ принсипҳои ҳуқуқ одатан ҳамчун асос, замина ва раҳнамо фаҳмида мешаванд, ки ҳам қонуниятҳо рушди ҷомеа ва ҳам раванди ташаккул ва инкишофи худи ҳуқуқро инъикос менамоянд [1, с.123]. Мафҳуми мазкур хусусияти анъанавӣ дорад, зеро дар он муҳимтарин ғояҳое таҷассум ёфтаанд, ки дар илми муосир барои тавсифи мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ истифода мешаванд. Худи истилоҳи «принсип» аз калимаи лотинӣ «principium» гирифта шуда, маънои ибтидо, асос ва заминаро ифода мекунад. Яъне, принсипҳои ҳуқуқ маҷмуи асосҳо, ғояҳо ва нуқтаҳои муҳимме мебошанд, ки моҳият, мазмун ва нақши ҳуқуқро дар ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос менамоянд. Онҳо ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии ҳуқуқ баромад карда, самти инкишоф ва татбиқи онро муайян месозанд.

Олими рус С.С. Алексеев қайд менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқро бояд ҳамчун асосҳои заминавии меъёрӣ ва роҳнамо дарк намуд, ки дар худи ҳуқуқ ифода ёфтаанд [2, с. 98]. Ҳамзамон, чунин асосҳо на ҳамеша дар доираи як меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ ифодаи мустақим пайдо мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо аз маҷмуи меъёрҳое бармеоянд, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳам

монандро танзим менамоянд. Дар сохтори низоми ҳуқуқӣ чунин маҷмуи меъёрҳо одатан дар доираи институти ҳуқуқӣ ё соҳаи муайяни ҳуқуқ инъикос меёбанд.

Андешаи ба ин монанд ва нисбатан мукаммалтарро вобаста ба мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ олими ватанӣ Р.Ш. Шарофзода дар дар чунин шакл пешниҳод менамояд: «Принсипҳои ҳуқуқ – асосҳои пешбаранда, нуктаҳои асосӣ, ғояҳои илман асоснок мебошанд, ки мазмун, моҳият ва зарурати ҳуқуқро дар ҷомеа ифода мекунанд. ... Принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои адолат, озодӣ, баробарӣ, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва арзишҳои дигари ахлоқӣ-ҳуқуқиро ифода мекунанд, дар ҷомеа адолат, озодӣ, баробариро таъмин мекунанд, муносибатҳои ҷамъиятиро бо дарназардошти ҳамин арзишҳо танзим мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқ шакли ифодаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошанд. Афзалияти ҳуқуқ озодиҳои инсон принсипи мустақили ҳуқуқ мебошад. Бар замми ин, принсипҳои адолат, озодӣ, баробарҳуқуқӣ, инсондӯстӣ ва диг. бо инсон, арзиши иҷтимоии инсон, қадри инсонӣ, ҳуқуқу озодиҳои фард вобасатагӣ доранд» [3].

Л.Д. Воеводин бошад қайд менамояд, ки дар шакли умумӣ принсипҳои ҳуқуқро метавон ҳамчун ғояҳо ва муқаррароти муайянкунадаву роҳнамо тавсиф намуд, ки дар Конститутсия мустаҳкам гардида, мазмун ва моҳияти заминавии онро инъикос менамоянд [4, с.32]. Ба таври умум, муаллиф чунин мешуморад, ки ҳамаи принсипҳои ҳуқуқ новобаста аз ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқӣ, бояд дар қонунгузорӣ инъикос ёбанд. Онҳо метавонанд дар Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва ё қонунҳои ҷорӣ муқаррар карда шаванд. Аз ин рӯ, ҳар як принсипи ҳуқуқ бояд шакли муайяни ҳуқуқии ифодаи худро дошта бошад. Мусаллам аст, ки мавқеи Л.Д. Воеводин пеш аз ҳама дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ташаккул ёфтааст. Ҳолати мазкур аз робитаи мустақими принсипҳои ҳуқуқ бо мазмун ва муқаррароти Конститутсия бармеояд. Ҳамзамон, чунин хусусият аҳаммияти назариявии мавқеи баррасишавандаро коҳиш намедиҳад, зеро он таносуби байни шаклҳои ҳуқуқии ифода ва мазмуни дохилии принсипҳои ҳуқуқро ба таври равшан инъикос менамояд.

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда мавқеи олими рус Р.Л. Иванов қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои бунёдие мебошанд, ки аз ҷониби умум эътироф шуда, дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд ё дар амалияи ҳуқуқӣ ифода меёбанд. Онҳо сатҳи дарки қонуниятҳои умумии иҷтимоӣ ва махсуси ҳуқуқиро ба таври муносиб инъикос намуда, барои ташаккули низоми ҳамоҳанг ва самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, дар сурати мавҷуд будани холигӣ дар танзими ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқ метавонанд ҳамчун воситаи танзими мустақими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода шаванд.

Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафин бар он назаранд, ки «барои мақоми ҳуқуқии шахс на танҳо ҳаҷми ҳуқуқу озодиҳои ба ӯ тааллуқдошта муҳим мебошанд, балки асосҳо ва принсипҳое, ки дар заминаи онҳо ҳуқуқи инсон амалӣ карда мешавад, аҳаммият доранд» [5, с.183]. Дар навбати худ, А.Н. Головистикова ва Л.Ю. Грудтсина қайд менамоянд, ки «принсипи ҳуқуқ – меъёри императивӣ мебошад, ки дар низоми ҳуқуқӣ нисбат ба дигар қоидаҳо аҳаммияти баландтарро дорост, зеро маҳз принсипи мазкур мазмун ва мундариҷаи санадҳои меъёрии

ҳуқуқиро муайян мекунад. Шахсони татбиққунандаи ҳуқуқ ҳангоми дучор шудан ба холигии қонун ҳуқуқ дорад, ки ба он такя намояд. Инчунин, принсипҳо дастури идеалӣ мебошанд, ки маъно ва мундариҷаи танзими меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои мушаххаси иҷтимоиро муайян мекунанд, аммо дар ҳуқуқ дурӣ аз онҳо низ имконпазир аст» [6, с.77]. В.С. Нерсесянс оид ба ҳуқуқи инсон изҳори назар намуда, иброз менамояд, ки «принсипҳое, ки муносибати байни инсон ва давлатро танзим мекунанд, ба сифати талаботи асосӣ баромад менамоянд» [7, с.36]. Г.Н. Комкова оид ба принсипҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар маҷмуъ сухан ронда, онҳоро ҳамчун самти асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки асоси мақоми ҳуқуқии ӯ мебошанд, баҳогузорӣ менамояд. Дар байни ин принсипҳо ӯ принсипҳои универсалӣ ва ҷудонопазирии ҳуқуқи инсон, мустақиман амал кардани ҳуқуқ ва озодӣ, баробарӣ ва ҳифзи давлатро ҷудо менамояд [8]. В.С. Шевтсов дар бораи принсипҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар маҷмуъ сухан ронда, ҷанбаҳои асосии фаъолияти давлатро дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд муайян менамояд. Дар ин замина, ӯ принсипҳои баробарӣ, баробарҳуқуқӣ ва инсондӯстиро мавриди баррасӣ қарор додааст [9]. С.А. Авакян дар зери принсипҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ҳолати инсон ва шаҳрванд, мақоми ибтидоии шахс, ҷойи ӯ дар ҷомеа ва давлатро мефаҳмад [10].

Муҳақиқони ватанӣ низ дар муайян намудани принсипҳои мавқеи ҳуқуқии шахс саҳми назаррасро гузоштаанд. Ҳамин тавр, А.М. Диноршоев қайд менамояд, ки «принсипҳои мақоми ҳуқуқии шахс асосҳои ибтидоие мебошанд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ба шахс тааллуқдоштаро муайян намуда, иҷрои уҳдадориҳои дар боби 2 Конститутсияи ҶТ пешбинишударо аз ӯ талаб менамоянд. Ин асосҳо хусусияти ҳуқуқӣ доранд, аз ҷониби давлат ва ҳуқуқ ҳифз карда мешаванд ва маҳз аз онҳо танзими мақоми ҳуқуқии шахс вобаста мебошад» [11, с.63]. Дар навбати худ А.И. Имомов қайд менамояд, ки «дар зери мафҳуми усулҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд муносибатҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандон вобаста ба мавқеи онҳо дар ҷомеа фаҳмида мешавад» [12]. Дар ин раванд мавқеи Ҷ. Саъдизода диққатҷалбкунанда мебошад, ки сиёсати ҳуқуқии давлатро дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо татбиқи принсипҳои асосӣ дар ин соҳа алоқаманд менамояд. Аз ҷумла, ӯ иброз менамояд, ки «сиёсати ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба як қатор принсипҳо асос меёбад, ки онҳо заминаи асосии амалисозии ин сиёсат баромад мекунанд. Баррасии принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аҳаммияти муҳим дорад. Зеро онҳо самтҳои асосии фаъолияти амалии ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян месозанд» [13]. Нуктаи назари ба ин монандро И.Қ. Миралиев баён намудааст, ки «принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ғояҳои роҳбарикунанда, асосҳои ҳуқуқӣ, талабот, арзишҳое мебошанд, ки хусусиятҳои аслӣ ва мазмуни сиёсати ҳуқуқии мазкурро ифода сохта, мувофиқи онҳо фаъолияти субъектҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ оид ба ташаккул ва амалишавии андеша, барнома ва дигар чорабиниҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташкил ва амалӣ карда мешавад» [14, с.165].

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти андешаҳои баррасигардида метавон иброз намуд, ки принсипҳо ғояҳои бунёдӣ мебошанд, ки дар заминаи онҳо муносибатҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ монда мешаванд. Ин принсипҳо дорои хусусияти умумӣ мебошанд ва дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ бидуни истисно татбиқ карда мешаванд, онҳо принсипҳои мушаххасро, ки дар доираи илмҳои муайяни ҳуқуқӣ таҳия шудаанд, пурра менамоянд.

Дар доираи мавзуи таҳқиқоти мазкур инчунин масъалаи таносуб миёни принсипҳои ҳуқуқ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти махсус дорад. Тавре А.С. Гамбарян қайд менамояд, принсипҳои ҳуқуқ метавонанд бо ҳуқуқи инсон ва кафолатҳои таъмини он робитаи зич дошта бошанд. Дар баъзе ҳолатҳо бошад, худи ҳуқуқи инсон мазмун ва аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқиро касб менамояд [15]. Ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо ҳамчун объекти ҳифз ва ҳимоя, балки ҳамчун заминаи бунёдии тамоми низоми ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад.

Дар низоми принсипҳои умумие, ки заминаи амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, принсипи баробарҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тақозо менамоянд, ки субъектҳои дар ваъияти ҳуқуқии яксон ё ин ки якхела аз имкониятҳои баробари ҳуқуқӣ ва воситаҳои якхелаи ҳуқуқ бархурдор бошанд ва нисбат ба онҳо тафриқагузории беасос ва худсарона роҳ дода нашавад.

Хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо он замоне амалӣ мегардад, ки агар таъмини он ба зиммаи давлат ва ё институти муқарраркарда вогузор гардида бошад. Яке аз шартҳои таъмини муқаррароти конститутсионии арзиши олии инсон, дар он вақт амалӣ гардонида мешавад, агар ба аъзои ҷомеа ҷудонашаванда, умумӣ, тақсимнашавандагию ҳамбастагӣ (аз лаҳзаи таваллуд ба ҳар шахс мансуб будани он)-и ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шавад. Барои таъмини воқеии ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ, бояд моҳияти табиӣ доштани онро ба инобат гирифт. Чунин масъулият дар мадди аввал бар дӯши шахсони мансабдор нуҳуфтааст, зеро онҳо доранда ва баамалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ буда, барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва имконияти амалишавии он чораҳои мушаххасро меандешанд [16, с.45].

Яке аз шаклҳои дигари ифодаи баробарҳуқуқӣ баробар будани ҳамаи шахсон мебошад. Муовифиқи моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробар мебошанд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аҳ миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад [17].

Принсипипи мазкур инчунин дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ низ инъикоси худро ёфта буд. Яке аз аввалин принсипҳое, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон инъикос ёфта буд, ин принсипи баробарӣ мебошад: «Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсият, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад» [18]. Ба ҳамин мазмун дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз давлатҳои узв талаб карда

мешавад, ки дар ҳудуди худ ҳуқуқҳои дар Паймон инъикосёфтаро бидуни тафриқагузорӣ вобаста ба нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра таъмин намоянд [18].

Вобаста ба масъалаи мазкур олими ватанӣ А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, ки «принсипи баробарӣ шарти муҳимми муносибатҳои байнишахсӣ мебошад ва дар он эътирофи ҳар як шахс чун узви комилҳуқуқи иттиҳодияи инсонӣ нуҳуфтааст. Баробарӣ ҳуқуқи асосӣ ва бунёдии (дар баробари озодӣ) шахс буда, боиси зиёд шудани ҳуқуқҳои дигар, ба мисли ҳуқуқи баробарӣ дар назди қонун ва суд, роҳ надодан ба ҳама гуна табъиз, ҳуқуқ ба гуногунрангии фарҳангӣ, динӣ ва забонӣ ва ғ. мегардад. Ҳамин тариқ, баробарӣ усули умумии изҳори тавозуни ҳуқуқӣ, яъне ҳамоҳанг кардани манфиатҳои шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, табақаҳои аҳолӣ, халқ ва миллатҳои гуногун мебошад» [11, с.63]

Олими рус В.В. Лапаева барорбарҳуқуқиро ҳамчун яке аз унсурҳои асосии дарки ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ менамояд [20]. Дар заминаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин чунин маъно дорад, ки ҳуқуқ бояд андозаи ягона ва барои ҳама ҳатмии озодиро муқаррар намояд, ки додани имтиёзҳои беасос ба баъзе субъектҳо ва вогузор намудани маҳдудиятҳои номутаносиб ба субъектҳои дигарро истисно мекунад.

Принсипи баробарҳуқуқӣ бо принсипи адолат робитаи зич ва ногусастанӣ дорад. Агар баробарҳуқуқӣ баробарии ҳамаи шахсонро муқаррар намояд, пас адолат таносуби неъматҳои муайян, манфиатҳои инсон ва ҷомеа, инсон ва давлатро ифода мекунад. Барои амалисозии ҳуқуқ озодиҳои инсон аҳаммияти принсипи адолат дар чанд ҷанба зоҳир мегардад. Якум, меъёрҳои қонунгузорӣ бояд мантиқан асоснок ва аз лиҳози мазмун мутобиқ бошанд, то ки ба тафриқагузорӣ ва мадудсозии худсарона ва ғайриқонунии ҳуқуқу озодиҳо роҳ дода нашавад. Дуюм, чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дигар воситаҳои маҷбуркунии давлатӣ бояд бо хусусиятҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва дараҷаи зарари расонидашуда мутаносиб бошанд.сеюм, дар раванди татбиқ ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳо на танҳо мазмуни зоҳирии меъёри ҳуқуқӣ, балки зарурати таъмини тавозуни муносиб миёни ҳуқуқу манфиатҳои шахс ва манфиатҳои оммавӣ низ бояд ба инобат гирифта шавад.

Т.В. Дерюгина қайд менамояд, ки амалисозии ҳуқуқу озодиҳои аз рӯи табиати худ мавҷудияти маҳдудиятҳоро тақозо менамояд, зеро маҳз тавассути онҳо ҳаду ҳудуди рафтори иҷозатдодашуда барои субъектони ҳуқуқ муайян ва мушаххас карда мешавад [21]. Бо вуҷуди ин, ҳама гуна маҳдудиятҳо ва ё манъкуниҳо ба талаботи ва мутаносибии он ҷавобгӯ бошад. Адолат неъматест, ки ба манфиатҳо, талабот ва арзишҳои инсон мутобиқат намуда, таносуби оқилонаи байни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин менамояд. Маҳз тавассути риояи адолат ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф мегарданд, балки барои амалисозӣ ва татбиқи воқеии онҳо шарту шароити баробар ва муносиб фароҳам оварда мешавад. Адолат ҳамзамон баробари баробарии ҳамаро дар назди қонун, роҳ надодан ба табъиз, дастрасии баробар ба адолати судӣ ва амалисозии самараноки ҳуқуқу озодиҳоро дарбар мегирад.

Дар баробари принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва адолат принсипи озодӣ низ дар амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти махсус дорад. озодӣ на танҳо принсипи умумии ҳуқуқ, балки шарти зарурии амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад, зеро маҳз тавассути эътироф ва кафолати озодӣ шахс метавонад аз ҳуқуқҳои худ мустақилона истифода намояд. Ҳуқуқ дар ин замина ҳамчун шакли меъёрии озодии инсон баромад намуда, рафтори имконпазир ҳаду ҳудади дахолати давлат ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсро муайян месозад. Аз ин рӯ, амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бе таъмини воқеии озодӣ имконнопазир мебошад. Озодии инсон ченаки муҳимми фаъолияти давлат, нишондиҳандаи демократӣ будани ҷомеа, асоси рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва заминаи устувори ташаббускорӣ ва масъулияти шахс мебошад. Фаъолияти давлат танҳо бо эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳо маҳдуд намегардад, балки вазифадор аст, ки амалисозӣ ва татбиқи онҳо шароити мусоиди ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро фароҳам оварад. Дар раванди мазкур озодӣ ҳамчун принсипи роҳнамо баромад намуда, талаб менамояд, ки ҳар як шахс имконияти воқеии амалисозии ҳуқуқу озодиҳои худро дошта бошад.

Маврид ба зикр аст, ки принсипи озодии шахсро наметавон пурра дар шакли расмӣ ифода намуд. Мазмун ва моҳияти он вобаста ба соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, шароити беруна ва мавқеи қонунгузор ё ҳуқуқтатбиққунанда тағйир ёфта дар шаклҳо гуногун зоҳир мегардад. Принсипи озодӣ аз ҷиҳати мазмун доираи фаъолиятеро дар бар мегирад, ки дар он мустақилият ва худмухтории шахс зоҳир мегардад. Ин доираи озодии андеша, сухан, эътиқод, ҳаракат, меҳнат ва дигар шаклҳои фаъолияти инсонро фаро гирифта заминаи ҳуқуқии худмуайянкунии шахсро ташкил медиҳад [22]. Дар раванди амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд принсипи мазкур ба шахс имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро бо иродаи озод, бе дахолати ғайриқонунӣ ва беасос, инчунин дар доираи талаботи қонун амалӣ намояд. Давлат ҳуқуқҳои фитрии инсонро муқаррар накарда, балки онҳоро эътироф намуда, дар санадҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам менамояд. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки инсонро аз ҳуқуқҳои фитрӣ маҳрум созад ё ҳуқуқҳои фитрии инсонро маҳдуд намояд. Маҳрум сохтани инсон аз ҳуқуқҳои фитрӣ ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои фитрии инсон ба таври истисно танхо аз ҷониби давлат дар ҳолатҳои муайян бо мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи қонун ва риояи тартиби муқаррарнамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Вайрон кардани дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон боиси ба миён омадани ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад [16, с.45]. Ҳамзамон, давлат вазифадор аст, ки на танҳо озодиҳои мазкурро дар сатҳи қонунгузорӣ эътироф намояд, балки барои истифодаи воқеии онҳо шароити зарурӣ фароҳам оварад.

Бартарии ҳуқуқ дар низоми муносибатҳои мутақобилаи давлат ва шахс танҳо бо таъмин қонуният ва тартибот маҳдуд намегардад. Он ҳамчунин мавҷудият ва кафолати озодӣ, баробарӣ ва адолатро низ пешбинӣ менамояд, ки асоси онҳоро эътирофи инсон, ҳаёт ва шаъну шарафи ӯ ҳамчун арзиши олӣ ташкил медиҳанд [24]. Принсипи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд

дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон мавқеи калидӣ дошта, самт ва мазмуни фаъолияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судиро муайян менамояд. Моҳияти принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бояд бо дарназардошти зарурати эҳтиром, таъмин ва ҳифзи онҳо амалӣ карда шавад. Аз ин рӯ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо ҳадафи танзими ҳуқуқӣ, балки меъёри асосии арзёбии фаъолияти давлат ва мақомоти он ба ҳисоб меравад.

Принсипи мазкур, пеш аз ҳама, тавассути эътирофи ҳуқуқҳои фитрӣ ва дахлнопазирии инсон, ки аз табиат, шаъну шараф ва мавҷудияти биологии он бармеоянд, зоҳир мегардад. Давлат уҳдадор аст, ки ҳуқуқу озодиҳои мазкурро мутобиқи Конститутсия, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудааш эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Бевосита амал намудани ҳуқуқу озодиҳо, ки дар Конститутсия ҳамчун афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ менамояд, маънои онро дорад, ки шахс метавонад барои амалисозӣ ва ҳифзи он мустақиман ба меъёрҳои конститутсионӣ такя намуда, аз мақомоти давлатӣ ва судӣ бартараф намудани монеаҳо ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшударо талаб намояд. Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон яке аз функсияҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Ба воситаи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаҳои конститутсионии давлат ва мақомоту шахсони мансабдори он амалӣ карда мешаванд, иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ин вазифаҳо аз ҷониби онҳо маънои халалдор гаштани Қонуни асосии давлатро дорад [25].

Дар раванди амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон афзалияти онҳо бояд ҳам дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам дар татбиқи ҳуқуқ ба таври воқеӣ таъмин карда шавад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ченаки муайянкунандаи сифати ҳуқуқии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, мақсад, мазмун ва самти танзими онҳоро муайян менамоянд. Қонунҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бе асоси кофӣ маҳдуд менамоянд ё кафолати ҳифзи онҳоро таъмин намекунанд, ба талаботи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ҷавобгӯ буда наметавонанд. Бинобар ин, мақомоти қонунгузор вазифадоранд, ки ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқати онҳоро бо арзишҳои конститутсионӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд таъмин намоянд.

Дар баробари ин, сатҳи эътироф ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нишондиҳандаи сифати ҳуқуқии фаъолияти мақомоти олии давлатӣ, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд ба эҳтироми шаъну шарафи инсон, фароҳам овардани шароити истифодаи озодонаи ҳуқуқҳо ва пешгирии ҳамагуна дахолати ғайриқонунӣ асос ёбад. Ҳамин тариқ, принсипи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз эътирофи расмии онҳо фаротар рафта, таъмини кафолатҳои воқеӣ, механизмҳои муассири ҳифз ва масъулияти давлатро барои натиҷаи амалисозии ҳуқуқу озодиҳои мазкур тақозо менамояд.

Принсип худ заминаи меъёрию арзишии ҳуқуқро ифода менамояд, аммо аҳаммияти амалии он маҳз тавассути таъсири ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ошкор мегардад. Аз ин рӯ, амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ, озодӣ, баробарӣ ва адолат маҳдуд намешавад, балки мавҷудияти воситаҳои устувори ҳуқуқиро низ тақозо менамояд.

Дар сатҳи давлатӣ ҳуҷҷатҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул карда шуданд. Ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ, ки онро давлат кафолат медиҳад, ба расмият шинохта мешавад. Эъломияҳо, хартияҳо, конститутсияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ҳуқуқи инсонро мустаҳкам карда, баҳри таъмини онҳо кафолатҳои зарурӣ муҳайё намуданд. Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон бар дӯши давлат мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи худ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуд[26]. Воқеияти ин гуфтаҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки ғояи инсондӯстӣ дар Паём чунин ифода намудаанд: «рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад» [27].

Таҳлилҳои анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки самаранокии амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз робитаи мутақобилаи принсипҳои ҳуқуқ вобаста мебошад. Принсипҳои ҳуқуқ на танҳо қоидаҳои умумӣ, балки заминаи воқеии ташаккул ва инкишофи тамоми низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси принсипҳо назарияҳои илмӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар заминаи онҳо намудҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, адолати судӣ ва дигар самтҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ташкил ва амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, ҳар як меъёри ҳуқуқӣ бояд бо принсипҳои асосии ҳуқуқ мутобиқат дошта бошад, зеро маҳз тавассути онҳо арзишҳои бунёдӣ, аз ҷумла адолат, баробарӣ, озодӣ, қонуният ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос мегарданд.

Адабиёт

1. Общая теория права и государства. Академический курс / под ред. М. Н. Марченко. – М.: Зерцало, 1998. – 720 с.
2. Алексеев С.С. Общая теория права: в 2 т. / С.С. Алексеев. – М. : Юрид. лит., 1981. – Т. 1. – 360 с
3. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Моҳи-Мунир», 2025. – С.465.
4. Воеводин Л. Д. Юридический статус личности в России : учеб. пособие / Л. Д. Воеводин. – М.: Изд-во Моск. ун-та: Норма: Инфра-М, 1997. – С.32. – 304 с.
5. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России: Учебник. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, изд-во Проспект, 2007. – С.183.
6. Головистикова А.Н., Грудцына Л.Ю. Права человека. – М., 2006. – С. 77.

7. Нерсесянц В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли // Права человека. – М.: НОРМА- ИНФРА-М, 1999. – С. 36.
8. Комкова Г.Н. Конституционные принципы правового статуса личности в Российской Федерации // Институт прав человека в России. – Саратов. 1998. – С. 63-69.
9. Шевцов В.С. Права человека и государство в Российской Федерации. – М., 2002. – С. 238-260.
10. Авакьян С.А. Конституционное право России. В 2-х т. Т.1. – М., 2014. – С. 575.
11. Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 63.
12. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Чумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2017. – С. 217.
13. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.
14. Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – С. 165.
15. Гамбарян А.С. Внесистемные коллизии и внутрисистемные конфликты принципов права: доктрина, практика, техника // Юридическая техника, №. 14, 2020. – С. 36-45.
16. Мирализода И.Қ. Оид ба масоили мафҳум ва аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1 (37). – С.45
17. Лапаева В.В. Правовой принцип формального равенства // Журнал российского права. – 2008. – №2 (134). – С 67-80.
18. Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. Т.1. / Под ред. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2009. – 328 с.
19. Диноршоев А.М. Реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 63.
20. Рукавишникова Т.А. Права человека: современные аспекты содержания // Правопорядок: история, теория, практика, №. 2 (5), 2015. – С 4-8.
21. Дерюгина, Т. В. Пределы осуществления прав собственника на жилое помещение: коллизионные аспекты правового регулирования / Т. В. Дерюгина // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 5, Юриспруденция. – 2015. – №3 (28). – С. 92-96.
22. Краснослободцева Н.К. Соотношение понятий «Свобода» и «Права» человека // Ленинградский юридический журнал. – 2014. – №4 (38). – С. 75-82.
23. Мирализода И.Қ. Оид ба масоили мафҳум ва аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1 (37). – С.45
24. Мецгер А.А. Принцип приоритета права во взаимоотношениях гражданина и государства в Российской Федерации // Образование и право. – 2020. – №4. – С. 67-73.

25. Миралиев И.Қ. Алоқамандии ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2012. – № 3/2 (83). – С. 73-77.
26. Миралиев И.Қ. Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: Дис. б… д.и.ҳ. / ихтисос 12.00.01 – Душанбе, 2024. – С.1
27. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи мурочиат: 29.12.2023 с.).

Принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун заминаи амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва танзими меъёрии он

Дар мақолаи мазкур принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун заминаи амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва танзими меъёрии он мавриди талил қарор гирифтааст. Муаллиф моҳият, мазмун ва аҳаммияти принсипҳои асосии ҳуқуқ, аз ҷумла қонуният, адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ, эҳтироми шаъну шарафи инсон ва афзалияти ҳуқуқу озодиҳои шахсро дар низоми ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Инчунин қайд менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқ ҳамчун ғояҳои бунёдӣ самти ташаккул, инкишоф ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро муайян намуда, барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти калидӣ доранд.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқ, амалисозии ҳуқуқ, механизми амалисозии ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, озодии инсон, механизми амалисозии ҳуқуқи инсон, принсипҳои ҳуқуқ, қонуният, адолат, баробарӣ.

Принципы права как основа реализации прав и свобод человека и их нормативного регулирования

В данной статье принципы права анализируются как основа реализации прав и свобод человека и их нормативного регулирования. Автор рассматривает сущность, содержание и значение основных принципов права, в том числе законности, справедливости, равенства, гуманизма, уважения чести и достоинства человека, а также приоритета прав и свобод личности в правовой системе. Отмечается также, что принципы права как основополагающие идеи определяют направления формирования, развития и применения правовых норм и имеют ключевое значение для реального обеспечения прав и свобод человека.

Ключевые слова: Право, реализация права, механизм реализации права, права человека, свобода человека, реализация прав человека, принципы права, законности, справедливости, равенства

Principles and of law as the basis for the realization of human rights and freedoms and their legal regulation

This article examines the principles of law as a foundation for the realization of human rights and freedoms and their normative regulation. The author analyzes the essence, content, and significance of the fundamental principles of law, including legality, justice, equality, humanism, respect for human honor and dignity, as well as

the priority of individual rights and freedoms within the legal system. It is also emphasized that the principles of law, as fundamental ideas, determine the directions of the formation, development, and application of legal norms and are of key importance for ensuring the effective realization and protection of human rights and freedoms.

Keywords: Law, implementation of law, mechanism of law implementation, human rights, human freedom, implementation of human rights, mechanism of human rights implementation, principles of law, functions of law.

Шоҳиддинзода Бахтиёр Раҷабалӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Мирализода Исфандиёр Қарахон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. **Тел.:** (+992) 908483869. **Email:** isfand_1986@mail.ru

Шоҳиддинзода Бахтиёр Раджабали, Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения

Мирализода Исфандиёр Карахон, Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой прав человека и сравнительного правоведения, доктор юридических наук, профессор. **Тел.:** (+992) 908483869. **Email:** isfand_1986@mail.ru

Shohiddinzoda Bakhtiyor Rajabali, Tajik National University, Faculty of Law, applicant (researcher) of the Department of Human Rights and Comparative Law

Miralizoda Isfandiyor Qarakhon, Tajik national university, faculty of law, head of the departmentof human rights and comparative law, doctor of legal sciences, professor. **Tel.:** (+992) 908483869. **Email:** isfand_1986@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТАШАККУЛИ НИЗОМИ МУОСИРИ ДАВЛАТДОРӢ ВА РУШДИ ПАРЛАМЕНТИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шосаидзода Ш.Ш.
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили ҳаводиси таърихӣ ва таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ташаккул ва таҳкими низомҳои муосири давлатдорӣ дар ҳама давру замон, пеш аз ҳама, ба нақш ва масъулияти шахсиятҳои сиёсӣ ва роҳбароне вобаста мебошад, ки дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ бо иродаи устувори сиёсӣ, ҷаҳонбинии давлатмеҳвар ва масъулияти баланди миллӣ тавонистаанд самти стратегияи рушди ҷомеаро муайян намоянд. Таърихи тамаддунҳои бузург гувоҳ аст, ки марҳилаҳои эҳё, рушд ва таҳкими давлатдорӣ ҳамеша бо фаъолияти шахсиятҳои барҷастаи сиёсӣ пайванд дошта, ки онҳо тавонистаанд ҷомеаро муттаҳид намуда, бо такияи ба меъёрҳои ҳуқуқӣ давлатро аз буҳрони сиёсӣ ба субот ва аз парокандагӣ ба ваҳдати миллӣ расонанд.

Дарвоқеъ, ҳар гуна ислоҳот ва дигаргуниҳо дар давлатдорӣ, пеш аз ҳама, ба омили инсонӣ такя менамояд. Қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ танҳо дар сурате хусусияти амалигардӣ ва самаранокӣ пайдо мекунанд, ки дар паси онҳо иродаи устувори сиёсӣ, масъулияти давлатӣ ва иқтидори роҳбарикунанда қарор дошта бошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар раванди ташаккули ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷомеа шахсиятҳое зуҳур менамоянд, ки фаъолияти онҳо ба раванди таърихии давлатдорӣ ва сарнавишти миллат робитаи мустақим ва ногусастанӣ дорад.

Дар шароити мураккабу ҳассоси таърихӣ яке аз вазифаҳои калидии ҳар давлат ҳифз ва таҳкими истиқлоли давлатӣ ба шумор меравад. Хусусан дар шароите, ки омилҳои беруна ва дохилӣ ба суботи сиёсӣ таъсир расонида, хатари низоъҳои иҷтимоиро афзоиш медиҳанд, масъалаи таъмини амнияти давлатдорӣ ва устувории низоми сиёсӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Дар ҳамин замина, фаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ ба ҳифзи истиқлоли давлатӣ, таҳкими пояҳои давлатдории муосири тоҷикон ва барқарорсозии низоми конститутсионӣ дар асоси волоияти қонун нигаронида шудааст.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки истиқлол ва озодӣ танҳо тавассути воситаҳои сиёсиву ҳарбӣ таъмин намегарданд, балки ба омилҳои маънавӣ ва фарҳангӣ низ такя менамоянд. Дар ин раванд ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба мероси таърихиву фарҳангӣ нақши муайянкунанда ва стратегӣ дорад, ки Тоҷикистон ин масъаларо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор додааст.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун абармарди дунёи сиёсат ин равандро бо роҳи огоҳонидани халқ аз таъриху фарҳанг, забону адабиёт, дину мазҳаби аҷдодӣ[1, С. 372] оғоз намуда, арҷ гузоштан ба мероси ниёгону омӯзиши осори онҳоро сармашқи кори хеш қарор додаанд, ки ин ҳама манбаъҳо ва қисмҳои таркибии ғояи ватандӯстӣ ва назарияи ҳифзи истиқлолро вобаста ба шароити таърихӣ ва

анъанаҳои миллӣ таҳия ва тарҳрезӣ намуд. Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва гиромидошти суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, муттафакирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб нақши бисёр бузург ва беназир доранд, зеро, Пешвои миллат ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд, ки киштии умеди мардуми тоҷикро ба соҳили мурод расонанд[2, С. 31-35].

Марҳилаи нави рушди давлатдории Тоҷикистон бо ташаккули заминаҳои ҳуқуқии давлати соҳибистиқлол, таҳкими сохтори конститутсионӣ ва татбиқи арзишҳои бунёдии давлатдорӣ алоқаманд мебошад. Дар ин раванд Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, таҳкими волоияти қонун, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши муассир гузоштанд.

Дар таърихи навини давлатдории тоҷикон чунин мақом ва рисолати таърихиро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соҳиб мебошанд. Имрӯз бе зикри номи ин шахсияти сиёсӣ тасаввур намудани таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, раванди бунёди давлатдории миллӣ, эҳёи сохторҳои давлатӣ, таҳкими сулҳу субот ва ташаккули низоми муосири ҳуқуқиву сиёсӣ ғайриимкон аст.

Воқеияти таърихӣ ин аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ давлатдории тоҷикон ба яке аз марҳилаҳои мураккабтарин ва сарнавиштсозтарини таърихи худ рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ, фалаҷ гардидани сохторҳои давлатӣ, коста шудани низоми идоракунӣ, парокандагии ҷомеа ва хатари аз байн рафтани давлатдории миллӣ вазъиятеро ба вуҷуд оварда буд, ки масъала танҳо дар бораи рушди давлат не, балки дар бораи ҳифзи ҳастии миллат қарор дошт. Маҳз дар чунин шароити ҳассос ба саҳнаи сиёсат омадани Эмомалӣ Раҳмон ва ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарии давлат оғози марҳилаи нави давлатсозии миллӣ гардид.

Он чизе, ки Пешвои миллатро ҳамчун шахсияти таърихӣ муаррифӣ менамояд, танҳо фаъолияти сиёсӣ нест, балки иродаи устувор дар роҳи ҳифзи давлат ва миллат мебошад. Таърих кам шахсиятҳоеро медонад, ки дар шароити фурӯпошии сохтори давлатӣ тавониста бошанд давлатро аз нав эҳё намуда, мардумро муттаҳид созанд ва дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ пояҳои давлатдории муосирро бунёд намоянд.

Аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ Пешвои миллат самти асосии рушди давлатдории тоҷиконро муайян намуданд. Изҳороти таърихии Эмомалӣ Раҳмон – «Ман ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошам»[3, С. 17] – на танҳо як мавқеи сиёсӣ, балки эъломияи сарнавиштсози бунёди давлати нави тоҷикон буд. Маҳз ҳамин андешаи сиёсӣ асоси ташаккули сохтори конститутсионӣ ва низоми муосири давлатдориро гузошт.

Баъдан раванди бунёди ниҳодҳои давлатӣ оғоз гардид. Дар он шароите, ки аксари сохторҳои давлатӣ фалаҷ гардида буданд, масъалаи ташкили низоми муосири идоракунӣ аҳамияти ҳаётӣ дошт. Пешвои миллат тавонистанд пояҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунӣ, низоми ҳуқуқӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро марҳила ба марҳила эҳё ва таҳким бахшанд. Яке аз дастовардҳои муҳими ҳамин марҳила ташаккули низоми муосири парламентаризм дар кишвар

мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки парламентаризм яке аз асосҳои муҳими давлатдории демократӣ ба ҳисоб меравад. Парламент на танҳо мақоми қонунгузор, балки минбари ифодаи иродаи мардум, кафили волоияти қонун ва воситаи муҳимми таъмини мувозинати ҳокимияти давлатӣ мебошад[4, С. 60-70].

Дар шароити давлатдории миллӣ масъулияти парламент боз ҳам бештар мегардад. Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол баъди ба даст овардани истиқлолият бо мушкилоти ҷиддии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар чунин шароит зарур буд, ки сохтори нави давлатдорӣ ташаккул ёфта, пояҳои ҳуқуқии давлат мустаҳкам гарданд. Парламент дар ин раванд вазифаи таърихии худро иҷро намуда, барои қабули санадҳои муҳими ҳуқуқӣ ва барқарорсозии низоми конститутсионӣ саҳм гузошт.

Дар давраи аз ноябри соли 1992 то ноябри соли 1994, пас аз барҳам хӯрдани низоми президентӣ, Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардида, ҳамзамон вазифаи роҳбари давлатро иҷро намуданд. Ин давра яке аз марҳилаҳои бисёр ҳассос ва тақдирсози таърихи навини Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро кишвар дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони сиёсӣ ва фалаҷ гардидани сохторҳои давлатӣ қарор дошт. Маҳз дар чунин вазъият роҳбарияти нави давлат тавонист барои нигоҳ доштани давлатдорӣ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ тадбирҳои муҳим андешад.

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, самтҳои асосии рушди минбаъдаи давлат муайян карда шуданд. Дар иҷлосия 74 санади муҳими меъёри ҳуқуқӣ қабул гардид, ки онҳо барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва барқарор намудани фаъолияти сохторҳои идоракунӣ замина гузоштанд[4].

Роҳбари давлат ҳамчун асосгузори давлати муосир ба омода намудан ва аз ҷониби мардуми Тоҷикистон қабул гардидани Қонуни асосии кишвар, ки мақсад, маром ва ҳадафҳои сиёсии халқи Тоҷикистонро инъикос намояд талош намудаанд. Дар яке изҳороти хеш таъкид менамоянд, ки «Имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин, ман ҳамчун Сардори давлат изҳор мекунам, ки асоси эҷоди ин навъи давлатро Сарқонуни нави ҷумҳурӣ мегузорад... Бинобар ин, ман дар андешаи онам, ки бояд Шӯрои Олӣ лоиҳаи Қонуни асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима, таҳрири ниҳоии лоиҳаи Сарқонун ва гузаронидани раъйпурсии умумӣ он қабул шавад»[5, С. 171]. Чунин андешаҳо бозгуи онанд, ки сухан дар бораи ислоҳоти ҳуқуқии давлат ва ҷомеа рафта, се нуктаи муҳимми он таъкид мешавад: якум, ислоҳоти ҳуқуқиро бояд аз қабули Қонуни асосии кишвар сар кунем, дуюм, Қонуни асосиро халқ бояд қабул кунад ва меъёрҳои онро вобаста ба мақсад ва маромаш муқаррар намояд ва сеюм, маҳз дар Қонуни асосӣ роҳи ояндаи Тоҷикистон ба сӯи давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ муқаррар карда шавад.

Ҳақ ба ҷониби академик М. Маҳмудзода аст, ки навиштааст: «Ғояи давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси ҳадафи стратегии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон гардид, дертар дар лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шуд»[6, С. 8-13].

Ҳамин тавр, қарорҳои сессияи XVI Шурои олӣ ва ташаббус оид ба оғози раванди конститутсионӣ таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули асосҳои ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли тоҷик, шаклгирии низоми муосири ҳокимияти давлатӣ ва рушди парламентаризми миллӣ нақши муайянкунандаро бозид.

Бо ташаббуси роҳбарияти давлат лоиҳаи нави Конститутсия таҳия гардида, 6 ноябри соли 1994 тавассути райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Конститутсияи нав асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро муайян намуда, сохтори нави ҳокимияти давлатӣ ва низоми ҳуқуқии кишварро муқаррар кард[7, С. 224-238].

Дар ҳамин замина, нақши таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди парламентаризми тоҷик ниҳоят бузург ва тақдирсоз мебошад. Ном, фаъолият ва хизматҳои таърихии Пешвои миллат бо эҳёи давлатдории тоҷикон, таҳкими сулҳу ваҳдат ва рушди институтҳои давлатӣ, аз ҷумла парламент, робитаи ногусастанӣ доранд.

Маҳз таҳти роҳбарии Пешвои миллат сохтори нави давлатдорӣ ташаккул ёфт, ниҳодҳои муҳими давлатӣ таъсис дода шуданд ва заминаҳои ҳуқуқии ҷомеаи демократӣ ба вуҷуд омаданд.

Ислоҳоти низоми идора се давраи мукаммалро паси сар намуда, дар кишвар институти президентии комилан халқӣ, парлумони касбӣ, Ҳукумати ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ, ҳокимияти судии мустақил, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, интихоботи шаффофи Президент, парлумон ва маҷлиси вакилони маҳаллӣ, институти ҳуқуқи инсон – ваколатдор давра ба давра заминаҳои ҳуқуқии худро пайдо карда, Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар муддати 35 сол ба сафи давлатҳои миллии муосир ҳамроҳ намуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парламент ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор дар раванди давлатсозии миллӣ нақши калидӣ дорад. Аммо бояд таъкид намуд, ки ташаккули Парламенти касбӣ ва доимамалкунанда маҳз ба ташаббус ва сиёсати давлатсозонаи Пешвои миллат вобастагии мустақим дорад. Маҳз тавассути ислоҳоти конститутсионӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия соли 1999 заминаи ҳуқуқии таъсиси Парламенти касбӣ фароҳам оварда шуд ва аз соли 2000 Маҷлиси Олӣ дар шакли нави касбӣ фаъолияти худро оғоз намуд.

Ин ислоҳот аҳамияти бузурги сиёсиву ҳуқуқӣ дошт. Зеро Парламенти касбӣ имконият фароҳам овард, ки сифати қонунгузорӣ беҳтар гардад, фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба талаботи замон мутобиқ карда шавад ва низоми ҳуқуқии давлат таҳким ёбад. Имрӯз натиҷаи ҳамин сиёсатро мо дар шакли ташаккули низоми муосири қонунгузорӣ, такмили фазои ҳуқуқӣ ва рушди устувори муносибатҳои ҷамъиятӣ мушоҳида менамоем.

Ислоҳоти конститутсионӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ таҳти роҳбарии бунёдгузори давлати миллӣ низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии

давлати комилан мустақили миллӣ табдил дод. Дар заминаи 7 интихоботи даврии парлумонӣ солҳои 1995, 2000, 2005, 2010, 2015, 2020 ва 2025 халқи Тоҷикистон мақомоти қонунгузории кишварро дар ҳайатҳои нав интихоб намуда, роҳи қонунии бунёди давлати мустақил ва демократии Тоҷикистонро ривоҷу равнақи тоза бахшида, шаш маротиба – солҳои 1991, 1994, 1999, 2006, 2013 ва 2020 интихоботи президентӣ гузаронида падидаи интихобот ва овоздиҳии халқро якҷо бо низоми идораи президентӣ дар кишвар такмил ва таҳким бахшид. Низоми қонунгузорӣ бо 4 райъпурсии умумумихалқӣ 4 ислоҳоти конститутсиониро солҳои 1994, 1999, 2003 ва 2016 ҳамчун давраҳои рушди низоми ҳуқуқии давлат паси сар кард[8].

Фаъолияти қонугузории давлати мо таҳти роҳбарии маънавии Роҳбари давлат дар симои парламент тайи ин муддат ду давраи комили парламентаризмро паси сар намудааст. Давраи аввал то соли 2000-ум, яъне давраи фаъолияти парлумони даъватӣ ва давраи дуюм аз соли 2000-ум то ба имрӯз – давраи фаъолияти парлумони касбӣ. Мақоми қонугузор ҳам дар шакли фаъолияти даъватӣ ва ҳам дар шакли фаъолияти касбӣ то ба имрӯз бо таҷрибаи созандагӣ, бунёдкорӣ ва ифодаи дурусти иродаи халқ дар ҷараёни ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ, ваҳдати миллӣ, бунёд ва тавсеаи шоҳроҳи ҳуқуқии давлати демократӣ, нақши таърихии худро сарбаландона иҷро карда истодааст.

Парламент дар раванди таҳкими давлатдории миллӣ аҳамияти бузурги сиёсӣ ва таърихӣ дорад. Парламенти тоҷик, ки имрӯз ҳамчун Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, дар шароити соҳибистиқлолӣ ба яке аз ниҳодҳои муҳими давлатдории миллӣ табдил ёфтааст. Он на танҳо мақоми қонунгузор, балки мактаби сиёсӣ, майдони ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷомеа ва кафили суботи конститутсионӣ мебошад.

Нақши парламент дар давлатдории миллӣ бисёрҷанба мебошад. Аввалан, парламент заминаи ҳуқуқии фаъолияти давлатро фароҳам месозад. Қонунҳое, ки қабул мегарданд, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян мекунанд. Дуюм, парламент ба сифати минбари муҳими сиёсӣ барои муколамаи давлат ва ҷомеа хизмат мекунад. Сеюм, он дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ, боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими арзишҳои демократӣ саҳми назаррас мегузорад.

Тибқи Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад ва истифодаи самараноки ин ваколат дар рушди низоми ҳуқуқии кишвар, раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини рушди пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар нақши муассир гузоштааст. Конститусия дар давлатдории миллии мо Президенти мамлакатро ҳамзамон Раиси Ҳукумат муайян карддаст.

Дар баробари ин, ҳамоҳангии фаъолияти Парламент ва Ҳукумат низ яке аз омилҳои муҳими пешрафти давлатдорӣ мебошад. Ҳукумат бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунэҷодкунӣ фаъолияти густурдаро ба роҳ монда, лоиҳаҳои қонунҳои муайянкунанда ва танзимкунандаи самтҳои муҳими муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳия ва ба Парламент пешниҳод менамояд. Ин ҳамкорӣ дар заминаи

сиёсати умумии давлатдорӣ, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат амалӣ мегардад, ба ташаккули низоми муассири идоракунии давлатӣ мусоидат намудааст.

Имрӯз мо натиҷаи ҳамин сиёсати давлатмеҳвариро дар ҳамаи самтҳои рушди ҷомеа мушоҳида мекунем. Таъмини сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиёт, татбиқи самараноки Ҳадафҳои стратегии қабулгардида, болоравии обрӯи байналмилалии Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ҳама ба сиёсати дурбинона ва фаъолияти созандаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ доранд.

Дар баробари ин, бояд махсус таъкид намуд, ки хизматҳои Пешвои миллат танҳо дар доираи идоракунии сиёсӣ маҳдуд намешаванд. Эҳёи арзишҳои миллӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ, арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги ниёгон, ҳифзи забони давлатӣ ва боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ низ аз самтҳои муҳими фаъолияти давлатсозонаи эшон ба ҳисоб мераванд[8].

Таърих гувоҳ аст, ки давлатҳои мутамаддин маҳз дар заминаи фарҳанги баланди сиёсӣ, низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ рушд намудаанд. Миллати тоҷик низ дар гузашта бо давлатдории бузург, фарҳанги воло ва низоми пешрафтаи идоракунӣ дар таърихи башарият мақоми арзанда дошт. Имрӯз эҳёи ҳамин суннатҳои давлатдорӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи давлати муосир яке аз дастовардҳои муҳими сиёсати гуногунҷанбаи Пешвои миллат мебошанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, вазифаи мо – ҳамчун намояндагони ҷомеъаи шаҳрвандӣ дар пешбурди ҳокимияти давлатӣ аз он иборат аст, ки арзиши давлатдории соҳибистиқлолро амиқ дарк намуда, барои таҳкими қонуният, рушди парламентаризм, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ саҳми арзандаи худро гузорем.

Махсусан дар шароити зудтағйирёбанда ва пешгӯинашавандаи ҷаҳони муосир зарурати аз ҳарвақта дида бештар ҳифзу нигоҳдошти давлатдории миллӣ, якпорчагии ватани маҳбуб, дар як вақт тарбияи насли наврас ва ҷавон дар руҳияи ватандустию хештаншиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ ба миён омадааст.

Зеро давлатдорӣ на танҳо низоми идоракунӣ аст, балки масъулияти таърихӣ дар назди миллат, наслҳои оянда ва ҳифзу таҳкими истиқлолу ваҳдати миллӣ мебошад.

Ҳамин тавр, фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлоли давлатӣ дар ташаккул ва таҳкими давлатдории миллӣ, бунёди низоми муосири ҳуқуқӣ, рушди парламентаризми касбӣ ва таъсиси ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ нақши муайянкунанда ва таърихӣ бозидааст. Бо туфайли ислоҳоти сиёсӣ ва ҳуқуқие, ки таҳти роҳбарии эшон амалӣ гардиданд, заминаҳои зарурии рушди устувори давлат, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини пешрафти мунтазами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ фароҳам оварда шуданд.

Адабиёт:

1. Шарифзода А., Қосимӣ З. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Имоми Аъзам. Китоби 9. – Душанбе, 2011. – С. 372.

2. Давлатзода С.Х. Пешвои муаззами миллат – омили муҳими иттиҳод, сарҷамъӣ ва ягонагии мардуми Тоҷикистон // Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон. / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии ДДҲБСТ. – Хуҷанд: «Ношир», 2019. – С. 31-35

3. Изҳорот. 31 декабри соли 1992. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе, 2002. – С. 17.

4. Холиқзода А.Ғ., Шарифзода М. М., Шосаидзода Ш.Ш. ПЕШВО ВА МАКТАБИ ДАВЛАТДОРӢ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ). – Хуҷанд: Ношир 2022. – С. 60-70.

5. Изҳороти сиёсӣ. Моҳи декабри соли 1993.Ниг.: Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе, 2002. – С. 171.

6. Маҳмудзода М. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсия // «Дин ва ҷомеа». – Душанбе, 2014. – № 7. – С. 8-13.

7. Шосаидзода Ш.Ш. Саҳми Пешои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ ва қабули Конститутсия // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 224-238

8. Холиқзода А.Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. ПЕШВО ВА МАКТАБИ ДАВЛАТДОРӢ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ). – Хуҷанд: Ношир 2022. – 512 с.

Ташаккули низоми муосири давлатдорӣ ва рушди парламенти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии ташаккули низоми муосири давлатдорӣ ва рушди парламентӣ касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Яке аз дастовардҳои муҳимми давлатдории мусоир ташаккули низоми муосири парламентаризм дар кишвар мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки парламентаризм яке аз асосҳои муҳимми давлатдории демократӣ ба ҳисоб меравад. Парламент на танҳо мақоми қонунгузор, балки минбари ифодаи иродаи мардум, кафили волоияти қонун ва воситаи муҳимми таъмини мувозинати ҳокимияти давлатӣ мебошад

Калидвожаҳо: давлат, давлатдорӣ, ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккул, инкишоф, парламент, парламенти касбӣ.

Формирование современной системы государственности и развитие профессионального парламента в Республике Таджикистан

В настоящей статье всесторонне исследуются и анализируются некоторые теоретические и практические вопросы формирования современной системы государственности и развития профессионального парламентаризма в Республике Таджикистан. Одним из важнейших достижений современной государственности является формирование в стране современной системы

парламентаризма. Мировой опыт показывает, что парламентаризм является одной из важнейших основ демократической государственности. Парламент представляет собой не только законодательный орган, но и трибуну для выражения воли народа, гарант верховенства закона и важнейший механизм обеспечения баланса государственной власти.

Ключевые слова: государство, государственность, право, правовая система, правовые нормы, правотворчество, формирование, развитие, парламент, профессиональный парламент.

Formation of a modern system of statehood and the development of a professional parliament in the Republic of Tajikistan

This article provides a comprehensive analysis of certain theoretical and practical issues related to the formation of a modern system of statehood and the development of professional parliamentarism in the Republic of Tajikistan. One of the major achievements of modern statehood is the establishment of a contemporary system of parliamentarism in the country. International experience demonstrates that parliamentarism constitutes one of the essential foundations of democratic statehood. Parliament is not only a legislative body, but also a platform for expressing the will of the people, a guarantor of the rule of law, and an important mechanism for ensuring the balance of state power.

Keywords: state, statehood, law, legal system, legal norms, law-making, formation, development, parliament, professional parliament.

Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**, Тел.:** (+992) 936005566**, E-mail:** dahkat_1988@mail.ru

Шосаидзода Шахбоз Шосаид, депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, кандидат юридических наук**, Тел.:** (+992) 936005566**, E-mail:** dahkat_1988@mail.ru

Shosaidzoda Shahboz Shosaid, Deputy of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences**, Tel.:** (+992) 936005566**, E-mail:** dahkat_1988@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

АМНИЯТ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯ ҲУҚУҚӢ

Исозода П.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар шароити муосир масъалаҳои амният ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи дохилидавлатӣ аҳаммияти хосса пайдо намуда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз табдил ёфтаанд. Равандҳои муосире, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман дар ҷаҳони муосир ҷараён доранд ва бо афзоиши пайвастаи таҳдидҳо ва хатарҳои нав дар соҳаҳои гуногун вобаста мебошанд, зарурати таъмини амнияти миллиро боз ҳам муҳимтар мегардонад.

Амният ҳамчун падидаи бисёрҷабҳаи иҷтимоию сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафӣ, ки решаҳои он ба замонҳои қадим рафата мерасад, дар тамоми давраҳои рушди таърихии инсоният ҳамчун яке аз ниёзҳои бунёдӣ ва ҷудонопазири инсон зуҳур намуда, вобаста ба шароити таърихӣ ва тағйирёбии низомҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мафҳум ва моҳияти он ташаккул ёфтааст. Аз як тараф, омилҳои объективӣ, аз ҷумла рушди институҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ, пешрафти иқтисодиёт, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ, инчунин мураккабшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ташккули низоми таъмини амният нақши муайянкунанда дорад. Аз тарафи дигар бошад, дарки амният аз ҷониби инсон ва ҷомеа, ки дорои хусусияти субъективӣ мебошад, дар муайян намудани мафҳум, моҳият, ҳаду ҳудуд ва афзалиятҳои он нақши муҳим мебозад.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили амният ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ на танҳо асосноккунии амиқи назариявию ҳуқуқӣ ва методологии онро тақозо менамояд, балки ҳамзамон таҳлил ва арзёбии фарогири дастовардҳои мавҷудаи илмиро низ дар ин самт зарур мегардонад. Чунин равиши фарогир имконият медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкур мавриди таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, заминаҳои назариявию методологии он ба таври низомнок ташаккул дода шаванд.

Ҳуқуқ, бешубҳа яке аз воситаҳои асосии таъмини амният ва суботи давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ давлат иқтидор дорад, ки манфиатҳои миллии худро таъмин намояд. Амнияти ҳамчун маҳфуми бисёрҷанба ва фарогир маҷмуи унсурҳои гуногун, аз ҷумла амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, экологӣ, озуқаворӣ ва ғ. дарбар мегирад. Дар шароити муосир мафҳуми амният на танҳо ҳифзи манфиатҳои давлат, балки амнияти шаҳрвандон ва саҳмгузорӣ дар таҳкими амнияти байналмилалӣ ва ҷаҳониро низ фаро мегирад. Таъмини амнияти давлат тавассути низоми васеи воситаҳои ҳуқуқӣ амалӣ шуда, ба меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аз қабили ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ғ. такя менамояд. Аз ин рӯ, масъалаҳои вобаста ба намудҳои гуногуни амнияти миллӣ ва механизмҳои ҳуқуқии таъмини онҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Новобаста ба таваҷҷуҳи рӯзафзун ба масъалаҳои амният, то ҳол заминаҳои назариявию ҳуқуқии он ҳамчун категорияи мустақили

ҳуқуқӣ ба таври фарогир ва низомнок мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Азбаски мафҳуми «амният» хусусияти мураккаб ва байнисоҳавӣ дорад, барои омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи он бояд аз равишҳои низомнок ва муштараки байнисоҳавӣ истифода бурда шавад. Яке аз навгонии методологии таҳқиқи «амният» дар зербоби мазкур дар он зоҳир мегардад, ки амният на ҳамчун маҷмуи намудҳои ҷудогонаи он, балки ҳамчун категорияи ҳуқуқии алоҳида мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегардад.

Таҳлили адабиёти муосири илмии Тоҷикистон ва кашварҳои Ғарбу Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд, ки дар илми муосир нисбат ба мазмун, моҳият ва табиати ҳуқуқии амният равишҳои гуногуни илмию назариявӣ вуҷуд доранд. Ҳар яке аз равишҳои мазкур амниятро аз дидгоҳи муайян шарҳ дода, паҳлуҳои хоси онро инъикос менамоянд. Мувофиқи равиши психологӣ, амният ҳамчун ҳолати эҳсосотӣ ва дарки субъективии манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон арзёбӣ мегардад. Равиши ҳуқуқӣ бошад, анмиятро ҳамчун низоми кафолатҳои ҳуқуқие баррасӣ менамояд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳифзи манфитаҳои шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин намуда, барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳо ва фаъолияти муътадили онҳо замина фароҳам меорад. Дар доираи равиши фалсафию сотсиологӣ амният ҳамчун ҳолати устувори рушд ва фаъолияти ҷомеа, институтҳо ва сохторҳои иҷтимоӣ тавсиф гардида, нигоҳдории мувозинат байни озодӣ ва манфиатҳоро таъмин менамояд.

Вобаста ба паҳлуҳои сиёсии истилоҳи «амният» яке аз сиёсатшиносони барҷастаи ватанӣ С.С. Ятимов қайд менамояд, ки истилоҳи «амният» аз лиҳози сиёсӣ муродифи калимаи «давлат» аст ва баръакс. Аввалин тасаввурот оид ба ниёзи одам, ҷамъият ба мавҷудияти муҳимтарин ва гаронтарин ҷузъи системаи сиёсӣ таҳти номи «давлат» зарурати таъмини амнияти худи инсон ва ҷомеаро дар назар дорад[1, С. 9-23].

Муҳаққиқони ватанӣ Х.Қ. Сафарализода ва А.Н. Муҳаммад дар таҳқиқоти худ амниятро кафили рушди инсоният ва озод будан аз ҳама гуна хатару таҳдидҳои маънидод намудаанд. Бо ибораи дигар амният падидае мебошад, ки дар заминаи он рушду инкишоф, пешрафт ва тараққиёт таъмин карда мешавад. Ба андешаи онҳо андешаи онҳо «амният» метавонад дар чунин шаклҳо маънидод карда шавад: вазъияте, ки дар он хавфу хатар эҳсос намегардад, яъне бехатарӣ; ҳолати ҳимоятшавандагии шахс, ҷомеа ва давлат аз хавфу хатарҳо, ки ба воситаи амалӣ намудани меъёрҳои гуногун таъмин карда мешавад; низоми меъёрҳое, ки барои таъмини эътимод ва устуворӣ равона гардидаанд; мақсад ва ҳадафе, ки барои амалӣ намудани он талош меварзанд[2, С. 30].

Дар назария ва амалияи ҳуқуқӣ нисбат ба маҳуми амният таърифҳои гуногун пешниҳод шудаанд, ки одатан онҳо дорои чунин хусусиятҳо, ба монанди низом ё маҷмуи муносибатҳо[3, С. 10-22], ҳолати муҳофизатӣ, қобилият, маҷмуи шарту шароит ё омилҳо[4, С. 4-14] ва ғ. мебошанд. Ба андешаи И.Н. Глебов, «амният» дар маънои ҳуқуқӣ ҳолати муҳофизатии субъект аз таҳдидҳо ва хатарҳо мебошад[5, С. 6].

Бояд қайд намуд, ки истилоҳи «амният» бори аввал дар асри XII дар луғати файласуфи англис Роббер истифода шуда, ҳамчун «ҳолати оромии рӯҳии шахсе,

ки худро аз ҳар гуна хатар ҳифзшуда меҳисобад» маънидод гардидааст[6]. Дар Фарҳанги тафсири забони зиндаи бузурги русии В.И. Дал амният ҳамчун набудани хатар, эминӣ ва эътимоднокӣ маънидод карда мешавад. Дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ бошад истилоҳи амният ҳамчун осоштагӣ, оромӣ, тинҷӣ, бехавфӣ ва бехатарӣ маънидод карда шудааст[7]. Дар Фарҳанги забони русии С.И. Ожегов мафҳуми амният ҳамчун ҳолате шарҳ дода мешавад, ки дар он таҳдиди хатар вуҷуд надошта, шахс ё ҷомеа за таъсири он ҳифз гардидаст[8, С. 47].

Аксарияти олимону муҳаққиқон бар он назаранд, ки амният на танҳо мавҷуд набудани хатар, балки ҳифз аз онро низ дарбар мегирад. Бо чунин равиш ба муайян намудани мафҳуми амният розӣ шудан ба маврид мебошад, зеро маҳз мафҳуми «ҳифз намудан аз хатар» мазмун ва моҳияти масъалаи мавриди баррасии моро ба таври пураттар ифода менамояд[9].

Мафҳуми «амният» дар низомҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ба таври васеъ шарҳ дода мешавад. Дар ин замина, амният ҳамчун падидае арзёбӣ мегардад, ки дорои ченакҳои объективӣ, субъективӣ, инфиродӣ, иҷтимоӣ ва гурӯҳӣ мебошад. Масалан, ба андешаи Р. Такур, нишондиҳандаи асосии амният сифати зиндагии шаҳрвандон ва фаъолияти самараноки давлат ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бошад, ҳамчун унсури калидӣ ва ҷузъи таркибии амният эътироф мегардад[10].

К. Томас амниятро ҳамчун ҳолате муайян менамояд, ки дар он ниёзҳои асосии моддии инсон қонеъ гардида, шаъну шарафи инсон тавассути иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳаёти иҷтимоии барои ҷомеа муҳим таъмин ва амалӣ мегардад[11, С. 437].

Ба андешаи Л.Ф. Корженевский, амният ҳолати объективие мебошад, ки дар набудани таҳдид ба мавҷудият, рушд ва фаъолияти муътадили инсон ифода ёфта, ҳамзамон аз ҷониби шахсони алоҳида ва ҷомеа ба таври субъективӣ дарк карда мешавад[12].

В.И. Булавин амниятро ҳамчун ҳолати муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ менамояд, ки дар он барои рушди ҳамаҷонибаи шахс, татбиқи манфиатҳо ва қонеъ гардидани ниёзҳои муҳимми иҷтимоии шаҳрвандон шароити зарӯрӣ муҳайё карда мешавад. Дар чунин шароит ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳифз гардида, арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа, соҳибихтиёрӣ ва тамомияи арзии давлат, инчунин фаъолияти усутвори сохти конститусионӣ таъмин карда мешаванд[13]. Аз ин нуқтаи назар, амният на танҳо ҳолати муҳофизатӣ, балки қобилияти суъект барои муқовимати устувор ва муассир ба хатарҳо ва таҳдидҳое мебошад, ки дар раванди рушд ва фаъолияти он ба миён меоянд.

Тибқи Фарҳанги истилоҳоти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «амният – ҳамчун маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, маъмурӣ-сиёсие мебошад, ки ҳолати манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва авлат аз таҳдидҳои дохилию хориҷӣ, инчунин аз ҳодисаҳо ва таъсири зарарноки омилҳои муҳити зист таъмин карда мешавад. Манфиатҳои

ҳаётан муҳим маҷмуи эҳтиёҷотест, ки қонеъ гардонии онҳо мавҷудият ва имконияти рушди шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин менамояд[14].

Муҳаққиқи ватанӣ К.М. Каримзода бошад қайд менамояд, ки амниятро на танҳо ҳамчун ҳолати муҳофизатӣ, балки ҳолати набудани таҳдиҳо ва фароҳам будани шароити мусоид барои рушди усутвори ҷомеа, шахс ва давлат бояд арзёбӣ намуд[15]. Ба андешаи мо, чунин фаҳмиши амният нисбат ба мафҳумҳое, ки амниятро танҳо ҳамчун ҳолати муҳофизатӣ тавсиф менамояд, нисбатан мукаммалтар ва асосноктар мебошад. Маҳдуд намудани мазмуни амният ба ҳолати муҳофизатии шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдида хатарҳо моҳияти воқеии падидаи мазкурро пурра инъикос намекунад, зеро амният на танҳо вокуниш ба хавфу таҳдидҳои мавҷуда, балки пешгирӣ, коҳиш ва баратараф намудани паёмадҳои манфии онҳоро низ дарбар мегирад. Ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори ҷомеа, шахс ва давлат мебошад.

Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда, метавон амниятро ҳамчун ҳолати муҳофизатии шахс, ҷомеа ва давлат аз хавфу хатарҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, инчунин фароҳам будани шароити мусоид барои рушди усутвори онҳо арзёбӣ намуд. Ба андешаи мо, чунин равиш моҳият ва хусусиятҳои асосии падидаи мазкурро нисбатан дақиқтар инъикос менамояд.

Олими рус В.И. Ярочкин бар он назар аст, ки моҳияти амният на дар набудани хатар, балки дар мавҷуд будани механизмҳои самараноки ҳифз аз он ифода меёбад. Ба андешаи Н.Н. Рибалкин, дар илми муосир фаҳмиши амният ҳамчун ҳолати муҳофизатӣ бештар мавриди қобили қабул қарор гирифтааст. Равиши мазкур аз ҷониби бисёре аз олимон ҳамчун заминаи консептуалии таҳқиқоти назариявӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, байни муҳаққиқон ва олимон вобаста ба муайян намудани объекти ҳифзшаванда, унсурҳо ва хусусиятҳои таҳдидҳо, инчунин манфиатҳои мавриди ҳимоя мавқеи ягона вуҷуд надорад[16].

Д.М. Муллоев аминиятро ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки амнияти на танҳо ҳолати моҳофизатӣ, балки мавҷуд набудани таҳдидҳо нисбат ба ҷомеа, шахс ва давлат низ мебошад. Чунин тарзи фаҳмиш моҳияти амниятро нисбатан фарохтар инъикос намуда, ҳам паҳлуҳои муҳофизатӣ ва ҳам паҳлуҳои пешгирикунандаи онро дар бар мегирад[17]. А.А. Прохожев ҳолати «маҳофизатӣ»-ро қобилияти объект ё низоме (табиат, инсон, ҷомеа, давлат ва ғ.) баррасӣ менамояд, ки дар шароити таъсири омилҳои манфӣ хусусиятҳои худро нигоҳ дошта, вазифаҳо ва уҳдадориҳои ба зиммадоштаашро иҷро менамояд[18, С. 178]. Ба ибораи дигар, ҳолати муҳофизатӣ чунин ҳолати объект ё низомро ифода менамояд, ки дар он, новобаста аз таъсири таҳдидҳо ва омилҳои манфӣ, фаъолияти муътадил, иҷрои вазифаҳои асосӣ ва нигоҳдории хусусиятҳои муҳимми он таъмин карда мешаванд. Равиши то ба андозае дигар вобаста ба дарки мафҳуми ҳолати муҳофизатӣ аз ҷониби Б.Т. Хамхоев пешниҳод шудааст. Ӯ истилоҳи мазкурро ҳамчун ҳолати муайяни объект арзёбӣ мекунад, ки дар натиҷаи фаъолияти мақсадноки низоми таъмини амният ба даст меояд. Ҳамчунин, ба андешаи ӯ, ҳолати мазкур метавонад ба таври миқдорӣ чен карда

шавад, ки чунини имконият самаранокии низоми идоракунӣ ва арзёбӣ намудани таъмини амниятро фароҳам месозад[19].

Дар миёни назарияҳои гуногуни марбут ба мафҳуми «амният» равише, ки амниятро бо рушди устувор алоқаманд медонад, аҳаммияти маъсус дорад. Мазмун ва табиати равиши мазкурро О.Н. Климов ба таври мухтасар чунин ифода менамояд: «Объекти ҳифзшаванда наметавонад дар як ҳолати бетағйир қарор дошта бошад, зеро он бояд пайваста рушд ёбад. Аз ин рӯ, ҳар омиле, ки ба рушд ва пешрафти он халал мерасонад ё суръати онро коҳиш медиҳад, ҳамчун хатар арзёбӣ карда мешавад»[20]. Бо такя ба мавқеи мазкур қайд кардан ба маврид аст, ки амният танҳо дар доираи ҳифз аз таҳдиду хатарҳо маҳдуд намегардад, балки фароҳам сохтани заминаҳои мусоид барои рушд ва такмили мунтазами объектро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ҳар гуна омилҳое, ки рушди устуворро маҳдуд месозанд, метавонанд ҳамчун таҳдид ба амният арзёбӣ гарданд.

Мафҳуми «рушди устувор», ки зиёда аз се даҳсола охир ба муомилоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва илмӣ ворид гардидааст, ирӯз ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми таъмини амният эътироф карда мешавад. Мафҳуми мазкур пас аз интишори гузориши «Ояндаи умумии мо»[21] соли 1987, ки аз ҷониби Комиссияи байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва рушд таҳия шуда буд, дар сатҳи байналмилалӣ густариш ёфт ва мавриди таваҷҷуҳи васеи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт.

Равиши ба ҳам алоқаманд донистани рушди устувор ва амният аз ҷониби шумораи зиёди олимону муҳаққиқон ҷонибдорӣ карда мешавад. Ба андешаи онҳо низоми иҷтимоиро танҳо дар он сурат метавон бехатар ё амн арзёбӣ намуд, ки он тавоноии нигоҳ доштани устуворӣ ва идомаи рушди худро дошта бошад. Чунин тарзи фаҳмиш дар қонунгузрии як қатор давлатҳои ҷаҳон низ инъикоси худро ёфтааст. Масалан, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Латвия «Дар бораи амнияти миллӣ», амнияти миллӣ на танҳо ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим, балки таъмини рушди озодонаи ҷомеа, некӯаҳволии аҳолӣ ва суботи ҷомеаро низ дар бар мегирад[22]. Инъикоси робитаи байни амният ва рушди устуворро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавон мушоҳида намуд. Аз ҷумала, дар Қонунуи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28-уми июни соли 2011 амнияти иқтисодӣ ҳамчун вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние муайян гардидааст, ки метавонад рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодии давлатро халалдор намоянд[23]. Мафҳуми мазкур нишон медиҳад, ки рушди устувор яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Робитаи мутақобилаи рушди устувор ва амният дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ инъикос карда шудаанд. Аз ҷумла, дар Қатъномаи Маҷмааи СММ аз соли 2015, ки рӯзномаи рушди устувор барои давраи то сли 2030-ро муайян менамояд, зикр карда шудааст, ки «таъмини рушди устувор бе сулҳ ва амният ғайриимкон аст ва бе рушди устувор сулҳ ва амният таҳти хатар ва таҳдид қарор мегиранд»[24]. Гарчанде, ки рушди устувор дар фаҳмиши муосири амният аҳаммияти калидӣ дорад, аммо он наметавонад ҷойгузини мафҳуми ҳолати

муҳофизатӣ гардад. Сабаб дар он аст, ки рушди устувор танҳо дар сурате амалӣ шуда метавонад, ки сатҳи муайяни ҳифзи объект аллакай таъмин шуда бошад. Аз ин рӯ, рушди устуворро метавон ҳамчун натиҷа ё ҳадафи минбаъдаи таъмини амният арзёбӣ намуд. Дар заминаи ҳамгироии равишҳои мазкур амниятро метавон ҳамчун ҳолати муҳофизатии объект маънидод намуд, ки дар доираи он на танҳо муқовимат ба таҳдиду хатарҳо таъмин мегардад, балки барои рушд ва такмили устувори он низ шароити зарурӣ фароҳам оварда мешаванд.

Дар мавриди нақши ҳуқуқ дар таъмини амният ва рушди устувор, бояд қайд менамоянд, ки маҳз ҳуқуқ ҳамчун воситаи фарогири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ барои нигоҳдории сулҳу субот ва рушди усутувори ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки алоқамандии зичи амният бо чунин категорияҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла «озодӣ», «қонуният», «тартиботи ҳуқуқӣ», «ҳуқуқу озодиҳои инсон», «арзишҳои ҳуқуқӣ», «принсипҳои ҳуқуқ», «муносибатҳои ҳуқуқӣ» ва ғ. имконият медиҳад, ки амният ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ дар низоми категорияҳои ҳуқуқӣ шинохта шавад. Мавҷудияти робитаи устувори байнинизомӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми амният буда, ҳамгироии онро бо дигар категорияҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Дар ин хусус А.М. Василев дуруст қайд менамояд, робитаҳои зичи байни категорияҳои ҳуқуқӣ хусусияти объективӣ дошта, равандҳо ва муносибатҳои воқеии ҳуқуқии ҷомеаро инъикос менамоянд[25].

Дар асоснок намудани мавқеъ оид ба амнияти ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии олими рус П.С. Баринов такя кардан мумкин аст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули низоми категорияҳои ҳуқуқиро таҳлил намуда, нишонаҳо ва принсипҳои асосии ташаккули онҳоро муайян кардааст. Нишонаҳои асосии категорияҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби П.С. Баринов муайян шудаанд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

- категорияҳои ҳуқуқӣ мафҳумҳои умумӣ мебошанд;
- дорои хусусияти низомнок буда,, ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди низоми ҳуқуқӣ баромад мекунанд;
- қонуниятҳои умумии пайдоиш, ташаккул, рушд ва ва фаъолияти падидаҳои ҳуқуқиро инъикос менамоянд;
- ба предмети назарияи давлат ва ҳуқуқ дохил гардида, дар қонунгузорӣ мустаҳкам ва дар амалияи ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд;
- арзишҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд;
- дар заминаи онҳо қоидаҳо ва принсипҳои ташаккул ва истифодаи дигар мафҳумҳои ҳуқуқӣ таҳия гардида, ба рушди илми ҳуқушиносӣ, қонугузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд;
- вазифаҳои маърифатӣ, амалӣ-татбиқӣ, арзёбӣ ва ҳамгироиро иҷро намуда, аҳаммият ва арзиши онҳоро барои ҷомеа дар маҷмуъ муайян месозанд[26, С. 37-38].

Хулоса. Таҳлили нишонаҳои категорияҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки амният ба ҳамаи нишонаҳои барои чунин категорияҳо хос ҷавобгӯ мебошад. Пеш

аз ҳама, амният мафҳумӣ умумӣ буда, хусусияти низомнок дорад. Ҳамзамон, ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ қонуниятҳои асосии ташаккул ва фаъолияти падидаҳои ҳуқуқиро инъикос менамояд. Илова бар ин, амният ҷузъи таркибии пердмети назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, дар амалияи ҳуқуқӣ мавриди татбиқ қарор мегирад.

Адабиёт:

1. Ятимов, С.С. Илм ва амният / С. С. Ятимов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – №. 1(1). – С. 9-23.

2. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2019. – 226 с.

3. Прохожев А.А. Национальная безопас ность: к единому пониманию сути и терминов // Безопасность. 1995. № 9. – С. 10-22.

4. Абалкин Л. Экономическая безопасность России: угрозы и их отражение // Вопросы эко номики. 1994. № 12. – С. 4-14

5. Глебов И.Н. Национальная безопас ность Российской Федерации: проблемы пра вового регулирования: Монография. – СПб.: Пресс. 1999. С. 6.

6. Гончаренко, Л.П. Управление безопасностью: учеб. пособие / Л.П. Гончаренко, Е.С. Куценко. – Москва: Изд. «КноРус», 2005. – С. 20-21.

7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз 2 ҷилд. Ҷ. 1: А–Н / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.

8. Ожегов, С.И. Словарь русского языка. – Москва, 1990. – С. 47.

9. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2019. – 226 с.....; Ярочкин, В. И. Теория безопасности / В. И. Ярочкин, Я. В. Бузанова. — Москва: Академический проспект: Фонд «Мир», 2005. – С. 15.

10. Thakur R. From National to Human Security, In: S. Harris and A. Mack, eds. Asia-Pacifi c Security: The Economics, Politics Nexus.- Sydney, 1997.Allen & Unwin. – P. 46-53

11. Thomas C. and Wilkin P. Globalization, Human Security, and the African Experience. Boulder; London: Lynne Rienner Publishers, 1999.Inc. - P.211.

12. Корженевский Л.Ф. Основы менеджмента. – Краков, 2005. – С. 437. 543 с.

13. Булавин И.В. Национальная без опасность современной России. Диссерта ция на соиск. учен. степ. к.ю.н., Нижний Новгород, 1999. – С. 18.

14. Фарҳанги истилоҳоти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоев, А.И. Имомов [ва диг.]; ҳайати таҳририя: П.З. Мирзозода, А.М. Диноршоев, М.С. Сулаймонзода; ДМТ, Фак. «Ҳуқуқшиносӣ», Каф. «Ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ». – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2024. – 400 с.

15. Каримзода, К. М. Амнияти миллӣ, амнияти конститутсионӣ ва давлат / К. М. Каримзода // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – No. 4-1(75). – С. 453-458.

16. Рыбалкин Н.Н. Природа безопасности : дис. … д-ра филос. наук. М., 2003. С. 24.

17. Муллоев, Д. М. Безопасность как правовая категория / Д. М. Муллоев // Академический юридический журнал. – 2018. – № 4(28). – С. 45-50.

18. Прохожев А.А. Теория развития и безопасности человека и общества. М.: Ин Октаво, 2006. – С. 20.

19. Хамхоев Б.Т. Генезис формирования понимания сущности общественной безопасности // Вестник Московского университета МВД России. 2010. № 8. – С. 178.

20. Климов О.Н. Национальная безопасность России в условиях глобализации (политологический аспект) : дис. …канд. полит. наук. М., 2003. С. 25.

21. Our Common Future / World Commission on Environment and Development. – Oxford: Oxford University Press, 1987. – 383 p.

22. Закон о национальной безопасности Латвийской Республики от 14 декабря 2000 // Biznesa informācijas birojs. Рига, 2014.

23. Қонунуи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28-уми июни соли 2011, 721

24. Резолюция 70/1 «Преобразование нашего мира: Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года» (принята Генеральной ассамблеей ООН 25 сентября 2015 года) // Официальный сайт ООН. URL: https://unctad.org/system/files/official-document/ares70d1_ru.pdf (санаи мурочиат: 14.05.2025).

25. Васильев А.М. Правовые категории: методологические аспекты разработки системы категорий теории права. С. 125.

26. Баринов П.С. Обесценивание правовых категорий: дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 2019. – С. 37-38.

Амният ҳамчун категория ҳуқуқӣ

Мақолаи мазкур ба таҳлили илмию назариявӣ ва амалии амният ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили амният ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ на танҳо асосноккунии амиқи назариявию ҳуқуқӣ ва методологии онро тақозо менамояд, балки ҳамзамон таҳлил ва арзёбии фарогири дастовардҳои мавҷудаи илмиро низ дар ин самт зарур мегардонад. Чунин равиши фарогир имконият медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкур мавриди таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, заминаҳои назариявию методологии он ба таври низомнок ташаккул дода шаванд.

Калидвожаҳо: Амният, таҳдид, хатар, давлат, соҳибихтиёрӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ, категория, категорияи ҳуқуқӣ, низоми сиёсӣ, низоми ҳуқуқӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инсон, ҳуқуқ, озодӣ.

Безопасность как правовая категория

Настоящая статья посвящена научно-теоретическому и практическому анализу безопасности как правовой категории. Автор отмечает, что исследование безопасности как правовой категории требует не только глубокого теоретико-правового и методологического обоснования, но и комплексного анализа и оценки имеющихся научных достижений в данной области. Такой

комплексный подход позволяет всесторонне исследовать и изучить различные аспекты рассматриваемого явления, а также системно сформировать его теоретико-методологические основы.

Ключевые слова: безопасность, угроза, опасность, государство, суверенитет, государственный суверенитет, категория, правовая категория, политическая система, правовая система, экономическое, социальное и культурное положение, человек, право, свобода.

Security as a legal category

This article is devoted to the scientific, theoretical, and practical analysis of security as a legal category. The author notes that the study of security as a legal category requires not only a thorough theoretical, legal, and methodological justification, but also a comprehensive analysis and assessment of the existing scientific achievements in this field. Such a comprehensive approach makes it possible to examine and study various aspects of the phenomenon in question in a systematic and multifaceted manner, as well as to develop its theoretical and methodological foundations in a coherent way.

Keywords: security, threat, danger, state, sovereignty, state sovereignty, category, legal category, political system, legal system, economic, social and cultural conditions, human being, law, freedom.

Исозода Парвиз Асадулло, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**, Тел:** 711610101**, E-mail:** isozoda_9393@mail.ru

Исозода Парвиз Асадулло, Таджикий национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения, кандидат юридических наук, **Тел:** 711610101**, E-mail:** isozoda_9393@mail.ru

Isozoda Parviz Asadullo, Tajik National University, Faculty of Law, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Ph.D. candidate of legal sciences **Phone:** 711610101**, E-mail:** isozoda_9393@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ИНКИШОФИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ

Сафарализода Д.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Марҳилаи муосири рушди ҷомеа бо ҷорӣ гардидани васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти давлат, ҷомеа ва шахс тавсиф меёбад. Дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таъсири назаррас расонида, механизмҳои нави ҳамкории субъектҳои ҳуқуқро ташаккул медиҳад. Дар чунин шароит, институти ҳуқуқи инсон ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки ҳам ба васеъ гардидани имкониятҳои амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳам ба пайдоиши хавфу хатарҳои поймолшавии онҳо вобаста мебошад.

Инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ боиси ташаккули муҳити сифатан нави зиндагии аҳолӣ гашта истодааст, ки дар доираи он қисми зиёди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба фазои иттилоотӣ ва рақамӣ интиқол меёбанд. Истифодаи шабакаи Интернет, хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, платформаҳои (майдончаҳои) иттилоотию рақамӣ, технологияҳои зеҳни сунъӣ ва коркарди маълумот ба таври худкор қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятӣ гардидааст. Дар робита ба ин, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шаклҳои нави татбиқ ва амалисозиро касб намуда, давлат бо зарурати мутобиқ сохтани танзими ҳуқуқии муносибатҳо ба шароити рақамикунонӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ падидаи ҳуқуқи инсон ба таври анъанавӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие баррасӣ мегардад, ки ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин механизмҳои таъмин ва ҳифзи онҳоро муқаррар менамоянд. Падидаи мазкур хусусиятӣ комплексӣ дорад, зеро меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, байналхалқӣ, маъмурӣ, маданӣ, иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқро дарбар мегирад. Асоси падидаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки принсипҳои бунёдии вазъи ҳуқуқии шахсро мустаҳкам менамояд.

Мувофиқи моддаи 5 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Ҳуқуқу озидиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд [13]. Меъёри мазкур асоси тамоми қонунгузориро дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Дар шароити рушди технологияҳои итттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ меъёри мазкур аҳаммияти калидӣ пайдо менамояд, зеро иттилоотикунонӣ ва рақамикунонии васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати коркарди механизмҳои иловагии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар фазои иттилоотию рақамӣ ба миён меорад.

Бояд қайд намуд, ки рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба падидаи ҳуқуқи инсон таъсири назаррас мерасонад. Аз як тараф, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шаклҳои татбиқ ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро васеъ мегардонанд. Истифодаи захираҳои иттилоотӣ дастрасии нисбатан васеъро ба иттилоот таъмин намуда, ба амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил мусоидат менамояд, ҳамкории ҷомеаро бо мақомоти давлатӣ содда мегардонад ва шаклҳои нави иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ фароҳам меорад. Хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, шаклҳои фосилавии мукотиботу муросилот ва платформаҳои (майдончаҳои) иттилоотию рақамӣ амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба таври назаррас беҳтар менамоянд.

Аз тарафи дигар, фазои иттилотӣ ба пайдоиши хавфу хатарҳои нав ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд замина мегузорад. Ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди васеи маълумоти шахсӣ, ҷамъоварии худкори маълумот дар бораи рафтори истифодабарандагон, паҳншавии технологияҳои шиносоии биометрӣ ва ғ. метавонанд барои вайрон гардидани ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, маълумоти шахсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароит фароҳам оваранд.

А.А. Чеботарева дуруст қайд менамояд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба рушди ҷомеа дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири назаррас мерасонад. Хусусияти асосии ин раванд афзоиши нақши иттилоот ва дониш дар ҳаёти ҷомеа мебошад, ки дар зери мафҳумҳои «ҷомеаи иттилоотӣ» ва «ҷомеаи дониш» инъикоси худро ёфтааст [19, с. 32-33]. Дар замони ҳозира ҷомеаи муосир маҳилаи нави рушди худро аз сар гузаронида истодааст, ки онро ҳамчун ҷомеаи шабакавӣ ё ин ки ҷомеаи рақамӣ низ меноманд. Истифодаи воситаҳои коммуникатсияи рақамӣ қариб дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси тағйир ёфтани манфиатҳо, арзишҳо, принсипҳо ва шарту шароити зиндагии одамон мегардад.

Дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ падидаи ҳуқуқи инсон марҳилаи нави рушди худро аз сар мегузаронад. Тағйирёбии фазои иттилоотии муосир боис мегардад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фазои иттилоотӣ амалӣ гарданд. Ҳуқуқшиноси рус М.Ю. Середа қайд менамояд, ки бо истифода аз шабакаи ҷаҳонии Интернет «қариб аксарияти ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд метавонад амалӣ карда шаванд» [18, с. 84]. Ҳамзамон, амалишавии чунин ҳуқуқҳои асосӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат, ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид ва як қатор дигар ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, гарчанде имрӯз метавонад бо истифодаи шабакаи Интернет алоқаманд бошад, аммо онҳо на дар фазои иттилоотӣ ё рақамӣ, балки муҳити воқеӣ амалӣ гардида, танҳо дар муҳити мазкур моҳияти воқеии худро пайдо менамоянд.

Тибқи нуқтаи назари дигар, дар шароити рақамикунонӣ нақши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар фазои иттилоотӣ ё рақамӣ амалӣ мегарданд, торафт бештар мегарданд [3, 5, 10, 19,8, 1]. Ин гуна ҳуқуқҳо дар адабиёти илмӣ бо номи ҳуқуқҳои иттилоотӣ маъруф буда, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ

ҳамчун ваколатҳои шахс оид ба дастрасӣ, истеҳсол, интиқол ва паҳн намудани иттилоот, инчунин истифода ва ҳифзи технологияҳои иттилоотӣ шарҳ дода мешаванд.

Низоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳо пояи асосии низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, маҳз дар доираи он масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор мегиранд [14, с. 50]. Мавқеи мазкур қобили дастгирӣ мебошад, зеро ҳуқуқу уҳдадориҳо на танҳо меъёр ва қоидаҳои рафтореро муайян менамоянд, ки давлат онҳоро барои фаъолияти муътадил ва рушди ҷомеа зарурӣ, мақсаднок ва ҳатмӣ мешуморанд, балки инчунин принсипҳои бунёдии муносибатҳои байни давлат ва шахсро низ таҷассум менамоянд.

Ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба таври нав матраҳ намуда, пеш аз ҳама нақши инсонро ҳамчун иштирокчии муносибатҳои мазкур тақвият мебахшад. Воқеан ҳам И.Л. Бачило дуруст қайд менамояд, ки инсон ҳамчун иштирокчии асосии муносибатҳои иттилоотӣ дар шароити иттилоотикунонӣ ва рақамикунонии ҷомеа бештар аз ҳама ба таъсири тағйироти ба амал омада рӯ ба рӯ мегардад. Зеро, ташаккули фазои иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ на танҳо тарзи зиндагӣ, балки мазмун ва шакли менсибатҳои ҷамъиятиро низ куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таъсири омилҳои иттилоотию технологӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти махсус касб менамояд [6, с. 11].

Бешубҳа, дар шароити рушди ҳукумати электронӣ қобилияти ҳуқуқдории шахс ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотӣ ба таври назаррас густариш меёбад. Дар чунин шароит сухан на танҳо дар бораи иштирок дар муносибатҳои иттилоотӣ, балки дар бораи ташаккули қобилияти ҳуқуқдорие меравад, ки ба принсипҳои шаффофият, ошкорбаёнӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти давлатӣ асос ёфтааст. Шаффофиятро метавон ҳамчун сатҳи муайяни огоҳии пурра ва боэътимоди субъектҳои манфиатдор нисбат ба фаъолияти муайян, қарорҳо ва натиҷаҳои онҳо арзёбӣ намуд. Чунин ҳолати огоҳӣ тавассути дастрас намудани иттилооти дахлдор таъмин гардида, дар асоси ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот амалӣ мегардад. Дар навбати худ, дастрасӣ ба иттилоот маънои имконияти шиносоӣ бо иттилоот ё пешниҳод гардидани онро барои шиносоӣ дорад. Аз ин бармеояд, ки барои ба вуҷуд омадани ҳолати огоҳӣ раванди муайяни иттилоотӣ амалаӣ мегардад, ки бо анҷом додани амалҳои вобаста пешниҳод ва дарёфти иттилоот алоқаманд мебошад. Одатан дар чунин муносибатҳои иттилоотӣ одатан ду субъект иштирок менамоянд: дорандаи иттилоот ва шахсе, ки барои гирифтани он манфиатдор мебошад.

Мутаносибан, субъектони раванди иттилоотии ҳукумати электронӣ аз як тараф инсон ва аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ, ки дар маҷмуъ ҳукумати электрониро ташкил медиҳанд. Давлат вазифадор аст, ки пуррагӣ, боэътимодӣ ва дастрасии иттилоотии расмии ҳуқуқиро дар шакли электронӣ, аз ҷумла тавассути такмили механизмҳои нашри расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамгироии низомҳои таъминоти иттилоотию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ таъмин намояд.

Баъзе аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ бар он назаранд, ки пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқҳои иттилоотӣ инъикоскунандаи марҳилаи нави таҳаввули институти ҳуқуқи инсон буда, онҳоро метавон ба насли нави ҳуқуқҳо мансуб донист [11, 17, 9, 12]. Аз ҷумла, А.Б. Венгеров ҳуқуқҳои иттилоотиро дар баробари ҳуқуқ ба сулҳ, амнияти ҳастаӣ, истифодаи кайҳон ва ҳуқуқҳои экологӣ ба насли чоруми ҳуқуқҳо мансуб дониста онҳоро дар маҷмуъ «ҳуқуқҳо башарият» ном мебарад. Ба андешаи ӯ, насли чоруми ҳуқуқҳо ҳамчун посухи ҳуқуқӣ ба таҳдидҳо ва хавфу хатарҳо ҷомеаи муосир ба вуҷуд омадааст, зеро дар шароити муосир масъала на танҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои алоҳида, балки дар бораи таъмини суботи инсоният, ҳифзи тамаддун ва рушди минбаъдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ матраҳ мегардад. Дар ин замина, бо ташаккули насли нави ҳуқуқҳо, инчунин падидаҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва мурофиавие низ ба вуҷуд меоянд, ки вазифаи асосии онҳо таъмини амалишавӣ ва ҳифзи чунин ҳуқуқҳо мебошад [9].

Олими ватанӣ Д.С. Раҳмон дуруст қайд менамояд, ки дурнамои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ ва ҳуқуқи инсон бояд бо дарназардошти падид омадани насли нави ҳуқуқи инсон (аз ҷумла ҳуқуқҳои соматикӣ), истифодабарии технологияҳои сириштӣ (геномӣ), дастовардҳои нави технологӣ, рушд ва тавсеаи бесобиқаи технологияи иттилоотӣ муайян карда шавад [16, с. 39].

Ҳамзамон, К. Васак ҳангоми пешниҳоди назария наслҳои ҳуқуқи инсон на танҳо ба унсурҳои пайдоиш, балки пеш аз ҳама ба муҳтавои ҳуқуқҳои мазкур такя намудааст. Дар асоси чунин гурӯҳбандӣ арзишҳои Инқилоби Фаронса, аз қабили озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ қарор доштанд [2, с. 29-30]. Таснифоти пешниҳоднамудаи ӯ хусусияти мукаммал дошта, танҳо се насли ҳуқуқҳои инсонро дарбар мегирад, ки ҳар яке аз онҳо арзишҳои мазкурро таҷассум менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқҳои иттилоотие, ки имрӯз ҳам дар ҳуқуқи миллӣ ва ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардидаанд, аз рӯи мазмун бештар ба ҳуқуқҳои насли якуми ҳуқуқҳои инсон мутобиқат доранд. Қобили зикр аст, ки заминаҳои ҳуқуқии чунин ҳуқуқҳо ҳанӯз то ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, пайдоиши шабакаи ҷаҳонии Интернет ва рушди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба вуҷуд омада буданд. Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои иттилоотиро на ҳамеша метавон ҳамчун ҳуқуқҳои комилан нави инсон арзёбӣ намуд, зеро бисёре аз онҳо идомаи мантиқии ҳуқуқу озодиҳои анъанавӣ дар шароити фазои иттилоотию рақамӣ ба ҳисоб мераванд.

Яке аз ҳуқуқҳои иттилоотии инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ ба озодии андеша мебошад, ки ба насли якуми ҳуқуқҳои инсон мансуб буда, ташаккули он бо рушди ҷомеаи буржуазӣ алоқаманд мебошад. Ҳуқуқи мазкур моҳияти ба истилоҳ «озодии манфӣ»-ро ифода менамояд, ки пеш аз ҳама дар маҳдуд будани дахолати давлат ба соҳаи озодии иттилоотии шахс таҷассум меёбад. Ба ин насли ҳуқуқҳо инчунин ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, ки моҳияти он дар ҷамъоварӣ, истифода ва паҳн намудани иттилоот дар бараи шахс ва ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот, ки амалишавии он иштироки фаъоли давлат, ташаккули механизмҳои ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани кафолатҳои заруриро ҳангоми дастрасӣ ба иттилоот таъмин менамояд, дохил мешаванд.

К. Васак ба насли сеюми ҳуқуқҳои инсон инчунин ҳуқуқ ба коммуникатсияро низ мансуб медонист. Ӯ ин ҳуқуқро бо ташаккули тартиботи нави байналмилалии иттилоотӣ алоқаманд арзёбӣ менамуд. Ба андешаи ӯ, рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва густариши равандҳои иттилоотӣ зарурати эътирофи чунин ҳуқуқро ба миён меорад. Бо вуҷуди ин, то имрӯз ҳуқуқ ба коммуникатсия дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ба таври мушаххас мустаҳкам нагардидааст ва муҳтавои он ҳамоно хусусияти баҳсталаб дорад. Дар илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ қайд карда мешавад, ки мазмуни ҳуқуқи мазкур хусусияти кушода дошта, вобаста ба хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ниёзҳои ҳар як давлат метавонад ба таври гуногун шарҳ дода шавад. Бояд ба мавқеи олими рус Е.А. Лукашева розӣ шуд, ки ҳуқуқҳои насли смеюмро ҳамчун ҳуқуқҳои коллективӣ арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, шахс дар амалишавии чунин ҳуқуқҳо иштирок менамояд, аммо ин иштирок пеш аз ҳама на ба мақоми шахсии ӯ, балки ба мансубияти ӯ ҳамчун узви як ҷомеаи муайян алоқаманд мебошад» [15, с. 139-140]. Дар ин замина, имкониятҳои коммуникатсионӣ ҳамчун ҷузъи табиӣ ва ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеа ва ҳар як узви он баромад намуда, метавонад дар шакли ҳуқуқ ба коммуникатсия ифода ёбанд. Гарчанде ки кафолати чунин ҳуқуқҳо дар муқоиса бо ҳуқуқҳои насли якум ва дуюм ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст, онҳо ба он арзишҳое, ки дар консепсияи К. Васак вобаста ба наслҳои ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ шудаанд, мутобиқат менамояд.

Тасаввуроте, ки рушди падидаи ҳуқуқи инсон дар фазои рақамӣ танҳо ба доираи ҳуқуқҳои иттилоотӣ маҳдуд мешавад, наметавонад тасири воқеии технологияҳои муосирро ба таври пурра инъикос намояд. Дар асл, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ на танҳо ба ҳуқуқҳои иттилоотӣ, балки ба тамоми низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсир мерасонад. Раванди мазкур худ ба худ боиси ташаккули насли нав ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд намегардад, балки бештар ба тағйирёбии шакл ва тарзи амалишавӣ ва кафолати ҳуқуқҳои мавҷуда таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, новобаста аз мансубияти ҳуқуқҳо ба насли якум, дуюм ва ё сеюм, ҳамаи онҳо дар шароити фазои рақамӣ мазмун ва шаклҳои нави амалисоӣ ва татбиқро касб менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили методологӣ ва назариявии институти ҳуқуқи инсон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зарурати омӯзиши амиқи таъсири рақамикуниро ба механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба миён меорад. Технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо шакл ва усулҳои муносибатҳои ҷамъиятиро тағйир медиҳанд, балки балки ба мазмун ва моҳияти вазъи ҳуқуқии шахс низ таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин шароит тасаввуроти анъанавӣ вобаста ба ҳаду ҳудуди ҳаёти хусусӣ, мазмуни озодии иттилоот ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ, шаклҳои ҳамкории шаҳрвандо бо тавлат ва инчунин механизмҳои амалисозӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тадриҷан дигаргун мегарданд. Рақамикунонӣ боиси пайдоиши шаклҳои нави муносибатҳои ҳуқуқӣ гардида, ҳамзамон масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба миён мегузорад.

Яке аз паёмадҳои муҳимтарини рақамикунонӣ ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ мебошад, ки дар доираи он мубодилаи мунтазами иттилоот байни мақомоти давлатӣ, субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон амалӣ мегардад. Дар ҷомеаи муосир иттилоот ба яке аз захираҳои стратегӣ табдил ёфта, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди он ҷузъи муҳимми фаъолияти давлат ва дигар институтҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит нақши танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ ба таври назаррас меафзояд, зеро маҳз тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ метавон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар фазои рақамӣ таъмин намуд. Аз ин рӯ, ташаккули низоми самараноки ҳуқуқии гардиши иттилоот, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ ба яке аз самтҳои асосӣ ва муҳиммми сиёсати ҳуқуқии давлат мубаддал мегардад.

Бояд қайд намуд, ки ҷомеаи муосири иттилоотӣ бо сатҳи баланди вобастагии шахс аз инфрасохтори рақамӣ тавсиф меёбад. Имрӯз истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, низомҳои бонкӣ, платформаҳои (майдоначаҳои) рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои мобилӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи инсон табдил ёфтааст. Дар бисёр ҳолатҳо маҳз тавассути чунин технологияҳо шахс имконияти иштирок дар муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ амалӣ менамояд. Дар натиҷа, фазои рақамӣ тадриҷан ба фазои мустақили амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мубаддал мегардад.

Рушди технологияҳои итттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба мазмун ва сохтори вазъи ҳуқуқи шахс дар шароити муосир таъсири бевосита мерасонад. Муҳаққиқи ватанӣ С.Ш. Азимзода дуруст қайд менамояд, ки рақамикунонии ҷомеа чолишҳои нави ҳуқуқӣ ва фалсафиро ба вуҷуд оварда, зурурати бознигарии низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пеш овардааст. Технологияҳои рақамӣ на танҳо зиндагии инсонро осон мегардонад, балки боиси тағйири муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ низ гашта истодааст [4]. Дар шароити рақамикунонӣ на танҳо шакл ва усулҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тағйир меёбанд, балки унсурҳои нави ҳуқуқҳои субъективӣ низ ба вуҷуд меоянд, ки бо иштироки шахс дар фазои иттилоотӣ ва рақамӣ алоқаманд мебошанд. Имрӯз фазои рақамӣ ба як самти мустақили муносибатҳои ҷамъиятӣ мубаддал гардидааст, ки дар доираи он шахс ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ менамояд, ба фаъоляити меҳнатӣ машғул мешавад, аз хизматрасониҳои давлатӣ истифода мебарад ва бо дигар субъектҳои ҳуқуқӣ ҳамкорӣ мекунад. Аз ин рӯ, фазои рақамӣ ба фазои нави амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил меёбад.

Яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии падидаи ҳуқуқи инсон раванди рақамикунонии саросари идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ба баланд гардидани самаранокии расмиёти маъмурӣ, кӯтоҳ шудани муҳлати пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва васеъ гардидани имкониятҳои ҳамкории шаҳрвандон бо давлат мусоидат менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди

идоракунии рақамии давлатӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ мегардад.

Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ ҳамчунин боиси пайдоиши шаклҳои нави ҳамкории давлат, ҷомеа ва шахс гашта истодааст, ки бо истифода аз платформаҳои (майдончаҳои) электронӣ ва хизматрасониҳои фосилаӣ алоқаманд мебошанд. Шакли электронии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандони имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро бидуни муроҷиати бевосита ба мақомоти давлатӣ амалӣ намоянд. Ҳамзамон, чунин тағйирёбии расмиёти маъмурӣ зарурати таъмини дастрасии баробари шаҳрвандонро ба инфрасохтор рақамӣ ба миён меорад.

Дар адабиёти илмӣ ба таври асоснок қайд карда мешавад, ки нобаробарии рақамӣ яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосири иттилоотӣ ба ҳисоб меравад [7, с. 146]. Сатҳи гуногуни дастрасии шаҳрвандон ба технологияҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори рақамӣ метавонад ба маҳдуд гардидани имкониятҳои онҳо дар самти амалисозии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ оварда расонад. Набудани дониш ва малакаи зарурии рақамӣ, воситаҳои техникии зарурӣ ё дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет дар амал метавонад иштироки шахсро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ маҳдуд намояд.

Мушкилоти нобаробарии рақамӣ махсусан дар мавриди амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Дар шароити рушди хизматрасониҳои электронӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ дасрасӣ ба чунин технологияҳо ва инфрасохтори рақамӣ ба яке аз шарҳои асосии татбиқи самараноки ҳуқуқҳои мазкур табдил меёбад. Дар чунин шароит шахсоне, ба шабакаи ҷаҳонии Интернет, воситаҳои техникӣ ё донишу малакаҳои рақамӣ дастрасӣ надоранд, метавонанд аз имконияти истифодаи пурраи хизматрасониҳои давлатӣ дар ҳама самтҳо маҳрум гардаданд. Аз ин рӯ, давлат вазифадор аст, ки барои дастрасии баробари аҳолӣ ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ чораҳои муассир андешад.

Бояд қайд намуд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷомеаи муосир ба тавр объективӣ боиси мураккаб гардидани механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Дар шароити рақамикунонӣ институти ҳуқуқи инсон ба яке аз унсурҳои марказии танзими ҳуқуқии фазои рақамӣ табдил меёбад, зеро маҳз ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳаду ҳудуди истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсонӣ ва рақамиро аз ҷониби давлат ва дигар субъектҳо муайян менамояд.

Фазои муосири рақамӣ бо суръати баланди паҳншавии иттилоот, хусусияти фаромарзии коммуникатсия ва дараҷаи муайяни ба таври худкор амали гаштани равандҳои ҷамъиятӣ тавсиф меёбад. Хусусиятҳои мазкур роҳу воситаҳои амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба таври кулӣ тағйир дода, ташаккули роҳу воситаҳои нави механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро талаб менамояд. Механизмҳои анъанавии ҳифзи ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд аксаран нисбат ба фазои рақамӣ ба қадри кофӣ самаранок

буда наметавонанд ва ин омил зарурати такмили қонунгузорӣ ва амаоияи татбиқи ҳуқуқро ба миён меорад.

Хулоса. Дар шароити муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ масъалаи таъмини тавозун миёни озодии иттилоот ва зарурати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳи инсон ва шаҳрванд аҳаммияти махсус касб менамояд. Технологияҳои итттилоотию коммуникатсионӣ имкониятҳои паҳн намудани маълумот, мубодилаи афкор ва дастрасӣ ба иттилооти дорои хусусиятҳои гуногунро ба таври назаррас вамеъ мегардонанд. Ҳамзамон, рақамикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси пайдоиши хавфу хатарҳои нав гардидааст, ки ба паҳншавии иттилооти шикаста, маълумоти бардурӯғ, ғайриқонунӣ, вайрон гардидани ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ва сӯистифода аз иттилоот алоқаманд мебошанд.

Адабиёт

1. Caidi N., Ross A. Information Rights and National Security // Government Information Quarterly. 2005. V. 22. P. 663-684.

2. Vasak K. Human Rights: A Thirty-Year Struggle: the Sustained Efforts to give Force of law to the Universal Declaration of Human Rights // UNESCO Courier. 1977. Nov. 19. P. 29-30.

3. Азимов, С.Ш. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳифзи маълумоти шахсӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ [Матн] / С.Ш. Азимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2024. – № 3 (47). – С. 42-57.

4. Азимов, С.Ш. Таъмини ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ дар шароити рақамикунонӣ [Матн] / С.Ш. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2025. – № 1 (37). – С. 92-111.

5. Азимов, С.Ш. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба ҳуқуқи инсон: дурнамо, мушкилот ва роҳи ҳал [Матн] / С.Ш. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 1. – С. 232-236.

6. Бачило И. Л. Правовые вопросы социальных и демократических процессов в информационном обществе России // Информационное общество: проблемы развития законодательства: Сборник научных работ. М.: ИГП РАН; Юридическое издательство «ЮРКОМПАНИ», 2012. – С. 11.

7. Бачило, И. Л. Информационное право: учебник для вузов / И. Л. Бачило. – М.: Высшее образование, Юрайт-Издат, 2009. – С. 146.

8. Белевская Ю.А. Теоретико-правовые основы регулирования конституционных прав и свобод человека и гражданина в информационной сфере // Закон и право. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2009, № 3. – С. 18–19.

9. Венгеров А.Б. Теория государства и права: Учебник / А.Б. Венгеров. 2-е изд. М.: Омега-Л, 2005. – 608 с.

10. Виноградова, Н.В. Правовой механизм защиты информационных прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Виноградова Наталья Владимировна. Саратов, 2011. 26 с.

11. Гаюров, Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: диссертация ... доктора юридических наук: 12.00.03 / Гаюров Шукрулло Караматуллоеви. – Москва, 2010. – 371 с.
12. Глушкова С.И. Права человека и гражданина в контексте глобализации // Правовая система России в условиях глобализации. Сборник материалов круглого стола. М.: Ось-89, 2005. – С. 46.
13. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.04.2025).
14. Мальцев Г.В. Права личности: юридическая норма и социальная действительность // Конституция СССР и правовое положение личности. – М., 1979. – С. 50.
15. Права человека. Учебник для вузов / Ответственный редактор – член-корр. РАН, доктор юридических наук Е.А. Лукашева. М.: Издательство НОРМА, 2001. 573 с.
16. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 479 с.
17. Сативалдыев Р.Ш. Деятельность государства в сфере обеспечения информационной безопасности // Вестник ТНУ. – 2017. – № 2/10. – С. 174-182.
18. Середа М.Ю. Механизм ограничения конституционных прав и свобод человека в сети Интернет // Вестник Воронежского государственного университета : Серия «Право». 2013. № 2. – С. 84.
19. Чеботарева, А.А. Эволюция института прав человека в условиях развития информационного общества / А.А. Чеботарева. - (Информационное пространство). – Текст : непосредственный // Государственная власть и местное самоуправление. – 2012. - № 6. – С. 27-33.

Инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити рушди технологияҳои иттлоотию коммуникатсионӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд марҳилаи нави рушди худро аз сар мегузаронад. Тағйирёбии фазои иттилоотии муосир боис мегардад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фазои иттилоотӣ амалӣ гарданд. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шаклҳои татбиқ ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро васеъ мегардонанд. Истифодаи захираҳои иттилоотӣ дастрасии нисбатан васеъро ба иттилоот таъмин намуда, ба амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил мусоидат менамояд, ҳамкории ҷомеаро бо мақомоти давлатӣ содда мегардонад ва шаклҳои нави иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: Инсон, шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ, ҳуқуқи инсон, падидаи ҳуқуқи инсон, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ, фазои иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ.

Развитие прав и свобод человека и гражданина в условиях развития информационно-коммуникационных технологий

В данной статье анализируются некоторые теоретические и практические вопросы развития прав и свобод человека и гражданина в условиях развития информационно-коммуникационных технологий. Автор отмечает, что в условиях развития информационно-коммуникационных технологий права и свободы человека и гражданина переживают новый этап своего развития. Изменение современного информационного пространства приводит к тому, что права и свободы человека и гражданина реализуются в информационной среде. Информационно-коммуникационные технологии расширяют формы осуществления и реализации прав и свобод человека и гражданина. Использование информационных ресурсов обеспечивает более широкий доступ к информации, способствует реализации права на образование, упрощает взаимодействие общества с государственными органами и создаёт новые формы участия граждан в политической и общественной жизни.

Ключевые слова: человек, гражданин, право, свобода, права человека, институт прав человека, информационно-коммуникационные технологии, цифровые технологии, информационное пространство, информационное общество.

The development of human and civil rights and freedoms in the context of the advancement of information and communication technologies

This article analyzes certain theoretical and practical issues concerning the development of human and civil rights and freedoms in the context of the advancement of information and communication technologies (ICTs). The author notes that, under the conditions of rapid ICT development, human and civil rights and freedoms are experiencing a new stage of evolution. The transformation of the modern information environment leads to the realization and exercise of human and civil rights within the digital information space. Information and communication technologies expand the forms and mechanisms for the implementation and protection of human and civil rights and freedoms. The use of information resources provides broader access to information, facilitates the realization of the right to education, simplifies interaction between society and public authorities, and creates new forms of citizens' participation in political and public life.

Keywords: human being, citizen, rights, freedoms, human rights, human rights institution, information and communication technologies (ICTs), digital technologies, information space, information society.

Сафарализода Далер Саидахтам, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи

инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Тел.:** +992 987954864. **Email:** daler-safaraliev@mail.ru

Сафарализода Далер Саидахтам, Таджикский национальный университет, юридический факультет, кандидат юридических наук, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Тел.:** +992 987954864. **E-mail:** daler-safaraliev@mail.ru

Safaralizoda Daler Saidahtam, Tajik National University, Faculty of Law, Candidate of Legal Sciences, Assistant Lecturer at the Department of Human Rights and Comparative Jurisprudence. **Tel.:** +992 987954864. **E-mail:** daler-safaraliev@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ЗАБОНИ ҚОНУН ҲАМЧУН ЗАБОНИ МАХСУСИ ҲУҚУҚӢ

Давлатзода Ш.Ш.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муқаддима. Дар вақти охир дар лингивистикаи ҳуқуқшиносӣ масъалаи сифати ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ чи дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сатҳи маҳалӣ қабулшаванда саволҳоро боқӣ мегузорад.

Матни санади қонунгузорӣ, аломати муҳимми низоми ҳуқуқии ҷамъияти мебошад, ки хеле кам объекти таҳлилҳои лингивстӣ – стилистикӣ қарор мегирад, дар айни замон маводи хеле ғанӣ, гаронарзишро фароҳам меоварад, зеро омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти матни санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ имкониятҳоро барои густариши фаҳмиши забони қонун фароҳам месозад, на танҳо ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ, балки барои дарки он ҳамчун инъикоси шуури забонии иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи қонунгузорӣ мебошад.

Забони қонун унсури техникаи қонунгузорӣ мебошад, ки таҳти он низоми усулҳои асосии амалии ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин принсипҳо ва қоидаҳои назариявии таҳрезии шаклии матни санадҳои қонунгузорӣ, тарзҳои омода намудани лоиҳияи қонун аз лиҳози шакл ва сохтор мукамалтарин фаҳмида мешавад. Ин усулҳо мутобиқати ҳарчи пурра ва дақиқи шакли санади меъёриро ба мазмуни иродаи қонунгузор таъмин намуда, инчунин шаффофияти маводи меъёрӣ, дастраси барои дарк фарогирии ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзимшаванда ва мувофиқату беихтилофии дохилии низоми қонунгузориро таъмин менамоянд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ забони қонунро ба истилоҳои гуногун ифода менамоянд: забони қонунгузорӣ, забони санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, забони ҳуқуқии қонунгузорӣ, забони давлатӣ, забони расмӣ. Бо вуҷиди ин истифодаи истилоҳи «забони қонун» бартарӣ дорад, зеро манбаи пайдоиши ин мафҳум аз фаҳмиши он ҳамчун унсури техникаи қонунгузорӣ бармеояд.

Умуман истилоҳҳои зикршуда то андозае ҳаммаънои мафҳуми «забони қонун» мебошад, аммо фарқ дар он аст, ки на ҳар як санади меъёрӣ ҳуқуқӣ метавонад қонун бошад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми васеътар аст ва метавонад, масалан ба санадҳои зерқонунӣ, ки хусусияти меъёрӣ доранд низ татбиқ гардад. Дар чунин ҳолат бештар истифодаи мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» мувофиқ аст, ки маҷмуи талаботҳоро дар бар мегирад ва ба ҳамаи намудҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ паҳн мешавад.

Дар навбати худ, мафҳуми маҳдуди қонун, лоиҳаи қонун ва шуури ҳуқуқӣ ба мафҳуми техникаи қонунгузорӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина ҳангоми таҳқиқи забони қонун мавҷудияти рақобати истилоҳии ҳуқуқӣ (таносуб, алоқамандии мафҳумҳо) бояд ба назар гирифта шавад.

Дар зери мафҳуми забони қонун чӣ фаҳмида мешавад ва ё забони қонун чӣ маъно дорад? Ин пеш аз ҳама дар соҳаи ҳуқуқӣ аз лиҳози шифоҳӣ ва хаттиест, ки мо бо ҳуҷҷат – яъне бо санади расмии дорои қувваи ҳуқуқӣ сару кор дорем.

Худи ҳамин воқеият хусусияти хатии татбиқи воситаҳои забонии услуби расмӣ – коргузориро муайян менамояд.

Дар айни замон, хусусияти хатии ҳуҷҷати расмӣ(корӣ) наметавонад ба забони он таъсир нарасонад. Нутқи хаттӣ, ки дар шароити нубудани ҳамсуҳбат амалӣ мегардад, баёни муфассал ва ифодаи пурраи мазмунро тақозо мекунад, то ба мундариҷа мантиқият ва оммафаҳмӣ бахшида шавад.

Талаботи мантиқият ва асоснокии баён барои ҳуҷҷати услуби расмӣ – коргузорӣ махсусан дар сатҳи синтаксис бояд риоя гардад. Дар ин гуна ҳуҷҷатҳо бештар таркибҳои мураккаб ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ(пайрав) истифода мешаванд, ки ин хусусияти муҳими услуби мазкур ба ҳисоб меравад.

Чунин хусусиятҳои забони қонун, ба монанди мушахасӣ, оммафаҳмӣ ва мухтасарӣ имкон медиҳад, ки шартан дар бораи мавҷудияти як забони махсуси ҳуқуқӣ сухан гуйем, ки «хусусияти асосии он услуби амрӣ(императивӣ), инчунин муайян ва дақиқии андешаи қонунгузор мебошад» [1]. Вазифаи асосии он ноил шудан ба дараҷаи баланди муайян дар ҳолати соддагии ҳарчи бештар аст. Дар ин раванд бояд нишонаҳои услубофарини услуби расмӣ – коргузорӣ ба назар гирифта шаванд, аз ҷумла мушаххасии мазмун ва таҷдиди шакли баён. Ин ба он вобаста аст, ки услуби функсионалӣ як навъ умумият мебошад, ки ба гурӯҳои матнҳое асос меёбад, ки соҳаҳои муайяни муоширатро хизмат мерасонанд ва барои ҳамин соҳаҳо хос мебошанд. Аммо қаблан, чунон ки Д.Э. Розентал қайд намудааст, муҳақиқ аз таърифҳои муайян оғоз менамуд, ҳоло зарур аст, ки таҳқиқ аз худи мавод оғоз гардида, ба фаъолияти воқеии воситаҳои забонӣ дар матн ва нутқ анҷом ёбад [10]. Ҳадаф аз ин муайян намудани он аст, ки то чӣ андоза истифодаи воситаҳои забонӣ дар матни қонун ба меъёрҳои забони муосири илмии адабии тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Маҳз ҳамин масъала, масъалаи забони қонун барои мо аҳамияти асосӣ дорад.

Ҳамин тариқ забони қонун махсусан барои он шахсоне, ки ба омода намудани лоҳияи қонун машғуланд, муҳим ва мавриди омузиш қарор дода шавад, зеро забони қонун бо хусисиятҳои услуби расмӣ – коргузорӣ унсурҳои техникаи қонунгузорӣ мебошад.

Сухан дар бораи як падидаи васеътар аз забон – хусусияти сохти лексикии нутқ меравад. Забони қонун – ин забонест, ки бо истилоҳои муайян мафҳумҳои махсуси ҳуқуқиро ифода менамояд. Ба таври мухтасар, забони қонун – забони санади қонунгузорӣ мебошад. Забон, ки аз зарурати муошрати инсонҳо ба вуҷуд меояд, дорои вазифаҳои иҷтимоӣ мебошад. Масъалан:

– вазифаи конструктивӣ – омодасозии андеша;

– вазифаи мукотиботӣ – муошират ва паёмрасонӣ;

– вазифаи эмотсиёнӣ – ифодаи муносибати гӯянда нисбат ба мавзуъ ва амали фаврӣ ба ҳолат;

– вазифаи таъсирӣ – таъсир расонидан ба қабулкунанда [9].

Вазифаҳои асосии забони қонун чунинанд:

1. Таъмини мушахассӣ ва оммафаҳмӣ – баён намудани ирода ва қонуниятҳои қонунгузорӣ бе таҳриф ва ихтилоф;

2. Тасдиқи қуввахои ҳуқуқӣ ва расмӣ – забон бояд шакли расмӣ ва ягона дошта бошад, то ҳуҷҷат қувваи ҳуқуқӣ дошта бошад;

3. Муошират қонунгузор ва шаҳрвандон – забони қонун воситаи пайваст намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷамъият мебошад;

4. Танзими рафтор ва муносибатҳо – ифодаи қоидаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ;

5. Ҳифзи мутаносибаи системаи қонунгузорӣ – истифодаи забон бояд мутаносибан ва ҳамоҳанг ба тамоми санадҳои ҳуқуқӣ башад.

Вазифаи асосии забони қонун аз чӣ иборат аст?

Ҳуқуқшиносон бар он назаранд, ки азбаски забон иродаи қонунгузорро ифода намуда, онро ба ҷомеа мерасонад, забони қонун вазифаи созандагӣ ва иртиботиро иҷро мекунад [8]. Аммо ин вазифаҳоро забон дар ҳамаи соҳаҳои муошират низ иҷро менамояд.

Дар соҳаҳои ҳуқуқ бошад, тавассути забон ба шуур ва тафаккури одамон таъсир расонида мешавад, онҳоро барои анҷом додани амалҳо мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун водор месозад, яъне онҳоро ба рафтори дуруст ва мувофиқ ба талаботи қонун ҳидоят мекунад. Ҳамин тариқ, вазифаҳои асосии забони қонун метавонанд вазифаи уҳдадоркуниро низ дар бар гирад, (масалан: қатъ кардани парвандаи ҷиноятии оғозшуда, гунаҳгор эътироф кардан [12]. Аммо бояд қайд кард, ки тарзҳои ифодаи уҳдадоркунӣ гуногун мебошанд ва онҳо аз хусусияти танзими ҳуқуқӣ вобастаанд. Забони қонун пеш аз ҳама бо услуб ва сохтори дохилии худ фарқ мекунад, на бо истилоҳоти махсусе, ки бештар ба забони махсус (касбӣ) хос аст. Дар қонунгузорӣ ба пайдарҳамӣ, алоқамандӣ, мантиқият, низомнокӣ, дақиқияти баён аҳамияти махсус дода мешавад. Азбаски ҳуқуқ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбини шудааст, ин ҳолат хусусияти дигари муҳимми забони қонунро муайян мекунад, сатҳи баланди ифодаи мушахаси он.

Муҳақиқи венгерӣ И. Сабо бар он ақида аст, ки он чизеро ки «забони ҳуқуқӣ» меноманд, дар асл ҷуз забони маъмулӣ чизе бар зиёд нест, ки бо истилоҳҳои махсус ва техникии иловагӣ ғанӣ гардонида шудааст [4]. Ин забон ифодаҳоеро, ки дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мешаванд, дақиқтар ба кор мебарад. Яъне зарур аст, ки мутобиқати бештарини байни андешаи қонунгузор ва ифодаи он дар санади меъёрӣ, ҳамчун асари хаттии адабӣ, таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, барои матни қонун услуби баёни монологӣ, пайдарҳамӣ, низомнокӣ, мантиқӣ, пуррагӣ, дақиқият ва мукаммалият хос мебошад. Ин тавассути истифодаи самараноки техникаи қонунгузорӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои услубсозандаи анъана, ки аз вижагиҳои забони қонун ҳамчун як навъи услуби расмӣ – идорӣ бармеоянд, ба даст оварда мешавад. Ҳамин тариқ, дар фаҳмиши мо забони қонун яке аз унсурҳои техникаи қонунгузорӣ буда, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ амал мекунад ва бо дурнамои татбиқ дар низоми ҳуқуқии ҷомеа фаъолият менамояд. Он дорои вазифаҳои созанда (конструктивӣ), иртиботӣ (коммуникативӣ) ва эҳсосӣ (эмотсионалӣ) буда вазифаи асосии он вазифаи уҳдадоркунанда мебошад.

Аз нигоҳи забоншиносӣ матни қонунгузорӣ як навъ паём мебошад, ки дар шакли ҳуҷҷати расмии хаттӣ ифода ёфта, аз воҳидҳои муайян иборат аст. Ин воҳидҳо тавассути навъҳои гуногуни робитаҳои луғавӣ, грамматикӣ ва мантиқӣ бо ҳам пайваст шудаанд, ҳамчунин дорои хусусияти моделӣ ва барномавӣ мебошанд [4]. Яъне ҳангоми таҳияи санади меъёрӣ зарур аст, ки қоидаҳои забонӣ, ки санад ба он омода мегардад, босаводона истифода шаванд. Санади меъёрӣ бояд бо забони адабӣ навишта шуда, ҳамаи қоидаҳои умумии грамматика ва синтаксис, ки дар лаҳзаи қабули санад амал мекунанд, риоя карда шаванд [8]. Забони қонун дар асоси воситаҳои забони адабӣ ташаккул ёфтааст, аммо хусусияти хоси он аз нақшаи махсуси ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бармеояд. Аз ин ҷо хусусияти дастурӣ (амркунанда) муқаррароти он сарчашма мегирад. Барои ифодаи андешаи қонунгузор дар шакли калимасозӣ воситаҳо ва усулҳои махсус истифода мешаванд, ки асосан дар соҳаи ҳуқуқэъҷодкунӣ ба кор бурда мешаванд.

Забони қонун бо услуби махсуси худ фарқ мекунад, ки онро А.А. Ушаков «илм дар бораи маҳорати суханварии қонунгузор» номидааст [15]. Ба андешаи бисёре аз муҳаққиқон, қонун чунин хусусиятҳоро дорост:

– расмӣ, яъне аз ҷониби субъектони бо салоҳият қабул мегарданд
– ҳуҷҷат, яъне ҳуҷҷати қабулгардидаи субъектони бо салоҳият мебошад
– оммафаҳм, барои оммаи мардум фаҳмо ва дастарс мебошад
– баёни оддӣ, соддагӣ дар вақти баёнро ифода менамояд
– мушахасӣ, ҳолати мушахасро мавриди танзим қарор медиҳад
– истифодаи сарфакоронаи воситаҳои забонӣ
– ҷойгиркунии мавод типқи талаботҳои ҷойдошта
– ҳатмигӣ
– пайдарҳамии мантиқӣ
– ҷой надоштани ҳолатҳои эҳсосотӣ
– ифодаи пурраи нутқ [8],

Ба назари мо, забони қонун як ҷузъи дарки махсуси забон мебошад, ки бо луғати хоси худ фарқ мекунад, яъне дорои истилоҳое мебошад, ки бо дурустии забонӣ муайян мегарданд. Бо вуҷуди он ки қонун тамоми хусусиятҳои ҳуҷҷати хаттӣ ва санади ҳуқуқиро дорост, он як сохтори мураккаб ба ҳисоб меравад.

Шакли ягона ва мазмуни қонун дар сохтори дохилии маводи меъёрӣ ва дар забони қонун таҷассум меёбад. Ба назари мо, забони қонун дастури қонунузорро тавассути дарки воситаҳои забонӣ, луғавӣ, услубӣ ва дигар амалӣ менамояд. Ин воситаҳо ба мавзуи асосии санади қонун – ифодаи мафҳумҳо, категорияҳо ва истилоҳҳои асосӣ тобеъ мебошанд. Масъалаҳои забони қонун то ҳол дар адабиёти илмӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Ба такя ба нуқтаҳои назари пешниҳодгардидаи А.А.Ушаков, метавон хусусиятҳои услубии зерини забони қонунро муайян кард: ба он умумиятнокии калимаҳои истифодашаванда, ки дар навъе аз афористикаи ҳуқуқӣ ифода меёбад, хос аст; сохти ҷумлаҳо ба ҳадафи дақиқу равшан баён кардани мазмун равона шудааст; истифодаи истилоҳҳои дақиқ ва ҳатмӣ мебошад; ташбеҳҳо, эпитетҳо ва метафораҳо иҷозат дода намешаванд;дақиқии ифодаи уҳдадорӣ бо соддагӣ ва дастрасии баён ҳамоҳанг

мебошад. Луғат ва грамматикаи қонунгузорӣ низ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Таҳлили онҳо барои тавсифи забони қонун ва дарки услуби қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад [15].

Бо назардошти сатҳи услубии забони қонун А.А.Ушаков мафҳуми услуби қонунгузориро ҷудо мекунад. Бо ин мафҳум ӯ ҷамъиятро огоҳ намуда функсияи муайяншудаи усулҳо ва воситаҳои истифода, интихоб ва муттаҳидкунии воситаҳои гуфтор дар соҳаи омодасозии меъёри ҳуқуқро мефаҳмад, ки аз як тараф ба як ифодаи забонӣ хизмат мекунад, аммо аз тарафи дигар барои дигар мақсадҳо истифода шуда, вазифаҳои гуногунро дар амалиёти гуфтории ҷомеа иҷро мекунад [15].

Забони қонунро на танҳо аз нуқтаи назари забони адабӣ бояд баррасӣ кард, балки пеш аз ҳама аз нуқтаи назари истифодаи мафҳум ва истилоҳотӣ ҳуқуқӣ инчунин истифодаи дигар мафҳумҳо ва категорияҳои илмӣ. То ба воситаҳои мушаххаси танзимшавандаи мантиқи умумӣ дода шавад ва мундариҷаи онҳо муайян гардад. Ҳамаи ин нуқтаҳои назар асосан ба истифодаи василаҳои забонӣ ва истилоҳот дар таҳияи санадҳо, ки метавонанд бо ягон нофаҳм ҳамроҳ бошанд, дахл доранд.

Аммо бояд қайд намуд, ки забони қонун на танҳо дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, балки дар соҳа забоншиносӣ (лингивистика) низ мавқеи хоса дорад. Шакли забонии қонун бояд бо фарҳанги забонии мардум мутаҳид бошад, зеро рушди қонун ба таърихи забони адабии умумимиллӣ вобаста аст, ҳамон тавре ки забон дар маҷмуъ воситаи муошират дар ҷомеа мебошад. Ҳарчанд забони қонун хусусияти махсус дорад, он ҳамзамон бояд аз забони адабӣ пайрави кунад. Ин раванд ва қоидаҳои рушди забони қонун дар илми ҳуқуқ ва илми забоншиносӣ (лингивистика) таъкид карда мешаванд, зеро дар забони қонун чизе нест, ки бо забони умумӣ иртибот надошта бошад ё бо он зид бошад [15]. Аз ин рӯ, хусусиятҳои муқаррароти ҳуқуқӣ ва меъёриро метавон бо назардошти шароити забонӣ ва намоиши услуби қонунгузорӣ дарк кард.

Ба ақидаи А.А. Ушаков: «Муносибат байни забони расмӣ ва забони қонунгузорӣ ҳамон тавре аст, ки муносибат байни омма ва хосса мебошад» [15]. Бо вуҷуди ин бояд инчунин тадқиқотҳои муосир дар соҳаи забони қонунро дар назар гирифт, ки онро ҳамчун забони ҳуқуқии махсус таҳлил мекунанд ва он як қатор хусусиятҳои хоси забонӣ дорад [8]. Забони қонун воситаҳои умумии забон, аз ҷумла лексика, услуб ва дигар зуҳуротро истифода мебарад. Аммо барои забони қонун принсипҳои махсуси интихоб ва муттаҳиднамоии воситаҳои гуфтор хосанд, ки натиҷааш ба ташкили хоси воситаҳои забонӣ меорад. Хусусиятҳои ин ташкили забонӣ аз он сарчашма мегиранд, ки забони қонун соҳаи ҳуқуқро ҳамчун танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ хизмат мекунад ва вазифаҳои забон дар соҳаи ҳуқуқро иҷро менамояд.

Таваҷуҳи махсус ба масъалаи омодасозии лоҳияи қонун равона мегардад. Ҳуқуқ бевосита таввасути забон (матн, нутқ) – дарк, тафсир ва татбиқ карда мешавад. Аз ин рӯ, ошкор гардидани хатогиҳои мантиқӣ, нутқӣ ва услубӣ дар раванди таҳияи лоиҳаи санади қонунгузорӣ вазифаи ниҳоят муҳим ва зарурӣ мебошад, зеро хатогиҳои қонунэҷодкунӣ ба сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

таъсири манфӣ мерасонад. Ҳангоми кор бо забони ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ бояд ба иштибоҳ, тавсифи хилофи талабот (нодуруст), яъне вайроншавии қоидаҳои истифодаи воҳидҳои гуногуни забонӣ, диққати махсус дода шавад [2]. Хатогиҳои забонӣ ва маъноие, ки дар ҷараёни ифодаи меъёрҳои қонун ба вуҷуд меоянд, тафсири якмаънои онро аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқ душвор мегардонад ва бо ҳамин самаранокии ҳуҷҷатро коҳиш медиҳанд. Аз ин рӯ, таҳлили забониву услубии қоидаҳои меъёрии баён дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи қонун воситаи муҳими пешгирии иштибоҳ дар матни лоиҳаи қонун ба ҳисоб меравад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар бораи ихтилофӣ ба истилоҳ ғайриқасдона сухан гуфта шавад.

Ба андешаи Ю.Д.Апресиян иштибоҳ ғайримақсаднок эъҷодшуда шартан ба ду намуд, асоснок(таври махсус) ва камбудиҳо (алоҳида) ҷудо мешавад [2]. Иштибоҳи алоҳида аз нигоҳи рушди забон аҳамияти инкишофёбанда дорад. Чунин иштибоҳ метавонад ҳамчун падидаҳои нав зоҳир гардида, сарчашмаи навсозии инкишофи забон гардад [2].

Дар забоншиносии муосир ду навъи иштибоҳ (анамалия) сохториро ҷудо мекунанд: 1) мухолифат байни низоми забон ва муқарарот; 2) мухолифатҳои дохилии худи низоми забон;. Дар забоншиносӣ зери мафҳуми низоми забон маҷмуи воҳидҳои мавҷудаи забон ва қоидаҳои истифодаи онҳо фаҳмида мешавад.

Муқарарот – ин истифодаи воқеӣ, амалии воҳидҳо ва қоидаҳои забонӣ дар нутқ ва матн мебошад [2]. Одатан муқарарот ба низоми забон мувофиқат мекунад ва бо ҳамин пайдоиши иштибоҳро маҳдуд месозад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст, ки ин ба пайдо шудани иштибоҳ оварда мерасонад. Муносибат байни низоми забон ва муқарарот яке аз масъалаҳои муҳими назариявии забоншиносии муосир ба шумор меравад. Низоми забон ҳамчун маҷмуи воҳидҳои забонӣ ва қоидаҳои танзимкунандаи истифодаи онҳо фаҳмида мешавад. Муқарарот бошад, истифодаи воқеӣ ва амалии ин воҳидҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад. Маҳз дар раванди истифодаи амалии забон хусусиятҳои воқеии фаъолияти забонӣ зоҳир мегарданд.

Дар ҳолати муқаррарӣ муқарарот ба низоми забон мувофиқат мекунад ва ин мувофиқат субот ва устувории меъёрҳои забониро таъмин менамояд. Ҳамоҳангии низом ва муқарарот ба маҳдуд шудани пайдоиши каҷравиҳо ва иштибоҳ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, рушди табиии забон, тағйироти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва коммуникативӣ метавонад боиси ба вуҷуд омадани мухолифат байни низоми забон ва истифодаи воқеии он гардад. Дар натиҷаи чунин номувофиқатӣ иштибоҳи забонӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳо метавонанд хусусияти конструктивӣ дошта бошанд ва ҳамчун омили рушди минбаъдаи забон хизмат намоянд. Дар забоншиносӣ одатан ду навъи чунин иштибоҳ ҷудо карда мешаванд.

Навъи якум ҳолатест, ки воҳидҳои забонӣ, шакл ё тарзи истифодаи аллакай дар муқарарот, яъне дар амалияи нутқ, фаъолона истифода мешавад, аммо ҳанӯз дар низоми забон ва меъёрҳои расмии он мустаҳкам нашудааст. Бо

мурури замон чунин воҳидҳо метавонанд пазируфта шуда, ба низоми забон ворид гарданд ва ба меъёри забонӣ табдил ёбанд.

Навъи дуюми ба ҳолате дахл дорад, ки воҳиди забонӣ метавонад мутобиқи қоидаҳои мавҷудаи низоми забон сохта шавад ва аз ҷиҳати сохторӣ дуруст бошад, аммо дар муқарарот истифода намегардад ё хеле кам ба назар мерасад. Дар ин маврид мухолифат на дар сатҳи низом, балки дар сатҳи амалияи забонӣ зоҳир мегардад [2]. Ҳамин тариқ таҳлили муносибати байни низоми забон ва муқарарот имкон медиҳад, ки қонуниятҳои рушди забон, ташаккули меъёрҳои нав ва тағйироти забонӣ амиқтар дарк шаванд. Ихтилофотҳои сохторӣ дар ин раванд на танҳо нишонаи каҷравӣ аз меъёр балки яке аз сарчашмаҳои муҳими такмил ва ғанигардонии низоми забон ба ҳисоб мераванд.

Забон ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ ва муоширатӣ дар раванди истифодаи доимӣ ташаккул ёфта, тағйир меёбад. Яке аз мафҳумҳои муҳимми забоншиносӣ, ки робитаи байни назария ва амалияи иникос менамояд, мафҳуми муқарарот мебошад. Муқарарот истифодаи воқеии воҳидҳои забон дар нутқи зинда ва матнҳо ифода мекунад [2]. Маҳз муқарарот сатҳи воқеии фаъолияти забонро нишон дода, заминаи ташаккули меъёрҳои забонӣ мегардад. Дар бештар ҳолатҳо муқарарот ба низоми забон мутобиқат мекунад. Ин мутабиқат ба устувории меъёрҳои забонӣ мусоидат намуда, пайдоиши шаклҳои тасодуфӣ ё ғайримеъёриро маҳдуд месозад. Низоми забон, ки маҷмуи қоидаҳои фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва услубиро дар бар мегирад, истифодаи воҳидҳои забониро танзим мекунад. Аммо забон ҳамчун падидаи зинда ва рушдёбанда на ҳамеша дар доираи низоми мавҷуда маҳдуд мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо байни истифодаи воқеии воҳидҳои забонӣ ва қоидаҳои низоми забон номувофиқатӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи чунин номувофиқатӣ иштибоҳи забонӣ пайдо мешаванд. Дар илми забоншиносӣ одатан ду навъӣ асосии чунин иштибоҳ фарқ карда мешавад.

Навъи якум ба ҳолате дахл дорад, ки воҳиди забонӣ, шакл ё қоида аллакай дар муқарарот истифода мешавад, вале ҳануз дар низоми забон расман иникос ёфта, ҳамчун меъёр эътироф нашудааст. Чунин падидаҳо аксаран нишонаи рушди забон мебошанд. Онҳо дар натиҷаи эҳтиёҷоти муошират, таъсири омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ё забонӣ ба вуҷуд омада, тадриҷан метавонанд ба қисми низоми меъёрии забон табдил ёбанд. Ба ин гурӯҳ, масалан, истилоҳои нав, шакли нави грамматикӣ ё тағйироти мазмунии калимаҳо дохил мешаванд.

Навъи дуюм дар ҳолате ба миён меояд, ки воҳидҳои забонӣ аз нуқтаи назари назариявӣ мувофиқи қоидаҳои низоми забон омода гардида метавонад, лекин дар муқарарот истифода намегарданд. Яъне чунин шакл аз ҷиҳати сохторӣ дуруст аст, вале барои гӯяндагон ғайритабиӣ ё сунъӣ менамояд. Сабаби асосии чунин падида дар он аст, ки он ба одат ва амалияи гузашта ва таҷрибаи воқеии истифодаи забон мувофиқат намекунад [2]. Дар натиҷа, чунин воҳидҳо дар нутқи зинда қабул намешаванд ва берун аз доираи меъёри амалкунанда мемонанд.

Ҳамин тариқ, муносибати байни муқарарот ва низоми забон хусусияти инкишофёбанда дорад. Аз як тараф низоми забон истифодаи воҳидҳоро танзим мекунад, аз тарафи дигар, маҳз муқарарот манбаи асосии тағйир ва рушди он

мебошад. Меъёри забонӣ дар натиҷаи ҳамкории доимии ин ду омил инкишоф ёфта, бо мурури замон тағйир меёбад. Аз худнамоии алоқаи муқарарот ва низоми забон барои забоншиносии назариявӣ ва амалӣ аҳамияти муҳим дорад. Он имкон медиҳад раванҳои рушди забон, ташаккули меъёрҳо ва пайдоиши падидаҳои нав дуруст фаҳмида шаванд. Илова бар ин, чунин таҳқиқот дар масъалаҳои фарҳанги нутқ, таҳияи луғатҳо, меъёргузории забон ва омӯзиши забон нақши муҳим мебозад.

Дар забоншиносии муосир иштибоҳи забонӣ вобаста ба хусусият ва нақши онҳо дар рушди забон ба гурӯҳои гуногун ҷудо карда мешаванд. Яке аз чунин гурӯҳо иштибоҳи таъсири манфӣ дошта, мебошад. Иштибоҳи таъсири манфӣ дошта, бар хилофи иштибоҳи асоснок хусусияти манфи дошта ба рушди низоми забон мусоидат намекунанд. Онҳо одатан ҳамчун хатогиҳои ғайрииродавии номунтазами забонӣ, ки аз надоштани донишҳои забонӣ, қасдан ва ё ногаҳон ҷой доранд [2]. Ин гуна ҳолат мантиқан дар низоми матнии иштибоҳ навишта шуда, дар натиҷаи таҳлилҳои стилистӣ, сатҳи пасти донишҳои забонӣ ва надоштани нутқи абадии дуруст аз ҷониби муаллиф иникос мегарданд [16]. Чунин иштибоҳ метавонад дар натиҷаи омилҳои зерин мушоҳида гарданд:

– надоштани дониши кофии забонӣ
– сатҳи пасти саводнокии забонӣ
– надоштани таҷрибаи кофии дар баён ва навишт
– таъсири омилҳои равонӣ, аз ҷумла бепарвоӣ, шитобкорӣ, хастагӣ
– пайдоиши ногаҳонӣ ё тасодуфӣ, шаклҳои нодуруст дар баён

Дар баъзе ҳолатҳо чунин иштибоҳ метавонанд зери таъсири шуурӣ ба вуҷуд оянд, аммо аксаран онҳо натиҷаи норасоии донишҳои забонии муаллиф мебошад. Ин навъи иштибоҳро метавон ба низоми умумии иштибоҳҳои матнӣ дохил намуд. Натиҷаи таҳлили услубӣ нишон медиҳад, ки фаровонии иштибоҳҳои таъсири манфӣ дошта дар матн одатан нишонаи сатҳи пасти фарҳанги нутқ, маҳорати нокифояи истифодаи воситаҳои забонӣ ва заъфи эҳсоси забонӣ (забоншиноси онро ҳисси забон меноманд) мебошад. Иштибоҳҳои таъсири манфӣ дошта метавонад дар сатҳҳои гуногуни забон зоҳир шаванд:

– хатогиҳои грамматикӣ
– истифодаи нодурусти воҳидҳои луғавӣ
– ҷой надоштани пайдарҳамии мантиқӣ дар матн
– носозгории услубӣ ва сохтори нодурусти баён

Ҳамин тариқ, иштибоҳҳои таъсири манфӣ дошта падидаҳое мебошанд, ки ба сифати матн таъсири манфӣ расонида, фаҳмоӣ ва дақиқии онро коҳиш медиҳанд. Онҳо на манбаи рушди забон, балки нишондиҳандаи сатҳи пасти дониши забонӣ ва маҳорати нотиқии муаллиф ба ҳисоб мераванд. Омӯзиши чунин иштибоҳҳо барои арзёбии сифати матн, такмили фарҳанги нутқ ва баланд бардоштани савияи забондонии истифодабарандагони забон аҳаммияти муҳим дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар типалогияи матнҳо ва иштибоҳҳои забонӣ, ки аз ҷониби Т.В. Чернишов пешниҳод гардидааст, иштибоҳҳои маъноӣ (семантикӣ) ва иштибоҳҳои забонӣ фарқ карда мешаванд [16]. Иштибоҳҳои

маъноӣ нисбат ба иштибоҳҳои забонӣ дар марҳилаи аввал камтар ба назар мерасанд, зеро онҳо бевосита ба шакли зоҳирии нутқ таъсир намерасонанд. Аммо дар сурати мавҷуд будани чунин иштибоҳҳо, механизми ташаккули фикр (тафаккур) халалдор мегардад. Оқибатҳои чунин халалдорсози метавонанд инҳо бошанд:

– хатогиҳои воқеӣ;

– ифодаи нодурусти мафҳум;

– норавшанӣ ё саҳеҳ набудани таърифҳо;

– вайроншавии сохти мантиқи.

Дар доираи хатогиҳои мантиқӣ одатан ду навъ фарқ карда мешаванд:

1. Вайроншавии мантиқи мулоҳиза(ҷараёни андешаронӣ);
2. Вайроншавии мантиқи баён (пайдарҳамӣ ва сохти пешниҳоди фикр).

Бар хилофи ин, ҳангоми мавҷуд будани иштибоҳҳои забонӣ механизми ташаккули нутқ халалдор мешавад. Дар натиҷа, меъёрҳои гуногуни забонӣ вайрон мегарданд, аз ҷумла:

– меъёрҳои фонетикӣ;

– меъёрҳои лексикӣ;

– меъёрҳои грамматикӣ;

– меъёрҳои синтаксисӣ;

– меъёрҳои услубӣ;

– меъёрҳои мувофиқати воҳидҳои забонӣ.

Таснифи низоми мазкури иштибоҳҳои матнӣ имкон медиҳад, ки онҳо дар матнҳо, аз ҷумла дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба осони муайян ва таҳлил карда шаванд. Аҳамияти чунин тасниф дар он аст, ки он алгоритми муайяни гурӯҳбандии иштибоҳҳоро вобаста ба нишондиҳандаҳои шаклӣ ва мазмунӣ пешниҳод менамояд. Ин равиш махсусан ҳангоми таҳлили дастурҳо ва муқаррароти ҳуқуқӣ муҳим мебошад, зеро дақиқӣ, мантиқият ва возеҳии баён талаботи асосии забони қонун ба ҳисоб мераванд.

Бо такия ба методикаи таҳлили санади воқеии муошират хаттӣ ки аз ҷониби Б.С. Мучник «Асосҳои таҳрир ва услубшиносӣ» пешниҳод шудааст, метавон марҳилаҳои асосии таҳлили матни санадҳои қонунгузориро чунин муайян намуд:

1. Таҳлил намудани порча аз матни санади қонунгузорӣ;
2. Баҳогузори ба натиҷаи матни санади қонунгузорӣ қабулшуда;
3. Ҷалб гардидан ба натиҷаи ниҳоии қабули матни санади қонунгузорӣ бо асосҳои таҳлили маънӣ;
4. Муқоисаи ниҳоӣ аз қабули ниҳоӣ ва аввалини матни санади қонунгузорӣ. Муайян намудани намудҳои иштибоҳҳо.
5. Баҳогузории услубӣ ба порчае аз матни санади қонунгузорӣ, бо ёрии таснифоти иштибоҳҳои гуногун, таҳлилҳои забонии матни санади қонунгузорӣ, самтҳои ҳуқуқии навиштаҷотҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (дар ҳолатҳои ба мушоҳида расидани мувофиқат накардани хулосаҳои забонӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда), асоснокнамоии зарурати ислоҳи матни қонунгузорӣ бо дарназар

дошти андешаҳои муалифон (андешаи муалифон дар чунин ҳолат бевосита аз суҳбат бо таҳиякунандагони санади қонунгузорӣ муайян мегардад);

6. Варианти ислоҳгардидаи порчаи матни санади қонунгузорӣ;

7. Баҳогузории ба варианти ислоҳгаштаи навиштаҷоти қонунгузорӣ бо дар назардошти аломатҳои услубӣ, анъанаҳое, ки аз махсусиятҳои забони қонун бармеоянд [7].

Таҳлил намудани порчаи матни санади қонунгузорӣ – ин раванди таҳлили санади (навиштаҷот) меъёрӣ – ҳуқуқӣ мебошад:

«Санади меъёрӣ ҳуқуқӣ – санади ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ ва ё иҷроия дар доираи салоҳияташон (мақомотҳои ҳуқуқэъҷодкунанда) типҳои меъёрҳои ҳуқуқии муқарар гардида қабул карда мешаванд [5]. Дар асоси дарки ибтидоии ин матни қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дорои ду маъно мебошад, ки ин ҳолат имкон медиҳад дар бораи духурагии муҳтавои он сухан гуем. Мафҳуми ин муқаррароти ҳуқуқӣ метавонад чунин фаҳмида шавад:

1. Қабули санади меъъёрӣ – ҳуқуқӣ ё танҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ё танҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия амали карда мешавад;

2. Салоҳияти қабули санади меъъёрӣ – ҳуқуқӣ ҳам салоҳияти мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва салоҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад.

Ҳамин тариқ номуайянии матн аз тарзи баён ва истифодаи пайвандаки «ё» бармеояд, ки метавонад маънои ҷудокунанда ё фарогир дошта бошад. Муайян намудани маънои ягонаи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои бунёдии назарияи тафсири ҳуқуқ ва техникаи қонунгузорӣ ба шумор меравад [7]. Ошкор ва муқаррар намудани ин маъно тавассути дарки ниҳоии муқаррароти ҳуқуқӣ аз ҷониби қонунгузор амалӣ гардида ба таъмини маънои ягонаи дақиқият ва устувории мазмуни меъёр мусоидат менамояд. Зеро маҳз маънои ягона доштан шарти асосии татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия мебошад. Матни қонун дар заминаи ғоя ва консепсияи қонунэҷодкунии муаллиф ташакул меёбад. Ин ғоя ҳамчун асоси методологӣ барои ташкили меъёри ҳуқуқӣ хизмат намуда, тавассути фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар раванди таҳия, баррасӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум меёбад. Аз ин лиҳоз иртиботи мустаҳкам миёни мақсаду мароми муаллиф ва шакли забонии баён шарти муҳимми сифатнокии санади меъёрӣ мебошад. Дар марҳилаи ибтидоии таҳияи лоҳияи қонун метавон падидаи духурагӣ(думаъноӣ) ё номуайянӣ ба вуҷуд ояд, ки он аксаран дар натиҷаи дарки беихтиёронаи (интуитивный) матн ошкор мегардад. Чунин ҳолат ба талаботи забонт қонун мухолиф мебошад, зеро забони қонун бояд бо мушаххасӣ, мантиқият, возеҳият ва набудани ихтилофи маънои фарқ кунад. Думаъноӣ на танҳо ба мушкилоти тафсир оварда мерасонад, балки метавонад боиси татбиқи нодуруст ё гуногунфаҳмии меъёр дар амалия гардад. Аз ин рӯ, дарки ниҳоии мазмуни муқаррарот ва таҳрири мукаммали забонии он бояд ба бартараф намудани ҳар гуна номуайянӣ равона шавад. Танҳо дар ин сурат мумкин аст, ки

меъёри ҳуқуқӣ ҳамчун ифодаи иродаи расмии давлат бо маънои ягона ва умумиҳатмӣ дар низоми ҳуқуқӣ амал намояд.

Маънои дурусти меъёри ҳуқуқӣ танҳо дар асоси таҳлил намудани мақсади субъекти ҳуқуқэъҷодкунӣ муайян карда мешвад. Мақсади субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун пояи консептуалӣ ва методологии санади меъёрии ҳуқуқӣ хизмат намуда, самти танзими ҳуқуқиро муайян месозад. Бинобар ин, ҳар гуна тафсири муқаррарот бояд ба ирода ва мақсади аслии қонунгузор такия намояд. Ошкор гардидани ду маъно дар матни санади қонунгузорӣ далели мавҷудияти нуқсонҳои мазмунӣ ва забонӣ мебошад. Чунин ҳолат бештар дар натиҷаи истифодаи номувофиқи воситаҳои грамматикӣ ва услубӣ ба миён меояд, ки боиси ба вуҷуд омадани думаъноӣ ё маъноӣ гуногун мегардад. Аз нигоҳи назарияи забони ҳуқуқ, мавҷудияти думаъноӣ бо талаботи асосии техникаи қонунгузорӣ, аз ҷумла принсипҳои мушахасият, илмият, касбият, мантикият ва якмаъноӣ, мухолифат дорад. Дар матни мавриди таҳлил қарордошта, муқаррароти қонун ба мақсаде, ки қонунгузор бояд ифода намояд, пурра мутобиқат намекунад. Махсусан, масъалаи ба муқаррар намудани ҳуқуқи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ё мақомоти ҳокимияти давлатӣ дахл дорад. Дар матн пайвандаки «ё» истифода шудааст, ки аз нигоҳи грамматикӣ ба гурӯҳи пайвандакҳои ҷудокунанда мансуб буда, муносибати истинои мутақобиларо ифода менамояд [14]. Мувофиқи таҳлили забонӣ, истифодаи «ё» дар ин маврид боиси ҷудо гардидани мафҳумҳои «мақомоти ҳокимияти қонунгузор» ва «мақомоти ҳокимияти иҷроия» ҳамчун мафҳумҳои ба ҳам истиснокунанда мегардад. Ин тарзи баён метавонад чунин маънидод шавад, ки ҳуқуқи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо ба яке аз ин мақомоти ҳокимияти давлатӣ тааллуқ дорад. Аммо бо дарназардошти ғояи қонунгузорӣ, мақсад, эҳтимолан, муқаррар намудани ҳуқуқи мақомоти ҳокимияти иҷроия барои қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи салоҳияти онҳо мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи пайвандаки мазкур ба ифдаи нодурусти иродаи қонунгузор оварда расонида, боиси ба вуҷуд омадани ихтилофи маъноӣ мегардад. Ҳамин тариқ, барои таъмини мутобиқати пурраи матни қонун ба мақсади қонунгузорӣ зарур аст, ки сохтори грамматикӣ ва услубии муқаррарот таҷдиди назар карда шавад. Танҳо дар сурати бартараф намудани чунин номуайяниҳо мумкин аст, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ талаботи забони давлатӣ ва меъёрҳои техникаи қонунгузориро пурра таъмин намояд ва татбиқи ягонаи меъёр дар амалия кафолат дода шавад.

Ҳамин тариқ, матни қонуни таҳлилшаванда метавонад ҳамчун – санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ , санади ҳуқуқие, ки танҳо ё аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ё танҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия метавонад қабул гардад. Зеро миёни воҳидҳои синтаксисии «қонунгузорӣ» ва «иҷроия» пайвандаки ҷудокунандаи «ё» истифода шудааст, ки аз нигоҳи грамматиқӣ муносибати истисноии мутақобиларо ифода менамояд. Дар чунин ҳолат аз ҷиҳати шакли забонӣ чунин хулоса бармеояд, ки ҳуқуқи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо ба яке аз ин шохаҳои ҳокимияти давлатӣ тааллуқ дорад. Ин гуна тафсир, агар ба ғояи аслии қонунгузор мутобиқат накунад, метавонад боиси

ихтилофи маъноӣ ва татбиқи нодурусти меъёр гардад. Танҳо дар сурате истифодаи пайвандаки «ё» аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок шуморида мешавад, ки қонунгузор воқеан нияти муқаррар намудани меъёреро дошта бошад, ки қабули санади меъёрии ҳуқуқиро ба таври яктарафа – ё ба мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва ё ба мақомоти ҳокимияти иҷроия – вогузор менамояд. Дар акси ҳол, барои мутобиқ намудани матн ба ғоя ва иродаи қонунгузор зарур аст, ки порчаи мазкур таҳрири такмилёфтаи меъёрӣ – услубӣ гардад. Таҷдиди назар бояд ба бартараф намудани духурагӣ (думаъногӣ) ва таъмини якмаъноӣ равона шавад, то ки муҳтавои меъёр ба таври дақиқ, козеҳ ва бидуни эҳтимоли тафсири гуногун ифода гардад. Ҳамин тавр расидан ба ҳадафи қонунгузор – яъне таъмини маънои ягонаи мазмун ва татбиқи ягонаи меъёр – танҳо тавассути ислоҳи сохтори грамматикӣ ва услубии матни мавриди назар имконпазир мебошад.

Бинобар ин дар як вақт мавҷудияти ду пайвандаки дорои маъноҳои гуногун тасдиқ мекунад, ки ҳар кадом аз мақомоти зикр гардида метавонад мустақилона санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намояд. Мисолеро барраси менамоем, ки мавҷудияти иштибоҳои маъноӣ (анамалияи маъноӣ), яъне вайроншавии мантиқи баёни матн дар тарҳи қонунро нишон медиҳад. Барои як чанд мансабҳои олии идоракунӣ шахсро ба муҳлати муайян таъин менамоянд ва салоҳияти ӯ аз лаҳзаи савганд ёд карданд оғоз мегардад [13]. Ҳамзамон муҳлати дуюми (5сола, 10сола) шахси ваколатдор низ аз лаҳзаи савганд ёд намудани шахси интихобгардидаи ваколатдор ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо дар матни қонун номувофиқии мантиқӣ вуҷуд дорад, зеро:

1. Оғози салоҳияти шахси ваколатдор равшан муайян нашудааст.
2. Муҳлати ваколат аз лаҳзаи савганд ёд кардан, ҳисоб карда мешавад.
3. Барои муҳлати дуюм низ ҳамон меъёр истифода мешавад, ки метавонад норавшанӣ эҷод кунад.

Ин гуна ҳолатро дар забони ҳуқуқӣ одатан чунин меноманд:

- Иштибоҳи маъноии матни қонун
- Риоя нагардидан ё худ вайроншавии мантиқи баён

Барои пешгирии чунин нофаҳмиҳо дар қонунгузорӣ зарур аст, ки:

- Оғози салоҳияти шахсони ваколатдор мушахасу дақиқ муайян карда шавад;
- Риоя намудани қоидаҳои мантиқи дар ҷумла ва истилоҳҳо;
- Ҷой надоштани мухолифат байни моддаҳои қонун.

Дар асоси тафсири минбаъда маънои дуюми воқеии ин меъёр фаъол мегардад, ки мувофиқи он муҳлати ваколати шахсони мансабдор муайян буда, аз лаҳзаи савганд ёд кардан ҳисоб карда мешавад. Пешбинӣ мегардад, ки дар оянда ҳангоми иваз шудани шахсе, ки ин вазифаро ишғол мекунад, маҳз чунин фаҳмиш ба моҳияти қонунгузор мувофиқат намуда, бояд ба инобат гирифта шавад. Аммо ҳангоми дарки ибтидоии матн хатогии маъноӣ ва услубии порчаи баррасишавандаи санади қонунгузорӣ мушоҳида мегардад. Ин норасоӣ сабаб гардид, ки ба ин муқаррароти қонунгузорӣ аз нигоҳи услубӣ баҳо дода шуда, зарурати таҳрири минбаъдаи он ба миён ояд.

Дар ин маврид мавҷудияти ҳамзамон иштибоҳои забонӣ ва маъноӣ дар матни мақаррароти санади меъёрии ҳуқуқӣ барраси мегардад. Калимаҳои «андозагирӣ», «овезоннамоӣ» ва «аз ҳисоб барорӣ» ба калимаҳои гуфтугӯи мансуб мебошанд, бинобар ин истифодаи онҳо дар санадҳои қонунгузорӣ ба хусусияти расмӣ – ҳуқуқии чунин матнҳо мутобиқат намекунад [3]. Истифодаи калимаҳои гуфтугӯи дар доираи матнҳои қонунгузорӣ метавонад натиҷаи паст будани сатҳи фарҳанги нутқӣ ҳангоми таҳияи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ бошад. Аммо аз нуқтаи назари ҳуқуқэҷодкунӣ истифодаи калимаҳои «андозагирӣ», «овезоннамоӣ» ва «аз ҳисоб барорӣ» дар матни санадҳои қонунгузорӣ метавонад ҳамчун зарурати мавҷудияти баъзе унсурҳои калимаҳои гуфтугӯи барои ташаккули равшантар ва дақиқтари андешаи қонунгузорӣ арзёбӣ гардад. Бинобар ин аз ҷониби мо воҳидҳои забонӣ муайян карда шуданд, ки доираи истифодаи маҳдуд доранд(масалан, андозагирӣ, овезоннамоӣ ва аз ҳисоб барорӣ), бинобар ин ҳангоми мавҷуд будани чунин калимаҳои лексионӣ дар матни қонун, бояд субъектони ваколатдор шарҳи пурраи онро дар қонун пешниҳод намоянд, то ин ки духурагӣ дар истеҳсолот ба вуҷуд наояд. Мисол, андозагирӣ – калимаи гуфтугӯи буда, амале мебошад, ки аз феъли ченкунӣ бармеояд [11].Чен карданро аз чен накардан ва ба пуррагӣ чен накардан фарқ бояд намуд ва дигар ҳолатҳо [6].

Хулоса. Ин гуна калимаҳо ба луғати гуфтугӯи тааллуқ доранд, ки баъзан ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ворид мешаванд [17]. Принсипи умумии баён дар матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқи аз он иборат, ки дар онҳо истифодаи луғати гуфтугӯи роҳ дода намешавад, зеро истифодаи он ба ифоданокӣ алоқаманд аст ва ин хусусият ба забони қонун хос нест. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ифодаи расмии ирода ва манфиятҳои давлат мебошанд, бинобар ин забони қонунгузорӣ бо бетарафӣ ва қатъияти услуб фарқ мекунад, ки он аз табиати ҳуқуқ ва таъминоти иҷтимоии он бармеояд. Истифодаи калимаҳои мансуб ба луғати гуфтугӯиро дар санадҳои қонунгузорӣ танҳо ҳамчун як падидаи ғайримуқаррарӣ арзёбӣ кардан чандон дуруст нест. Дар баъзе ҳолатҳо истифодаи чунин луғат дар танзими ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун истисно баррасӣ гардад, ки он бо мақсаднокии ҳуқуқӣ асоснок мешавад. Ин ҳолат вақте ба миён меояд, ки барои ноил шудан ба таъсири бештари ҳуқуқӣ зарурати истифодаи калимаҳои оммафаҳм барои шаҳрвандон ва дар ҷомеа маъмултар вуҷуд дорад, на истилоҳи махсуси ҳуқуқӣ.

Адабиёт

1. Алексеев С. С. Государство и право. – М., 1966.
2. Апресян Ю. Д. Языковые аномалии: типы и функции // RES PHILOLOGIA. Филологические исследования. – М.; Л., 1990.
3. Большой толковый словарь русского языка / под ред. С. А. Кузнецова. – СПб., 2000.
4. Гальперин И. Р. О понятии «текст» // Вопросы языкознания. – 1974. – № 6.
5. Закон Алтайского края «О правотворческой деятельности» // Сборник законодательства Алтайского края. – 1995. – № 3.

6. Законодательная техника: научно–практическое пособие / под ред. Ю. А. Тихомирова. – М., 2000.
7. Мучник Б. С. Основы стилистики и редактирования. – Ростов на Дону, 1997.
8. Пиголкин А. С. Язык закона: черты, особенности // Язык закона. – М., 1990.
9. Рахманин А. В. Стилистика деловой речи. – М., 1997.
10. Розенталь Д. Э. Практическая стилистика русского языка. – М., 1998.
11. Русский толковый словарь / под ред. В. В. Лопатина, Л. Е. Лопатиной. – М., 1997.
12. Сабо И. Социалистическое право. – М.: Прогресс, 1964.
13. Словарь русского языка : в 4 т. / под ред. А. П. Евгеньевой. – М., 1999.
14. Современный русский язык / под ред. В. А. Белошапковой. – М., 1997.
15. Ушаков А. А. Очерки советской законодательной стилистики. Ч. 1, 2. – Пермь, 1967.
16. Чернышова Т. В. Стилистика русского языка : методическое пособие. – Барнаул, 2001.
17. Толковый юридический словарь для бизнесменов / под ред. В. М. Хинчука, В. Б. Ляндреса. – М., 1992.

Забони қонун ҳамчун забони махсуси ҳуқуқӣ

Дар мақола моҳият ва хусусиятҳои забони қонун ҳамчун шакли махсуси забони давлати мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Ба нақши забони қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъсири меъёрҳои забонӣ ба мазмун ва татбиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ҳамчунин масъалаи таҳлили забонии матнҳои ҳуқуқӣ ва аҳаммияти он барои дарки дурусти мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: забони қонун, қонунгузорӣ, матни санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, лингвистикаи ҳуқуқӣ, меъёрҳои забонӣ, низоми ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ

Язык закона как особый правовой язык

В статье анализируются и особенности языка закона как особой формы литературного языка. Автор рассматривает роль языка законодательства в регулировании общественных отношений и влияние языковых норм на содержание и применение нормативно-правовых актов. Особое внимание уделяется лингвистическому анализу юридических текстов и его значению для правильного понимания правовых понятий и развития правовой культуры.

Ключевые слова: язык закона, законодательство, текст нормативно правовие акт, юридическая лингвистика, языковые нормы, правовая система, правовая култура.

The language of law as a special legal language

The article examines the essence and specific features of the language of law as a special form of literary language. The autor analyzes the role of legislative language in

regulating social relations and the influence of linguistic norms on the content and implementation of legal acts. Particular attention is given to the linguistic analysis of legal texts and its importance the proper understanding of legal concepts and the development of legal culture.

Keywords: Language of law, legislation, legal norm text, legal linguistics, linguistic norms, legal system, legal culture.

Давлатзода Шуҳрат Шерафган, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.ҳ. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ.

Давлатзода Шухрат Шерафган, Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки, доцент, заведующий кафедрой права факультета истории, права и международных отношений.

Davlatzoda Shuhrat Sherafgan, Abuabdullah Rudaki Kulyab State University, PhD, Associate Professor, Head of the Department of Law, Faculty of History, Law and International Relations.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ҶОМЕА

Азимзода С.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар шароити муосир, зиндагиро бе технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад, зеро онҳо ба ҳама соҳаҳои фаъолияти инсон таъсир мерасонанд. Аз як тараф, технологияҳои мазкур раванди кориро содда мегардонанд, аммо аз тарафи дигар, мушкилоти навро дар роҳи амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба вуҷуд меоранд. Бешубҳа, ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии ҷомеа боиси мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ гардидаанд, ки дар натиҷа то андозае ҳаду ҳудуди амалнамоии қонунгузории миллӣ дар фазои рақамӣ норавшан гардида, муҳтавои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тағйир ёфтааст. Раванди мазкур ҳам ба ҳуқуқҳои асосӣ ва анъанавии инсон таъсир мерасонад ва ҳам замина пайдоиши гурӯҳи нави ҳуқуқҳо – ҳуқуқҳои рақамиро фароҳам меорад, ки зарурати расман эътироф кардани онҳо то ҳол мавзуи баҳсу баррасӣ мебошад. Илова бар ин, имрӯз масъалаи амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар фазои рақамӣ ба яке аз мушкилоти муҳим ва мубрам табдил ёфтааст. Пеш аз ҳама, мушкилоти мазкур бо рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва ҷори гардидани хизматрасониҳои рақамӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Рушди босуръати рақамикунонии ҷомеа таъсири амиқ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мерасонад. Дар замони муосир, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо муҳити нави ҷамъиятиву ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд, балки зарурати ташкили кафолатҳои иловагии ҳуқуқӣ ва механизмҳои муассири ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро маҳз дар фазои рақамӣ ба миён мегузоранд. Хусусияти хос ва фарқкунандаи ҳуқуқҳои инсон дар фазои рақамӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ё мустақиман дар фазои иттилоотӣ амалӣ мегарданд, ё ба таъмин ва танзими дастрасии баробар ва бо сифат ба он равона гардидаанд. Дар натиҷа, фазои рақамӣ ба фазои мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил ёфтааст, ки дар он зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ, ҳифзи манфиатҳои шахс ва таъмини баробари рақамӣ беш аз пеш аҳаммияти хоса пайдо менамояд.

А.М. Диноршоев қайд менамояд, ки масъалаи амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба раванди татбиқи ҳуқуқ алоқамандии зич дорад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ татбиқи ҳуқуқ ҳамчун амалӣ сохтани имкониятҳои ҳуқуқие маънидод мешавад, ки аз ҷониби давлат расман эътироф ва кафолат дода шудаанд ва ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии шахс равона гардидаанд[1, С. 203].

Ба андешаи Н.В. Витрук ва В.В. Копейчиков амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон – раванде мебошад, ки дорои мазмун ва шаклҳои демократӣ буда, мутобиқ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешавад ва ба ҳар як шахс имконият фароҳам меорад, то аз неъматҳои моддиву маънавие, ки заминаи ҳуқуқҳои

субъективи ӯро ташкил медиҳанд, бархурдор гардад. Раванди мазкур ҳамзамон ҳимояи ҳуқуқҳоро аз ҳар гуна поймолшавӣ таъмин менамояд[2, С. 50].

В.М. Капитсин қайд менамояд, ки дар назарияи ҳуқуқ мафҳуми «амалишавии ҳуқуқ» шаклҳои татбиқи муқаррароти ҳуқуқиро дар рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ инъикос менамояд, ки яке аз онҳо истифода ҳуқуқҳои муқарраргардида мебошад[3, С. 140].

Дараҷаи амалишавии ҳуқуқҳои инсон нишондиҳандаи қонеъмандии талабҳои ҳаётии худи инсон ва ҷомеа мебошад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ормонҳои инсондӯстӣ, адолат, озодӣ, баробарҳуқуқӣ, таҳаммулпазириро ифода менамояд. Амалишавии ҳуқуқҳои инсон барои инкишофи ҷомеаи муосир, ҳимояи имрӯзу фардои инсоният нақши ҳалкунанда мебозад[4].

Бо такя ба мафҳумҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳиягардида, муаллиф зери мафҳуми амалишавии ҳуқуқи инсон дар доираи таҳқиқоти мазкур раванди татбиқи он дар ҳаёти воқеиро мефаҳмад. Фаҳмиши мазкур ба он асос меёбад, ки дар шароити муосир технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун воситаҳои наву самаранок амал намуда, доираи имкониятҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз қоллабҳои анъанавии он берун бурда, ба тағйири муҳити амалишавии онҳо мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ҳифз гардидани моҳияти фитрӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои мазкур, тарзу роҳҳои амалишавии онҳо тадриҷан дигаргун шуда, ба талаботи воқеияти нави рақамӣ мутобиқ мегарданд. Дар натиҷа, дар замони муосир амалӣ шудани бархе аз ҳуқуқу озодиҳои инсон хусусиятҳои нав касб менамоянд, ки ин ба раванди рақамӣ гардидани фазои татбиқи ҳуқуқ алоқаманд мебошад.

Дар шароити муосир, рушди технологияҳои рақамӣ, ба монанди шабакаи интернет, дастгоҳҳои ҳушманд ва зеҳни сунъӣ имкониятҳои навро барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон фароҳам меоранд. Раванди мазкур пеш аз ҳама, ба амалишавии як қатор ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонад, ки дар боби 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Масалан, озодии сухан, ки дар қисми 1 моддаи 30-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст, дар шароити муосир на танҳо дар фазои воқеӣ ба таври анъанавӣ, балки дар фазои маҷозӣ низ амалӣ мегардад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикисон ҳуқуқ доранд шахсан ё якҷоя бо дигарон ва ё тавассути намояндагони ваколатдори худ ҳам дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ (анъанавӣ) ва ҳам дар шакли электронӣ (муосир) ба мақомоту ташкилоти дахдор мурочиат намоянд. Ҳуқуқи мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»[5] мустаҳкам гардидааст. Бо ин васила, шаҳрвандон ҳуқуқи дар моддаи 31-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида – ҳуқуқи шахсан ва ё якҷоя бо дигарон мурочиат намудан ба мақомоти давлатиро амалӣ месозанд[6]. Мисолҳои мазкур ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки шаклҳои анъанавӣ ва воситаҳои рақамии амалишавии ҳуқуқу озодиҳо метавонанд бо ҳам муттаҳид шуд, имкониятҳои амалишавии онҳоро дар шароити муосир васеътар гардонанд.

Дар айни ҳол, ҳам дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар низоми ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ намунаҳое, ки усулҳои рақамӣ комилан

ҷойгузини шаклҳои анъанавии амалишавии ҳуқуқу озодиҳо гашта бошанд, мушоҳида намешаванд. Ҳатто дар Эстония, ки «чораҳои амниятие, ки ҳангоми баргузор намудани овоздиҳии электронӣ ҷорӣ шудаанд ва муқовимати самаранок ба тақаллубкориҳо дар интихоботро таъмин менамоян»[7, С. 93] амалишавии ҳуқуқи интихоботии фаъол аз ҷониби шаҳрвандон ҳам бо роҳи анъанавӣ ва ҳам бо усули рақамии овоздиҳи амалӣ карда мешавад. Дар Швецария[8], Канада[9, С. 112–119], Ҳиндустон[10], Фаронса[11], Бразилия[12] ва ғ. низ ба чунин тартибот ҳуқуқҳои интихоботии фаъол амалӣ мегарданд.

Бо ин васила, тавассути технологияҳои рақамӣ, шахс воситаҳои иловаги барои амалӣ намудани баъзе аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба даст меорад, ки ин дар навбати худ, истифодаи роҳҳои анъанавӣ (ғайирақамӣ)-и амалишавии онҳоро истисно намекунад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санади ягонаи меъёрии ҳуқуқи мавҷуд нест, ки руйхати ҳуқуқҳои инсонро, ки пурра ё қисман зери таъсири рақамикунонӣ қарор гирифтаанд, муфассал инъикос намояд. Аз ин рӯ, барои таҳлили хусусиятҳои амалишавии чунин ҳуқуқҳо мувофиқ аст, ки бисёратар ба боби 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намоем. Боби мазкур вобаста ба мазмун ва соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, рӯйхати ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро бо тартиби хронологӣ дар бар мегирад. Бо назардошти таъсири амиқ ва васеи раванди рақамикунонӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз нуқтаи назари методологӣ зурур ва асоснок мебошад, ки таҳлили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо дарназардошти тағйироти сохторӣ ва функсионалии ҷомеаи рақамии муосир, хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври ҳамаҷониба, муфассал ва низомнок анҷом дода шавад. Рақамикунонӣ на танҳо заминаҳои амалишавии ҳуқуқҳоро дигаргун месозанд, балки инчунин худи моҳияти фаҳмиши мафҳумҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои ҳимоя ва танзими онҳоро зери таъсир қарор медиҳанд. Аз ин рӯ, таҳияи чорчӯбаҳои таҳлилӣ ва механизмҳои нави арзёбӣ барои омӯзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити рақамикунонӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илми ҳуқуқшиносӣ табдил меёбад.

Дар натиҷаи рақамикунонӣ шаклҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсии инсон, ки дар моддаҳои 23 то 32-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, тағйир меёбанд. Моддаҳои мазкур ҳуқуқҳои зеринро дарбар мегиранд: маҳрамияти мукотибот, муросилот, сӯҳбатҳои телефонӣ ва мухобирот (қисми 1-и моддаи 23); ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ (қисми 2-и моддаи 23); ҳуқуқ ба озодии сухан, нашр ва истифодаи васоити ахбори омма (қисми 1-и моддаи 30); ҳуқуқи мурочиат кардан ба мақомоти давлатӣ (моддаи 31).

И.И. Саидзода қайд менамояд, ки аз нигоҳи таърихӣ, ҳуқуқҳои шахсӣ ҳамчун ҳуқуқҳои насли якум шинохта мешаванд ва ба ҳайси василаи муҳимми таъмини озодии инфиродӣ ва ҳимояи шахс аз дахолати давлат ба ҳаёти хусусии ӯ ташаккул ёфтаанд[13]. Бо вуҷуди ин, барои он ки шахс тавонад ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии худро дар фазои рақамӣ амалӣ намояд, иштироки фаъоли

давлат дар ташаккул ва таъмини инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ зарур мебошад. Дар чунин шароит мумкин аст чунин ба назар расад, ки раванди рақамикунонӣ ба моҳияти ҳуқуқҳои шахсии инсон ҳамчун ҳуқуқҳои насли яум мухолифат мекунанл. Аммо дар асл, зарур аст равандҳои мустақили ташкили инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби давлатро аз механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳо фарқ намуд, зеро дар бештари ҳолатҳо ҳуқуқҳои мазкур бо иродаи озоди худи шахс ва танҳо дар шароити набудани монеаҳо аз ҷониби давлат ё шахсони дигар амалӣ карда мешаванд.

Дар шароити муосир, ҷанбаи калидии амалишавии ҳуқуқ ба озодӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахс ҳуқуқ дорад сатҳи иштироки худро дар фазои рақамӣ бе дахолат ва ё фишори шахсони сеюм ба таври мустақил муайян намояд. Принсипи мазкур инъикосгари худмуайянкунии шахс ҳамчун яке аз арзишҳои меҳварии ҷомеаи демократӣ мебошад. Истифодабарандаи технологияҳои рақамӣ ба таври ихтиёрӣ ба муштарии молу хизматрасониҳои рақамӣ табдил меёбад. Аз харидории телефонҳои мобилӣ то пардохти хизматрасониҳои интернетӣ ифодагари озодии интихоби шахс мебошад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва дастгоҳҳои электронӣ муҳити нисбатан озоди маҷозиро фароҳам меоранд, ки дар доираи он шахс имконияти мустақилона муайян намудани самти истифода ва сатҳи ифшои маълумот дар бораи худро дорад. Имкониятҳои мазкур на танҳо шакли муосири худмуайянкунии рақамиро инъикос менамоянд, балки нишондиҳандаи тавсеаи озодии инфиродӣ дар фазои рақамӣ низ ба шумор мераванд.

Масалан, ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот, ки дар моддаи 30-юми Конуститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст, имкони озодона ҷустуҷӯ, дарёфт, интиқол ва паҳн намудани онро дар бар мегирад. Дар шароити рақамикунонӣ, аллакаай қисми зиёди иттилоот тавассути шабакаи интернет ва воситаҳои техникӣ паҳн мегарданд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот на танҳо дар муҳити воқеӣ ба таври анъанавӣ, балки дар фазои маҷозӣ низ амалӣ мегардад.

Дар шароити рақамикунонӣ, амалишавии ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот бо фароҳам омадани имконияти истифодаи озодона аз доираи васеи манбаъҳои рақамии иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаҳои интернетӣ, пойгоҳҳои додаҳо ва воситаҳои ахбори омма таъмин мегарданд. Суръат гирифтани гардиши иттилоот дар ҳамаи шаклҳои он – аз ҷустуҷӯ ва дарёфт то интиқол, истеҳсол ва паҳнсозӣ – ба коҳиши харҷи вақт дар раванди амалишавии ҳуқуқу озодиҳо мусоидат менамояд. Ҳамзамон, мубодилаи иттилоот миёни шахс, ҷомеа ва давлат низ суръат ва самаранокии бештар пайдо менамояд.

Ҳуқуқ ба иттилоот дорои хусусияти бунёдӣ мебошад, зеро он ҳамчун заминаи конститутсионӣ барои муҳайё сохтани шароити иттилоотӣ ҷиҳати амалишавии ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хизмат мекунад. Илова бар ин, он мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои ҷамъиятиро уҳдадор менамояд, ки бо шахс дар масъалаҳои марбут ба таҳким, танзим, амалишавӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо мубодилаи иттилоотӣ анҷом диҳанд. Масалан, тибқи моддаи 53-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии

байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дарбар мегиранд, дар нашрияҳои расмӣ интишор карда мешаванд. Манбаи расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» мебошанд[14]. Инчунин матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ғайр аз нашри онҳо ба таври анъанавӣ, инчунин дар сомонаҳои расмии рӯзномаҳои мазкур низ ҷойгир карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули ба қайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини дастрасии умум ба онҳо мебошад. Тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар манбаи марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.adlia.tj) ва Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.mmk.tj) ҷойгир карда мешаванд. Имрӯзҳо таъмини иттилоот, аз ҷумла дар мавриди дастрас намудани маълумот ба шаҳрвандон оид ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои онҳо, аксаран бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сурат мегирад.

Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот дорои хусусияти мутлақ нест ва метавонад тибқи моддаи 14-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи малакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ маҳдуд карда шавад[15]. Маҳдудиятҳои мазкур на танҳо дар амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар таҷрибаи байналмилалӣ низ дида мешавад. Л.А. Трибунер қайд менамояд, ки ҷараёнҳои иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир бо такя ба се ҳадаф танзим карда мешаванд: ҳифзи амнияти миллӣ, нигоҳдории ахлоқи ҷамъиятӣ ва таъмини суботи сиёсӣ[16]. Й Курбалийя бошад маводҳои иттилоотие, ки дар миқёси ҷаҳон зери маҳдудият ё сензура қарор мегиранд, ба се гурӯҳ ҷудо менамояд. Гурӯҳи якумро маводҳое ташкил медиҳанд, ки таблиғи терроризм, миллатгароӣ, генотсид, барагехтани кинаву адовати миллӣ ва дигар шаклҳои нафрат, порнография бо иштироки ноболиғон, иттилооти марбут ба худкушӣ ва монанди инҳоро дарбар мегиранд. Гурӯҳи дуюм – маводҳои таҳкиромезе мебошанд, ки барои аксарияти кишварҳо, минтақаҳо ё гурӯҳҳои этникию динӣ бо назардошти хусусиятҳои фарҳангии онҳо номуносиб ё таҳдидомез арзёбӣ мешаванд. Гурӯҳи сеюм маводест, ки дар доираи сиёсати сензураи давлатӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида маҳдуд карда мешаванд[17]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуднамоии ҳуқуқ ба иттилоот тавассути маҳдуд кардани дастрасӣ ба веб-сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои рақамӣ амалӣ карда мешавад. Чунин тадбирҳо аз ҷониби давлат асосан бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон асоснок карда мешавад.

Ба андешаи Э.В. Талапина озодии сухан дар фазои рақамӣ на танҳо аҳаммияти худро аз даст намедиҳад, балки дар муқоиса бо фазои анъанавии ғайирақамӣ эҳтимолан боз ҳам муҳмтар арзёбӣ карда мешавад[18]. Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки озодии сухан ба монанди дигар ҳуқуқу озодиҳо дар шароити рақамикунонӣ, дорои хусусияти мураккаб ва гуногунҷанба мебошад. Аз як тараф, шаҳрвандон имконияти озодона ибрози андешаҳои худро дар фазои рақамӣ ба даст меоранд. Аз тарафи дигар, зарурати объективии маҳдуднамоӣ ва назорати ибрози андешаҳо бо таваҷҷуҳ ба омилҳои сиёсӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ғ. ба миён меояд[19, С. 37-38].

Ҳамин тариқ, амалишавии воқеии ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот ва озодии сухан дар амал ҳамчун заминаи муҳин барои таъмин ва амалишавии дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон мегардад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва фарогирии фазои рақамӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, ҳуқуқҳои мазкур зери таъсири равандҳои рақамикунонӣ қарор мегиранд. Агар шахс аз имконияти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникстсионӣ – аз ҷумла имконияти озоди ибрози андеша, ҷустуҷӯ, истеҳсол ва паҳн намудани иттиллот тавассути васоити рақамӣ маҳру гардад, амалишавии пурраи дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки имрӯз аксаран шакли рақамӣ гирифтаанд, ғайриимкон мегардад.

Ба дигар ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд, ки механизми амалишавӣ ва ҳифзи онҳо дар натиҷаи рақамикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир ёфтааст, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ мебошад. аз сабаби оне, ки ҳуқуқи мазкур аз дигар ҳуқуқҳо дида бештар зерир таъсири рақамикунонӣ қарор гирифтааст, муаллиф зурур шуморидааст, ки масъалаи мазкур дар зербоби алоҳидаи диссертатсияи мазкур мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирад.

Дар шароити муосири рақамикунонӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ба сифтаи унсури калидии вазъи ҳуқуқии ӯ дар фазои рақамӣ баромад менамояд. Аз як тараф, раванди рақамикунонӣ имкониятҳои амалишавии як қатор ҳуқуқҳои шахсиро ба таври назаррас тавсеа медиҳад. Аз тарафи дигар, раванди мазкур метавонад боиси заиф гаштани кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигари шахсӣ, бахсус ҳуқуқ ба ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ гардад. Дар чунин вазъият, зарурати таъмини тавозун миёни густариши ҳуқуқҳо ва ҳифзи манфиатҳои шахсӣ дар фазои рақамӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо менамояд.

Рақамикунонии ҷомеа имкониятҳои навро барои амалишавии ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон ба вуҷуд меорад. Яке аз ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ки ба таври анъанавӣ ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон шомил мешавад, ҳуқуқ ба меҳнат мебошад. Ҳуқуқи мазкур тибқи қисми 1-и моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии кафолат дода шуда, ҳуқуқи ҳар як шахсро ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекориро дарбар мегирад. Дар шароити муосири ҷомеаи рақамӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба равандҳои муносибатҳои меҳнатӣ бо суръати рӯзафзун ворид мегарданд. Раванди мазкур ба ташаккули шаклҳои нави фаъолият ва пайдоиши касбҳои нав сабаб мегардад, ки хусусияти рақамӣ доранд ва амалан

тамоми ҷараёни корӣ дар фазои рақамӣ амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, метавон ба чунин касбҳо барномасозӣ, веб-дизайн, маркетинги рақамӣ, веб-журналистика ва дигар самтҳои фаъолияти касбӣ, ки ба платформаҳои рақамӣ такя менамоянд, ишора намуд. Дар айни ҳол, дар бозори меҳнат мутахассисоне талабот доранд, ки амнияти иттилоотии ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ҳамчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятиро таъмин менамоянд. Шахсоне, ки дар чунин самтҳо фаъолият менамоянд, дар маҷмуъ бо номи мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ (IT-мутахассисон) шинохта мешаванд. Таҳаввулоти мазкур нишон медиҳад, ки бозори меҳнат зер таъсири амиқи рақамикунонӣ қарор дорад ва талаботи нав ба малакаҳои техникии муосирро ба миён меорад.

Пайдоши касбҳои нав дар заминаи рушди технологияҳои рақамӣ ҳамчун нишондиҳандаи тавсеи имкониятҳои шахс барои амалишавии ҳуқуқҳои ӯ ба меҳнати озод мебошад. Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи кунунии бозори меҳнат нишон медиҳад, ки ба мутахассисоне, ки дорои малака ва донишҳои кор бо технологияҳои рақамӣ мебошанд, нисбат ба шахсоне, ки чунин малакаҳоро надоранд, талабот бо маротиб бештар мебошад. Ҳолати мазкур ба ташаккули падидади «табъизи рақамӣ» замина мегузорад, ки одатан бо зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозори меҳнат асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, рад намудани қабули шахс ба кор аз ҷониби корфармо бо сабаби надоштани малакаҳои зарурии рақамӣ метавонад ҳамчун маҳдудсозии ҳуқуқи шахс ба меҳнати озод арзёбӣ карда шавад. Ҳуқуқи мазкур, ки дар моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст, аз ҷониби давлат ҳамчун яке аз арзишҳои бунёдии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эътироф мегардад. Бо вуҷуди ин, чунин маҳдудият дар доираи ҳуқуқ ба меҳнат, дар ҳолатҳое, ки иҷрои вазифҳо дониши ҳатмии технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро талаб менамояд, қобили асосноккунии ҳуқуқӣ мебошад. Дар чунин шароит, зарурати таъмини тавозун байни манфиатҳои иқтисодии корфармо ва ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар чунин шароит, таҳия ва татбиқи сиёсати ҳамгироёна дар самти боло бурдани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ аҳаммияти калидӣ пайдо менамояд.

Раванди рақамикунонӣ на танҳо ба густариши соҳаҳои шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд, балки ҷараёни ҷустуҷӯи ҷойи корро низ ба таври назаррас содда мегардонад. Истифодаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки шахс маълумот оид ба қобилияту тахассуси худро ба таври мустақим дар интернет ҷойгир намуда , бо корфармо тамос гирад ва иттилооти заруриро дар бораи шартҳои шуғл ва фаъолияти меҳнатӣ ба даст орад. Раванди мазкур суръати ҳамгироии шахс ба бозори меҳнатро афзоиш медиҳад ва имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодии ӯро тавсеа мебахшад. Сомонаҳои мазкур, (www.somon.tj, www.rg.tj, www.kor.tj ва ғ.) чи давлатӣ ва чи хусусӣ тасдиққунандаи гуфтаҳои боло мебошанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат дар шароити муосир, имконияти истифодаи васеи шабаки интернет ба ҳисоб меравад, ки ба ҳарду ҷониб – ҳам корманд ва ҳам корфармо – имкони арзёбии пешакии

фаъолияти меҳнатии минбаъдаро фароҳам меорад. Аз ҷумла, корфармо метавонад то оғози муносибатҳои меҳнатӣ, тавассути манбаъҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, маълумот оид ба обрӯи касбӣ ва сифатҳои кории номзадро мавриди таҳлил қарор диҳад. Дар баробари ин шахсе, ки дар ҷустуҷӯи кор қарор дорад, метавонад тавассути интернет шарҳҳо ва арзёбиҳои дигар кормандонро дар бораи корфармо, шароити кор ва сатҳи муносибати корфармо бо кормандро дастрас намояд. Раванди мазкур ба шаффофияти бештари муноибатҳои меҳнатӣ мусоидат намуда, сатҳи огоҳии тарафҳоро баланд мебардорад.

Ҳолатҳои мазкур аз афзоиши самаранокӣ ва шаффофияти муносибатҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳанд, ки ба амалӣ гардидани ҳуқуқ ба меҳнати озод таъсири мусбат мерасонанд. Инкишофи чунин равандҳо нишон медиҳад, ки фазои рақамӣ метавонад на танҳо имкониятҳои нави шуғлро фароҳам оварад, балки сатҳи эътимод ва огоҳии тарафҳоро дар муносибатҳои меҳнатӣ низ баланд бардорад.

Рақамикунонӣ ба амалишавии ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ки дар моддаи 38-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст, таъсири назаррас расонидааст. Пеш аз ҳама, дар муассисаҳои тиббӣ автоматикунонии равандҳои амалиёти корӣ (аз ҷумла, гардиши электронии ҳуҷҷатҳои тиббӣ) амалӣ карда мешавад. Инчунин ҷамъоварии рақамии маълумот оид ба фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва нишондиҳандаҳои клиникии беморон ҷорӣ гардида, самти тибби фосилавӣ (телетиб), тандурустии мобилӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи таълими зеҳни сунъӣ дар ҷараёни таълми донишҷӯён рушд меёбад. Муассисаҳои тиббӣ гузариш ба низоми бақайдгирии электрониро ба таври марҳилавӣ амалӣ намуда, коркади корти тиббии электронии ягонаи бемор ва феҳристи электронии кормандони соҳаи тибро ҷорӣ менамоянд.

Сониян, технологияҳои рақамӣ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар самти ҳифзи саломатӣ ва гирифтани кӯмаки тиббӣ саҳми назаррас мегузоранд. Ба воситаи шабакаи интернет ҳар шахс имконият дорад, ки маълумоти заруриро дар бораи мутахассиси тиббии мавриди таваҷҷуҳ пайдо намояд, ба андешаҳо ва назарҳои дигар беморон дар бораи фаъолияти ӯ ва инчунин дар бораи фаъолияти умумии муассисаи тиббӣ шинос шавад. Далелҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, ки низоми тандурустӣ дар самти рақамикунонӣ рушд кардааст ва имкониятҳои муосири робитаи электронии байни шаҳрвандон ва муассисаҳои тиббӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар маҷмуъ, раванди мазкур ба ташаккули механизми самараноки амалишавии ҳуқуқ конститутсионии ҳар шахс ба ҳифзи саломатӣ ва гирифтани кӯмаки тиббӣ мусоидат менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2019 қабул карда шудааст. Тибқи Консепсияи мазкур рақамикунонии соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Рақамикунонии тандурустӣ ҳам иттилоотикунонии минбаъдаи соҳа бо ҷорӣ намудани платформаи созгорпазирӣ (барои ҳамкории кушод) ва рушди тандурустии мобилӣ, фосилавӣ

(телетиб) ва ҳам ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи таълими роботӣ ва зеҳни сунъӣ, ташхис ва идоракунии нақшаи табобатро пешбинӣ менамояд[20].

Тавассути ҷорӣ намудани низмоҳои иттилоотии тиббии минтақавӣ марҳила ба марҳила маҳзани ягонаи маълумоти дорои «маълумоти зинад» таъсис дода мешавад. Сипас маълумоти ҷамъоваришуда барои омори тиббӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои дахлдор бо истифодаи технологияи маълумоти калон – Big Data истифода мешвад. Ин имконият медиҳад, ки гузариш ба тандурустии беқоғаз, муътадилгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии кумаки расонидашаванда, муттасиллии кумаки расонидашаванда байни сатҳҳои гуногун ва муассисаҳои тиббӣ амалӣ шавад. Дастрасии ҳимоягардида мутобиқи амнияти иттилоотӣ ва иттилооти калидии тиббӣ баро ҳамаи иштироксиён таъмин карда мешавад[20].

Аллакай аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)» лоиҳаи тибби ҳушманд коркард шуда истодааст. Лоиҳаи мазкур пеш аз ҳама ба рақамикунонии маълумоти тиббӣ, таъмини дастгоҳҳои мобилӣ, таъмини барномаҳои махсус оиди коркард ва нишондодҳои натиҷаҳои ташхис, муҳайё намудани шароитҳо ба мутахассисони соҳаи тиб дар қабули қарорҳо ва ғ. равона карда шудааст. Дар доираи лоиҳаи мазкур таҳияи барномаи «еТИББ» ба нақаша гирифта шудаст. Барномаи мазкур низоми автоматикунонидашудаи дармонгоҳҳои оилавӣ буда, ҳадафи асосиаш осон намудани кори кормандони соҳаи тиб ва баланд бадоштани сифати хизматрасонӣ ба беморон мебошад[22].

Ҳамин тавр, рақамикунонии низоми тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои ташкили фаъолитяи муассисаҳои тиббиро содатар намуда, барои шаҳрвандон шароити мусоид ва сатҳи баланди дастрасии кӯмаки тиббиро фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, ҷорӣ намудани гардиши электронии ҳуҷҷатҳо дар соҳаи тандурустӣ метавонад дар баъзе мавридҳо ба сифати пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ таъсмири манфӣ расонад. Масъалаи мазкур ниёз ба таҳлили амиқ ва рушди механизмҳои назоратӣ дорад, то ки рақамикунонӣ на ба осеб, балки ба баландбардории сатҳи умумии ҳифзи саломатӣ мусоидат намояд.

Моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таҳсил кафолат додааст. Мазмуни ҳуқуқи мазкур вобаста ба зинаи таҳсилот аз рӯи меъёрҳои дастрасӣ, ҳатмӣ будан ва ройгон будани он фарқ мекунад. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад[23]. Таҳсилот ҳам раванд ва ҳам натиҷаи интиқоли дониш, малака ва таҷрибаи андӯхтаи наслҳои пешин ба наслҳои оянда мебошад. Рақамикунонии ҷомеа, ки имрӯз бо суръати баланд рушд карда истодааст муассисаҳои таълимиро вадор месозад, ки ба раванди мазкур мутобиқ шаванд ва шароити таълиму тарбияро дар заминаи талаботи замони муосир ба роҳ монанд.

Рақамикунонии ҷомеа ба соҳаи маориф таъсири ҷиддӣ расонида, шакл ва муҳтавои таълимро тағйир медиҳад. Зери таъсири раванди мазкур дар низоми таҳсилот тағйироти зерин ба амал меоянд:

1) захираҳои таълимӣ бозбинӣ карда мешаванд;

2) маводи таълимӣ ба шароити тағйирёбандаи рақамикунонӣ мутобиқ карда мешаванд;

3) таҳсилоти фосилавӣ ва электронӣ ҷорӣ карда мешавад;

4) исхтисосҳои нави таълимӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар баробари шакли анъанавии чопии адабиёти таълимӣ ва илмӣ, имрӯз шакли рақамии он низ ҷойгоҳи муҳим пайдо намудааст. Шакли электронии маводи таълимӣ имкон медиҳад, ки иттилоот ба таври зуд, дастрас ва фарогир интиқол дода шавад, ки ин омил ба самаранокии раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир, муассисаҳои таълимӣ ба таври фаъол аз гардиши электронии ҳуҷҷатҳо истифода менамоянд. Маводи таълимӣ ва методӣ ба шакли рақамӣ табдил дода шуда, дар китобхонаҳои электронӣ ҷойгир карда мешаванд. Раванди мазкур на танҳо самаранокии раванди таълимро боло мебарад, балки имконияти фарогири дастрасӣ ба маводи омӯзиширо барои доираи васеи истифодабарандагон таъмин менамояд. Ҳмзамон, рақамикунонии захираҳо илмӣ ва таълимӣ ба рушди устувори инфрасохтори рақамии низоми маориф мусоидат менамояд[24]. Интерактивии раванди таълим ва ташаккули фаъолияти мустақили омӯзишии донишҷӯён ба воситаи истифодаи фаъоли захираҳои электронии таълимӣ таъмин мегардад. Донишҷӯён тавассути бақайдгирӣ дар сомона ва китобхонаи электронии муассисаи таълимӣ дастрасии инфиродӣ ба ин захираҳоро пайдон менамоянд, ки ин ба фароҳам овардани фазои рақамии таҳсилот мусоидат менамояд.

Дастрасӣ ба маводи таълимӣ дар шабакаи интернет ба марҳилаи сифатан нав ворид шуда истодааст. Маводи таълимӣ ва илмӣ тавассути интернет дар китобхонаи электронии махсус ҷойгир карда мешавад. Низоми мазкур имкони фарогири донишҷӯён ва омӯзгоронро ба захираҳои муосири таълимӣ таъмин менамоянд. Китобхонаҳои электронӣ на танҳо ба донишҷӯён ва омӯзгорон дастрасии шабонарӯзӣ ба адабиёти соҳаҳои гуногуни илмро фароҳам месозанд, балки инчунин ба шахсони таҳсилкунанда имконият медиҳанд, ки мустақилона донишу малакаҳои навро аз худ намоянд. Ҳамзамон, ба ғайр аз китобхонаҳои электронӣ маводи таълимӣ дар сомонаҳои гуногуни интернетӣ низ паҳн мегарданд, ки дастрасии васеъ ва озоди истифодабарандагонро ба маводи таълмӣ таъмин менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба таҳсилоти рақамӣ аллакай як қатор санадҳои банақшагирии стартегӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд. Солҳои охир раванди рақамикунонии соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои таҳсилот мушоҳида карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 31-уми августи соли 2022 Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042[25] қабул карда шудааст. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 дар марҳилаи муосир бо дар назар доштани рушди ҷомеа ва навсозии низоми ҷаҳонии таҳсилот таҳия шуда, барои рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат менамояд. Дар он арзишҳо миллию умумибашарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва

анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра ба инобат гирифта шудааст.

Мақсад аз гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ноил шудан ба сифати нави таълим тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, тағйир додани шакл ва усулҳои таълим, таъмини сифат ва сайёр будани хизматрасониҳои таълимӣ, баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф ва зиёд намудани содироти хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра мебошад.

Тибқи консепсияи мазкур таҳсилоти рақамӣ дар соҳаи маориф дорои чунин вазифаҳо мебошад:

– баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ;

– рушди омӯзиш бо истифодаи технологияҳои муосир ва онлайнӣ;

– татбиқи барномаҳои таҳсилотии рақамӣ;

– дарки низоми нави маориф;

– таҳияи меъёрҳои фаъолияти муҳити иттилоотию таълимӣ бо дар назар доштани стандартҳои давлатӣ ва ҷаҳонӣ;

– таҷдиди назар, ташаккул ва танзими усулҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълим;

– зиёд намудани таҷҳизоти техникии муассисаҳои таҳсилотӣ барои татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир дар раванди таълим;

– таҳия ва ба низом даровардани муҳити ягонаи таълими рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҷорӣ намудани усулҳои нави таъмин кадрҳои омӯзгорӣ ба кор тариқи истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– дастрасии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим ба технологияҳои рақамӣ бо мақсади такмили раванди таълим;

– истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ва оммавӣ гардонидани принсипи «таълим дар тамоми умр»[25].

Бояд қайд намуд, ки ҳадафи асосии Консепсияи мазкур роҳнамоӣ намудани амалисозии устувори рақамикунонӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Консепсия заминаи стратегӣ ва амалиро таъмин менамояд, ки дар он таваҷҷуҳи махсу ба технологияҳои рақамӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи маориф дода мешавад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва таҳияи маводи муосир дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ба баланд бардоштании сатҳу сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалаӣ, таъсиси махзани ягонаи рақамии маводи таълимии электронӣ, рушди заминаҳои муосири моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи мунтазам аз нав таҷҳизонидани онҳо бо техникаву технологияҳои ҳозиразамон равона гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бо истифода аз технологияҳои муосири рақамӣ аллакай ҷорӣ карда шудааст. Соли 2017 бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон[27] тасдиқ карда шудааст. Дар ҳоли ҳозир дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бархе аз донишҷӯён ба таври фосилавӣ бо истифода аз технологияҳои муосири рақамӣ таҳсил намуда истодаанд. Раванди мазкур аз амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил ҳам дар шакли анъанавӣ ва ҳам дар шакли рақамӣ шаҳодат медиҳад.

Дар иртибот ба татбиқи технологияҳои таҳсили фосилавӣ, зикр намудан ба маврид аст, ки онҳо ҳамчун яке аз шаклҳои муосири технологияҳои рақамӣ, то андозае ҷойгоҳи таҳсили анъанавиро, ки ба муошират рӯ ба рӯи омӯзгор ва донишҷӯ дар муҳити синфӣ асос ёфтааст, маҳдуд намудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳсили фосилавӣ шароити мусоди муассир ва дуҷониба байни иштирокчиёни раванди таҳсилро новобаста аз маҳали ҷойгиршавӣ фароҳам меорад. Татбиқи ин навъи таҳсил асосан тавассути шабакаи интернет амалӣ гардида, имкониятҳои фарогири интерактивӣ ва дастрасиро дар муҳити рақамӣ таъмин менамояд.

Дар адабиёти илмӣ миёни олимон ва муҳаққиқон вобаста ба самаранокии таҳсили фосилавӣ ягонафикрӣ мушоҳида намешавад. Аз як тараф, технологияҳои таҳсили фосилавӣ ба баланд гардидани сифати таҳсилот мусоидат мекунанд, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки таҳсил новобаста аз маҳалли зист амалӣ гардида, монеаҳои ҷуғрофӣ бартараф карда шаванд. Ба андешаи Т.Л. Клячко ва В.А. Мау омили мазкур таъсири муҳим ва мустақим ба болоравии сатҳи дастрасӣ ба таҳсилот ва густариши он дар сатҳи ҷомеа мерасонад. Онҳо бар он назаранд, ки истифодаи технологияҳои муосир дар низоми таҳсил метавонад имконияти фарогири таълимро барои гурӯҳҳои васеи аҳолӣ таъмин намояд[28]. Гурӯҳи дагари олимон бар он ақидаанд, ки истифодаи усулҳои электронии омӯзиш ё таҳсилоти фосилавӣ имкониятҳои навро барои рушди зинаҳои таҳсилот фароҳам меорад. Аз ҷумла, усулҳои мазкур шароити таҳсилро барои шахсони дорои имконияташон маҳдуд, инчунин барои такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон бидуни зарурати тарки ҷойи кор таъмин менамоянд. Таҳсилоти фосилавӣ ба ҳайси яке аз унсурҳои муҳимми низоми таҳсилоти пайваста (давомдор) арзёбӣ гардида, амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил ва дастрасӣ ба иттилоотро таъмин менамояд[29, С. 17]. Таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муосири таълим имконият медиҳад, ки муассисаҳои таълимӣ захираҳои илмӣ ва таълимии худро ба таври самаранок истифода намоянд. Ҳамзамон, чунин шакли таҳсил имконият медиҳад, ки шахс сарфи назар аз маҳалли зист ва фаъолияти касбӣ, ба таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ ба таври дастрас ва самаранок фаро гирифта шавад[30, С. 127].

Аз тарфи дигар, дар шароити рушди шаклҳои фосилавии таҳсил, масъалаи назорат ва таъмини сифати таълим яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз мегардад, ки талаботи ҷиддиро нисбат низоми таҳсилот ба миён мегузорад. Вобаста ба масъалаи мазкур муҳаққиқ С.О. Мусиенка чунин қайд менамояд: «Назорат аз болои иштироки донишҷӯён дар дарсҳои фосилавӣ, дар муқоиса бо шакли

таҳсили рӯзона, ки иштирокӣ онҳо ба оснонӣ назорат карда мешавд, қариб вуҷуд надорад. Барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ, одатан, мухтасар таҳрезӣ мешаванд ва қисми зиёди маводи таълимӣ ба омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён вобаста мебошад.

Сарфи назар аз рушди босуръати раванди рақамикунонии соҳаи маориф ва густариши васеи омӯзиши электронӣ тавассути технологияҳои фосилавии таълим, шакли анъанавии таълим то ба имрӯз самаранокии худро нигоҳ доштааст. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ марбут мебошад, ки дар он таъсири мустақим ва тарбиявии омӯзгор нақши калидӣ мебозад. Муносибати шахсии омӯзгор бо донишҷӯ дар муҳити ҳузурии таълим (шакли анъанавии таълим) на танҳо фаҳмиши беҳтари маводи дарсӣ, балки ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва рушди шахсияти донишҷӯро низ тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, шакли анъанавии таҳсил ҳамчун заминаи муҳимми рушди шахсити донишҷӯ арзёбӣ карда мешавад, ки онро наметавон пурра ба шаклҳои таҳсили фосилавӣ иваз кард.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти фосилавӣ бо вуҷуди фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои дастрасии бештар ба таҳсилот, ҳамзамон метавонад раванди назорат ва таъмини сифати таълимро душвор гардонад. Масъалаи мазкур зарурати таҳияи стратегияҳои муассир барои мониторинги пайваста ва арзёбии натиҷаҳои таълимро дар фазои рақамӣ ба миён мегузорад.

Раванди рақамикунонии соҳаи маориф заминаи ташаккули усулҳои нави амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсилро фароҳам меорад. Дар диораи тағйироти мазкур, шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таври марҳилавӣ такмил ёфта, имкониятҳои васеъ барои омӯзиш ва такмили донишу малакаҳо дар тамоми марҳилаҳои ҳаёт таъмин карда мешаванд. Раванди мазкур на танҳо ба тавсеаи дастрасӣ ба таҳсилот мусоидат менамояд, балки рушди омӯзиши пайваста ва худташаккулёбии шахсро низ тақвият медиҳад.

Рақамикунонии ҷомеа ба таври назаррас ба фазои маънавии он низ таъсир мерасонад. Дар ин раванд, эҷодиёти озод ҳамчун унсури муҳим ва ҷудонашавандаи низоми маънавӣ мавқеи махсуро ишғол менамояд. Тағйироти рақамӣ на танҳо шакл ва василаҳои ифодаи эҷодиётро дигаргун месозанд, балки ба мазмун нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонанд. Қисми 1-и моддаи 40-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар шахсро барои иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ кафолат медиҳад. Бо дарназардошти шаклҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ, закр намудан зарур аст, ки дар ҷаҳони муосир технологияҳои рақамӣ ба сифати воситаи муассир барои офаридан, коркард ва паҳнсозии маҳсулоти фаъолияти зеҳнӣ ба таври васеъ истифода мегарданд.

Дар иртибот ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ метавон зикр кард, ки дар ҷаҳони муосир технологияҳои рақамӣ ба таври васеъ барои эҷод ва паҳнсозии маҳсулоти моликияти зеҳнӣ истифода мешаванд. Чунин навъҳои фаъолияти эҷодӣ аз қабили санъати тасвирӣ, филм, мусиқӣ[31], тарроҳӣ ва ғайра имрӯз бо истифода васеи технологияҳои рақамӣ анҷом дода мешаванд.

Д.Т. Раҳматзода қайд менамояд, ки дар шароити рақамикунонӣ ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро шумораи афзояндаи маҳсулоти фаъолияти зеҳнӣ, ба монанди фонограммаҳо, маҳсулоти аудиовизуалӣ, таъминоти барномавӣ ва дигра объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он тавассути воситаҳои рақамӣ паҳн карда мешаванд. Ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ҷанбаи муҳим дар давраи рақамикунонӣ ва рушди шабакаи Интернет мебошад, зеро ҳуқуқҳои вобаста манфиатҳои онҳоеро ҳифз менамояд, маҳсулоти эҷодӣ офаридаанд (ба мисли: композитсияи мусиқӣ, филм, барномаи компютерӣ). Дар ин замина, ҳуқуқҳои вобаста воситаи ҳимояи ҳуқуқи муаллифон, иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилкунандагони пахши эфирӣ ва кабелӣ аз истифодаи беиҷозати асарҳои онҳо дар шабаки Интернет ҳисоб меравад[32, С. 3].

Мисолҳои зикршуда шаҳодат медиҳанд, ки дар заминаи қисми 1-и моддаи 40-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди рақамикунонии ҷомеа ба густариши озодии фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунад.

Хулоса. Ҳамин тариқ, муқаррароти боби 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, заминаи устувори ҳуқуқиро барои таъмини ҳифз ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити рақамикунонии ҷомеа фароҳам меорад. Амалишавии ҳуқуқҳои муайяни инсон дар фазои рақамӣ шаҳода медиҳад, ки меъёрҳои конститутсионӣ дар амал татбиқшаванда ва ба воқеияти муосир мутобитқ мебошанд.

Дар айни ҳол, ҳам дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар низоми ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ мисолҳои равшане, ки усулҳои рақамӣ комилан ҷойгузини шаклҳои анъанавии амалишавии ҳуқуқу озодиҳо гашта бошанд, мушоҳида карда намешаванд. Ин вазъият, қабл аз ҳама бо сатҳи нокифояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар фазои рақамӣ алоқамандӣ дорад. Дар чунин шароит, истифодаи усулҳои анъанавии амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ҳамчун кафолати боэътимоди таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти худро нигоҳ медоранд.

Таҳлили ҳуқуқҳои инсон, ки дар боби 2-и Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, имкон медиҳад ба хулосае омад, ки дар шароити рақамикунонии босуръати ҷомеа, пеш аз ҳама, гурӯҳи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ бисёртар зери таъсири амиқи раванди мазкур қарор мегиранд. Раванди мазкур, натиҷаи таъсири як қатор омилҳои объективиест, ки берун аз иродаи мустақими қонунгузор буда, ба рақамикунонии васеи соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, густариши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, болоравии нақши фазои рақамӣ дар ташаккули афкори умум ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, заминаҳои муосидро барои шаклу усулҳо нави амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ба вуҷуд овардаан.

Адабиёт:

1. Динорошоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Московский гос. ун-т им. М.В. Ломоносова. – М., 2015. – С. 203.
2. Витрук Н.В., Копейчиков В.В. Реализация прав и свобод граждан в условиях развитого социализма. – М., 1983. – С.50.
3. Капицын В.М. Права человека и механизмы их защиты: учеб. пос.-Москва: ИКФ «ЭКМОС», 2003. – С. 140.
4. Зиёзода Т.Н., Маҳмудзода М.А., Холиқзода А.Г., Искандаров З.И., Сотиволдиев Р.Ш., Зиёева С.Т., Муродова Н., Лутфонов Ғ. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: «Маориф», 2022. – 192 саҳ.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23.07.2024, № 1339 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2025).
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2025).
7. Григорьев А.В. Конституционно-правовое регулирование использования современных информационно-коммуникационных технологий при осуществлении институтов прямой демократии В России: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Григорьев Антонт Владимирович. – Москва, 2020. – С. 93.
8. *Петров П.П.* Опыт Швейцарии в области электронного голосования // Международный журнал права и политики. — 2019. — Т. 12, № 2. — С. 78–85.
9. *Сидоров С.С.* Внедрение цифровых технологий в избирательный процесс Канады // Сравнительное конституционное обозрение. — 2021. — № 5. — С. 112–119.
10. *Васильев В.В.* Использование электронных машин для голосования в Индии: анализ эффективности // Азиатско-Тихоокеанский журнал социальных наук. — 2018. — Т. 10, № 1. — С. 34–41
11. *Кузнецов К.К.* Эволюция избирательной системы Франции: переход к электронным методам голосования // Европейский юридический журнал. — 2020. — Т. 15, № 4. — С. 56–63.
12. *Николаев Н.Н.* Бразильская модель электронного голосования: преимущества и вызовы // Латиноамериканский вестник права. — 2019. — № 7. — С. 89–96.
13. Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Таджикский национальный университет. – Душанбе, 2015. – С 46.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30.05.2017, №1414 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.03.2025).

15. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2025).

16. Трубинер Л.А. *Государственная цензура и информационная безопасность* // Журнал «Медиа и право», №2, 2021.

17. Курбалийя Й. Управление Интернетом / Й. Курбалийя; Координационный центр национального домена сети Интернет. – Москва, 2010. – С. 139.

18. Талапина Э.В., Антопольский А.А., Монахов В.Н. Правачеловека в эпоху интернета: публично-правовой аспект: монография / отв. ред. Э.В. Талапина. – Москва: Проспект, 2021. – С. 37-38.

19. Щербович А.А. Конституционные гарантии свободы слова и права доступа к информации в сети Интернет: дис. канд. юрид. наук: 12.00.02 / Щербович Андрей Андреевич. – Москва, 2013. – С. 22.

20. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2025).

21. Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)». Тибби ҳушманд // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://dsc.tj/tibbi-hushmand/ (санаи мурочиат: 20.03.2025).

22. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.01.2025).

23. Козловская Г.Е., Казенина А.А. Цифровизация образования: модернизация или трансформация // Вестник МГПУ. Серия: Философские науки. – 2020. № 1(33). — С. 39.

24. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боари Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2024» аз 31-уми августи соли 2022, №439 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.03.2025).

25. Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2017 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.maorif.tj/documents?category=20 (санаи мурочиат: 20.03.2025).

26. Клячко Т.Л., Мау В.А. Будущее университетов // Общественные науки и Современность. 2015. – № 3. – С. 17.

27. Краснова Г.А., Нухулы А., Тесленко В.А. Электронное образование в мире и России: состояние, тенденции и перспективы // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Информатизация образования. – 2017. – Т. 14. – № 3. – С. 374.

28. Отекина Н.Е. Электронное обучение, дистанционные образовательные технологии // Инновационная наука. – 2017. – № 4. – С. 127.

29. Пучков С.В. Музыкальные компьютерные технологии как новый инструментарий Современного творчества: дис. канд. искусствоведения: 17.00.09 / Пучков Станислав Владимирович. – Санкт-Петербург, 2002. – 278 с.

30. Раҳматзода Д.Т. Хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ: автореф. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 3.

Амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити рақамикунонии ҷомеа

Дар мақолаи мазкур масъалаи амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити рақамикунонии ҷомеа мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки рушди босуръати рақамикунонии ҷомеа таъсири амиқ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мерасонад. Дар замони муосир, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо муҳити нави ҷамъиятиву ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд, балки зарурати ташкили кафолатҳои иловагии ҳуқуқӣ ва механизмҳои муассири ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро маҳз дар фазои рақамӣ ба миён мегузоранд. Хусусияти хос ва фарқкунандаи ҳуқуқҳои инсон дар фазои рақамӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ё мустақиман дар фазои иттилоотӣ амалӣ мегарданд, ё ба таъмин ва танзими дастрасии баробар ва бо сифат ба он равона гардидаанд. Дар натиҷа, фазои рақамӣ ба фазои мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил ёфтааст, ки дар он зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ, ҳифзи манфиатҳои шахс ва таъмини баробари рақамӣ беш аз пеш аҳаммияти хоса пайдо менамояд.

Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф кушиш намудааст, ки барои такмилии қонунгузории миллӣ нуктаҳои муҳимми масъалаи мазкурро ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ пешниҳод намояд.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, озодӣ, амалишавӣ, ҳифз, рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, илм, амалия, назария, ҷомеа, давлат.

Реализация прав и свобод человека в условиях цифровизации общества

В настоящей статье всесторонне анализируется вопрос реализации прав и свобод человека в условиях цифровизации общества. Автор отмечает, что стремительное развитие процессов цифровизации общества оказывает существенное влияние на реализацию прав и свобод человека и гражданина. В современных условиях информационно-коммуникационные технологии не только формируют новую общественную и правовую среду, но и обусловливают необходимость создания дополнительных правовых гарантий и эффективных механизмов защиты прав человека непосредственно в цифровом пространстве. Специфика и отличительная особенность прав человека в цифровом пространстве проявляется в том, что они либо непосредственно реализуются в информационной среде, либо направлены на обеспечение и регулирование равного и качественного доступа к ней. В результате цифровое пространство превратилось в сложную сферу правовых отношений, в которой всё более важное значение приобретают необходимость адаптации законодательства, защита интересов личности и обеспечение цифрового равенства.

Кроме того, в настоящей статье автор предпринял попытку представить важные аспекты данной проблематики как с научной, так и с практической точки зрения в целях совершенствования национального законодательства.

Ключевые слова: право, правовая система, права человека, свобода, реализация, защита, цифровизация, цифровые технологии, наука, практика, теория, общество, государство.

Realization of human rights and freedoms in the context of the digitalization of society

This article provides a comprehensive analysis of the implementation of human rights and freedoms in the context of the digitalization of society. The author notes that the rapid development of digitalization processes has a profound impact on the exercise of human and civil rights and freedoms. In the modern era, information and communication technologies not only create a new social and legal environment, but also give rise to the need for additional legal guarantees and effective mechanisms for the protection of human rights specifically in the digital space. The specific and distinctive feature of human rights in the digital environment lies in the fact that they are either directly exercised within the information space or are aimed at ensuring and regulating equal and high-quality access to it. As a result, the digital space has become a complex sphere of legal relations in which the adaptation of legislation, the protection of individual interests, and the promotion of digital equality are becoming increasingly important.

In addition, the author seeks to identify and present the key aspects of this issue from both scientific and practical perspectives with a view to improving national legislation.

Keywords: law, legal system, human rights, freedom, implementation, protection, digitalization, digital technologies, science, practice, theory, society, state.

Азимзода Сунатулло Шераҳмадхон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, **Тел.:** (+992) 985000226, **E-mail:** azimov.rt@gmail.com
Азимзода Сунатулло Шераҳмадхон, Таджикский национальный университет, юридический факультет, старший преподаватель кафедры прав человека и сравнительного правоведение, **Тел.:** (+992) 985000226, **E-mail:** azimov.rt@gmail.com
Azimzoda Sunatullo Sherahmadkhon, Tajik National University, Faculty of Law, Assistant at the Department of Human Rights and Comparative Law, **Phone.:** (+992) 985000226, **E-mail:** azimov.rt@gmail.com

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТАРТИБ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БУДУБОШИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Даминзода М.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Асосҳои ҳуқуқии будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути маҷмуи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ танзим карда мешаванд. Масалан, моддаи 39-и Конвенсияи СММ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо» аз 18-уми декабри соли 1990, ҳуқуқ ба озодии рафтуомад ва интихоби маҳалли зистро ба тариқи зайл муқаррар менамояд: «Муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз ҳуқуқҳои озоди рафтуомад кардан дар қаламрави давлати кори кироя ва интихоби озоди ҷойи истиқомат дар он истифода мебаранд. Ҳуқуқҳои зикрёфта мавриди ҳеҷ гуна маҳдудкунӣ қарор намегиранд, ба ғайр аз маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ гардида, барои ҳифзи амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ ё ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар заруранд ва бо ҳуқуқҳои дигари конвенсияи мазкур мувофиқ мебошанд» [1].

Дар моддаи 37-и Конвенсияи мазкур бошад, чунин қайд карда шудааст: «Муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ҳуқуқ доранд ҳанӯз то сафар кардан ё на дертар аз ворид шудан ба давлати кори кироя аз тарафи давлати аслӣ ё давлати кори кироя вобаста ба ҳолати мушаххас дар бораи тамоми шароитҳои иҷозати онҳо, махсусан оид ба шароити будубош ва фаъолияти муздноке, ки онҳо метавонанд машғул шаванд, инчунин доир ба талаботе, ки онҳо бояд дар давлати кори кироя риоя намоянд ва мақомоте, ки онҳо бояд бо мақсади ягон навъи тағйирёбии ин шароитҳо муроҷиат кунанд, пурра огоҳ карда шаванд» [1].

Қонунӣ гардонидани будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар давлати қабулкунанда тавассути дарёфти ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи иқомат амалӣ мегардад. Муҳоҷири меҳнатие, ки дорои ҳуҷҷатҳои расмии иҷозатдиҳандаи вуруд, будубош ва фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ҳуқуқ дорад аз шароит ва кафолатҳои баробар бо шаҳрвандони давлати мазкур бархурдор бошад.

Истиқомат ва будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ инчунин тавассути бастани созишномаҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ танзим карда мешавад. Чунин созишномаҳо на танҳо қоидаҳои будубош, балки шартҳои фаъолияти меҳнатӣ, тартиби гирифтани иҷозатномаи кор ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷиронеро, ки дар қаламрави ин кишварҳо қонунӣ кору зиндагӣ мекунанд, муқаррар менамоянд.

Масалан, байни Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират ва тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст. Тибқи Созишномаи мазкур, муҳлати будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаламрави давлатҳои якдигар аз 30 рӯзи қаблӣ то ба 90 рӯзи тақвимӣ тамдид

карда шуд. Бо вуҷуди ин, ҷиҳати қонунӣ гардонидани иқомат дар кишвари қабулкунанда, шаҳрвандон уҳдадоранд, ки дар мақомоти дахлдори самти муҳоҷират ба қайд гирифта шуда, гувоҳномаи истиқомати муваққатиро дастрас намоянд.

Тибқи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия, шаҳрвандоне, ки муваққатан дар қаламрави Россия қарор доранд, дар давоми 15 рӯз аз санаи воридшавӣ аз бақайдгирӣ дар мақомоти салоҳиятдор озод карда мешаванд. Ҳамзамон, онҳо уҳдадоранд, ки ҳангоми убури сарҳад корти муҳоҷиратиро бо қайди мақомоти назорати сарҳадӣ пур намуда, мақсади сафари худро дар он дарҷ намоянд.

Дар сурати будубоши шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия бештар аз 15 рӯз, яъне баъди гузаштани муҳлати 15-рӯза шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, ки дар маҳалли будубош худро ба қайди муҳоҷират гузорад [5].

Қонунгузории кишвар низ масъалаи истиқомат ё будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро пешбинӣ намуда, дар моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» онро матраҳ намудааст. Дар моддаи 12-и Қонуни мазкур, ки масъалаи тартиби муроҷиат ва баррасии дархости шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд дар бораи гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод мекунад, масъалаи истиқомати шаҳрвандони хориҷӣ чунин танзим гардидааст: «Шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд метавонанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат кунанд, агар онҳо иҷозати дахлдори бо гувоҳномаи истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардашударо дошта бошанд. Қарор оид ба дархости шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар бораи ба онҳо додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ қабул менамояд» [4].

Дар натиҷа, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд пас аз гирифтани иҷозатномаи будубош бо тартиби муқарраргардида, соҳиби ҳуқуқи иқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

Будубош ё истиқомат кардан ин сукунати шахс бо асосҳои қонунӣ дар ҳудуди ин ё он давлат мебошад, ки мутобиқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ кафолат дода мешавад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «истиқомат кардан»-ро чунин пешбинӣ намудааст: «Истиқомат кардан – сукунати шахс бо асосҳои қонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он мебошад» [2].

Тибқи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ будубош ду навъ мешавад:

1) будубоши доимӣ;

2) будубоши муваққатӣ.

Будубош ё истиқомати доимӣ гуфта, иқомати бефосилаи шаҳрванди хориҷӣ ва ё шахси бешаҳрвандро дар ҳудуди давлат, ки дар асоси гувоҳномаи иқомат амалӣ мегардад, дар назар доранд.

Истиқоматкунандагони доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде эътироф мешаванд, ки дорои гувоҳномаи истиқоматии аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ додашуда мебошанд [3].

Гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати ҳисоботии қатъӣ буда, шахсияти шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандро тасдиқ мекунад ва ҳуқуқи истиқомати доимиро дар қаламрави ҷумҳурӣ медиҳад. Ин ҳуҷҷат танҳо дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор дорад.

Додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад:

а) бо мақсади таъмини амнияти миллӣ ва ё муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ;

б) ба шахси беморе, ки сабабгори паҳн шудани бемориҳои мухталиф (эпидемия) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад;

в) ба шахсе, ки қонунгузориро дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон намудааст;

г) ба шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст – то анҷоми истеҳсолот оид ба парванда;

д) агар шахс барои содир намудани ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суд шуда бошад – то анҷоми муҳлати ҷазо ва ё озод шудан аз ҷазо;

е) агар шахс дар бораи худ маълумоти бардурӯғ диҳад ва ё ҳуҷҷатҳои зарурӣро пешниҳод накарда бошад [3].

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин маҳрум карда мешаванд:

а) агар шахс дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятеро амалӣ созад, ки ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид намояд;

б) агар ба мақсади гирифтани гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳи қалбакӣ баста бошад.

Зери мафҳуми будубоши муваққатӣ истиқомати шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд фаҳмида мешавад, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ ба кишвар дар асоси раводид ё тартиби бераводид омада, аз мақомоти ваколатдори давлатӣ иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ гирифтаанд.

Ҳар як давлат тартиби будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро мутобиқи қонунгузории амалкунандаи худ муайян менамояд. Барои будубоши муваққатӣ дар қаламрави кишвар, шаҳрвандони хориҷӣ вазифадоранд, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ (бақайдгирӣ) гиранд. Мақомоти бақайдгирӣ, вобаста ба муқаррароти қонунгузорӣ, одатан мақомоти корҳои дохилӣ, хадамоти муҳоҷират ё Вазорати корҳои хориҷӣ мебошан.

Иҷозатномаи муваққатӣ ҳуҷҷатест, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дода шуда, ба онҳо имкон медиҳад, то анҷоми муҳлати муқарраргардида дар давлати будубош истиқомат кунанд. Пас аз ба охир

расидани ин муҳлат, шахсони мазкур уҳдадоранд, ки ё кишвари будубошро тарк намоянд ё барои тамдиди муҳлати иқомат ба мақомоти ваколатдори дахлдор мурочиат кунанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби будубоши муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар қаламрави ҷумҳурӣ муайян намуда, дар моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» онро матраҳ намудааст. Моддаи 5-и Қонуни мазкур тартиби будубоши доимӣ ва муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намуда, масъалаи тартиби будубоши муваққатии онҳоро чунин матраҳ намудааст: «Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби бераводид будубоши муваққатӣ доранд, ба муҳлати на зиёда аз меъёри муқаррарнамудаи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд. Дар ҳолати набудани чунин шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, агар муҳлати будубоши бераводид дарҷ нашуда бошад, бақайдгирӣ ба муҳлати дар аризаи шаҳрванди хориҷӣ ё дархости ташкилоти қабулкунандаи шаҳрванди хориҷӣ нишондодашуда, вале на зиёда аз 1 сол амалӣ карда мешавад» [3].

Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон будубоши муваққатӣ доранд, уҳдадоранд, ки пеш аз ба охир расидани муҳлати он, раводид ва бақайдгирии худро бо тартиби муқарраргардида тамдид намоянд ва минбаъд то анҷоми ин муҳлат дар қаламрави ҷумҳурӣ истиқомат кунанд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, бояд тазаккур дод, ки расмигардонии будубош (истиқомати доимӣ ё муваққатӣ) барои муҳоҷирони меҳнатӣ аҳамияти хос дорад. Бе доштани ҳуҷҷатҳои дахлдор муҳоҷири меҳнатӣ ҳуқуқ надорад дар давлати қабулкунанда ба таври расмӣ қарор дошта бошад. Аз ин рӯ, танзими мақоми ҳуқуқӣ ва бақайдгирии муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз ҳама ба хотири пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар кишвари қабулкунанда роҳандозӣ карда мешавад.

Адабиёт

1. Конвенсияи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз 18-уми декабри соли 1990, ки бо резолютсияи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти №45/158 қабул шудааст // Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе: Контраст, нашри дуюм, 2016. – С. 247.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №7-9, мод.696.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2-юми январи соли 2018, №1471. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018, №1 , мод.3; №5, мод.276
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №12, мод. 320.

5. Созишнома байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия аз 1 октябри соли 2013, №1255. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=120202 (санаи мурочиат: 7.04.2026 с.)
6. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» / Зери таҳрири Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Раҳимзода Маҳмад Забир. – Душанбе, 2017. – С.54.

Тартиб ва танзими ҳуқуқии будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тартиби будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам аз тарафи қонунгузории миллии давлатҳои алоҳида ва ҳам аз тарафи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ кафолат дода мешавад. Аз ин хотир, кишварҳои хориҷи дуру наздик ба ин падида диққати ҷиддӣ дода, кӯшиш менамоянд то ин равандро танзим намоянд ва ба шакли дуруст ба роҳ монанд. Бояд тазаккур дод, ки сабаби асосии ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудани шаҳрвандон ин набудани шуғл ва имкониятҳои даромад дар дохили давлат ба ҳисоб меравад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин раванд, ворид шудан ё будубош, истиқомат ва гирифтани иҷозатномаи кор дар давлати кори кироя ба ҳисоб меравад. Бе доштани ҳуҷҷатҳои мазкур, муҳоҷири меҳнатӣ наметавонад бо тариқи расмӣ дар давлати кори кироя истиқомат намояд. Расмигардонии будубош ё истиқомати муҳоҷирони меҳнатӣ ба хотири пешгирӣ ва танзим намудани муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар давлати кори кироя маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори дигар давлатҳо имрӯз аз тағйироти раванди мазкур дар канор нест, зеро мамлакати мо дорои захираҳои бузурги қувваи корӣ мебошад.

Калидвожаҳо: инсон, муҳоҷир, муҳоҷири меҳнатӣ, ҳуқуқ, озодӣ, ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирон

Порядок и правовое регулирование пребывания трудовых мигрантов в Республике Таджикистан

Порядок пребывания трудовых мигрантов гарантируется как национальным законодательством отдельных государств, так и международными правовыми инструментами. По этой причине зарубежные страны, как ближние, так и дальние, уделяют этому явлению серьезное внимание и пытаются регулировать этот процесс и обеспечивать его надлежащее управление. Следует отметить, что основной причиной миграции граждан в поисках работы является нехватка рабочих мест и возможностей заработка внутри страны. Граждане вынуждены ездить в страны ближние и дальние в поисках достойной работы. Без этих документов трудовой мигрант не может официально проживать в стране трудоустройства. Формализация статуса пребывания или проживания трудовых мигрантов призвана предотвратить и регулировать нелегальную миграцию в стране трудоустройства. Республика

Таджикистан, как и другие страны, не является исключением из этого процесса, поскольку наша страна обладает огромными трудовыми ресурсами.

Ключевые слова: человек, мигрант, трудовой мигрант, право, свобода, права и свободы мигрантов

Procedures and legal regulations governing the residence of migrant workers in the Republic of Tajikistan

The conditions governing the stay of migrant workers are guaranteed both by the national legislation of individual states and by international legal instruments. For this reason, foreign countries-both near and far-pay close attention to this phenomenon and endeavour to regulate this process and ensure it is properly managed. It should be noted that the main reason for citizens migrating in search of work is a shortage of jobs and earning opportunities within their own country. Citizens are forced to travel to neighbouring and distant countries in search of decent work. Without these documents, a migrant worker cannot officially reside in the country of employment. The formalisation of labour migrants' residence or stay status is intended to prevent and regulate irregular migration in the country of employment. The Republic of Tajikistan, like other countries, is no exception to this process, as our country possesses vast labour resources.

Keywords: human, migrant, labour migrant, law, freedom, migrants' rights and freedoms

Даминзода Моҳира Тоирхон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Тел.:** (+992) 989-03-03-21. **Email:** zaynabaminova22@gmail.com

Даминзода Мохира Тоирхон, Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Тел.:** (+992) 989-03-03-21. **Email:** zaynabaminova22@gmail.com

Daminzoda Mohira Toirkhon, Tajik national university, faculty of law, researcher of the department of human rights and comparative law. **Phone:** (+992) 989-03-03-21. **Email:** zaynabaminova22@gmail.com

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

МЕХАНИЗМИ БАЙНИАМРИКОӢ ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ҲАМЧУН НИҲОДИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Шарифзод А.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар илми ҳуқуқшиносӣ таснифҳои гуногуни механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷой дорад. Бештар дар адабиёти ҳуқуқӣ ду механизми асосӣ, яъне миллӣ ва байналмилалро ҷудо мекунанд. Ин механизмҳо ба ҳамдигар дар робитаи ногусастанӣ қарор доранд [5, с. 100].

Дар назарияи ҳуқуқи инсон масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи миллию байналмилалӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар сатҳи байналмилалӣ василаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда шудааст: василаҳои фарогир (универсалӣ) ва минтақавӣ [3, с. 61].

Дар ин навбат, яке аз механизмҳои байналмилалӣ, яъне механизм ё ниҳодҳои минтақавӣ, аз қабили механизми байниамрикоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон марвриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад.

Нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI дар ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон тағйироти чашмрас ба вуҷуд омад. Дар шароити муосир ақидае, ки ҳуқуқи инсонро маҳсули фақат як тамаддун меҳисобид, моҳияти худро гум карда, ба амри воқеӣ ва ҷудонашавандаи ҳаёти инсон мубаддал гаштааст. Стандартҳо ва принсипҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон имрӯз дар санадҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва қонунгузории миллӣ, ки риоя, кафолат, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро танзим мекунанд, инъикоси ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд [3, с. 336].

Яке аз механизмҳои минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон низоми байниамрикоии ҳимояи ҳуқуқи инсон баромад мекунад. Низоми байниамрикоии ҳимояи ҳуқуқи инсон ба се сарчашмаи асосӣ такя мекунад, ки аз Оинномаи Созмони Давлатҳои Амрико (СДА), Эъломияи Амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон ва Конвенсияи Амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон иборат аст. Сарфи назар аз он ки Оинномаи СДА танҳо хусусияти умумӣ дошта, риояи умумии ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро бидуни табъиз (новобаста аз нажод, миллат, эътиқод ва ҷинс) эълом мекунад, ду санади дигар бевосита ва ба таври мушаххас ба танзим, ҳимоя ва рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшида шудаанд [4, с. 124].

Нахустин санади низоми байниамрикоии ҳифзи ҳуқуқи инсон Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон ба шумор меравад, ки ҳарчанд хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ надошт, аммо доираи васеи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсий, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фаро мегирифт. Вижагии муҳими ин санади ҳуқуқӣ дар он аст, ки он амаликунии ҳуқуқҳоро бевосита бо иҷрои уҳдадориҳо пайваст мекунад.

Эъломия дар маҷмуъ 27 ҳуқуқ ва 10 уҳдадории мушаххасро эълон мекунад; аз ҷумла, дар қатори уҳдадориҳо, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва уҳдадории ҳар як шахс ба меҳнат (кор кардан) мустаҳкам карда шудаанд. Илова бар ин, санади

мазкур ҳадди истифодаи ҳуқуқҳоро муқаррар намуда, онҳоро бо ҳуқуқҳои дигарон, талаботи одилонаи некӯаҳволии умумӣ ва принсипҳои бунёдии демократия маҳдуд месозад.

Ҳангоми баррасии муҳиммияти Эъломияи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон, пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки он ҳатто аз Эъломияи умумии ҳуқуқи инсони соли 1948 шаш моҳ пештар таҳия шуда буд. Ҳамин тариқ, ин санади таърихӣ аввалин эъломияи байналмилалиест, ки дар он маҷмуи ҳуқуқҳои асосии сиёсӣ, шаҳрвандӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дарҷ гардидаанд.

Муқаррароти Эъломия дар Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон инъикос ёфта, барои давлатҳои иштирокчии он ҳатмӣ мебошанд. Ин Конвенсия 22 ноябри соли 1969 дар ҷараёни Конфронси дуюми махсуси байниамрикоӣ дар Сан-Хосе қабул гардида, 18 июли соли 1978 эътибор пайдо кардааст. Монанди Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ, Конвенсияи Амрико низ ҳамчун шартномаи пӯшидаи байналмилалии бисёрҷониба амал карда, танҳо давлатҳо ҳуқуқ доранд онро имзо кунанд, тасдиқ намоянд ё ба он ҳамроҳ шаванд [3, с. 337].

Эътибор пайдо кардани Конвенсия дар соли 1978 раванди 30-солаи ташаккулёбии Созмони Давлатҳои Амрикоро (СДА) ҳамчун низоми минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон ба анҷом расонида, гузаришро аз марҳилаи асосан қоидабандӣ ба марҳилаи татбиқи мустақими меъёрҳо ва муқаррароти худи Конвенсия, инчунин Оинномаи СДА ва Эъломияи Амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон таъмин намуд [6, с. 102].

Анҷуман аз се қисми мустақил иборат аст. Қисми якум, ки панҷ бобро дар бар мегирад, муқаррароти марбут ба рӯйхати ҳуқуқу озодиҳо ва тартиби амалисозии онҳоро муҳокима (ё баррасӣ) мекунад.

Давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор мешаванд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои эътирофшударо эҳтиром намуда, ба ҳар як шахси дар доираи салоҳият ва қаламрави онҳо қарордошта амалисозии бемонеа ва пурраи ин ҳуқуқҳоро бидуни ягон намуди табъиз кафолат диҳанд. Барои ин мақсад давлатҳо чораҳои зарурӣ, аз ҷумла чораҳои қонунгузорӣ ва дигар тадбирҳои амалиро меандешанд.

Боби 2 ҳуқуқҳоро дар соҳаи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ муқаррар менамояд. Конвенсия 12 категорияи умумии чунин ҳуқуқҳоро кафолат медиҳад, масалан, ҳуқуқи эътирофи шахси ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба зиндагӣ, муносибати башардӯстона, мурофиаи одилона, моликият, озодии иттиҳодияҳо[1].

Азбаски ҳуқуқҳои иқтимоӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар матни асосии Конвенсия ба таври мукаммал таҳия нашуда буданд, соли 1988 Протоколи иловагӣ (маъруф ба Протоколи Сан-Салвадор) қабул гардид. Ин ҳуҷҷат маҳз ба ҳифзу кафолати ин гурӯҳ ҳуқуқҳо равона шудааст.

«Тибқи талаботи Конвенсия (банди 1 модари 27), давлати иштирокчӣ метавонад танҳо дар давраи ҷанг ё дигар ҳолатҳои фавқулода иҷрои баъзе уҳдадориҳои худро муваққатан боздорад. Бо вуҷуди ин, Конвенсия (банди 2 модари 27) қатъиян манъ мекунад, ки боздоштани чунин ҳуқуқҳои бунёдӣ, ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз ғуломӣ, эътирофи шахсият дар назди қонун (соҳибҳуқуқӣ), озодии виҷдон, фикр ва дин ва ғайра, сурат гирад.

Дар қисми дуюми Конвенсия масъалаҳои марбут ба ташкил ва фаъолияти мақомоти ваколатдор – Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Суди байниамрикоии оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудаанд, ки иҷрои салоҳиятдор ва риояи талаботи Конвенсияро аз ҷониби давлатҳо баррасӣ менамоянд.

Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз ҳафт аъзо иборат буда, аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Давлатҳои Америка (СДА) ба муҳлати чор сол интихоб мешавад ва аъзои он ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ мустақил ва шахсан масъул мебошанд.

Мувофиқи моддаи 41 Конвенсия, вазифаҳои Комиссия чунин муқаррар шудаанд: Комиссия метавонад дархостҳо ва муроҷиатҳои инфиродӣ ё аз ҷониби давлатҳо пешниҳодшударо қабул ва баррасӣ карда, нисбат ба онҳо чора андешад.

Механизми назоратии муқаррарнамудаи Конвенсия ба принсипе такя мекунад, ки тибқи он «ҳар як шахс, гурӯҳи шахсон ва ё ташкилоти ғайриҳукуматии аз ҷониби як ё чанд давлати аъзои СДА ба расмият шинохташуда ҳуқуқ доранд бо шикоят ба Комиссияи байниамрикоӣ муроҷиат намоянд» (м. 44)». «Қабул шудани дархост ба як қатор шартҳо вобаста аст: аз ҷумла, тамоми воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии ватанӣ бояд мутобиқи принсипҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ истифода шаванд (маҳз гузаронида шуда бошанд). Илова бар ин, дархост бояд ба Комиссия на дертар аз шаш моҳ аз рӯзи қабули қарори ниҳоии суди миллӣ дар ин парванда ва ба огоҳӣ расонидани шахси қурбонишуда (ё ҷабрдида) пешниҳод карда шавад (м. 46)». Агар шикоят қабулшуда эълон гардад, Комиссия онро ба баррасӣ мегирад, маводи зарурӣ ва маълумоти лозимиро аз ҳукумати манфиатдор талаб намуда, далелҳои пешниҳодшударо тафтиш мекунад. Дар сурати ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунӣ, Комиссия ба давлати аъзо ҷиҳати бартараф сохтани поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои шахси ҷабрдида тавсияҳои муфид пешниҳод менамояд.

Агар ин муқаррарот барои ҳар як давлати иштирокчии Конвенсия ҳатмӣ бошад, пас муқаррароте, ки ба Комиссия ҳуқуқи қабул ва баррасии хабарҳои давлати иштирокчиро нисбат ба давлати дигар оид ба вайрон кардани уҳдадориҳои конвенсионӣ медиҳад, хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ дошта, танҳо ба он давлатҳое дахл мекунад, ки бо дархости махсус салоҳияти Комиссияро дар ин масъала эътироф кардаанд.

Комиссия метавонад дархости давлати иштирокчиеро, ки давлати дигари иштирокчиро дар вайрон кардани ҳуқуқҳои инсони муқарраргардидаи Конвенсия айбдор мекунад, қабул ва баррасӣ намояд (м. 45). Баррасии чунин дархостҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳарду давлат салоҳияти Комиссияро дар ин қисмат эътироф карда бошанд. Чунин эътирофкунӣ ҳангоми супоридани санадҳои тасдиққунанда (ратификатсия), ҳамроҳшавӣ ё дар ҳар вақти дигари баъд аз он амалӣ карда мешавад.

Комиссия кӯшиш менамояд, ки баҳси бамиёнмадаро бо роҳи мусолиматомез ҳал намояд. Дар сурати бо роҳи сулҳ ҳал гардидани баҳс, Комиссия ҳисоботе тартиб медиҳад, ки дар он далелҳои воқеӣ ва қарори қабулшуда инъикос меёбанд (м. 49). Агар кӯшишҳои Комиссия ҷиҳати ҳалли

мусолиматомези баҳс натиҷаи мусбат надиҳанд, он гоҳ ҳисоботи марбутаро бо дарҷу инъикоси далелҳо ва хулосаҳо тартиб медиҳад. Ин ҳисобот ба давлатҳои дахлдор фиристода шуда, ҳамзамон Комиссия метавонад тавсияҳо ва пешниҳодҳои заруриро барои чунин вазъият таҳия намояд (м. 50).

Агар пас аз сипарӣ шудани се моҳ аз санаи пешниҳоди гузориши давлатҳо масъалаи мавриди назар аз ҷониби давлати дахлдор ҳал нагардад ва парванда ба суд фиристода нашуда бошад, Комиссия ҳуқуқ дорад фикри худро баён намуда, хулосаи худро пешниҳод кунад. Инчунин, Комиссия ба қадри имкон ҷиҳати ислоҳи вазъ ба давлат тавсияҳо дода, муҳлати муайянеро барои иҷрои онҳо муқаррар менамояд. Пас аз ба охир расидани муҳлати мазкур, Комиссия сари вақт кофӣ будани тадбирҳои андешидашударо арзёбӣ карда, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳисоботи марбутаро нашр мекунад.

Дар маҷмуъ, фаъолияти Комиссия ба мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқи инсон равона шудааст. Барои таҳҳақуқи ин мақсадҳо ба он ваколатҳои дахлдор дода шудаанд, аз ҷумла: баррасии шикоятҳо вобаста ба вайронкунии ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлатҳои иштирокчии Конвенсия; пешниҳоди тавсияҳо ба ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии СДА оид ба такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва мусоидат ба татбиқу риояи ҳуқуқҳои дар Конвенсияи байниамрикоӣ эълоншуда; таҳияи ҳисоботҳо ва гузаронидани таҳқиқоте, ки барои иҷрои самараноки вазифаҳои Комиссия зарур шумурда мешаванд.

Суди байниамрикоии ҳуқуқи инсон мақомоти судии мустақиле мебошад, ки вазифаи татбиқ ва тафсири Конвенсияи байниамрикоиро ба уҳда дорад. Танҳо давлатҳои иштирокчии Конвенсия ё Комиссия пас аз гузаронидани расмиёти пешакии баррасии баҳс тибқи муқаррароти моддаҳои 48-51 ҳуқуқ доранд парвандаро ба ин суд ирсол намоянд. Қарорҳои Суд оид ба парвандаҳои баррасишуда бояд асоснок буда, барои тарафҳои ширкаткунанда ҳатмӣ мебошанд ва аз болои онҳо шикоят карда намешавад. Илова бар ин, Суд ваколатдор аст, ки дар қарорҳои худ на танҳо далели вайронкунии ҳуқуқро эътироф намуда, оид ба пардохти ҷуброни пулӣ барои зарари расида қарор қабул кунад, балки чораҳои мушаххасеро низ нишон диҳад, ки бояд аз ҷониби давлати айбдоршаванда барои бартараф кардани оқибатҳои вайронкунӣ андешида шаванд.

Ҳамин тавр, таҷриба нишон медиҳад, яке аз функсияҳои муҳимми Суд қабули чораҳои муваққатӣ «оид ба парвандаҳои фавқулода муҳим ва таъҷилӣ, инчунин дар ҳолати зарурӣ барои пешгирии расонидани зарари ислоҳнопазир ба шахс» мебошад (б. 2 м. 63). Ҷолиби диққат аст, ки чунин чораҳоро суд метавонад ҳам аз рӯи парвандаҳои қаблан баррасишуда ва ҳам нисбат ба онҳое, ки то ҳол дар Комиссияи байниамрикоӣ мебошад, андешад. Бо назардошти шароити махсуси Амрикои Лотинии муосир, чунин тадбирҳо дар нигоҳ доштани шоҳидон аз хушунату зӯроварӣ оид ба парвандаҳо, ки ба ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқи инсон алоқаманд мебошад, нақши мусбат доранд. Тасаввур кардани чунин вазъ дар доираи низоми минтақаи Аврупо ниҳоят душвор аст [2].

Суди байниамрикоӣ ғайр аз салоҳияти судӣ, инчунин оид ба тафсири муқаррароти Конвенсия ва дигар шартномаҳои марбут ба ҳимояи ҳуқуқи инсон

дар кишварҳои қитъаи Амрико дорои салоҳияти машваратӣ мебошад. Бо назардошти ин, доираи масъалаҳое, ки Суд доир ба онҳо хулосаҳои машваратӣ медиҳад, хеле васеъ буда, давлатҳои иштирокчии СДА ва мақомоти ин ташкилот ҳуқуқ доранд дар ин хусус ба Суд муроҷиат кунанд. Аз ҷумла, Суди байниамрикоӣ метавонад бо дархости ҳар як давлати иштирокчии СДА оид ба мутобиқати қонунҳои дохилии он кишвар ба муқаррароти Конвенсия ё дигар санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон хулосаи ҳуқуқӣ пешниҳод намоя.

Адабиёт:

1. Международные акты о правах человека: Сборик документов. – М., 1998. – С. 720-726.
2. Диноршоев А.М., Азиззода У.А., Павленко Е.М., Искандаров Ш.Ф. Механизмы защиты прав человека. Учебное пособие / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2018. – С. 188.
3. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2023. – 480 с.
4. Проблемы Латинской Америки и международное право. – М., 1995. – 386 с.
5. Шарифзод А.Р. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон [Матн] / А.Р. Шарифзод // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – №1 (41). – Душанбе, 2026. – С. 97-105. ISSN 2414-9217.

Механизми байниамрикоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун ниҳоди минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон

Механизми байниамрикоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон як низоми муҳимми минтақавӣ мебошад, ки дар доираи Созмони Давлатҳои Амрико барои ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқҳои бунёдии инсон таъсис ёфтааст. Асоси меъёриву ҳуқуқии ин механизмро Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон (1948) ва Конвенсияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (1969) ташкил медиҳанд. Ин ниҳоди минтақавӣ тавассути ду мақоми асосӣ ва ба ҳам алоқаманд – Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон амал мекунад.

Дар умум, механизми мазкур дар мубориза бо беҷазоии давлатӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир ва таҳкими стандартҳои демократӣ дар кишварҳои қитъаи Амрико нақши калидӣ ва ҳалкунанда мебозад.

Калидвожаҳо: ҳифзи ҳуқуқ, механизм, васила, ниҳод, байналмилалӣ, минтақавӣ, байниамрикоӣ, Созмони Давлатҳои Амрико, Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон, Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон.

Межамериканский механизм защиты прав человека как региональный институт защиты прав человека

Межамериканский механизм защиты прав человека – это важная региональная система, созданная в рамках Организации американских

государств для защиты и продвижения основных прав человека. Нормативно-правовой основой этого механизма являются Американская декларация прав и обязанностей человека (1948 г.) и Американская конвенция о правах человека (1969 г.). Этот региональный орган действует через два основных и взаимосвязанных органа – Межамериканскую комиссию по правам человека и Межамериканский суд по правам человека.

В целом, этот механизм играет ключевую и решающую роль в борьбе с безнаказанностью государства, защите уязвимых групп населения и укреплении демократических стандартов в странах Америки.

Ключевые слова: защита прав, механизм, инструмент, институт, международный, региональный, межамериканский, Организация американских государств, Американская декларация прав и обязанностей человека, Межамериканский суд по правам человека.

The Inter-American Human Rights Mechanism as a regional human rights institution

The Inter-American Human Rights Mechanism is an important regional system established within the framework of the Organization of American States to protect and promote fundamental human rights. The legal basis for this mechanism is the American Declaration of the Rights and Duties of Man (1948) and the American Convention on Human Rights (1969). This regional body operates through two main and interrelated bodies – the Inter-American Commission on Human Rights and the Inter-American Court of Human Rights.

Overall, this mechanism plays a key and decisive role in combating state impunity, protecting vulnerable groups and strengthening democratic standards across the Americas.

Key words: protection of rights, mechanism, instrument, institution, international, regional, inter-American, Organization of American States, American Declaration of the Rights and Duties of Man, Inter-American Court of Human Rights.

Шарифзод Абдулазиз Розиқхуҷа, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуки инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Тел.:** (+992) 908-90-89-59. **Email:** sharifzobabdulaziz@gmail.com

Шарифзод Абдулазиз Розикхуджа, Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведение. **Тел.:** (+992) 908-90-89-59. **Email:** sharifzobabdulaziz@gmail.com

Sharifzod Abdulaziz Roziqkhuja, Tajik National University, Faculty of Law, PhD student of the Department of Human Rights and Comparative Law. **Phone:** (+992) 908-90-89-59. **Email:** sharifzobabdulaziz@gmail.com

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ ҲУҚУҚИИ ДИПЛОМАТИЯ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маҳмадалӣ Н.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ дипломатия ҳамчун яке аз воситаҳои асосии татбиқи сиёсати хориҷии давлатҳо аҳаммияти махсус касб менамояд. Тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ, афзоиши нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, густариши равандҳои ҳамгироӣ, пайдоиши таҳдидҳо ва мушкилоти нави глобалӣ зарурати истифодаи самараноки механизмҳои дипломатиро барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амният, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ ба миён овардааст. Дар ин раванд ҳуқуқи дипломатӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои хориҷӣ ва фаъолияти намояндагиҳои дипломатиро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба ташаккули низоми мустақили сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллӣ шуруъ намуд. Раванди ташаккули дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии солҳои аввали истиқлол сурат гирифта, тадриҷан ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти давлат табдил ёфт. Барқарор ва густариш додани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои ҷаҳон, пайвастан ба созмонҳои байналмилалӣ, рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, таъсиси намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон аз марҳилаҳои муҳимми ин раванд ба ҳисоб мераванд.

Ташаккули дипломатияи миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо воситаи муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ, балки механизми муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳо, баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо, ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ, эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ ва рушди ҳамкориҳои созанда асос меёбад. Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқи дипломатияи миллӣ омӯзиши ташаккулёбии ҳуқуқи дипломатӣ мебошад. Ҳуқуқи дипломатӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ буда, муносибатҳои байни давлатҳо вобаста ба таъсис ва фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, мақоми ҳуқуқии намояндагони дипломатӣ, имтиёзҳо ва масуниятҳои дипломатӣ, тартиби таъин ва аккредитатсияи намояндагони дипломатӣ, қатъ гардидани фаъолияти онҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба муносибатҳои дипломатиро танзим менамояд. Меъёрҳои ҳуқуқи дипломатӣ дар таъмини фаъолияти муътадили намояндагиҳои

дипломатӣ ва фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои иҷрои вазифаҳои онҳо нақши муҳим доранд.

Дар низоми ҳуқуқи байналмилалии муосир санади асосии кодификатсионии соҳаи мазкур Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатӣ аз соли 1961 мебошад. Муқаррароти ин санад принсипҳо ва қоидаҳои асосии фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, вазифаҳои онҳо, имтиёзҳо ва масуниятҳои дипломатӣ ва муносибатҳои байни давлати фиристанда ва давлати қабулкунандаро муайян менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои байналмилалӣ низ меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро дар фаъолияти дипломатии худ ба инобат мегирад.

Дар баробари меъёрҳои байналмилалӣ, заминаи ҳуқуқии фаъолияти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии марбут ба хизмати дипломатӣ, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамоҳангии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо қонунгузории миллӣ барои ташаккули низоми муосири хизмати дипломатӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меорад.

Мубрамияти таҳқиқи мавзуъ инчунин бо зарурати арзёбии марҳилаҳои асосии ташаккули дипломатияи Тоҷикистон вобаста мебошад. Дар давраи истиқлол дипломатияи Тоҷикистон аз марҳилаи ташкили сохторҳои ибтидоии сиёсати хориҷӣ то ба низоми нисбатан мукаммали муносибатҳои дипломатӣ ва намояндагии байналмилалӣ расидааст. Имрӯз Тоҷикистон бо давлатҳои гуногуни ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ дошта, дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иштироки фаъол менамояд. Дар ин раванд дипломатияи бисёрҷониба, дипломатияи иқтисодӣ, дипломатияи об, дипломатияи амниятӣ ва дигар самтҳои фаъолияти дипломатӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо намудаанд.

Махсусан, ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ва иқлим, ҳифзи сулҳу субот, мубориза бо терроризм ва экстремизм, таъмини амнияти минтақавӣ ва рушди устувор нишон медиҳанд, ки дипломатияи миллӣ тадриҷан хусусияти фаъол ва ташаббускор пайдо кардааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ташаккулёбии дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робитаи мустақим бо рушди сиёсати хориҷӣ ва ҳуқуқи дипломатӣ имконият медиҳад, ки нақш ва мавқеи дипломатия дар татбиқи манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии давлат муайян карда шавад.

Дараҷаи коркарди масъала. Масъалаҳои дипломатия ва ҳуқуқи дипломатӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои мафҳум ва моҳияти дипломатия, таърихи ташаккули дипломатия, мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои дипломатӣ, имтиёзҳо ва масуниятҳои дипломатӣ, фаъолияти консулӣ, муносибатҳои дипломатии давлатҳо ва нақши дипломатия дар сиёсати хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқи ҳамаҷонибаи раванди ташаккулёбии дипломатия ва ҳуқуқи

дипломатӣ маҳз дар заминаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти марҳилаҳои таърихӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи муосири дипломатии кишвар, ҳанӯз ҳам аҳаммияти махсус дорад. Истилоҳи «дипломатия» аз калимаи юнонии «диплома» (diploma) гирифта шуда, ин тахтаи дуқабатае буд, ки дар Юнони бостонӣ ба сафирон барои тасдиқи салоҳияташон дода мешуд [1, С. 9-10]. Аммо худи ин истилоҳ дертар, дар ибтидои қарни XVII дар Британияи Кабир истифода шуда буд. Ба андешаи олим ва дипломати тоҷик Талбак Назаров дипломатияи тоҷик таърихи хеле қадимтар аз Биратанияи кабир ва Юнонро дорад [2, С. 3-4]. Владимир Иванович Дал пайдоиши нахустин давлатҳоро дар сарзамини тоҷикод ба асрҳои IX-VII пеш аз милод нисбат медиҳанд [3, С. 124]. Шодравон академик Неъматов Нумон Негматович таърихи дипломатияи тоҷикро ба давраи пайдоиши қабилаҳои одамӣ, ба асри сангин нисбат медиҳанд, ки на кам аз 6000 сол медонад [4, С. 167-168].

Дипломатияи тоҷик, воқеъан таърихи хеле қадим дорад. Аз асри VI пеш аз милод то асри X милоди дар замони мавҷудияти давлатҳои Ҳахоманишиҳову Аршакадиён, Кӯшониёну Сомониён дипломатияи тоҷикӣ ба пуррагӣ ташаккул ёфта буд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ мафҳуми дипломатия ҳамчун категория бо тарзҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, дипломати британиявӣ Эрнест Мейсон Сатоу дар асараш «Дастурамал оид ба таҷрибаи дипломатӣ» мафҳуми дипломатияро ҳамчун истифодаи хирад ва одоби муомилот дар муносибатҳои расмии байни давлатҳои мустақил арзёбӣ менамояд [5, С. 27]. Дипломати дигари британиявӣ Гаролд Джордж Николсон дар лексияи «Таҳовулоти усули дипломатӣ» қайд менамояд, ки мафҳуми дипломатия на ифодакунандаи сиёсати беруна, ҳуқуқи байналмилалӣ, балки санъати бурдани музокирот, ки таъиноти он ба вуҷуд овардани эътимоди байналмилалӣ мебошад [6, С. 12]. Чунин андешаро дипломати фаронсавӣ Жюл Камбон низ дастгирӣ мекунад.

Аз нигоҳи ҳуқуқшиноси амрикоӣ Мортон Каплан дипломатия – ин тасвияти стратегия мебошад, ки ҳадафи аслии он пайгирӣ кардани манофеи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Ҳамзамон ҳуқуқшиноси байналмилалии рус, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Донишгоҳи РУДН дар шаҳри Москва Игор Павлович Блишенко қайд менамояд: ба мазмуни васеи дипломатия фаъолияти расмӣ оид ба намояндагии субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати рушди муносибатҳои сулҳу ҳамзистии осоишта ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат, шаҳрвандон баҳри ноил гаштани ҳадафҳои сиёсати беруна мебошад [7, С. 33-34].

Ҳамчунин андешае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он дипломатияро ҳамчун илм дар бораи робитаи беруна ва ё корҳои хориҷии давлат алоқаманд менамоянд. Дар луғати дипломатия, ки зери назари сиёсатшиносӣ Шуравӣ Андрей Андреевич Громико нашр гардидааст, мафҳуми дипломатия чунин ифода ёфтааст: «Дипломатия - ин фаъолияти сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва мақомоти махсуси равобити беруна оиди ба амал баровардани ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати хориҷии давлат, ҳамчунин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат дар хориҷӣ кишвар мебошад» [8, С. 479]. Аммо мафҳуми фавқуззикр ба пуррагӣ мазмуну муҳтавои

дипломатияро ифода намекунад. Тавре, ки доктори илмҳои тпърих, дипломати Иттиҳоди Шуравӣ Виктор Иванович Попов қайд менамояд дар он масоили «бо роҳи осоишта» ба амал баровардани сиёсати берунаи давлат баррасӣ нашудааст. Зеро сиёсати беруна метавонад инчунин бо роҳи ҳарбӣ, усули таҷовузкорона низ амалӣ гардонида шавад.

Ба андешаи олими тоҷик, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии тоҷикистон Қодирқулов Хурше Раҳмонович истилоҳи дипломатия – ин воситаҳои асосӣ ба амал баровардани музокироти байналмилалӣ, таҳия ва бастани шартномаҳои байналмилалӣ, мукотиботи дипломатӣ, намояндагии доимии давлат дар назди созмонҳои байналмилалӣ ва иштирок дар кори конференсияҳои байналмилалӣ мебошанд.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Методологияи таҳқиқоти мазкур ба маҷмуи принсипҳо, равишҳо ва усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ асос ёфта, истифодаи онҳо ба хусусияти комплексии омӯзиши ташаккул ва рушди дипломатия ва ҳуқуқи дипломатӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ гардонида шудааст. Дар раванди таҳқиқот муносибати системавӣ ҳамчун заминаи методологӣ истифода гардида, дипломатия, ҳуқуқи дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робитаи мутақобила ва ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди низоми муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ карда шуданд.

Бо мақсади муайян намудани моҳияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, мазмун, шакл ва вазифаҳои дипломатия ва ҳуқуқи дипломатӣ усули таҳлил ва синтез истифода гардид. Тавассути таҳлил унсурҳои алоҳидаи сиёсати хориҷӣ, фаъолияти дипломатӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои дипломатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бо истифода аз синтез натиҷаҳои бадастомада дар шакли хулосаҳои умумии илмӣ ва ҳуқуқӣ ҷамъбаст карда шуданд.

Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ барои таҳқиқи генезис ва марҳилаҳои ташаккули дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани заминаҳои таърихию сиёсӣ ва ҳуқуқии рушди муносибатҳои дипломатӣ, инчунин таҳлили эволютсияи низоми ҳуқуқии танзими фаъолияти дипломатӣ истифода гардид. Ин усул имконият фароҳам овард, ки раванди ташаккули дипломатияи миллӣ на ҳамчун падидаи ҷудогона, балки ҳамчун натиҷаи марҳилавии рушди давлатдорӣ, сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шавад.

Дар таҳқиқот усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои муқоисаи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи дипломатии байналмилалӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муайян намудани умумият ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти дипломатӣ истифода шудааст. Бо такя ба ин усул мувофиқати низоми миллии танзими муносибатҳои дипломатӣ бо меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалии эътирофшуда муайян гардида, масъалаҳои такмили минбаъдаи заминаи ҳуқуқии дипломатияи миллӣ арзёбӣ шудаанд.

Усули системавӣ имкон дод, ки дипломатия, ҳуқуқи дипломатӣ, мақомоти давлатии соҳаи сиёсати хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди низоми ягонаи сиёсати хориҷии давлат таҳлил карда шаванд. Истифодаи ин усул барои муайян намудани робитаи байни меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, фаъолияти институтҳои дипломатӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти методологӣ дошт.

Ҳамзамон, усули формалӣ-ҳуқуқӣ барои таҳлили мазмун ва сохтори санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дипломатӣ, инчунин тафсир ва гурӯҳбандии меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба фаъолияти дипломатӣ истифода гардид. Тавассути ин усул муқаррароти санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла принсипҳои ҳуқуқи дипломатӣ, мақоми намояндагиҳои дипломатӣ, имтиёзҳо ва масуниятҳои дипломатӣ ва дигар унсурҳои муносибатҳои дипломатӣ мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор гирифтанд.

Усули мантиқӣ дар муайян намудани робитаи сабабию натиҷавии байни ташаккули дипломатияи миллӣ, рушди сиёсати хориҷӣ ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти дипломатӣ истифода гардида, барои асоснок намудани хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои илмӣ мусоидат намуд. Дар баробари ин, усули индуксия ва дедуксия барои гузариш аз омӯзиши ҳолатҳои мушаххаси фаъолияти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосаҳои умумӣ ва аз муқаррароти умумии ҳуқуқи байналмилалӣ ба таҳлили ҳолатҳои мушаххаси миллӣ истифода гардиданд.

Истифодаи маҷмуи усулҳои мазкур имконият фароҳам овард, ки мавзуи таҳқиқот аз нуқтаи назари таърихӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва сиёсатшиносӣ ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, робитаи мутақобилаи дипломатия ва ҳуқуқи дипломатӣ бо сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад. Ҳамгироии усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ барои таъмини асоснокӣ, эътимоднокӣ ва объективияти натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳияи хулосаҳои аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва барои амалия аҳаммиятнок замина фароҳам овард.

Муҳокима. бояд зикр кард, ки дипломатия баҳри мақсад ва манфиатҳои давлат дар арсаи байналмилалӣ хизмат намуда, дар замони муосир яке аз воситаҳои асосии баамалбарории сиёсати беруна мебошад. Ин мазмуни онро дорад, ки маҳз сиёсати беруна ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияро муайян менамояд.

Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ хусусияти муҳимро гузариш ба низоми нави ҷаҳонӣ ташкил менамояд, ки асоси онро ҳамкории кулли кишварҳои ҷаҳон баҳри сулҳу субот ва инкишоф ташкил менамояд. Бояд гуфт, ки марҳилаи муосири муносибатҳои байналмилалӣ ин баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсирбахшию ҳамкории кулли ҷомеаи ҷаҳонро тақозо менамояд. Зеро маҳз дар якҷоягӣ ва ҳамкории доимӣ инсоният қодир аст ба ҳалли масъалаҳои мураккаби глобалӣ ноил гардад.

Сиёсати хориҷӣ ин самти инкишоф ва роҳи муайяннамудаи давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, ки ин муносибатҳоро бо дигар давлатҳо ва субъектони ҳуқуқи байналмила вобаста манфиатҳои миллӣ ва бо назардошти риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ тавассути шакл ва усулҳои гуногун ба амал мебарорад.

Сиёсати хориҷӣ мақсадҳо, вазифаҳо, самтҳо, инчунин шаклу усулҳои фаъолияти давлатро дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ муайян месозад [9, С. 269].

Сиёсати хориҷии дилхоҳ давлат ҳадафҳои муайян дошта, вазифаҳои аниқро пайгирӣ менамояд. Сиёсати сулҳҷӯёнаи Тоҷикистон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардааст, самти асосии сиёсати хориҷии он мебошад. Ин омил заминаи ривоҷи муносибатҳои гуногунҷабҳа бо ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Дар замони муосир мақсаду маром ва стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ҳифзи манфиатҳои давлат ва миллат, пеш аз ҳама ин таъмини амнияти миллӣ, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули иқтисоди кишвар мебошад. Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2014 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда буданд, ки «Ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои олии кишвар бояд аз фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таъмини амнияти миллӣ, тақвияти рукнҳои давлатдорӣ, дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони кишвар, таҳкими мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ иборат мебошад» [10, С. 7].

Инчунин, бояд қайд карда шавад, ки ин ҳадаф бояд стратегияи воқеан санҷида, комилан асоснок ва дорои механизмҳои муассири робитаҳову ҳамкории фаъол бо ҳамаи давлат ва субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро тақозо дорад. Зеро он дар навбати ба пешбурди сиёсати дарҳои кушода бо ҳамаи кишварҳо ва субъектҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон нияти ҳамкории беғаразона доранд ва зарурати дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шуда буд, аҳамияти хос медиҳад.

Дар ин маврид бояд зикр кард, ки татбиқи стратегияи байналмилалии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар даврони ниҳоят зудтағирёбанда, мураккаб, зиддиятноки ҷаҳонишвӣ ҷараён мегирад. Бинобар ин шинохти дақиқ ва объективии мазмуни аслии равандҳо ва тамоюлоти муҳимтарини рӯз ниҳоят мушкил аст, зеро онҳо на танҳо таркиб ва мазмуни мураккаб ва пуртазод доранд, балки ниҳоят динамикӣ ҳастанд. Ин равандҳо ва тамоюлоти он, пеш аз ҳама ҷаҳонишавӣ ба сарнавишти имрӯзу фардои кишвари Тоҷикистон таъсири рӯзафзун ҳоҳанд дошт. Бо чунин назардошт, баррасӣ ва дарки мазмуни воқеии онҳо ниҳоят муҳим ва зарур мебошад.

Хулоса. Вобаста ба ин, хотирнишон бояд кард, ки дипломатия ва сиёсати беруна набояд хилофи ҳуқуқи байналмилалӣ бошад, ки тарзи ягонаи робитаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, ҳуқуқи байналмилалӣ дар навбати худ ба сиёсати берунаи давлат ва дипломатия таъсир мерасонад. Матлаб ин аст, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ба монанди ҳуқуқи миллӣ – предмети танзими ҳуқуқии худро дошта, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Ин таъсир бо роҳи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба рафтори субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад. Зеро принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои давлат ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар менамояд ва ба ин васила рафтори субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро танзим менамояд. Аз ин ҷо ду навъи алоқаи байни сиёсати беруна ва дипломатия бо ҳуқуқи байналмилалӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷиҳати уҳдадории давлатҳо ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибати сиёсати беруна ва дипломатия ҳамчун унсури маҳдудкунанда баромад мекунад.

Дар хусуси таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба сиёсати берунаи давлатҳо ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки вай аз нуфузи маънавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, яъне аз он вобаста аст, ки ин меъёрҳо то чӣ андоза ба саъю талоши ҳалқҳо оид ба таъмини сулҳу субот мусоидат мекунад. Зеро самти умумии сиёсати берунаи давлатҳо, пеш аз ҳама аз ба табиат ва низоми сиёсӣ, асосҳои сохти иқтисодию иҷтимоӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Таҳқиқоти мазкур тибқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳти унвони «Инкишофи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсен – Қодиров Н.А.

Адабиёт

1. Кузьмин Э. Л. Дипломатическое и деловое общение: правила игры. [Текст] / Э. Л. Кузьмин // – М.: Норма, 2005 – 304 с.
2. Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Н. Талбак, С. Абдунабӣ // Ирфон – Душанбе, 2006 – 224 с.
3. Дал В.И. географические и этнографические сведения о Средней Азии [Текст] / В.И. Дал // словар – Петербург, 1838 – 232 с.
4. Негматов Н.Н., Пирумшоев Х. Таджикский феномен академика [Текст] / Н.Н. Негматова, Х. Пирумшоев // Гос. изд-во им. Рахима Джалила, – Худжанд.: 2001. – 23 с.
5. Сатоу Э.М. Руководство по дипломатической практике [Текст] / Э.М Сатоу // пер. с англ. С.А.Панафидина и Ф.А.Кублицкого – М.: Международные отношения, 2018 – 480 с.
6. Левин Д.Б. Международное право, внешняя политика и дипломатия [Текст] / Д.Б. Левин // Международный отношения – Москва.: 1981. – 143 с.
7. Блищенко И.П. Дипломатическое право [Текст] / И.П. Блищенко // Издательство высшая школа – Москва.: 1972. – 227 с.
8. Дипломатический словарь [Текст] / В 3-х т. Глав. Ред. А.А. Громыко (и др.). Т. 1. // М.: Политиздат, 1971. 612 с.

9. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Муҳаррири масъул профессор Менглиев Ш.М. – Душанбе: «ЭР-граф» 2010. – 512 саҳ.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / аз 23 апрели соли 2014 // Рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», 1-уми майи соли 2014, №18(1729), - С.7.

Масъалаҳои таърихи ҳуқуқии дипломатия дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тадқиқоти мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ташаккул ва рушди дипломатия ва ҳуқуқи дипломатӣ ҳамчун воситаи асосии сиесати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст . Мақсади тадқиқот муайян намудани хусусиятҳо, марҳилаҳо ва тамоюлҳои асосии рушди амалияи дипломатӣ ва таъмини ҳуқуқии он дар заминаи манфиатҳои миллӣ ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот барои мутахассисони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, дипломатия, муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин барои хизматчиени давлатӣ, ки ба раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб шудаанд, мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: Таърихи дипломатия, ташаккулёбӣ, дипломатя, ҳуқуқи дипломатӣ, сиёсати хориҷӣ, сиёсати сулҳҷӯёна, дипломатияи тоҷик.

Историко-правовые проблемы дипломатии во внешней политике Республики Таджикистан

Настоящее исследование посвящено комплексному анализу процесса формирования и развития дипломатии и дипломатического права как ключевых инструментов внешней политики Республики Таджикистан в период государственной независимости. Целью исследования является выявление особенностей, основных этапов и тенденций развития дипломатической практики и её правового обеспечения в контексте национальных интересов и приоритетов внешней политики Таджикистана. Результаты исследования содействует для специалистов в области международного права, дипломатии, международных отношений, а также для государственных служащих, вовлеченных в процесс формирования и реализации внешней политики Республики Таджикистан.

Ключевые слова: История дипломатии, формирование, дипломатия, дипломатического права, внешняя политика, миротворческая политика, таджикская дипломатия.

Historical and legal issues of diplomacy in the foreign policy of the Republic of Tajikistan

This study is devoted to a comprehensive analysis of the process of formation and development of diplomacy and diplomatic law as key instruments of the foreign policy of the Republic of Tajikistan during the period of state independence. The purpose of the study is to identify the features, main stages and trends in the development of diplomatic practice and its legal support in the context of the national interests and

priorities of Tajikistan's foreign policy. The results of the study are useful for specialists in the field of international law, diplomacy, international relations, as well as for civil servants involved in the process of forming and implementing the foreign policy of the Republic of Tajikistan.

Keywords: History of diplomacy, formation, diplomacy, diplomatic law, foreign policy, peacemaking policy, tajik diplomacy.

Маҳмадалӣ Нурмурод Муродалӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон +992 903070707. E-mail: tajsafirnm@gmail.com

Махмадали Нурмурод Муродали, Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры международного права. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон +992 903070707. E-mail: tajsafirnm@gmail.com

Mahmadali Nurmurod Murodali, Tajik National University, Faculty of Law, Researcher at the Department of International Law. Address: Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: +992 903070707. E-mail: tajsafirnm@gmail.com

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – НАҚШИ ТАЪРИХИИ ОН ДАР РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

Давлатова М.М.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Муқаддима. Дар назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, даъвати иҷлосияҳои фавқулоддаи мақомоти олии қонунгузор дар даврaҳои буҳрони сиёсӣ ва вазъияти ноустувори сиёсиву иқтисодии мамлакат ҳамчун воситаи асосии барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ҳалли саривақтии мушкилоти баамаломада эътироф мешаванд. Ба ақидаи олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ дар ҷаҳони муосир, аз ҷумла дар фазои пасошуравӣ, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи классикии ҳалли бӯҳрони давлатӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ арзёбӣ мегардад.

Дар саҳифаҳои таърихи давлатдории миллии тоҷикон 16-уми ноябри соли 1992 яке аз санаҳои пурҷилло ва бузурги таърихӣ барои мардуми тоҷик маҳсуб меёбад, зеро дар ин сана Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд. Ин Иҷлосия сарнавишти мамлакати дар вартаи ҷанги шаҳрвандӣ қарордошта, миллати дар ҳолати парокандагиву нестшавӣ бударо аз нав муттаҳид сохт, ба ҳар шаҳрванди Тоҷикистон ба ояндаи дурахшон умед бахшид, тоҷиконро аз парокандагӣ раҳонид, хатари азбайнравии давлати тозаистиқлолро бартараф намуд ва наҷотбахши давлату миллат гардид. Бинобар ин, ин Иҷлосия дар таърихи давлатдории тоҷикон нақши созгор дорад ва дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт мегардад.

Иҷлосияи XVI тақдири давлат ва истиқлолиятро муайян намуда, қуввaҳои солими ҷомеаро ба мубориза барои ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои ягонаи давлату миллат ва пойдор намудани адолату қонуният даъват намуд.

Моҳи октябри соли 1992, бо мақсади ба эътидол овардани вазъ, пас аз вохӯрӣ бо неруҳои халқӣ, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даъват намудани Иҷлосияи XVI дар шаҳри Хуҷанд қарор қабул намуд. Ин қарор аз ҷониби кулли сокинони ҷумҳурӣ якдилона дастгирӣ ва ҷонибдорӣ шуд.

Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи аввалини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард.

«Маҳз дар давраи 16-уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992, бо назардошти ноамн будани пойтахт – шаҳри Душанбе ва таҳти назорати камонкашони нерӯҳои мухолиф қарор доштани он, Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Қасри Арбоб»-и шаҳри Хуҷанд баргузор гардида, сохти конститутсиониро дар ҷумҳурӣ барқарор намуд. Ин иҷлосия бо қабули қарорҳои тақдирсозаш «Иҷлосияи таърихӣ» ном гирифт ва заминаи мусоид барои рушди ҷомеа ва пешрафти Тоҷикистон фароҳам овард» [2, 65-66].

«Дар ин иҷлосия масъалаҳои ҳаётан муҳим, аз қабили тадбирҳо оид ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ, барқарор намудани сохти

конститутсионӣ, эҳёи шохаҳои ҳокимият дар тамоми минтақаҳои мамлакат, баргардонидани гурезаҳо, таъсиси артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти давлатӣ, ҳимояи дастовардҳои истиқлолият, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, интихоби раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъини сарвазири мамлакат, қабули муроҷиатнома ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил оид ба фиристодани нерӯҳои сулҳдӯст, баргардонидани гурезагон ба ҷойҳои доимии зиндагӣ, тасдиқи аъзои Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳокима карда шуданд» [5, 51-52].

Ҳанӯз дар рӯзҳои аввали Иҷлосияи XVI, ки дар шаҳри Хуҷанд дар лаҳзаҳои ниҳоят ҳассос баргузор мешуд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъият ва бовариву садоқати худро чунин изҳор намуд: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам» [2, 71].

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Шуро – Эмомалӣ Раҳмон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар барқарор намудани ҳокимияти конститутсионӣ, фаъол ва таҳким бахшидани сохтори ҳокимияти давлатӣ, беҳтар намудани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, инчунин баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон нақши муҳим гузоштанд. Аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани 26 ноябри соли 1992 Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин, ки ба саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ.

Бояд қайд кард, ки тағйироте, ки Иҷлосияи XVI ба Конститутсияи амалкунандаи соли 1978 (бо ислоҳоти соли 1989) ворид намуд, пеш аз ҳама ба принсипи таҷзияи ҳокимият (ба мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ), ваколатҳои Президент ва мақоми забони тоҷик ҳамчун забони давлатӣ дахл доштанд. Агар Конститутсияи соли 1978 дар моддаи 70 ҳизби ягонаи сиёсиро ҳукмрон мешинохт, пас ислоҳоти соли 1993 заминаи бисёрҳизбӣ ва демократикунониро авлавият дод.

Иҷлосия бо мақсади хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ, барқарор сохтани ҳокимияти конститутсионӣ, рафъи харобии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва

ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти мунтазам ва таҳкими мақомоти давлатӣ, бо такя ба принсипҳои башардӯстӣ қарор қабул намуд, ки шахсоне, ки аз 27-уми март то 25-уми ноябри соли 1992 дар муқовиматҳои мусаллаҳона ширкат доштанд ё ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд» [1, 49–50]. Чунин сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи роҳбарияти олии кишвар бо мақсади ба эътидол овардани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ буд, ки ба зудтарин ноил шудан ба сулҳи комил дар кишвари даргирифтаи ҷанги шаҳрвандӣ мусоидат намуд.

Дар байни санадҳои муҳими қабулгардида, қабули Қонун «Дар бораи гурезаҳо» низ мавқеи хос дорад, ки ёрии моддӣ ва имтиёзҳои имконпазирро барои шаҳрвандони гурезашудаи мамлакат кафолат медод. Қабули ин санад собит сохт, ки роҳбарияти нави олии Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баҳри сохтани ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ азму талош дорад ва ҳимояи шарафи инсонии ҳар фардро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

Мафҳумҳои «сулҳ» ва «ваҳдати миллӣ» дар санадҳои Иҷлосияи XVI аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқ мақоми принсипҳои асосии конститутсиониро пайдо карданд. Ин принсипҳо баъдан дар Конститутсияи соли 1994 (моддаи 1) ҳамчун асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардиданд.

«Дар Иҷлосия ҳукумате таъсис ёфт, ки дар муддати кӯтоҳ таҳти сарварии Президенти маҳбуби кишвар Эмомалӣ Раҳмон оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш намуда, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатиро, бавижа мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохт, Артиши Миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дода, аксарияти гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонд» [4, 175].

Муроҷиатномаи Иҷлосияи XVI ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар бораи фиристодани нерӯҳои сулҳдӯст намунаи возеҳи ҳалли бӯҳрони дохилӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Тибқи принсипҳои Оинномаи Созмони Миллали Муттаҳид (банди 7 моддаи 2), «Ҳар як давлат ҳақ дорад дар сурати таҳдид ба амнияти миллиаш аз созмонҳои байналмилалӣ ёри бихоҳад» [1, 78]. Ин муроҷиатнома бори дигар соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ таҳким бахшид.

Сарвари давлат ҳанӯз дар рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омадан изҳор намуд, ки мо вазифадорем аввал амнияти давлатамонро таъмин намоем, артишро созмон дода, мақомоти корҳои дохила, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро мустаҳкам намоем, зеро давлате, ки худро муҳофизат ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан арзише надорад.

Дар муддати кутоҳ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ аз нав барқарор карда шуда, бо аслиҳа ва сохти ҳарбӣ таъмин гардонида шуданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кор дар ин мақомотҳо сафарбар гардиданд. Сарфи назар аз вазъи ноустувори молиявии мамлакат, Сарвари давлат ба таъсиси Артиши миллӣ шуруъ намуд ва

барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии кишвар чораҳои мушаххас андешида шуд.

Маҳз бо туфайли санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон қабулгардида ва дигар масъалаҳое, ки тавассути ин Иҷлосия ҳалли худро пайдо намуданд, дар фазои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон беистисно тағйироти куллӣ ба амал омад. Кишвари азобкашида аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ раҳо шуда, ба роҳи осоиштаи зиндагӣ ва бунёдкорӣ қадам ниҳод ва пешрафту инкишофи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро дар мадди аввал гузошт.

«Дар таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик давраи нави гузариш оғоз ёфт. Вакилони мардумӣ камолоти сиёсии худро нишон дода, дар вазифаҳои худ бомасъулият ва дурандешона амал намуда, барои ҳалли муаммоҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию маънавӣ дар кишвар тамоми донишу малака ва таҷрибаи худро равона сохтанд» [6, 153]. Ҳамин тариқ, дар муддати кӯтоҳи таърихӣ оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуд, барои амалӣ намудани барномаҳои муҳими иқтисодӣ ва сохтмонҳои бузурги аҳаммияти байналмилалӣ дошта шароит фароҳам оварда шуд, маъракаҳои муҳими ҷамъиятиву сиёсӣ гузаронида шуданд, ки ба Ваҳдати воқеии халқҳои Тоҷикистон оварда расонд. Намунаи равшани он бо сарварии Президенти кишвар таъсис ёфтани ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мебошад.

Дар яке аз паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд: «Маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мо тавонистем, ки аркони давлатдорӣ ва шохаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро дар мамлакат барқарор гардонида, пояҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро қавӣ намоем. Муҳимтар аз ҳама, дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шуд» [8, 24].

Дарвоқеъ, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон барои миллати тоҷик иҷлосияи тақдирсоз ва наҷотбахш буд, зеро он халқи тоҷикро аз оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ наҷот дода, тақдири истиқлолияти давлатиро ҳаллу фасл намуд ва барои пойдории сохти конститутсионӣ, ваҳдати миллӣ, ягонагӣ ва истиқрори сулҳ дар сарзамини бостонии мо, инчунин амалӣ намудани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ пояи мустаҳкам гузошт.

Хулоса. Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки давраи навини қонунгузории кишвар аз ин Иҷлосияи тақдирсоз оғоз гардидааст. Дар маҷмуъ, Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ноумедиву парешонии ҷомеаро бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рафъ намуда, тадбирҳои муҳими сарнавиштсози зеринро анҷом додааст: роҳбарияти нави олии сиёсии мамлакатро таҳти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд; сохтори конститутсиониро дар мамлакат барқарор сохт; хатари пошхӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парокандагии миллатро пешгирӣ намуд; мақомоти корҳои дохила ва Кумитаи давлатии амнияти миллиро барқарор ва сарҳадро мустаҳкам намуд; тадбирҳои мукаммали баровардани ҷомеа аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ

ва маънавиро ба миён гузошт; самтҳои асосии сиёсати дохилӣ, инчунин мавқеи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян намуд; ба ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод; қонунгузории ҷумҳуриро устувор намуд ва ба рушди он замина гузошт.

Адабиёт

1. Устав Организации Объединенных Наций: [принят в г. Сан-Франциско 26.06.1945] // Официальный сайт ООН. – URL: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter (дата обращения: 01.04.2026).
2. Ализода З. Нақши иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон// Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оғози давлатдории навини тоҷикон. – Душанбе, 2022. – С. 36.
3. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон /М. Абдураҳмон // Исҳоқ - Кашиш. – Душанбе: СИЭМТ, 2020. - (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ ; 2011-2023, ҷ. 9). – ISBN 978-99975-68-17-5.
4. Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. – Душанбе, 2002;
5. Ғафаров У. Иҷлосияи саодати миллат. – Хуҷанд, 2002;
6. Хайдаров Г. Х. История таджикского народа XX век. – Худжанд, 2002;
7. Тоатов Ҳ. С. Нақши иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими сулҳи тоҷикон // Ахбори ДМТ. 2018.
8. Мирзоев, Ҳ. Иҷлосияи тақдирсоз // [Манбаи электронӣ]: Реҷаи воридшавӣ: URL:https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilm i/maqolaho/item/612-i-losiyai-ta-dirsoz (санаи мурочиат: 15.11.2022).
9. Раҳмонов, Т. Нақши иҷлосияи XVI-уми тақдирсоз дар таҳкими Парламенти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - № 1(16), 2008. – С. 71-77.
10. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: URL: http://president.tj/node/29697 (санаи мурочиат: 15.11.2022).
11. Тағоев, Ҷ. Давлатдории тоҷикон / Ҷ. Тағоев. – Душанбе: Ирфон, 2000. – С. 93-94.
12. Ҳомидов, Х. Э.Ш. Раҳмонов – бунёдгузори давлати муосири Тоҷикистон / Х. Ҳомидов. – Душанбе: Қонуният, 2006. – С. 114-115.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – нақши таърихии он дар рушди давлатдории навини тоҷикон

Дар мақола аҳамияти таърихӣ-ҳуқуқии сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 ноябр – 2 декабри соли 1992 дар шароити бӯҳрони амиқи сиесӣ ва муқовимати шахрвандӣ баргузор гардид, баррасӣ карда мешавад. Ба нақши сессия дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими институтҳои давлатӣ, таъмини қонуният ва ташаккули асосҳои рушди минбаъдаи давлатии

Тоҷикистони соҳибистиқлол диққати махсус дода мешавад. Санадҳои асосии меъерии ҳуқуқии дар ҷараени СЕССИЯИ XVI қабулшуда, аҳамияти онҳо барои барқарор кардани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таҳкими низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъсиси артиши миллӣ ва қӯшунҳои сарҳадӣ, ҳалли мушкилоти гурезаҳо ва таъмини амнияти давлат таҳлил карда мешаванд. Инчунин аҳамияти қарорҳои сессия барои рушди минбаъдаи принсипҳои конститутсионӣ, демократикунонии идоракунии давлатӣ, таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ баррасӣ карда мешавад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки сессияи XVI Шурои Олия марҳилаи муҳимтарини барқарорсозии давлатдории конститутсионӣ гардид ва барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқӣ ва сиесӣ гузошт.

Калидвожаҳо: Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ, сохтори когнститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона, барқарорсозии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ.

XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан – её историческая роль в развитии новой государственности таджиков

В статье рассматривается историко-правовое значение XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан, состоявшейся 16 ноября – 2 декабря 1992 года в условиях глубокого политического кризиса и гражданского противостояния. Особое внимание уделяется роли сессии в восстановлении конституционного строя, укреплении государственных институтов, обеспечении законности и формировании основ дальнейшего государственного развития независимого Таджикистана. Анализируются основные нормативные правовые акты, принятые в ходе XVI сессии, их значение для восстановления деятельности органов государственной власти, укрепления системы правоохранительных органов, создания национальной армии и пограничных войск, решения проблемы беженцев и обеспечения безопасности государства. Рассматривается также значение решений сессии для последующего развития конституционных принципов, демократизации государственного управления, укрепления мира и национального единства. Автор приходит к выводу, что XVI сессия Шурои Олии стала важнейшим этапом восстановления конституционной государственности и заложила правовые и политические основы дальнейшего развития Республики Таджикистан.

Ключевые слова: XVI Сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, гражданская война, конституционное устройство, суверенитет, демократическое, правовое и единое, восстановление ветвей государственной власти.

The 16th Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan – its historic role in the development of the new tajik statehood

The article examines the historical and legal significance of the 16th session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, which took place from November 16 to December 2, 1992, amid a deep political crisis and civil confrontation. Special attention is paid to the role of the session in restoring the constitutional order,

strengthening state institutions, ensuring the rule of law, and laying the foundations for the further state development of independent Tajikistan. The main regulatory legal acts adopted during the 16th session are analysed, along with their significance for restoring the activities of state authorities, strengthening the law enforcement system, creating a national army and border troops, resolving the refugee issue, and ensuring the state's security. The significance of the session's decisions for the subsequent development of constitutional principles, the democratization of public administration, and the strengthening of peace and national unity is also examined. The author concludes that the 16th session of the Shuroi Oliya became a crucial stage in the restoration of constitutional statehood and laid the legal and political foundations for the further development of the Republic of Tajikistan.

Keywords: 16 th Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, civil war, constitutional structure, sovereignty, democratic, legal, and unified, restoration of branches of government.

Давлатова Манзура Мирозоназаровна – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти давлат ва ҳуқуқ. докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ. Телефон: (+992) 988144450. E-mail: khuseynov.83@inbox.ru

Давлатова Манзура Мирзоназаровна – Национальная академия наук Таджикистана, Институт государственного права. Доктор по специальности (PhD) отдель государственного права. Телефон: (+992) 988144450. E-mail: khuseynov.83@inbox.ru

Davlatova Manzura Mirzonazarovna – National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Public Law. Doctor (PhD) department of public law. Email: khuseynov.83@inbox.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Амиршоева Н.А.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот яке аз ҳуқуқҳои муҳимтари конститутсиониии инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Дар шароити ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ ҳуқуқи мазкур ҳамчун асоси ғоявӣ ва шарти технологии татбиқи озодии сухан ва дигар ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд баромад менамояд.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар низоми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд на танҳо ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил, балки ҳамчун падидаи мураккаби конститутсионӣ ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад. Мазмуни ҳуқуқии падидаи мазкур дар заминаи ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи меъёрҳои конститутсионӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, озодии сухан ва истифодаи воситаҳои иттилотӣ, амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, асосҳо ва ҳаду ҳудуди қобили қабули маҳдудсозии онҳо, инчунин ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии миллӣ ташаккул меёбад. Чунин равиш, пеш аз ҳама ба он асоснок карда мешавад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи як меъёри алоҳида ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро ба таври мустақим муқаррар накардааст, аммо маҷмуи муқаррароти он заминаи меъёриро ҳам барои амалисозии озодии иттилоотии шахс ва ҳам барои ташаккули уҳдадорииҳои дахлдори давлат ҷиҳати фароҳам овардани шароити муносиби дастрасӣ ба иттилооти дорои аҳаммияти ҷамъиятидошта ва дигар иттилооти дорои хусусияти дастрасии озод ба вуҷуд меорад. Аз ин нуқтаи назар, табиати конститутсионии ҳуқуқи мавриди баррасӣ бояд на танҳо тавассути таҳлили расмии меъёри алоҳидаи Конститутсия, балки дар асоси тафсири низомноки маҷмуи муқаррароти конститутсионӣ, ки вазъи ҳуқуқии шахсро дар соҳаи иттилоотӣ муайян менамоянд, муқаррар карда шавад.

Дараҷаи коркарди мавзуъ. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар низоми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуқуқи субъективии дорои хусусияти маҷмуи баррасӣ карда мешавад, ки мазмун ва моҳияти он танҳо бо имконияти гирифтани ҳуқӯқатҳои алоҳида аз мақомоти давлатӣ маҳудуд намегардад. Сохтори меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқи мазкур ваколатҳои шахсро оид ба ҷустуҷӯ, дархост, дастрас намудан ва истифодаи иттилооти дорои аҳаммияти ҷамъиятидошта, инчунин уҳдадориҳои субъектҳои ҳокимияти оммавиро ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба иттилооти дар ихтиёри онҳо қарордошта фаро мегирад.

Бояд қайд намуд, ки дар ду даҳсолаи охир дастрасӣ ба иттилоот ба қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҳам давлатҳои демократӣ ва ҳам бисёре аз кишварҳои дорои низомҳои дигари сиёсӣ табдил ёфтааст. Масъалаҳои вобаста ба эътирофи ҳуқуқӣ, мазмун ва кафолатҳои амалисозии ҳуқуқи мазкур мавриди баҳсу муҳокимаҳои густурдаи илмӣ ва ва оммавӣ қарор гирифта, таваҷҷуҳи ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон ва дигар олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб

намудааст. Сарфи назар аз эътирофи васеи ҳуқуқ ба озодии иттилоот дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, масъалаҳои марбут ба мазмун, моҳият, ҳаду ҳудуд ва механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳо то ҳол баҳснок боқӣ монда, дар СММ ва механизмҳои махсусгардонидашудаи он, созмонҳои байналмилалӣ, ичнунин дар судҳои конститутсонии давлатҳои алоҳида ва адабиёти илмии марбут ба мавзуи мазкур мавриди муҳокима қарор доранд.

Дар ҷомеаҳои муосири демократӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар раванди ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ аҳаммияти калидӣ касб намуда, ҳамчун яке аз заминаҳои асосии амалисозии дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад менамояд. Ҳамон гуна, ки мавҷудияти демократияро бидуни таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тасаввур кардан ғайриимкон аст, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи мазкур низ бе кафолати озодиҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ имконнопазир мебошад. Дар низоми мазкур ҳуқуқ дастрас намудан ва гирифтани иттилоот мауоми махсус дошта, барои иштироки фаъолонаи шахс дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва татбиқи дигар ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот унсури ҷудоношавандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам гардида, татбиқи принсипҳои бунёдии давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, аз ҷумла шаффофият,ҳисоботдиҳии ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд. Тамоми конститутсияҳое, ки дар Тоҷикистони таърихӣ то замони Истиқлоли давлатӣ қабул шудаанд, ҳуқуқи мазкурро ҳамчун яке аз озодиҳои асосӣ муқаррар намуда, аҳаммияти онро барои фаъолияти низоми ҷамъиятӣ ва давлатӣ инъикос менамояд.

Мусаллам аст, ки Конститутсия ҳамчун санади олии сиёсӣ-ҳуқуқии давлат асосҳои бунёдии ташкил ва фаъолияти давлатро муқаррар намуда, принсипҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи инсон, ҷомеа ва давлатро муайян менамояд. Маҳз эътироф ва таҳкими конститутсионӣ-ҳуқуқии ин ё он ҳуқуқ ҳаминаи ҳуқуқии амалисозӣ, ҳифз ва кафолати онро фароҳам оварда, самтҳои рушди минбаъдаи он дар қонунгузории соҳавӣ ва механизми татбиқи амалии меъёрҳои дахлдорро муайн менамояд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ҳар як марҳилаи қабул ва рушди конститутсияҳо дар Тоҷикистони таърихӣ хусусиятҳои муайяни давраи таърихӣ, сатҳи рушди давлатдорӣ ва таҳаввулоти муносибатҳои ҷамътиятиро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили конститутсияҳои Тоҷикистони таърихӣ имкони медиҳанд, ки асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, марҳилаҳои ташаккл ва инкишоф, таҳким ва рушди минбаъдаи ҳуқуқҳои алоҳида, аз ҷумла ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар робита бо шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳар як давраи таърихӣ муайн карда шавад.

Рушди асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва озодиҳои марбут ба он дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ бо таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи соли 1929 алоқаманд буд. Дар ин марҳилаи таърихӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳанӯз дар фаҳмиши муосири он ҳамчун ҳуқуқи мустақил дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам нагардида буд. Бо вуҷуди ин, муқаррароти конститутсионие, ки ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи сиёсӣ, пеш аз ҳама озодии сусхан ва мутабуотро пешбинӣ менамуданд, заминаҳои ибитидоии

ҳуқуқиро барои ташаккули минбаъдаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот фароҳам меоварданд.

Муҳаққиқи ватанӣ З. Имомова дуруст қайд менамояд, ки Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон дар ташаккули Тоҷикистон ҳамчун давлат нақши муҳим бозида, барои рушди минбаъдаи бисёр институтҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумула ҳуқуқҳои инсон замина гузошт. Дар мавриди ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот бошад, дар Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон ишораи мустақим ба ҳуқуқи мазкуз вуҷуд надошт. Ҳолати мазкур ба он вобаста буд, ки ҳуқуқи мазкур дар Конститутсияи ИҶШС соли 1925 низ пешбинӣ нагардида буд ва Кунститутсияи ҶМШС Тоҷикистон маҳз дар асоси он таҳия гардида буд. Аммо ин маънои онро надорад, ки масъалаҳои марбут ба дастрасӣ ба иттилоот дар Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон аз соли 1929 умуман инъикос наёфта буданд. Сарфи назар аз дидгоҳҳои идеологии ҳукмрони он давра дар Конститутсияи Соли 1929 унсурҳои алоҳидае муқаррар гардида буданд, ки ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилоот мусоидат менамуданд. Бу чунин унсурҳо, пеш аз ҳама озодии сухан ва озодии мутбут дохил мешуданд[1].

Инчунин, Конститутсияи соли 1929 фароҳам овардани шароитро барои татбиқи озодии матбуот пешбинӣ менамуд. Дар Конститутсияи мазкур муқаррароте ҷой дошт, ки тибқи он ба мҳнаткашон воситаҳои зарурии техникӣ ва моддӣ барои нашри рӯзномаҳо, рисолаҳо, китобҳо ва дигар осори чопӣ фароҳам оварда шуда, паҳншавии озоди онҳо дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин мегардид[2]. Меъёри мазкур аз эътирофи конститутсионии аҳаммияти паҳн намудани иттилоот ва маводи чопӣ шаҳодат дода, метавона ҳамчун яке аз унсурҳои ибтидоии танзими ҳуқуқии соҳаи иттилоот арзёбӣ карда шавад.

Дар баробари мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои алоҳида, Конститутсияи соли 1929 инчунин уҳдадориҳои намояндагони мақомоти ҳокимияти шуравиро пешбинӣ менамуд, ки ба таъмини огоҳии аҳолӣ ва нигоҳ доштани робита миёни намояндагони интихобшуда ва шаҳрвандон равона гардида буданд. Олими ватанӣ А.И. Имомов қайд менамояд, ки дар Конститутсияи соли 1929 инчунин муқаррар шуда буд, ки ҳамаи аъзои Шуро уҳдадоранд давра ба давра дар назди интихобкунандагони худ оид ба фаъолияти худ ҳисобот диҳанд[2, С. 320-323]. Муқаррароти мазкурро метавон ҳамчун яке аз шаклҳои ибтидоии мустаҳкамсозии ҳуқуқии принсипи ошкорбаёнӣ ва ҳисоботдиҳии ҳокимияти намояндагӣ арзёбӣ намуд, зеро он расонидани мунтазами иттилоот ба шаҳрвандонро дар бораи фаъолияти намояндагони аз ҷониби онҳо интихобшдуа пешбинӣ менамуд.

Конститутсияи аввалини ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1931 қабул шуда буд, дар қисмати танзими озодиии матбуот, паҳн намудани иттилоот ва ҳуқуқҳои марбут ба онҳо аз Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон тафовути ҷиддӣ надошт. Ҳолати мазкур пеш аз ҳама ба он вобаста буд, ки Конститутсияи мазкур низ дар асоси Конститутсияи ИҶШС аз соли 1924 қабул шуда буд. Ҳамзамон қабули Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1931 барои рушди минбаъдаи қонунгузории конститутсионии ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим дошт, зеро он аллакай баъд аз ба даст овардани мақоми ҷумҳурии иттифоқӣ аз ҷониби Тоҷикистон қабул шуда буд.

Муҳаққиқи ватанӣ З. Имомова дар таҳқиқоти худ вобаста ба масъалаи мазкур қайд менамояд, ки дар муқоиса бо Конститутсияҳои солҳои 1929 ва 1931, Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 дорои фарқиятҳои назаррас буд. Конститутсияи мазкур, ки дар асоси Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936 қабул гардида буд, як қатор муқаррароти навро мустаҳкам намуд. Аз ҷумла, бори аввал моддаи 6 Конститутсия пешбинӣ мекард, ки қонунҳои аз ҷониби Шурои олии ҶШС Тоҷикистон қабулшуда ба забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва русӣ, инчунин барои ноҳияҳои Мурофоб ва Ҷиргатол бо забони қирғизӣ нашр карда шаванд[1]. Чунин муқаррарот аз нуқтаи назари таъмини дастрасии иттилоотӣ ҳуқуқи барои давлате, ки дар он миллату қавмиятҳои гуногун зиндагӣ мекарданд, аҳаммияти назаррас дошт. Нашри санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба забонҳое, ки дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ паҳн гардида буданд, ба фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ барои шиносоии шаҳрвандон бо мазмуни қарорҳои аз ҷониби давлат қабулшаванда мусоидат намуда, мутаносибан имкониятҳои онҳоро барои дастрас намудани иттилооти расмии ҳуқуқӣ васеъ мегардонид.

Дар таъмини ҳуқуқу озодиҳо мустаҳкам гардидани принсипи ошкоро будани мурофиаи судӣ аҳаммияти муҳим дошт. Азбаски ошкоро будани мурофиаҳои судӣ яке аз кафолатҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс ба ҳисоб меравад, моддаи 98 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 принсипи ошкоро будани мурофиаи судиро мустаҳкам менамуд[3, С. 33]. Татбиқи принсипи мазкур ба таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти судӣ, тақвияти назорати ҷамъиятӣ аз болои амалисозии адолати судӣ ва фароҳам овардани имконият барои шаҳрвандон ҷиҳати дастрас намудани иттилоот оид ба фаъолияти суд мусоидат мекард. Дар баробари ин, Конститутсияи соли 1937 ҳифзи сирри мукотибаро кафолат дода, бо ҳамин асосҳои конститутсионии ҳифзи махфияти маълумоти шахсиро муқаррар менамуд.

Таҳлили муқаррароти Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 имкон медиҳад ба хулосае расид, ки он дар рушди мустаҳкамсозии конститутсиониии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон нақши назаррас бозидаааст. Дар муоқоиса бо конститутсияҳои қаблӣ, Конститутсияи соли 1937 низоми нисбатан муфассали ҳуқуқу озодиҳоро дар бар мегирифт. Тавре ки муҳаққиқони соҳаи мазкур қайд менамоянд, Конститутсияи соли 1937 барои замони худ яке аз конститутсияҳои нисбатан демократӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо масъалаи то кадом андоза дар амал татбиқ гардидани муқаррароти он мавзуи алоҳидаи таҳлил ва арзёбӣ мебошад.

Рушди минбаъдаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Конститутсияи соли 1978 идома ёфт, ки он мутобиқи Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 қабул гардида буд. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар боби 6 Конститутсия - «Ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои асосии шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон (моддаҳои 37-67)» мустаҳкам гардида буд. Тавре ки аз шумораи моддаҳо бармеояд, теъдоди меъёрҳое, ки ба ҳуқуқу уҳдадоризои шаҳрвандон бахшида шудаанд, қариб ду баробар афзудааст.

Инчунин Конститутсия муқаррар менамуд, ки шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон аз маҷмуи пурраи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсӣ, ки Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ва қонунҳои шуравӣ онҳоро эътироф ва кафолат додаанд, бархӯрдор мебошанд[4]. Сохти сотсиалистӣ густариши

ҳуқуқу озодиҳо ва беҳтар гардидани пайвастаи шароити зиндагии шаҳрвандонро дар баробари иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъмин менамуд. Ҳамзамон, дар конститутсияи соли 1978 пешбинӣ шуда буд ки истифода ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби шаҳрвандон набояд ба манфиатҳои давлат ва ҷомеа, инчунин ба ҳуқуқу озодиҳои дигарон зарар расонад. Ба ибораи дигар, ҳуқуқҳои шахс дар низоми конститутсионии он давра амалан ҳамеша аз нигоҳи манфиатҳои ҷамеа ва давлат арзёбӣ мегардид.

Дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 муқаррароте, ки принсипҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро инъикос менамуданд, рушди минбаъдаи худро пайдо карданд. Ҳолати мазкур на танҳо ба таҳаввули қонунгузории конститутсионии шуравӣ, балки ба густариши иштироки ИҶШС дар низоми байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ вобаста буд. Аз ҷумла Иттиҳоди Шуравӣ иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1967 ба ҳисоб мерафт, ки соли 1973 тасдиқ гардид, соли 1976 барои ИҶШС эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд. Таъсири стандартҳои байналмилалӣ дар таҳкими ҳуқуқу озодиҳои шасхсӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла озодии сухан, мутбуот, маҳрамияти мукотибот ва дигар кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шахс зоҳир мегардид. Ҳамзамон, Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 бевосита ба Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 асос ёфта буд, бинобар ин рушди ҳуқуқу озодиҳои дахлдор, пеш аз ҳама дар доираи шакли умумӣ-иттифоқии конститутсионӣ сурат мегирифт, ки он дар навбати худ бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ИҶШС ташаккул ёфта буд.

Моддаи 44 Конститусияи ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандонро ба истифода аз дастовардҳои фаоҳангӣ кафолат медод. Татбиқи ҳуқуқи мазкур тавассути дастрасии умум ба арзишҳои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, ки дар фондҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ нигоҳдорӣ мешуданд, рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва ҷойгиркунии мутаносиби онҳо дар ҳудҳди кишвар, рушди телевизион ва радио, фаъолияти нашри китоб ва матбуоти даврӣ, густариши шабакаи китобхлнаҳои ройгон, инчунин тавсеаи мубодилаи фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷӣ таъмин мегардид[4].

Яке аз навгониҳо дигари Конститутсияи соли 1978 дар он ифода меёфт, ки мутобиқи моддаи 47 он ҳар як шаҳрванди ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқ дошт ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба беҳтар намудани фаъолияти онҳо пешниҳодҳо манзур намояд ва камбудиҳои мавҷударо мавриди танқид қарор диҳад. Шахсони мансабдор уҳдадор буданд, ки пешниҳодҳо ва аризаҳои шаҳрвандонро дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ намуда, ба онҳо ҷаваоб диҳанд ва чораҳои зарурӣ андешанд. Таъқиб барои танқид манъ гардида буд. Шахсоне, ки барои танқид шаҳрвандонро таъқиб менамуданд, ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд[4].

Инчунин мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи соли 1978, шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон имконият пайдо намуданд, ки аз амалҳои шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ шикоят намоянд[4]. Мустаҳкам гардидани меъёри мазкур яке аз механизмҳои муҳимми татбиқи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ба ҳисоб мерафт, зеро дар ҳолати пешниҳод нагардидани иттилоот

аз ҷониби субъектҳои зикршуда шаҳрвандон метавонистан аз чунин амал ва беамалии онҳо шикоят намоянд.

Аз таҳлили муқаррароти меъёрӣ ва назариявӣ бармеояд, ки Конститутсия да ҳама давру замон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқие баромад мекунад, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва дигар ҳуқуқу озодиҳоро муқаррар менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки марҳилаи минбаъдаи рушди ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 алоқаманд мебошад. Қабули ин санади муҳим ба шароити мушаххаси таърихӣ вобаста буд, зеро Тоҷикистон аллакай ба давлати мустақили соҳибистиқлол та,дил ёфта буд. Аз ин рӯ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун қонуни асосии давлат, балки ҳамчун санади таъсиси низ баромад намуда, пайдоиши давлати нави мустақилро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият дароварда[5]. Олими ватанӣ А.М. Диноршоҳ дуруст қайд менамод, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин принсипҳое мебошад, ки дар асоси онҳо ҳуқуқу озодиҳои мазкур дар амал татбиқ гарданд. Табиист, ки Конститутсия наметавонад ва набояд тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба таври мукаммал ва фарогир муқаррар намояд[6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон худро давлати ҳуқуқбунёди демократӣ эълон намуда, муқаррароти мазкурро дар Конститутсияи худ мустаҳкам намудааст. Яке аз унсурҳои асосии таркибии демократия таъмини озодии сухан ба ҳисоб меравад, ки он дар навбати худ яке аз воситаҳои асосиии таъмин ва татбиқи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Сарфи назар аз он ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри мустақиме, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро, ба монанди ҳуқуқ таҳсил, дахлнопазирии шахсӣ ё ҳуқуқ ба меҳнат бевосита муқаррар намояд, вуҷуд надорад, ҳолати мазкур маънои набудани танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи мазкурро надорад. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар зиёда аз понздаҳ муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфтааст. Мазмун ва моҳияти меъёрҳои конститутсионии мазкур шаҳодат медиҳанд, ки ҳуқуқди дастрасӣ ба иттилоот ҳуқуқи дуюминдараҷа набуда, амалисозӣ ва татбиқи бисёре аз ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон бевосита бо ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот алоқаманд мебошад. Мустаҳкам гардидани ҳуқуқи мазкур дар Конститутсия инъикоси принсипҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Тавре конститутсионалистӣ ватанӣ А.М. Диноршоҳ қайд менамояд, «дастрасӣ ба иттилоот унсури ҳатмии низоми демократӣ ва шарти зарурии таъмини гуногунандешии сиёсӣ ва гуногунрангии фарҳангӣ мебошад»[7].

Заминаи асосии конститутсионӣ-ҳуқуқиии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки ба зиммаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ уҳдадорӣ вогузор менамояд, то ба ҳар кас имконияти дастрас намудан ва шинос шудан ба ҳуҷҷатҳоеро, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст[8]. Меъёри мазкур хусусияти умумии ҳуқуқи мазкурро муқаррар намуда, ба ҳар як субъект имконияти дастрасӣ ба иттилоотеро фароҳам меорад,

ки барои амалисозии манфиатҳои қонунии ӯ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳояш зарур мебошад. Меъёри мазкур бо принсипи баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун алоқаманд буда, дастрасии баробар ба иттилоотро бидуни табъиз кафолат медиҳад. Дар робитаи ба ин, ҳуқуқи мазкур бояд ҳамчун майянакунандаи вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии шахс дар ин самт баррасӣ карда шавад, на ҳамчун ваколатҳои ҷудогонае, ки танҳо аҳаммияти расмию маъмурӣ дорад. Чунин равиш ба он мувофиқ аст, ки ҳам дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва ҳам дар илми ҳуқуқшиносии давлатҳои хориҷӣ ҳуқуқҳои иттилоотӣ ҳамчун имкониятҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманди ҷустуҷӯ, дастрас намудан, истифода бурдан ва паҳн намудани иттилоот арзёбӣ мегарданд.

Ҳангоми муайян намудани мазмун ва моҳияти ҳуқуқии доддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадорие, ки қонунгузори кишвар вобаста ба масъалаи мазкур ба давлат вогузор намудааст, аҳаммияти махсус касб менамояд. Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор на танҳо вазифадоранд, ки аз эҷоди монеаҳо барои шиносои шахс бо ҳуҷҷатҳои ба ҳуқуқу манфиатҳои дахлдоштаи ӯ худдорӣ намоянд, балки инчунин уҳдадоранд, ки бар ҳар шахс имконияти дастрасӣ ва шиносоӣ ба чунин ҳуҷҷатҳоро фароҳам оваранд.

Илова бар ин, асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот бо меъёри мазкур маҳдуд намегарданд. Дар қатори моддаи 25 инчунин моддаи 30 Конститутсия муқарраротро оид ба озодии иттилоот васеъ намуда, ба ҳар кас озодии сухан, нашр ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахборро кафолат медиҳад[8]. Аммо дар Конститутсияи инчунин маҳдудиятҳое пешбинӣ шудаанд, ки юа ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона гардидад, барои амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқи мазкур ҳаду ҳудудҳои муайянро муқаррар менамоянд. Аз ҷумла, дар қисми 4 моддаи 30 муқаррар шудааст, ки номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян менамояд, инчунин таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хуссусмати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ мебошад[8].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба озодии суханро дар шаклҳои озодона баёни назар намудан, нашр кардани андеша ва фикрҳо ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор муайян кардааст. Агар аз як ҷониб ин ҳуқуқ ба сухан ва гуфтори фикр бошад, пас, ду ҷанбаи дигар ин ҳуқуқ ба низоми нашриётӣ ва иттилоотӣ вобастагӣ дорад. Яъне, тарафи пурракунандаи ин ҳуқуқ, ки дар шакли гуногуни татбиқшавии ҳуқуқ ба озодии сухан ифода меёбад, ба озодии сухан дар матбуоти озод ва иттилооти озод такя мекунад. Аз ин хотир, ташаккули дурусти ин ҳуқуқ ва озодиҳо дар самти баёни назар дар алоҳидагӣ ба унсурҳои дигари фазои иттилоотӣ: нашриёт ва сарчашмаҳои иттилоот алоқаманд мебошанд[9].

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи мазкур бевосита ба озодии сухан алоқаманд мебошад, ки дар моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидада, ба ҳар кас озодии сухан, нашр ва ҳуқуқи истифодаи ахборро кафолат медиҳад. Дастрасӣ ба иттилооти боэътимод ва мурам шарти зарурии ташаккул ва баёни андешаҳо ба ҳисоб меравад, ки он дар навбати худ, асоси озодиии сухан мебошад. Бидуни кафолати ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот фаъолияти озоди

журналистӣ, баргузории моҳокимаҳои ҷамъиятӣ ва иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ имконнопазир мегардад.

Олими ватанӣ перомуни масъалаи мазкур андешаи бисёр ҷолибро пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки: «Барои он ки, халқи озод, озодона худро идора намояд, ба вай қабл аз ҳама озодии сухан зарур аст, ки озодона бо сухан, мактуб ва тариқи муроҷиатҳои оммавӣ мақсаду ҳадаф ва орзую омоли худро баён карда тавонад. Озодии сухан ва баёни андеша воситаи асосии зуҳури демократия аст, ки аъзои ҷомеаро бо манфиату хостаҳояш дар раванди идораи давлат ҳамроҳ менамояд ва дар қабулу иҷрои қарорҳои муҳим ҳаммуаллиф ва ҳамақида гардонида, ба ҳар яки онҳо имкони рисолати созандагии иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро ихтиёрона гирифтанро муҳайё менамояд. Шаҳрвандоне, ки озодии сухан надоранд ва аз ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот маҳруманд, ҳуқуқҳои худро дар идораи давлат на танҳо таъмин намесозанд, балки бештар аз он неруи фикрии худро бо неруии иҷтимоии ҷомеа ва дар умум ба қудрати давлату миллаташон оқилона васл карда наметавонанд»[10].

Инчунин, дар мавриди дигар моддаҳое, ки ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот робитаи нисбатан зич доранд, метавон муқаррароти дар моддаҳои 2, 23, 26, 27 ва 29 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонмустаҳкамгардидаро ном бурд. Аз ҷумла, дар моддаи 23 дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ (маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот), яъне ҳифзи маълумот ё ин ки иттилоот дар бораи онҳо кафолат дода мешавад. Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ мебошад (қисми 2 моддаи 23 Конститутсияи ҶТ). Дар Конститутсия ҳамчунин пешбинӣ гардидааст, ки маҳдуд намудани ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ танҳо дар асоси қарори суд иҷозат дода мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин муқаррароторо пешбинӣ менамояд, ки мутобиқи онҳо ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндаагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд (қисми 3 моддаи 2). Ҳамчунин, озодии виҷдон ва эътиқод, ки ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб намудани арзишҳои маънавӣ дар назар дорад, кафолат дода шудааст. Амалисозии ҳуқуқҳои мазкур низ бидуни интиқол, тавлид ва паҳн намудани иттилооти муайян имконнопазир мебошад.

Инчунин, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот бо ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ва ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (моддаи 27 Конститутсияи ҶТ) робитаи зич дорад. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро метавон ҳамчун яке аз кафолатҳои муҳимми амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои зикргардида арзёбӣ намуд. Масалан, барои он ки шаҳрванд дар раъйпурсӣ иштирок намояд, ӯ бояд дар бораи масъалаи ба муҳокима пешниҳодшуда маълумоти пурра ва дақиқ, инчунин дигар иттилооти заруриро дастрас намояд. Барои амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ бошад, шаҳрванд бояд иттилооти боэтимодро дар бораи барномаҳои номзадҳо ва худи онҳо дастрас намояд. дар ҳамаи ҳолатҳо интихобкунанда бояд ба иттилоот оид ба вазъи сиёсб ва иқтисодии кишвар дастрасӣ дошта бошад. Пинҳон доштан ё

интишор накардани иттилооте, ки метавонад ба ташаккули ирода ва қабули қарори интихобкунанда таъсир расонад, имконияти арзёбии объективӣ ва ҳамаҷонибаи вазъиятро маҳдуд намуда, ба мустақилияти интихоби ӯ таъсири манфӣ расонида метавонад. Аз ин рӯ, мавҷудияти иттилооти пурра, дақиқ ва боэътимод дар бораи равандҳои сиёсӣ яке аз шартҳои муҳими ташаккули мавқеи огоҳонаи шаҳрванд ва қабули қарори мустақилона дар раванди интихобот ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, муқаррароти конститутсионӣ заминаи ҳуқуқиро барои таъмини дастрасӣ ба иттилоот ташаккул дода, на танҳо ҳуқуқи шаҳрвандон, балки уҳдадориҳои давлатро низ дар ин самт муайян менамоянд. Дар ин замина мақомоти давлатӣ уҳдадоранд, ки:

- ошкоро ва дастрас будани иттилооти марбут ба фаъолияти худро, аз ҷумла тавассути нашри санадҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор таъмин намоянд;
- ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дастрас намудани иттилоот бо тартиби пешбинамудаи қонун кафолат диҳанд, аз ҷумла расмиёти шаффофи баррасӣ ва коркарди дархостҳои иттилоотиро муқаррар намоянд;
- миёни ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аз зарурати ҳифзи сирри давлатӣ, маълумоти шахсӣ ва дигар иттилооте, ки тибқи қонун ҳифз карда мешавад, тавозуни ҳуқуқиро муайян намоянд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд эътироф гардида, барои татбиқи принсипҳои демократӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аҳаммияти калон дорад. Дар ин замина, давлат уҳдадор аст, ки ошкоро будани фаъолияти худро таъмин намуда, барои дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти дорои аҳаммияти ҷамъиятидошта шароити ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фарҳам оварад. Ҳамзамон, такмили заминаи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ҳамчун шарти зарурии амалисозии пурраи ҳуқуқи мазкур боқӣ мемонад.

Муҳаққиқ А.Д. Дигай дуруст қайд менамояд, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳуқуқи бунёдӣ ба ҳисоб меравад, зеро инсон танҳо дар сурати дарки огоҳонаи руйдодҳои баамаломада метавонад фаъолияти худро ба таври пурра амалӣ намояд. Ин бошад, бидуни дастрасии саривақтӣ ва ҳамаҷониба ба сарчашмаҳои гуногуни иттилот имконнопазир мебошад[11]. Олими қазоқ К.Ж. Омиржан бошад қайд менамояд, ки аҳаммияти ҳуқуқи мазкур ҳамчунин бо нақши он дра ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванл муайян мегардад, зеро шаффофияти идоракунии давлатӣ ба риояи самараноктари он мусоидат менамояд. Илова бар ин, ҷомеаи огоҳ имконият пайдо мекунад, ки фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро ба таври бошуурона мавриди муҳокима қарор диҳад. Озодии дастрас намудани иттилоот ҳамчун воситаи муҳимми муқовимат ба коррупсия ва ҳамзамон ҳамчун нишондиҳандаи муйяни демократикунонии ҳокимияти давлатӣ баромад мекунад[12].

Инчунин бояд қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои дигар дар маврижи таҳлили мавзуи мазкур ин маҳдудияти конститутсионии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аз нуқтаи назари қонунӣ будани онҳо ва мутобиқаташон бо стандартҳои

байналмилалӣ мебошад, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд. Масалан, ҳифзи сирри давлатӣ бояд ба тарзе таъмин карда шавад, ки барои амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилооти дорои аҳаммияти ҷамъиятидошта моне жҷод накунад. Бо ҳамин монанд, маҳдудиятҳои марбут ба паҳн намудани иттилоот бояд ба таври дақиқ дар қонунгузорӣ танзим карда шаванд, то аз маҳдудсозии худсарона ва ғайриқонунии ҳуқуқӣ мазкур пешгирӣ карда шавад.

Маҳдудияти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, пеш аз ҳама бо мақсади ҳифзи чунин манфиатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва давлатӣ, аз қабили амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаёти хусусии шаҳрвандон ва сирри давлатӣ муқаррар карда мешаванд. Маҳдудиятҳои мазкур ба зарурати таъмини таъмини тавозун миёни озодии дастрас намудани иттилоот ва ҳифзи дигар арзишҳои дорои аҳаммияти конститутсионидошта асос меёбанд. Дар зербоби мазкур мо ба масъалаи маҳдудсозии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот пурра ворид намешаве, чунки масъалаи мавриди таҳқиқ адар зербоби алоҳидаи таҳқиқоти мазкур мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Хулоса. Ҳамин тариқ, дар доираи таҳлили асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва татбиқи ҳуқуқи мазкур дар низоми ҳуқуқи миллӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифт. Дар сатҳи байналмилалӣ ҳуқуқи озодона ҷусутуҷӯ, дастрас ва паҳн намудани иттилоот қисми таркибии озодии баёни андеша буда, аз ҷумла дар моддаи 19 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 мустаҳкам гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он мебошад. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳамчун кафолати муҳимми амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад намуда, ба ошкоро будани фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад ва назорати ҷамъиятиро аз боло амалисозии ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд. Мутобиқи моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсб ва шахсони мансабдор уҳдадоранд ба ҳар кас имконияти дастрас намудан ва шинос шудан ба ҳуҷҷатҳоеро, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст. Моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ба ҳар кас озодии сухан ва матбут, инчунин ҳуқуқи истифода аз воситаҳои ахборро кафолат медиҳад, ки ин заминаи конститутсионии мубодилаи озоди иттилоотро ташаккул медиҳад ва ба ин василаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро таъмин менамояд.

Инчунин, таҳаввули таърихии асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки унсурҳои таркибии ҳуқуқи мазкур тадриҷанд аз доираи озодии сухан ва матбуот, ошкоро будани фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳисоботдиҳии намояндагони ҳокимияти давлатӣ, нашри санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ ва қирғизӣ, инчунин кафолати маҳрамияти мукотибот ба низоми кафолатҳои ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот табдил ёфтаанд. Конститутсияҳои давраи шуравӣ, сарфи назар аз маҳдудиятҳои хоси низоми сиёсию ҳуқуқии он давра барои ташаккули заминаҳои ҳуқуқии дастрасӣ ба иттилоот мусоидат намуданд. Қабули

Конститсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонд дар соли 1994 бошад, марҳилаи сифатан навро дар ин самт оғоз намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун арзиши олӣ дар низоми арзишҳои конститутсионӣ муқаррар намуд ва брои рушди минбаъдаи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Ҳамзамон, таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ба ташаккули сатҳи фарҳаниги ҳуқуқии ҷомеа мусоидат менамояд, ки он ба яке аз воситаҳои муҳимми таъмини иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил меёбад. Дар шароити ҷаҳони муосир зарурати шаффофият ва ошкоро будани фаъолияти мақомоти давлатӣ бештар мегардад ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар таҳкими назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси давлатӣ ҳуқуқбунёди демократӣ нақши калидӣ мебозад. Барои амалисозӣ ва татбиқи пурраи ҳуқуқи мазкур такмили заминаҳои қонунгузорӣ ва тақвияти нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур мебошад.

Адабиёт:

1. Имомова З. Закрепление права на доступ к информации в Конституциях Таджикистана [Текст] / З. Имомова // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). – Душанбе, 2014. – № 1 (05). – С. 30-36
2. Имомов А.И. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. Душанбе 2003. С. 320-323
3. Имомов А. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории милли тоҷикон, Душанбе 2011. С. 33.
4. Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики: Принята на внеочередной восьмой сессии Верховного Совета Таджикской ССР девятого созыва 14 апреля 1978 года. - Душанбе: издание Верховного Совета Таджикской ССР, 1978. -50 с.
5. Достиев А. С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: история разра ботки, принятия и основные положения. Душанбе, 2001. С. 29
6. Диноршоев А.М. Права и свободы человека и гражданина в Конституции Рес публики Таджикистан и международно-правовых документах: особенности закрепле ния и имплементация в национальное законодательство. Государство и право. №3, 2009. С. 65.
7. Диноршоев, А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. - Душанбе, 2015 - С. 111.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 18.03.2025).
9. Холиқзода А.Ғ., Сулаймонов Ф.С., Холиқов Н.А. Иттилооти рақамӣ ва мушкилиҳои илми ҳуқуқ (аз қаринаи ҳуқуқ ба озодии сухан ва манфиатҳои миллӣ). Монография / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ.– Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – С.25.
10. Холиқзода А.Ғ., Сулаймонов Ф.С., Холиқов Н.А. Иттилооти рақамӣ ва мушкилиҳои илми ҳуқуқ (аз қаринаи ҳуқуқ ба озодии сухан ва манфиатҳои

миллӣ). Монография / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ.– Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – С.21.

11. Дигай Д. А. Правовое регулирование обеспечения доступа к информации (национальное законодательство и международный опыт): дис. на соискание степени доктора философии (PhD) : 8D04201 – Юриспруденция. – Талдыкорган, 2025. – С. 64.

12. Омиржан К.Ж Институты гражданского общества в контексте обеспечения права граждан на доступ к информации // Вестник Института законодательства и правовой информации Республики Казахстан, №. 3 (23), 2011. - С. 129-132.

Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили асосҳои конститутсионии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар таҳқиқот равишҳои гуногуни илмӣ вобаста ба мафҳуми «ҳуқуқи дастрасӣ иттлоот» ва инчунин табиати ҳуқуқии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуқтаи назари ҳам олимони ватанӣ ва ҳам олимони хориҷӣ оид ба мафҳуми мазкур таҳлил карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки бинобар гуногунрангии шаклҳо, вазифаҳо ва соҳаҳои истифода иттилоот, пешниҳоди як мафҳуми фарогири он мушкил мебошад. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур нақши иттилоот ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқ ва унсури муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ мегардад.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқ ба иттилоот, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, озодии иттилоот, ошкоро будани фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ, ҷомеаи демократӣ, давлатӣ ҳуқуқбунёд, ҳифзи иттилоот.

Конституционные основы права на доступ к информации в Республике Таджикистан

Настоящая статья посвящена изучению и анализу конституционных основ права на доступ к информации в Республике Таджикистан. В исследовании рассматриваются различные научные подходы к понятию «право на доступ к информации», а также правовая природа данного права; анализируются позиции как отечественных, так и зарубежных ученых относительно указанного понятия. Автор отмечает, что ввиду многообразия форм, функций и сфер использования информации сформулировать единое всеобъемлющее определение данного понятия представляется затруднительным. Вместе с тем в статье рассматривается роль информации как объекта правовых отношений и правового регулирования, а также как важного элемента развития информационного общества.

Ключевые слова: Право на информацию, право на доступ к информации, свобода информации, открытость деятельности государственных органов, публичные субъективные права, демократическое общество, правовое государство, защита информации.

Constitutional foundations of the right of access to information in the Republic of Tajikistan

This article is devoted to the study and analysis of the constitutional foundations of the right of access to information in the Republic of Tajikistan. The research examines various scholarly approaches to the concept of the "right of access to information," as well as the legal nature of this right, and analyzes the views of both domestic and foreign scholars on this concept. The author notes that, due to the diversity of forms, functions, and areas in which information is used, it is difficult to formulate a single comprehensive definition of information. At the same time, the article considers the role of information as an object of legal relations and legal regulation, as well as an important element in the development of the information society.

Keywords: Right to information, right of access to information, freedom of information, openness of government activities, public subjective rights, democratic society, law-based state, information protection.

Амиршоева Нозанин Абдуғафоровна, унвонҷуи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Тел.:** +992 900110419
Амиршоева Нозанин Абдугафоровна, соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, **Тел.:** +992 900110419
Amirshoeva Nozanin Abdughaforovna, Applicant (Researcher) at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, **Tel.:** +992 900110419

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 5.5.2) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.2)

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гадоев Б.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Раванди интихоботӣ ҳамчун яке аз ниҳодҳои калидии ҳуқуқи конститутсионӣ дар механизми ташаккул ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ мавқеи муҳим дошта, бевосита бо принсипҳои демократия, соҳибихтиёрии халқ ва таъмини ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон алоқаманд мебошад. Моҳияти он танҳо ба баргузории овоздиҳӣ маҳдуд нашуда, маҷмуи пайдарпай ва ба ҳам алоқаманди амалҳо ва расмиёти ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба омодагӣ, ташкил, гузаронидан ва муайян намудани натиҷаҳои интихобот равона шудаанд. Аз ин рӯ, дарки дурусти табиат ва сохтори раванди интихоботӣ барои муайян намудани самаранокии механизми амалисозии ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти таҳқиқи масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо он вобаста аст, ки қонунгузории амалкунандаи интихоботӣ мафҳуми «раванди интихоботӣ»-ро мустақиман муайян накардааст. Ин ҳолат зарурати таҳлили амиқи мазмун, аломатҳои ҳуқуқӣ, сохтор ва марҳилаҳои ин падидаро ба миён меорад. Ҳамзамон, раванди интихоботӣ наметавонад танҳо ҳамчун маҷмуи фаъолияти мақомоти давлатӣ ё иштирокчиёни интихобот баррасӣ гардад, зеро он низоми мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ, расмиёт ва амалҳои пайдарпайро ташкил медиҳад, ки натиҷаи ниҳоии онҳо ташаккули қонунии мақомоти интихобшавандаи ҳокимияти оммавӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи конститутсионӣ, раванди интихоботӣ шакли ташкилӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи субъективии интихоботии шаҳрвандон буда, технологияи иштироки бевоситаи субъектҳои интихоботро дар ташаккули мақомоти интихобшаванда ифода менамояд. Дар ин раванд аҳаммияти махсус ба пайдарҳамии марҳилаҳои интихоботӣ, доираи субъектон, муҳлати анҷом додани амалҳои интихоботӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии риояи принсипҳои интихоботи озод, умумӣ, баробар ва мустақим дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мафҳум ва нишонаҳои моҳиятии раванди интихоботӣ барои такмили қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хосса дорад. Муайян намудани мафҳуми ягонаи ҳуқуқии раванди интихоботӣ метавонад ба гурӯҳбандии дурусти марҳилаҳо ва расмиёти интихоботӣ, муттаҳидсозии истилоҳоти қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои интихоботӣ мусоидат намояд.

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани моҳияти ҳуқуқӣ ва аломатҳои асосии раванди интихоботӣ, таҳлили сохтор ва марҳилаҳои он, муайян намудани муносибати мафҳумҳои «раванди интихоботӣ» ва «маъракаи интихоботӣ» ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии он мебошад.

Раванди интихоботӣ яке аз ниҳодҳои муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва пайдарҳамии ҳокимият, инчунин демократикунонӣ ва қонуниятмандии он ба ҳисоб меравад. Раванди интихоботӣ:

а) роҳи ҳалли ҳуқуқӣ-конститутсионии ташаккули ниҳодҳои асосии демократияи намояндагӣ ва интихоботӣ мебошад;

б) қисми раванди сиёсӣ ва низоми сиёсие мебошад, ки дар кишвар ташаккул ёфта, бевосита бо шароити умумии рушди ниҳодҳои демократӣ, ки шабакаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандонро ташкил медиҳанд, алоқаманд аст;

в) шакли татбиқи ҳуқуқи субъективии сиёсии шаҳрвандон буда, раванди иштироки интихобкунандагонро дар амалисозии ҳокимият инъикос менамояд;

г) унсури ниҳоди ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳамзамон категорияи қонунгузории интихоботӣ ва амалияи татбиқи он, аз ҷумла амалияи судӣ мебошад, ки бо мазмуни васеъ ва маҳдуд истифода гардида, амали мушаххаси он бо доираи вақтӣ, оғоз ва анҷоми марҳилаҳои сохтории раванди интихоботӣ муайян карда мешавад.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Методологияи таҳқиқоти мазкур ба маҷмуи методҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ асос ёфта, хусусияти комплексии омӯзиши раванди интихоботиро ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таъмин менамояд. Дар таҳқиқот пеш аз ҳама методи диалектикӣ истифода гардида, раванди интихоботӣ ҳамчун падидаи динамикӣ дар робитаи мутақобила бо ҳокимияти давлатӣ, демократия, ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва низоми намояндагӣ баррасӣ шудааст.

Бо истифода аз методи формалӣ-ҳуқуқӣ мазмун ва хусусияти меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои интихоботӣ, аломатҳои ҳуқуқии раванди интихоботӣ ва ҷойгоҳи он дар сохтори ҳуқуқи конститутсионӣ таҳлил гардидааст. Ин метод барои муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии амалҳо ва расмиёти интихоботӣ, инчунин барои асоснок намудани зарурати мушаххас намудани мафҳуми раванди интихоботӣ дар қонунгузорӣ истифода шудааст. Масъалаи мазкур махсусан муҳим мебошад, зеро қонунгузории амалкунандаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мазкурро мустақиман муайян накардааст.

Методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои таҳлили мавқеъҳои гуногуни олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба мафҳум, сохтор, субъектҳо ва марҳилаҳои раванди интихоботӣ истифода гардидааст. Дар ин замина таърифҳои илмии раванди интихоботӣ, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд, муқоиса ва унсурҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо муайян карда шудаанд.

Методи системавӣ-структурӣ имкон фароҳам овард, ки раванди интихоботӣ ҳамчун низоми ягонаи амалҳо ва расмиёти ба ҳам алоқаманд таҳлил гардида, муносибати байни марҳилаҳои алоҳидаи он муайян карда шавад. Дар

таҳқиқот инчунин методи таърихию ҳуқуқӣ барои ошкор намудани хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи фаҳмиши раванди интихоботӣ истифода шудааст.

Дар баробари ин, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, муқоиса ва ҷамъбаст барои коркарди маводи назариявӣ, гурӯҳбандии нишонаҳои раванди интихоботӣ ва таҳияи хулосаҳои илмӣ истифода гардидаанд. Махсусан, дар асоси таҳлили назарияҳои мавҷуда марҳилаҳои асосии раванди интихоботӣ муайян карда шуда, ба низоми Тоҷикистон чунин марҳилаҳо таъини интихобот; ташкили ҳавзаҳо, участкаҳо ва комиссияҳои интихоботӣ; пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо; таъмини иттилоотӣ ва ташвиқоти пешазинтихоботӣ; овоздиҳӣ, ҳисоб намудани овозҳо, муайян ва интишори натиҷаҳои интихобот – нисбат дода шудаанд.

Маҷмуи методҳо ва усулҳои истифодашуда имконият фароҳам овард, ки раванди интихоботӣ на танҳо ҳамчун фаъолияти ташкилӣ-техникӣ, балки ҳамчун шакли мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ ва механизми татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон таҳлил карда шавад.

Ба назари мо, раванди интихоботӣ ниҳоди муҳимтарини демократия буда, дар шароити муосир объективона ба қатори падидаҳои мустақил ва дорои аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқи оммавӣ дохил мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди интихоботии дорои хусусияти сифатан нав ташаккул ёфта истодааст. Муайян намудани таърифи дақиқи илмии ин ниҳод, инчунин ошкор намудани мазмун ва сохтори мафҳуми мазкур имкон медиҳад, ки роҳҳали фаъолияти низоми интихоботӣ дар сатҳи умумидавлатӣ ва маҳаллӣ беҳтар дарк карда шавад, истилоҳоти ягонаи қонунгузорӣ ва илмӣ ташаккул дода шавад ва меъёрҳои танзимкунандаи интихобот дар доираи ниҳодҳои ҳуқуқӣ дуруст гурӯҳбандӣ карда шаванд. Ин, ба андешаи мо, метавонад ба рушди қонунгузории интихоботӣ ҳамчун низоми дохилан муназзам, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснокии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намояд [12, с. 200–208].

Хусусияти хоси роҳҳали таъмини ҳуқуқии интихобот аз муттаҳид намудани нақши меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ дар танзими муносибатҳои интихоботӣ иборат мебошад. Агар ҳуқуқи интихоботӣ ҷанбаҳои фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятиро, ки бо ба даст овардан ва интиқоли ваколатҳои ҳокимият ба намояндагони интихобшаванда дар раванди интихоботи умумӣ, баробар, мустақим, бо овоздиҳии пинҳонӣ ва иштироки озодонаву ихтиёрии интихобкунандагон тааллукдоштаро танзим намояд, пас раванди интихоботӣ ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи субъективии интихоботии шаҳрванд, раванди иштироки бевоситаи субъектҳои интихоботро дар ташаккули мақомоти интихобшаванда инъикос менамояд.

Бояд таъкид кард, ки истилоҳи «раванди интихоботӣ» синоними ташаккул ёфтани соҳаи мустақили ҳуқуқ ё зерсоҳаи қонунгузории мурофиавӣ намебошад.

Раванди интихоботӣ ҳамчун шакли мустақили ҳуқуқии маҷмуи муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баромад намуда, ба таъмини омодагӣ ва баргузории интихобот равона гардидааст ва унсури мустақил дар сохтори ҳуқуқи интихоботӣ ва дар маҷмуъ ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар робита ба ин, раванди интихоботиро метавон ҳамчун фаъолияти иштирокчиёни раванди интихоботӣ (субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ), ки бо меъёрҳои мурофиавии қонунгузории интихоботӣ танзим гардида, аз марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд ва аз ҷиҳати мантиқӣ пайдарпай иборат буда, ба принсипҳои демократии ҳуқуқи интихоботӣ такя мекунад ва ба таъмини хусусияти қонунии интихобот равона шудааст, муайян намуд.

Раванди интихоботӣ инфрасохтори технологӣ [17] ва шакли татбиқи принсипҳои конститутсионии ташкили интихоботи даврӣ ва озод, инчунин таъмини ҳуқуқҳои интихоботии инсон ва шаҳрванд дар доираи тартиби муқаррарнамудаи қонун ва пайдарҳамии иҷрои маҷмуи амалҳо ва расмиёти интихоботӣ мебошад.

Муҳокима. Раванди интихоботӣ ҳамчун категорияи сиёсӣ-ҳуқуқӣ бо мазмуни васеъ ва маҳдуд истифода мешавад. Истифодаи мушаххаси он аз доираи вақтӣ оғоз ва анҷоми марҳилаҳои сохтории он, яъне гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар вобаста мебошад.

Бо мазмуни васеъ мафҳуми «раванди интихоботӣ» мазмуни истилоҳи «маъракаи интихоботӣ»-ро фаро мегирад. Маъракаи интихоботӣ давраеро дар бар мегирад, ки аз рӯзи расман интишор гардидани қарори шахси мансабдор ё мақоми ваколатдор оид ба таъини интихобот оғоз гардида, то рӯзи пешниҳоди ҳисоботи комиссияи интихоботии ташкилкунандаи интихобот дар бораи хароҷоти маблағҳои барои баргузории интихобот ҷудогардида идома меёбад.

Бо мазмуни маҳдуд, раванди интихоботӣ ҳамчун падидаи расмиятёфта маҷмуи марҳилаҳои бо қонун муқарраргардидаи ташкил ва баргузории интихобот мебошад, ки бутунӣ ва қонуниятмандии натиҷаҳои овоздиҳӣ ва интихоботро таъмин менамояд. Ҳар як марҳила, дар навбати худ, маҷмуи расмиёт ва амалҳои дахлдори интихоботиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми «раванди интихоботӣ», ки мазмуни «маъракаи интихоботӣ»-ро низ дар бар мегирад, бо он маҳдуд намешавад, зеро як қатор унсурҳои марҳилаҳо, амалҳо ва расмиёти интихоботиро, ки берун аз доираи расмии вақтии маъракаи интихоботӣ қарор доранд, низ фаро мегирад. Масалан, бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ ва баҳисобгирии интихобкунандагон. Ба ибораи дигар, шакли мурофиавӣ ҳамчун сохтори ҳуқуқии ташкил ва баргузории интихобот, ки аз маҷмуи расмиёти интихоботӣ иборат буда, тартиби муайяни анҷом додани амалҳои гуногуни интихоботиро муқаррар менамояд, мавҷудияти раванди интихоботиро ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқие, ки пайдарҳамии амалиёти маъракаи интихоботиро таъмин менамояд, муайян мекунад.

Аҳамияти таҳқиқи мазкур аз он иборат аст, ки қонунгузории амалкунандаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми раванди интихоботиро мустақиман муайян накардааст ва мазмуни ин истилоҳро мушаххас наменамояд.

Муаллифони дигар барҳақ чунин мешуморанд, ки мафҳуми «раванди интихоботӣ» аз лиҳози мазмун ва ҳаҷм васеътар буда, дар баробари ҷанбаҳои ташкилӣ-технологӣ ва иттилоотию молиявӣ, баъзе ҷанбаҳои нави инъикоскунандаи асосҳо ва шароити муосири иҷтимоӣ-сиёсии анҷом додани амалҳо ва расмиёти интихоботиро низ дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, раванди интихоботӣ ва ташкилу баргузории интихобот дар доираи маъракаи интихоботӣ

ҳамчун омили асосии вақтии анҷом додани амалҳои интихоботӣ ва иҷрои расмиёти интихоботӣ амалӣ гардида, татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба интихоботи озод, инчунин ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва мустақими интихоботӣ ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ таъмин менамояд [5, с. 276].

Аз ин рӯ, ҳар як муҳаққиқ ҳангоми баррасии раванди интихоботӣ ё унсурҳои алоҳидаи он кӯшиш менамояд, ки таърифи мустақили худро аз ин мафҳум пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, олими рус И.Б. Борисов таҳти раванди интихоботӣ фаъолияти шахсони воқеӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилот ва гурӯҳҳоро мефаҳмад, ки бо қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ танзим гардида, ба омодагӣ ва баргузории интихобот ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ ва шахсони мансабдори дахлдор равона шудааст [3, с. 5].

Баъзе олимон раванди интихоботиро ҳамчун тартиби бо қонун муқарраргардидаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба омодагӣ, ташкил ва баргузории интихобот муайян менамоянд. Мақсади асосии низоми интихоботӣ муайян намудани натиҷаҳои овоздиҳӣ мебошад [10, с. 181].

Таърифҳои зикршуда қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Аммо, ба андешаи С.И. Сибуляк, ҳангоми муайян намудани мафҳуми раванди интихоботӣ ба фаъолияти шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои онҳо не, балки ба маҷмуи марҳилаҳое бояд такя кард, ки ҳатман бояд аз ҷиҳати мазмун пурра ва мушаххас гардонида шаванд. Илова бар ин, камбудии баъзе таърифҳои пешниҳодшуда дар он аст, ки муаллифон раванди интихоботиро танҳо ба маҷмуи марҳилаҳо маҳдуд намуда, пайдарҳамӣ ва алоқамандии мантиқии дохилии онҳоро нишон намедиҳанд [16, с. 18].

Ин камбудӣ то андозае дар таърифи раванди интихоботӣ, ки аз ҷониби Ю.А. Дмитриев ва В.Б. Исраелян пешниҳод шудааст, бартараф гардидааст. Ба ақидаи онҳо, раванди интихоботӣ «инфрасохтори технологӣ ва шакли татбиқи принсипҳои конститутсионии ташкили интихоботи даврӣ ва озод ва таъмини ҳуқуқҳои интихоботии инсон ва шаҳрванд дар доираи пайдарҳамии амалҳо ва расмиёти интихоботии пешбининамудаи қонун» мебошад [8, с. 506].

Ба андешаи конститутсионалисти маъруфи рус М.В. Баглай, раванди интихоботӣ маҷмуи марҳилаҳоест, ки аз лаҳзаи таъини санаи интихобот оғоз ёфта, то эълони натиҷаҳои овоздиҳӣ пайдарпай якдигарро иваз мекунанд [2, с. 370].

Олимони дигари рус, аз ҷумла Ю.А. Веденеев ва В.И. Лысенко, раванди интихоботиро «ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи субъективии интихоботии шаҳрванд, ки технологияи иштироки бевоситаи субъектҳои интихоботро дар ташаккули мақомоти интихобшаванда инъикос менамояд», баррасӣ мекунанд [9, с. 274].

Бояд таъкид кард, ки дар аксари таърифҳои мафҳуми «раванди интихоботӣ» таваҷҷуҳи асосӣ ба фаъолияти субъектҳо равона карда мешавад. Аммо раванди интихоботӣ танҳо фаъолият нест, балки таъмини шароити гузаронидани он, яъне маҷмуи муайяни дониш ва малакаҳоро низ дар бар

мегирад. Дар ин ҷо ҷанбаи техникии масъала аҳамияти махсус пайдо мекунад. Хусусияти дигари муҳими раванд омили вақт мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани мафҳуми раванди интихоботӣ бояд давомнокӣ ва рушди ин фаъолият дар вақт низ ба назар гирифта шавад.

Мавқеи қобили таваҷҷуҳро оид ба таърифи мазкур Е.Н. Хрусталев пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ, раванди интихоботӣ фаъолияти иштирокчиёни раванди интихобот мебошад, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ танзим гардида, аз марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд ва аз ҷиҳати мантиқӣ пайдарпай иборат буда, ба принсипҳои демократии ҳуқуқи интихоботӣ такя мекунад ва ба қонунӣ гардонидани интихобот равона шудааст [14, с. 33].

Ҳамчунин мавқеи муҳаққиқони назарияи ҳуқуқ қобили таваҷҷуҳи махсус мебошад, ки тибқи он раванди интихоботӣ яке аз шаклҳои раванди ҳуқуқӣ бо маънои васеи он ба ҳисоб меравад.

Раванди ҳуқуқӣ ҳамчун низоми мураккаби шаклҳои ба ҳам органикӣ алоқаманди фаъолияти ҳуқуқии мақомоти ваколатдори давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳои ҳуқуқ, ки барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ манфиатдор мебошанд, фаҳмида мешавад. Он дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

а) ифода ёфтани фаъолияти муайяни ҳокимиятии давлат;

б) пайдарҳамии амалҳо ва расмиёти анҷомдодашаванда, ки мақсади онҳо татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ мебошад;

в) ифода ёфтани мақсади иҷтимоии он, яъне таъмини татбиқи меъёрҳои моддии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ [15, с. 14];

г) равона будан ба натиҷаи муайян, ки натиҷаи ниҳоии амалиёт ва амалҳои дахлдори субъектҳо ва иштирокчиёни фаъолияти мушаххасро ифода менамояд.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, мафҳуми зерини раванди интихоботӣ муқаррар карда шавад: «Раванди интихоботӣ – маҷмуи пайдарпай анҷомдодашавандаи амалҳо ва расмиёти интихоботие мебошад, ки бо Қонуни конститутсионии мазкур танзим гардида, дар вақт муайян карда шудаанд ва ба таъмини бутунӣ ва қонуниятмандии омодагӣ ва баргузории интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин интихоботи шахсони мансабдори интихобшаванда равона гардидаанд.

Дар баробари ин, муҳаққиқон бар он назаранд, ки мафҳуми «раванди интихоботӣ», гарчанде мафҳуми «маъракаи интихоботӣ»-ро дар бар мегирад, ба он маҳдуд намешавад, зеро раванди интихоботӣ падидаи нисбатан мураккаб буда, як қатор марҳилаҳо, амалҳо ва расмиёти пайдарпай ва ба ҳам алоқамандро фаро мегирад, ки баъзеи онҳо берун аз доираи расмии вақтии маъракаи интихоботӣ қарор доранд.

Раванди демократии интихоботӣ қисми раванди сиёсӣ ва низоми сиёсии дар кишвар амалкунанда буда, бевосита бо шароити умумии рушди ниҳодҳои демократӣ, ки инфрасохтори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандонро ташкил медиҳанд, алоқаманд мебошад. Он на танҳо воситаи техникии ташкили овоздиҳӣ, балки ниҳоди таъмини суботи

сиёсӣ, пайдарҳамии ҳокимият, хусусияти демократӣ ва қонуниятмандии ҳокимият мебошад.

Маъракаи интихоботӣ – фаъолият оид ба омодагӣ ва баргузории интихобот мебошад, ки дар давраи аз рӯзи расман интишор гардидани қарори шахси мансабдор, мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки барои таъини интихобот ваколатдор аст, то рӯзи пешниҳоди ҳисоботи комиссияи интихоботии ташкилкунандаи интихобот дар бораи хароҷоти маблағҳои буҷети дахлдори барои омодагӣ ва баргузории интихобот ҷудогардида анҷом дода мешавад [1, с. 23].

Раванди интихоботӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои муайян мебошад.

Якум, он шакли ҳуқуқии татбиқи ҳокимияти давлатӣ, идома ва нигоҳдории ҳокимият мебошад.

Олими маъруфи рус Ю.А. Веденеев дар ин робита дуруст қайд менамояд, ки маҳз тавассути интихоботи демократӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, ки дар назди шаҳрвандон масъулият доранд, ташаккул меёбанд; маҳз тавассути иштирок дар раванди интихоботӣ ба сиёсати давлатӣ таъсир расонида мешавад ва интихоботи қонунӣ шакли самаранок ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асосноки татбиқ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон мебошад [5, с. 36].

Дуюм, раванди интихоботӣ мафҳуми динамикӣ [18] буда, фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ, яъне анҷом додани амалҳои муайяни дорои хусусияти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Субъектҳои мазкур тавассути анҷом додани амалҳои интихоботӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, амалӣ менамоянд.

Дар масъалаи субъектҳои иштироккунандаи раванди интихоботӣ мавқеи мутахассисон яксон нест. Масалан, Ю.А. Веденеев ба чунин субъектҳо интихобкунандагон, ташкилкунандагони интихобот, номзадҳо ба вакилӣ, шахсони боэътимоди онҳо, нозирони ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои интихоботиро дохил менамояд [7, с. 83].

Ба назари мо, доираи иштирокчиёни раванди интихоботӣ васеътар буда, инҳоро дарбар мегирад: шаҳрвандон; интихобкунандагон; комиссияҳои интихоботӣ; аъзои комиссияҳои интихоботӣ бо ҳуқуқи машваратӣ; мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ; шахсони мансабдори онҳо; иттиҳодияҳои интихоботӣ; судҳо; маъмурият ва коллективҳои меҳнатии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо; номзадҳо; шахсони боэътимоди онҳо; нозирон, аз ҷумла нозирони байналмилалӣ; воситаҳои ахбори омма, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои интихоботӣ-мурофиавӣ мебошанд.

Сеюм, раванди интихоботӣ аз рӯи мазмун ва натиҷа фаъолияти ҳуқуқӣ буда, дорои мақсади қатъиян муайян – ташаккули мақомоти ҳокимияти оммавӣ мебошад.

Чорум, раванди интихоботӣ фаъолиятест, ки бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ танзим карда мешавад. Аммо истилоҳи «раванди интихоботӣ» синонимии мафҳуми ташаккули соҳаи нави мустақили ҳуқуқ ё зерсоҳаи

қонунгузории мурофиавӣ нест. Он муносибатҳои хоси худро танзим намуда, ҳамзамон дар таркиби ҳуқуқи интихоботӣ боқӣ мемонад.

Панҷум, раванди интихоботӣ марҳилаҳои нисбатан пайдарпай, мустақил, ба ҳам алоқаманд ва якдигарро ивазкунанда дар бар мегирад, ки дар маҷмуъ сохтори онро ташкил медиҳанд. Ҳар як марҳила вазифаи мушаххаси худро дорад [13, с. 33].

Ба андешаи С.Д. Князев, марҳилаҳои асосии раванди интихоботӣ, ки мазмуни омодагӣ ва баргузории интихоботро инъикос мекунанд, аз таъини интихобот; ташаккули заминаи ташкилӣ-технологии интихобот; пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо (рӯйхати номзадҳо); ташвиқоти пешазинтихоботӣ; овоздиҳӣ; муайян намудани ҷамъбасти овоздиҳӣ ва натиҷаҳои интихобот ва қонунигардони намудани онҳо иборат мебошанд [11, с. 33–34].

Муҳаққиқи рус Е.Н. Хрусталев марҳилаҳои асосии раванди интихоботиро чунин номбар менамояд:

а) марҳилаи омодагӣ, ки аз рӯзи расман интишор гардидани қарори шахси мансабдор ё мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар бораи таъини интихобот оғоз гардида, маҷмуи амалҳои вобаста ба фароҳам овардани замина ва шароити зарурии молиявӣ, ҳуқуқӣ, методӣ, ташкилӣ, техникӣ ва ғайраро барои пешбарии номзадҳо ва овоздиҳӣ дар бар мегирад. Дар ин марҳила инчунин ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ, тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон ва муайяну интишор намудани ҳудуди ҳавзаҳои интихоботӣ дар воситаҳои ахбори омма анҷом дода мешавад;

б) маҷмуи амалҳои вобаста ба ташкили низоми комиссияҳои интихоботӣ;

в) пешбарии номзадҳо;

г) бақайдгирии номзадҳо;

д) марҳилаи ташвиқоти пешазинтихоботӣ;

е) ташаккули фондҳои интихоботӣ;

ж) овоздиҳӣ;

з) муайян намудани ҷамъбасти овоздиҳӣ ва натиҷаҳои интихобот;

и) қонунигардонӣ намудани интихобот [14, с. 32–35].

Ба назари мо, мавқеи он муҳаққиқоне, ки марҳилаҳои асосии раванди интихоботиро чунин муайян менамоянд, ба низоми интихоботии Тоҷикистон бештар мувофиқ мебошад:

1. таъини интихобот;

2. ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ, тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон ва ташкили комиссияҳои интихоботӣ;

3. пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо (рӯйхати номзадҳо);

4. таъмини иттилоотии интихобот ва гузаронидани ташфиқоти пешазинтихоботӣ;

5. овоздиҳӣ, ҳисоб намудани овозҳо, муайян намудани ҷамъбасти овоздиҳӣ, муайян намудани натиҷаҳои интихобот ва интишори онҳо.

Марҳилаҳои зикршуда мазмуни ҳар як раванди интихоботиро ташкил медиҳанд. Раванди интихоботӣ бидуни мавҷудияти ҳатто яке аз ин марҳилаҳо наметавонад пурра амалӣ гардад.

Дар баробари ин, марҳилаҳои факултативӣ инҳоянд: гузаронидани овоздиҳии такрорӣ, интихоботи такрорӣ ва интихоботи вакилони ба ҷойи вакилони хориҷшуда, дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба назари мо, раванди интихоботиро метавон ҳамчун маҷмуи расмиёти интихоботӣ ва амалҳои интихоботӣ (марҳилаҳо), ки ба интихоб шудани мақомоти ҳокимияти оммавӣ равона гардида, ба андозаи муайян бо меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ, ки қисми асосии онҳо хусусияти мурофиавӣ доранд, танзим карда мешаванд, муайян намуд.

Дар анҷом бояд таъкид намуд, ки яке аз хусусиятҳои асосии раванди интихоботӣ ва махсусан натиҷаҳои он дар давлатҳои демократӣ қонунигардонӣ, яъне эътироф ва эътимод ба раванди интихоботӣ мебошад.

Одатан, мафҳуми қонунигардонӣ ҳамчун эътимоди аҳолӣ фаҳмида мешавад. Аммо ба андешаи як қатор олимон ва сиёсатмадорон, дар ҷаҳони имрӯзаи ҷаҳонишаванда қонунигардонии раванди интихоботӣ ва натиҷаҳои он аз якчанд унсур иборат мебошад: эътирофи он аз ҷониби шаҳрвандон ё аксарияти онҳо; эътирофи он аз ҷониби дигар субъектҳои раванди интихоботӣ, ки дар маъракаи интихоботӣ иштирок намудаанд; инчунин эътирофи он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ва нозирони хориҷӣ.

Иштирокчиёни маъракаи пешазинтихоботӣ бояд ба адолати шароити муқарраргардида, баробарии имкониятҳо барои пешниҳод намудани мавқеи худ, мавҷудияти роҳҳалҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқҳо ва татбиқи ҷавобгарии муносиб нисбат ба вайронкунандагони ин ҳуқуқҳо, инчунин одилона гузаштани рақобат барои ба даст овардани овозҳои интихобкунандагон итминон дошта бошанд.

Интихобкунандагон бояд ба таъмини ҳуқуқи худ барои интихоб кардан ва интихоб шудан, инчунин ба дуруст ва одилона муайян гардидани натиҷаҳои овоздиҳӣ боварӣ дошта бошанд.

Нозирони байналмилалӣ бояд мутмаин гарданд, ки давлат иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтаи худро оид ба баргузории интихобот мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ таъмин намудааст.

Натиҷаи таъмини ин шартҳо бояд чунин бошад, ки интихобкунандагон мутмаин гарданд: иродаи онҳо дар муайян намудани ғолиби интихобот таъсири ҳалкунанда доштааст ва ғолиб воқеан манфиатҳои онҳоро намояндагӣ хоҳад кард. Иштирокчиёни раванди интихоботӣ низ бояд мутмаин бошанд, ки ғолиб аксарияти овозҳоро бо роҳи одилона ба даст овардааст. Нозирони миллӣ ва байналмилалӣ бошанд, бояд ба он итминон дошта бошанд, ки дар ҳамаи марҳилаҳои раванди интихоботӣ тартиби зарурии ташкил ва баргузории интихобот таъмин гардидааст.

Албатта, ин як тарҳи муайяни мувофиқ мебошад, аммо ба андешаи мо, он ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки талошҳо барои таъмини қонунигардонии раванди интихоботӣ бояд ба кадом самт равона карда шаванд ва натиҷаи чунин таъминот бояд чӣ гуна бошад.

Қонунигардонӣ дар раванди интихоботӣ метавонад тавассути як қатор воситаҳо таъмин карда шавад: устувории қонунгузории интихоботӣ; истифодаи расмиёти одилона ва шаффофи интихоботӣ; таъмини низоми самараноки назорат

ба ҷараёни интихобот; ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои раванди интихоботӣ; танзими тартиби истифодаи воситаҳои ахбори омма; фароҳам овардани имконияти самараноки назорати раванди интихоботӣ аз ҷониби нозирони миллӣ ва хориҷӣ ва ғайра.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии роҳҳои ҳалли таъмини қонунигардонии раванди интихоботӣ ва натиҷаҳои он зарур аст, ки аз тағйир додани қонунгузории интихоботӣ дар арафаи интихобот худдорӣ карда шавад. Ҳамчунин зарур аст, ки бо иштироки ҷомеа муҳокимаҳо гузаронида шуда, қоидаҳои қобили қабул барои ҳамаи иштирокчиён ва қонунгузории мукаммал ва ба ҳам зиддиятнадошта таҳия карда шаванд.

Ҳамзамон, зарур аст ба ташкили низоми омӯзиш ва такмили дониши аъзои комиссияҳои интихоботӣ таваҷҷуҳи бештар дода шавад, зеро ба фаъолияти онҳо, пеш аз ҳама, раванди интихоботӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар ин низом бояд ба тарзи муносибати комиссияҳои интихоботӣ бо намояндагони воситаҳои ахбори омма ва нозирони байналмилалӣ, бо мақсади пешгирии поймол гардидани ҳуқуқҳои онҳо, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки раванди интихоботӣ дар низоми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди мустақил ва мураккаби ҳуқуқӣ буда, мазмуни он аз маҷмуи амалҳо ва расмиёти пайдарпайи бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимшаванда иборат мебошад. Он танҳо ба маъракаи интихоботӣ ё фаъолияти мақомоти ташкилкунандаи интихобот маҳдуд намешавад, балки низоми васеътари муносибатҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки барои омодагӣ, ташкил, баргузорӣ ва қонунигардонии натиҷаҳои интихобот заруранд.

Дар натиҷаи таҳлил муайян гардид, ки яке аз мушкилоти асосии ҳуқуқӣ дар ин самт набудани таърифи мустақими мафҳуми «раванди интихоботӣ» дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини ягонагии истилоҳоти ҳуқуқӣ, дақиқ намудани ҳудуди танзими ҳуқуқӣ ва гурӯҳбандии марҳилаҳои интихоботӣ ба қонунгузорӣ ворид намудани таърифи меъёрии ин мафҳум мувофиқи мақсад мебошад.

Бо назардошти таҳлили мавқеъҳои илмӣ ва хусусиятҳои низоми интихоботии Тоҷикистон, раванди интихоботиро метавон ҳамчун маҷмуи расмиёти интихоботӣ ва амалҳои интихоботии пайдарпай ва ба ҳам алоқаманд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи интихоботӣ танзим гардида, ба омодагӣ, ташкил, баргузорӣ ва муайян намудани натиҷаҳои қонунии интихобот ва ташаккули мақомоти интихобшавандаи ҳокимияти оммавӣ равона шудаанд, муайян намуд. Ин таъриф моҳияти мурофиавӣ, пайдарҳамӣ, мақсаднокӣ ва натиҷамандии раванди интихоботиро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, раванди интихоботӣ бояд аз маъракаи интихоботӣ фарқ карда шавад. Маъракаи интихоботӣ дорои ҳудуди муайяни вақтӣ буда, асосан ба фаъолияти давраи расмии омодагӣ ва баргузории интихобот дахл дорад, дар ҳоле ки раванди интихоботӣ аз ҷиҳати мазмун васеътар буда, метавонад муносибатҳо ва амалҳоеро низ фаро гирад, ки берун аз доираи вақтии маъракаи интихоботӣ қарор доранд.

Таҳқиқот инчунин нишон медиҳад, ки раванди интихоботӣ дорои як қатор аломатҳои аслӣ мебошад: хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, динамикӣ ва пайдарпайӣ; танзими ҳуқуқӣ-мурофиавӣ; доираи муайяни субъектон; мақсади мушаххаси ташаккули мақомоти интихобшавандаи ҳокимияти давлатӣ; инчунин мавҷудияти марҳилаҳои нисбатан мустақил, вале ба ҳам алоқаманд.

Дар баробари ин, қонунигардонии раванди интихоботӣ ва натиҷаҳои он ҳамчун унсури муҳими интихоботи демократӣ бояд таъмин карда шавад. Барои ин устувории қонунгузории интихоботӣ, шаффофияти расмиёти интихоботӣ, назорати самаранок, ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои интихоботӣ ва фаъолияти босалоҳияти комиссияҳои интихоботӣ аҳаммияти махсус доранд.

Ҳамин тариқ, такмили мафҳуми ҳуқуқии раванди интихоботӣ ва мушаххас намудани сохтору марҳилаҳои он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои рушди минбаъдаи ҳуқуқи интихоботӣ, таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҳкими кафолатҳои амалисозии ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон заминаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам оварад.

Таҳқиқоти мазкур тибқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳти унвони «рушди муносибатҳои конститутсионӣ ва маъмурӣ дар шароити муосири Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор – Сулаймонзода М.С.

Адабиёт

1. Имомов А. Ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2015. – С. 23.

2. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. – М., 2009. – С. 370.

3. Борисов И.Б., Малеев Ю.Н. Основные права и обязанности государств в избирательном процессе // Московский журнал международного права. 2002. № 1. – С. 5.

4. Белов С.А. Избирательная система как правовой институт. – С. 11.

5. Веденеев Ю.А. Политическая демократия и электорально-правовая культура // Государство и право. 1997. № 2. – С. 36.

6. Веденеев Ю.А., Лысенко В.И. Избирательный процесс: понятие, структура и основные стадии // Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации / Отв. ред. А.А. Вешняков. – М., 2003. – С. 276.

7. Веденеев Ю.А. Новое избирательное право Российской Федерации: проблемы развития // Вестник ЦИК РФ. 1997. № 2 (44). – С. 83.

8. Дмитриев Ю.А., Исраелян В.Б. Избирательное право и процесс в Российской Федерации. Ростов-на-Дону: Феникс, 2004. – С. 506.

9. Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации: учебник / под ред. А.А. Вешнякова. – С. 274.

10. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент А.М. Диноршоев, н.и.ҳ., дотсент Б.С. Гадоев. – Душанбе, 2015. – С. 187.

11. Князев С.Д. Избирательное право в правовой системе Российской Федерации (проблемы теории и практики): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – СПб., 1999. – С. 33–34.

12. Мясников А.П. Избирательная система и избирательное право: понятие и соотношение // Путь в науку: Молодые ученые об актуальных проблемах социальных и гуманитарных наук. – Ростов н/Д, 2004. Вып. 5. – С. 200-208.

13. Навальный С.В. Избирательное право: роль и место в системе права России // Право и политика. 2003. № 12. – С. 28.

14. Хрусталев Е.Н. Избирательный процесс в России: понятие и стадии // Правоведение. 1998. № 2. -С. 33.

15. Процессуальные нормы и отношения в советском праве (в непроцессуальных отраслях). – Воронеж, 1985. – С. 14.

16. Цыбуляк С.И. Избирательный процесс: проблемы определения понятия // Государственное и местное самоуправление. 2009. № 5. – С. 18.

Мафҳум ва моҳияти раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур мурофиаи интихобот – даврaҳои асосии ташкил ва гузаронидани интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нуқтаи назари олимон вобаста ба мавзуи мазкур мавриди таҳлил қарор гирифта, санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқие, ки мурофиаи интихоботро танзим мекунанд баррасӣ гардида, пешниҳодҳои илмӣ тавсия гардидан.

Калидвожаҳо: мурофиаи интихобот, ҳуқуқи интихобот, низоми интихобот, мақомоти давлатӣ, нозирони хориҷӣ.

Понятие и сущность избирательного процесса в Республике Таджикистан

В статье анализируется избирательный процесс – в частности, ключевые этапы организации и проведения выборов в Республике Таджикистан, – а также рассматриваются научные подходы к данной проблематике. Автор проводит обзор нормативных правовых актов, регулирующих избирательный процесс, и предлагает научно обоснованные рекомендации.

Ключевые слова: избирательный процесс, избирательное право, избирательная система, государственные органы, иностранные наблюдатели.

The Concept and Essence of the Electoral Process in the Republic of Tajikistan

This article deals with the notion of the electoral process - the main stages of the organization and conduct of elections in the Republic of Tajikistan and the views of scientists on this issue, taking into account the regulatory legal acts governing the electoral process, scientific proposals are being put forward.

Key words: electoral process, electoral law, electoral system, state body, international observers.

Маълумот дар бораи муаллиф: Гадоев Бурҳонидин Саймудинович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 917756320.** E-mail: **burkhonidin.gadoeyev.69@mail.ru**
Сведения об авторе: Гадоев Бурхонидин Саймудинович – Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор кафедры конституционного и административного права. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 917756320.** E-mail: **burkhonidin.gadoeyev.69@mail.ru**
About the author: Burkhonidin Saimudinovich Gadoev – Tajik National University, Faculty of Law; Doctor of Law, Professor at the Department of Constitutional and Administrative Law. Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734025. Phone: +992 917756320. E-mail: burkhonidin.gadoeyev.69@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 5.5.3) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.3)

МАФҲУМИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН БАРОИ ТАНЗИМИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Саидзода Г.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт дар марҳилаи ташаккул ва такмил қарор дошта, рушди босуръати технологияҳои молиявӣ аз илми ҳуқуқ талаб менамояд, ки асосҳои назариявии институтҳои ҳуқуқии марбут ба ҳисоббаробаркуниҳоро аз нав баррасӣ намояд.

Дараҷаи омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки масъалаҳои алоҳидаи танзими ҳисоббаробаркунӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз ҷумла Е.М. Вавилова, И.И. Гибадуллин, Е.Н. Зачёсса, Э.А. Овсянникова, Ҳ.И. Муминзода, М.Н. Муминзода ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти комплексӣ оид ба мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ ва аҳамияти он барои танзими пардохтҳои ғайринақдӣ хеле маҳдуд мебошанд.

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани моҳият ва табиати ҳуқуқии ҳисоббаробаркунӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқи маданӣ ва ошкор намудани аҳамияти он дар механизми танзими ҳуқуқии пардохтҳои ғайринақдӣ мебошад.

Усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳқиқ усулҳои таҳлил ва синтез, усули мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва формалӣ-ҳуқуқӣ истифода шуданд.

Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ барои омӯзиши ташаккул ва рушди падидаи ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи маданӣ татбиқ гардид. Бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои дигар ва муносибати олимони хориҷӣ ба масъалаҳои ҳисоббаробаркунӣ таҳлил карда шуданд.

Қисми асосӣ. Муайян намудани мафҳуми «ҳисоббаробаркунӣ» барои фаҳмиши дурусти муносибатҳои пардохтӣ аҳамияти муҳим дорад. Бо вуҷуди истифодаи васеи ин мафҳум дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, дар илми ҳуқуқи мадани то имрӯз муносибати ягона нисбат ба мазмун ва моҳияти он ташаккул наёфтааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ якчанд равишҳо нисбат ба мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ вуҷуд доранд.

Тибқи равиши аввал, ҳисоббаробаркунӣ ҳамчун интиқоли маблағҳои пулӣ аз як шахс ба шахси дигар фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат диққати асосӣ ба ҷониби техникии иҷрои пардохт равона гардида, муносибатҳои ҳуқуқии байни иштирокчиён камтар ба инобат гирифта мешаванд.

Тарафдорони равиши дуюм ҳисоббаробаркуниро ҳамчун шакли иҷрои уҳдадории пулӣ арзёбӣ менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, ҳисоббаробаркунӣ воситаи ба анҷом расонидани уҳдадории мавҷуда буда, аҳаммияти мустақили ҳуқуқӣ надорад.

Равиши сеюм бошад, ҳисоббаробаркуниро ҳамчун муносибати мустақили ҳуқуқӣ тавсиф мекунад, ки дар он якчанд субъект – қарздор, кредитор ва ташкилоти қарзӣ – иштирок намуда, маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои ба ҳам алоқамандро амалӣ менамоянд.

Ба андешаи Е.М. Вавилова, муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дорои хусусияти мураккаб буда, онҳо танҳо ба интиқоли маблағҳои пулӣ маҳдуд намегарданд. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ якчанд муносибатҳои мустақили ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ки байни иштирокчиёни асосӣ ва ташкилотҳои қарзӣ амалӣ мешаванд (Вавилова Е.М. Гражданско-правовое регулирование безналичных расчетов. Москва, 2021. С. 41–43).

Дар ҳамин замина Е.Н. Зачёсса ва Э.А. Овсянникова қайд менамоянд, ки моҳияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ҳаракати воқеии маблағҳои нақдӣ ба амал наомада, иҷрои уҳдадорӣ тавассути сабтҳои дахлдор дар суратҳисобҳои бонкӣ таъмин карда мешавад (Зачёсса Е.Н., Овсянникова Э.А. Сущность безналичных расчетов в РФ. 2018. С. 94).

Ба назари мо, ҳеҷ яке аз равишҳои мазкур наметавонад моҳияти ҳисоббаробаркуниро ба таври пурра инъикос намояд. Маҳдуд намудани он танҳо ба интиқоли маблағҳои пулӣ хусусияти ҳуқуқии муносибатҳоро нодида мегирад. Дар айни замон, муайян кардани ҳисоббаробаркунӣ танҳо ҳамчун шакли иҷрои уҳдадории пулӣ низ доираи васеи муносибатҳои байни ташкилотҳои қарзӣ ва иштирокчиёни пардохтро пурра дар бар намегирад.

Аз ин рӯ, ҳисоббаробаркунӣ бояд ҳамчун категорияи мураккаби ҳуқуқи маданӣ арзёбӣ гардад, ки ҳам ҷанбаи моддӣ ва ҳам ҷанбаи мурофиавии иҷрои уҳдадориҳои пулиро фаро мегирад.

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар илми ҳуқуқи маданӣ муайян намудани муносибати байни мафҳумҳои зикршуда мебошад.

Уҳдадории пулӣ навъи уҳдадории маданӣ буда, тибқи он қарздор вазифадор аст ба манфиати кредитор маблағи муайяни пулро пардохт намояд.

Иҷрои уҳдадорӣ бошад, категорияи умумӣ ба ҳисоб рафта, тамоми амалҳои қонунӣ ва воқеиро, ки ба қонеъ гардонидани манфиати кредитор равона шудаанд, дар бар мегирад.

Дар навбати худ, ҳисоббаробаркунӣ яке аз воситаҳои асосии иҷрои уҳдадории пулӣ мебошад. Бо ёрии он интиқоли маблағҳо байни иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ таъмин мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ шакли муайяни анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ буда, тавассути ташкилотҳои қарзӣ ва воситаҳои электронии пардохт амалӣ мешавад.

Аз таҳлили мафҳумҳои мазкур чунин хулоса бармеояд:

a. уҳдадории пулӣ ҳамчун муносибати асосӣ баромад мекунад;

b. иҷрои уҳдадорӣ категорияи умумӣ мебошад;

c. ҳисоббаробаркунӣ воситаи иҷрои уҳдадории пулӣ аст;

d. пардохти ғайринақдӣ шакли мушаххаси ҳисоббаробаркунӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, байни ин мафҳумҳо муносибати «умумӣ ва махсус» вуҷуд дорад.

Муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дорои хусусияти мураккаб мебошанд. Онҳо ҳамзамон унсурҳои ҳуқуқи уҳдадорӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи хизматрасониҳои молиявиро дар бар мегиранд.

Дар чунин муносибатҳо одатан се гурӯҳи субъект иштирок менамоянд:

– пардохткунанда;

– гирандаи маблағ;

– ташкилоти қарзӣ ё провайдери хизматрасониҳои пардохтӣ.

Хусусияти муҳимми муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо одатан дар асоси муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, шартномаи хариду фурӯш, пудрат ё хизматрасонӣ уҳдадории асосиро ба вуҷуд оварда, ҳисоббаробаркунӣ механизми иҷрои қисми пулии онро таъмин менамояд.

Бо вуҷуди хусусияти ёридиҳанда доштани онҳо, муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ мустақилияти нисбӣ доранд. Масалан, ҳатто дар сурати беэътибор донистани шартномаи асосӣ масъалаҳои вобаста ба баргардонидани маблағҳо ва ҷавобгарии ташкилотҳои қарзӣ ба миён оянд.

Дар робита ба ин, муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ метавонанд ҳамчун маҷмуи муносибатҳои маданӣ муайян карда шаванд, ки дар доираи онҳо интиқоли ҳуқуқии маблағҳои пулӣ бо мақсади иҷрои уҳдадории пулӣ амалӣ мегардад.

Таҳлили моҳияти ҳисоббаробаркунӣ аҳамияти на танҳо назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Аввалан, фаҳмиши дурусти ин мафҳум имкон медиҳад, ки доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои пардохтӣ дақиқ муайян карда шавад.

Дуюман, муайян намудани табиати ҳуқуқии ҳисоббаробаркунӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии ташкилотҳои қарзӣ аҳамияти муҳим дорад.

Сеюм, рушди технологияҳои рақамӣ боиси пайдоиши шаклҳои нави анҷом додани пардохтҳо гардидааст. Дар чунин шароит маҳдуд намудани ҳисоббаробаркунӣ танҳо ба амалиёти бонкии анъанавӣ метавонад ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ монеа гардад.

Аз ин рӯ, мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ бояд ба таври васеъ шарҳ дода шуда, тамоми шаклҳои муосири интиқоли маблағҳо, аз ҷумла пардохтҳои мобилӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва дигар воситаҳои рақамиро дар бар гирад.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии муосир ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба яке аз воситаҳои асосии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ табдил ёфтаанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд шакли анҷом додани чунин ҳисоббаробаркуниҳоро пешбинӣ менамояд, ки ҳар яке дорои хусусиятҳои ҳуқуқии хоси худ мебошад.

Ҳисоббаробаркунӣ бо истифода аз супоришномаи пардохт шакли маъмултарини пардохтҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат соҳиби

суратҳисоб ба ташкилоти қарзӣ дастур медиҳад, ки маблағи муайянро ба фоидаи гирандаи маблағ интиқол диҳад.

Тавре И.И. Гибадуллин қайд менамояд, мушкилоти асосии татбиқи чунин шакли ҳисоббаробаркунӣ бештар ба муайян намудани лаҳзаи иҷро гардидани уҳдадории пулӣ, масъулияти ташкилоти қарзӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супориш ва тақсими хавфҳо байни иштирокчиён вобаста мебошад (Гибадуллин И.И., 2021. С. 63).

Бартарии ин шакл дар содагӣ ва суръати анҷом додани пардохтҳо ифода меёбад. Дар айни замон, барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни чунин муносибатҳо танзими муфассали масъалаҳои ҷавобгарӣ аҳамияти муҳим дорад.

Аккредитив ҳамчун шакли нисбатан мураккаби ҳисоббаробаркунӣ дар муомилоти тиҷоратӣ истифода мешавад. Моҳияти он дар он ифода меёбад, ки ташкилоти қарзӣ уҳдадор мешавад дар ҳолати аз ҷониби гирандаи маблағ пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои муайян маблағро пардохт намояд.

Ин шакли ҳисоббаробаркунӣ барои коҳиш додани хавфҳои иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ мусоидат намуда, махсусан дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ васеъ истифода мешавад.

Ҳангоми истифодаи инкассо ташкилоти қарзӣ аз номи муштарӣ барои гирифтани маблағ аз пардохткунанда амал менамояд. Дар чунин муносибатҳо ташкилоти қарзӣ бештар вазифаи миёнаравиро иҷро мекунад.

Истифодаи ин шакли ҳисоббаробаркунӣ дар амалияи муосир нисбатан маҳдуд буда, бештар дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки байни тарафҳо сатҳи муайяни эътимод вуҷуд дорад.

Чек яке аз воситаҳои анъанавии ҳисоббаробаркунӣ ба ҳисоб меравад. Он санади муқарраргардидаест, ки тибқи он чекдиҳанда ба ташкилоти қарзӣ дастур медиҳад маблағи муайянро ба чекдоранда пардохт намояд.

Бо вуҷуди аҳамияти таърихии худ, дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ истифодаи чек тадриҷан коҳиш ёфта истодааст.

Кортҳои бонкӣ имрӯз яке аз воситаҳои асосии анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки амалиётҳои пардохтӣ зуд, қулай ва бехатар анҷом дода шаванд.

Рушди низоми миллии пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиёд гардидани истифодаи чунин воситаҳо мусоидат намудааст. Аммо масъалаҳои марбут ба ҳифзи маълумоти шахсӣ, пешгирии қаллобӣ ва тақсими ҷавобгарӣ байни иштирокчиён то ҳол аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд.

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ шаклҳои нави ҳисоббаробаркунӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба онҳо пардохтҳои мобилӣ, ҳамёнҳои электронӣ, QR-пардохтҳо ва дигар воситаҳои рақамӣ дохил мешаванд.

Бартарии асосии чунин воситаҳо дар дастрасӣ ва суръати анҷом додани амалиёт ифода меёбад. Дар баробари ин, масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти киберӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагон аҳамияти махсус касб менамоянд.

Асоси ҳуқуқии танзими муносибатҳои вобаста ба ҳисоббаробаркунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Пеш аз ҳама, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ва шаклҳои алоҳидаи ҳисоббаробаркуниҳоро танзим менамояд.

Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ваколатҳои мақоми танзимкунандаро дар соҳаи низоми пардохт муайян мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бошад, асосҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзиро ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои пардохтӣ муқаррар менамояд.

Дар солҳои охир аҳаммияти махсусро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт» касб намудааст, ки муносибатҳои вобаста ба хизматрасониҳои пардохтӣ, фаъолияти провайдерҳои хизматрасониҳои пардохтӣ ва фаъолияти низоми пардохтро танзим мекунад.

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар қонунгузории миллӣ як қатор мушкилот вуҷуд доранд:

– мавҷуд набудани таърифи возеҳ ва мукаммали мафҳуми «ҳисоббаробаркунӣ»;

– номукаммалии танзими масъалаҳои вобаста ба воситаҳои нави электронии пардохт;

– мавҷудияти холигиҳои ҳуқуқӣ дар масъалаҳои ҷавобгарии иштирокчиёни муносибатҳои пардохтӣ;

– нокифоя будани кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ.

Дар амалия як қатор масъалаҳои баҳснок ба миён меоянд.

Аввалан, дар ҳолатҳои анҷом додани пардохтҳои электронӣ муайян намудани лаҳзаи иҷро гардидани уҳдадории пулӣ мушкилот эҷод менамояд.

Сипас, дар ҳолати интиқоли нодурусти маблағҳо масъалаи муайян намудани субъекти масъул ҳамеша ба таври возеҳ ҳал карда намешавад.

Сеюм, рушди босуръати технологияҳои молиявӣ аксаран аз рушди қонунгузорӣ пеш гузашта, зарурати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба миён меорад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ пешниҳод намудани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи қонунии мафҳуми «ҳисоббаробаркунӣ» муқаррар карда шавад.
2. Низоми ягонаи танзими воситаҳои электронии пардохт таҳия гардад.
3. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ такмил дода шаванд.
4. Меъёрҳои мушаххас оид ба ҷавобгарии ташкилотҳои қарзӣ ва провайдерҳои хизматрасониҳои пардохтӣ пешбинӣ карда шаванд.
5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бо назардошти рушди технологияҳои рақамӣ мунтазам такмил дода шаванд.

Дар асоси таҳлили назарияҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунанда метавон чунин таърифи муаллифиро пешниҳод намуд:

Ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи маданӣ – маҷмуи амалҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд мебошад, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ ва ташкилотҳои ваколатдор бо мақсади иҷро намудани уҳдадориҳои пулӣ тавассути интиқол, баҳисобгирӣ ё пардохти маблағҳои пулӣ, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои ғайринақдӣ ва технологияҳои рақамӣ, амалӣ карда мешаванд.

Бартарии чунин таъриф дар он ифода меёбад, ки он на танҳо шаклҳои анъанавии ҳисоббаробаркунӣ, балки воситаҳои нави пардохтиро низ фаро мегирад ва ба талаботи иқтисоди рақамии муосир ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи маданӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва тавсеаи истифодаи воситаҳои муосири пардохт зарурати бознигарии асосҳои назариявии ин институти ҳуқуқӣ ба миён омадааст. Ҳисоббаробаркунӣ имрӯз на танҳо ҳамчун воситаи техникии интиқоли маблағҳои пулӣ, балки ҳамчун унсури муҳимми механизми танзими муносибатҳои молумулкӣ баромад мекунад.

Таҳлили мавқеи олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ нишон дод, ки дар илми ҳуқуқ нисбат ба моҳият ва табиати ҳуқуқии ҳисоббаробаркунӣ муносибати ягона вуҷуд надорад. Баъзе олимон ҳисоббаробаркуниро ҳамчун маҷмуи амалиётҳои марбут ба интиқоли маблағҳои пулӣ арзёбӣ менамоянд, гурӯҳи дигар бошад, онро танҳо шакли иҷрои уҳдадории пулӣ медонанд. Ҳамзамон, бархе муҳаққиқон муносибатҳои ҳисоббаробаркуниро ҳамчун муносибатҳои мустақили ҳуқуқӣ тавсиф менамоянд.

Дар натиҷаи таҳқиқ муқаррар гардид, ки ҳисоббаробаркунӣ категорияи мураккаби ҳуқуқи маданӣ буда, дорои хусусияти байнисоҳавӣ мебошад. Аз як тараф, он ба институти иҷрои уҳдадориҳо алоқаманд аст, аз ҷониби дигар, бо муносибатҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ робитаи зич дорад.

Муайян карда шуд, ки мафҳумҳои «уҳдадории пулӣ», «иҷрои уҳдадорӣ», «ҳисоббаробаркунӣ» ва «пардохти ғайринақдӣ» бо ҳамдигар алоқаманд буда, дар муносибати мантиқии муайян қарор доранд. Уҳдадории пулӣ муносибати асосии ҳуқуқиро ташкил медиҳад, иҷрои уҳдадорӣ категорияи умумӣ ба ҳисоб меравад, ҳисоббаробаркунӣ яке аз воситаҳои иҷрои уҳдадории пулӣ мебошад ва пардохти ғайринақдӣ шакли махсуси анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ маҳсуб меёбад.

Таҳлили шаклҳои асосии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нишон дод, ки онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ нақши муҳим доранд. Ҳисоббаробаркунӣ тавассути супоришномаи пардохт, аккредитив, инкассо, чек, кортҳои бонкӣ ва воситаҳои электронии пардохт дорои хусусиятҳои ҳуқуқии хоси худ мебошанд. Бо вуҷуди ин, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқӣ гардидааст, ки танзими ҳуқуқии онҳо ҳамеша ба талаботи амалия ҷавобгӯ нест.

Дар ҷараёни таҳқиқ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт мавриди таҳлил қарор гирифт. Муайян гардид, ки қонунгузории амалкунанда барои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ заминаи муайяни ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Ҳамзамон, як қатор мушкилот ва холигиҳои ҳуқуқӣ низ ошкор карда шуданд.

Аз ҷумла, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи дақиқ ва фарогири мафҳуми «ҳисоббаробаркунӣ» вуҷуд надорад. Ин ҳолат метавонад ҳангоми ҳалли масъалаҳои вобаста ба муайян намудани доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои пардохтӣ мушкилот эҷод намояд.

Инчунин, масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии ташкилотҳои қарзӣ ва провайдерҳои хизматрасониҳои пардохтӣ дар ҳолатҳои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои онҳо ба танзими дақиқтар ниёз доранд. Дар шароити рушди воситаҳои электронии пардохт масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагон, таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии қаллобии молиявӣ низ аҳамияти махсус касб намудаанд.

Хулоса. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ чунин таърифи муаллифии мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ пешниҳод карда мешавад:

Ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи маданӣ маҷмуи амалҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд мебошад, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ ва ташкилотҳои ваколатдор бо мақсади иҷро намудани уҳдадориҳои пулӣ тавассути интиқол, баҳисобгирӣ ё пардохти маблағҳои пулӣ, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои ғайринақдӣ ва технологияҳои рақамӣ, амалӣ карда мешаванд.

Аҳаммияти амалии ин таъриф дар он ифода меёбад, ки он имкон медиҳад тамоми шаклҳои анъанавӣ ва муосири анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар доираи мафҳуми ягона муттаҳид карда шуда, барои такмили қонунгузорӣ заминаи назариявӣ фароҳам оварда шавад.

Дар асоси таҳқиқ пешниҳодҳои зерин оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегарданд:

– дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми қонунии «ҳисоббаробаркунӣ» муқаррар карда шавад;

– меъёрҳои танзимкунандаи муносибати вобаста ба воситаҳои электронии пардохт такмил дода шаванд;

– асосҳо ва ҳудуди ҷавобгарии ташкилотҳои қарзӣ ва провайдерҳои хизматрасониҳои пардохтӣ мушаххас гардонида шаванд;

– кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ тақвият дода шаванд;

– таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ҳангоми такмили қонунгузории миллӣ ба инобат гирифта шавад;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам бо назардошти рушди технологияҳои молиявӣ таҷдиди назар карда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ ва аҳамияти он барои танзими пардохтҳои ғайринақдӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи граждани истифода шаванд.

Адабиёт

1. Акинфиева В.В. Обеспечительный платеж среди иных способов обеспечения обязательств: общие положения // Седьмой Пермский конгресс

ученых-юристов: сборник научных статей / отв. ред. В.Г. Голубцов, О.А. Кузнецова. – Пермь, 2017. – С. 335–339.

2. Белых В.С. Банковское право России. – Москва: Проспект, 2020. – 696 с.

3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Общие положения. – Москва: Статут, 2011. – 847 с.

4. Вавилова Е.М. Гражданско-правовое регулирование безналичных расчетов: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. – Москва, 2021. – 173 с.

5. Гибадуллин И.И. Расчеты платежными поручениями: правовые проблемы применения с учетом поправок в Гражданском кодексе // Colloquium-Journal. – 2021. – № 3–3 (90). – С. 62–64.

6. Зачёсса Е.Н., Овсянникова Э.А. Сущность безналичных расчетов в РФ // Актуальные вопросы экономики и управления на современном этапе развития общества: сборник докладов по итогам IV Международной научно-практической интернет-конференции. – 2018. – С. 92–97.

7. Киль Ю.Э. Конструкция обеспечительного платежа в российском гражданском праве в соотношении с залогом // Эволюция российского права: материалы XVII Международной научной конференции молодых ученых и студентов. – Екатеринбург, 2019. – С. 185–187.

8. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои I–III).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 2016, № 1371.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт» аз 24 декабри соли 2022, № 1925.

12. Муминзода, М. Н. Исследование правовой основы налоговой политики в сфере предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан / М. Н. Муминзода, Н. И. Муминзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 1(45). – С. 351-360. – EDN CBIUVW.

13. Муминзода, Х. И. Экономический вклад технологии NFC в современные безналичные платежи / Х. И. Муминзода, З. Х. Кадырова, Б. М. Дустматов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 1(51). – EDN HABVUI.

14. Муминзода, Ҳ. И. Нақши пардохтҳои ғайринақдӣ дар мубориза бар зидди коррупсия: ҷанбаҳои иқтисодии масъала / Ҳ. И. Муминзода, М. Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 4-2(50). – EDN HAGENM.

15. Новоселова Л.А. Денежные расчеты в предпринимательской деятельности. – Москва: Статут, 2019. – 368 с.

16. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ.

17. Сангинов Д. Ҳуқуқи ҳисоббаробаркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2016. – 160 с.

18. Суханов Е.А. Гражданское право: учебник: в 4 т. – Москва: Статут, 2022.

19. Устинов Т.Ю. Понятие и функции обеспечительного платежа как средства реализации обеспечительного интереса в гражданском праве // Вестник общественной научно-исследовательской лаборатории «Взаимодействие уголовно-исполнительной системы с институтами гражданского общества: историко-правовые и теоретико-методологические аспекты». – 2022. – № 28. – С. 118–136.

Мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи маданӣ ва аҳамияти он барои танзими пардохтҳои ғайринақдӣ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии мафҳуми ҳисоббаробаркунӣ дар ҳуқуқи граждани ва нақши он дар танзими ҳуқуқии пардохтҳои ғайринақдӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф муносибатҳои ҳисоббаробаркуниро ҳамчун ҷузъи муҳими механизми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ арзёбӣ намуда, муносибати байни мафҳумҳои «уҳдадории пулӣ», «иҷрои уҳдадорӣ», «ҳисоббаробаркунӣ» ва «пардохти ғайринақдӣ»-ро муайян менамояд. Дар асоси таҳлили осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойгоҳи институти ҳисоббаробаркунӣ дар низоми ҳуқуқи граждани муайян карда шудааст. Дар мақола хусусиятҳои шаклҳои асосии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла супоришномаи пардохт, аккредитив, инкассо, чек, кортҳои бонкӣ ва воситаҳои электронии пардохт таҳлил гардидаанд. Ба масъалаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ диққати махсус дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ таърифи муаллифии мафҳуми «ҳисоббаробаркунӣ» пешниҳод гардида, як қатор тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии пардохтҳои ғайринақдӣ ироа шудаанд.

Калидвожаҳо: ҳисоббаробаркунӣ, ҳуқуқи маданӣ, уҳдадории пулӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ, хизматрасониҳои пардохтӣ, низоми пардохт, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Понятие расчетов в гражданском праве и его значение для регулирования безналичных платежей

В данной статье рассматриваются теоретические и практические вопросы понятия расчетов в гражданском праве и его роль в правовом регулировании безналичных платежей. Расчетные отношения рассматриваются автором как важная часть механизма исполнения денежных обязательств, определяющая взаимосвязь между понятиями «« денежное обязательство»«, «« исполнение обязательств, «расчет» и ««безналичный расчет»«. На основе анализа трудов отечественных и зарубежных ученых, а также нормативных правовых актов Республики Таджикистан определено место института расчетов в системе гражданского права. В статье проанализированы особенности основных форм безналичных расчетов, в том числе платежных поручений, аккредитивов, инкассо, чеков, банковских карт и электронных платежных средств. Особое внимание уделено вопросам совершенствования законодательства Республики Таджикистан в условиях развития цифровой экономики. В результате исследования было предложено авторское определение понятия «расчет» и дан

ряд практических рекомендаций по совершенствованию правового регулирования безналичных платежей.

Ключевые слова: расчеты, гражданские права, денежные обязательства, безналичные платежи, расчетные отношения, платежные услуги, платежная система, Республика Таджикистан

The concept of settlements in civil law and its significance for the regulation of non-cash payments

This article examines the theoretical and practical issues of the concept of settlements in civil law and its role in the legal regulation of non-cash payments. «Settlement relations» ««settlement»«««« are considered by the author as an important part of the mechanism of monetary obligations fulfillment, which defines the relationship between the concepts ««monetary obligation», ««fulfillment of obligations,» «settlement» and ««non-cash payment»«. Based on the analysis of the works of domestic and foreign scientists, as well as regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan, the place of the institute of settlements in the system of civil law has been determined. The article analyzes the features of the main forms of non-cash payments, including payment orders, letters of credit, collections, checks, bank cards and electronic means of payment. Special attention is paid to the issues of improving the legislation of the Republic of Tajikistan in the context of the development of the digital economy. As a result of the research, the author proposed a definition of the concept of «settlement» and gave a number of practical recommendations for improving the legal regulation of non-cash payments.

Keywords: settlements, civil rights, monetary obligations, non-cash payments, settlement relations, payment services, payment system, Republic of Tajikistan

Саидзода Гулбону Исуф, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ, раиси суди н. Сино.

Саидзода Гулбону Исуф, Таджикский национальный университет, соискатель, председатель суда р. Сино.

Saidzoda Gulbonu Isuf, Tajik National University, applicant, Chairman of the Court of R. Sino.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ВАЗЪИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОР ВА ДОНИШҶӮ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Муминзода Н.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳимояи ҳуқуқи донишҷӯён, манфиатҳои донишҷӯён, таъмини дастрасии баробар ба таҳсил, ҳимоя аз табъиз, механизмҳои ҳалли шикоятҳо ва баҳсҳоро ҳифз мекунанд. Озодии академикӣ ва чаҳорчӯби ҳуқуқӣ принсипҳои озодии академиро дастгирӣ намуда, ба олимон имкон медиҳад, ки бидуни дахолат, тадқиқот, таълим ва баёни ғояҳоро дунболагирӣ кунанд. Илова бар ин, муқаррарот дар бораи якгонагии низоми таълим ба нигоҳ доштани стандартҳои ахлоқӣ дар таълим, тадқиқот ва нашрияҳои илмӣ кӯмак мекунанд.

Идоракунии институтсионалӣ ва ҳисоботдиҳӣ, қоидаҳои ҳуқуқӣ нақш ва масъулиятҳои муассисаҳои таълимӣ, мақомоти роҳбарикунанда ва мудиронро муайян мекунанд. Ин талаботро оид ба шаффофият дар қабули қарорҳо, идоракунии молиявӣ ва риояи қонунҳо ва қоидаҳои танзимкунандаи таҳсилоти олӣ дар бар мегирад.

Ҳамкории байналмилалӣ ва ҳаракат, чаҳорчӯби ҳуқуқӣ ба шарикии байналмилалӣ, ҳамкорӣ ва барномаҳои мобилии донишҷӯён мусоидат мекунад. Қоидаҳои танзимкунандаи таҳсилоти байналмилалӣ ба таъмини сифат ва эътирофи шаҳодатномаҳои таълимӣ, мусоидат ба фаҳмиши байнифарҳангӣ ва ба табодули дониш ва таҷриба дар миқёси ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд [1, 3, 2].

Бо афзоиши ҷаҳонишавӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ дар таҳсилоти олӣ бештар бо ҳам алоқаманд ва ҳамоҳангсозии сарҳадҳо пайдо шуданд. Созишномаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили ЮНЕСКО ва раванди Болония, дар ташаккули стандартҳо ва чаҳорчӯбаҳои умумӣ барои кафолати сифат, эътирофи тахассусҳо ва ҳаракати донишҷӯён ва олимон нақш бозиданд.

Пешрафтҳои технологӣ, инқилоби рақамӣ барои чаҳорчӯбаи қонунӣ дар таҳсилоти олӣ мушкилот ва имкониятҳои нав ба миён оварда. Масъалаҳо ба монанди ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, омӯзиши онлайн, махфияти маълумотҳо ва амнияти киберӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд, ки барои ҳалли ин нигарониҳо навсозиҳои чаҳорчӯби қонунии мавҷударо тақозо мекунанд.

Дар даҳсолаҳои охир тамоюли бозоршавӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар таҳсилоти олӣ мушоҳида мешавад, ки чаҳорчӯби қонунӣ тамаркузи бештарро ба ченакҳои фаъолият, маблағгузории бар асоси натиҷаҳо ва ҳифзи истеъмолкунандагонро инъикос мекунад. Ин боиси баҳсҳо дар бораи тавозуни байни озодии академӣ ва масъулият ва инчунин, нигарониҳо дар бораи корпоратсияи донишгоҳҳо гардид.

Таҳаввулоти заминаҳои ҳуқуқӣ дар таҳсилоти олӣ тамоюлҳои васеътари ҷомеаро, аз ҷумла тағйирот дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунад. Гарчанде ки ин чаҳорчӯбаҳо барои ҳалли мушкилот ва авлавиятҳои нав таҳаввул ёфтаанд, онҳо ҳамчунон дар натиҷаи баҳсҳо ва гуфтушунидҳои давомдор оид ба нақш ва ҳадафи таҳсилоти олӣ дар ҷомеа шакл мегиранд.

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитстон «Дар бораи маориф» Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро Вазорати маориф ва илми ҶТ, барои таҳияи сиёсатҳои марбут ба таҳсилоти олӣ масъуланд [5].

Вазорати маориф ва илми ҶТ заминаҳои меъёриро барои идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва таъмини риояи талаботи қонун муқаррар мекунанд. Муқаррар кардани стандартҳо барои аккредитатсия, иҷозатномадиҳӣ ва тасдиқи барномаҳо, инчунин, мониторинги риояи ин стандартҳо аз ҷониби муассисаҳо тавассути аудитҳо, санҷишҳо ва баррасиҳои мунтазамро дар бар мегирад. Назорати танзимкунанда барои нигоҳ доштани сифат, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият дар бахши таҳсилоти олӣ кӯмак мерасонад. Ҳукумати ҶТ ва Вазорати маориф ва илми ҶТ барои ҷудо кардани маблағҳои давлатӣ барои дастгирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва барномаҳо масъуланд. Тақсимоти маблағро дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолият, фарогирии донишҷӯён, натиҷаҳои тадқиқот ё дигар меъёрҳо дар бар гирад.

Вазорати маориф ва илми ҶТ дар банақшагирӣ ва ташаббусҳои рушди қувваи корӣ барои ҳалли эҳтиёҷоти бозори меҳнат ва норасоии малакаҳо ҷалб карда мешаванд. Вазорати маориф ва илми ҶТ фаъолият ва самаранокии системаҳои таҳсилоти олиро тавассути ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбӣ назорат мекунанд. Ин арзёбии нишондиҳандаҳои асосӣ, аз қабили сатҳи хатмкунӣ, натиҷаҳои шуғл, маҳсулнокии тадқиқот, қаноатмандии донишҷӯён ва самаранокии институтсионалӣ бошад. Мониторинг ва арзёбӣ барои муайян кардани самтҳои беҳбудӣ ва огоҳ кардани қарорҳои сиёсӣ кӯмак мекунад. Вазорати маорф ва илми ҶТ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби маълумоти олӣ тавассути шарикӣ, созишномаҳо ва мубодила бо дигар кишварҳо ва созмонҳо мусоидат мекунанд. Онҳо ташаббусҳоро, аз қабили лоиҳаҳои тадқиқотии муштарак, барномаҳои мобилии донишҷӯён, ҳамкориҳои фаромарзӣ дар таҳияи барномаи таълимӣ ва эътирофи тахассусҳои академӣ дастгирӣ кунанд. Ҳамкории байналмилалӣ сифат ва рақобатпазирии системаҳои таҳсилоти олиро афзоиш дода, табодули фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмиро тақвият мебахшад.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои донишҷӯён ҷузъҳои муҳимми таҳсилоти олӣ буда, муҳити мутавозин ва дастгирикунандаи таълимро таъмин мекунанд.

Донишҷӯён новобаста аз асл, ҷинс, мансубияти этникӣ, мазҳабӣ, маъюбӣ ё вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ҳуқуқ доранд, ки ба имкониятҳои таҳсилот дастрасӣ пайдо кунанд, андешаҳои худро баён кунанд, ба таҳқиқи зеҳнӣ машғул шаванд ва дурнамои гуногунро бидуни тарси сензура ё таъқиб омӯзанд, дар дохили синф ва берун аз синф, дар доираи эҳтиром ба дигарон фикрҳои худро озодона баён кунанд, ҳуқуқи муносибати одилонаро доранд, ки аз табъиз, таъқиб ё интиқом дар асоси хусусиятҳои ҳифзшуда, ба монанди нажод, ҷинс, маъюбӣ ё дин озоданд.

Донишҷӯён ҳуқуқ ба махфият ва ҳифзи маълумоти шахсии худ, аз ҷумла сабтҳои таълимӣ, баҳоҳо ва сабтҳои интизомиро доранд, дар идоракунии институтсионалӣ ва равандҳои қабули қарорҳо, аз ҷумла тавассути созмонҳои ҳукуматии донишҷӯён ва намояндагӣ дар кумитаҳо ширкат варзанд, ба муҳити бехатар ва солими таълимро доранд, ки аз таҳдидҳо ба некӯаҳволии ҷисмонӣ ё

рӯҳии онҳо озод бошанд, ба кӯмаки молиявӣ ва захираҳо барои дастгирии таҳсилашон, аз ҷумла стипендия, грантҳо, қарзҳо ва имкониятҳои таҳсили корӣ дастрасӣ дошта бошанд, ба фаъолияти шаҳрвандӣ ва ҷамъиятӣ машғул шаванд, дар беҳбудии ҷомеа саҳм гузоранд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои худро ҳамчун шаҳрванд амалӣ созанд.

Донишҷӯён бояд таҳсилоти худро фаъолона идома диҳанд, ба талаботҳои қабул ҷавобгӯ бошанд ва ба сиёсат ва расмиёти институтсионалӣ риоя кунанд, ҳуқуқ ва ақидаҳои дигаронро эҳтиром кунанд, аз таъқиб, табъиз ва суханронии нафрат худдорӣ кунад, маълумоти шахсии худро ҳифз кунанд, сиёсати институтсионалӣ оид ба махфияти маълумотро риоя кунанд ва ҳуқуқҳои махфияти дигаронро эҳтиром кунанд, дар идоракунии муассисаи худ фаъолона ширкат варзанд, дар муколамаи созанда ва қабули қарор саҳм гузоранд ва аз манфиатҳои ҳайати донишҷӯён ҳимоят кунанд.

Донишҷӯён бояд молияи худро бомасъулият идора кунанд, уҳдадориҳои молиявии худро дар назди муассиса иҷро кунанд ва ҳангоми дучор шудан бо мушкилоти молиявӣ кӯмак ҷӯянд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои омӯзгорон ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти таълимӣ буда, ягонагии низоми таълим, тадқиқот ва идоракунии институтсионалиро таъмин кунанд, аз ҷумла:

Аъзоёни факултет ҳуқуқ доранд, ки бидуни дахолати беасос ба тадқиқоти илмӣ, баёни эҷодӣ машғул шаванд ақида, ғоя ва нуктаи назари худро ҳам дар доираи таълим ва ҳам берун аз он озодона баён кунанд, аъзоёни факултет ба корҳои илмии худ, аз ҷумла нашрияҳои тадқиқотӣ, маводи таълимӣ ва кӯшишҳои эҷодӣ ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ доранд, дар идоракунии институтсионалӣ, аз ҷумла дар равандҳои қабули қарорҳои марбут ба низоми таълим, таҳияи барномаи таълимӣ, ба кор қабул кардан ва пешбарӣ кардани омӯзгорон, иштирок намоянд, аъзоёни факултет ҳуқуқ ба озодии академӣ дар тарҳрезӣ ва пешниҳоди курсҳои худ, интихоби маводи таълимӣ ва баҳодиҳии омӯзиши донишҷӯёнро доранд, дар соҳаҳои тахассусии худ тадқиқот ва стипендия гузаронанд, маблағ ҷустуҷӯ кунанд, бозёфтҳоро нашр кунанд ва дар пешрафти дониш саҳм гузоранд, ба донишҷӯён роҳнамоӣ ва маслиҳат дода, дар соҳаи таълим, касб ва рушди шахсӣ роҳнамоӣ ва дастгирӣ расонанд, ба имкониятҳо барои рушди касбӣ, аз ҷумла семинарҳо, конфронсҳо ва грантҳои тадқиқотӣ, барои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ, тадқиқотӣ ва хидматрасонии худ дастрасӣ доранд, дар муҳити коллегиалӣ ва ҳамкорӣ кор кунанд, ки дар он дурнамои гуногун эҳтиром карда мешавад ва озодии академӣ ҳифз карда мешавад.

Омӯзгорон бояд озодии академии худро бо риояи стандартҳои ахлоқӣ, меъёрҳои интизомӣ ва сиёсати институтсионалӣ истифода баранд, бояд худро тавре баён кунад, ки ба рафтори касбӣ мувофиқ бошад, ҳуқуқ ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром кунад ва аз рафтори табъизӣ ё таъқибкунанда худдорӣ кунад, ҳуқуқҳои моликияти зеҳнии дигаронро эҳтиром кунанд, қонунҳои ҳуқуқи муаллиф ва сиёсати институтсионалӣ риоя кунанд ва дар кори илмии худ манбаъҳоро дуруст нишон диҳанд. Ҳайати омӯзгорон бояд дар фаъолияти идоракунӣ ба таври созанда машғул шаванд, бо ҳамкорон ҳамкорӣ кунанд ва манфиатҳои муассиса ва рисолати таълимии онро ҳимоя кунанд, барои таълими

аъло, фароҳам овардани муҳити мусоид ва фарогири омӯзиш, пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои саривақтӣ ба донишҷӯён ва эҳтироми дурнамо, стандартҳои ахлоқӣ, протоколҳои тадқиқотӣ риоя кунанд ва бархӯрди эҳтимолии манфиатҳоро ошкор кунанд, уҳдадориҳои машваратӣ ва машваратии худро бо эҳтиёт ва касбӣ, нигоҳ доштани махфият, пешниҳоди маълумоти дақиқ ва ҳимояи манфиатҳои беҳтарини донишҷӯён иҷро кунанд, ба фаъолиятҳои доимии такмили ихтисос машғул шаванд, аз пешрафтҳои соҳаи худ огоҳ бошанд ва дар ҳаёти зеҳнӣ ва илмии ҷомеаи илмӣ саҳм гузоранд, фарҳанги ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ, муносибат бо ҳамкорон, қадр кардани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва саҳми мусбӣ ба ҷомеаҳои институтсионалиро тарбия кунад.

Дурнамои глобалӣ оид ба танзими таҳсилоти олӣ як қатор равишҳоро дар бар мегирад, ки заминаҳои беназири иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо ва минтақаҳои гуногунро инъикос мекунанд. Кишварҳои гуногун моделҳои гуногуни танзимкунандаи таҳсилоти олиро истифода мебаранд, аз ҷумла назорати мутамаркази ҳукумат, низомҳои ғайримарказонидашуда бо муассисаҳои мустақил ва моделҳои гибридии омехтаи унсурҳои ҳарду. Ин моделҳоро омилҳои таърихӣ, институтсионалӣ ва идеологӣ ташаккул медиҳанд. Механизмҳои кафолати сифат ва низомҳои аккредитатсия дар таъмини сифат ва эътимоднокии барномаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар саросари ҷаҳон нақши муҳим мебозанд.

Пешбурди дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ ва таъмини баробарӣ ва фарогирӣ барои бисёр кишварҳо авлавиятҳо мебошанд. Кӯшишҳои танзимкунанда ба тавсеаи имкониятҳо барои гурӯҳҳои камнамоянда, татбиқи сиёсатҳои амалии мусбӣ, рафъи нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дастгирии ташаббусҳои омӯзиши якумрӣ ва таҳсилоти калонсолон нигаронида шудаанд. Глобализатсия боиси афзоиши интернасионализатсияи таҳсилоти олӣ гардид, бо афзоиши ҳаракати донишҷӯён, ҳамкориҳои фаромарзӣ ва барномаҳои таҳсилоти фаромиллӣ. Чаҳорчӯби меъёрӣ масъалаҳоеро ба мисли кафолати сифати шарикии байналмилалӣ, эътирофи тахассусҳои хориҷӣ ва қоидаҳои раводиди донишҷӯӣ барои осон кардани ҳаракат ва ҳамкорӣ ҳал мекунанд.

Афзоиши муассисаҳои таҳсилоти олии хусусӣ ва ғайритиҷоратӣ саволҳоро дар бораи танзим, назорати сифат ва масъулият ба миён овард. Чаҳорчӯби меъёрӣ ба таъмини ҳифзи истеъмолкунандагон, нигоҳ доштани стандартҳои таълимӣ ва мувозинати рақобати бозорӣ бо назардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Пешрафтҳои технология интиқоли таҳсилоти олиро тавассути омӯзиши онлайн, захираҳои рақамӣ ва синфхонаҳои виртуалӣ табдил доданд. Чаҳорчӯби меъёрӣ масъалаҳоеро ба мисли аккредитатсияи барномаҳои онлайн, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, махфияти маълумот ва амнияти киберӣ барои дастгирии рушди муҳити омӯзиши рақамӣ ҳал мекунад. Таваҷҷуҳ ба мутобиқ кардани таҳсилоти олӣ бо ниёзҳои бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли хатмкунандагон афзоиш меёбад. Кӯшишҳои танзимкунанда ба мувофиқати барномаи таълимӣ, рушди малакаҳо, шарикии соҳавӣ ва имкониятҳои омӯзиши ҳамгирошудаи корӣ барои баланд бардоштани омодагии хатмкунандагон ба қувваи корӣ тамаркуз мекунанд.

Асосҳои меъёрӣ мустақилияти институтсионалиро бо механизмҳои ҳисоботдиҳӣ барои таъмини самаранокии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувозинат мекунанд. Масъалаҳое, ба монанди озодии академӣ, назорати молиявӣ, мустақилияти институтсионалӣ ва сохторҳои демократии идоракунӣ баррасиҳои марказӣ мебошанд.

Хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, баҳри таъмин намудани таълим, тарбия, роҳандозии фаъолияти илмӣ ва омодагардонии мутахассисон (бакалавр, магистр), мувофиқи талабот, ҳадаф, манфиатҳо, маҳорати тахассусӣ дар соҳаи таҳсилот ва талаботҳои меъёрӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбиро таъмин менамояд [9, 10, 12].

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни раванди таълим - иштирокчиёни раванди таълим донишҷӯён, хонандагон, омӯзгорон, падару модарон (намояндаи қонунӣ), маъмурияти муассисаи таълимӣ ва дигар иштирокчиёне мебошанд, ки дар раванди таълим иштирок мекунанд. Ҳар яки онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро доранд, ки бо қонун танзим карда мешаванд.

Ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванди таълим иборатанд аз:

- Ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти босифат тибқи стандартҳо ва талаботи муқарраршуда.
- Ҳуқуқ ба озодии интихоби муассисаи таълимӣ ва самти таҳсил.
- Ҳуқуқи иштирок дар раванди таълим, аз ҷумла ҳуқуқи изҳори андеша ва ташаббусҳои худ.
- Ҳуқуқи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ дар доираи раванди таълим.
- Ҳуқуқи ҳифзи махфияти шумо ва махфияти маълумоти шахсӣ [12].

Дар асоси таҳлилҳои боло чунин уҳдадориҳои субъектони зеровардашудаи соҳаи маориф ба моддаи 21 банди 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531 илова карда шавад:

Донишҷӯён, докторантон ва докторантони Ph.D, инчунин, хонандагон уҳдадоранд:

- мувофиқи тахассуси интихобнамуда мунтазам ва сари вақт дониши назариявӣ ва асосҳои малакаи амалиро касб кунанд;

- дараҷаи илмӣ ва фарҳангии худро такмил диҳанд, дар корҳои ҷамъиятии факултет ва Донишгоҳ фаъолона иштирок намоянд;

- ба дарс ва машғулиятҳои таълимӣ мунтазам ва сари вақт иштирок намуда, ҳама супоришҳоро, ки мутобиқи нақшаи таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо пешбинӣ шудаанд, дар вақташ иҷро намоянд;

- дар корҳои барои ҷамъият манфиатнок фаъолона иштирок намоянд;

- нишондодҳои Қоидаҳои тартибот ва тартиботи хобгоҳҳои донишҷӯёнро риоя намоянд;

- тозагиро дар синфхонаҳо, кабинетҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, биноҳои таълимию маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ риоя намоянд;

- ба ҷараёни дарс, маҷлисҳо, конфронсҳо ва дигар нишастҳо халал нарасонанд;

- мақом ва манзалати Донишгоҳро бо фаъолияти гуногунҷабҳаи пурсамари хеш баланд бардоранд;

- ба дарс бо лавозимоти зерини хониш: ҷузвдон, дафтар, ручка, китоб, дар дарсҳои озмоишӣ бо халат, мошини ҳисобкунӣ, ҷадвал, қалам, коғази расмкашӣ (милимитровка, калка ва ғ.) ва дигар маводи лозима ҳозир шаванд;

- дар бинои таълимӣ ва хобгоҳи донишҷӯён мувофиқи ҷадвали навбатдории тасдиқшуда, навбатдорӣ карда, талаботи навбатдориро риоя намоянд;

- аъзои китобхонаҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ бошанд;

- дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, конференсия, олимпиада, симпозиум ва маҳфилу озмунҳои илмӣ иштирок ва бо маърузаҳо баромад кунанд.

Адабиёт

1. Анциферов, Н.В. Конституционное закрепление обязанностей личности в странах постсоветского пространства: сравнительно-правовой анализ / Н.В. Анциферов // Юридические исследования. – 2017. – №8. – С.
2. Жигалов С.В., Матвеева М.В. Конституционные конструкции прав и обязанностей получения образования / С.В. Жигалов, М.В. Матвеева // Вестник ВГУ. Серия: Право. – 2021. – №3 (46).
3. Квапина В.В. Гражданско-правовое регулирование в сфере высшего профессионального образования в российской федерации: дисс. … д-ра юрид. наук: 12.00.03 / Квапина Валентина Вячеславовна. – Москва, – 2006. – 48 с.
4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918. [Захираи электронӣ] URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.03.2026).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» 22 июли соли 2013, № 1004. [Захираи электронӣ] URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.03.2026).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531. [Захираи электронӣ] URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.03.2026).
7. Левашов, Е.Н. Права и обязанности сторон по договору образовательного кредита / Е.Н. Левашов // Череповецкие научные чтения - 2015: материалы Всероссийской научно-практической конференции: в 3-х частях, Череповец, 11–12 ноября 2015 года / Ответственный редактор: Н.П. Павлова. Том Часть 2. – Череповец: Череповецкий государственный университет, 2016. – С. 134-137. – EDN WIGUXF.
8. Михалева, А.А. Правовой статус педагогического работника образовательной организации высшего образования / А.А. Михалева // Наука и образование в условиях мировой нестабильности: проблемы, новые этапы развития: материалы II международной научно-практической конференции / Национальный исследовательский институт дополнительного профессионального образования. Том Часть 2. – РОСТОВ-НА-ДОНУ: Манускрипт, 2022. – С. 285-287. – EDN OITNFM.
9. Муминзода Н.И. Танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқ: 12.01.03 / Н.И. Муминзода. – Душанбе, 2019. – 174 с.
10. Муминзода Н.И. Танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / Н.И. Муминзода. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 176 с.
11. Муминзода, М.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии магистратура / М.Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1(25). – С. 293-302.
12. Муминзода Н.И. Ҳуқуқи таълимӣ. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. – 260с.

Вазъи маданӣ-ҳуқуқии уҳдадориҳои омӯзгор ва донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон динамикаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳамкории мутаносиби омӯзгорон ва донишҷӯён дар дохили муассисаҳои таълимӣ такя мекунад. Омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дорои ҳуқуқҳои зиёде мебошанд, ки барои иҷрои уҳдадориҳои таълимӣ заруранд. Ин ҳуқуқҳо озодии академиро дар бар мегиранд, ки ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба корҳои илмӣ машғул шаванд, нуқтаи назари гуногунро баён кунанд ва барномаҳои таълимиро, ки ба стандартҳои муосири таҳсилот мувофиқат мекунанд, тарҳрезӣ кунанд. Илова бар ин, омӯзгорон дорои имтиёзҳои беғаразонаи пешрафти донишҷӯён, пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои созанда ва мусоидат ба малакаҳои тафаккури интиқодӣ барои рушди касбӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, бо ин ҳуқуқҳо уҳдадориҳои мувофиқеро ба вуҷуд меоранд, ки донишҷӯён бояд риоя кунанд. Донишҷӯён ташвиқ карда мешаванд, ки дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд, ба омӯзгорон ва донишҷӯёни худ эҳтиром гузоранд ва руҳияи ҳамкориро, ки ба муваффақияти таълимии коллективӣ мусоидат мекунанд, фаро гиранд.

Калидвожаҳо: омӯзгорон, донишҷӯён, таҳсилоти олии касбӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, озодии академӣ, рушди зеҳнӣ, таҷрибаи фарогир, меъёрҳои рафтор

Гражданско-правовой статус преподавателей и студентов в учреждениях высшего профессионального образования

В Республике Таджикистан динамика высшего профессионального образования опирается на гармоничное сотрудничество преподавателей и студентов внутри образовательных учреждений. Преподаватели высших профессиональных учебных заведений Таджикистана имеют множество прав, необходимых для выполнения своих образовательных обязанностей. Эти права включают академическую свободу, которая позволяет учителям заниматься научной работой, выражать различные точки зрения и разрабатывать учебные программы, соответствующие современным образовательным стандартам. Кроме того, учителя имеют привилегию объективно оценивать успеваемость учащихся, обеспечивая конструктивную обратную связь и развивая навыки критического мышления для профессионального развития. Однако с этими правами связаны и соответствующие обязательства, которые студенты должны

соблюдать. Студентам предлагается активно участвовать в процессе обучения, уважать своих учителей и однокурсников и поддерживать дух сотрудничества, который способствует коллективным академическим успехам.

Ключевые слова: учителя, студенты, высшее профессиональное образование, Республика Таджикистан, академическая свобода, интеллектуальной развитие, инклюзивные практики, нормы поведения

Civil-legal status of teachers and students in institutions of higher professional education

In the Republic of Tajikistan, the dynamics of higher professional education relies on the harmonious cooperation of teachers and students within educational institutions. Teachers in the institutions of higher professional education of Tajikistan have many rights that are necessary to fulfill their educational obligations. These rights include academic freedom, which allows teachers to engage in scholarly work, express diverse viewpoints, and design curricula that meet current educational standards. In addition, teachers have the privilege of unbiased student progress, providing constructive feedback and promoting critical thinking skills for professional development. However, with these rights come corresponding obligations that students must comply with. Students are encouraged to actively participate in the learning process, show respect for their teachers and fellow students, and embrace the spirit of cooperation that contributes to collective academic success.

Keywords: teachers, students, higher professional education, Republic of Tajikistan, academic freedom, intellectual development, comprehensive experience, norms of behavior.

Муминзода Нозим Исмат, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултаи ҳуқуқшиносӣ. SPIN-код: 5520-3579. Тел: +992 935989522, E-mail: nozimmuminzoda@gmail.com.

Муминзода Нозим Исмат, Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры предпринимательства и коммерческого права юридического факультета. SPIN-код: 5520-3579. Тел.: 935989522. E-mail: nozimmuminzoda@gmail.com.

Muminzoda Nozim Ismat, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Entrepreneurship and Commercial Law, Faculty of Law. SPIN-код: 5520-3579. Phone: +992 935989522. E-mail: nozimmuminzoda@gmail.com.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ИҶОРАИ КОРХОНА ТИБҚИ КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: СОХТОРИ ҲУҚУҚӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ ҚОНУН

Давлатқадамова О.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 (№1918), ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор гирифт, марҳилаи муҳим дар рушди қонунгузории мадании кишвар гардид. Кодификатсияи соли 2022 на танҳо маҷмуи ҳуқуқии ҷамъшударо системавӣ намуд, балки дар танзими муносибатҳои шартномавӣ, аз ҷумла иҷораи корхона, як қатор тағйироти ҷиддӣ ворид намуд.

Шартномаи иҷораи корхона ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ сохтори мураккаби ҳуқуқиро ифода мекунад, ки интиқоли ба ихтиёри муваққатӣ додани соҳибӣ ва истифодаи маҷмуи амволи ягонаро, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст, таъмин менамояд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ иҷораи корхона ҳамчун механизми самараноки навсозии иқтидори истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳифзи коллективҳои меҳнатӣ амал мекунад [12, с. 7].

Мубрамии мавзуи тадқиқот бо якчанд ҳолатҳо алоқаманд аст. Якум, мавқеъи амали Кодекси мадании нав барои танзими муносибатҳои иҷора заминаи меъёрии нав эҷод намуд, ки ба дарки илмӣ ниёз дорад. Дуюм, амалияи татбиқи меъёрҳои иҷораи корхона дар Тоҷикистон як қатор масъалаҳоро ошкор сохт, ки бо ҳифзи ҳуқуқи кредиторон, ҳуқуқварасии муносибатҳои меҳнатӣ ва бақайдгирии давлатии шартномаҳо алоқаманданд [4, с. 234]. Сеюм, мавҷудияти Қонуни махсус «Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 декабри соли 1990 ва меъёрҳои Кодекси граждани (ҳоло маданӣ) низоми мураккаби танзими ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки ба тафсири ягона ниёз дорад [13].

Ҳадафи тадқиқот аз муайян намудани моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои шартномаи иҷораи корхона тибқи Кодекси мадании нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян намудани самтҳои такмили амалияи ҳуқуқтатбиқӣ иборат мебошад.

Асоси методологии тадқиқотро усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-сохторӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, инчунин усули тафсири меъёрҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд.

Танзими ҳуқуқии иҷораи корхона дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 дар боби 39 «Иҷора» – §5 «Иҷораи корхона» (моддаҳои 723-731) ҷойгир шудааст. Қонунгузор пайдарпайиро дар фаҳмиши корхона ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ нигоҳ дошта, равишҳои асосии дар кодификатсия ва доктринаи пешгузашта таҳияшударо қабул намуд.

Тибқи моддаи 723 қисми 1 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи шартномаи иҷораи корхона иҷорадиҳанда уҳдадор мешавад, ки корхонаро дар маҷмуъ ҳамчун маҷмуи амволи ягона, ба истиснои он ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки иҷорадиҳанда ҳуқуқи интиқол додан ба шахсони дигарро надорад, ба иҷорагиранда барои музд ба ихтиёри муваққатӣ додани соҳибӣ ва

истифода супорад. Ин таъриф аломатҳои калидии шартномаро мустаҳкам мекунад: муҳлатнокӣ, муздноқӣ ва хусусияти комплексии объект.

Тавре ки М.З. Раҳимзода дар осори интихобшудаи худ ба таври сазовор қайд намудааст, корхона ҳамчун объекти ҳуқуқ ваҳдати унсурҳои моддӣ ва ғайримоддиро ифода мекунад, ки ҳадафи хоҷагии умумӣ доранд [9, с. 112]. Олим ба он диққат додааст, ки корхона маҷмуи соддаи ашё нест, балки низоми муташаккиле мебошад, ки хусусияти ягонагӣ дорад. Ин нукта барои фаҳмиши моҳияти ҳуқуқии иҷораи корхона аҳаммияти принсипиалӣ дорад, зеро иҷорагиранда ашёи пароканда намегирад, балки тиҷорати амалкунанда ё эҳтимолан амалкунандаро мегирад.

Ба таркиби корхона ҳамчун маҷмуи амволи ягона мувофиқи моддаи 144 КГ ҶТ ҳамаи навъҳои амвол, ки барои фаъолияти он пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла заминҳо, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, инвентар, ашёи хом, маҳсулот, ҳуқуқи талаб, қарзҳо, инчунин ҳуқуқ ба номгузорӣ, фарқкунандаи корхона (номи фирмавӣ, нишонаҳои молӣ), ва дигар ҳуқуқи истисноӣ дохил мешаванд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад [2, с. 108].

Ш.М. Исмоилов ҳангоми таҳлили моҳияти ҳуқуқии корхона арзиши махсуси таркиботи ғайримоддӣ – ҳуқуқи талаб, қарзҳо ва ҳуқуқи истисноро таъкид намуда, онҳоро ба таври берун аз робита бо корхона ҳамчун як маҷмуи ягона интиқол додан мумкин нест [5, с. 204]. Маҳз ин хусусият нисбат ба иҷораи объектҳои алоҳидаи ғайриманқул мураккабии танзими ҳуқуқии иҷораи корхонаро муайян мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990 (бо тағйирот) рӯйхати объектҳои иҷораро васеъ намуда, зикр мекунад, ки ба иҷора корхонаҳо (иттиҳодияҳо), ташкилот, воҳидҳои сохтории иттиҳодияҳо, истеҳсолот, сеҳҳо, дигар воҳидҳои корхона ва ташкилот ҳамчун маҷмуи амволи ягонаи фондҳои истеҳсолӣ ва дигар қиматҳо дода мешаванд [13]. Тавре ки А.В. Золотухин ва Т.И. Султонова қайд мекунанд, корхона ҳамчун объекти иҷора мавқеи миёнаро дар байни иҷораи объектҳои алоҳидаи ғайриманқул ва падидаҳои мураккабтар, ба монанди концессия ё идоракунии боварӣ ишғол менамояд [4, с. 234].

Моддаи 725 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли шартномаи иҷораи корхона талаботи императивӣ муқаррар мекунад. Шартномаи иҷораи корхона бо шакли хаттӣ тавассути тартиб додани як ҳуҷҷат, ки тарафҳо имзо мекунанд, баста мешавад ва бояд аз тарафи нотариус тасдиқ ва ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Шартнома аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ басташуда ҳисобида мешавад. Риоя накардани талаботҳои зикршуда ботилии шартномаро ба бор меорад, ки он бекор (ничтожный) эътироф мешавад .

Тавре ки О.А. Герасимов ба таври сазовор қайд мекунад, самаранокии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ то андозаи зиёд аз равшании меъёрҳои расмивӣ вобаста аст [3, с. 95]. Ҷорӣ намудани шакли хаттии ҳатмӣ ва бақайдгирии давлатии шартномаи иҷораи корхона аз зарурати таъмини ошкории муомилоти ғайриманқул ва ҳифзи ҳуқуқи шахсони сеюм, пеш аз ҳама кредиторони иҷорадиҳанда сарчашма мегирад [8, с. 415].

Ҳамзамон, чуноне ки амалия нишон медиҳад, сершумории тартиботи бақайдгирӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ монеаҳое эҷод мекунад. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2006 №12 «Дар бораи татбиқи қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои иҷора аз ҷониби судҳо» шарҳ медиҳад, ки шартномаи иҷораи амволи ғайриманқул бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, ва риоя накардани шакли шартнома метавонад ботил эътироф шудани онро ба бор орад .

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақида оид ба зарурати содда кардани тартиботи бақайдгирӣ барои шартномаҳои иҷораи корхона, ки ба муҳлати кӯтоҳ баста мешаванд, баён мегардад. Д.Ш. Сангинов ва П.З. Мирзозода ба таври асоснок қайд мекунанд, ки расмиятгарии аз ҳад зиёд метавонад ба рушди ташаббуси соҳибкорӣ, хусусан дар соҳаи тиҷорати хурд ва миёна монеа шавад [13, с. 176].

Таҳлили моддаи 723 ва меъёрҳои ба он алоқаманд имкон медиҳад, ки низоми шартҳои муҳими шартномаи иҷораи корхона муайян карда шавад.

Шарти якум ва муҳимтарин объекти иҷора – корхона ҳамчун маҷмуи амволи ягона мебошад. Д.Ш. Сангинов таъкид мекунад, ки мавзуи шартномаи иҷораи корхона бояд то ҳадди имкон пурра ва мушаххас муайян карда шавад, бо нишон додани ҳамаи унсурҳои маҷмуи амвол, ки ба иҷорагиранда дода мешаванд [11, с. 198]. Ҳамзамон, таркиби корхона бояд ба таркибе мувофиқат кунад, ки ҳангоми бақайдгирии он ҳамчун объекти ҳуқуқ муайян карда шудааст.

Шарти дуюми муҳим таркиб ва арзиши амволи додашаванда мебошад. Тибқи моддаи 7 Қонуни «Дар бораи иҷора», дар шартномаи иҷора таркиб ва арзиши амволе, ки ба иҷора дода мешавад, андозаи иҷорапулӣ, мӯҳлатҳои иҷора, тақсими уҳдадориҳои тарафҳо оид ба барқароркунии пурра ва таъмири амволи иҷорашуда пешбинӣ карда мешаванд . Арзиши амволи иҷорашуда дар шартнома аз рӯи арзёбии ин амвол дар лаҳзаи додани он ба иҷора аз рӯи арзиши аввала, боқимонда, барқароршаванда ё бозорӣ муайян карда мешавад.

Шарти сеюм иҷорапулӣ мебошад. Моддаи 8 Қонуни «Дар бораи иҷора» муайян мекунад, ки иҷорапулӣ амортизатсионӣ (тарҳи фарсудашавӣ) аз арзиши амволи иҷорашуда ва маблағи фоизи иҷора (қисми фоида)-ро дар бар мегирад, ки дар шартнома дар сатҳе муқаррар карда мешавад, ки одатан аз фоизи бонкӣ паст набошад. Иҷорапулӣ метавонад барои ҳамаи амволи иҷорашуда дар маҷмуъ ё алоҳида барои ҳар як объект бо шакли натуралӣ, пулӣ ё омехта муқаррар карда шавад.

Шарти чорум муҳлати иҷора мебошад. Тибқи моддаи 12 Қонуни «Дар бораи иҷора», иҷораи корхонаҳо, биноҳо, иншоот хусусияти дарозмуддат – аз 5 сол ва бештар дорад. Бо назардошти хусусияти амвол ва ҳадафҳои иҷора шартнома метавонад кӯтоҳмуддат – то 5 сол бошад.

Иҷорагирандаи корхона тибқи Кодекси мадании соли 2022 ба маҷмуи васеи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо соҳиб аст, ки онҳо ба таври назаррас аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иҷорагиранда тибқи шартномаи муқаррарии иҷора фарқ мекунанд.

Моддаи 728 КГ ҶТ ба иҷорагирандаи корхона ҳуқуқ медиҳад, ки бидуни розигии иҷорадиҳанда қиматҳои моддиеро, ки ба таркиби амволи корхонаи иҷорашуда дохил мешаванд, фурӯшад, иваз кунад, ба ихтиёри муваққатӣ истифода ё қарз диҳад, онҳоро ба иҷораи зерсози (субаренда) диҳад ва ҳуқуқу

уҳдадориҳои худро тибқи шартномаи иҷора нисбат ба чунин қиматҳо ба шахси дигар гузаронад . Маҳдудияти муҳим ин аст, ки чунин амалҳо набояд боиси камшавии арзиши корхона ва вайрон кардани дигар муқаррароти шартномаи иҷора гарданд. Тартиби зикршуда нисбат ба замин ва дигар захираҳои табиӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун татбиқ намегардад.

Ғайр аз ин, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагиранда ҳуқуқ дорад, ки мустақилона корҳои бозсозии амволи иҷорашуда, васеъкунӣ ва аз нав таҷҳизонидани техникии онро, ки арзиши онро зиёд мекунад, анҷом диҳад .

Моддаи 727 КГ ҶТ ба иҷорагирандаи корхона уҳдадорӣ бор мекунад, ки дар тамоми мӯҳлати амали шартнома корхонаро дар ҳолати хуб нигоҳ дорад, аз ҷумла таъмири ҷорӣ ва асосии онро анҷом диҳад. Ба иҷорагиранда хароҷоте, ки бо истифодаи корхонаи иҷорашуда алоқаманданд, вобаста карда мешаванд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, инчумин пардохти пардохтҳои суғуртаи амволи иҷорашуда, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ .

Манфиати махсус моддаи 729 КГ ҶТ-ро дорад, ки ба иҷорагирандаи корхона ҳуқуқ ба баргардонидани арзиши беҳбудиҳои ҷудонашавандаи амволи иҷорашударо новобаста аз иҷозати иҷорадиҳанда ба чунин беҳбудиҳо медиҳад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад . Суд метавонад иҷорадиҳандаро аз уҳдадории баргардонидани арзиши чунин беҳбудиҳо озод кунад, агар собит кунад, ки хароҷоти иҷорагиранда ба беҳтар шудани хусусиятҳои истифодабарӣ номувофиқ аст ё ҳангоми анҷоми беҳбудиҳо принсипҳои росткорӣ ва оқилона риоя нашудаанд.

Э.Д. Давлатмандзода (Э.Д Кабутов) ба он диққат медиҳад, ки иҷорагирандаи корхона дар давраи иҷора амалан субъекти фаъолияти соҳибкорӣ мегардад, ки қабули хавфҳои соҳибкориро аз ҷониби ӯ пешбинӣ мекунад [6, с. 86]. Ин иҷорагирандаи корхонаро аз иҷорагирандаи бинои алоҳида фарқ мекунад, ки дар онҷо фаъолияти соҳибкорӣ метавонад амалӣ нагардад.

Падидаи ҳуқуқварасии уҳдадориҳо ҳангоми иҷораи корхона яке аз ҷанбаҳои мураккабтарин ва муҳимтарини танзими ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Моддаи 723 қисмҳои 2-4 КГ ҶТ механизми муфассали гузаронидани қарзҳо ба иҷорагирандаро муқаррар мекунад. Иҷорадиҳанда вазифадор аст, ки кредиторони худро дар бораи гузаронидани қарзҳо ба иҷорагиранда ба таври хаттӣ огоҳ кунад. Кредитороне, ки бо чунин гузаронидани қарз мувофиқ нестанд, ҳуқуқ доранд, ки дар муддати се моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома аз иҷорадиҳанда қатъ ё иҷрои пеш аз мӯҳлати уҳдадориҳои мувофиқро талаб кунанд. Агар дар муддати зикршуда чунин талаб пешниҳод нагардад, кредитор ба гузаронидани қарзи мувофиқ ба иҷорагиранда розигӣ додааст эътироф карда мешавад.

Корхона метавонад танҳо пас аз анҷоми ҳисобу китобҳои мутақобила бо кредитороне, ки аз иҷорадиҳанда қатъ ё иҷрои пеш аз мӯҳлати уҳдадориҳоро талаб кардаанд, ба иҷорагиранда дода шавад . Пас аз додани корхона ба иҷора, иҷорадиҳанда ва иҷорагиранда аз рӯи қарзҳое, ки ба таркиби корхонаи додашуда дохил карда шуда, бидуни розигии кредитор ба иҷорагиранда гузаронида шудаанд, масъулияти умумӣ (солидария) мекашанд .

Дар таҳрири қаблии Кодекси мадании (моддаи 678) тартиби ҳифзи ҳуқуқи кредиторон муфассалтар карда шуда буд: кредиторе, ки дар бораи розигии худ ба гузаронидани қарз ба иҷорагиранда ба иҷорадиҳанда хаттӣ хабар надодааст, ҳуқуқ дорад дар муддати се моҳ қатъ ё иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳоро талаб кунад . Кредиторе, ки оид ба додани корхона ба иҷора огоҳ карда нашудааст, метавонад дар муддати як сол аз рӯзе, ки ӯ аз додани корхона ба иҷора хабардор шудааст ё бояд мешуд, даъво пешниҳод кунад.

Ба ақидаи М.З. Раҳимов, тартиби гузаронидани қарзҳо ҳангоми иҷораи корхона такмилро талаб мекунад, зеро кредиторон, одатан, ба тағйирёбии қарздор омода нестанд, ки ин метавонад ҳисобу китобҳоро бесубот кунад [9, с. 124]. Ш.М. Исмоилов низ ҳамин ақидаро дошта, пешниҳод мекунад, ки кафолатҳои ҳуқуқи кредиторон тавассути ҷорӣ намудани мувофиқаи ҳатмии гузаронидани қарзҳо бо кредиторон таквият дода шаванд [5, с. 215].

Моддаи 723 қисми 5 КГ ҶТ сазовори диққати махсус аст, ки муқаррар мекунад ҳуқуқи иҷорадиҳанда, ки аз ҷониби ӯ дар асоси иҷозатнома (литсензия) барои машғул шудан ба фаъолияти мувофиқ гирифта шудааст, ба иҷорагиранда интиқол дода намешавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад . Дохил кардани ба таркиби корхонае, ки тибқи шартнома дода мешавад, уҳдадориҳое, ки иҷрои онҳо аз ҷониби иҷорагиранда дар сурати набудани чунин иҷозатномаи (литсензияи) ӯ ғайриимкон аст, иҷорадиҳандаро аз уҳдадориҳои мувофиқ дар назди кредиторон озод намекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора» тартиби махсуси таъсиси корхонаи иҷораиро дар заминаи амволи давлатӣ пешбинӣ мекунад. Тибқи моддаи 16 Қонун, коллективи меҳнатии корхонаи давлатӣ ҳуқуқ дорад, ки барои таъсис додани корхонаи иҷорагӣ дар заминаи он ташкилоти иҷорагирандагонро ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил таъсис диҳад .

Қарори таъсис додани ташкилоти иҷорагирандагон дар маҷлиси умумии коллективи меҳнатӣ на камтар аз ду ҳиссаи сеюми овозҳои аъзои он қабул карда мешавад. Ташкилоти иҷорагирандагон якҷоя бо кумитаи касаба лоиҳаи шартномаи иҷораро таҳия намуда, онро ба мақоми давлатии ваколатдори соҳиби мулк барои додани корхонаҳои давлатӣ ба иҷора мефиристанд. Пас аз имзои шартнома, ташкилоти иҷорагирандагон амволи корхонаро қабул намуда, мақоми корхонаи иҷораиро мегирад .

Корхонаи иҷорагӣ дар асоси оинномае, ки маҷлиси умумӣ (конференсия)-и коллективи меҳнатии он тасдиқ мекунад, фаъолият менамояд. Барои корхонаи иҷорагӣ бо илтимоси он метавонад ном ва мукофотҳои давлатии корхонаи давлатӣ боқӣ монад. Корхонаи иҷорагӣ ҳуқуқвараси ҳуқуқ ва уҳдадориҳои амволии корхонаи давлатие, ки онро ба иҷора гирифтааст, мегардад .

Моддаи 9 Қонуни «Дар бораи иҷора» муқаррар мекунад, ки додани амвол ба иҷора гузаронидани ҳуқуқи моликиятро ба ин амвол ба бор намеорад. Маҳсулот ва даромадҳое, ки иҷорагиранда дар натиҷаи истифодаи амволи иҷорашуда ба даст меорад, моликияти ӯ мебошанд. Дар моликияти иҷорагиранда инчунин қиматҳои моддӣ ва дигар қиматҳое, ки ба таркиби амволи иҷорашуда дохил намешаванд ва аз ҷониби ӯ дар асосҳои пешбининамудаи қонун гирифта ва харида шудаанд, қарор доранд .

Д.Ш. Сангинов дар монографияи ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хидматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ бахшидааш қайд мекунад, ки механизми таъсиси корхонаҳои иҷорагӣ дар заминаи амволи давлатӣ дар давраи гузариш таҳия шуда, имрӯз бо назардошти рушди муносибатҳои бозорӣ ислоҳи ҷиддиро талаб мекунад [10, с. 78]. Олим таъкид мекунад, ки иштироки коллективи меҳнатӣ дар раванди иҷора омили муҳими иҷтимоӣ мебошад, аммо набояд самаранокии иқтисодиро иваз кунад.

Ҳангоми қатъи шартномаи иҷораи корхона, маҷмуи амволи иҷорашуда бояд бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 731 КГ ҶТ ба иҷорадиҳанда баргардонида шавад. Тайёр кардани корхона барои додан ба иҷорадиҳанда, аз ҷумла тартиб додан ва пешниҳод барои имзои санади интиқол, дар ин ҳолат уҳдадории иҷорагиранда буда, ба ҳисоби ӯ амалӣ карда мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад .

Тартиби махсус моддаи 730 КГ ҶТ муқаррар намудааст, ки тибқи он қоидаҳои Кодекси маданӣ оид ба оқибатҳои ботилии муомилот, қатъ ва тағйири шартнома, ки баргардонидан ё ситонидани айнан гирифташударо тибқи шартнома пешбинӣ мекунанд, ба шартномаи иҷораи корхона татбиқ карда мешаванд, агар чунин оқибатҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун муҳофизатшавандаи кредиторони иҷорадиҳанда ва иҷорагиранда, шахсони дигарро вайрон накунанд ва ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф набошанд . Ин меъёр ба ҳифзи ҳуқуқи кредиторон ҳангоми баргардонидани корхона равона шудааст.

Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2006 №12 шарҳ медиҳад, ки бо талаби иҷорадиҳанда шартномаи иҷора метавонад дар ҳолатҳое, ки иҷорагиранда иҷорапулиро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда намесупорад, таъмири асосиро анҷом намедиҳад, амволро бо вайронкунии ҷиддии шартҳои шартнома истифода мекунад, аз ҷониби суд тағйир ё қатъ карда шавад. Бо талаби иҷорагиранда шартнома метавонад қатъ карда шавад, агар иҷорадиҳанда уҳдадориҳои худро оид ба анҷоми таъмири асосӣ ё бозсозии амвол иҷро накунад.

Тадқиқоти анҷомдодашуда ба хулосаҳои асосии зерин оварда мерасонад.

1. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 пайдарпайиро дар танзими ҳуқуқии иҷораи корхона нигоҳ дошта, ҳамзамон ба механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи кредиторон ва тартиби бақайдгирии давлатӣ дақиқиҳо ворид намуд. Моддаҳои 723-731 боби 39 КМ ҶТ низоми мукаммали меъёрҳоеро ташкил медиҳанд, ки иҷораи корхонаро ҳамчун маҷмуи амволи ягона танзим мекунанд.

2. Корхона ҳамчун объекти иҷора сохтори мураккаби ҳуқуқиро ифода мекунад, ки унсурҳои моддӣ ва ғайримоддиро муттаҳид месозад. Иҷорагиранда ба ихтиёри муваққатӣ додани соҳибӣ ва истифодаи ашёи пароканда намегирад, балки бизнеси амалкунандаро мегирад, ки ин васеъшавии салоҳиятҳои ӯро нисбат ба иҷораи муқаррарӣ, аз ҷумла ҳуқуқи бозсозӣ ва аз нав таҷҳизонидани техникиро ба бор меорад.

3. Шартномаи иҷораи корхона риояи шакли хаттии сахт, тасдиқи нотариалӣ ва бақайдгирии давлатиро талаб мекунад, ки ошкории муомилот ва ҳифзи ҳуқуқи шахсони сеюмро таъмин менамояд. Ҳамзамон, сершумории тартиботи бақайдгирӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ монеаҳое эҷод мекунад, ки ҷустуҷӯи мувозинати оқилонаи байни манфиатҳои оммавӣ ва хусусиро талаб мекунад.

4. Механизми гузаронидани қарзҳо ба иҷорагиранда, ки моддаи 723 КМ ҶТ муқаррар намудааст, воситаи самараноки ҳифзи ҳуқуқи кредиторон мебошад, аммо такмили минбаъдаро талаб мекунад. Ба назар мувофиқ мерасад, ки имконияти ҷорӣ намудани мувофиқаи ҳатмии гузаронидани қарзҳо бо кредиторон ва таквияти масъулияти тарафҳо барои огоҳ накардани нодуруст баррасӣ шавад.

5. Падидаи корхонаи иҷорагӣ, ки дар заминаи амволи давлатӣ таъсис дода мешавад, мубрамиятро нигоҳ дошта, ба шароити муосири иқтисодӣ мутобиқсозиро талаб мекунад. Такмили тартиботи интихоби конкурсии иҷорагирандагон ва назорати истифодаи амволи давлатии иҷорашуда ба мақсад мувофиқ аст.

6. Тадқиқоти минбаъда дар ин соҳа метавонад ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими иҷораи корхона дар Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои иҷораи корхона бо назардошти амалияи ҳуқуқтатбиқӣ бахшида шавад.

Адабиёт

1. Герасимов О.А. Лицензирование и саморегулирование предпринимательской деятельности как средство обеспечения эффективности правового регулирования реального сектора экономики // Журнал предпринимательского и корпоративного права. – 2019. – № 2 (14). С. 22-25.

2. Герасимов О.А. Право собственности как средство обеспечения эффективности правового регулирования реального сектора экономики // Власть Закона. – 2018. – №1 (33). – С. 104-123.

3. Герасимов О.А. Правовые средства обеспечения предпринимательской деятельности в реальном секторе экономики // Власть Закона. – 2017. – №1 (29). – С. 90-100.

4. Золотухин А.В., Султонова Т. И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: Учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

5. Исмаилов Ш. М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021. – 632 с.

6. Кабутов Э.Д. Частноправовое регулирование оказания услуг трудоустройства в Республике Таджикистан: Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 192 с.

7. Ляпунцова Е.В., Михайлова М.А. Обзор основных критериев профессии data scientist в предпринимательской деятельности реального сектора экономики // В сборнике: Основные тенденции развития инновационного предпринимательства в реальном секторе экономики в эпоху цифровизации:

вызовы и возможности. Сборник научных трудов Всероссийской научно-практической конференции. – Москва, 2021. – С. 83-90.

8. Ойгензихт В.А. Избранные труды. Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – 1042 с.

9. Рахимов М.З. Избранные труды. – Душанбе: Бухоро, 2014. 638 с.

10. Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования: Монография. – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. – 424 с.

11. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: Учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 500 с.

12. Сангинов Д.Ш., Искандари С. Предпринимательское право Республики Таджикистан: Учебное пособие. – Душанбе, 2022. – 500 с.

13. Сангинов Д.Ш., Мирзозода П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 600 с.

14. Файзулоев Х.П. Основные направления развития предпринимательской деятельности в реальном секторе региональной экономики страны // Образование и наука в России и за рубежом. – 2021. – № 12 (88). – С. 58-64.

Иҷораи корхона тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: сохтори ҳуқуқӣ ва масъалаҳои татбиқи қонун

Дар мақола дар асоси таҳлили системавии меъёрҳои боби 39 «Иҷора»-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сохтори ҳуқуқии шартномаи иҷораи корхона мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф таркиби корхона ҳамчун маҷмуи амволи ягона, шартҳои муҳими шартнома, талабот ба шакл ва бақайдгирии давлатӣ, механизми гузаронидани қарзҳо ва ҳифзи ҳуқуқи кредиторон, инчунин хусусиятҳои ҳуқуқварасии муносибатҳои меҳнатиро ба тафсил баррасӣ намудааст. Диққати махсус ба навовариҳои қонунгузории соли 2022 ва таҳлили масъалаҳои татбиқи қонун дар асоси тафсири расмии дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаёфта равона гардидааст. Дар хулоса пешниҳодот оид ба такмили танзими ҳуқуқии иҷораи корхона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон формула карда мешаванд.

Калидвожаҳо: иҷораи корхона, маҷмуи амволи ягона, шартномаи иҷора, гузаронидани қарз, ҳифзи ҳуқуқи кредиторон, ҳуқуқварасӣ, корхонаи иҷорай

Аренда предприятия в соответствии с Гражданским кодексом Республики Таджикистан: правовая структура и вопросы правоприменения

В статье на основе системного анализа норм главы 39»аренда «культурного Кодекса Республики Таджикистан 2022 года и Закона РТ» об аренде в Республике Таджикистан» исследована правовая структура договора аренды предприятия. Автором подробно рассмотрен состав предприятия как совокупность единого имущества, существенные условия договора, требования к государственной форме и регистрации, механизм кредитования и защиты прав кредиторов, а также правовые особенности трудовых отношений. Особое внимание уделяется законодательным нововведениям 2022 года и анализу

вопросов применения закона на основе официального толкования, изложенного в решении пленума Верховного Суда Республики Таджикистан. В заключении формулируются предложения по совершенствованию правового регулирования аренды предприятия в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: аренда предприятия, единый имущественный комплекс, договор аренды, ведение кредита, защита прав кредиторов, Юриспруденция, аренда предприятия

Lease of an enterprise in accordance with the Civil code of the Republic of Tajikistan: legal structure and law enforcement issues

The article based on a systematic analysis of the norms of Chapter 39»lease « of the Cultural Code of the Republic of Tajikistan of 2022 and the Law of the Republic of Tajikistan «on Lease in the Republic of Tajikistan» examines the legal structure of the lease agreement of the enterprise. The author considers in detail the composition of the enterprise as a set of unified property, the essential terms of the contract, the requirements for the state form and registration, the mechanism of lending and protection of creditors' rights, as well as the legal features of labor relations. Special attention is paid to the legislative innovations of 2022 and the analysis of the issues of application of the law based on the official interpretation set out in the decision of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. In conclusion, proposals are formulated to improve the legal regulation of enterprise leases in the Republic of Tajikistan.

Keywords: enterprise lease, unified property complex, lease agreement, loan management, protection of creditors' rights, Jurisprudence, enterprise lease

Давлатқадамова Омина Музаффаровна, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкори ва тиҷорати факултети ҳукуқшиносӣ

Давлаткадамова Омина Музаффаровна, Таджикский национальный университет, кафедра предпринимательского и коммерческого права юридического факультета

Davlatqadamova Omina Muzaffarovna, Tajik National University, Department of Business and Commercial Law, Faculty of Law

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.8) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.8)

БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ КОР ДАР КОЛОНИЯҲОИ ИСЛОҲӢ ҶИҲАТИ ПЕШГИРӢ АЗ ҶИНОЯТИ ТАКРОРӢ ДАР МИЁНИ ЗАНОН

Сафарзода А.И., Гулзода Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Данғара

Муқаддима. Дар шароити рушди муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа пешгирии ҷиноятқорӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, масъалаи пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занон аҳамияти махсус дорад, зеро оқибатҳои чунин ҷиноятқорӣ на танҳо ба худи шахси маҳкумшуда, балки ба муносибатҳои оилавӣ, тарбияи фарзандон, устувории иҷтимоӣ ва раванди азнавҷтимоикунонии занон таъсир мерасонад.

Самаранокии пешгирии ҷинояти такрорӣ ба фаъолияти муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, махсусан ба сифати корҳои ислоҳӣ дар колонияҳои занона, алоқамандии бевосита дорад. Муассисаи ислоҳӣ бояд танҳо макони иҷрои маҳдудияти озодӣ набуда, ҳамчун муҳити ҳуқуқӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ барои ислоҳи шахс ва омодасозии ӯ ба ҳаёти мустақил баъди озодшавӣ хизмат намояд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сифати корҳои тарбиявӣ, меҳнатӣ, таълимӣ, касбомӯзӣ ва иҷтимоӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ метавонад яке аз омилҳои муҳими коҳиш додани эҳтимоли ҷинояти такрорӣ бошад.

Дар мавриди занони маҳкумшуда зарурати чунин муносибат бештар ба назар мерасад. Зеро вазъи иҷтимоӣ, масъулиятҳои оилавӣ, муносибатҳои модарӣ, сатҳи таҳсилот, имконияти бо кор таъмин шудан, таҷрибаи зӯроварӣ ё муносибатҳои носолими оилавӣ ва дигар омилҳои инфиродӣ метавонанд ба раванди ислоҳ ва бозгашти онҳо ба ҷомеа таъсир расонанд. Аз ин лиҳоз, татбиқи муносибати фарқкунанда ва ба эҳтиёҷоти воқеии занон мутобиқшуда дар фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои навро аз ҷониби онҳо ва дигар шахсон ҳамчун мақсади қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муайян менамояд. Ҳамзамон, қонунгузорӣ истифодаи воситаҳои гуногуни ислоҳ, аз ҷумла низоми адои ҷазо, корҳои тарбиявӣ, меҳнат, гирифтани таҳсилоти умумӣ, омодагии касбӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятиро пешбинӣ мекунад. Ин меъёрҳо нишон медиҳанд, ки пешгирии ҷинояти такрорӣ бояд на танҳо тавассути назорату маҳдудият, балки тавассути таъсири мақсадноки тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва меҳнатӣ амалӣ карда шавад.

Масъалаи мазкур дар осори як қатор муҳаққиқон низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Н.А. Стручков самаранокии маҳрум сохтан аз озодиро, аз ҷумла, бо

рафтори шахс пас аз озодшавӣ ва пешгирӣ намудани содиркунии ҷиноятҳои нав алоқаманд медонад [21, с. 164]. Ин андеша барои таҳқиқи фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ аҳамияти методологӣ дошта, нишон медиҳад, ки натиҷаи воқеии иҷрои ҷазо бояд бо омодагии шахс ба риояи қонун ва зиндагии мустақилона баъди озодшавӣ арзёбӣ гардад.

Дар таҳқиқоти марбут ба ҷиноятқории занон низ таъкид мешавад, ки омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва оилавӣ метавонанд ба рафтори ҷиноятқоронаи занон таъсир расонанд. Аз ин рӯ, фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ бояд хусусиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии занони маҳкумшударо ба назар гирифта, барои бартараф намудани омилҳое, ки метавонанд ба ҷинояти такрорӣ мусоидат намоянд, шароити муносиб фароҳам оварад.

Бо назардошти ин, баланд бардоштани сифати фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ нисбат ба занони маҳкумшуда на танҳо масъалаи таъмини шароити муносиб барои адои ҷазо, балки масъалаи муҳими сиёсати пешгирии ҷиноятқорӣ мебошад. Таҳлили воситаҳои мавҷудаи ислоҳ, муайян намудани камбудиҳои амалияи иҷрои ҷазо ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои беҳтар намудани омодагии занон ба ҳаёти баъди озодшавӣ метавонад ба коҳиш додани хавфи ҷинояти такрорӣ мусоидат намояд.

Мақсади таҳқиқот таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ дар самти ислоҳ ва мутобиқшавии иҷтимоии занони маҳкумшуда, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳо барои баланд бардоштани самаранокии пешгирии ҷинояти такрорӣ мебошад.

Дараҷаи коркарди масъала. Масъалаи ҷиноятқории занон, хусусиятҳои шахсияти занони ҷиноятқор, сабабу шароитҳои содир намудани ҷиноят ва самаранокии чораҳои пешгирии ҷинояти такрорӣ дар адабиёти криминологӣ ва ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳи олимони соҳа қарор гирифтааст. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки ҷиноятқории занонро танҳо дар доираи хусусиятҳои ҳуқуқии ҷиноят таҳлил намудан кофӣ нест, зеро ба он маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, оилавӣ, равонӣ ва муҳити иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Дар таҳқиқоти Л.З. Аджиева хусусиятҳои криминологии ҷиноятқории занон ва масъалаҳои пешгирии он баррасӣ гардида, ба зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои махсуси гурӯҳи мазкур дар таҳияи чораҳои пешгирикунанда таваҷҷуҳ зоҳир шудааст [2]. Ин равиш барои таҳқиқи занони маҳкумшуда аҳамияти хос дорад, зеро баъди таъини ҷазо низ омилҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ метавонанд ба рафтори минбаъдаи онҳо таъсир расонанд.

Ҷанбаҳои марбут ба рецидиви ҷиноятқории занон дар таҳқиқоти И.А. Бурмистров мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллифон хусусиятҳои рецидиви ҷиноятқории занонро таҳлил намуда, масъалаи такроршавии ҷиноятқориро дар робита бо хусусиятҳои иҷтимоӣ ва криминологии занони ҷиноятқор баррасӣ менамояд [2, с. 278–283]. Ин мавқеъ зарурати таҳлили омилҳои пас аз озодшавӣ ва шароити бозгашти занон ба муҳити иҷтимоиро низ нишон медиҳад.

Масъалаи фарқиятҳои гендерӣ дар муносибат ба ҷиноятқорӣ дар корҳои В.В. Плотников, В.Н. Коротких ва Р.Н. Кучмезов таҳқиқ шудааст. Муаллифон ба

таъсири стереотипҳои гендерӣ ба тасаввурот дар бораи ҷиноятқорӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи ҷиноятқории мардону занон таваҷҷуҳ намудаанд [19, с. 54–57]. Барои низоми иҷрои ҷазо чунин муносибат аҳамияти методологӣ дорад, зеро он зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои гендериро ҳангоми интихоби воситаҳои ислоҳ ва мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагон асоснок менамояд.

Дар таҳқиқоти Т.А. Шмаева масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби занони маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [4, с. 183]. Ин таҳқиқот аҳамияти фаъолияти мақсадноки муассисаҳои ислоҳиро дар пешгирии рафтори ғайриқонунӣ нишон дода, заминаи таҳлили минбаъдаи механизмҳои пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занонро фароҳам меорад.

Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии иҷрои ҷазо нисбат ба заноне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ қарор доранд, дар як қатор таҳқиқоти марбут ба низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ инъикос ёфтаанд. М.И. Дутов масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии иҷрои ҷазо ва бозтарбия намудани занони ба колонияҳои ислоҳӣ-сукунатӣ гузаронидашударо таҳлил намудааст [4]. Ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки фароҳам овардани шароити муносиб барои мутобиқшавии иҷтимоии занони маҳкумшуда бояд ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ баррасӣ гардад.

Дар адабиёти ҳуқуқии тоҷик масъалаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи маҳкумшудагон низ тадриҷан мавқеи бештар пайдо кардаанд. Х. Каримов масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи занони маҳкумшударо дар низоми иҷрои ҷазо мавриди таҳлил қарор дода, ба зарурати такмили муносибати ҳуқуқӣ ба ин гурӯҳи маҳкумшудагон таваҷҷуҳ намудааст [5, с. 77]. А.Т. Қурбонзода масъалаҳои ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои такмили низоми мазкурро баррасӣ кардааст [14].

Дар корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик масъалаҳои мушаххаси иҷрои ҷазо нисбат ба занон низ таҳлил шудаанд. Аз ҷумла, Н.А. Гулзода масъалаҳои иҷрои ҷазо нисбат ба заноне, ки дар колонияҳои ислоҳӣ қарор доранд, таҳқиқ намуда, ба шароити адои ҷазо ва масъалаҳои иҷтимоикунонии онҳо таваҷҷуҳ кардааст [14]. З. Назарова масъалаи ҷиноятқории занон ва хусусиятҳои иҷрои ҷазо нисбат ба онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст [17].

Асарҳои умумии назариявӣ оид ба ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ барои таҳқиқи масъала аҳамияти муҳим доранд. Дар ин самт корҳои Ҳ.С. Салимов [15], инчунин тафсири Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳти таҳрири З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов ва дигарон [22] имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои ислоҳи маҳкумшудагон, воситаҳои ислоҳ ва тартиби иҷрои ҷазо дар заминаи қонунгузории миллӣ таҳлил карда шаванд.

Таҳқиқоти мавҷуда нишон медиҳанд, ки масъалаҳои ҷиноятқории занон, иҷрои ҷазо, ислоҳ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо дар алоҳидагӣ ба таври нисбатан васеъ омӯхта шудаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи баланд бардоштани сифати фаъолияти колонияҳои ислоҳии занона маҳз ҳамчун воситаи пешгирии ҷинояти такрорӣ ниёз ба таҳқиқи минбаъдаи комплексӣ дорад. Аз ҷумла, муносибати байни меҳнат, таҳсил, касбомӯзӣ, дастгирии иҷтимоӣ, корҳои

тарбиявӣ, омодагӣ ба озодшавӣ ва эҳтимоли содир намудани ҷинояти такрорӣ ба таҳлили бештар ниёз дорад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти қаблӣ барои ташаккули заминаи назариявию ҳуқуқии масъала аҳамияти муҳим доранд, вале зарурати такмили муносибати комплексӣ ба фаъолияти колонияҳои ислоҳии занона боқӣ мемонад. Маҳз ҳамин ҳолат зарурати таҳлили минбаъдаи воситаҳои ислоҳ ва пешниҳод намудани роҳҳои баланд бардоштани сифати фаъолияти муассисаҳои ислоҳиро дар самти пешгирии ҷинояти такрорӣ асоснок менамояд.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро маҷмуи усулҳои умумилмӣ ва махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки истифодаи онҳо имкон медиҳад масъалаи баланд бардоштани сифати фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ дар самти пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занон ба таври ҳамаҷониба таҳлил карда шавад.

Дар раванди таҳқиқот пеш аз ҳама усули таҳлили ҳуқуқӣ истифода гардид. Бо ёрии ин усул муқаррароти Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба иҷрои ҷазо, ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ таҳлил карда шуданд.

Усули системавӣ барои муайян намудани робитаи байни мақсадҳои иҷрои ҷазо, воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии ҷинояти такрорӣ истифода гардид. Ин усул имкон дод, ки фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, тарбиявӣ, меҳнатӣ, таълимӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад.

Бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавқеъҳои гуногуни илмӣ оид ба иҷрои ҷазо нисбат ба занон, хусусиятҳои ислоҳи онҳо ва роҳҳои пешгирии ҷинояти такрорӣ муқоиса карда шуданд. Ҳамзамон, ҳангоми таҳлили адабиёти илмӣ мавқеъҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба назар гирифта шуданд.

Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ барои баррасии ташаккул ва рушди муассисаҳои ислоҳӣ дар Тоҷикистон ва муайян намудани тағйироти асосии муносибат ба иҷрои ҷазо ва ислоҳи маҳкумшудагон истифода гардид.

Дар таҳқиқот инчунин усули таҳлили ҳуҷҷатҳо ва адабиёти илмӣ истифода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ, таҳқиқоти криминологӣ ва маводи марбут ба фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Истифодаи маҷмуии усулҳои мазкур имконият фароҳам овард, ки масъалаи фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ нисбат ба занон на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, балки дар робита бо ҷанбаҳои иҷтимоӣ, тарбиявӣ, меҳнатӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагон таҳлил карда шавад. Ин замина барои муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии пешгирии ҷинояти такрорӣ фароҳам меорад.

Муҳокима. Масъалаи баланд бардоштани сифати фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ дар самти пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занон пеш аз ҳама ба фаҳмиши дурусти мақсад ва вазифаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вобаста мебошад. Мувофиқи моддаи 3 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсади қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав ҳам аз ҷониби онҳо ва ҳам аз ҷониби

дигар шахсон иборат мебошад. Ҳамин меъёр нишон медиҳад, ки иҷрои ҷазо танҳо маҳдуд намудани ҳуқуқи шахс набуда, бояд ба тағйир додани рафтор ва омодасозии ӯ барои бозгашт ба ҳаёти қонунӣ равона гардад [6].

Дар ҳамин замина, моддаи 14 КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ислоҳи маҳкумшудагонро ҳамчун ташаккули муносибати эҳтиромона ба инсон, ҷомеа, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо ва анъанаҳои ҳаёти умумии инсон ва ҳавасманд гардонидани рафтори ҳуқуқии онҳо муайян мекунад. Қонун ҳамчун воситаҳои асосии ислоҳ низоми адои ҷазо, корҳои тарбиявӣ, меҳнат, таҳсилоти умумӣ, омодагии касбӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятиро пешбинӣ менамояд [6].

Аз ин меъёрҳо бармеояд, ки самаранокии кори колонияи ислоҳӣ бояд танҳо бо риояи низом ва нигоҳдории тартибот арзёбӣ нашавад. Натиҷаи воқеии фаъолияти муассиса бояд дар тағйири муносибати маҳкумшуда ба қонун, меҳнат, оила ва ҷомеа ва дар омодагии ӯ ба ҳаёти мустақилона баъди озодшавӣ ифода ёбад. Дар мавриди занони маҳкумшуда ин талабот бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ ва оилавии онҳо аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими чунин самаранокӣ пешгирии ҷинояти такрорӣ мебошад. Агар шахс баъди озодшавӣ боз ба фаъолияти ҷинояткорона баргардад, ин метавонад аз он шаҳодат диҳад, ки маҷмуи воситаҳои ислоҳ ва омодагӣ ба ҳаёти озод дар давраи адои ҷазо ба натиҷаи зарурӣ нарасидааст. Аз ин рӯ, кори муассисаҳои ислоҳӣ бояд аз рӯзи қабул шудани зан ба муассиса то давраи омодагӣ ба озодшавӣ ва баъди он пайваста ва мақсаднок ташкил карда шавад.

Дар ин раванд ба корҳои тарбиявӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Корҳои тарбиявӣ набояд танҳо гузаронидани суҳбатҳои умумӣ ё чорабиниҳои маърифатӣ маҳдуд шаванд. Онҳо бояд ба муайян намудани сабабҳои рафтори ғайриқонунӣ, тағйир додани муносибати шахс ба оқибатҳои ҷиноят, ташаккули масъулияти шахсӣ ва омодасозии ӯ ба ҳалли қонунии мушкилоти зиндагӣ равона карда шаванд. Барои занони маҳкумшуда чунин фаъолият бояд бо вазъи оилавӣ, сатҳи таҳсилот, синну сол, таҷрибаи меҳнатӣ ва дигар хусусиятҳои инфиродии онҳо алоқаманд бошад.

Самти дигари муҳими ислоҳ меҳнат мебошад. Тибқи талаботи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, маҳкумшуда ба меҳнат ҷалб карда мешавад ва ҳангоми ташкили меҳнат бояд ҷинс, синну сол, қобилияти меҳнатӣ, вазъи саломатӣ ва омодагии касбии ӯ ба назар гирифта шавад [7]. Ин муқаррарот аз он шаҳодат медиҳад, ки меҳнат дар муассисаи ислоҳӣ на танҳо воситаи машғул намудани маҳкумшуда, балки яке аз воситаҳои ташаккули малакаҳои зарурӣ барои зиндагии мустақилона мебошад.

Дар амал бошад, маҳдуд будани имкониятҳои меҳнатӣ метавонад ба самаранокии раванди ислоҳ таъсир расонад. Норасоии ҷойҳои корӣ, маҳдуд будани истеҳсолот ва нокифоя будани имконияти омӯзиши касбҳои рақобатпазир барои омодагии занони маҳкумшуда ба бозори меҳнат баъди озодшавӣ мушкил эҷод менамояд. Аз ин рӯ, рушди корхонаҳои истеҳсолӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ва ҷорӣ намудани касбҳое, ки ба талаботи бозори меҳнати муосир мувофиқанд, метавонад яке аз самтҳои муҳими пешгирии ҷинояти такрорӣ бошад.

Ба назари мо, дар шароити муосир танҳо ба касбҳои анъанавӣ маҳдуд намудани омодагии меҳнатии занони маҳкумшуда мувофиқи мақсад нест. Зарур аст, ки дар доираи имкониятҳои муассисаҳо омӯзиши касбҳои муосир, аз ҷумла малакаҳои компютерӣ, саводнокии рақамӣ, корҳои фосилавӣ ва дигар самтҳои қобили истифода дар бозори меҳнат ба роҳ монда шавад. Ин метавонад имконияти бо кори қонунӣ таъмин шудани занро баъди озодшавӣ зиёд намояд.

Таҳсил ва касбомӯзӣ низ яке аз воситаҳои муҳимми ислоҳи маҳкумшудагон мебошад. Зане, ки баъди озодшавӣ имконияти гирифтани маълумот ва касби муайянро дорад, метавонад барои таъмини мустақилияти иқтисодии худ аз роҳҳои қонунӣ истифода намояд. Баръакс, набудани маълумот, касб ва малакаи меҳнатӣ метавонад имконияти бо кор таъмин шуданро маҳдуд созад ва вобастагии иқтисодиро зиёд намояд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сифати таълими умумӣ, касбомӯзӣ ва такмили ихтисос дар колонияҳои занона бояд қисми ҷудонашавандаи сиёсати пешгирии ҷинояти такрорӣ бошад.

Ҷанбаи дигаре, ки ба раванди ислоҳи занони маҳкумшуда таъсир мерасонад, муносибатҳои оилавӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Барои бисёре аз занон муносибат бо фарзандон ва аъзои оила аҳамияти махсус дорад. Гусастани робитаҳои оилавӣ метавонад баъди озодшавӣ раванди бозгашт ба муҳити иҷтимоиро душвор созад. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани робитаҳои қонунии оилавӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва омодасозии зан ба барқарор намудани муносибатҳои солими оилавӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти муассиса баррасӣ шавад.

Дар ин масъала муносибати инфиродӣ зарур мебошад. Ҳамаи занони маҳкумшуда аз рӯи сабабҳои ҷиноят, вазъи оилавӣ, сатҳи таҳсилот, таҷрибаи меҳнатӣ ва хусусиятҳои шахсӣ якхела нестанд. Аз ин рӯ, истифодаи як шакли ягонаи корҳои тарбиявӣ нисбат ба ҳамаи онҳо метавонад самаранокии заруриро таъмин накунад. Ба назари мо, барои ҳар як маҳкумшуда бояд то ҳадди имкон хусусиятҳои шахсӣ ва омилҳои хавфи такрори ҷиноят муайян карда шуда, барномаи инфиродии ислоҳ ва омодагӣ ба озодшавӣ таҳия карда шавад.

Масъалаи дастгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ низ аҳамияти калон дорад. Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳуқуқиро барои мутобиқшавии маҳкумшудагон ба муҳити иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд [6]. Дар амал самаранокии чунин ёрӣ аз ҳамоҳангии фаъолияти муассисаи ислоҳӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти меҳнат ва шуғл, мақомоти иҷтимоӣ ва дигар ташкилотҳои дахлдор вобаста мебошад.

Зан баъди озодшавӣ метавонад бо мушкилоти ҷойи истиқомат, кор, барқарор намудани ҳуҷҷатҳо, муносибатҳои оилавӣ ва таъмини зиндагии фарзандон рӯ ба рӯ шавад. Агар ин мушкилот пеш аз озодшавӣ муайян ва барои ҳалли онҳо чораҳои зарурӣ андешида нашаванд, эҳтимоли баргаштани шахс ба муҳити номусоиди иҷтимоӣ зиёд мегардад. Бинобар ин, омодагӣ ба озодшавӣ бояд на дар рӯзҳои охири адои ҷазо, балки хеле пештар оғоз гардад.

Дар ин замина, ҳамкории муассисаи ислоҳӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Мақомоти дахлдор бояд дар масъалаи бо кор таъмин намудани шахсони озодшаванда, фароҳам овардани имконияти таҳсил, дастгирии иҷтимоӣ ва

барқарор намудани робитаҳои оилавӣ мусоидат намоянд. Чунин ҳамкорӣ метавонад давраи гузариш аз муҳити маҳдуди муассиса ба муҳити озодро осонтар намояд.

Яке аз масъалаҳои муҳим тайёр намудани зан ба озодшавӣ мебошад. Ҳадафи чунин омодагӣ бояд танҳо огоҳ намудани маҳкумшуда аз ҳуқуқу уҳдадориҳои баъди озодшавӣ набошад. Зарур аст, ки малакаҳои ҳалли масъалаҳои рӯзмарра, ҷустуҷӯи ҷойи кор, идора намудани даромад, истифодаи хизматрасониҳои давлатӣ, нигоҳ доштани муносибатҳои оилавӣ ва пешгирӣ аз бозгашт ба муҳити ҷиноятқорона ташаккул дода шаванд.

Дар баробари ин, таҷрибаи байналмилалии муносибат ба занони маҳкумшуда нишон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои ислоҳӣ бояд хусусиятҳои гендерӣ ба назар гирифта шаванд. Ин маънои муносибати имтиёзнок ба занонро надорад, балки зарурати ба инобат гирифтани ниёзҳои воқеии онҳо ҳангоми татбиқи воситаҳои ислоҳро ифода мекунад. Маҳз муносибати инфиродӣ ва гендерӣ метавонад ба самаранокии корҳои тарбиявӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Дар масъалаи мазкур инчунин шароити моддӣ-маишӣ ва хизматрасонии тиббӣ аҳамияти муайян доранд. Шароити номуносиби зиндагӣ, мушкилоти саломатӣ ва дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои зарурӣ метавонанд ба вазъи иҷтимоӣ ва равонии маҳкумшуда таъсир расонанд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сифати нигоҳдорӣ, ғизо, хизматрасонии тиббӣ ва шароити санитарӣ бояд ҳамчун қисми муҳими сиёсати умумии ислоҳ баррасӣ карда шавад.

Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занон танҳо бо як восита таъмин карда намешавад. Натиҷаи устувор метавонад дар сурати ҳамоҳангии низоми адои ҷазо, корҳои тарбиявӣ, меҳнат, таҳсил, касбомӯзӣ, дастгирии равонӣ, ҳифзи робитаҳои оилавӣ ва омодагӣ ба озодшавӣ ба даст ояд. Аз ин рӯ, сифати фаъолияти колонияи ислоҳӣ бояд бо нишондиҳандаи ягона не, балки бо маҷмуи натиҷаҳои ислоҳ ва азнавҷтимоикунонии маҳкумшуда арзёбӣ карда шавад.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии кори колонияҳои ислоҳии занона ва коҳиш додани хавфи ҷинояти такрорӣ зарур аст:

–барномаҳои инфиродии ислоҳ ва омодагӣ ба озодшавии занони маҳкумшуда таҳия ва татбиқ карда шаванд;

–касбомӯзӣ бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ва имкониятҳои шуғли баъди озодшавӣ такмил дода шавад;

–омӯзиши малакаҳои рақамӣ ва касбҳои муосир васеъ карда шавад;

–иштироки занони маҳкумшуда дар меҳнати қонунӣ ва истеҳсолоти муассисаҳо зиёд карда шавад;

–машваратҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мунтазам гузаронида шаванд;

–робитаҳои оилавӣ, махсусан робитаи модар бо фарзандон, дар доираи талаботи қонунгузорӣ дастгирӣ карда шаванд;

–омодагӣ ба озодшавӣ пеш аз анҷоми муҳлати ҷазо оғоз гардида, бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои шуғл ҳамоҳанг карда шавад;

–барои занони озодшаванда механизмҳои дастгирии иҷтимоӣ ва меҳнатӣ такмил дода шаванд;

–самаранокии корҳои ислоҳӣ на танҳо аз рӯи риояи низоми дохилӣ, балки бо дарназардошти натиҷаҳои азнавҷтимоикунонӣ ва пешгирии ҷинояти такрорӣ арзёбӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, фаъолияти колонияҳои ислоҳии занона бояд аз модели маҳдуди нигоҳдорӣ ба модели ҳамаҷонибаи ислоҳ ва омодасозии шахс ба ҳаёти қонунӣ гузарад. Дар чунин шароит меҳнат, таҳсил, касбомӯзӣ, корҳои тарбиявӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва робитаҳои оилавӣ на ҳамчун самтҳои алоҳида, балки ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди низоми пешгирии ҷинояти такрорӣ баррасӣ мешаванд.

Хулоса. Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки баланд бардоштани сифати кори тарбиявӣ ва ислоҳӣ дар колонияҳои ислоҳӣ яке аз самтҳои муҳими пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занони маҳкумшуда ба ҳисоб меравад. Самаранокии иҷрои ҷазо бояд танҳо аз рӯи риояи низоми дохилӣ ва и нтизоми маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо муайян карда нашавад, балки пеш аз ҳама бо дараҷаи ислоҳ, омодагӣ ба ҳаёти мустақилона ва мутобиқшавии иҷтимоии шахс баъди озодшавӣ арзёбӣ гардад.

Муқаррароти Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи чораҳои ислоҳӣ, тарбиявӣ, меҳнатӣ, таълимӣ ва иҷтимоӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, самаранокии онҳо аз сатҳи татбиқи воқеии чунин механизмҳо, имкониятҳои моддию ташкилӣ ва муносибати инфиродӣ ба хусусиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии занони маҳкумшуда вобаста мебошад.

Дар ин замина, барои такмили фаъолияти колонияҳои ислоҳӣ зарур аст, ки барномаҳои инфиродии ислоҳ ва омодасозии ҳар як маҳкумшуда таҳия гардида, дар онҳо ҳолати оилавӣ, синну сол, сатҳи таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, малакаҳои касбӣ, муносибат ба меҳнат ва эҳтиёҷоти психологию иҷтимоӣ ба назар гирифта шаванд. Ҳамзамон, рушди таълими касбӣ, омӯзиши касбҳои ба бозори меҳнат мутобиқ, саводи рақамӣ ва фароҳам овардани имконияти фаъолияти меҳнатии қонунӣ бояд ҳамчун қисми муҳими омодагӣ ба озодшавӣ баррасӣ гардад.

Самти дигари муҳим таҳкими робитаҳои оилавӣ ва иҷтимоии занони маҳкумшуда мебошад. Нигоҳ доштани муносибатҳои солими оилавӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва омодасозии шахс ба бозгашт ба муҳити оила ва ҷомеа метавонад барои мутобиқшавии баъдиҷазоӣ аҳамияти ҷиддӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ҳамкории муассисаҳои иҷрои ҷазо бо мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, хадамоти иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дахлдор бояд тақвият дода шавад.

Барои занони маҳкумшуда инчунин дастгирии равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, махсусан дар марҳилаи омодагӣ ба озодшавӣ, аҳамияти муҳим дорад. Чунин дастгирӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои ҷойи истиқомат, шуғл, барқарор намудани ҳуҷҷатҳо, идомаи таҳсил, барқарорсозии муносибатҳои оилавӣ ва мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, пешгирии ҷинояти такрорӣ дар байни занон муносибати маҷмӯӣ ва пайвастаи ислоҳиро тақозо менамояд. Колонияи ислоҳӣ бояд на танҳо ҳамчун ҷойи адои ҷазо, балки ҳамчун муҳити омодасозии маҳкумшуда ба ҳаёти

қонунӣ ва мустақилона баъди озодшавӣ фаъолият намояд. Дар ин раванд баланд бардоштани сифати таълим, меҳнат, тарбия, дастгирии равонӣ ва иҷтимоӣ, инчунин омодагии пешакӣ ба озодшавӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Дар натиҷа, такмили кори колонияҳои ислоҳӣ дар муносибат ба занони маҳкумшуда метавонад барои баланд бардоштани самаранокии ислоҳи онҳо, беҳтар намудани мутобиқшавии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои пешгирии ҷинояти такрорӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар самти занон бояд ба принсипҳои қонуният, муносибати инфиродӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, баробарӣ ва дастгирии иҷтимоии баъдиҷазоӣ такя намояд.

Адабиёт:

1. Абдулов М.З. «Управление исправительных дел». – Душанбе, 2002. – С. 158.
2. Бурмистров, И.А. Рецидив женской преступности (криминологический рисунок) / И.А. Бурмистров // Противодействие преступности в социальной сфере: сборник статей по материалам конференции, Москва, 17 ноября 2020 года. – Москва: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2021. – С. 278–283.
3. Гулзода, Н.А. Иҷрои ҷазо нисбати занони дар колонияҳои ислоҳӣ сукунатдошта / Н.А. Гулзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 10-2. – С. 225–230. – EDN HYITWZ.
4. Гулноза, Ш. Особенности исполнения уголовных наказаний в отношении женщин в исправительных колониях-поселениях / Ш. Гулноза // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-1. – С. 239–242. – EDN ZSGSOD.
5. Дутов М.И. Правовые и организационные вопросы исполнения наказания и перевоспитания женщин, переведенных в ИТК-поселения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Томск, 1977. – С. 23.
6. Каримов, Х. Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи занони маҳкумшуда дар низоми иҷрои ҷазо / Х. Каримов // Маҷаллаи ҳуқуқ. – 2020. – № 4. – С. 77.
7. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001.
8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008.
9. Кодекси ҷиноятии ҶШСТ. – Душанбе, 1984.
10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
11. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 556 аз 8 июни соли 2004 «Дар бораи Системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ».
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарҳуқуқии мардону занон ва баробаримконияти онҳо». – Душанбе, 2022.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби нигоҳдории шахсони маҳрум аз озодӣ». – Душанбе, 2012.
14. Қурбонзода, А.Т. Ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Т. Қурбонзода // Законодательство. – 2023. – № 4(52). – С. 234–238. – EDN UJZABM.

15. Назарзода Р.Г. Уголовно-правовые и уголовно-исполнительные проблемы применения и исполнения наказания в виде пожизненного лишения свободы: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Назарзода Рамзагули Гани. – Душанбе, 2024. – 63 с.

16. Назарова, З. Ҷиноятқории занон ва хусусиятҳои иҷрои ҷазо нисбат ба онҳо. – Душанбе, 2020. – С. 104.

17. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. – 1966. – С. 44.

18. Плотников, В.В. Гендерные стереотипы о преступности: особенности гендерной дифференциации и самоидентификации преступника / В.В. Плотников, В.Н. Коротких, Р.Н. Кучмезов // Вестник Калининградского филиала Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2021. – № 2(64). – С. 54–57.

19. Салимов Ҳ.С. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2004. – С. 95.

20. Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, № 385 тасдиқ шудааст.

21. Стручков Н.А. Советская исправительно-трудовая политика и ее роль в борьбе с преступностью. – Саратов, 1970. – С. 164.

22. Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И. Ғаниев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – 636 с.

23. Шмаева Т.А. Организационные и правовые вопросы предупреждения правонарушений осужденных женщин в ИТК: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 1982. – С. 183.

Баланд бардоштани сифати кор дар колонияҳои ислоҳӣ ҷиҳати пешгирӣ аз ҷинояти такрорӣ дар миёни занон

Ҷиноятқории занон ба амнияти ҷомеа, устувории оила ва тарбияи фарзандон таъсири ҷиддӣ мерасонад. Барои пешгирӣ аз ҷинояти такрорӣ, колонияҳои ислоҳии занона бояд на танҳо маҳбусонро нигоҳ доранд, балки ба ислоҳ, таълим, меҳнат ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо равона гарданд. Барномаҳо бояд хусусияти инфиродӣ дошта, эҳтиёҷоти психофизиологӣ ва иҷтимоии занонро ба инобат гиранд. Механизмҳои қонунӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳадафи асосии ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии ҷиноятҳои навро таъкид мекунанд. Мушкилотҳои асосӣ дар колонияҳо иборатанд аз сатҳи пасти ҷалби меҳнатӣ, захираҳои моддӣ, имкониятҳои таълимӣ ва таъсири манфии ҷудоии иҷтимоӣ. Бо ин вуҷуд, тадбирҳои таълимӣ, касбомӯзӣ, кӯмакҳои равонӣ ва иҷтимоӣ метавонанд самаранокии ислоҳро баланд баранд ва эҳтимоли такрори ҷиноятро коҳиш диҳанд.

Калидвожаҳо: занон, колонияи ислоҳӣ, пешгирии ҷиноят, ислоҳ, иҷтимоишавӣ, меҳнат, таълим, қонунгузорӣ

Повышение качества работы в исправительных колониях для предупреждения рецидива среди женщин

Преступность среди женщин влияет на безопасность общества, стабильность семьи и воспитание детей. Исправительные колонии должны

обеспечивать не только содержание осуждённых, но и их исправление, обучение, трудовую занятость и социальную адаптацию. Программы должны учитывать психофизиологические и социальные особенности женщин. Законодательство, включая Уголовный кодекс и Кодекс об исполнении уголовного наказания, направлено на исправление осуждённых и предотвращение новых преступлений. Основные проблемы колоний: низкая вовлечённость в труд, недостаточные материальные и образовательные ресурсы, негативное влияние социальной изоляции. Образовательные, профессиональные и социально-психологические меры повышают эффективность исправления и снижают риск рецидива.

Ключевые слова: женщины, исправительная колония, предупреждение преступности, исправление, социализация, труд, обучение, законодательство

Improving the quality of work in correctional colonies to prevent recidivism among women

Female criminality impacts societal safety, family stability, and child upbringing. Correctional facilities should not only detain inmates but also focus on their rehabilitation, education, work, and social reintegration. Programs should consider women's psychophysiological and social needs. Legislation, including the Criminal Code and the Code on Execution of Criminal Punishments, emphasizes the rehabilitation of inmates and the prevention of new crimes. Key challenges include low labor engagement, insufficient material and educational resources, and negative effects of social isolation. Educational, vocational, and psychosocial support measures can enhance rehabilitation effectiveness and reduce recidivism risks.

Keywords: women, correctional colony, crime prevention, rehabilitation, socialization, labor, education, legislation

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафарзода Анвар Ислом – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. **Тел.:** +992 905-88-63-63. **Email:** anvar_safarov85@mail.ru

Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид – Донишгоҳи давлатии Данғара, дотсент, докторант. Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25

Сведения об авторах: Сафарзода Анвар Ислом – Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции, доктор юридических наук. **Тел.:** +992 905-88-63-63. **Email:** anvar_safarov85@mail.ru

Гулзода Наджиба Абдулмаджид - Дангаринский государственный университет, доцент, докторант. Адрес: 734065, р. Дангара, Республика Таджикистан, ул. Маркази, д. 25.

Information about the authors: Safarzoda Anwar Islom – Tajik national university, faculty of law, professor in the department of criminal law and anti-corruption, doctor of laws. **Tel.:** +992 905-88-63-63. **Email:** anvar_safarov85@mail.ru

Gulzoda Nadjiba Abdulmadzhid - Dangara State University, Associate Professor, Doctoral Candidate. Address: 734065, Dangara district, Republic of Tajikistan, Markazi Street, 25.

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

НАШЪАМАНДӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ХАТАРЗОИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Мирализода Э.Б., Раҷабова Ф.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар ҷаҳони имрӯза, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифтааст, нашъамандӣ аз доираи як мушкили тиббӣ баромада, ба як хатари бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи ҷаҳон табдил ёфтааст.

Созмони Милали Муттаҳид нашъамандиро дар қатори терроризм ва силоҳи қатли ом ҳамчун яке аз се таҳдиди асосӣ ба инсоният эътироф намудааст. Ин маънои онро дорад, ки нашъамандӣ на танҳо ба саломатии як нафар, балки ба амнияту оромӣ ва иқтисодиёти тамоми давлатҳо зарари ҷиддӣ мерасонад. Тибқи гузоришҳои расмии Созмони Милали Муттаҳид, солҳои охир, дар ҷаҳон тақрибан 316 миллион нафар аз маводи мухаддир истифода мебаранд, ки ин рақам нишондиҳандаи буҳрони глобалӣ мебошад. Ин мушкилот на танҳо ба соҳаи тандурустӣ, балки ба густариши ҷиноятқории муташаккил, коррупсия ва терроризм иртиботи ногусастанӣ дорад. Созмони Милали Муттаҳид тавассути конвенсияҳои байналмилалии дахлдор дар самти маводи мухаддир, низоми ягонаи назорати байналмилалиро барои ҷилавгирӣ аз ин вабои аср заминагузорӣ намудааст. Устувории амнияти ҷомеа аз татбиқи барномаҳои илман асосноки профилактикӣ ва дастрасии ҳамагонӣ ба табобати босифат вобастагии мустақим дорад. Ҳадафи ниҳоии ин созмон сохтани ҷомеаи озод аз маводи мухаддир мебошад, то ба ҳар як фард имкони зиндагии солим ва амн фароҳам оварда шавад [1].

Дараҷаи коркарди мавзуъ. Воқеан ҳам падидаи нашъамандӣ дар низоми таҳдидҳои муосир мақоми махсусро касб намуда, ҳамчун омили харобиовари сохтори иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ шинохта мешавад. Дар илми криминология, оид ба ин масъала, «назарияи аномия»-и сосиолог ва криминолог Роберт Кинг Мертон қобили таваҷҷуҳ аст. Мувофиқи консепсияи мазкур, паҳншавии нашъамандӣ ва рафтори инҳирофӣ (девиантӣ) натиҷаи буҳрони сохтории ҷомеа мебошад, ки дар он ҷо фардҳо воситаҳои қонунии расидан ба ҳадафҳои ҳаётиро гум мекунанд. Ҳамзамон, криминолог Эдвин Сазерленд дар «назарияи алоқаҳои дифференсиалӣ» таъкид менамояд, ки вобастагии гурӯҳӣ ва паҳншавии маводи мухаддир заминаҳои иҷтимоии ҷомеаро суст карда, раванди содиршавии дигар ҷиноятҳоро суръат мебахшад. Таҳлили назарияҳои мазкур имкон медиҳад хулоса карда шавад, ки нашъамандӣ на танҳо мушкилоти тиббии як фард, балки нишондиҳандаи буҳрони амиқи иҷтимоӣ мебошад, ки бевосита устувории сохти давлатиро зери хатар мегузорад.

Мушкилоти мазкур, ки дар таҳқиқоти илмӣ ҳамчун «вабои аср» тавсиф мешавад, бо оқибатҳои сохтории вайронкунандаи худ устувории иҷтимоӣ ва амнияти миллиро аз рӯи заминаҳои зерин зери хатар мегузорад:

Таназзули захираи ирсии (генофонди) миллат: нашъамандӣ пеш аз ҳама қишри фаъоли ҷомеа – ноболиғону ҷавононро мавриди ҳадаф қарор медиҳад. Ин раванд боиси коҳиши босуръати нишондиҳандаҳои солимии ҷисмонӣ ва

тавонмандии зеҳнии насли ояндасоз гардида, дар дурнамои стратегӣ миллатро аз захираҳои созандаи инсонӣ маҳрум месозад;

Ноустувории сохтори иҷтимоӣ ва ниҳоди хонавода: вобастагии рӯҳию ҷисмонӣ ба маводи мухаддир боиси гусастани робитаҳои муқаддаси хонаводагӣ, афзоиши сатҳи бекорӣ ва бесомонӣ мегардад. Шахси мубталои нашъамандӣ дар натиҷаи таназзули ахлоқӣ ва маънавӣ, аз узви муфиди ҷомеа ба бори гарони иҷтимоӣ мубаддал гашта, низоми арзишҳои ҷамъиятиро халалдор месозад;

Омили асосии ҷинояткорӣ: таҳлилҳои криминологигӣ собит менамоянд, ки нашъамандӣ муҳаррики асосии ҷиноятҳои молумулкӣ ва зӯроварӣ мебошад. Эҳтиёҷи шадид ба вояи навбатии мавод ва маҳдудияти имконоти молиявӣ, шахсро ба содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ водор месозад.

Таҳдиди моддаҳои нашъаовари сунъӣ (синтетикӣ): дар замони муосир зуҳур ва густариши маводҳои нашъаовари сунъӣ ба тамоюли болоравии босуръати сатҳи таҳдидҳо ва пайомадҳои харобиовари онҳо замина фароҳам овардааст. Ин моддаҳо бо сабаби арзонӣ ва дастрасии осон паҳн гашта, ҳатто бо як бор истеъмол намудан ба сохтори асабии майнаи сар зарари ҷуброннопазир ворид мекунанд ва вобастагии фаврии физиологиро ба вуҷуд меоранд;

Заифшавии амнияти миллӣ: танҳо як фарди нашъаманд не, балки гурӯҳи нашъамандон метавонанд суботи иҷтимоию иқтисодии давлатро зери хатар гузошта, заминаро барои дигар зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла ифротгароӣ, фароҳам созанд.

Мушкилоти паҳншавӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир сол то сол доман паҳн намуда, ҷомеаи ҷаҳониро фарогир шудааст ва имрӯз ба яке аз хатарҳои ҷиддии ҷомеи муосир табдил ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар масири транзити маводи мухаддир ва таъсири ҷаҳонишавӣ қарор дорад, мубориза алайҳи ин падидаи хатарзои ҷомеа аҳамияти калидӣ пайдо кардааст. Хусусан, паҳншавии нашъамандӣ ва афзоиши ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар байни ноболиғон ва ҷавонон боиси нигаронии ҷиддӣ гардида, таҳлили амиқи криминологиро талаб менамояд.

Дар заминаи омӯзиши криминогении рафтори ҷавонон, «назарияи бандҳои иҷтимоӣ»-и криминолог Трэвис Хирши қобили таваҷҷуҳ аст. Муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби ҷавонон таъкид менамояд, ки: «Рафтори девиантӣ (инҳирофӣ) вақте шакл мегирад, ки пайванди фард бо ҷомеа суст мешавад ё умуман аз байн меравад»[2]. Мувофиқи ин назария, суст шудани пайвандҳои фард бо сохторҳои анъанавии иҷтимоӣ (оила, мактаб ва арзишҳои ахлоқӣ) заминаи асосии рӯ овардани ҷавононро ба «рафтори девиантӣ (инҳирофӣ)» ташкил медиҳад.

Инчунин, дар криминологияи муосири хориҷӣ, аз ҷумла дар таҳқиқоти профессори соҳаи ҳуқуқ И.Н. Даньшин, таъкид мегардад, ки: «Муҳити беруна ва омилҳои транзитии муомилоти маводи мухаддир заминаҳои интишори ҷинояткориро дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, махсусан ноболиғон ва ҷавонон, ба таври ҷиддӣ фаъол мегардонанд»[3]. Мушоҳидаҳо ва таҳлили ин назарияҳо имкон медиҳанд хулоса карда шавад, ки пешгирии нашъамандӣ дар байни ноболиғон на танҳо бо чораҳои ҷазодиҳии қонунӣ, балки тавассути

мустаҳкам намудани институти оила ва сохторҳои тарбиявӣ, ҳамчун унсури кафолати амнияти миллӣ, муяссар мегардад.

Таърих гувоҳ аст, ки Тоҷикистон то нимаи дуюми асри гузашта аз ин вабои аср эмин буд. Хушбахтона маводи мухаддирро дар кишвари мо кишт ва истеҳсол намекунанд. Онҳо ба мо аз дигар кишварҳо тариқи қочоқ ворид мешаванд. Бори аввал ҳолати хариду фурӯши маводи мухаддир дар Тоҷикистон соли 1991 ошкор ва ба қайд гирифта шуд ва аз гардиши ғайриқонунӣ 10 кг 910 гр маводи мухаддир мусодира шуда буд, ки аз он 1 кг 900 гр афюн ташкил медод. Тибқи маълумотҳои коршиносон дар ҳамон сол дар Афғонистон 1980 тонна маводи афюн истеҳсол уда буд[4].

Воқеан ҳам, нашъамандӣ омили асосии сар задани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои гуногун аст. Аммо барои решакан намудани ин мушкилот, мо бояд ба пайдоиши он аз нигоҳи амиқ назар кунем. Нашъамандӣ, пеш аз ҳама, як бемории вазнини равонӣ ва ҳолати вобастагӣ мебошад.

Вобастагӣ дар илми муосир на ҳамчун заифии ирода, балки ҳамчун тағйироти амиқи сохторӣ ва вазифавии майнаи сар баррасӣ мешавад. Ин равand занҷираҳои ҳавасмандсозӣ ва эҳсосии майнаро аз нав шакл дода, боиси пайдоиши низомҳои нави рафторӣ мегардад. Таҳқиқоти бунёдии соҳаи нейробиология собит месозанд, ки ҳангоми вобастагӣ фаъолияти муътадили дофамин - нейромедиатори калидии «низоми мукофотдиҳии майна» халалдор мешавад. Ҳангоми кӯшиши даст кашидан аз мавод, майна бо фишори равонӣ ва изтироб вокуниш нишон медиҳад, ки ин шахсро ба такрори рафтори вобастакунанда водор месозад. Истеъмоли музмин боиси коҳиши фаъолияти қишри пешонии майна мегардад, ки масъули қабули қарор ва банақшагирӣ аст. Дар натиҷа, қобилияти хештандорӣ таназзул ёфта, одати зараровар устувор мегардад[5].

Инсон табиатан ба чизе вобаста мешавад, ки ба ӯ «лаззати муваққатӣ» медиҳад ё ӯро аз дарду фишори равонӣ дур месозад. Агар мо ба атрофи худ назар кунем, мебинем, ки механизми вобастагӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад: вобастагиҳои ғизоӣ (РПП): бемориҳое ба монанди анорексия, булимия ё хӯрдани аз ҳад зиёди беихтиёр (компулсивӣ). Дар ин ҷо, инсон на барои зинда мондан, балки барои ором кардани изтироби ботинии худ аз ғизо истифода мебарад; вобастагиҳои рафторӣ: қиморбозӣ (лудомания), вобастагӣ аз бозиҳои компютерӣ ва порнография. Инҳо низ мисли маводи мухаддир дар майнаи сар «гормони ҳаловат» (дофамин)-ро ба таври сунъӣ зиёд мекунанд ва шахс назоратро бар иродаи худ аз даст медиҳад; одатҳои зараровар: сигоркашӣ ва алкоголизм, ки роҳи осонтарини ворид шудан ба нашъамандии вазнин мебошанд.

Дар ин замина, консепсияи сосиолог ва криминолог Алберт Коэн қобили тавaққуҳ аст. Муаллиф зимни таҳқиқи рафтори инҳирофӣ «девиантӣ» қайд мекунад, ки: «Аксари вобастагиҳо ва одатҳои зараровар ҳамчун кӯшиши бартараф намудани нокомии иҷтимоӣ ва эҷоди муҳити махсуси рафтории муҳофизатӣ дар майнаи фард шакл мегиранд»[6].

Тамоми вобастагиҳо хоҳ нашъамандӣ бошад, хоҳ қиморбозӣ ё вобастагии ғизоӣ, як реша доранд: таъсири равонӣ ва кӯшиши фирор аз воқеият. Шахсе, ки

ба нашъамандӣ гирифтор шудааст, дар ҳолати хеле вазнини психофизиологӣ қарор дорад. Ӯ бемор аст ва иродааш дар дасти «модда» аст.

Ҳамзамон, равоншиноси олмонӣ Эрих Фромм дар назарияи рафтории худ таъкид менамояд, ки: «Фирорият аз воқеият ва паноҳ бурдан ба маводҳои мадҳушкунанда нишонаи заифии пайвандҳои равонии шахс бо муҳити солим мебошад»[7].

Аз ин рӯ, муносибати танҳо ҷазодиҳӣ натиҷабахш нест. Агар нисбат ба шахси вобаста танҳо чораҳои ҷазодиҳӣ амалӣ гардида, вале раванди табобат ва муайян кардани сабабҳои равонии вобастагии ӯ ба роҳ монда нашавад, чунин шахс пас аз адои ҷазо дубора ба ҳамон муҳит ва рафтори девиантӣ бармегардад.

Имрӯз диққати асосиро ба он равона сохтан ба миён омадааст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи илмӣ шахси вобастаро на танҳо ҳамчун ҳуқуқвайронкунанда, балки ҳамчун фарди ниёзманди кӯмаки равонӣ ва тиббӣ қабул намоянд. Решакан кардани омилҳои равонии вобастагӣ омили калидии коҳиши ҷиноятқорӣ дар ҷомеаи муосир мебошад. Хулосаи мазкур тақозо менамояд, ки раванди пешгирии криминалии нашъамандӣ дар заминаи гузариш аз сиёсати сирф ҷазодиҳӣ ба консепсияи барқарорсозии иҷтимоӣ ва табобати равонии маҳкумшудагон роҳандозӣ карда шавад.

Барои дарки амиқи ин мушкилот, зарур аст, ки ба маънои аслии истилоҳи «наркомания» таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Ин вожа аз ду калимаи юнонӣ сарчашма мегирад:

1. «Narke» - маънояш карахтӣ, беҳиссӣ ё карахтшавӣ;
2. «Mania» - маънояш девонагӣ, ҷунун ё шавқи беандоза.

Аз ин ҷо бармеояд, ки нашъамандӣ на танҳо як одати бад, балки бемориест, ки боиси халалдор шудани фаъолияти солими ақл гашта, инсонро ба ҳолати карахтии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мерасонад.

Дар илми муосир бо ин истилоҳ ҳолати патологие ифода меёбад, ки дар натиҷаи сӯиистеъмоли мунтазами моддаҳои нашъаовар шакл мегирад.

Ин моддаҳо дар аввал ҳолати рӯҳии мусбати кӯтоҳмуддатро (эйфория) ба вуҷуд меоранд, вале тадриҷан низоми асаб ва иродаи инсонро комилан зери итоати худ мегиранд.

Ба нишонаҳои асосии наркомания инҳо дохил мешаванд:

1. Синдроми вобастагии рӯҳӣ (психикӣ);
2. Синдроми вобастагии ҷисмонӣ (физикӣ);

1**. Синдроми вобастагии рӯҳӣ (психикӣ):** Ин марҳилаи аввалин ва хатарноктарини беморӣ аст. Дар ин ҳолат мавод на ба бадан, балки ба шуур ва фикри инсон ҳукмрон мешавад. Шахс дарк намекунад, ки чӣ гуна тамоми ҳадафҳо, орзуҳо ва арзишҳои ӯро як хоҳиш иваз мекунад – хоҳиши дубора эҳсос кардани он ҳолати муваққатии «сабукӣ». Инсон дар зиндони фикри худ мемонад: ӯ метавонад аз назари ҷисмонӣ солим ба назар расад, вале аз ҷиҳати равонӣ ӯ дигар озод нест. Майнаи сар пайваста талаб мекунад, ки барои фирор аз мушкилоти зиндагӣ бояд ба мавод рӯ оварад. Маҳз ҳамин вобастагӣ сабаб мешавад, ки шахс пас аз табобатҳои тӯлонӣ ҳам дубора ба ин роҳ бармегардад.

2. **Синдроми вобастагии ҷисмонӣ (физикӣ**): Ин марҳилаест, ки мавод аллакай ба «сӯзишвории» бадан табдил ёфтааст. Агар дар вобастагии рӯҳӣ танҳо «фикр»

талаб мекард, дар ин ҷо акнун ҳар як узви бадан талаб мекунад. Мавод ба мубодилаи моддаҳо ворид мешавад ва бадан бидуни он фаъолияти муқаррарии худро гум мекунад. Агар истеъмоли мавод қатъ гардад, шахс ба азоби шадиди ҷисмонӣ гирифтор мешавад, ки онро дар тиб «синдроми абстиненти» ё омиёна «ломка» мегӯянд. Ин ҳолат бо дарди тоқатфарсои устухонҳо, мушакҳо ва халалдор шудани кори дилу асаб ҳамроҳ аст. Дар ин дақиқаҳо шахс барои халосӣ аз ин дарди ҷисмонӣ омода аст ба ҳар гуна ҷиноят, ҳатто қатли инсон даст занад.

Фарқи асосӣ дар он аст, ки вобастагии ҷисмониро табибон метавонанд дар муддати кӯтоҳ бо доруҳо табобат кунанд, вале вобастагии рӯҳӣ - ин ҷароҳати амиқи равонист, ки табобаташ солҳо ва шояд тамоми умрро талаб кунад. Аз ин рӯ, нашъамандӣ на танҳо мушкили тиббӣ, балки фоҷиаи рӯҳии инсон аст.

Тазаккур бояд дод, ки нашъамандӣ ин падидаи муосир нест ва решаи бисёрсола дорад вале мафҳуму моҳияти он вобаста ба давр тайир ёфтааст.

Истифодаи гиёҳҳои нашъаовар таърихи бисёрҳазорсола дошта, дар ибтидо бештар хусусияти маросимӣ ва тиббӣ дошт. Дар тамаддунҳои қадими Шарқ афюн ва бангдона ҳамчун воситаи таскиндиҳандаи дард ва ворид шудан ба ҳолати мадҳушӣ истифода мешуданд. Олимони классики тоҷик, аз ҷумла Абӯалӣ ибни Сино, дар асарҳои худ оид ба таъсири манфии истеъмоли аз ҳад зиёди ин маводҳо, ки боиси таназзули ақлӣ ва ҷисмонӣ мегарданд, ҳушдор дода, бар зарари онҳо таъкид намудаанд.

Дар илми криминология ва ҳуқуқи ҷиноӣ муайян кардани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо нашъамандӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт аз ду сатҳи бо ҳам алоқаманд иборат аст: байналмилалӣ ва миллӣ.

1. **Сатҳи байналмилалӣ (Конвенсияҳои СММ):** асоси муборизаи ҷаҳониро се Конвенсияи асосӣ ташкил медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст:

- Конвенсияи ягона дар бораи воситаҳои нашъадор аз соли 1961 (бо тағйирот аз соли 1972). Ин ҳуҷҷат назорати растаниҳои нашъаовар (афюн, каннабис, кока)-ро танзим мекунад;
- Конвенсия дар бораи моддаҳои психотропӣ аз соли 1971. Ин конвенсия назорати моддаҳои синтетикиро, ки ба майнаи сар таъсири сахт мерасонанд, ба роҳ мемонад;
- Конвенсияи СММ дар бораи мубориза ба зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз соли 1988. Он механизми ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

2. **Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон:** дар сатҳи миллӣ мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ин падида дар санадҳои зерин дарҷ ёфтаанд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» аз санаи 10 декабри соли 1999 № 873 мафҳуми нашъамандиро чунин шарҳ додааст: «нашъамандӣ – беморие, ки аз заҳролудшавии паиҳами организм дар натиҷаи суистеъмоли воситаҳои нашъадор, ки дар Конвенсияҳои байналхалқии дахлдор ва Руйхати миллӣ айнан гурӯҳбанд шудаанд ба вуҷуд омада, ба вобастагии руҳию ҷисмонӣ аз онҳо тавсия мешавад[8].

Мафҳуми нашъамандӣ инчунин дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зайл оварда шудааст: «нашъамандӣ – беморие, ки аз заҳролудшавии музмини организм дар натиҷаи суистеъмоли воситаҳои нашъадор, ки дар конвенсияҳои байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ба вуҷуд омада, хусусияти вобастагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ аз онҳо дорад»[9]. Дар моддаи 207 Кодекси тандурустӣ вобаста ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ муқаррароте пешбинӣ шудааст, ки мутобиқ ба он, ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандӣ бо ҳамоҳангсозии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар доираи салоҳияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, сурат мегирад. Тартиби ташкили мониторинг, баҳодиҳӣ ва таҳлили вазъи нашъамандиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

3. **Нақши Стратегияҳои давлатӣ:** барои пешгирии ин вабои аср дар Тоҷикистон ду ҳуҷҷати калидӣ қабул ва амалӣ шудаанд:

1. Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои солҳои 2013-2020.
2. Стратегияи миллии назорати маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030. (Фармони Президенти ҶТ аз 20 марти соли 2021, №153).

Ин падида барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хати пеши мубориза бо қочоқи маводи мухаддир қарор дорад, аҳамияти хос касб мекунад.

Ҳамин тариқ, нашъамандӣ на танҳо як фоҷиаи шахсӣ, балки занҷираи мураккаби ҷиноятӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки амнияти миллии ҳар як давлатро зери суол мегузорад. Барои пешгирии ин хатар, омӯзиши амиқи шахсияти ҷавони нашъаманд ва детерминантҳои рафтори ӯ зарур аст.

Таҳлили криминологии вазъият нишон медиҳад, ки заминаҳои пайдоиши нашъамандӣ дар Тоҷикистон ба давраи буҳрони сиёсии солҳои 90-ум рост меояд, вақте ки дар натиҷаи заиф шудани ҳифзи сарҳадҳои давлатӣ, гурӯҳҳои ҷиноятии трансмиллӣ аз шароити ноором истифода бурда, масирҳои қочоқи маводро фаъол намуданд.

Имрӯз, тавре ки дар «Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» (Фармони Президенти ҶТ №153) қайд шудааст, мубориза бо ин падида ба сатҳи амнияти миллии кишвар бардошта шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатӣ масъалаи мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддирро яке аз самтҳои афзалиятнок арзёбӣ намуда, пайваста таъкид менамоянд: «мубориза бар зидди маводи мухаддир кори дастҷамъонаи тамоми мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад»[10]. Ин нуқтаи назар собит месозад, ки танҳо бо кӯшишҳои муштараки давлат ва ҷомеа метавон ба ин таҳдиди глобалӣ муқовимати зарурӣ нишон дод. Ин муносибат нишон медиҳад, ки давлат на танҳо бо оқибатҳои нашъамандӣ, балки бо сабабҳои пайдоиши он (детерминантҳо) низ мубориза мебарад.

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомдода, метавон хулоса кард, ки мубориза бо нашъамандӣ ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ, раванди бисёрзинагиро тақозо мекунад.

Мо низоми чораҳои пешгириро ба се марҳилаи асосӣ ҷудо менамоем, ки татбиқи пайвастаи онҳо метавонад сатҳи ин хатарро дар ҷомеа коҳиш диҳад:

Марҳилаи якум (пешгирии аввалия): ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тиббии аҳолӣ, махсусан ҷавонон мебошад. Ҳадаф аз ин чорабинӣ он аст, ки насли ҷавон аз таъсироти манфии маводи нашъаовар огаҳӣ пайдо намуда, оқибатҳои фоҷиабори онро пешакӣ дарк намоянд. Ин марҳила бо шиори «Пешгирӣ аз табобат беҳтар аст» амал мекунад. Ҳадаф ин аст, ки инсон ҳатто фикри озмудани маводро накунад.

- **Мисол**: гузаронидани семинарҳо ва намоиши филмҳои мустанад дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ, ки на танҳо зарари тиббӣ, балки оқибатҳои ҳуқуқии нашъамандиро (масалан, маҳрум шудан аз озодӣ ё аз даст додани имконияти кор дар мақомоти давлатӣ) нишон медиҳанд;
- **Натиҷа**: ҷавон дарк мекунад, ки бо як бор санҷидан, ӯ тамоми оянда ва касби худро зери хатар мегузорад.

Марҳилаи дуюм: ин чораҳои пешгирикунанда нисбат ба шахсоне мебошад, ки рафтори онҳо аллакай ба гурӯҳи хатар ворид шудааст. Дар ин марҳила, вазифаи асосӣ - тағйир додани рафтори номатлуб ва пешгирӣ аз вобастагии комил мебошад. Ин марҳила барои шахсонест, ки шояд як-ду бор маводро истифода бурдаанд ё дар муҳити нохуб (масалан, байни дӯстони нашъаманд) қарор доранд, вале ҳанӯз вобастагии комил пайдо накардаанд.

Мисол: ташкили марказҳои машварати равонӣ барои ҷавононе, ки рафторашон ногаҳон тағйир ёфтааст (аз дарсҳо мегурезанд, бо афроди шубҳанок гаштугузор мекунанд). Дар ин ҷо равоншиносон бо онҳо кор карда, сабаби аслии рӯ овардани онҳоро ба ин роҳ (мушкили оилавӣ, танҳоӣ, фишори дӯстон) пайдо ва бартараф мекунанд.

Натиҷа: Мақсади асосӣ пешгирии кирдорҳои ба меъёрҳои иҷтимоӣ номувофиқи шахс мебошад, ки ин ҷараён барои ба нашъаманди ашаддӣ мубаддал нагаштани ӯ замина устувор мекунад.

Марҳилаи сеюм (офиятбахшӣ): ин марҳила бо шахсоне гузаронида мешавад, ки аллакай вобастагии ҷисмонӣ ва равонӣ пайдо кардаанд. Ҳадафи мо, дар ин ҷо коҳиши таъсири номусоиди беморӣ ва кӯмак ба инсон барои бозгашт ба ҳаёти солим аст. Ин марҳила барои онҳоест, ки аллакай бемори нашъамандӣ ҳастанд ва шояд давраи табобати тиббиро гузаштаанд.

Мисол: ташкили марказҳои касбомӯзӣ барои шахсони собиқ нашъаманд. Масалан, пас аз табобат ба онҳо омӯзонидани ҳунари дуредгарӣ, таъмири мошин ё компютер. Инчунин, кумак барои дубора барқарор кардани муносибат бо оила.

Натиҷа: инсон мефаҳмад, ки ҷомеа ӯро қабул дорад ва ӯ метавонад зиндагии нав оғоз кунад. Ин монеъ мешавад, ки ӯ дубора ба истеъмоли мавод баргардад (пешгирии ретсидив).

Хулоса. Масъалаи солимии ҷомеа ва пешгирии нашъамандӣ яке аз афзалиятҳои стратегии давлати мо мебошад. Саломатӣ ҳамчун гавҳари ноёб асоси фаъолияти самаранок ва рушди устувори ҷомеа ба шумор меравад.

Хушбахтона, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Сиёсати зиддимухаддиротии кишвар, ки дар «Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» таҷассум ёфтааст, низоми фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд.

Хулоса танҳо тавассути ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои илмӣ, мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳифзи насли оянда аз ин падидаи хатарзо ва суботу амнияти миллӣ таъмин карда мешавад.

Адабиёт

1. Проблема наркотиков [Электронный ресурс] // Официальный сайт Организации Объединенных Наций (ООН). — 2023. — URL: https://www.un.org/ru/global-issues/drugs (санаи мурочиат: 26.04.2026).

2. Hirschi, T. Causes of Delinquency / T. Hirschi. — Berkeley: University of California Press, 1969. — P. 16.

3. Даньшин, И. Н. Криминология: Общая и Особенная части / И. Н. Даньшин. — Харьков: Право, 2003. — С. 84.

4. 20-солагии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999–2019): Маҷаллаи иттилоотӣ-таҳлилӣ / Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе, 2019. С.18

5. Понимание зависимости: Нейробиология и пути выздоровления [Электронный ресурс] // Национальный институт по вопросам злоупотребления алкоголем и алкоголизмом (NIAAA). — 2024. — URL: https://www.niaaa.nih.gov (санаи мурочиат: 26.04.2026).

6. Cohen, A. K. Delinquent Boys: The Culture of the Gang / A. K. Cohen. — Glencoe: The Free Press, 1955. — P. 54.

7. Фромм, Э. Бегство от свободы / Э. Фромм; перевод с английского. — Москва: Прогресс, 1990. — С. 112.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» аз 10.12. 1999, №873 (бо тағйиру иловаҳо) [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.04.2026).

9. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2017, № 1413 (бо тағйиру иловаҳо) [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.04.2026).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 26.04.2026).

Нашъамандӣ ҳамчун падидаи хатарзои ҷомеаи муосир

Дар мақолаи мазкур падидаи нашъамандӣ ҳамчун таҳдиди глобалӣ ба амнияти миллӣ ва солимии ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон хусусиятҳои пайдоиши вобастагии рӯҳӣ ва ҷисмониро таҳлил намуда, иртиботи зичи нашъамандиро бо афзоиши ҷиноятқорӣ нишон додаанд. Дар мақола заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияҳои давлатӣ дар ин самт мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Навгонии илмии мақола аз асосноккунии самтҳои башардӯстонаи муносибат нисбат ба шахсони гирифтори вобастагӣ иборат мебошад. Муаллифон усули пешгирии сезинагиро пешниҳод менамоянд, ки он пайванди тадбирҳои маърифатӣ-ҳуқуқӣ, мушоҳидаи равонии гурӯҳҳои осебпазир ва мутобиқгардонии иҷтимоии шахсони муътодро фаро мегирад.

Хулоса карда мешавад, ки танҳо гузариш аз сиёсати ҷазодиҳӣ ба сиёсати маҷмуии тиббию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ метавонад сатҳи ниҳонии нашъамандиро коҳиш дода, низоми амнияти ҷамъиятиро таҳким бахшад.

Калидвожаҳо: нашъамандӣ, ҳолатҳои вобастагӣ, амнияти миллӣ, стратегияҳои давлатӣ дар самти маводи мухаддир, пешгирии ҷиноятқорӣ, офиятбахшӣ

Наркомания как опасное явление современного общества

В данной статье явление наркомании рассматривается как глобальная угроза национальной безопасности и здоровью общества. Авторы анализируют особенности формирования психологической и физической зависимости, демонстрируя тесную связь наркомании с ростом преступности. В статье исследуются правовые основы борьбы с незаконным оборотом наркотических средств в Республике Таджикистан и государственные стратегии в этом направлении. Научная новизна статьи заключается в обосновании гуманистических подходов к обращению с лицами, страдающими зависимостью. Авторы предлагают метод трехэтапной профилактики, который включает сочетание образовательно-правовых мер, психологического наблюдения за уязвимыми группами и социальной адаптации наркозависимых лиц.

Сделан вывод о том, что только переход от карательной политики к комплексной медико-социальной и правовой политике может снизить скрытый уровень наркомании и укрепить систему общественной безопасности.

Ключевые слова: наркомания, состояния зависимости, национальная безопасность, государственные стратегии в сфере контроля наркотиков, профилактика преступности, реабилитация.

Drug addiction as a dangerous phenomenon of modern society

This article examines the phenomenon of drug addiction as a global threat to national security and public health. The authors analyze the characteristics of the onset of psychological and physical dependence, demonstrating the close link between drug addiction and the rise in crime. The article explores the legal framework for combating illicit drug trafficking in the Republic of Tajikistan and the state strategies in this field.

The scientific novelty of the article lies in the substantiation of humanitarian approaches toward individuals with addiction. The authors propose a three-stage prevention method, which encompasses a combination of educational and legal measures, psychological monitoring of vulnerable groups, and the social adaptation of drug-dependent individuals.

It is concluded that only a transition from a punitive policy to a comprehensive medical, social, and legal policy can reduce the latent level of drug addiction and strengthen the public security system.
Keywords: drug addiction, states of dependence, national security, state drug control strategies, crime prevention, rehabilitation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирализода Эмомалӣ Бобо — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Тел:** +992 907 67 02 02

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабова Фотима Шовалиевна — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти (PhD)-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, **Тел:** +992 000 05 76 74; **E-mail:** rajabovaf646@gmail.com

Сведения об авторе: Мирализода Эмомали Бобо — Таджикский национальный университет, юридический факультет, кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции, **Тел:** +992 907 67 02 02

Сведения об авторе: Раджабова Фотима Шовалиевна — Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант (PhD) кафедры уголовного права и противодействия коррупции, **Тел:** +992 000 05 76 74; **E-mail:** rajabovaf646@gmail.com

Information about author: Miralizoda Emomali Bobo — Tajik National University, Faculty of Law, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption? **Tel:** +992 907 67 02 02

Information about author: Rajabova Fotima Shovaliyevna — Tajik National University, Faculty of Law, PhD student of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, **Tel:**+992 000 05 76 74; **E-mail:** rajabovaf646@gmail.com

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ОИД БА ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ФАРОМИЛЛӢ

Ширинҷонов Ф.И., Қудратов Н.А., Миралиев С.А.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Дар назарияи ҳуқуқ соҳаи ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи институтҳо ва меъёрҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки дар дохили низоми ягонаи ҳуқуқ ба таври объективӣ ташаккул ёфта, қисми алоҳидаи онро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи меъёрҳо муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷиҳати сифат якхеларо дар асоси принсипҳои мушаххас ва методҳои хос танзим намуда, ба шарофати ин соҳиби мустақилияти нисбӣ, устуворӣ ва фаъолияти худмухтор мегарданд [5, с. 267]. Тақсимоти меъёрҳои ҳуқуқ ба соҳаҳоро қариб ҳамаи пажӯҳишгарон эътироф ва ҷонибдорӣ мекунанд [6]. Тавре Т.Н. Радко қайд мекунад, ҳар сол «кӯшишҳои исботи пайдоиши соҳаҳои нави ҳуқуқ ба миён меоянд, ки то чанд соли пеш касе аз онҳо ёд намекард»[14, с. 12]. Аён аст, ки ташаккули соҳаҳои нави ҳуқуқ, аз ҷумла тавассути ҷудо шудани онҳо аз соҳаҳои мавҷуда, дар оянда низ идома хоҳад ёфт[6, с.145]. Унсури асосии асосии низоми ҳуқуқ соҳаи ҳуқуқ мебошад [12, с. 35].

Мавриди зикр аст, ки зери мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ маҷмуи меъёрҳоеро мефаҳмида мешаванд, ки ба кумаки мутақобилаи давлатҳо оид ба корҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла ба масъалаҳои истирдод (истирдод) ва амали қонунҳои ҷиноятӣ дар фазо тааллуқ доштанд[7]. Дар мавриди ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ бояд қайд намуд, ки ин соҳаи ташаккулёфтаистодаи нав буда, он зери таъсири омилҳои манфии ҷаҳонишавӣ ва пайдо гардидани намуди ҷиноятқории нав - ҷиноятқории фаромиллӣ ба вуҷуд омадааст. Тавре ки профессор А.Г. Кибальник дуруст қайд мекунад: «ҷавоб ба чолиши ҷаҳонишавии ҷиноятқорӣ бояд суръат бахшидан ба рушди ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ бошад, ки дурнамои он бо ҳамгироии сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба субъекти сиёсати ҷиноятӣ, ки дорои юрисдиксияи универсалӣ буда, қодир аст мушкилоти ташкили муборизаи самаранок бо ҷиноятқориро ба таври куллӣ ҳал намояд, алоқаманд мебошад» [3, с. 9-10].

Ҳар як соҳаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, бо вижагии предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ тавсиф мешавад, ки маҳз онҳо асоситарин меъёр барои тақсими низоми ҳуқуқ ба соҳаҳо мебошанд [4, с. 80]. Предмети танзими ҳуқуқӣ - ин муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷиҳати сифат якхела (ва аз дигар гурӯҳҳо ҷудошаванда) мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқ ба онҳо таъсир мерасонанд; ба ибораи дигар, ин ҳамон чизест, ки мавриди таъсири ҳуқуқ қарор мегирад. Маҳз ҳамин ҳолат имкон медиҳад, ки мавзуи танзим ҳамчун асоси воқеии ташаккули соҳаҳои мустақили ҳуқуқ ва нахустин меъёри таърихии соҳабандӣ эътироф гардад [12с. 35]. Дар навбати худ, соҳаҳои ҳуқуқ метавонанд дорои зерсоҳаҳо**и** мувофиқ бошанд - сохторҳое, ки институтҳои ҳуқуқии ба ҳам наздикро ҳамчун маҷмуи алоҳидаи меъёрҳо муттаҳид мекунанд. Онҳо қисми хоси соҳаи ҳуқуқ ба шумор рафта, зернамудҳои муносибатҳои ҷамъиятии муайянро танзим менамоянд [1].

Низоми ҳуқуқ, ба монанди тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ, дар тағйирот ва рушди доимӣ қарор дорад. Тавре Т.Я. Хабриева қайд мекунад, ки «дар ҳаёт соҳаҳои нави фаъолият ва муносибатҳои қаблан номаълум ба вуҷуд меоянд [13, с. 22]. Ин ба таври воқеӣ боиси пайдоиши меъёрҳои нави ҳуқуқие мегардад, ки чунин муносибатҳоро танзим мекунанд». Бинобар ин, соҳаҳо, соҳачаҳо ва институтҳои нави ҳуқуқ пайдо мешаванд. Тавре дар адабиёти илмӣ, қайд мегардад агар дар солҳои 40-ум ҳамагӣ 10 соҳаи ҳуқуқ мавҷуд буд, ҳоло шумораи онҳо тақрибан ба 30 расидааст ва дар илм баҳсҳои васеъ дар бораи ташаккули соҳаҳои боз ҳам навтар идома доранд[8, с. 18].

Муносибати консептуалӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ равшан кардани моҳият, мафҳум, мавзуъ, низом, вазифаҳо ва категорияҳои онро талаб мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: муқовимат ба ҷиноятҳои фаромиллӣ ва криминализатсия (ҷиноят эътироф намудан) дар ҳуқуқи миллӣ нисбат ба ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди давлатҳои дигар содир шудаанд ва боиси нигаронии байналмилалӣ мегарданд». Мафҳуми «ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ» дар илми ватанӣ дар охири асри гузашта ба муомилоти илмӣ ворид шуда, он дар аксари низомҳои ҳуқуқии миллӣ эътироф гардид ва дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ ба таври васеъ истифода мешавад[17, с. 954]. Тавре А.И. Рарог қайд мекунад «Дар марҳалаи муосири рушди илми ҳуқуқшиносӣ, ҷудо шудани зерсоҳаҳои мустақил дар доираи соҳаҳои суннатии ҳуқуқ ин амри қонунӣ дониста мешавад»[15, с.5]. Ба ақидаи Г.А. Есаков, зерсоҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо чанд аломати гуногуншакл тавсиф мешавад, ки байни онҳо пеш аз ҳамма мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ дар соҳаи махсуси муносибатҳои аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, қайд мегардад. Дар ин замина муаллиф чунин мешуморад, ки «зерсоҳаҳо сохторҳои нисбатан мустақиле мебошанд, ки бо ҷудо шудани қисме аз меъёрҳои Қисми умумӣ ва таркибҳои ҷиноятҳои Қисми махсус вобаста ба содир шудани доираи муайяни ҷиноятҳо ё мақоми махсуси субъект алоқаманданд»[2, с. 14].

Сарфи назар аз он ки то ҳол таърифи ягонаи консептуалии ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ вуҷуд надорад, далели мавҷудияти миқдори зиёди меъёрҳо дар низоми ҳуқуқӣ, ки ҳамкории байналмилалии давлатҳоро оид ба муқовимат бо ҷиноятқории фаромиллӣ муайян мекунанд, шубҳаеро ба вуҷуд намеорад. «Истифодаи истилоҳи «ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ» - ин кӯшиши ихтироъ кардани истилоҳоти нав нест, менависад Н. Бойстер, - балки бештар кӯшиши ба мадди аввал баровардани ихтилофоти мавҷуда байни ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии *stricto sensu* (дар маънои маҳдуд) ва меъёрҳои дар созишномаҳо муқарраршуда мебошад, ки ба муқовимат бо намудҳои муайяни ҷиноятҳо равона шудаанд... Дар муқоиса бо ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии *stricto sensu*, сатҳи ҳамбастагии байналмилалӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ хеле пасттар аст, зеро давлат ҳамчун ҳудуди ташкилотҳои ҷинотӣ боқӣ мемонад». Сатҳи ҳамбастагӣ дар таъқиби ҷиноятҳои «байналмилалӣ-ҳуқуқӣ» ба таври назаррас баландтар аст ва имкон медиҳад, ки таъқиби ҷиноятии шахсон бевосита аз ҷониби мақомоти судии байналмилалӣ сурат гирад. Ҷиноятқории фаромиллӣ бошад падидаи босуръат рушдёбанда мебошад. Аз ин сабаб ҳуқуқи ҷиноятии

фаромиллӣ, «ба муҳимтарин механизми ҷаҳонишавии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ табдил ёфта истодааст» [18, с. 953].

Аз мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии фаромиллӣ шумораи зиёди санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI қабул шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд. Аз ҷумлаи онҳо: Конвенсия дар бораи тадбирҳо оид ба манъ ва пешгирии воридот, содирот ва интиқоли ғайриқонунии ҳуқуқи моликият ба воситаҳои фарҳангӣ (соли 1970), Конвенсия оид ба мубориза ба муқобили ишғоли ғайриқонунии тайёраҳо (соли 1970), Конвенсия оид ба мубориза ба муқобили амалҳои ғайриқонуние, ки ба зидди амнияти авиатсияи гражданӣ равона шудаанд (соли 1971), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза ба муқобили ба гаравгон гирифтан (соли 1979), Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ (соли 1988), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо маблағгузории терроризм (соли 1999), Конвенсия дар бораи ҷиноятҳои киберӣ (соли 2001), Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия (соли 2003) ва ғайраҳо мебошанд.

Инчунин барои ташаккули консепсияи ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ конвенсияҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабулшуда дар бораи ҷинояткорӣ ва ҷазодиҳии хариду фурӯши одамон, сохтакории пул, роҳзании баҳрӣ ва дигар амалҳое, ки ба тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ таҷовуз мекунанд, аҳамияти калон доштанд. Сарчашмаи асосӣ Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 (Конвенсияи СММ соли 2000) мебошад. Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки дар ҳуҷҷатҳои зикршуда ҳам меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам мурофиавии ҷиноятӣ мавҷуданд; дар баробари меъёрҳое, ки моҳияти ҷинояти фаромиллиро муайян мекунанд (м. 3-и Конвенсияи), меъёрҳо оид ба супоридани шахсон (экстрадитсия), ҳифзи шоҳидон, кумак ба ҷабрдидагон ва ҳамкории давлатҳо дар масъалаҳои кумак дар таъқиби ҷиноятӣ (м. 16, 17, 18-и Конвенсия) мавҷуд мебошанд».

Унсури муҳими сохтории ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ, ки гувоҳи мавҷудияти низоми ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошда мавҷудияти предмет ва усули танзими ҳуқуқии муносибатҳо, инчунин мақсад ва вазифаҳои ин соҳаи ҳуқуқ мебошад. Ин асос барои муайян кардани низоми ҳуқуқии ҷиноятии фаромиллӣ ҳамчун маҷмуи принсипҳо ва меъёрҳои дорои хусусияти байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дошта, ки мавзуъ ва усули ба ҳам алоқаманди танзими ҳуқуқӣ, инчунин вазифаҳо ва мақсадҳои ин низомро муайян мекунанд ва дар ниҳоят, мустақилияти ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллиро ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи ҷиноятии, ки қисми ҷудонашавандаи он боқӣ мемонад, тасдиқ мекунад.

Ба андешаи мо предмети танзими ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ доираи васеи муносибатҳоеро ташкил медиҳад, ки ҳангоми муқовимат бо ҷинояткории фаромиллӣ ба вуҷуд меоянд ва як қатор падидаҳои сершумори ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки дар байни онҳо ду гурӯҳи муҳимтаринро ҷудо намудан мумкин аст:

Аввалан, ин муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзатӣ мебошанд, ки вобаста ба содир намудани амале ба вуҷуд меоянд, ки ҷиноят будани он ҳам дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам қонунгузории дохилидавлатӣ муайян шудааст. Омӯзиши предмети ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ таҳқиқи чунин падидаҳоро, аз

қабили ҷиноятҳои фаромиллӣ, моҳияти ҳуқуқии онҳо, аломатҳо, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин омӯзиши масъалаҳои мушкилотноки таркиби ҷиноят, шарикӣ дар ҷиноят ва ғайраро пешбинӣ мекунад. Вобаста ба содир шудани ҷинояти фаромиллӣ, криминализатсия, пешгирӣ, таҳқиқ ва таъқиби ҷиноятӣ, масъалаҳо оид ба юрисдиксия, истирдод, ҳифзи шоҳидон ва ғайра таҷавуҷи махсусро талаб мекунанд.

Дувум, ин ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо ҷинояткории байналмилалӣ мебошад. Аммо мавқеи профессор А.Г. Кибалник дар ин мавриди дигар аст ӯ чунин мешуморад, ки ҳамкории байналмилалиро на «ҳамчун предмети ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ, балки ҳамчун воситаи амалисозии усулҳои он баррасӣ кард, яъне меъёрҳое, ки ин гуна ҳамкориро ба танзим медароранд ва яке аз асосҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятии байналмилалиро ташкил медиҳанд»[3].

Таҳлили конвенсияҳои зиддиҷиноятӣ, ки ба онҳо созишномаҳои дорои меъёрҳои муқовимат ба ҷинояткории фаромиллӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дохил мекунем, имкон медиҳад қайд кунем, ки ба предмети танзими ҳуқуқӣ ҷиноятии фаромиллӣ муносибатҳои ҷамъиятии дорои хусусияти пешгирикунанда низ дохил мешаванд. Аз ҷумла, Конвенсияи СММ соли 2000 меъёрҳои хусусияти пешгирикунанда доштаро дар бар мегирад, ки давлатҳоро вазифадор мекунанд: «лоиҳаҳои миллиро таҳия ва самаранокии онҳоро арзёбӣ кунанд, инчунин намудҳои оптималии таҷриба ва сиёсати ба пешгирии ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ равонашударо муайян ва ҷорӣ намоянд» (м. 31, банди 1), инчунин қайд мегардад, ки меъёрҳои Конвенсия пешгирии сӯиистифода аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккилро дар равандҳои савдо (тендерҳо), ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ гузаронида мешаванд, инчунин дар мавриди субсидияҳо ва иҷозатномаҳое, ки мақомоти давлатӣ барои фаъолияти тиҷоратӣ медиҳанд, пешбинӣ менамоянд. Дар баробари ин гурӯҳи алоҳидаи муносибатҳоро меъёрҳои рушди ҳамкорӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳо, аз ҷумла дар гузаронидани таҳқиқоти муштарак, ташкил медиҳанд. Дар Конвенсияи СММ соли 2000 чунин усулҳои махсуси таҳқиқ, аз қабили мушоҳидаи электронӣ, интиқоли таҳти назорат ва амалиётҳои агентӣ дар маҷмуи ягона муаян карда шудаанд. Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот оиди моҳияти ҷинояткории муташаккил ва табодули чунин иттилоот ба танзим дароварда мешавад. Аз ҷумла дар моддаи 28-и Конвенсия, қайд карда мешавад, ки ҳар як давлати аъзо имкони гузаронидани машваратҳо бо доираҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлили тамоюлҳо дар соҳаи ҷинояткории муташаккил дар қаламрави худ, шароитҳое, ки дар онҳо ҷинояткории муташаккил амал мекунад, инчунин омӯзиши гурӯҳҳои касбии ҷалбшуда ва технологияҳои истифодашавандаро баррасӣ менамояд».

Метод ҳамчун мазмуни воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ба танзим даровардани онҳо, хислати муҳими соҳаи ҳуқуқ буда, ба сифати асоси дигари ҷудо намудани ҳуқуқ ба соҳаҳо баромад мекунад. Маъмулан се методи батанзимдарории ҳуқуқӣ ҷудо карда шудааст: иҷозатдиҳанда, амрдиҳанда ва манъкунанда[16, с. 10]. Дар мавриди усули танзими ҳуқуқӣ, барои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ, ба монанди ҳуқуқи

ҷиноятии байналмилалӣ дар маҷмуъ, ду усули асосии танзими ҳуқуқӣ хос аст: манъкунанда ва дастурдиҳӣ. Ҳуқуқи манъномоиро дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ҳам давлатҳои алоҳида (мақомоти ваколатдор) ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳам созмонҳои байналмилалӣ доро мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки ин усул ҳамчун воситаи ҳуқуқи ҷиноятии интернатсионалӣ механизми коркардшудаи таъминоти мурофиавиро талаб мекунад.

Барои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ иҷрои ду вазифаи асосӣ хос аст: пешгирии умумӣ баҳри таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва ҷазо додани шахси гунаҳкор барои содири ҷинояти фаромиллӣ. Инчунин, муқовимат бо ҷинояткории фаромиллиро метавон ҳамчун вазифаи ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ ҳисобид. Амалисозии ин вазифаҳо тавассути таъсири ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ ба ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ таъмин карда мешавад. Фаъолияти давлатҳо дар муқовимат бо ҷинояткории фаромиллӣ таҳияи қонунгузории самараноки миллиро дар соҳаи муқовимат ва пешгирии ҷинояткорӣ дар маҷмуъ ва ҷиноятҳои алоҳида, ба роҳ мондани ҳамкории калони байналмилалӣ дар ин соҳа ва такмили фаъолияти мақомоти адлияи ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Усулҳо ва воситаҳои махсуси ҳуқуқию ҷиноятӣ механизми муқовимат бо ҷинояткории фаромиллиро бо мақсади нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Бояд ба назар гирифт, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ, ҳарчанд дар маҷмуъ ба соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мансубанд, вале дорои санксияҳо намебошанд. Сансияҳои онҳо дар қонунҳои ҷиноятии миллии давлатҳо пас аз ворид кардани онҳо ба қонунгузории дохилӣ муайян карда мешаванд. Дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муайян кардани ҷазо бештар ҳолати истисноӣ аст. Аз ҷумла, Конвенсия оид ба мубориза бо ришвадиҳии мансабдорони давлатҳои хориҷӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти тиҷоратии байналмилалӣ (соли 1997) ду намуди ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ ва гирифтан ё мусодираро пешбинӣ кардааст[9]. Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ (соли 1988) тавсия медиҳад, ки: маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷарима ва мусодира истифода намоянд [10; 19]. Муқаррароти зикршуда имкон медиҳанд хулоса барорем, ки ба низоми ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқие дохил мешаванд, ки мавзуъ ва усули ба ҳам алоқаманди танзими ҳуқуқӣ, инчунин вазифаҳо ва мақсадҳои ин низомро муайян мекунанд, ки ин дар ниҳоят мустаҳкилияти нисбии ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллиро муайян менамояд.

Н. Бойстер дар ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ низоми уфуқии (горизонталии) уҳдадориҳои шартномавии давлатҳо ва низоми амудии (вертикалии) онро ҷудо мекунад, ки он аз ҷониби давлатҳо истифода бурдани ҳуқуқи ҷиноиро нисбат ба шахсони алоҳида (фардҳо) барои иҷрои уҳдадориҳои мазкур дар бар мегирад[18, с. 13].

Ҳамин тавр ҳамон як ҷиноят ҳам аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам аз нуқтаи назари ҳуқуқи миллӣ метавонад фаромиллӣ ҳисоб карда шавад. Ба татбиқи муқаррароти ҳуқуқи фаромиллӣ ду омили асосӣ таъсир мерасонанд:

тафсири конвенсияҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллиро дар бар мегиранд ва таъсири низомҳои ҳуқуқии миллӣ. Конвенсияҳои манъкунанда (*Suppression conventions*) ба ворид намудани мафҳумҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ мусоидат мекунанд. Аммо, дар ҳар сурат, ин гуна мафҳумҳо ва меъёрҳо бояд бо назардошти заминаи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ баррасӣ шаванд, магар ин ки дар чунин конвенсия зарурати тағироти мушаххаси меъёр ё хусусияти татбиқи он мустақиман зикр нашуда бошад.

Бояд дар назар дошт, ки муқаррароти мушаххаси конвенсияҳои манъкунанда метавонанд ба хусусияти татбиқи меъёрҳо дар низомҳои миллӣ таъсир расонанд. И. Лукашук таъкид мекард, ки меъёрҳои мубориза бо ҷиноятқории фаромилл «ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятиро ба маънои васеъ» ташкил медиҳанд, ки он асосан тавассути қонунгузории миллӣ амалӣ карда мешавад[11, с. 14-15]. Маҳз аз ҳамин сабабҳо, ҷудо кардани қисми умумӣ ва махсус дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ мақсаднок ба назар намерасид. Иддаоҳои баръакс зиддиятнок менамояд, зеро тамоми уҳдадориҳои шартномавӣ ба таври ғайримустақим тавассути низомҳои ҳуқуқии миллӣ иҷро карда мешаванд.

Дар ҳуҷҷатҳои Конгресси ёздаҳуми СММ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон (соли 2005) таъкид шуда буд, ки ҷиноятқорӣ ба таври ананавӣ ҳамчун падидаи миқёси миллӣ баррасӣ мешуд, бинобар ин таҳқиқи ҷиноятҳо ва таъқиби ҷиноятии гунаҳкорон муддати тӯлонӣ ҳамчун кори дохилидавлатӣ эътироф мегардид. Ҷиноятҳои дар хориҷа содиршуда мавзуи игаронии мақомоти ҳокимияти миллӣ набуданд ва онҳо, мутаносибан, майл надоштанд, ки ба мақомоти давлати дигар дар ҷалби гунаҳкорон ба ҷавобгарӣ ё ҷамъоварии пойгоҳи далелҳои зарурӣ барои оғози парванда ё пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ кӯмак кунанд. Дар айни замон, чунин нигоҳ ба татбиқи ҳуқуқ ва адолати судии ҷиноятӣ дигар асос надорад. Шахсоне, ки фаъолияти ҷиноятиро анҷом медиҳанд, бо истифода аз сарҳадҳои давлатӣ мекӯшанд аз адолати судӣ бо роҳи гурехтан саркаши намоянд: гурӯҳҳои ҷиноятӣ торафт мобилӣ шуда, аксар вақт дидаву дониста сарҳадҳои байнидавлатиро барои манфиатҳои ҷиноятии худ истифода мебаранд; як қатор ҷиноятҳо (иқтисодӣ, компютерӣ, экологӣ) метавонанд паёмадҳои фаромарзӣ дошта бошанд, ҳатто агар шахси гунаҳкор давлати худро тарк накунад.

Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллиро метавон ба якчанд зернизом гурӯҳбандӣ кард: ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи пешгирикунандаи ҷиноятӣ, инчунин ба ин соҳа меъёрҳои соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ дохил мешаванд».

Хулоса. Ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ соҳаи нави танзими ҳуқуқии муносибатҳо мебошад, ки ба таври қонунӣ дар охири асри XX ва аввали асри XXI зери таъсири омилҳои зиёди хусусияти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дурнамои рушд ташаккул ёфтааст. Он маҷмуи принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба содир намудани ҷинояти фаромиллиро танзим менамоянд.

Предмети танзими ҳуқуқии ҷиноятии фаромиллиро ду гурӯҳи асосии муносибатҳои оммавӣ ташкил медиҳад, ки ҳангоми муқовимат бо ҷиноятҳкории фаромиллӣ ба вуҷуд меоянд ва як қатор падидаҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд:

1) муносибатҳои муҳофизатӣ, ки вобаста ба содир намудани амале ба вуҷуд меоянд, ки ҷиноят будани он дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории дохилидавлатӣ муайян шудааст;

2) ҳамкории байналмилалии байни давлатҳо ва созмонҳо дар соҳаи муқовимат бо ҷиноятҳкории муташаккили фаромиллӣ.

Хусусиятҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ бо соҳаи танзими ҳуқуқӣ, хусусияти комплексии он, робитаи мутақобила бо ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ, моҳияти фаромиллии амали ҷиноятӣ, доираи субъектҳо, хусусияти махсуси сарчашмаҳо ва дигар омилҳо вобаста мебошанд. Мушкилтарин масъалаҳо дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ ин ҳамкории мутақобила бо низомҳои ҳуқуқии миллӣ ва таносуби ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ ва мурофиавӣ ба шумор мераванд. Дар низоми меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ блокҳои меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин гурӯҳҳои алоҳидаи меъёрҳои ҳуқуқи пешгирикунандаи ҷиноятӣ (превентивӣ), иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷудо карда мешаванд. Асоси меъёрии гуфтаҳои боло дар он аст, ки аксари санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии дорои хусусияти ҷиноӣ ин гурӯҳҳои меъёрҳоро дар бар мегиранд. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ чунин падидаҳои иҷтимоиро, аз қабили ҷинояти фаромиллӣ, криминализатсияи он, аломатҳои ҳуқуқӣ ва ҳайати он, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, шарикӣ, истирдод, ҳифзи шоҳидон, кумаки ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагон, таъқиби ҷиноятии ҷиноятҳкорон, ҳамкории давлатҳо оид ба расонидани кумаки мутақобилаи ҳуқуқӣ ва ғайраро муайян мекунанд.

Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ, чун қоида санксия надоранд. Санксия асосан дар қонунҳои милии ҷиноятии давлатҳо пас аз ворид намудани (инкорпорацияи) онҳо ба қонунгузории дохилӣ муайян карда мешаванд.

Ҳамин тавр, муайян намудани предмет ва усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷиноятии фаромиллӣ, инчунин вазифаҳо, мақсадҳо ва хусусиятҳои он имкон медиҳад, ки ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ ҳамчун зерсоҳаи нисбатан мустақили ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муаян карда шавад, ки принсипҳо ва меъёрҳоеро дар бар мегирад, ҷиноят будани кирдорро муайян намуда, инчунин масъалаҳои ҳамкории давлатҳоро бо мақсади муқовимат бо ҷиноятҳкории фаромиллӣ танзим менамоянд.

Адабиёт

1. Головина А.А. Критерии образования отраслей в системе российского права. М.: КноРус, 2018. – 256 с.

2. Есаков Г.А. Экономическое уголовное право: Общая часть. М.: Издательский дом Высш. шк. экономики, 2019. – 356 с.

3. Кибальник А. Г. Современное международное уголовное право: понятие, задачи и принципы. – Санкт-Петербург: Юрцентр Пресс, 2003. – 252 с.

4. Кудратов, Н. А. Уголовное право Республики Таджикистан: Общая часть: Учебно-методический комплекс / Н. А. Кудратов. – Душанбе: Озар, 2014. – 366

с. – EDN XZXIRV.

5. Керимов Д. А. Методология права. 2-е изд. М.: Аванта+, 2001. – С. 267.

6. Кочои, С. М. Антитеррористическое право, как комплексная отрасль права и как подотрасль уголовного права / С. М. Кочои // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – 2022. – № 10(98). – С. 143-149. – DOI 10.17803/2311-5998.2022.98.10.143-149. – EDN KOUGTY.

7. Камаровский Л.А. Из докторской диссертации «О международном суде» (Москва, 1881; переведена Вестманом на фр. яз. в 1887 г.)., Коркунов Н. М. Опыт конструкции международного уголовного права // Журнал уголовного и гражданского права. – 1889. – № 1. – С. 106–142.

8. Кашанина Т.В. Структура права: Монография. – М.: Проспект, 2012. – 584 с.

9. Конвенция о борьбе с дачей взяток иностранным государственным должностным лицам при осуществлении международных деловых операций от 21 ноября 1997 - docs.cntd.ru

10. Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ от 20 декабря 1988 - docs.cntd.ru

11. Лукашук, И. И. Международное уголовное право: учебник / И. И. Лукашук, А. В. Наумов. - М.: Спарк, 1999. — С. 14–15.

12. Чучаев, А. И. Отрасли и подотрасли права криминального цикла: надуманные конструкции / А. И. Чучаев, Ю. В. Грачева, С. В. Маликов // Союз криминалистов и криминологов. – 2021. – № 3. – С. 34-56. – EDN JUEKKG.

13. Парламентское право России: Монография / под ред. Т.Я. Хабриевой. М.: Изд. Гос. Думы, 2013. 398 с. С. 22.

14. Радько Т. Н. Теоретические вопросы исследования системы российского права // Вестник Академии экономической безопасности МВД России. 2015. № 4. С. 12.

15. Рарог А.И., Понятовская Т.Г., Бимбинов А.А., Воронин В.Н. Фармацевтическое уголовное право России: Монография. М.: Проспект, 2019. 216 с.С.5

16. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: (қисми умумӣ) / Т. Ш. Шарипов, А. И. Сафарзода, З. А. Камолов ва ғ. Душанбе, 2020. – 224 р. – EDN ESYHWT. С.10

17. Уголовная политика: основные направления на современном этапе / Н. Ю. Лебедев, П. В. Яковинов, Е. Н. Петухов [и др.]. – Новосибирск : Сибирский университет потребительской кооперации, 2023. – 169 с.

18. Kudratov, N. Features of subjective attributes of state treason: Criminal law and psychological analysis / N. Kudratov // Journal of Advanced Research in Dynamical and Control Systems. – 2020. – Vol. 12, No. 2. – P. 2863-2869.

19. Kudratov, N. A. Economic aspects of countering extremism / N.A. Kudratov, N.I. Shokhzoda // Актуальные проблемы современного государства, общества и права. – 2025. – No. 1(5). – С. 54-66.

Оид ба ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ

Аннотатсия. Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ҳуқуқи ҷиноятии трансмиллӣ ҳамчун як зерсоҳаи нисбатан мустақили ҳуқуқи ҷиноятии

байналмилалӣ дар заминаи назариявӣ асоснок карда шавад. Заминаҳои пайдоиши ин соҳаи нав дар ибтидои асри XXI баррасӣ шуда, муаллиф онро ба равандҳои ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ва зарурати муқовимат ба ин навъи нави ҷиноятқории муташаккил алоқаманд медонад. Дар мақола мавзуи ҳуқуқи ҷиноятии трансмиллӣ муайян карда шудааст, ки муаллиф ба он муносибатҳои ҳифозатиро, ки дар робита ба содир намудани ҷиноятҳо бо криминализатсияи дугона ба вуҷуд меоянд ва ҳамкории байналмилалии кишварҳоро дар соҳаи мубориза бо ҷиноятқорӣ дохил мекунад. Инчунин, аз ҷониби муаллиф методҳои асосии ин соҳа: манъкунанда ва амркунанда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар хотима хулоса бароварда мешавад, ки ҳуқуқи ҷиноятии трансмиллӣ зерсоҳаи нисбатан мустақили ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ, ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ҷиноятқории фаромиллӣ, зерсоҳаи ҳуқуқ, предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ, ҳамкории байналмилалӣ, ҷаҳонишавӣ, Конвенсияҳои СММ, муқовимат бо ҷиноятқорӣ.

О транснациональном уголовном праве

В данной статье делается попытка в теоретическим контексте обосновать транснациональное уголовное право, как относительно самостоятельной подотрасли международного уголовного права. Рассматривается предпосылки появления данной новой подотрасли в начале XXI века, автор связывает это с глобализацией и необходимостью противодействия этому новому виду организованной преступности. В статье выделяется предмет транснационального уголовного права, к которым автор относить охранительные отношения, возникающие в связи с совершением преступлений с двойной криминализацией и международное сотрудничество стран в сфере противодействия преступностью. Также автором рассматриваются основные методы данной отрасли: запретительный и предписывающий. В заключении делает вывод, что транснациональной уголовной право представляет собой относительно самостоятельной подотраслью международного уголовного права.

Ключевые слова: транснациональное уголовное право, международное уголовное право, транснациональная преступность, подотрасль права, предмет и метод правового регулирования, международное сотрудничество, глобализация, Конвенции ООН, противодействие преступности

On transnational criminal law

This article attempts to theoretically substantiate transnational criminal law as a relatively independent sub-branch of international criminal law. The author examines the preconditions for the emergence of this new branch at the beginning of the 21st century, linking it to globalization and the need to combat this new type of organized crime. The article highlights the subject matter of transnational criminal law, which the author attributes to protective relations arising in connection with the commission of double criminality offenses and international cooperation between countries in combating crime. The author also examines the main methods of this branch: prohibitive and prescriptive. The author concludes that transnational criminal law

represents a relatively independent sub-branch of international criminal law.

Keywords: transnational criminal law, international criminal law, transnational crime, sub-branch of law, subject and method of legal regulation, international cooperation, globalization, UN Conventions, combating crime

Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, кандидат юридических наук, и. о. доцента кафедры коммерческого права и противодействия коррупции. E-mail: firdavsshr@mail.ru

Қудратов Некруз Абдунабиевич, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктор юридических наук, профессор, начальник управления науки и инноваций. E-mail: nek-kudratov@mail.ru

Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович — Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: miralievs@mail.ru

Ширинджонов Фирдавс Изатуллоевич, Таджикский государственный университет коммерции, кандидат юридических наук, исполняющий обязанности доцента кафедры коммерческого права и противодействия коррупции. E-mail: firdavsshr@mail.ru

Кудратов Некруз Абдунабиевич, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор, начальник управления науки и инноваций. E-mail: nek-kudratov@mail.ru

Миралиев Салохиддин Абдусаломович, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доцент кафедры уголовного права и правосудия. E-mail: miralievs@mail.ru

Firdavs Izatulloevich Shirinzod — Tajik State University of Commerce, Candidate of Legal Sciences, Acting Associate Professor at the Department of Commercial Law and Anti-Corruption. E-mail: firdavsshr@mail.ru

Nekruz Abdunabievich Qudratov, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Professor, Head of the Department of Science and Innovation. E-mail: nek-kudratov@mail.ru

Salohiddin Abdusalomovich Miraliev, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Associate Professor at the Department of Criminal Law and Justice. E-mail: miralievs@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ХУСУСИЯТҲОИ ТАКТИКИИ ТАЪИН ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ НАРКОЛОГӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО ВОБАСТА БА МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДИР

Қаҳорзода Н.М.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Муқаддима. Дониши махсус, ки барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, метавонад дар шаклҳои гуногун дар марҳилаҳои гуногуни тафтиши ҷиноят истифода шавад. Шаклҳои истифодаи дониши махсус метавонанд ҳам мурофиавӣ ва ҳам ғайримурофиавӣ бошанд. Аксари олимон (ба монанди А.Ф. Соколов ва М.В. Ремизов) шакли мурофиавӣ-ҷиноятии истифодаи дониши махсусро дар мурофиаи ҷиноятӣ «низоми қоидаҳо барои татбиқи дониши махсуси шахсони донишманд бо тартиби муайян, ки дар қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ муқаррар шудааст» медонанд [1].

Дар мурофиа истифодаи дониши махсус дар шакли таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ амалӣ мешавад. Ҳолати мазкур танзими ҳуқуқии худро ёфтааст[2].

Дараҷаи коркарди илмӣ. Экспертизаи наркологӣ [3] низ яке аз навъҳои донишҳои махсусро ташкил медиҳад, ки дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ҳаммонанди онҳо (минбаъд маводи мухадир) таъин ва гузаронида мешавад. Мавзуи асосии таҳқиқоти моро низ он ташкил медиҳад. Истифодаи донишҳои махсус дар тафтиши ин ҷиноятҳо истифодаи малакаҳои касбиро дар соҳаҳои илм, муҳандисӣ, тиб ва технологияҳои иттилоотӣ барои ошкор, сабт ва таҳқиқи далелҳо дар бар мегирад. Ин барои муайян кардани намуди маводи мухаддир, массаи он, пайдоиши он ва муайян кардани иштироки гумонбарон зарур аст. Ин навъи экспертиза аз ҷиҳати илмӣ, танзимӣ-ҳуқуқӣ мушкилиҳои зиёд дорад. Зеро содиршавии ҷиноятҳо вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ҳаммонанди онҳо рӯз аз рӯз доман паҳн намуда истодааст, вале вобаста ба ошкор ва пешгирии ин падидаи номатлуб кишвари мо яке аз ниҳодҳои пуркувват-Маркази ҷумҳуриявии наркологӣ таъсис додааст. Тибқи маълумоти омории ин Марказ дар солҳои 2024-2025 зиёда аз 473 ҳолати ҷой доштани воситаҳои нашъадор, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ошкор карда шуд, ба қайд гирифта шудааст. Ин маводҳоро марказ аз муоина гузаронида чунин ҳолатҳоро муайян кард:

- намуд ва гуруҳи воситаҳои нашъадор;
- таъиноти маводи мухадир;
- тартиби истифодаи воситаҳои нашъадор;
- тартиби коркард, истеҳсол ё тайёр кардани воситаҳои нашъадор;
- андозаи таъсири он ба саломатии инсон ё хавфнокии он дар байни аҳолӣ[4]

Вазифаи марказ аслан расонидани кумаки ташкилӣ, методологӣ ва амалӣ ба мақомоти тафтишотӣ дар истифодаи воситаҳо ва усулҳои криминалистӣ дар

парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд. Аз ҷумла:

- ошкор, мусодира ва таҳқиқи изҳо ва дигар далелҳои шайъӣ;
- гузаронидани изҳо ва ташхиси наркологӣ;
- экспертизаи криминалистии ҳуҷҷатҳо ва дастнавис;
- таҳқиқи намуди зоҳирии инсон;
- экспертизаи криминалистии ДНК-и инсон;
- экспертизаҳои психофизиологӣ бо истифода аз полиграф;
- экспертизаҳои фоноскопӣ; тадқиқоти компютерӣ-техникӣ ва тадқиқоти иқтисодӣ.

Ин навъи экспертиза аз дигар амалҳои мурофиавӣ бо як қатор хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунад. Он барои ба даст овардани маълумоте анҷом дода мешавад, ки бо дигар роҳҳо муайян карданаш мумкин нест. Он ҳамчун воситаи бавоситаи далелҳо хизмат мекунад ва шакли мушаххаси мурофиавии худро дорад. Натиҷаҳои он дар хулосаи экспертӣ сабт карда мешаванд ва шакли мустақили далелҳоро ташкил медиҳанд. Хусусияти асосии тафтишоти ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир муқаррар кардани предмети ҷиноят мебошад. Дар ин ҷиноятҳо, предмет ҳамчун хусусияти фарққунанда хизмат мекунад ва имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун як гурӯҳи алоҳидаи амалҳои ҷиноятӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ тасниф кунанд.Чунин предметҳо маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва ҳаммонанди онҳоро дар бар мегиранд. Айни замон мутахассисон зиёда аз 500 намуди маводи мухаддирро муайян кардаанд, ки қонунгузории ҷиноятии давлати мо низ муомилоти онро манъ кардааст[5]. Ин ҳолат муайян кардани намуди маводи мухаддир ва хусусиятҳои онро бе кӯмаки мутахассисе, ки дар ин соҳа дониши мувофиқ дорад, қариб ғайриимкон мегардонад. Аз ин рӯ, ҳангоми тафтиши ин ҷиноятҳо, муфаттишон ва кормандони перативӣ-ҷустуҷуӣ баробари пайдо шудани зарурати гирифтани маълумоти талабкунандаи дониши махсус, ташхиси экспертӣ таъин мекунанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари мавридҳо, далелҳои асосии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, ки мавҷудияти унсурҳои ҷиноятҳои тибқи м. 200-206 КҶ ҶТ-ро муайян мекунанд, қарори ташхиси экспертӣ оид ба таҳлили маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ мебошанд. Ғайр аз ин, эътимоднокии хулосаҳои эксперт ва пуррагии таҳқиқоти гузаронидашуда ба муфаттиш имкон медиҳанд, ки на танҳо ҷиноятро дар марҳилаи аввали тафтишот дуруст тасниф кунад, балки стратегияи кори минбаъдаро оид ба парвандаи ҷиноятӣ низ таҳия кунад. Азбаски маълум аст, ки механизми пайдоиши пайҳо асосан бо мавзуи ҷиноят алоқаманд аст, ин қонуниятҳо дар навбати худ, ҳамчун асос барои пешниҳоди тахминҳо барои ҳалли масъалаҳо ва тафтиши ҷиноятҳои мазкур хизмат мекунанд.

Нуктаҳои дар боло зикршуда бо натиҷаҳои хулосаи амалияи судӣ, ки дар Қарори №5-и Пленуми Суди Олии ҶТ аз аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқаманданд» инъикос ёфтаанд, тасдиқ карда мешаванд. Тибқи он мақомоти тафтишӣ бо баровардани қарор ташхиси экспертизаро таъин мекунад. Ин ҳуҷҷати мурофиавӣ бояд инҳоро

инъикос кунад: - асоси таъини экспертиза; - номи муассисае, ки экспертиза дар он гузаронида мешавад ё маълумоти коршинос; - саволҳое, ки ба коршинос дода шудаанд; - маводҳое, ки ба коршинос пешниҳод шудаанд.

Пас аз баровардани қарор дар бораи таъини экспертиза, муфаттиш онро ба муассисаи экспертӣ мефиристад ё ба коршинос месупорад. Бояд дар хотир дошт, ки интихоби дурусти муассиса ва коршинос, инчунин вақти қабули қарор муқаррар кардани аҳамияти криминалистии объектҳоро ҳангоми экспертиза кафолат медиҳад. Дар ин ҳолат, муфаттиш бояд омилҳои зеринро баҳо диҳад: мансубияти идоравӣ ва маҳалли ҷойгиршавии ҳудудии муассисаи экспертӣ; мавҷудияти таҷҳизоти зарурии техникии криминалистӣ; сатҳи касбии коршиносон. Қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки экспертиза на танҳо ба муассисаҳо ва шахсони мансабдоре, ки фаъолияти экспертиро анҷом медиҳанд, балки ба дигар шахсони дорои дониши махсуси зарурӣ таъин карда шавад. Ин аз он сабаб аст, ки баъзан гирифтани хулоса оид ба масъалаҳои нодир, ки айни замон барои коршиносони касбии судӣ таълими махсус дода нашудааст, зарур аст. Дар ин ҳолат, муфаттиш бояд талаботи қонунгузорро вобаста ба ташхисҳо бо воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ танҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқие, ки барои ин намуди фаъолият иҷозатнома доранд, диққати махсус диҳад. Аммо ҳуқуқи гузаронидани чунин ташхисҳоро бидуни иҷозатнома танҳо ба Муассисаҳои табобатии наркомандии назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Баҳодиҳии маводи мухаддир низ бо муоинаи тиббӣ аз ҷониби мутахассиси-нарколог оғоз мешавад. Баҳодиҳии маводи мухаддир як таҳқиқоти ҳамаҷонибаест, ки барои таҳлили таркиби кимиёвӣ ва хосиятҳои физикии моддаҳои барои ташхис пешниҳодшуда, инчунин муайян кардани андозаи зарари онҳо ба саломатии инсон гузаронида мешавад[6].

Назария ва амалияи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир нишон медиҳанд, ки чунин экспертизаҳо одатан ба монанди экспертизаи судии кишоварзӣ, экспертизаи судии ботаникӣ, экспертизаи судии кимиёвӣ, экспертизаи судии тиббӣ, экспертизаи судии равонпизишкӣ гузаронида мешаванд. Ин рӯйхат пурра нест ва вобаста ба шароити мушаххаси парванда васеъ карда мешавад. Масалан, ташхиси изҳои боқимондаи ҷиноятқор, навиштаҷоти дорухат барои маводи мухаддири қонунан дастрас ва ғайра.

Экспертизаи маводи мухаддир дар ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ (бо м.200-206 КҶ ҶТ) таъин карда мешаванд. Тартиби ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии маводи мухаддири ҳамчун далел истифодашуда аз ҷониби қонунҳои зерин танзим карда мешавад: Қонуни ҶТ «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекусорҳо»; КМҶ ҶТ; КҲМ ҶТ ва ғ.

Ғайр аз ин, дар ин парвандаҳо, зарур аст, ки тавзеҳоти дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ мавҷудбударо ба назар гирем.

Ҳангоми гузаронидани санҷиш барои муайян кардани он, ки оё модда маводи мухаддир аст, муҳим аст, ки дар хотир дошт, ки ин амал дорои тавсифи расмии ҳуқуқӣ, яъне тавсифи ҳуқуқӣ мебошад.

Аз ин рӯ, танҳо он маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, ки дар рӯйхати санади ҳуқуқии мушаххас номбар шудаанд, (на онҳое, ки хусусиятҳои мушаххаси кимиёвӣ, фармакологӣ ё тиббӣ доранд) метавонанд предмети ин ҷиноятҳо ҳисобида шаванд.

Ҳамаи маводи мухаддир, ки аз муомилот мусодира шудаанд, дар протоколҳои амалҳои тафтишӣ (протоколи азназаргузаронии воситаи нақлиёт ё манзили истиқоматӣ; протоколҳои кофтукови шахсӣ ва ғ.) сабт карда мешаванд. Дар ҳама ҳолатҳо, муфаттиш бояд мутахассисро дар таҳлили физикӣ ва кимиёвии маводи мухаддир дар ин фаъолиятҳо ҷалб кунад. Маводҳои мухаддири гумонбаршуда, ки ҳангоми азназаргузаронӣ ё кофтуков муайян шудаанд, метавонанд пешакӣ аз ҷониби мутахассис дар ҷои ошкор кардани онҳо бо истифода аз санҷишҳои экспресс, ки дар ҳуҷҷатҳои мурофиавии дар боло зикршуда инъикос ёфтаанд, тафтиш карда шаванд.

Айни замон илм якчанд тариқаҳои таснифотиро барои гузаронидани ташхиси криминалистии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ҳаммонанди онҳо пешниҳод мекунад:

- аз рӯи мақсади истеҳсол (қонунӣ ё вайрон кардани қонунгузории амалкунанда ҳангоми истеҳсоли маводи нашъадор таҳқиқ карда мешавад);

- аз рӯи пайдоиш (доруҳо ҳамчун синтетикӣ, нимсинтетикӣ ё гиёҳӣ ё ҳосилаҳои онҳо тасниф карда мешаванд);

- аз рӯи усули истеҳсол (хонагӣ, саноатӣ ё лабораторӣ);

- аз рӯи намуди таъсир ба одамон (аналгетикҳои наркологӣ, гипнозҳо, галлюциногенӣ ва моддаҳои психотропӣ);

- аз рӯи сохтори химиявии ҷузъи фаъоли физиологӣ.

Ташхиси судӣ-тиббӣ амали муҳими мурофиавӣ мебошад, ки аз ҷониби шахси махсус таъиншуда (коршинос) бо дониши махсус, ки аз ҷониби суд ё муфаттиш таъин шудааст, барои муайян кардани ҳолатҳои марбут ба парвандаи мушаххаси ҷиноятӣ анҷом дода мешавад[7].

Ба гуфтаи Е. Е. Космодемянская ва М. Г. Ермаков, ташхиси судӣ бояд муайян кунад, ки оё растании пешниҳодшуда маводи мухаддир дорад ва он ба кадом намуд тааллуқ дорад; барои муайян кардани пайдоиши маводи мухаддир, муайян кардани майдони парвариши растанӣ зарур аст; дар сурати мавҷуд будани (мусодира) якчанд намуди маводи мухаддир ё растаниҳои маводи мухаддир, масъалаи муайян кардани макони (манбаи) афзоиш бояд баррасӣ карда шавад[8].

Пеш аз таъин кардани ин ташхис, муфаттиш бояд ашё ва маълумот дар бораи онҳоро барои тафтиш бодиққат интихоб кунад, зеро эътимоднокии хулосаи коршинос мустақиман аз пуррагӣ ва дақиқии интихоби онҳо вобаста аст. Одатан барои ин ташхис бояд худи маводи мухаддир, таҷҳизот ва асбобҳое, ки барои истеҳсол, коркард ё истеъмоли онҳо истифода мешаванд, либоси нашъаманд ё дигар гумонбар, нусхаи ҳуҷҷатҳои мурофиавие, ки ин равандро танзим мекунанд, пешниҳод карда мешаванд. Муфаттиш инчунин бояд бо хосиятҳои мушаххаси маводи мухаддири муайян ошно бошад ва эҳтимолияти тағирёбии таркиби онҳоро ҳангоми нигоҳдорӣ аз сабаби ноустувории ҷузъҳои органикии онҳо ба назар гирад. Дар ин ҳолатҳо, ташхиси судӣ метавонад фавран

пас аз мусодираи маводи мухаддир дар парвандаи ҷиноятӣ ё агар вазъият талаб кунад, пеш аз оғози парванда гузаронида шавад[9].

Ғайр аз ин, барои пешгирӣ аз гум шудани нишонаҳои маводи мухаддир, аввал ташхиси криминалистии ошкор кардани онҳо дар ашёи гуногуни интиқолдиҳанда (сӯзандоруҳо, либос ва ғ.) низ анҷом дода мешавад. Ин риояи қоидаҳои дахлдорро барои ҷамъоварии нишонаҳои маводи мухаддир талаб мекунад, зеро ин раванд хусусиятҳои хосси худро дорад. Масалан, зарур аст, ки дасти ҳар як гумонбарро бо докаҳои гуногун тоза кард ва онҳоро алоҳида бастабандӣ кард. Ин ашёҳо барои ташхис якҷоя бо докаҳои назоратии тоза, ки аз ҳамон мавод гирифта шудаанд, фиристода мешаванд.

Ин ташхис ба мо имкон медиҳад, ки вазифаҳои муҳимми зерини тафтишотиро ҳал кунем:

1. муайян кардани робитаи намунаҳои пешниҳодшуда бо маводи мухаддир ё психотропӣ;
2. муайян кардани миқдор ва пайдоиши онҳо;
3. муайян кардани мансубияти онҳо ба гурӯҳ дар асоси ашёи хом, технологияи коркард, шароити нигоҳдорӣ ва ғайра;
4. муайян кардани пайдоиши онҳо дар асоси макон ва усули истеҳсол ё коркард;
5. муайян кардани шахсияти маводи мухаддир, ки қисми як кулл мебошанд;
6. муайян кардани усул, технология ва дигар хусусиятҳо дар истеҳсоли ҳунарии маводи мухаддир[10].

Ба гуфтаи Э.Р. Россинская, саволҳои ташхисии зерин метавонанд барои ҳалли ин ташхиси судӣ пешниҳод карда шаванд:

Оё ин модда маводи мухаддир аст? Агар ҳа, он ба кадом гурӯҳи маводи мухаддир тааллуқ дорад ё он ба кадом маводи мухаддири мушаххас тааллуқ дорад?

Оё ин модда таъсирбахш аст ва агар ҳа, кадомаш?

Оё дар ашёи пешниҳодшуда нишонаҳои маводи мухаддир ё маводи мухаддири қавӣ мавҷуданд ва агар ҳа, кадомаш?

Миқдори маводи мухаддир дар ин модда чанд аст?

Ин маводи мухаддир бо кадом усул ба даст оварда шудаанд?

Оё имкон дорад, ки маводи мухаддирро бо истифода аз усули тавсифшуда ба даст вард?[11]

Ба гуфтаи ӯ, ҳамин ташхис метавонад ба саволҳои зерини муайянкунӣ ҷавоб диҳад:

Оё маводи мухаддири пешниҳодшуда бо истифода аз як технология ба даст оварда шудаанд?

Оё маводи мухаддир ё моддаҳои таъсирбахш дар як корхонаи мушаххас истеҳсол шудаанд?

Оё маводи мухаддире, ки барои ташхис пешниҳод шудааст, ба як гурӯҳи умумӣ вобаста ба маводи хоми истифодашуда барои ба даст овардани онҳо тааллуқ доранд?

Оё маводи мухаддире, ки аз шахсони гуногун дар ҷойҳои гуногун мусодира карда шудааст, як массаи ягонаро ташкил медиҳанд?[12].

Рӯйхати дар боло зикршудаи саволҳоро метавон пурра ҳисобид, ба истиснои баъзе ҳолатҳо, вобаста ба шароити мушаххаси парвандаи ҷиноятӣ. Таҳлили тавсияҳои методологӣ оид ба ташхиси маводи мухаддир нишон медиҳад, ки ҳангоми санҷиши онҳо усулҳои харобиовар истифода шуда метавонанд, аз ин рӯ миқдори моддае, ки барои ташхис фиристода шудааст ва ба ташаббускор баргардонида шудааст, метавонад мувофиқат накунад. Дар чунин ҳолатҳо, муфаттиш бояд аз коршинос талаб кунад, ки ин далелро дар хулосаи коршинос инъикос кунад. Дар хулоса коршинос бояд маълумотро дар бораи миқдори маводи мухаддири гирифташуда, истифодашуда барои ташхис ва баргардонидашуда бо натиҷаҳои ташхис дохил кунад.

Вақте маводи мухаддир, ки нишонаҳои равшани истеҳсоли саноатиро нишон медиҳад, мусодира карда мешавад, ташхиси судӣ-фармакологӣ таъин карда мешавад. Натиҷаҳои ин ташхис ба гуфтаи баъзе муҳаққиқон метавонанд ба саволҳои зерин барои муфаттиш ҷавоб диҳанд:

Оё ин дору доруворӣ аст ва агар ҳа, кадом намуд?

Оё ин дору (восита) ҳамчун маводи мухаддир, моддаи психотропӣ ё моддаи сахттаъсир тасниф карда мешавад?

Оё дар ин ашё (сӯзандору) ягон боқимондаҳои фармакологӣ мавҷуданд ва агар ҳа, кадомҳо ва бо чӣ миқдор?

Нишондодҳо барои истифодаи тиббии ин дору (восита) кадомҳоянд?

Ин дору чӣ гуна ворид карда мешавад - ба дохили раг, ба дохили мушак, даҳонӣ ё бо роҳи дигар?

Он фавран пас аз истифода ба бадани инсон чӣ таъсир мерасонад?

Тартиби додани ин дору (восита) барои мақсадҳои тиббӣ чист?[13].

Экспертизаи тиббии судӣ масъалаҳои марбут ба истифодаи маводи мухаддир аз ҷониби шахси мушаххас ва оё онҳо дар ҳолати мастӣ аз маводи мухаддир қарор доранд, ҳал мекунад. Мавҷуд будан ё набудани нашъамандӣ дар шахс аз ҷониби ташхиси судӣ-психиатрӣ муайян карда мешавад. Дар гузориши он бояд хулоса дар бораи мавҷуд будан ё набудани ташхиси нашъамандӣ, инчунин ҳама гуна зиддиятҳои тиббӣ барои табобати ин ҳолат мавҷуд бошад. Ҳолатҳои зерин метавонанд зарурати чунин ташхисро нишон диҳанд: - далелҳои тасдиққунандаи шахс истеъмолкунандаи маводи мухаддир аст ё табобати нашъамандӣ гирифтааст; - шахс дар ҷои мушаххаси истиқомат ба қайд гирифта шудааст ва дар назди мутахассиси нашъамандӣ бо ташхиси мувофиқ ба қайд гирифта шудааст; - шахс қаблан вобаста ба ин ҷиноятҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда буд ва ғайра.

Ҳангоми истеҳсоли оммавии маводи мухаддир бо истифода аз таҷҳизоти саноатӣ, ташхиси технологии судӣ таъин карда мешавад, ки мақсади асосии он равшан кардани хусусиятҳои технологияи истеҳсолот мебошад.

Усулҳои муосири ташхиси экспертизаи маводи мухаддир аксар вақт равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунанд, ки якҷоя кардани таҳқиқоти мушаххасро дар бар мегирад. Масалан, ташхиси ҳамаҷониба метавонад таҳқиқоти судӣ-фармакологӣ, судӣ-кимиёвӣ ва дигар таҳқиқотро дар бар гирад. Дар ин ҳолатҳо,

коршинос набояд намуди ташхиси экспертизаро дар қарори таъин кардани ташхис муайян кунад. Ин вазифа аз ҷониби роҳбари муассисаҳои экспертиза, дар асоси объектҳои пешниҳодшуда барои ташхис ва масъалаҳои ба миён гузошташуда муайян карда мешавад.

Пас аз анҷоми ташхис, маводи мухаддир бо фармони мақомоти тафтишотӣ, прокурор ё қарори суд ҳамчун далел ба парвандаи ҷиноятӣ илова карда мешавад. Сипас, онҳо дар давоми 24 соат ба анбори нигоҳдории маводи мухаддир интиқол дода мешаванд.

Хулоса. Тазаккур бояд дод, ки тафтиши ҷиноятҳои марбут ба муомилоти маводи мухаддир раванди мураккаб ва меҳнатталаб аст, ки аз мақомоти тафтишӣ талаб мекунад, ки захираҳо, воситаҳо ва усулҳои ҳамаи ҷонибҳои дахлдор, аз ҷумла мутахассисон ва коршиносони дорои дониши махсус дар соҳаҳои гуногуни илм, технология, санъат ё ҳунармандӣ самараноктар истифода баранд.

Экспертизаи наркологӣ барои ошкор ва тафшиши ҷиноятҳо бо м. 200-206 КҶ ҶТ мавқеи авалиндараҷаро дорад. Тавассути ин навъи экспертиза метавон унсурҳои асосии ҳодисаи ҷиноятро, ки барои тафтиши он заруранд, ошкор кард.

Адабиёт:

1. Соколов А.Ф., Ремизов М.В. Использование специальных знаний в уголовном судопроизводстве. Ярославль: Яросл. гос. ун-т, 2010. С. 15

2. Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25 июли соли 2005 № 102; Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз 3 декабри соди 2009 № 574 (Боби 24)

3. Экспертизаи наркологӣ – экспертизае мебошад, ки барои муайян кардани нашъамандӣ ба машрубот, маводи мухаддир ё моддаҳои заҳролуд, инчунин истифодаи моддаҳои ғайриқонунӣ равона шудааст. Он муоинаи равонпизишк ва мутахассиси нашъамандӣ, инчунин таҳлили хун ва пешобро дар бар мегирад. Онро пас аз марг ё дар асоси сабтҳои тиббӣ анҷом додан мумкин аст. Ин ташхиси ҳамаҷонибаест, ки барои муайян кардани моддаҳои мухаддир, психотропӣ ё таъсиррасон, инчунин нишонаҳои истифодаи онҳо равона шудааст. Вобаста ба ҳадафҳо, экспертиза метавонад кимиёвӣ-токсикологӣ (таҳлили маводҳои биологии инсон) ё физикӣ-химиявӣ (таҳлили моддаҳо, хокаҳо ва ашёи мусодирашуда) бошад.

4. Маълумотномаи омории Маркази ҷумҳуриявии наркологӣ дар ш.Душанбе аз 12 майи соли 2026 №27

5. Drapkin L.Y. (ed.). Kriminalistika dlya bakalavrov [Criminology for Bachelors]. Moscow, Yurayt Publ., 2015, P. 691.

6. Когосов А.П. Формы использования специальных знаний при расследовании преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ или их аналогов: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / А.П. Когосов. – Челябинск, 2011. – С. 17

7. Хрусталев В. Н. Специальность «Судебная экспертиза»: прошлое, настоящее и будущее // Суд. экспертиза. – 2004. – № 1. – С. 59–65.

8. Космодемьянская Е. Е. Методика расследования незаконного культивирования растений, содержащих наркотические средства или

психотропные вещества либо их прекурсоры: учеб. пособие / Е. Е. Космодемьянская, М. Г. Ермаков. – Красноярск: СЮИ МВД России, 2017. – 75 с.

9. Кудрявцев И.К., Обыденнова А.А. Понятие и значение судебной экспертизы при расследовании уголовных дел // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. 2020. № 2-2(41). С. 129-132.

10. Пупцева А.В. Организация расследования незаконных перевозки, пересылки наркотических средств и психотропных веществ. Волгоград: ВА МВД России, 2013. – С.36

11. Россинская Е.Р., Галяшина Е.И. Настольная книга судьи. Судебная экспертиза. М.: Проспект, 2016. С. 298 с.

12. Торговченков В.И., Царьков Д.Е., Орлов Г.В. и др. Актуальные проблемы назначения и производства экспертиз в ходе судебного разбирательства по уголовным делам. Использование заключений экспертов при поддержании государственного обвинения в суде / под ред. В.И. Торговченкова. Тамбов: Изд. дом ТГУ им. Г.Р. Державина, 2016. С. 197.

13. Торговченков В.И., Царьков Д.Е., Орлов Г.В. и др. Актуальные проблемы назначения и производства экспертиз в ходе судебного разбирательства по уголовным делам. Использование заключений экспертов при поддержании государственного обвинения в суде / под ред. В.И. Торговченкова. Тамбов: Изд. дом ТГУ им. Г.Р. Державина, 2016. С. 197.

Хусусиятҳои тактикии таъин ва гузаронидани экспертизаи наркологӣ дар тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухадир

Дар асоси танзими қонунгузории ҷиноятӣ ва таҳлили таҷрибаи мақомоти тафтишӣ, дар мақолаи мазкур тавсифи криминалистии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ҳаммонанди онҳо баррасӣ карда мешавад. Аҳаммияти таҳқиқот дар он аст, ки муфаттишон дониши махсусро дар ҳал ва тафтиши ҷиноятҳои марбут ба муомилоти маводи мухаддир истифода мебаранд, инчунин омӯзиши хусусиятҳои таъини экспертизаи наркологӣ дар тафтишоти ин ҷиноятҳо мебошад. Таҳлилҳо тавассути татбиқи қонунҳои диалектикӣ, мантиқи расмӣ ва усулҳои тадқиқоти илмӣ умумӣ ва мушаххас ба даст оварда мешавад. Муаллиф ба хулосае омад, ки хусусияти асосии тафтиши ҷиноятҳои марбут ба муомилоти маводи мухаддир муқаррар кардани предмети ҷиноят (худи маводи мухаддир) мебошад. Қайд кардан муҳим аст, ки предмети ин ҷиноятҳо танҳо он маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ буда метавонанд, ки дар рӯйхати санади ҳуқуқии мушаххас номбар шудаанд, на онҳое, ки хусусиятҳои мушаххаси кимиёвӣ, фармакологӣ ё тиббӣ доранд. Айни замон мутахассисон тақрибан 500 намуди маводи мухаддирро медонанд. Ин ҳолат муайян кардани намуди маводи мухаддир ва хусусиятҳои онро бе иштироки мутахассисе, ки дар ин соҳа дониши мувофиқ дорад, қариб ғайриимкон мегардонад. Эътимоднокии хулосаҳои коршинос ва пуррагии таҳқиқоти гузаронидашуда ба муфаттиш имкон медиҳад, ки на танҳо ҷиноятро дар марҳилаи аввали тафтишот аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст бандубаст кунад, балки стратегияи кори минбаъдаро оид ба парвандаи ҷиноятӣ таҳия кунад.

Калидвожаҳо: дониши махсус, эксперт, хулоса, маводи мухадир, таъин ва гузаронидан, экспертизаи наркологӣ, баҳо додан, экспертиза, тафтишот, амали тафтишӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, хусусият, тактика, марказҳои экспертӣ, таҳлил, тадқиқоти экспертӣ.

Тактические особенности назначения и проведения экспертизы по наркологическим вопросам при расследовании преступлений, связанных с незаконной оборота наркотиками

На основе регулирования действующего уголовно-процессуального законодательства и анализа опыта следственных органов в данной статье рассматривается судебно-медицинская характеристика наркотических средств, психотропных веществ и их аналогов. Значимость исследования заключается в том, что следователи используют специальные знания при раскрытии и расследовании преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, а также в изучении особенностей назначения наркологической экспертизы при расследовании таких преступлений. Анализ проводится с применением диалектических законов, формальной логики и общее и специализированных методов научного исследования. Автор пришел к выводу, что главной особенностью расследования преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, является установление объекта преступления (самого наркотика). Важно отметить, что предметом таких преступлений могут быть только те наркотические средства и психотропные вещества, которые перечислены в конкретном законодательном акте, а не те, которые обладают специфическими химическими, фармакологическими или медицинскими свойствами. В настоящее время специалистам известно около 500 видов наркотических средств. Это делает практически невозможным определение вида наркотического средства и его свойств без участия специалиста, обладающего соответствующими знаниями в этой области. Достоверность заключений эксперта и полнота проведенного исследования позволяют следователю не только юридически корректно сформулировать преступление на начальном этапе расследования, но и разработать стратегию дальнейшей работы по уголовному делу.

Ключевые слова: специальных знания, эксперт, заключение, наркотические вещества, назначение и проведение, наркологическая экспертиза, оценка, обследование, расследование, следственные действия, уголовное судопроизводство, законодательство, характеристики, тактика, экспертные центры, анализ, экспертное исследование.

Tactical features of appointing and conducting examinations on drug issues in the investigation of crimes related to illegal drug trafficking

Based on current criminal procedure legislation and an analysis of the experience of investigative bodies, this article examines the forensic characteristics of narcotic drugs, psychotropic substances, and their analogues. The significance of this study lies in the fact that investigators use specialized knowledge in solving and investigating crimes related to drug trafficking, as well as in studying the specifics of appointing

drug examinations in the investigation of such crimes. The analysis is conducted using dialectical laws, formal logic, and general and specialized scientific research methods. The author concludes that the main feature of investigating crimes related to drug trafficking is identifying the object of the crime (the drug itself). It's important to note that such crimes can only involve narcotic drugs and psychotropic substances listed in a specific legislative act, not those with specific chemical, pharmacological, or medicinal properties. Currently, experts know approximately 500 types of narcotic drugs. This makes it virtually impossible to determine the type of drug and its properties without the assistance of a specialist with relevant knowledge in this area. The reliability of expert opinions and the completeness of the conducted research allow the investigator not only to legally correctly formulate the crime at the initial stage of the investigation but also to develop a strategy for further work on the criminal case.

Key words: special knowledge, expert, conclusion, narcotic substances, appointment and conduct, drug examination, assessment, examination, investigation, investigative actions, criminal proceedings, legislation, characteristics, tactics, expert centers, analysis, expert research.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қаҳорзода Насимҷон Мазбут — Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. **Тел:** +992 907 65 48 23, **Email:** Knasim-1985@mail.ru

Сведения об авторе: Кахорзода Насимджон Мазбут — Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора, кандидат юридических наук, доцент. **Тел:** +992 907 65 48 23, **Email:** Knasim-1985@mail.ru

Information about author: Kahorzoda Nasimjon Mazbut — Tajik State University of Law, Business and Politics, Faculty of Law, Head of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. **Tel:** +992 907 65 48 23, **Email:** Knasim-1985@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ БАРНОМАСОЗӢ ВА БАНАҚШАГИРИИ КРИМИНОЛОГӢ

Қудратов Н.А., Миралиев С.А.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Ҷинояткорӣ яке аз зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ буда, тағйирёбии он бо равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва технологӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, муқовимат ба ҷиноятқорӣ танҳо тавассути вокуниш ба ҷиноятҳои аллакай содиршуда натиҷаи зарурӣ дода наметавонад. Яке аз вазифаҳои асосии давлат ва ҷомеа бояд пешакӣ муайян намудани тамоюлҳои эҳтимолии ҷиноятқорӣ, ошкор намудани омилҳои криминогенӣ ва дар асоси онҳо таҳия намудани маҷмуи чораҳои пешгирикунанда бошад.

Дар чунин шароит аҳаммияти пешгӯӣ, барномасозӣ ва банақшагирии криминологӣ меафзояд. Ин падидаҳо дар алоқамандии мутақобила механизмеро ташкил медиҳанд, ки тавассути он донишҳои криминологӣ ба қарорҳои идоракунӣ ва чораҳои мушаххаси пешгирии ҷиноятқорӣ табдил меёбанд.

Аҳаммияти масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар он зоҳир мегардад, ки дар сатҳи давлатӣ механизми барномавии муқовимат ба ҷиноятқорӣ истифода мешавад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030 ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он тасдиқ гардидааст.

Дар назарияи криминология барномасозӣ яке аз воситаҳои табдил додани натиҷаҳои таҳқиқот ва пешгӯии криминологӣ ба низоми чораҳои мақсадноки давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Агар таҳқиқоти криминологӣ ба саволи «вазъи воқеии ҷиноятқорӣ чӣ гуна аст?» ва пешгӯӣ ба саволи «дар оянда чӣ гуна тағйир ёфта метавонад?» ҷавоб диҳад, барномасозӣ бояд муайян намояд, ки барои таъсир расонидан ба ин раванд чӣ бояд кард [5].

Дараҷаи коркарди илмӣ. Самаранокии пешгирии ҷиноятқорӣ асосан бо маҷмуи воситаҳо ва усулҳои таъсиррасонӣ ба он ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Таъсири нодуруст, тасодуфӣ, ғайримунтазам, нокифоягии захираҳо ва таъмини моддию техникӣ ба ҷиноятқорӣ ва омилҳои мусоидаткунандаи он метавонанд танҳо натиҷаи намоён ва кӯтоҳмуддатро диҳанд. Ҳангоми таҳияи тадбирҳои пешгирии ҷиноятқорӣ мавҷудияти як қатор шароитҳоро барои самаранокии онҳо таъмин кардан лозим аст. Ба ин шартҳо дохил мешаванд:

1) муайян намудани омилҳои криминогенӣ;

2) асосноккунии имкониятҳои мавҷудаи барҳамдиҳӣ ё рафъи онҳо;

3) донистани ҷиноятқорӣ ва омилҳои он дар шароити мушаххаси макон ва замон ҳамчун объекти пешбинишудаи фаъолияти баррасишаванда;

4) таҳияи роҳҳои таъсиррасонӣ ба ин ҳодисаҳо ва протсессҳо;

5) пешгӯии натиҷаҳои пешбинишудаи (пешбинишавандаи) чунин таъсир.

Муайян кардани омилҳои криминогенӣ омӯзиши масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) сабаб ва шароити ҷиноятқорӣ;

2) оқибатҳои номатлуби мавҷудият ва рушди ин падида барои ҷомеа;

3) сабабҳои самарабахш набудани тадбирҳои пешгирикунандаи қаблан истифодашуда;

4) имкониятҳои беҳтар намудани фаъолияти субъектҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ.

Раванди муқаррар намудани омилҳои номбаршуда равиши илмиро бо ҷалби мутахассисони баландихтисос, ки қобилияти иҷрои супоришҳо оид ба гузаронидани экспертизаи криминологиро доранд, талаб мекунад. Хулосаи ҳамаҷонибаи онҳо имкон медиҳад, ки минбаъд ба ҳадафҳо, вазифаҳо, самтҳо, объектҳо ва хароҷоти муносиби ташкили мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ диққат диҳем[6].

Аз мавҷудияти имкониятҳои ҳалли масъалаҳои муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, натиҷаҳои таъсиррасонӣ ба он вобаста аст. Нишон додани чунин имкониятҳо инҳоро дар бар мегирад: субъектҳои ин фаъолият; вазифаҳои онҳо (асосӣ ва мушаххас оид ба чораҳои мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ); манбаъҳои молиявӣ ва дигари дастгирии ин фаъолият; ҷузъҳои механизми татбиқи чораҳои пешниҳодшудаи мубориза бо ҷиноятқорӣ.

Дарки падидаи проблемавӣ барои муқаррар намудани самти таъсиррасонии криминологӣ; муайян намудани объектҳои чунин таъсирррасонӣ; муқаррар намудани дарки ин объектҳо; пешгӯии тағйироти эҳтимолии онҳо; муайян кардани сифат ва миқдори хароҷоти зарурӣ барои таъмини ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда; муайян кардани роҳҳои таъсиррасонӣ ба ҷиноятқорӣ зарур аст.

Чунин даркнамоӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст: ҷамъ овардани маълумот дар бораи ҷиноятқорӣ (маълумоти криминологӣ) бо риояи талаботи саривақтӣ, пуррагӣ ва эътимоднокии маълумот; коркарди иттилооти гирифташуда (ҷамъбасткунӣ, ба низом даровардан); таҳлили маълумот (хулосаҳое, ки ҷиноятқориро аз рӯи нишондиҳандаҳои зарурӣ тавсиф мекунанд); фарзияҳое, ки инкишофи ҷиноятқориро дар оянда дар муҳлатҳои мушаххас тавсиф мекунанд (пешгӯӣ); таассуроти пешбинии ҷиноятқорӣ ба чораҳои мубориза бар зидди он (самаранокии таъсири криминологӣ ба ҷиноятқорӣ).

Пешгӯии ҷиноятқорӣ бо банақшагирии мубориза бо ҷиноятқорӣ алоқаманд аст, гарчанде ки онҳо аз рӯи ҳадаф ва вазифаҳо фарқ мекунанд. Пешгӯии ҷиноятқорӣ пеш аз ташаккули нақша дар вақти муайян ҷой дошта, моҳият ва мазмуни онро муайян мекунад. Пешгирии ҷиноятқорӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои стратегии сиёсати ҷиноятӣ ва криминологии давлат баррасӣ шавад. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа на танҳо пешгӯии самарабахши кирдорҳои ғайриқонунӣ, балки имконияти оптимизатсияи муносиби стратегияи чорабиниҳои зиддикриминогенӣ низ аҳаммияти калон пайдо мекунад. Дар баробари ин, низоми имрӯзаи муқовимат ба ҷиноятқорӣ пайдоиши робитаҳои нав ва муносибатҳоро дар низоми умумии чораҳои пешгирии ҷиноятқорӣ тақозо мекунад. Бинобар ин, пешгӯии криминологӣ хусусияти сифатан нав пайдо

мекунад, ки барои ташкили низоми пешгирии ҷиноятқорӣ аҳаммияти муҳим дорад [7].

Воситаи муҳимми ташкили пешгирии ҷиноятқорӣ стратегияи пешгирии ҷиноятқорӣ мебошад, ки ҳамчун воситаи асосии кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баромад мекунад. Пешгӯии ҷиноятқорӣ асосан ҳадафҳои идоракунии мунтазам ва самараноки равандро дар бар мегирад. Пешгӯии криминологӣ барои роҳбарии илмии пешгирии ҷиноятқорӣ замина фароҳам оварда, низоми усулҳое мебошад, ки тавассути онҳо маҷмуи чораҳое коркард карда мешаванд, ки ба пешгирии ҷиноятҳо дар замони ҳозира ва оянда нигаронида шудаанд [4]. Дар баробари ин, пешгӯӣ имкон медиҳад, ки ҳадафи умумии муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар ин ё он давраи муайян муқаррар карда шуда, дар асоси он чорабиниҳои мушаххас (кӯтоҳмуддат ва ояндадор) барои муқовимат ба ҷиноятқорӣ барои ҳар як мақомот манфиатдор ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар маҳалҳо ба нақша гирифта мешаванд, ҳамзамон бо ёрии онҳо барномаи амалӣ гардонидани стратегияи қабулшуда низ пешакӣ муайян карда мешавад.

Таҳияи стратегия – ин функсияи таркибии идоракунӣ мебошад, ки айни замон хусусияти мақсаднок ва прогрессивии фаъолиятро барои таъсири мусбат ба ҳолати ҷиноятқорӣ таъмин намуда, ҳамзамон он фаъолияти пешгирикунандаро ба низом медарорад, онҳоро мақсаднок мегардонад, доираи субъектҳоро мушаххас ва марҳилаҳоро муайян мекунад. Тақсимоти оқилонаи чорабиниҳои профилактикӣ имконият медиҳад, ки тадбирҳои мувофиқшудаи иҷтимоию иқтисодӣ, тарбиявӣ ва ташкилӣ ба амал бароварда шаванд [3]. Илова бар ин, дар натиҷаи коркарди амалҳо ҷабаҷогузории тафриқавии қуввaҳо ва воситаҳо вобаста ба минтақаҳои дорои дараҷаи гуногуни паҳншавии ҷиноятҳо таъмин карда мешавад. Стратегияи зидди ҷиноятқорӣ - ин шакли ташкилии самарабахши ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти бар зидди ҷиноятқорӣ муборизабаранда, мустаҳкам намудани алоқаи онҳо бо гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ мебошад.

Пешгирии ҷиноятқорӣ вазифаи гуногунҷабҳа ва мураккаб буда, ҳалли он бо ҷидду ҷаҳди якҷояи кулли ҷамъият имконпазир мегардад. Стратегияи маҷмуии чорабиниҳои пешгирикунанда – ин низоми тадбирҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастшуда мебошад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои маҷмуии гузошташуда ва ягонагии худи фаъолияти пешгирикунанда ва ташкилиро таъмин менамояд. Талаботи ҳатмӣ ҳангоми татбиқи чораҳои муборизa бар зидди ҷиноятқорӣ хусусияти комплексии он мебошад, ки тавассути усули мураккаби махсуси мустақил, яъне барномасозӣ ба даст оварда мешавад.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Барномсозии таъсири комплексӣ ба ҷиноятқорӣ бояд ҳамчун ҷузъи барномаи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар давлат буда, он аз маҷмуи чорабиниҳо ва нақшаҳои мувофиқашуда ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои умумӣ дар доираи афзалиятҳои сатҳи миллӣ, маҳаллӣ ва соҳавӣ бо дар назар доштани истифодаи босамари захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявӣ дар давраи миёнамуҳлат иборат мебошад. Бинобар ин, барномасозии тадбирҳои комплексии пешгирии ҷиноятқорӣ, пеш аз ҳама, бо назардошти таҳлили пешгӯии падидаҳо ва равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқии ҷиноятӣ, идеологӣ, ҳудудӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо, ки дар ҷомеа ба вуҷуд

меоянд ва ба нишондиҳандаҳои ҷиноятқорӣ дар умум ва навъҳои алоҳидаи он таъсир мерасонанд, амалӣ карда мешаванд.

Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ бо мақсади амалӣ намудани чораҳои маҷмӯӣ ва саривақтии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷиноятқорӣ таҳия карда мешавад. Мақсади асосии чунин барномаҳо паст намудани сатҳи ҷиноятқорӣ дар мамлакат тавассути такмил додани фаъолияти сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба огоҳкунии кирдори зиддиҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчунин, бартараф намудани оқибатҳои манфии онҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ, таҷрибаи пешқадам дар самти муқовимат ба кирдори ғайриҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, боварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ иборат мебошад.

Барномаи пешгирии ҷиноятқорӣ маҷмуи чорабиниҳоест, ки аз ҷониби субъектҳои гуногуни пешгирӣ амалӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, барномаҳои пешгирии ҷиноятқорӣ дорои низом ва иерархияи мақсаду вазифаҳоро доранд, ки дар замон ва макон мушаххас карда шудаанд ва ба навъҳои ҷиноят ва сатҳи фаъолияти пешгирикунанда ба таври тафриқавӣ истифода мешаванд. Онҳо тавассути фаъолияти ҳамоҳангшуда, аз ҷумла, ҳамоҳангсозии кӯшишҳои субъектҳои гуногуни пешгирии криминологӣ амалӣ карда мешаванд. Аз ин бармеояд, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимтарин таъмини ташкилии пешгирии ҷиноятқорӣ дар доираи татбиқи барнома мебошад. Илова бар ин, барнома имкон медиҳад, ки қувваҳо ва воситаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирии ҷиноятҳо оқилона истифода шаванд. Бояд тазаккур дод, ки набудани барномаҳои мукаммал ё камсамарии тадбирҳои пешгирикунандаи дар он пешбинишуда, инчунин нокифоя будани маблағгузорӣ метавонад ба ҳолати ҷиноятқорӣ таъсири манфӣ расонад. Дар криминология барномасозӣ ва банақшагирии мубориза бо ҷиноятқорӣ тавассути нақшаҳо ва барномаҳои криминологӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, аз ҳама мувофиқ ва самаранок амалӣ намудани барномаҳо дар сатҳҳои гуногун аст.

Барномасозии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва пешгирии ҷиноятҳо – ин фаъолият оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои дахлдори мақсаднок ва комплексие мебошад, ки дар онҳо низоми (маҷмуи) чораҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ, пешгирии ҷиноятҳо тавассути нишон додани ҳадафҳо, вазифаҳо, воситаҳо, усулҳо, марҳилаҳо, механизми татбиқи чораҳои дахлдор, таъминоти молиявии онҳо, инчунин, нишондиҳандаҳои натиҷаҳои пешбинишуда муайян карда мешавад.

Таҳияи барнома раванди мураккаб буда, марҳилаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

1) асосноккунии ҳалли барномавии масъала;
2) ташаккули мақсадҳои барнома;
3) таҳияи вариантҳои барнома;
4) таҳияи лоиҳаи барнома;
5) таҳияи сенарияи баамалбарории барнома.

Барномаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ дорои мазмуни нисбатан мураккаб буда, фарогири асосноккунии зарурати ҳалли мушкилот тавассути баамалбарории барномаи дахлдор; мақсадҳо, вазифаҳо, муҳлатҳо ва марҳилаҳои баамалбарории он; системаи чорабиниҳои барномавӣ; тадбирҳои таъминоти молиявӣ, моддию техникӣ, кадрӣ; ҳаҷм ва сарчашмаҳои чунин дастгирӣ мебошанд.

Банақшагирии криминологӣ фаъолияти мақсаднок буда, мазмуни он аз таҳияи илман асосноки мақсад ва вазифаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ, самтҳо ва усулҳои ҳалли ин масъалаҳо барои ояндаи муайян ва таъминоти идоракунӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии он иборат мебошад. Натиҷаи банақшагирӣ ҳамчун раванд ташаккули нақшаи мубориза бо ҷиноятқорӣ мебошад.

Нақша, ин маҷмуи чорабиниҳои тавассути ҳуҷҷат (барнома) барасмият даровардашуда буда, ҳамчунин фарогири иҷрокунандагон ва муҳлатҳои амалишавии онҳо мебошад, ки барои таъмини ноил шудан ба мақсадҳои муайяншудаи аниқ ва ҳалли вазифаҳои дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ гузошташуда, равона гардидааст. С.Э. Баҳриддинов дуруст менависад, ки ин ҳуҷҷатест, ки дар он на фақат вазифаҳо гузошта мешаванд, балки мазмуни барномаи конкретии амали гардонидани онҳо ифода гардонидааст. Бо ин аломат нақш аз дигар ҳуҷҷатҳо фарқ мекунад. Барои банақшагирии криминологӣ донистани нишондодҳои омории ҷиноятқории ба динамикаи он таъсиррасонанда зарур аст. Дар вақти тайёр намудани он мутахассисон таъсири мутақобилаи ҳодисаҳои табиӣ ва ҷамъиятиро ба назар мегиранд. Аз ин ҷост, ки пешгӯӣ асоси банақшагириро ташкил медиҳад [1].

Нақшаи муосири мубориза бо ҷиноятқорӣ ҳуҷҷати идоракуние мебошад, ки чунин маълумотҳоро бояд дар бар гирад:

а) асосноккунии мушкилот, аз ҷумла: тавсифи мавҷудияти он; муайян кардани таҳдиди он ба ҷомеа; фаҳмонда додани таъхирнопазирии ҳалли масъала; ба аҳолӣ фаҳмонда додани ногузир будани хароҷоти муайян барои ҳалли он;

б) маълумот дар бораи ҷиноятқорӣ (қисми он): маълумоти криминологӣ ва манбаъҳои гирифтани он; таҳлили нишондиҳандаҳои ҷиноятқорӣ (хулоса дар бораи инкишофи номусоиди он барои ҷамъият);

в) пешбинии инкишофи он дар оянда (пешгӯӣ): дар сурати набудани таъсири криминологӣ ба он; аз рӯи натиҷаҳои амалишавии тадбирҳои пешбинишуда;

г) номгӯи чорабиниҳо. Чораҳое, ки барои ба таври назаррас коҳиш додани ҷиноятқорӣ заруранд;

д) муҳлати татбиқ, муҳлати тамоми нақша дар маҷмуъ ё чорабиниҳои алоҳида;

е) рӯйхати иҷрокунандагоне, ки барои татбиқи нақша масъуланд;

ж) механизми амалисозии нақша, аз ҷумла, таъминоти захираҳо, манбаъҳои маблағгузорӣ барои иҷрои тамоми нақша дар умум ва ё ҳар як намуди чорабинӣ дар алоҳида, оқибатҳои иҷро накардани тадбирҳо барои субъектҳое, ки барои иҷрои нақша масъул ҳастанд, тартиби таъмини ҳамкории байни иҷрокунандагон ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои онҳо, қувваҳо ва воситаҳои эҳтиётӣ барои таъсир расонидан ба тағйироти ғайричашмдошти ҷиноятқорӣ;

з) нишон додани натиҷаҳои интизории баамалбарории чорабиниҳои банақшагирифташуда.

Ҳангоми таҳия намудани барномаҳои дахлдори муборизаву муқовимат бо ҷиноятқорӣ ба назар гирифтани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳатмӣ мебошад.

Дар баробари ин, барномаҳо (нақшаҳо) дар асоси муҳлатҳо, намудҳо, таркиби субъектҳо ва дигар асосҳо тасниф карда мешаванд. Аз ҷумла:

1. Вобаста ба муҳлати татбиқ, нақшаҳо ба чунин намудҳо тақсим мешаванд:

а) кӯтоҳмуҳлат (аз 1 то 3 сол);

б) миёнамуҳлат (аз 3 то 5 сол);

в) дарозмуҳлат (на камтар аз 5 сол).

2. Вобаста ба миқёси (ҳудуди) банақшагирӣ:

а) Ҷумҳуриявӣ (масалан, Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030);

б) минтақавӣ (дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе);

в) ноҳиявӣ (маҳаллӣ) ё дар мавзеи муайян (нақшаи пешгирӣ кардани ҷиноятқорӣ дар маҳалла, шаҳр, корхонаи алоҳида);

г) фардӣ (нақшаи муайян кардани сабабҳо ва шароити ҷиноятқорӣ дар парвандаи ҷиноятии мушаххас).

3. Вобаста ба давомнокии фаъолияти банақшагирифташуда банақшагирӣ метавонад ба чунин намудҳо тақсим карда шавад:

а) перспективӣ, ки якчанд давраи ҳисоботиро дар бар мегирад (якчанд моҳ, квартал, сол);

б) ҷорӣ (банақшагирии оперативӣ вобаста ба тағирёбии вазъи криминологӣ).

4. Вобаста ба объекти таъсиррасонӣ:

а) ҷиноятқорӣ дар маҷмуъ (масалан, Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030);

б) намуди алоҳида ё гурӯҳи ҷиноятҳо ё нисбат ба гуруҳи муайяни шахсоне, ки ҷиноят содир мекунанд (масалан, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030).

5. Вобаста ба ҳайати иштирокчиён ва мавқеи онҳо:

а) ба комплексӣ-ҳудудӣ (барои ҳамаи мақомотҳо);

б) байниидоравӣ. Масалан, ВКД бо КДАМ.

в) идоравӣ (танҳо дар фаъолияти як мақомоти мушаххас, масалан, КДАМ). Ҳуҷҷатҳои банақшагирии муборизаи алайҳи ҷиноятқорӣ дар идораҳои алоҳида сохти хосси худро доранд, ки он аз қисмҳои умумӣ ва махсус иборат мебошанд. Дар қисми умумӣ чораҳои пешгирӣ- тарбиявӣ пешбинӣ карда шуда, оиди дигаргунсозии фаъолияти пешгирӣ ва самаранок гардонидани он фикру ақидаҳо пешниҳод карда мешаванд. Вобаста ба ин, чораҳо барои ташкили шакли

гуногуни сохтори дохилии мақомоти дахлдор, чораҳое, ки барои муҳайё намудани захираҳои таъминотӣ, иттилоотӣ ва методологӣ пешбинӣ карда мешаванд. Дар қисми умумӣ, инчунин таҳлили натиҷаҳои фаъолияти пешгирии ҷиноятҳои солҳои гузашта нишон дода мешаванд. Дар қисми махсуси барнома диққати асосӣ ба самтҳои алоҳидаи пешгирии ҷиноятҳорӣ вобаста ба таснифи криминологии ҷиноят дода мешавад [1].

Раванди банақшагирии криминологиро ба якчанд марҳила ҷудо мекунанд:

1. *Марҳилаи омодагӣ* - дар ин марҳила мақсад ва вазифаҳои банақшагирии криминологӣ муайян карда шуда, маълумоти аввалия оид ба ҷиноятҳорӣ, динамикаи он ва омилҳои таъсиррасонанда ҷамъоварӣ карда мешавад;

2. *Марҳилаи иттилоотию таҳлилӣ* – таҳлил ва муқоисаи маълумот оид ба ҷиноятҳорӣ, инчунин, пешгӯии рушди минбаъдаи онро дар бар мегирад. Дар ин марҳила самаранокии тадбирҳои қаблан андешидашуда таҳлил карда мешавад;

3. *Марҳилаи таҳияи нақша* - дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда тадбирҳои мушаххас оид ба пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятҳорӣ, аз ҷумла тадбирҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат таҳия карда мешаванд;

4. *Марҳилаи баамалбарорӣ (татбиқ, иҷро)* – амалӣ намудани бевоситаи чорабиниҳое, ки дар нақшаҳо пешбинӣ шудаанд, дар ҷойҳои муайян. Ҳамкории байни мақомот ва хадамотҳои гуногунро дар бар мегирад;

5. *Марҳилаи назорат* – мониторинг ва арзёбии самаранокии тадбирҳо бо мақсади ислоҳ кардани стратегия ва усулҳои мубориза бо ҷиноятҳорӣ дар оянда.

Муҳокима. Агар ҳар як марҳила аз ҷониби шахсони масъул бо муваффақият анҷом дода шавад, татбиқи амалии он аз хатогиҳо ва камбудиҳои эҳтимолӣ ҳифз карда мешавад.

Нақшаҳои пешгирӣ ё мубориза бо ҷиноятҳорӣ бахшҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) чорабиниҳои ташкилӣ;
б) мубориза бар зидди нашъамандӣ ва майзадагӣ;
в) пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон;
г) пешгирии ҷиноятҳории ретсидивӣ;
д) пешгирии ҷиноятҳорӣ дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ;
е) проблемаҳои тарғиби ҳуқуқӣ ва дигар намуди он.

Низоми нақшаи пешгирии ҷиноятҳорӣ вобаста ба мақсад ва вазифаҳо, ҳаҷм ва усулҳои таҳқиқи сабабу шароит ва чораҳои пешгирӣ кардани ҷиноятҳорӣ метавонад гуногун бошад. Нақшаҳои идоравӣ ва байниидоравии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сохти муайян доранд, яъне аз қисмҳои умумӣ, махсус ва хулосавӣ иборатанд. Дар қисми умумии нақша таҳлили мухтасари ҳолати ҷиноятҳорӣ, мақсаду вазифаҳо ва тадбирҳои пешгирикунанда бе тахассуси вобаста ба намудҳои ҷиноят, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, коркард ва пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти гуногуни ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, аз ҷумла вобаста ба ташкил намудани воҳидҳои алоҳидаи пешгирикунӣ, тадбирҳои таъминоти иттилоотию методии пешгирикунӣ, ҷалб намудани

коллективҳо илмӣ. Дар қисми махсус самтҳои афзалиятноки асосии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва мутаносибан тадбирҳои таъмини онҳо нишон дода шудаанд. Дар қисми хотимавии нақша асосан сарчашмаҳои захираҳо (хароҷот), тартиб ва муҳлати амалисозии натиҷаҳои иҷрои тадбирҳои пешбинишуда нишон дода шудаанд.

Истифодаи чунин низоми банақшагирӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки камбудиҳои мавҷударо дар фаъолияти худ, аз ҷумла, дар мубодилаи иттилоот ва истифодаи усулҳои пешгӯӣ бартараф созанд ва ин имкон медиҳад, ки аз натиҷаҳои манфии ҳамоҳангнашудаи амалҳо бо дигар субъектҳои мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ бартараф гардад.

Хулоса, банақшагирии криминологӣ дар таҳияи чораҳои самараноки пешгирии ҷиноятқорӣ ва мубориза бо ҷиноятҳо нақши муҳим мебозад. Он муносибати илмиро барои пешгӯӣ, таҳлил ва ҳалли мушкилоти марбут ба ҷиноятқорӣ дар асоси истифодаи мунтазами маълумот ва усулҳо таъмин мекунад. Сохтори аниқи банақшагирӣ, ки марҳилаҳои таҳлил, муқаррар намудани мақсадҳо, таҳияи тадбирҳо ва мониторингро дар бар мегирад, имкон медиҳад, ки ба татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои пешгирӣ муносибати маҷмӯӣ дошта бошад. Банақшагирии самараноки криминологӣ барои коҳиш додани сатҳи ҷиноятқорӣ, таҳкими ҳамкории мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ ва оптимизатсияи захираҳо, ки ба ҳифзи ҷомеа аз зуҳуроти ҷиноятӣ нигаронида шудааст, мусоидат мекунад.

Адабиёт

1. Баҳриддинов С.Э. Криминология. Воситаи таълимӣ. - Душанбе, 2002. - 134 с.
2. Жариков Ю.С., Ревин В.П., Ревина В.В. Взаимодействие правоохранительных органов в борьбе с преступностью в России: монография. - М.: Изд-во СГУ, 2010. - С. 93.
3. Қудратов Н.А. Криминология. Душанбе: Эр-Граф, 2025. 485 с.
4. Побегайло Э.Ф. Деятельность органов внутренних дел по борьбе с тяжкими насильственными преступлениями (криминологический и уголовно-правовой аспекты): учеб. пособие. - М.: Изд-во Академии МВД СССР, 1985. - С. 38.
5. Уголовная политика: основные направления на современном этапе / Н. Ю. Лебедев, П. В. Яковинов, Е. Н. Петухов [и др.]. – Новосибирск : Сибирский университет потребительской кооперации, 2023. – 169 с.
6. Kudratov, N. Features of subjective attributes of state treason: Criminal law and psychological analysis / N. Kudratov // Journal of Advanced Research in Dynamical and Control Systems. – 2020. – Vol. 12, No. 2. – P. 2863-2869.
7. Kudratov, N. A. Economic aspects of countering extremism / N.A. Kudratov, N.I. Shokhzoda // Актуальные проблемы современного государства, общества и права. – 2025. – No. 1(5). – С. 54-66.

Баъзе масъалаҳои барномасозӣ ва банақшагирии криминологӣ

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии барномасозӣ ва банақшагирии криминологӣ бахшида шудааст. Муаллифон самтҳои асосии таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои муқовимат ба ҷиноятқориро баррасӣ намуда, зарурати муносибати илмӣ ва низомнокро дар идоракунии фаъолияти пешгирикунандаи ҷиноятқорӣ асоснок менамоянд. Дар мақола равандҳои муайянсозии омилҳои криминогенӣ, таҳияи тадбирҳои комплексӣ, истифодаи усулҳои пешгӯӣ ва татбиқи стратегияҳои давлатӣ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ таҳлил шудаанд. Муаллифон барномасозии криминологиро ҳамчун унсури муҳими сиёсати ҷиноятӣ ва воситаи самарабахши ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ намуда, нақши банақшагирии илмиро дар баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятқорӣ таъкид мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки банақшагирии илмӣ ва истифодаи усулҳои муосири криминологӣ метавонад ба коҳиш додани сатҳи ҷиноятқорӣ, таҳкими ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин ба татбиқи самараноки барномаҳои давлатӣ дар соҳаи амнияти ҷамъиятӣ мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: криминология, барномасозӣ, банақшагирии криминологӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ, стратегия, барномаи давлатӣ, пешгӯии ҷиноятқорӣ, сиёсати ҷиноятӣ, омилҳои криминогенӣ, самаранокии мубориза бо ҷиноятқорӣ.

Некоторые вопросы криминологического программирования и планирования

Статья посвящена анализу теоретических и практических аспектов криминологического программирования и планирования. Авторы рассматривают основные направления разработки программ и планов борьбы с преступностью и обосновывают необходимость научного и системного подхода к управлению деятельностью по предупреждению преступности. В статье анализируются процессы выявления криминогенных факторов, разработки комплексных мер, использования методов прогнозирования и реализации государственных стратегий профилактики преступности. Авторы оценивают криминологическое программирование как важный элемент уголовной политики и действенное средство координации деятельности правоохранительных органов, подчеркивая роль научного планирования в повышении эффективности борьбы с преступностью. Результаты исследования показывают, что научное планирование и использование современных криминологических методов могут способствовать снижению уровня преступности, укреплению взаимодействия органов государственной власти и управления, а также эффективной реализации государственных программ в сфере обеспечения общественной безопасности.

Ключевые слова: криминология, программирование, криминологическое планирование, профилактика преступлений, стратегия, государственная программа, прогнозирование преступлений, уголовная политика, криминогенные факторы, эффективность борьбы с преступностью.

Some issues of criminological programming and planning

This article analyzes the theoretical and practical aspects of criminological programming and planning. The authors examine the main areas of developing crime control programs and plans and substantiate the need for a scientific and systemic approach to managing crime prevention activities. The article analyzes the processes of identifying criminogenic factors, developing comprehensive measures, using forecasting methods, and implementing state crime prevention strategies. The authors assess criminological programming as an important element of criminal policy and an effective means of coordinating law enforcement activities, emphasizing the role of scientific planning in improving the effectiveness of crime control. The results of the study demonstrate that scientific planning and the use of modern criminological methods can contribute to reducing crime rates, strengthening cooperation between government agencies and administrative bodies, and effectively implementing state programs in the area of public safety.

Key words: criminology, programming, criminological planning, crime prevention, strategy, state program, crime forecasting, criminal policy, criminogenic factors, effectiveness of the fight against crime.

Қудратов Некруз Абдунабиевич, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсия.

Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва адолати судии

Кудратов Некруз Абдунабиевич, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана доктор юридических наук, профессор, начальник управления науки и инноваций

Миралиев Салохиддин Абдусаломович, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доцент кафедры уголовного права и правосудия.

Kudratov Nekruz Abdunabievich, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan,Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Science and Innovations

Miraliev Salohiddin Abdusalomovich, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Associate Professor, Department of Criminal Law and Justice. E-mail: kudratov.nek@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ҶАНБАҲОИ ГЕНДЕРИИ САВДОИ ОДАМОН ВА ВОРИДКУНИИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МУҲОҶИРОН

Саидзода Ҷ.З.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Муқаддима. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, густариши муносибатҳои фаромиллӣ, ҳаракати босуръати сармоя ва қувваи корӣ, инчунин афзоиши нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ масъалаи савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон ба яке аз мушкилоти марказии ҳуқуқи байналмилалӣ, криминология, сиёсати иҷтимоӣ ва амнияти инсонӣ табдил ёфтааст. Зуҳуроти мазкур на танҳо ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсонро маҳдуд менамояд, балки шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии ҷисмонӣ, озодии меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби озод ва амнияти шахсиро низ зери хатар мегузорад. Дар адабиёти миллӣ савдои одамон ҳамчун яке аз шаклҳои муосири ғуломдорӣ тавсиф гардида, рушди он бештар ба осебпазирии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ вобаста дониста мешавад [1, с. 18].

Хусусияти хатарноки савдои одамон дар он ифода меёбад, ки шахс аз субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба объекти манфиати иқтисодии шабакаҳои ҷиноятӣ табдил дода мешавад. Дар чунин ҳолат инсон на ҳамчун соҳиби ҳуқуқ, балки ҳамчун воситаи фоида, меҳнати арзон, хизматрасонии маҷбурӣ ё истисмори ҷинсӣ баҳогузорӣ мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар, савдои одамон аз бисёр ҷиноятҳои дигари фаромиллӣ фарқ мекунад. Зарари он ҳамзамон хусусияти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва ахлоқӣ дорад. Л. Шелли савдои одамонро яке аз самтҳои сердаромади ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ шуморида, онро баъд аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ дар қатори манбаъҳои асосии фоидаи ҷиноятқорон ҷой медиҳад [2, p. 42].

Муҳоҷирати меҳнатӣ барои бисёр кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизми муҳимми таъмини даромади хонаводаҳо, коҳиши фишори бозори меҳнат ва нигоҳ доштани робитаҳои иқтисодии трансмиллӣ мебошад. Бо вуҷуди аҳаммияти иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳолати набудани иттилооти ҳуқуқӣ, шартномаи меҳнатӣ, ҳуҷҷатҳои дуруст, кафолатҳои консулӣ ва механизмҳои дастгирии иҷтимоӣ метавонад ба муҳити хавфи баланд мубаддал гардад. Муҳоҷири ғайриқонунӣ аксаран аз ҳимояи давлатӣ маҳрум монда, бинобар тарси депортатсия, қарздорӣ, вобастагӣ аз миёнаравон ва надонистани забон ба объекти осони истисмор табдил меёбад [12, с. 22].

Таҳлили гендерӣ дар омӯзиши чунин падида аҳаммияти мустақил дорад, зеро занон, мардон ва кӯдакон ба шаклҳои гуногуни истисмор бо роҳҳои гуногун ҷалб мешаванд. Занон бештар ба истисмори ҷинсӣ, меҳнати хонагии маҷбурӣ ва никоҳи маҷбурӣ дучор мегарданд, мардон бештар дар сохтмон, кишоварзӣ, нақлиёт, истихроҷи маъдан ва корҳои вазнини ҷисмонӣ истифода мешаванд, кӯдакон бошад, ба меҳнати маҷбурӣ, гадоӣ, истисмори ҷинсӣ, ҷалб намудан ба фаъолияти ҷиноятӣ ва дигар шаклҳои вобастагӣ ҷалб мегарданд [28, p. 60-66]. Аз ҳамин сабаб, муносибати бетарафи ҷинсӣ дар сиёсати зидди савдои одамон

нокифоя мебошад, зеро хавфҳо, механизмҳои ҷалб ва эҳтиёҷоти реабилитатсионии гурӯҳҳои гуногун якхела нестанд.

Мақсади мақола таҳлили ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷанбаҳои гендерии савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон, муайян намудани робитаи байни ин ду зуҳурот ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба мақсад вазифаҳои зерин гузошта шуданд: таҳлили мафҳуми ҳуқуқии савдои одамон дар санадҳои байналмилалӣ, фарқи байни савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон, омӯзиши омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии осебпазирӣ, муайян намудани хусусиятҳои гендерии истисмор, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт.

Методологияи таҳқиқ ба усулҳои таҳлили системавии ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили меъёрҳои байналмилалӣ, шарҳи адабиёти илмӣ, инчунин таҳлили иҷтимоӣ ва гендерии омилҳои осебпазирӣ асос ёфтааст. Манбаи асосии таҳлил санадҳои Созмони Милали Муттаҳид, Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки илова ба Конвенсияи зидди ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 қабул шудааст (минбаъд Протоколи Палермо), гузоришҳои Созмони байналмилалии меҳнат, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятkорӣ, Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд [3, мод. 3; 6, p. 37; 15, p. 28-31].

Дараҷаи коркарди илмӣ. Мафҳуми ҳуқуқии савдои одамон дар ҳуқуқи байналмилалӣ пеш аз ҳама дар Протокол оид ба пешгирӣ, рафъ ва ҷазо барои савдои одамон, хусусан занон ва кӯдакон, ки илова ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ мебошад, муқаррар гардидааст. Моддаи 3-и Протокол савдои одамонро ҳамчун ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо истифода аз таҳдид, зӯроварӣ, маҷбурсозӣ, фиреб, қаллобӣ, сӯиистифода аз қудрат ё ҳолати осебпазирӣ бо мақсади истисмор муайян менамояд [3, мод. 3].

Аз таҳлили ин таъриф бармеояд, ки таркиби ҳуқуқии савдои одамон аз се унсури ҳатмӣ иборат мебошад: амал, восита ва мақсад. Амал ҷалбкунӣ, интиқол, пинҳонкунӣ, супоридан ё қабул кардани шахсро дар бар мегирад. Восита таҳдид, истифодаи зӯрӣ, фиреб, сӯиистифода аз қудрат ё ҳолати осебпазириро фаро мегирад. Мақсад бошад, истисмор аст, ки метавонад дар шакли истисмори ҷинсӣ, меҳнати маҷбурӣ, ғуломӣ, хизматрасонии иҷборӣ, никоҳи маҷбурӣ, истифода дар фаъолияти ҷиноятӣ ё гирифтани узвҳои бадан зоҳир гардад [4, p. 71, 84].

Аҳаммияти асосии Протоколи Палермо дар он зоҳир мегардад, ки он савдои одамонро танҳо ҳамчун ҳаракати ғайриқонунии шахс аз як сарҳад ба сарҳади дигар намешиносад. Маркази таърифро маҳз истисмор ташкил медиҳад. Аз ҳамин сабаб, савдои одамон метавонад ҳам хусусияти трансмиллӣ дошта бошад ва ҳам дар дохили як кишвар ба амал ояд. Агар шахс дар дохили як давлат бо роҳи фиреб ё маҷбуркунӣ ба меҳнати иҷборӣ, истисмори ҷинсӣ ё

хизматрасонии маҷбурӣ ҷалб гардад, чунин ҳолат низ ба мафҳуми савдои одамон мувофиқат карда метавонад [4, p. 130-135].

Дар мавриди кӯдакон Протоколи Палермо механизми махсуси ҳимояро пешбинӣ менамояд. Агар шахс кӯдак бошад, барои эътирофи кирдор ҳамчун савдои одамон мавҷудияти воситаҳои маҷбурсозӣ, фиреб ё таҳдид ҳатмӣ нест, худи амал бо мақсади истисмор кофӣ мебошад [3, мод. 3]. Меъёри мазкур аз он бармеояд, ки кӯдак аз рӯйи синну сол, рушди равонӣ ва вобастагии иҷтимоӣ қобилияти комили ҳимояи манфиатҳои худро надорад. Ҳамин муқаррарот ҷанбаҳои гендерӣ ва синнусолии савдои одамонро дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ таҳким медиҳад.

Аз таҳлили ин меъёр чунин хулоса кардан мумкин аст, ки мақсади асосии қонунгузории байналмилалӣ пеш аз ҳама ҳифзи озодии инсон ва пешгирии истифодаи ғайриқонунии шахс ҳамчун воситаи ба даст овардани фоида мебошад. Яъне дар маркази ҳимоя на танҳо ҳаракати ғайриқонунии инсон, балки маҳз истисмори ӯ қарор дорад.

Паҳншавии шаклҳои гуногуни истисмор нишон медиҳад, ки савдои одамон дигар танҳо бо истисмори шаҳвонӣ маҳдуд намешавад. Имрӯз ҷиноятқорон инсонро дар тамоми соҳаҳое истифода мебаранд, ки аз он манфиати иқтисодӣ гирифтан мумкин аст. Аз ин рӯ, механизмҳои муқовимат низ бояд фарогир ва мутобиқ ба шаклҳои нави истисмор бошанд.

Воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон аз лиҳози ҳуқуқӣ мафҳуми алоҳида мебошад. Протокол зидди воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, баҳр ва ҳаво чунин кирдорро ҳамчун мусоидат ба убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ ба хотири гирифтани манфиати молиявӣ ё дигар фоидаи моддӣ муайян мекунад [7, мод. 3]. Ҳамин тавр, фарқи асосӣ дар он аст, ки ҳангоми воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон мақсад убури ғайриқонунии сарҳад мебошад, вале ҳангоми савдои одамон мақсад истисмор аст [8, с. 94].

Бо вуҷуди фарқияти ҳуқуқӣ, дар амал ин ду зуҳурот аксаран ба ҳам мепайванданд. Шахс метавонад аввал бо розигии худ ва бо мақсади дарёфти кор тавассути миёнаравон ба кишвари дигар ворид шавад, аммо баъд аз убури сарҳад ҳуҷҷатҳояш мусодира гардида, қарздор карда шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё истисмори ҷинсӣ ҷалб гардад. Н.Р. Маҳмадуллозода дуруст қайд менамояд, ки муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар бисёр ҳолатҳо марҳилаи ибтидоии савдои одамон мегардад, зеро ҳолати ғайриқонунӣ худи муҳоҷирро ба вобастагии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мекашонад [9, с. 33, 35].

Фарқи байни савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон аҳаммияти на танҳо назариявӣ, балки амалӣ низ дорад. Агар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо аломати убури ғайриқонунии сарҳадро бинанду мақсади истисморро муайян насозанд, қурбонӣ метавонад ҳамчун вайронкунандаи қоидаҳои муҳоҷират эътироф гардад, на ҳамчун шахсе, ки ба ҳимоя ва реабилитатсия ниёз дорад. Аз ҳамин сабаб, дар амалияи тафтишотӣ зарур аст, ки аломатҳои истисмор, қарздоркунӣ, маҳдудияти ҳаракат, мусодираи ҳуҷҷатҳо, зӯроварӣ, таҳдид ва вобастагии иқтисодӣ бодиққат таҳлил карда шаванд [22, p. 40-45].

Аз нуқтаи назари мо, маҳз вобастагии муҳоҷири ғайриқонунӣ аз интиқолдиҳандагон ва надоштани мақоми ҳуқуқӣ сабаби асосии осебпазирии ӯ

мебошад. Чунин шахсон аз тарси маҷбуран берун кардан аз ҳудуди давлати дигар ё ҷавобгарӣ ба мақомоти давлатӣ мурочиат намекунанд ва ҳамин ҳолат имконияти истисмори онҳоро бештар менамояд.

Ҳамин тариқ, савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон ҳамчун падидаҳои ба ҳам алоқаманди фаромиллӣ дорои хусусияти мураккаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Омӯзиши амиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии онҳо барои таҳияи механизмҳои самараноки муқовимат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти муҳим дорад.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Савдои одамон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ танҳо бо мавҷудияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ шарҳ дода намешавад. Он дар муҳите густариш меёбад, ки дар он камбизоатӣ, бекорӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, ноустувории бозори меҳнат, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва заъфи механизмҳои ҳимояи давлатӣ якҷоя амал мекунанд. Таҳқиқоти Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳои марбут ба савдои одамон бо нобаробарии сохторӣ, набудани имкониятҳои қонунии шуғл ва осебпазирии гурӯҳҳои камдаромад робитаи мустақим доранд [15].

Омили иқтисодӣ дар кишварҳои муҳоҷирфирист мавқеи марказӣ дорад. Вақте ки бозори дохилии меҳнат имконияти кофии шуғли устуворро таъмин намекунад, муҳоҷират ҳамчун дастгирии иқтисодии хонаводаҳо истифода мешавад. Аммо вобастагии хонаводаҳо аз даромади муҳоҷирон, дар баробари маҳдудияти иттилооти ҳуқуқӣ, метавонад ба пайдоиши осебпазирии сохторӣ оварда расонад. Созмони байналмилалии муҳоҷират Тоҷикистонро дар қатори кишварҳое таҳлил менамояд, ки муҳоҷират барои иқтисоди хонаводаҳо аҳаммияти калон дорад [11, p. 221].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми назарраси аҳолии қобили меҳнат барои дарёфти кор ба хориҷи кишвар сафар менамояд. Қисме аз муҳоҷирон пеш аз сафар дар бораи тартиби ҳуқуқии шартномаи меҳнатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, бақайдгирӣ, иҷозатномаи кор ва роҳҳои мурочиат ба мақомоти консулӣ маълумоти кофӣ надоранд. Чунин ҳолат имконияти фиреби онҳо аз ҷониби миёнаравони ғайрирасмӣ, корфармоёни беинсоф ва шабакаҳои ҷиноятиро зиёд менамояд [12].

Омили иҷтимоӣ бо вазъи оила, сатҳи таҳсилот, маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот, мақоми зан дар ҷомеа, эҳтиёҷ ба нигоҳубини кӯдакон ва вобастагии иқтисодӣ алоқаманд аст. Заноне, ки мустақилияти иқтисодӣ надоранд ё аз муносибатҳои хушунатомез, бекорӣ ё мушкилоти оилавӣ ранҷ мебаранд, метавонанд ба ваъдаҳои кори берун аз кишвар, никоҳи муваффақ ё даромад зуд бовар кунанд. Сохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон таъкид менамояд, ки нобаробарии гендерӣ худ механизми сохтории осебпазирӣ мебошад [35, p. 15-20].

Омили институтсионалӣ ба сифати татбиқи қонунҳо, ҳамоҳангии байни мақомоти давлатӣ, мавҷудияти базаи ягонаи маълумот, дастрасии қурбониён ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, инчунин сатҳи омодагии мутахассисон вобаста мебошад. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ давлатҳоро уҳдадор мекунад, ки пешгирӣ, тафтиш,

ҳамкории байналмилалӣ ва мусодираи даромадҳои ғиноятиро таъмин намоянд [19, мод. 5-7]. Аммо мавҷудияти қонун худ ба худ кафолати самаранокӣ нест, зарурати механизми иҷро, буҷет, омӯзиш ва назорат ҳамеша боқӣ мемонад.

Коррупсия ва назорати нокифояи сарҳадӣ низ ба густариши ин падида мусоидат менамоянд. Гурӯҳҳои ғиноятӣ аксаран аз камбудиҳои маъмурӣ, фосилаҳои ҳуқуқӣ ва набудани табодули фаврии иттилоот истифода мебаранд. Созмони байналмилалии муҳоҷират масъалаи воридкунии ғайриқонунии муҳоҷиронро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун зуҳуроти шабакавӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки он бе иштирок ё бе чашмпӯшии баъзе миёнаравони маҳаллӣ ва байналмилалӣ устувор шуда наметавонад [21, p. 60-66].

Омили фарҳангӣ низ дар ин раванд аҳаммияти камтар надорад. Дар ҷомеаҳое, ки меҳнати зан, интихоби шахсӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ маҳдуд арзёбӣ мешавад, қурбониён на ҳамеша ҷуръати ошкор намудани ҳолати истисморро доранд. Дар баъзе ҳолатҳо шарм, тарси маҳкумшавии иҷтимоӣ ё тарси аз даст додани обрӯи оила боиси пинҳон мондани ғиноят мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар, мубориза бо савдои одамон бояд на танҳо амалиёти ҳифзи ҳуқуқ, балки сиёсати васеи иттилоотӣ, таълимӣ ва иҷтимоиро дар бар гирад [38, p. 18-22].

Муҳокима. Ҷанбаҳои гендерии савдои одамон дар он зоҳир мешаванд, ки хавфи ҷалбшавӣ ба истисмор, шакли истисмор, давомнокии вобастагӣ, сатҳи дастрасӣ ба ҳимоя ва эҳтиёҷоти реабилитатсионӣ барои занон, мардон ва кӯдакон гуногун мебошад. Таҳқиқоти Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ғиноятқорӣ нишон медиҳанд, ки занон ва духтарон қисми муҳимми қурбониёни савдои одамонро ташкил дода, махсусан дар бахши истисмори ҷинсӣ бештар истифода мегарданд [15, 52]. Ҳамзамон мардон аксаран дар меҳнати маҷбурӣ ва шароити меҳнати вазнин истифода мегарданд [6].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи муҳоҷирати меҳнатӣ шабакаҳои ғиноятӣ бештар аз нобаробарии иҷтимоӣ, камбизоатӣ, табъизи гендерӣ ва сатҳи пасти ҳифзи иҷтимоӣ истифода мебаранд. Аз ин нуқтаи назар, таҳлили гендерии савдои одамон имконият медиҳад, ки омилҳои асосии осебпазирии инсон ва механизмҳои муосири истисмор амиқтар дарк карда шаванд.

Осебпазирии занон бештар ба нобаробарии иқтисодӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба бозори меҳнат, вобастагии молиявӣ, таҳсилоти нокифоя, хушунати хонаводагӣ ва стереотипҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад. Гурӯҳҳои ғиноятӣ чунин омилҳоро истифода намуда, бо ваъдаи ҷойи кор, муҳоҷирати қонунӣ, хизматрасонии маишӣ, кори хонагӣ, никоҳ ё таҳсил занонро ба вазъи вобастагӣ мекашонанд. Сипас, бо мусодираи ҳуҷҷатҳо, таҳдид, қарздоркунӣ ва назорати равонӣ онҳоро аз имконияти озодона тарк намудани муҳит маҳрум месозанд [30, p. 110-115].

Истисмори ҷинсӣ яке аз шаклҳои махсусан вазнини савдои одамон мебошад. Он на танҳо озодии шахсӣ, балки дахлнопазирии ҷисмонӣ, саломатии равонӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва имконияти минбаъдаи барқароршавии қурбониро вайрон менамояд. С. Кара нишон медиҳад, ки истисмори ҷинсӣ аз рӯйи фоидаоварӣ ва сатҳи назорат яке аз бахшҳои сердаромади савдои одамон мебошад [30, p. 110-115]. Л. Шелли низ таъкид мекунад, ки шабакаҳои ғиноятӣ

барои истисмори ҷинсӣ бештар аз омезиши фиреб, қарздоркунӣ, таҳдиди зӯроварӣ ва назорати равонӣ истифода мекунанд [2, p. 55-60].

Ба андешаи мо, истисмори ҷинсӣ танҳо таҷовуз ба дахлнопазирии ҷисмонӣ нест. Он ҳамчунин вайронсозии шаъну эътибор, ҳувияти иҷтимоӣ ва амнияти равонии инсон мебошад. Таъсири чунин истисмор метавонад солҳои зиёд боқӣ монда, ба раванди бозгашти иҷтимоии қурбонӣ монеа эҷод намояд.

Кӯдакон дар низоми савдои одамон мақоми махсусан осебпазир доранд. Сабаб танҳо синну сол нест, вобастагии комил аз калонсолон, набудани таҷрибаи ҳуқуқӣ, маҳдудияти фаҳмиши хавф, эҳтиёҷ ба нигоҳубин ва қобилияти пасти муқовимат ба фишори равонӣ онҳоро ба объекти осони истифода табдил медиҳад. А. Аронович таъкид мекунад, ки кӯдак ба сабаби ниёз ба ҳимоя ва нигоҳубин метавонад ба осонӣ ба муҳити назоратшавандаи истисмор кашида шавад [28, p. 60-66]. Аз ҳамин сабаб, меъёрҳои байналмилалӣ барои кӯдакон стандарти баландтари ҳимояро пешбинӣ мекунанд.

Осебпазирии занон ва кӯдакон танҳо масъалаи иқтисодӣ нест. Бисёр вақт муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии маҳдудкунанда, ки озодии интихоби шахсро танг мекунад, худ ба механизми ташаккули вобастагӣ табдил меёбад. Яъне, ҳар қадар сатҳи мустақилияти иҷтимоӣ паст бошад, ҳамон қадар хавфи ҷалбшавӣ ба шабакаҳои истисмор бештар мегардад.

Мардон низ ҳамчун қурбонии савдои одамон бояд дар маркази таҳлил қарор гиранд. Дар амал бисёр ҳолатҳои истисмори мардон ошкор намешаванд, зеро стереотипи «осебнопазирии мард» онҳоро аз муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ё созмонҳои иҷтимоӣ бозмедорад. Мардон аксаран дар сохтмон, кишоварзӣ, корҳои саноатӣ, нақлиёт ва истихроҷи маъдан ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб мешаванд. Қарздоркунӣ, мусодираи ҳуҷҷатҳо, нигоҳдорӣ дар ҷойҳои пӯшида, таҳдиди хабар додан ба мақомоти муҳоҷират ва маҳрум кардан аз музди меҳнат механизмҳои асосии назорат мебошанд [24, с. 110-115; 25, с. 201-205].

Яке аз сабабҳои кам инъикос гардидани мушкилоти мардон дар он аст, ки дар ҷомеа ақидаи «осебнопазирии мард» вуҷуд дорад. Ин тасаввурот боиси он мегардад, ки бисёр ҳолатҳои истисмори мардон пинҳон монанд ва худи қурбониён аз муроҷиат ба мақомоти давлатӣ худдорӣ намоянд.

Меҳнати маҷбурӣ ҳамчун шакли гендерӣ бетараф ба назар расида метавонад, аммо дар амал тақсимоти ҷинсии меҳнат шакли истисморро муайян мекунад. Занон бештар дар меҳнати хонагӣ, нигоҳубини пиронсолон, хизматрасонӣ, соҳаи хӯрокворӣ ва бахши шаҳвонӣ истифода мешаванд, мардон бештар дар сохтмон, боркашонӣ, кишоварзӣ ва корҳои вазнини ҷисмонӣ ба меҳнати маҷбурӣ кашида мешаванд. Созмони байналмилалии меҳнат дар баҳодиҳии ҷаҳонии ғуломдории муосир меҳнати маҷбурӣ ва никоҳи маҷбуриро ҳамчун ду самти асосии истисмор ҷудо менамояд [6, p. 20-25, 37].

Стереотипҳои гендерӣ ба фаъолияти ҷиноятқорон шароити мусоид фароҳам меоранд. Вақте ки ҷомеа занро ҳамчун шахси аз ҷиҳати иқтисодӣ вобаста, мардро ҳамчун шахси ҳамеша тобовар ва кӯдакро ҳамчун субъекти пурра ҳимоянашуда тасаввур мекунад, шабакаҳои ҷиноятӣ аз чунин тасаввурот истифода мебаранд. К. Бейлс чунин равандро бо арзишавии иҷтимоии инсон мепайвандад: дар иқтисодиёти пинҳонии истисмор шахс арзиши ҳуқуқӣ ва

ахлоқии худро аз даст дода, ба «манбаи истеъмолшаванда» табдил меёбад [23, p. 90-95; 27, p. 90-95].

Аз ин рӯ, сиёсати зидди савдои одамон бояд дар ҳар марҳила ба ҷанбаҳои гендерӣ такя намояд: ҳангоми пешгирӣ, ошкорсозӣ, тафтиш, ҳимояи қурбонӣ, додани паноҳгоҳ, хизматрасонии тиббӣ, реабилитатсияи равонӣ, баргардонидани иҷтимоӣ ва дастгирии иқтисодӣ. OSCE зарурати чунин равишро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати зидди савдои одамон таъкид менамояд [38].

То замоне ки инсон аз рӯйи ҷинс ҳамчун «объекти муайяни иҷтимоӣ» арзёбӣ мешавад, хавфи табдил ёфтани ӯ ба объекти истисмор боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани фарҳанги гендерӣ ва таҳкими баробарии иҷтимоӣ яке аз самтҳои калидии пешгирии савдои одамон мебошад.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои гендерии савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ на танҳо масъалаи ҳуқуқӣ, балки масъалаи мураккаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ мебошанд. Мубориза бо ин падида танҳо дар сурати ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа самарабахш хоҳад буд.

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат ба савдои одамон дар сатҳи конститутсионӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунҳои махсус танзим мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба озодӣ, дахлнопазирии шахсият, ҳимояи шаъну шараф ва манъи маҳрумкунии ғайриқонунии озодиро кафолат медиҳад [40]. Ин меъёрҳо асоси умумии конститутсионии ҳимоя аз ҳар гуна шакли истисмор ба шумор мераванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014, №1096, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муқовимат ба савдои одамонро муайян менамояд. Дар қонун мафҳуми савдои одамон, мақоми қурбонӣ, принсипҳои расонидани кумак, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, ҳамоҳангзозии байниидоравӣ ва шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд [13, мод. 393].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои савдои одамон, ҷалби одамон барои истисмор, ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вайрон кардани низоми сарҳади давлатӣ ҷавобгарӣ муқаррар мекунад [14]. Муҳим будани чунин меъёрҳо дар он аст, ки онҳо фаъолияти шабакаҳои ҷиноятӣ ва шахсони миёнаравро аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳогузорӣ намуда, имконияти таъқиби ҷиноятиро фароҳам меоранд.

Бо вуҷуди мавҷудияти заминаи ҳуқуқӣ, самаранокии амалии сиёсати зидди савдои одамон аз як қатор омилҳо вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, зарурати низоми ягонаи миллии мониторинг бо нишондиҳандаҳои гендерӣ вуҷуд дорад. Бе чунин маълумот муайян намудани ҳаҷми воқеии мушкилӣ, гурӯҳҳои хавф, шаклҳои истисмор, самти ҳаракати қурбониён ва самаранокии чораҳои давлатӣ душвор мегардад. Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ дар гузоришҳои худ аҳамияти ҷамъоварии маълумоти муназзам ва муқоисашавандаро махсус таъкид мекунад [15, p. 120].

Мушкили дигар ҳамоҳангсозии нокифояи байни мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ мебошад. Савдои одамон падидаи байнисоҳавӣ аст. Он ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, муҳоҷират, меҳнат, тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсати ҷавонон ва баробарии гендерӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, танҳо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирии он кофӣ нест, зарурати ҳамоҳангии вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, меҳнат, тандурустӣ, маориф, хадамоти муҳоҷират, мақомоти маҳаллӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дорад [20, p. 45].

Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба қурбониён низ бояд таҳким дода шаванд. Қурбонии савдои одамон аксаран ба ёрии фаврии ҳуқуқӣ, паноҳгоҳи бехатар, кумаки тиббӣ, дастгирии равонӣ, барқарорсозии ҳуҷҷатҳо, машварати касбӣ ва дастгирии иқтисодӣ ниёз дорад. Агар чунин хизматрасонӣ дастрас набошад, қурбонӣ метавонад дубора ба муҳити осебпазир баргардад. Шурои иттиҳоди Аврупо дар Конвенсияи худ ҳимоя, дастгирӣ ва давраи барқароршавии қурбониёнро унсури асосии сиёсати зидди савдои одамон меҳисобад [20].

Дар Тоҷикистон масъалаи огоҳии ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан дар байни муҳоҷирони эҳтимолӣ, занони ҷавон ва ҷавонони бекор, аҳаммияти зиёд дорад. Барномаҳои иттилоотӣ бояд на танҳо хусусияти умумӣ дошта бошанд, балки ба гурӯҳҳои мушаххаси хавф равона гарданд: муҳоҷирони пеш аз сафар, оилаҳои муҳоҷирон, хатмкунандагони мактабҳо, занони синни репродуктивӣ, ҷавонони деҳот ва шахсони дорои сатҳи пасти даромад. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид таҳкими институтҳои иҷтимоӣ ва тавсеаи имкониятҳои инсонро шарти коҳиши осебпазирӣ медонад [48, 239 p.].

Дар қонунгузории миллӣ ворид намудани категорияи «осебпазирии гендерӣ» метавонад аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошад. Чунин мафҳум имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ на танҳо ҷиноят, балки шароити иҷтимоие, ки занон, мардон ва кӯдаконро ба истисмор наздик мекунад, ба назар гирифта шавад.

ПЕШНИҲОДҲОИ ИЛМӢ-АМАЛӢ

Бо дарназардошти таҳлили ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, самаранокии муқовимат ба савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз татбиқи маҷмуи чораҳои ҳамоҳангшуда вобаста мебошад. Пешниҳоди якум ворид намудани мафҳуми «осебпазирии гендерӣ» ба қонунгузории миллӣ мебошад. Мафҳуми мазкур бояд дар баробари осебпазирии синнусолӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода гардад ва барои муайян намудани гурӯҳҳои хавф, тарҳрезии барномаҳои пешгирӣ ва интихоби хизматрасонии реабилитатсионӣ асос шавад.

Пешниҳоди дуюм ташкили системаи ягонаи миллии мониторинг мебошад, ки дар он маълумот аз рӯйи ҷинс, синну сол, шакли истисмор, минтақа, самти муҳоҷират, вазъи ҳуқуқии қурбонӣ, намуди хизматрасонии гирифташуда ва натиҷаи реабилитатсия ҷамъоварӣ гардад. Бе чунин система таҳияи сиёсати асоснок душвор мемонад. Ин низом бояд бо риояи махфият, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва манъи тамғагузории иҷтимоии қурбонӣ амалӣ карда шавад.

Пешниҳоди сеюм таҳкими ҳамкории байниидоравӣ дар сатҳи амалӣ мебошад. Зарур аст, ки алгоритми ягонаи ошкорсозии қурбонӣ, интиқоли ӯ ба

хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҳифзи фаврӣ, пурсиши эҳтиромнок, муоинаи тиббӣ, кӯмаки равонӣ ва таъмини амният таҳия гардад. Дар чунин алгоритм нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои тиббӣ, хадамоти иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ бояд равшан муайян карда шавад.

Пешниҳоди чорум рушди марказҳои махсуси реабилитатсионӣ мебошад. Барои занон ва кӯдакон хизматрасониҳои алоҳидаи равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ зарур мебошанд, барои мардон, ки аз меҳнати маҷбурӣ озод шудаанд, хизматрасониҳои барқарорсозии ҳуҷҷатҳо, кӯмаки ҳуқуқӣ, машварати меҳнатӣ ва дастгирии шуғл аҳаммияти махсус дорад. Чунин марказҳо бояд на танҳо паноҳгоҳи муваққатӣ, балки барномаи барқарорсозии иҷтимоӣ ва иқтисодиро пешниҳод намоянд.

Пешниҳоди панҷум истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ барои пешгирии хавфҳои муҳоҷират мебошад. Барномаҳои мобилӣ, сомонаҳои иттилоотӣ, хатҳои фаврӣ, чат-ботҳо ва платформаҳои санҷиши корфармоён метавонанд ба муҳоҷирони эҳтимолӣ пеш аз сафар маълумоти ҳуқуқӣ, рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ, нишонаҳои фиреб, рақамҳои консулӣ ва роҳҳои муроҷиатро пешниҳод намоянд. Ин гуна механизмҳо махсусан барои ҷавонон, ки аз шабакаҳои рақамӣ фаъол истифода мекунанд, самаранок буда метавонанд.

Пешниҳоди шашум ворид намудани мавзуъҳои савдои одамон, баробарии гендерӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва хавфҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба барномаҳои таълимии мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Пешгирии воқеӣ аз огоҳии саривақтӣ оғоз мешавад. Агар ҷавонон аломатҳои фиреб, шартномаи хатарнок, қарздоркунии сунъӣ, мусодираи ҳуҷҷатҳо ва воситаҳои маҷбуркуниро донанд, эҳтимолияти ба доми шабакаҳои ҷиноятӣ афтидани онҳо кам мегардад.

Пешниҳоди ҳафтум таҳкими таҳқиқоти илмӣ дар самти гендер, муҳоҷират ва савдои одамон мебошад. Барои сиёсати асоснок на танҳо маълумоти умумӣ, балки таҳқиқоти ҷудогона дар бораи занони муҳоҷир, кӯдакони оилаҳои муҳоҷир, мардони аз меҳнати маҷбурӣ баргашта, механизмҳои ҷалб дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва нақши миёнаравони ғайрирасмӣ зарур мебошад. Маҳз таҳқиқоти муназзам метавонад фосилаи байни қонун ва амалро нишон диҳад.

Хулоса. Савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон падидаҳои ба ҳам алоқаманди фаромиллӣ мебошанд, ки дар муҳити нобаробарии иҷтимоӣ, муҳоҷирати хавфнок, заъфи назорати институтсионалӣ ва паст будани маърифати ҳуқуқӣ густариш меёбанд. Фарқияти ҳуқуқии онҳо дар мақсад ифода меёбад: воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон асосан ба убури ғайриқонунии сарҳад равона мешавад, дар ҳоле, ки савдои одамон ба истисмори минбаъдаи шахс нигаронида шудааст. Аммо дар амал, воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон бисёр вақт ба марҳилаи ибтидоии савдои одамон мубаддал мегардад.

Таҳлил нишон дод, ки ҷанбаҳои гендерӣ барои фаҳмиши пурраи ин зуҳурот аҳаммияти асосӣ доранд. Занон бештар ба истисмори ҷинсӣ, меҳнати хонагии маҷбурӣ ва никоҳи маҷбурӣ, мардон ба меҳнати маҷбурӣ дар соҳаҳои вазнин, кӯдакон ба шаклҳои гуногуни вобастагӣ ва истисмор дучор мешаванд. Аз ҳамин сабаб, сиёсати бетарафи ҷинсӣ наметавонад ҳамаи хавфҳоро фаро гирад, зарурати равиши тафриқавӣ, гендерӣ ва синнусолӣ вуҷуд дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон мавҷуд мебошад, аммо самаранокии амалӣ ба мониторинги ягона, ҳамоҳангии байниидоравӣ, дастрасии қурбониён ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, сатҳи огоҳии ҳуқуқии аҳолӣ ва ворид намудани равиши гендерӣ ба барномаҳои давлатӣ вобаста аст. Барои баланд бардоштани самаранокӣ бояд мафҳуми «осебпазирии гендерӣ» дар сиёсати давлатӣ истифода шуда, механизми мушаххаси пешгирӣ, ошкорсозӣ, ҳимоя ва реабилитатсияи қурбониён такмил дода шавад.

Ҳамин тавр, мубориза бо савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон танҳо дар ҳолате самаранок мегардад, ки чораҳои ҳуқуқӣ бо сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, таълимӣ, муҳоҷиратӣ ва гендерӣ пайваст карда шаванд. Ҳадафи ниҳоӣ бояд на танҳо ҷазо додани ҷинояткорон, балки коҳиш додани шароите бошад, ки инсонро ба ҳолати вобастагӣ, фиреб ва истисмор наздик менамояд.

Адабиёт

1. Сафарзода А.И. Муқовимат ба савдои одамон. – Душанбе: Дониш, 2020. – 210 с.
2. Shelley L. Human Trafficking: A Global Perspective. – Cambridge: Cambridge University Press, 2010. – 55-60 p.
3. Протокол оид ба пешгирӣ, рафъ ва ҷазо барои савдои одамон, хусусан занон ва кӯдакон: илова ба Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри 2000. Ню-Йорк: СММ, 2000. Мод. 3.
4. Gallagher A. The International Law of Human Trafficking. – Cambridge: Cambridge University Press, 2010. – 130-135 p.
6. ILO. Global Estimates of Modern Slavery: Forced Labour and Forced Marriage. – Geneva: ILO, 2022. – 20-25 p.
7. Протокол зидди воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, баҳр ва ҳаво: илова ба Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри 2000. Ню-Йорк: СММ, 2000. Мод. 3.
8. Бекяшев Д.К. Танзими байналмилалии ҳуқуқии муҳоҷирати маҷбурӣ ва меҳнатӣ. – М.: Проспект, 2014. – С. 94.
9. Маҳмадуллозода Н.Р. Муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон: хусусиятҳои фарқкунанда ва алоқамандӣ // Маҷаллаи ҳуқуқии Аврупо ва Осиё. – 2025. – №1. – С. 33.
10. IOM. World Migration Report 2024 / ed. by M. McAuliffe, L. Uchu. – Geneva: IOM, 2024. – P. 221.
11. IOM. Таҳқиқоти муҳоҷирони фиребхӯрдаи Тоҷикистон: савдои занон ва кӯдакон. – Душанбе: IOM, 2001. – С. 22.
12. Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли 2014, № 1096 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 2014. № 7. Мод. 393.
13. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Қонун, 2025.
14. UNODC. Global Report on Trafficking in Persons 2022. Vienna: UNODC, 2022. – P. 120.
15. IOM. World Migration Report 2024. – Geneva: IOM, 2024. 380 p.

16. UNODC. Global Report on Trafficking in Persons 2020. – Vienna: UNODC, 2020. – P. 40-45.
17. United Nations. United Nations Convention against Transnational Organized Crime. – New York: UN, 2000. Art. 5-7.
18. Council of Europe. Convention on Action against Trafficking in Human Beings. Warsaw: Council of Europe, 2005. 45 p.
19. IOM. Migrant Smuggling Data and Research: Global Review. Geneva: IOM, 2023. – P. 60-66.
20. UNODC. Global Study on Smuggling of Migrants 2018. Vienna: UNODC, 2018. – P. 40-45.
21. Bales K. Disposable People: New Slavery in the Global Economy. Berkeley: University of California Press, 2012. – P. 90-95.
22. Наумов А.В. Уголовное право. Общая часть. – М.: Норма, 2019. – С. 110-115.
23. Лунеев В.В. Курс мировой и российской криминологии. – М.: Юрайт, 2013. – С. 201-205.
24. Aronowitz A. Human Trafficking, Human Misery. - Westport: Praeger, 2009. - P. 60-66.
25. Kara S. Sex Trafficking. - New York: Columbia University Press, 2009. P. 110-115.
26. OSCE. Handbook on Anti-Trafficking. Vienna: OSCE, 2013. P. 18-22.
27. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ. 2016
28. UN Women. Gender and Trafficking Report. New York: UN Women, 2021. 65 p.
29. IOM. World Migration Report 2024. - Geneva: IOM, 2024. - 380 p.
30. UNDP. Human Development Report 2023/2024. New York: UNDP, 2024. 320 p.
31. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – С. 223.
32. United Nations Development Programme. *Human Development Report 2014: Sustaining Human Progress: Reducing Vulnerabilities and Building Resilience*. – New York: United Nations Development Programme, 2014. 239 p.

Ҷанбаҳои гендерии савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон

Дар мақола ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва гендерии савдои одамон ва воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон дар шароити ҷаҳонишавӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ таҳлил гардидааст. Бо такя ба Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, ки илова ба Конвенсияи зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 қабул шудааст, санадҳои Созмони байналмилалии меҳнат, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми ҳуқуқии савдои одамон, аломатҳои таркибии он, фарқияти он аз воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон, инчунин механизмҳои ташаккули осебпазирии занон, мардон ва кӯдакон баррасӣ шудааст. Мақола нишон медиҳад, ки савдои одамон танҳо зуҳуроти ҷиноятӣ набуда, натиҷаи ҳамбастагии омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ,

фарҳангӣ ва гендерӣ мебошад. Дар асоси таҳлил пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ, мониторинги миллӣ, ҳимояи қурбониён ва пешгирии хавфҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: савдои одамон, воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон, ҷанбаҳои гендерӣ, осебпазирии иҷтимоӣ; истисмор; муҳоҷирати меҳнатӣ, Протоколи Палермо, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Гендерные аспекты торговли людьми и незаконного ввоза мигрантов

В статье рассматриваются правовые, социальные и гендерные аспекты торговли людьми и незаконного ввоза мигрантов в условиях глобализации, роста трудовой миграции и усиления социально-экономического неравенства. На основе Палермского протокола, Конвенции ООН против транснациональной организованной преступности, актов Международной организации труда, Международной организации по миграции, UNODC и законодательства Республики Таджикистан анализируются правовое понятие торговли людьми, ее основные элементы, отличие от незаконного ввоза мигрантов, а также механизмы формирования уязвимости женщин, мужчин и детей. Обосновывается, что торговля людьми представляет собой не только уголовно-правовое явление, но и результат взаимодействия экономических, правовых, институциональных, культурных и гендерных факторов. Предложены научно-практические меры по совершенствованию законодательства, национального мониторинга, защиты жертв и профилактики рисков незаконной миграции.

Ключевые слова: торговля людьми; незаконный ввоз мигрантов; гендерные аспекты; социальная уязвимость; эксплуатация; трудовая миграция; Палермский протокол; Республика Таджикистан.

Gender dimensions of human trafficking and migrant smuggling

The article examines the legal, social and gender dimensions of human trafficking and migrant smuggling in the context of globalization, expanding labour migration and increasing socio-economic inequality. Drawing on the Palermo Protocol, the United Nations Convention against Transnational Organized Crime, standards of the International Labour Organization, the International Organization for Migration, UNODC materials and the legislation of the Republic of Tajikistan, the article analyses the legal concept of trafficking in persons, its core elements, its distinction from migrant smuggling, and the mechanisms that shape the vulnerability of women, men and children. The article argues that trafficking in persons is not merely a criminal-law phenomenon, but a consequence of the interaction of economic, legal, institutional, cultural and gender factors. Scientific and practical recommendations are formulated for improving legislation, national monitoring, victim protection and prevention of risks related to irregular migration.

Keywords: trafficking in persons; migrant smuggling; gender aspects; social vulnerability; exploitation; labour migration; Palermo Protocol; Republic of Tajikistan.

Саидзода Ҷумахон Зикриё, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. Тел: (+992)000900080. Email: jumakhon-1989@mail.ru

Саидзода Джумахон Зикриё, Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, начальник отдела правового надзора, ассистент кафедры социальных дисциплин. Тел.: (+992) 000900080, Email: jumakhon-1989@mail.ru

Saidzoda Jumakhon Zikriyo, Avicenna Tajik State Medical University, Head of Legal Control Department, lecturer, Department of Social Sciences. Tel.: (+992) 000 900 080, Email: jumakhon-1989@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ОШТӢ ШУДАН БО ҶАБРДИДА «ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ МУОСИР: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ»

Насриддинзода И.С.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, тамоюли гузариш аз усулҳои анъанавии муқовимат бо ҷиноятқорӣ ба шаклҳои самараноки ҳалли муноқишаҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бештар ба назар мерасад. Ин тамоюл маҳсули тафаккури нави ҳуқуқӣ буда, дар доираи он на танҳо манфиатҳои давлат, балки манфиатҳои ҷабрдида ва ҷомеа дар маркази диққат қарор мегирад. Яке аз чунин шаклҳо институти оштӣ шудан бо ҷабрдида мебошад, ки имрӯз дар низоми ҳуқуқии бисёр давлатҳои ҷаҳон ҳамчун воситаи муҳимми барқарор намудани муносибатҳои иҷтимоии вайроншуда ва таъмини манфиатҳои қонунии ҷабрдида эътироф гардидааст.

Моҳияти ин институт на танҳо дар озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки пеш аз ҳама дар барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ҷуброни зарари расонидашуда ва ноил шудан ба ризоияти байни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ифода меёбад. Ин равиш дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо номи «адолати барқароркунанда» (restorative justice) маъруф гардидааст ва ба таври торафт вусъатёбанда дар қонунгузориҳои давлатҳои рушдёфта ва рушдёбанда ҷой пайдо мекунад [7, p. 5].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида мавқеи махсусро ишғол менамояд. Зеро муайян намудани моҳияти ҳуқуқии ин институт барои дарки дурусти ҷойгоҳи он дар низоми асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти ниҳоят муҳим дорад. Ба ақидаи А.В. Наумов, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида яке аз зуҳуроти намоёни сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии инсондустона мебошад, ки ба кам намудани таъсири ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба шахсони бори аввал ҷиноят содиркарда равона шудааст [3, с. 487]. Дар навбати худ А.И. Рарог қайд менамояд, ки институти мазкур дорои хусусияти мураккаби ҳуқуқӣ буда, дар он ҳам унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам унсурҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ таҷассум ёфтаанд [4, с. 412].

Бояд таъкид намуд, ки дар адабиёти ҳуқуқии соҳавӣ оид ба табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида ақидаҳои гуногун ва гоҳо зид ҷой доранд. Бархе аз муҳаққиқон онро ҳамчун асоси мустақили озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ намуда, ба хусусияти моддӣ-ҳуқуқии он таъкид мекунанд [14, с. 94]. Гурӯҳи дигари олимон бошанд, оштӣ шудан бо ҷабрдидаро пеш аз ҳама ҳамчун шакли татбиқи адолати барқароркунанда арзёбӣ намуда, бар он назаранд, ки мақсади асосии институт на озод намудани гунаҳгор, балки барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи ҷабрдида мебошад [28, p. 1].

Ҳовард Зер олими Амрикоӣ, ки яке аз асосгузорони назарияи адолати барқароркунанда ба ҳисоб меравад, қайд менамояд, ки ҷиноят пеш аз ҳама ба одамон ва муносибатҳои байни онҳо зарар мерасонад. Аз ин рӯ, вокуниш ба ҷиноят бояд ба барқарор намудани ин муносибатҳо ва ҷуброни зарари

расонидашуда равона карда шавад [25, p. 36]. Ба андешаи Ҷон Брейтуэйт олими Австралия, ҷалби фаъоли ҷабрдида ва гунаҳгор ба раванди ҳалли муноқиша имконият медиҳад, ки сатҳи такроршавии ҷиноятҳо коҳиш ёфта, адолати иҷтимоӣ беҳтар таъмин гардад [26, p. 11]. Мавқеи мазкур дар корҳои Марк Умбрейт олими Амрико низ дастгирӣ ёфтааст. Ӯ таъкид менамояд, ки натиҷаи асосии оштӣ шудан бо ҷабрдида бояд барқарор шудани эҳсоси адолат дар ҷабрдида ва дарки масъулияти шахсии гунаҳгор нисбат ба оқибатҳои кирдори содирнамуда бошад [8, p. 7].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон институти оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун яке аз асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст [14, с. 94]. Вале таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми татбиқи ин институт масъалаҳои баҳсталаб вобаста ба муайян намудани моҳияти ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида, доираи шартҳои татбиқи он ва нақши иродаи ҷабрдида ба миён меоянд [9, p. 196]. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он мусоидат намояд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур иборат аст аз: 1) таҳлили назариявии мафҳум ва мазмуни институти оштӣ шудан бо ҷабрдида; 2) муайян намудани табиати ҳуқуқии он дар доираи баҳси илмӣ; 3) баррасии ҷойгоҳи ин институт дар низоми ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ; 4) пешниҳоди асосноки илмӣ ба мавзуи мазкур. Методологияи таҳқиқ ба методҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ такя мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намудани табиати ҳуқуқии асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар байни чунин асосҳо институти оштӣ шудан бо ҷабрдида мавқеи махсус дошта, бо хусусиятҳои хосси худ аз дигар намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ фарқ менамояд. Моҳияти ин институт дар он ифода меёбад, ки давлат дар сурати мавҷуд будани шартҳои муайяни қонунӣ аз татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, худдорӣ намуда, имконияти ҳалли осоиштаи оқибатҳои ҷиноятро фароҳам месозад [3, с. 487].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбат ба табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида чандин назарияи аз ҳамдигар фарқкунанда вуҷуд дорад. Таҳлили муқоисавии ин назарияҳо нишон медиҳад, ки ҳар яке аз онҳо ҷанбаҳои муайяни институтро инъикос менамоянд ва дар маҷмуъ тасвири кофии комилро фароҳам меоранд.

Тибқи назарияи аввал, оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун шакли татбиқи принсипи инсондӯстона дар ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ мегардад. Ҷонибдорони ин назария бар он ақидаанд, ки татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд танҳо дар ҳолатҳое амалӣ гардад, ки бо роҳҳои дигар мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин карда намешаванд. Агар шахси ҷиноят содиркарда зарари расонидашударо ҷуброн намуда, бо ҷабрдида оштӣ шавад, зарурати татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ то андозае аз байн меравад [5, с. 101].

А.В. Наумов қайд менамояд, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида яке аз шаклҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ буда, ба татбиқи сиёсати ҷиноятии инсондӯстона мусоидат менамояд [3,

с. 490]. Ба ақидаи муаллиф, дар чунин ҳолат давлат бо дарназардошти хусусияти ҷиноят, дараҷаи хавфнокӣ, шахсияти гунаҳгор ва манфиатҳои ҷабрдида аз истифодаи чораҳои ҷазодиҳанда худдорӣ мекунад. [23, с. 145].

Профессор Н.А. Лопашенко таъкид менамояд, ки принсипи инсондустӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд на ҳамчун имтиёзи ғайриқонунии гунаҳгор, балки ҳамчун сиёсати оқилонаи давлат дар самти муқовимат ба ҷиноятқорӣ фаҳмида шавад [5, с. 125]. Аз нуқтаи назари ин муҳаққиқ оштӣ шудан бо ҷабрдида нишонаи воқеии пушаймонии гунаҳгор аз кирдори худ ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ мебошад.

Л.В. Головко дар таҳқиқоти бунёдии худ «Альтернативы уголовному преследованию в современном праве» ба таҳлили муқоисавии ин институт дар қонунгузории Фаронса, Олмон, Британияи Кабир ва кишварҳои дигар пардохта, нишон медиҳад, ки тамоюли умумии ҷаҳонӣ ба сати васеъ шудани доираи татбиқи оштӣ шудан бо ҷабрдида ва дигар воситаҳои алтернативӣ равона аст [15, с. 98]. Ин тамоюл ҳамзамон собит менамояд, ки принсипи инсондӯстона дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои муосир мавқеи бештар устуворе пайдо мекунад.

Назарияи дигар табиати ҳуқуқии институти мазкурро бо адолати барқароркунанда алоқаманд медонад. Намояндагони ин равия бар он ақидаанд, ки ҷиноят пеш аз ҳама ба манфиатҳои шахси ҷабрдида ва муносибатҳои иҷтимоӣ зарар мерасонад. Аз ин рӯ, мақсади асосии чораандешии ҳуқуқӣ бояд барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда ва ҷуброни зарари расонидашуда бошад [25, p. 38]. Ҳовард Зер таъкид менамояд, ки адолати барқароркунанда ба эҳтиёҷоти ҷабрдида, масъулияти ҳуқуқвайронкунанда ва иштироки фаъолонаи тарафҳо дар раванди ҳалли низоъ такя менамояд [25, p. 41].

Ба андешаи Марк Умбрейт, муҳимтарин хусусияти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар он ифода меёбад, ки ҷабрдида аз объекти оддии мурофиаи ҷиноятӣ ба иштирокчии фаъоли ҳалли низоъ табдил меёбад [8, p. 7]. Дар чунин шароит манфиатҳои ҷабрдида нисбат ба татбиқи ҷазо аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Маҳз ҳамин омил имкон медиҳад, ки зарари расонидашуда пурра ё қисман ҷуброн гардида, эҳсоси адолат дар шуури ҷабрдида барқарор шавад.

Профессор Даниел Ван Несс ва Карен Стронг дар асари муътабари худ «Restoring Justice» таъкид менамоянд, ки оштӣ шудан яке аз асоситарин самтҳои амалисозии адолати барқароркунанда мебошад [27, p. 64]. Ба андешаи онҳо раванди оштӣ шудан бо ҷабрдида бояд ихтиёрӣ, фаъолонаи ҳарду тараф ва нигаронидашуда ба барқарорсозии вазъ бошад. Ин принсипҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи башар, аз ҷумла Эъломияи СММ дар бораи асосҳои адолат барои ҷабрдидагони ҷиноят ва суиистифодаи аз мансабт (1985) мутобиқат доранд.

Луиг Уолгрейв дар таҳқиқоти худ назарияи адолати барқароркунандаро дар чорчӯбаи назарияи умумии ҳуқуқ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки он метавонад ҳамчун парадигмаи мустақили вокуниш ба ҷиноятқорӣ баромад намояд [28, p. 12]. Аз ин нуқтаи назар, оштӣ шудан бо ҷабрдида на ҳамчун истисно аз қоидаи умумӣ, балки ҳамчун шакли мустақили адолати ҷиноятӣ баррасӣ мешавад.

Дар илми муосир бештар назарияи сеюм - табиати комплексии ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида - ҷонибдорӣ мешавад. А.И. Рарог бар он назар аст, ки институти мазкур ҳамзамон унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятиро дар бар гирифта, бинобар ин ҳамчун институти комплексии ҳуқуқӣ баромад менамояд [4, с. 415]. Воқеан ҳам, асосҳои татбиқи оштӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ гардида бошанд ҳам, тартиби амалӣ намудани он тавассути меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешавад.

Мувофиқи ин назария, институти мазкур дар худ ҳам унсурҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, ҳам мурофиавӣ ва ҳам криминологиро муттаҳид менамояд. Унсури моддӣ дар озод кардан аз ҷавобгарӣ ифода меёбад, унсури мурофиавӣ дар тартиби татбиқи он ва унсури криминологӣ дар мақсади пешгирии такрори ҷиноят ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ зоҳир мегардад [5, с. 123]. Ин хусусияти бисёрҷанба собит менамояд, ки институт аз ҳудуди як соҳаи ҳуқуқ берун меравад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ оштӣ шудан бо ҷабрдида ба гурӯҳи асосҳои ғайрисафедкунанда дохил мешавад. Ин маънои онро дорад, ки шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, вале воқеияти содир шудани ҷиноят ва гунаҳгории ӯ инкор намегардад [23, с. 356]. Баръакс, татбиқи институт танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки шахс ҷиноят содир намуда бошад ва барои ҷуброни зарари расонидашуда чораҳои зарурӣ андешида бошад.

Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қонунгузор ҳангоми танзими институти мазкур кӯшиш намудааст байни манфиатҳои давлат, ҷабрдида ва шахси ҷиноятсодиркарда тавозунро таъмин намояд. Аз як тараф, манфиати ҷабрдида тавассути ҷуброни зарар ва ризоият ба оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳифз карда мешавад. Аз тарафи дигар, шахси гунаҳгор имконият пайдо мекунад бе татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ оқибатҳои манфии кирдори худро бартараф намояд. Ҳамзамон давлат низ ба ҳадафҳои пешгирикунанда ва тарбиявии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ноил мегардад [14, с. 94].

Бояд қайд кард, ки табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳамоҳангии се унсури асосӣ - принсипи инсондустӣ, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва сиёсати тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ - ифода меёбад. Институти мазкур на танҳо воситаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки механизми барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад.

Дар шароити муосири рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар низоми чораҳои маҷбурӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Зарурати таҳқиқи ин масъала аз он бармеояд, ки дар шароити кунунӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо ба татбиқи ҷазо маҳдуд нашуда, маҷмуи васеи воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар баробари ҷазо, қонунгузорӣ институтҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷазо, чораҳои хусусияти тарбиявӣ ва дигар шаклҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳти чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки давлат барои таъсир

расонидан ба шахси ҷиноят содирнамуда ва барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятии вайроншуда истифода менамояд. Ба чунин воситаҳо ҷазои ҷиноятӣ, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, чораҳои дорои хусусияти тарбиявӣ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод кардан аз ҷазо дохил мешаванд [4, с. 127]. Институти оштӣ шудан бо ҷабрдида маҳз ба гурӯҳи асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мансуб буда, пеш аз татбиқи ҷазо амалӣ мегардад.

Ба андешаи А.В. Наумов, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз шаклҳои мустақили таъсиррасонии давлат ба шахсони ҷиноят содирнамуда ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат давлат аз татбиқи ҷазо худдорӣ намуда, ба дигар роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ афзалият медиҳад [3, с. 497]. Аз ин нуқтаи назар, оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун воситаи махсуси татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии инсондустона баромад менамояд. Ин равиш бо мафҳуми равонасозии алтернативии парвандаи ҷиноятӣ дар адабиёти хориҷӣ мутобиқат дошта, ба маънои гузаштан аз масири анъанавии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба масири алтернативии ҳалли муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад [15, с. 56].

Дараҷаи коркарди масъала. Дар муқоиса бо ҷазои ҷиноятӣ институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дорои хусусиятҳои фарқкунандаи муҳим мебошад. Агар ҷазо пеш аз ҳама ба маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои гунаҳгор равона шуда бошад, оштӣ шудан ба барқарор намудани муносибатҳои вайроншуда, ҷуброни зарар ва ноил шудан ба ризоияти тарафҳо нигаронида шудааст [5, с. 112]. Аз ҳамин сабаб дар адабиёти илмӣ онро ҳамчун шакли алтернативии таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ менамоянд.

Профессор Г. Ҷонстон дар асари худ **«Адолати барқароркунанда: мафҳумҳо, арзишҳо ва мубоҳисаҳои илмӣ»** таъкид менамояд, ки институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар низоми чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи мустақил ва аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ дорад, зеро он ба таъмини тавозуни манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, яъне ҷабрдида ва шахси ҷиноят содирнамуда, равона гардидааст [29, p. 48]. Бар хилофи ҷавобгарии ҷиноятии анъанавӣ, ки пеш аз ҳама татбиқи маҷбуркунии давлатӣ ва ҷавобгарии фардии гунаҳгорро ҳадаф қарор медиҳад, оштӣ шудан бо ҷабрдида ба барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи ҷабрдида, ҷуброни зарари расонидашуда, барқарор намудани адаолати иҷтимоӣ ва ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ тавассути мувофиқаи ихтиёрии тарафҳо нигаронида шудааст.

Давоми солҳои охир дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «адолати барқароркунанда» бештар истифода мегардад. Дар доираи ин консепсия оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф шудааст. Ҳовард Зер қайд менамояд, ки таъсиррасонии самаранок ба ҷиноят бояд ба барқарор намудани ҳуқуқҳои ҷабрдида, масъулияти ҳуқуқвайронкунанда ва иштироки фаъоли ҷомеа асос ёбад [25, p. 52]. Аз ин нуқтаи назар, институти оштӣ шудан бо ҷабрдида нисбат ба ҷазои анъанавӣ бештар хусусияти барқароркунанда дорад.

Ҷойгоҳи махсуси институти мазкур инчунин аз он бармеояд, ки он дар байни манфиатҳои давлат ва манфиатҳои хусусии ҷабрдида тавозунро таъмин

менамояд. Дар аксари ҳолатҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ нигаронида шудааст. Аммо ҳангоми татбиқи оштӣ шудан манфиати ҷабрдида аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Маҳз ризоияти ӯ яке аз шартҳои асосии татбиқи ин институт мебошад [23, с. 364].

Ба андешаи Ҷон Брейтуэйт, дар низоми муосири чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд байни ҷазо ва воситаҳои барқароркунанда тавозуни мақсаднок вуҷуд дошта бошад. Татбиқи ҷазо на ҳамеша ба ҳалли низо оварда мерасонад, дар ҳоле ки оштӣ шудан метавонад ҳам ҳуқуқҳои ҷабрдида ва ҳам манфиатҳои ҷамъиятро таъмин намояд [26, p. 24]. Аз ҳамин сабаб дар қонунгузории бисёр давлатҳо доираи татбиқи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида тадриҷан васеъ гардида истодааст. Ин тамоюл дар кишварҳои Аврупаи Ғарбӣ, ИМА ва Канада мушоҳида мешавад, ки дар онҳо барномаҳои миёнаравӣ (mediation) ва оштии байниҷомеавӣ васеъ истифода мегарданд [10, p. 15].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун яке аз шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии инсондустона эътироф гардидааст. Қонунгузор бо пешбинӣ намудани ин институт дар моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятии ҶТ кӯшиш намудааст, ки дар баробари мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, инчунин барои барқарор намудани ҳуқуқҳои ҷабрдида ва ислоҳи шахси гунаҳгор замина фароҳам оварад [14, с. 94].

Тазаккур бояд дод, ки таҳлили назария ва қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар низоми чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷойгоҳи мустақил ва махсусро ишғол менамояд. Он на ба гурӯҳи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва на ба гурӯҳи чораҳои маҷбурии давлатӣ мансуб буда, ҳамчун шакли алтернативии таъсиррасонии ҳуқуқӣ баромад менамояд. Моҳияти он дар таъмини адолати барқароркунанда, ҷуброни зарар, ҳифзи манфиатҳои ҷабрдида ва татбиқи принсипҳои инсондӯстии ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Масъалаи муайян намудани табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида яке аз мураккабтарин ва баҳснoктарин самтҳои илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти он дар он зоҳир мегардад, ки аз дуруст дарк намудани моҳияти ҳуқуқии ин институт на танҳо ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки инчунин самаранокии татбиқи он дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди он ки дар қонунгузорӣ институти мазкур ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, дар назарияи ҳуқуқ нисбат ба табиати он ҳамфикрӣ вуҷуд надорад [4, с. 420].

Яке аз сабабҳои асосии баҳснок будани масъала дар хусусияти мураккаби ҳуқуқии ин институт ифода меёбад. Оштӣ шудан бо ҷабрдида дар худ ҳам унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ (асосҳои озод кардан аз ҷавобгарӣ), ҳам унсурҳои мурофиавии ҷиноятӣ (тартиби баррасӣ ва қарор қабул кардан) ва ҳам унсурҳои иҷтимоӣ-ахлоқиро дар бар мегирад. Ин омехтагии унсурҳо боиси он мегардад, ки дар илм онро гоҳ ҳамчун институти моддӣ-ҳуқуқӣ, гоҳ ҳамчун институти мурофиавӣ ва гоҳ ҳамчун институти комплексӣ арзёбӣ менамоянд [5, с. 121].

Аз нуқтаи назари аввал, як гурӯҳ олимон оштӣ шудан бо ҷабрдидаро ҳамчун институти соф моддӣ-ҳуқуқӣ мешуморанд. Ба андешаи онҳо, натиҷаи асосии ин

институт озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ хусусияти моддӣ-ҳуқуқӣ дорад ва маҳз ҳамин хусусият онро ба гурӯҳи асосҳои озод кардан аз ҷавобгарӣ дохил менамояд. Дар ин маврид аҳаммияти асосӣ ба мавҷуд будани шартҳои қонунӣ, аз ҷумла бори аввал содир намудани ҷиноят, ҷуброни зарар ва мавҷудияти ризоияти ҷабрдида дода мешавад [3, с. 499]. Профессор С.Г. Келина аз ҷумлаи тарафдорони ин назария буда, таъкид мекунад, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ моҳиятан воситаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат аст ва дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ ҷой дорад [17, с. 44].

Гурӯҳи дуюми олимон бар он ақидаанд, ки оштӣ шудан бо ҷабрдида бештар хусусияти мурофиавӣ дорад. Онҳо чунин мешуморанд, ки бе қарорҳои дахлдори мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд татбиқи ин институт имконнопазир аст. Аз ин рӯ, на худи оштӣ шудан бо ҷабрдида, балки тартиби мурофиавии ба даст овардани он аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Бо вуҷуди ин, ин мавқеъ дар илм пурра дастгирӣ наёфтааст, зеро натиҷаи ҳуқуқии институт (озод кардан аз ҷавобгарӣ) хусусияти моддӣ дорад [4, с. 425]. В.А. Михайлов дар ин маврид нишон медиҳад, ки тартиби мурофиавии оштӣ шудан бо ҷабрдида восита аст, на ҳадаф [19, с. 89].

Дар илми муосир назарияи сеюм, табиати комплексии ҳуқуқии доштани оштӣ шудан бо ҷабрдида ҷонибдории бештаре пайдо намудааст. Мувофиқи ин назария, институти мазкур дар худ ҳам унсурҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, ҳам мурофиавӣ ва ҳам криминологиро муттаҳид менамояд. Унсури моддӣ дар озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ифода меёбад, унсури мурофиавӣ дар тартиби татбиқи он ва унсури криминологӣ дар мақсади пешгирии такрори ҷиноят ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ зоҳир мегардад [5, с. 123]. Ин мавқеъро Л.В. Головко низ дастгирӣ менамояд, ки бар он назар аст, оштӣ шудан бо ҷабрдида шакли алтернативии таъқиби ҷиноятӣ буда, ҳам меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва ҳам мурофиавиро дар бар мегирад [15, с. 109].

Масъалаи дигари назариявии муҳим ба муайян намудани ҳудуди таъсири давлат ва ризоияти ҷабрдида марбут мебошад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан давлат ҳамчун субъекти асосии таъқиби ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад мекунад. Аммо дар институти оштӣ шудан нақши ҷабрдида ба таври назаррас афзоиш меёбад. Ин ҳолат саволеро ба миён меорад, ки то кадом андоза иродаи ҷабрдида метавонад ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир расонад.

Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки бе ризоияти ҷабрдида татбиқи ин институт ғайриимкон аст, дар ҳоле ки дигарон таъкид мекунанд, ки иродаи ҷабрдида танҳо шарти ёрирасон аст, на асоси мустақили ҳуқуқӣ [23, с. 372]. Профессор А. Эшворт дар таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятии Британияи Кабир ва кишварҳои аврупоӣ нишон медиҳад, ки нақши ҷабрдида дар ин раванд тафовутҳои зиёде дорад ва яке аз тамоюлҳои муосири вусъати ин нақш аст [24, p. 201].

Пол Макколд ва Тед Вахтел олимони америкоӣ дар таҳқиқоти назариявии худ нишон медиҳанд, ки барои самаранокии раванди оштӣ шудан бо ҷабрдида ду унсур ниҳоят зарур аст: ризоияти пурраи ҳарду тараф ва дастгирии мутахассисони мустақил (миёнаравон) [31, p. 115]. Агар яке аз ин унсурҳо

мавҷуд набошад, натиҷаи оштӣ шудан на барои ҷабрдида ва на барои ҷомеа самаранок хоҳад буд.

Аз нуқтаи назари назарияи адолати барқароркунанда, ки дар илми муосир мавқеи устувор пайдо намудааст, оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун механизми барқарор намудани муносибатҳои вайроншудаи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад. Дар ин назария ҷиноят на танҳо ҳамчун вайронкунии меъёри ҳуқуқӣ, балки ҳамчун зарар ба муносибатҳои байни одамон фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии вокуниши ҳуқуқӣ на ҷазо, балки барқарорсозӣ мебошад [25, p. 58].

Ҳовард Зер қайд менамояд, ки адолати барқароркунанда ба се унсури асосӣ такя мекунад: зарар, масъулият ва барқарорсозӣ. Оштӣ шудан бо ҷабрдида маҳз дар ҳамин доира баррасӣ шуда, имконият медиҳад, ки ҷабрдида зарари худро ҷуброн намояд, гунаҳгор масъулияти худро дарк кунад ва ҷомеа ба ҳолати муътадил баргардад [25, p. 60].

Шартҳои татбиқи оштӣ шудан бо ҷабрдида дар қонунгузории ҶТ ба таври дақиқ муқаррар шудаанд: бори аввал содир намудани ҷиноят, барқарор намудани ҷуброни зарар ва ризоияти ҳарду тараф. Аммо аз нигоҳи назариявӣ, дар байни олимон оид ба ин шартҳо басҳсҳои зиёд мавҷуд аст. Профессор Х.Д. Аликперов таъкид мекунад, ки мавҷудияти зиёди шартҳо метавонад амалисозии принсипи инсонгароёнаро маҳдуд созад [14, с. 44].

Дар ҳамин замина, Р.А. Сабитов бар он назар аст, ки рафтори шахси ҷиноятсодирнамуда баъди он, аз ҷумла оштӣ шудан бо ҷабрдида, яке аз шаклҳои ифодаи муносибати мусбати мусбати ҳуқуқии шахс пас аз содир намудани ҷиноят буда, аз коҳиш ёфтани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ӯ ва ташаккули тамоюли ислоҳшавӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, чунин рафтор бояд ҳамчун меъёри мустақили ҳуқуқии арзёбии шахсияти гунаҳгор ҳангоми татбиқи институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дар раванди гурӯҳбандӣ ва фардисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар доираи назарияи умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба инобат гирифта шавад [13, с. 78].

Ба андешаи Ҷон Брейтуэйт, институти мазкур воситаи муҳимми коҳиш додани сатҳи такроршавии ҷиноятҳо мебошад. Вақте ки шахси ҷиноят содиркарда дар раванди оштӣ шудан бо ҷабрдида фаъолона иштирок мекунад ва зарари расонидашударо ҷуброн менамояд, эҳтимолияти такроран содир кардани ҷиноят ба таври назаррас коҳиш меёбад [26, p. 27]. Ин муҳаққиқ ин зуҳуротро бо мафҳуми «шарм ва реинтегратсия» (reintegrative shaming) пайвастааст, яъне фишори ахлоқии иҷтимоӣ, ки гунаҳгорро ба пушаймонӣ водор намуда, вайро ба ҷомеа бармегардонад [6, p. 55].

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Таҳлили масъалаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида хусусияти мураккаб, бисёрҷанба ва комплексӣ дорад. Ин институт ҳамзамон ҳамчун асоси моддӣ-ҳуқуқии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҳамчун механизми мурофиавии татбиқи он ва ҳамчун воситаи барқарорсозии муносибатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, муайян намудани моҳияти он танҳо дар доираи як андеша имконнопазир буда, муносибати комплексии илмиро талаб менамояд [4, с. 428].

Таҳлили муқоисавии институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ин институт дар шаклҳои

гуногун дар низоми ҳуқуқии асосии ҷаҳон вуҷуд дорад. Дар доираи низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ институти мазкур одатан ҳамчун асоси қонунии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар меъёрҳои моддии ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ шаклҳои гуногуни оштӣ шудан бо ҷабрдида ва ҳалли созиш, ба монанди барномаҳои алтернативии парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи бар асоси иштироки фаъоли тарафҳоро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии романӣ-олмонӣ принсипи «Принсипи мақсаднокии ҷавобгарии ҷиноятӣ» дар баробари принсипи анъанавии «Ногузирии ҷавобгарӣ» зуҳур карда, заминаи қонунии оштӣ шудан бо ҷабрдида ва дигар усулҳои алтернативиро фароҳам меорад. Профессор Клаус Роксин дар асари муътабари худ таъкид менамояд, ки ин институт таҷассумгари гузариш аз модели анъанавии ҷазодиҳандаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат ба ҷиноят ба модели барқароркунандаи ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад [23, с. 567]. Дар Фаронса низ мафҳуми «Қатъи шартии парвандаи ҷиноятӣ» ба қатъи мурофиа пас аз иҷрои шартҳои оштӣ шудан бо ҷабрдида имкон медиҳад [15, с. 203].

Дар кишварҳои скандинавӣ, Норвегия, Финляндия ва Шветсия хизматҳои миёнаравии байни ҷабрдида ва гунаҳгор дар сатҳи миллӣ ташкил ёфтаанд ва дорои таҷрибаи хуби чандин даҳсолаанд. Ин намуна барои кишварҳои дигар, аз ҷумла барои Тоҷикистон, ҳамчун таҷрибаи беҳтарин метавонад мавриди омӯзиш қарор гирад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико миёнравӣ байни ҷабрдида ва шахси ҷиноят содирнамуда ҳамчун барномаи барқароркунандаи расмигардонидашуда дар бисёр иёлотҳо амал мекунад. Профессор Марк Умбрейт олими америкоӣ, ки яке аз асосгузорони ин равиш дар ИМА аст, нишон медиҳад, ки иштирокчиён аз раванди оштӣ шудан бо ҷабрдида ба маротиб бештар қонеъ мешаванд нисбат ба раванди анъанавии судӣ [8, p. 215].

Дар Россия институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар моддаи 76 Кодекси ҷиноятии ФР пешбинӣ шудааст. Назарияпардозони рус А.В. Наумов ва А.И. Рарог ин институтро ҳамчун яке аз унсурҳои муосири сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии инсондӯстона баррасӣ менамоянд [3; с. 5]. Таҷрибаи Россия бо назардошти пайвандҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии он бо Тоҷикистон ниҳоят арзишманд аст.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон низ институти оштӣ шудан бо ҷабрдида дар солҳои охир торафт вусъат меёбад. Ин тамоюл нишонаи ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии инсондӯстона буда, барои Тоҷикистон имкониятҳои ҳамкорӣ ва таҷрибаомӯзиро мекушояд.

Муҳокима. Дар заминаи таҳлили комплексии назарияҳои илмии мавҷуда, таҷрибаи қонунгузории кишварҳои гуногун ва равишҳои муосири сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, мо мавқеи назариявии худро оид ба табиати ҳуқуқии институти оштӣ шудан бо ҷабрдида асоснок менамояд. Назарияи мазкур ба чор унсури бунёдӣ такя намуда, хусусияти ҳуқуқӣ, вазифаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва аҳамияти онро дар механизми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян месозад.

Аввалан, оштӣ шудан бо ҷабрдида бояд ҳамчун институти комплексии байнисоҳавӣ шинохта шавад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маданӣ (дар қисми ҷуброни зарар) ба ҳам пайванд мебошанд. Мавҷудияти ин пайванд институтро ба зуҳуроти хосси ҳуқуқӣ табдил медиҳад, ки таҳлил ва татбиқи онро бидуни дарназардошти ин ҷанбаҳо ноқис мегардонад.

Дуюм, оштӣ шудан бо ҷабрдида бояд ҳамчун институти мустақил ва арзишманди адолати ҷиноятӣ эътироф гардида, на ҳамчун истисно аз механизми умумии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ё имтиёзи беасос барои шахси ҷиноят содирнамуда, балки ҳамчун шакли алтернативии таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ба барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи ҷабрдида, ҷуброни зарари расонидашуда ва таъмини адолати иҷтимоӣ равона шудааст, арзёбӣ карда шавад. Давлат тавассути ин институт адолатро на бо роҳи ҷазо, балки бо роҳи барқарорсозӣ татбиқ мекунад. Ин мавқеъ аз нуқтаи назари фалсафаи ҳуқуқ ниҳоят муҳим буда, равандро аз модели ҷазодиҳанда ба модели барқароркунанда интиқол медиҳад.

Сеюм, нақши ҷабрдида дар ин институт бояд аз нақши объекти ҳимоя ба нақши субъекти фаъоли ҳалли муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тағйир ёбад. Ин тағйир бо тамоюлҳои умумии рушди ҳуқуқи башар мутобиқат дошта, дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии муосир бо мафҳуми «мақоми ҷабрдида» зич алоқаманд аст.

Чаҳорум, самаранокии институти оштӣ шудан бо ҷабрдида на танҳо ба сифати меъёрҳои қонунӣ, балки ба фарҳанги ҳуқуқӣ, омодагии иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба хизматҳои миёнаравӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, давлат дар баробари такмили қонунгузорӣ бояд ба рушди заминаи институтсионалӣ ташкили хизматҳои миёнаравии давлатӣ ва ғайридавлатӣ диққати ҷиддӣ диҳад.

Ҳамчунин пешниҳод менамоям, ки дар доираи такмили Кодекси ҷиноятии ҶТ мафҳуми институти оштӣ шудан бо ҷабрдида васеъ карда шавад: ба моддаи дахлдор меъёрҳое дар бораи тартиби иштироки миёнарав байни ҷабрдида ва гунаҳгор, ҳадди ақалли ҷуброни зарар ва тартиби ҳуқуқии татбиқи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида аз ҷониби суд илова карда шаванд. Ин пешниҳодҳо бо меъёрҳои Модели стандартии миёнравии Иттиҳоди Аврупо (2002) ва Тавсияи Шӯрои Аврупо оид ба адолати барқароркунанда дар масъалаҳои ҷиноятӣ (2018) мутобиқат доранд.

Хулоса. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида имкон медиҳад ба чунин натиҷаҳои назариявии бунёдӣ расид, ки ин падида дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии муосир на танҳо ҳамчун як асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки ҳамчун механизми мураккаби барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои вайроншудаи ҷамъиятӣ баромад менамояд. Моҳияти аслии он дар гузариши тадриҷии сиёсати ҷиноятӣ аз модели классикии «ҷазодиҳӣ» ба модели муосири «барқароркунанда» ифода меёбад, ки дар он диққати асосӣ на ба чораҳои ҷазодиҳанда, балки ба ҷуброни зарар, ризоияти тарафҳо ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ равона мегардад.

Яке аз хулосаҳои муҳимми таҳқиқот дар он аст, ки оштӣ шудан бо ҷабрдида дорои табиати ҳуқуқии якхела нест, балки хусусияти мураккаб, бисёрҷанба ва

комплексӣ дорад. Ин институт ҳамзамон унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ (озод кардан аз ҷавобгарӣ), ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ (тартиби татбиқ ва қарорҳои дахлдори мақомоти салоҳиятдор) ва унсурҳои иҷтимоӣ-ахлоқиро (пушаймонӣ, ризоият, ҷуброни зарар ва барқарорсозии муносибатҳо) дар бар мегирад. Аз ин рӯ, онро наметавон танҳо дар доираи як соҳа маҳдуд кард, зеро моҳияти он фарогири байнисоҳавӣ мебошад.

Андешаи асосии мо дар он ифода меёбад, ки институти оштӣ шудан бо ҷабрдида бояд ҳамчун шакли алтернативии адолати ҷиноятӣ, на ҳамчун истисно аз ҷавобгарӣ фаҳмида шавад. Яъне, дар чунин ҳолат давлат аз татбиқи адолат даст намекашад, балки онро тавассути механизми барқарорсозӣ амалӣ месозад. Ин равиш имкон медиҳад, ки адолат на танҳо дар шакли ҷазо, балки дар шакли воқеии барқароршавии ҳуқуқҳои ҷабрдида ва масъулияти иҷтимоии шахси ҷиноятсодиркарда зоҳир гардад.

Таҳқиқот инчунин нишон медиҳад, ки дар институти мазкур нақши ҷабрдида ба таври сифатӣ тағйир меёбад. Агар дар модели анъанавии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷабрдида асосан ҳамчун объекти ҳимояи давлатӣ баромад намояд, дар доираи оштӣ шудан бо ҷабрдида ӯ ба субъекти фаъол ва ҳалкунанда табдил меёбад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳуқуқи ҷиноятии муосир тадриҷан ба сӯи инсондӯстона ва иштироки фаъоли ҷабрдида дар ҳалли муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳаракат мекунад.

Боз як натиҷаи муҳимми таҳқиқот дар он аст, ки самаранокии институти оштӣ шудан бо ҷабрдида на танҳо аз меъёрҳои қонунӣ, балки аз сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ, боварии тарафҳо ба мақомоти давлатӣ ва омодагии иҷтимоӣ ба ҳалли созиши низоҳо вобаста мебошад. Агар ин омилҳо таъмин нагарданд, ҳатто меъёрҳои мукаммал низ метавонанд дар амал татбиқи самаранок наёбанд. Аз ин рӯ, рушди ин институт на танҳо вазифаи қонунгузор, балки вазифаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷомеа низ мебошад.

Дар баробари ин, таҳқиқот собит менамояд, ки татбиқи васеи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида метавонад ба баланд гардидани самаранокии низоми адолати судӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла, он имконият медиҳад, ки сарбории мақомоти тафтишотӣ ва судӣ коҳиш ёбад, хароҷоти давлатӣ кам гардад ва ҳамзамон сатҳи қонеъгардии ҷабрдида аз натиҷаи парванда баланд гардад. Институт инчунин дорои аҳаммияти муҳимми криминологӣ буда, метавонад ба коҳиш додани сатҳи такрори ҷиноятҳо мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, метавон ба чунин хулосаи умумӣ расид, ки институти оштӣ шудан бо ҷабрдида яке аз падидаҳои пешрафтаи ҳуқуқи ҷиноятии муосир ба ҳисоб меравад. Он дар худ ҳам вазифаи ҳуқуқӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ахлоқиро муттаҳид намуда, ба барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷабрдида ва ислоҳи шахси ҷиноятсодиркарда равона шудааст. Бо дарназардошти ин, такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқии ин институт, рушди заминаҳои назариявии он ва густариши татбиқи амалии он яке аз самтҳои стратегии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар ин росто, андешаҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1) дар Кодекси ҷиноятии ҶТ меъёрҳои иловагие дар бораи тартиб ва шартҳои ошти шудан бо ҷабрдида ва миёнаравӣ ворид карда шаванд;

2) дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд низоми хизматҳои дастгирии ҷабрдида ва миёнаравии касбӣ таъсис дода шавад;

3) дар ҶТ бо мақсади арзёбии самаранокии амалии ин институт таҳқиқоти оморӣ-таҷрибавии ошти шудан байни тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба роҳ монда шавад.

Адабиёт

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 (бо тағйиру иловаҳо то соли 2024) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». https://mmih.adlia.tj (санаи мурочиат: 01.07.2026).

2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 (бо тағйиру иловаҳо). – Душанбе: Қонуният, 2024.

3. Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций. Том 1: Общая часть.5-е изд. – М.: Волтерс Клувер, 2011. – 768 с.

4. Рарог А.И. Уголовное право России. Общая часть: учебник / под ред. А.И. Рарога. 4-е изд. – М.: Эксмо, 2010. – 496 с.

5. Лопашенко Н.А. Основы уголовно-правового воздействия: уголовное право, уголовный закон, уголовно-правовая политика. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 339 с.

6. Braithwaite J. Crime, Shame and Reintegration. – Cambridge: Cambridge University Press, 1989. – 226 p.

7. Zehr H. The Little Book of Restorative Justice. Intercourse, – PA: Good Books, 2002. – 80 p.

8. Umbreit M.S. The Handbook of Victim Offender Mediation: An Essential Guide to Practice and Research. – San Francisco: Jossey-Bass, 2001. – 408 p.

9. Fattah E.A. Towards a Victim Policy Aimed at Healing, Not Suffering // Victims of Crime: Problems, Policies and Programs / eds. A.J. Lurigio, W.G. Skogan, R.C. Davis. – Newbury Park: Sage, 1990. – 196-214 p.

10. Marshall T.F. Restorative Justice: An Overview. – London: Home Office Research Development and Statistics Directorate, 1999. – 37 p.

11. Кленова Т.В. Основы теории кодификации уголовно-правовых норм. – Самара: СамГУ, 2001. – 244 с.

12. Скибицкий В.В. Освобождение от уголовной ответственности и отбывания наказания. – Киев: Наукова думка, 1987. – 184 с.

13. Сабитов Р.А. Посткриминальное поведение: понятие, регулирование, последствия. – Томск: ТГУ, 1985. – 192 с.

14. Аликперов Х.Д. Освобождение от уголовной ответственности. –М.: МПИ МВД России, 2001. – 128 с.

15. Головко Л.В. Альтернативы уголовному преследованию в современном праве. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 544 с.

16. Щерба С.П., Савкин А.В. Деятельное раскаяние в совершённом преступлении: практическое пособие / под общ. ред. С.П. Щербы. – М.: Спарк, 1997. – 110 с.

17. Келина С.Г. Теоретические вопросы освобождения от уголовной ответственности. – М.: Наука, 1974. – 232 с.

18. Магомедов А.А. Правовые последствия освобождения от уголовной ответственности. – Саратов: СВШ МВД РФ, 1994. – 120 с.

19. Михайлов В.А. Прекращение уголовного дела (уголовного преследования) в досудебном производстве. – М.: МосУ МВД России, 2004. – 156 с.

20. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд. – М.: Юристъ, 2004. – 304 с.

21. Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. – М.: Государственное издательство юридической литературы, 1957. – 364 с.

22. Fletcher G.P. Basic Concepts of Criminal Law. – New York; Oxford: Oxford University Press, 1998. – 223 p.

23. Roxin C. Strafrecht. Allgemeiner Teil. Band I: Grundlagen. Der Aufbau der Verbrechenslehre. 4., vollständig neu bearbeitete Auflage. – München: C.H. Beck, 2006. – 1136 p.

24. Ashworth A. Principles of Criminal Law. – 6th ed. – Oxford: Oxford University Press, 2009. – 499 p.

25. Zehr H. Changing Lenses: Restorative Justice for Our Times. 25th Anniversary ed. Harrisonburg, – VA: Herald Press, 2015. – 256 p.

26. Braithwaite J. Restorative Justice and Responsive Regulation. – Oxford: Oxford University Press, 2002. – 320 p.

27. Van Ness D., Strong K.H. Restoring Justice: An Introduction to Restorative Justice. 5th ed. – New York: Routledge, 2015. – 256 p.

28. Walgrave L. Restorative Justice, Self-Interest and Responsible Citizenship. – Cullompton: Willan Publishing, 2008. – 240 p.

29. Johnstone G. Restorative Justice: Ideas, Values, Debates. 2nd ed. – London; New York: Routledge, 2011. – 196 p.

30. Strang H. Repair or Revenge: Victims and Restorative Justice. – Oxford: Clarendon Press, 2002. – 238 p.

31. McCold P., Wachtel T. Restorative Justice Theory Validation // Restorative Justice: Theoretical Foundations / eds. E. Weitekamp, H.J. Kerner. – Cullompton: Willan Publishing, 2002. – 110-142 p.

32. Гальперин И.М. Наказание: социальные функции, практика применения. – М.: Юридическая литература, 1983. – 208 с.

33. Марцев А.И. Диалектика и вопросы теории уголовного права. – Омск: ВШМ МВД СССР, 1990. – 128 с.

34. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. 4-е изд. – М.: Дело, 2011. – 528 с.

Табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида «дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ»

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида ҳамчун яке аз муҳимтарин ва муосиртарин асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир бахшида шудааст. Дар

шароити рушди сиёсати ҷиноятии инсондустона ва тамоюли афзоиши истифодаи механизмҳои алтернативии ҳалли муноқишаҳои ҷиноятӣ, масъалаи табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва ҷойгоҳи ин институт аҳаммияти хосси назариявӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Дар мақола таҳлили амиқи мафҳум, мазмун ва хусусиятҳои ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдида баррасӣ гардида, нишон дода мешавад, ки ин институт падидаи як соҳа набуда, балки дорои табиати мураккаб, комплексӣ ва байнисоҳавӣ мебошад. Он ҳамзамон унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ (асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ), ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ (тартиби татбиқ ва қабули қарор), инчунин унсурҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва криминологиро дар бар мегирад. Маҳз ҳамин хусусияти бисёрҷанбаи он боиси гуногун будани мавқеъҳои илмӣ нисбат ба табиати ҳуқуқии ин институт гардидааст. Дар раванди таҳқиқ мавқеъҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла намояндагони назарияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ (А.В. Наумов, А.И. Рарог, Н.А. Лопашенко, Л.В. Головко) ва адолати барқароркунанда (Ҳ. Зер, Ҷ. Брейтуэйт, М. Умбрейт, Д. Ван Несс) таҳлил карда шудаанд. Дар асоси ин таҳлил хулоса карда мешавад, ки оштӣ шудан бо ҷабрдида на танҳо асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки ҳамчун механизми муосири барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, барқарор намудани муносибатҳои вайроншуда ва таъмини манфиатҳои ҷабрдида баромад мекунад. Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф кӯшиш намудааст табиати ҳуқуқии оштӣ шудан бо ҷабрдидаро ҳамчун институти комплексӣ ва байнисоҳавӣ асоснок намуда, мавқеи онро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он барои такмили қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурӣ, беҳтар намудани амалияи татбиқи институти оштӣ шудан бо ҷабрдида ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ифода меёбад.

Калидвожаҳо: оштӣ шудан бо ҷабрдида, ҷавобгарии ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷавобгарӣ, адолати барқароркунанда, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷабрдида, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷуброни зарар, миёнаравӣ, низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Правовая природа примирения с потерпевшим «в современном уголовном праве: теоретико-правовой анализ»

Статья посвящена всестороннему теоретико-правовому анализу института примирения с потерпевшим как одного из современных и наиболее гуманистических оснований освобождения от уголовной ответственности. В работе исследуются сущность, правовая природа и место данного института в системе мер уголовно-правового реагирования. Особое внимание уделяется его комплексному характеру, включающему нормы уголовного, уголовно-процессуального права, а также социально-этические и криминологические элементы. Автор обосновывает, что примирение с потерпевшим следует рассматривать не только как юридический механизм прекращения уголовного преследования, но и как важный инструмент восстановительного правосудия, направленный на компенсацию причинённого вреда, восстановление нарушенных общественных отношений и защиту интересов потерпевшего. Анализируются взгляды ведущих учёных - А.В. Наумова, А.И. Рарога, Н.А.

Лопашенко, Л.В. Головко, а также зарубежных исследователей в области восстановительного правосудия: Г. Зера, Дж. Брейтуэйта, М. Умбрейта, Д. Ван Несса. Подчёркивается, что примирение с потерпевшим занимает самостоятельное и альтернативное место в системе уголовно-правовых мер реагирования, не относясь к наказанию, а выступая проявлением гуманизации уголовной политики.

Ключевые слова: примирение с потерпевшим, уголовная ответственность, освобождение от ответственности, восстановительное правосудие, уголовное право, потерпевший, уголовная политика, медиация, компенсация вреда.

The legal nature of reconciliation with the victim «in modern criminal law: a theoretical and legal analysis»

This article provides a comprehensive theoretical and legal analysis of reconciliation with the victim as one of the most significant and humanistic modern grounds for exemption from criminal liability. It examines the essence, legal nature, and systemic position of this institution within the framework of criminal law response measures. Special attention is devoted to its complex, inter-sectoral character, which incorporates elements of substantive criminal law, criminal procedural law, as well as socio-ethical and criminological dimensions. The author argues that reconciliation with the victim should not be regarded merely as a procedural mechanism for terminating criminal prosecution, but rather as an essential instrument of restorative justice aimed at compensating harm, restoring violated social relations, and protecting victim interests. The article critically analyses the scholarly positions of leading criminal law theorists — A.V. Naumov, A.I. Rarog, N.A. Lopashenko, L.V. Golovko — as well as seminal contributions from the restorative justice tradition: Howard Zehr, John Braithwaite, Mark Umbreit, and Daniel Van Ness. It is emphasised that the institution occupies an independent and alternative position in the system of criminal law responses, reflecting the humanisation of criminal policy. The scientific novelty of the study lies in the systematic characterisation of the complex, inter-branch nature of reconciliation with the victim and its conceptual justification as an independent form of criminal law response to crime. The practical significance of the research is reflected in its potential application to improve criminal legislation and law enforcement practice in the Republic of Tajikistan.

Keywords: reconciliation with victim, criminal liability, exemption from liability, restorative justice, criminal law, victim, criminal policy, mediation, compensation for harm.

Насриддинзода Илоҳиҷон Сафар, Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯ. Тел: 937060222. E-mail: nasridinzodai@mail.ru

Насриддинзода Илохиджон Сафар, Институт государства и права Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. Тел: +992937060222. E-mail: nasridinzodai@mail.ru

Nasriddinzoda Ilohijon Safar, Institute of State and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan. Research. Tel.: +992937060222. E-mail: nasridinzodai@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

МАСЪАЛАИ ФАРҚ КАРДАНИ РЕТСИДИВИ ҶИНОЯТ АЗ ДИГАР ШАКЛҲОИ СЕРШУМОРАГИИ ҶИНОЯТҲО

Сафарзода Н.Н.
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ

Муқаддима. Ретсидиви ҷиноят дар баробари такрори ҷиноят ва маҷмуи ҷиноят яке аз шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. «Сершуморагии ҷиноятҳо, – қайд мекунад В.Н. Кудрявтсев бо он хосанд, ки ҳама кирдори содиркардаи як шахсро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба якчанд кирдори мустақили ҷиноятӣ тақсим кардан мумкин аст» [1]. В.И Пинчук чунин мешуморад, ки сершумории ҷиноятҳо аз ҷониби як шахс содир кардани ду ва ё зиёда ҷиноятҳое мебошанд, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ як ҷинояти мустақил мебошанд [2].

Сершуморагии ҷиноятҳо ба андешаи Р.Х. Рахимзода ин аз ҷониби як шахс содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое, ки ҳар кадоми онҳо тамоми аломатҳои ду ё зиёда таркиби ҷиноятро доро мебошанд.

Сершуморагии ҷиноятҳо дорои чунин аломатҳо аст:

1. Як шахс якчанд кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро содир мекунад. Чунин шахс бояд мукаллаф бошад, ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошад, яъне ба аломатҳои субъекти ҷиноят ҷавобгӯ бошад;
2. Кирдорҳое, ки аз ҷониби шахс содир карда мешаванд, бояд тибқи КҶ ҶТ ҷиноят эътироф шуда бошанд;
3. Ҳар як кирдори содиршуда бояд аломатҳои ҷинояти мус- тақилро дар бар гирад;
4. Ҷинояте, ки ба сершумории ҷиноятҳо дохил мешавад, бояд эътибори ҳуқуқии ҷиноятии худро гум накарда бошад [3].

Муаллифони дигар низ содир намудани зиёда аз як ҷиноятро аз ҷониби як шахс ҳамчун аломати зарурии сершумории ҷиноятҳо нишон медиҳанд [4].

Аз ин таърифҳо маълум мешавад, ки мафҳумҳои ретсидив ва сершумории ҷиноят ба ҳам наздиканд, зеро ҳарду ҳолатҳои аз ҷониби як шахс содир кардани якчанд ҷиноятро фаро мегиранд. Аммо азбаски мафҳуми ретсидиви ҷиноят метавонад танҳо ҷиноятҳои аз ҳам ҷудогонаи як давраи муайяни вақтро дар бар гирад, мафҳуми сершуморагӣ нисбат ба мафҳуми ретсидив васеътар аст (ретсидиви ҷиноят яке аз шаклҳои зуҳури сершуморагии ҷиноятҳо мебошад).

Сарфи назар аз он, ки ниҳоди сершуморагӣ дар қонуни ҷории ҷиноятӣ рушди мусбат пайдо кард, он аз баъзе камбудиҳо, ки тавассути муқоисаи гуногунии сершумории ҷиноятҳо бо ҳамдигар ва бо дигар меъёрҳои КҶ ошкор карда мешаванд, холӣ нест.

Дар баробари ретсидиви ҷиноят, КҶ ҶТ ба шаклҳои дигари сершумории ҷиноятҳо ба монанди такрори ҷиноят ва маҷмуи ҷиноят ишора мекунад. Дар ин ҷо мо дар мавриди ретсидиви ҷиноят ҳамчун яке аз шаклҳои сершумории ҷиноятҳо истода ва аз дигар шаклҳои сершуморагии чиноят бо чӣ хусусиятҳо фарқ доштанашро баррасӣ мекунем.

Кодекси ҷиноятии соли 1998 бори аввал нисбати сершуморагии ҷиноятҳо мақоми институти мустақили ҳуқуқи ҷиноятиро мустаҳакам намуд.

Бори аввал дар ин кодекс мафҳумҳои такрори ҷиноят, маҷмуъ ва ретсидиви ҷиноят пайдо шуданд.

Ҳангоми муқоисаи таърифҳои гуногуни ретсидиви ҷиноят як аломати умумиро пайдо кардан мумкин аст: мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятии ретсидив бо мавҷудияти доғи судӣ, яъне пеш аз ҳама, бо баровардани ҳукми суд барои як ё якчанд ҷинояти қаблан содиршуда алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ретсидив, аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ, танҳо вақте содир мешавад, ки ҷинояти нав пас аз баровардани ҳукми қаблӣ анҷом шуда бошад. Танҳо чунин намуди сершумории ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ретсидивро ташкил медиҳад ва имкон медиҳад, ки ин категория аз мафҳуми маҷмуи ҷиноятҳо ва такрори ҷиноят ҷудо карда шавад. Монандии такрори ҷиноят, маҷмуъ ва ретсидиви ҷиноят дар он аст, ки дар ҳар кадоми ин ҳолатҳо сухан дар бораи якчанд ҷиноятҳое меравад, ки як шахс дар замонҳои гуногун содир кардааст (ба истиснои маҷмуи идеалӣ- қ. 2 м. 20 КҶ ҶТ). Аммо бо назардошти нишонаҳои дигар такрори ҷиноят, маҷмуъ ва ретсидиви ҷиноят ба таври назаррас фарқ мекунанд ва дар айни ҳол фарқи байни маҷмуъ ва ретсидиви ҷиноят назар ба фарқи такрори ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят равшантар аст.

Ретсидив аз маҷмуи ҷиноятҳо бо мушаххасоти зеринаш фарқ мекунанд. Якум, танҳо ҷиноятҳои қасдона, ки дар замонҳои мухталиф содир шудаанд, метавонанд ретсидив дониста шаванд, вале маҷмуи ҷиноятҳо ҳам аз ҳисоби ҷиноятҳои қасдан ва ҳам дар ҳолати беэҳтиётӣ содиршуда новобаста аз пайдарпаии онҳо ба вуҷуд меояд. Дувум, яке аз нишонаҳои муҳими ретсидив дар он аст, ки шахс ҳангоми содир намудани ҷинояти нав барои ҷинояти қаблан анҷом додааш доғи судӣ дорад. Маҷмуи ҷиноятҳо, баръакс, мутобиқи қ.1 м.20 КҶ ҶТ «содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст, эътироф мешавад». Савум, маҷмуи ҷиноятҳо танҳо як оқибати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад - м. 67 КҶ ҶТ тартиби махсуси таъини ҷазоро ба ҷинояткор муқаррар мекунад. Аммо дар мавриди ретсидив чунин оқибатҳо зиёданд. Масалан, 1) ҳолате ба ҳисоб меравад,ки барои муайян намудани колонияи ислоҳӣ ба маҳкумшуда ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъсир мерасонад (б.б.»г»,»д» қ.5 м.58 КҶ ҶТ);

2) ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ҳисоб мешавад (б.»а» қ.1 м.62 КҶ ҶТ);

3)асоси таъини ҷазо аз руи қоидаҳои м.66 КҶ ҶТ мегардад[5].

Моддаи 19 КҶ ҶТ мафҳуми зерини такрори ҷиноятҳоро дар бар мегирад:

1) Такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст.

2) Содир кардани ду ва ё зиёда аз он ҷинояти дар моддаҳои мухталифи ҳамин Кодекс пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳое такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс зикр гардида бошад.

Аз ин таъриф бармеояд, ки барои эътироф кардани такрори ҷиноятҳо мавҷуд будани ҷиноятҳои монанд ё якхела шарт аст.

Дар асоси таърифи додашуда зери мафҳуми ҷиноятҳои монанд ҷиноятҳое фаҳмида мешаванд, ки дар ҳамон як моддаи КҶ ҶТ (таркиби ҷиноят бе ҳолатҳои вазнинкунанда) ё қисми моддаи КҶ ҶТ (таркиби ҷиноят бо ҳолатҳои вазнинкунанда) пешбинӣ шудаанд. Чунин ҷиноятҳо аз руи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ ба ҳам рост меоянд. Масалан, ду бор содир кардани дуздӣ, такрори ҷиноят ҳисобида шуда, ҳар ду аз руи дар қ.2 м. 244 КҶ ҶТ банду баст карда мешавад.

Ҷиноятҳое, ки ба объектҳои якхела равона шуда, бо ҳамон як шакли гуноҳ содир шудаанд, ҷиноятҳои якхела дониста мешаванд. Онҳо аз тарафи объективӣ фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, ба ҷуз аз ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ қайд карда шудаанд, дигар ҷиноятҳои якхела такрори ҷиноят ҳисобида намешаванд. Масалан, мувофиқи эзоҳи 3 ба м. 244 КҶ ҶТ: таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 244-251, 254 ва 257 ҳамин Кодекс ҷинояте дар назар дошта шудааст, ки агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 ҳамин Кодекс пешбинишуда, содир шуда бошад.

Мутобиқи қ.3 м.19 КҶ ҶТ «ҷиноят такрорӣ эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд ё доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо барҳам хӯрда ё бардошта шудааст».

Ю.И. Битко дар мавриди нишонаҳои асосии такрори ҷиноят сухан карда, се намуди онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад. Намуди якум бо он хос аст, ки шахс дар вақтҳои алоҳида ду ва ё зиёда ҷиноятҳои дар як модда ё қисми модда пешбинишударо бе он ки ба ҳеҷ яке аз онҳо маҳкум шуда бошад содир мекунад. Ин намуди такрориро метавонанд, танҳо ҷиноятҳои монанд ташкил диҳад, ки қоидаи дар қ.4 м. 19 КҶ ҶТ овардашуда танҳо ба чунин ҳолатҳо дахл дорад[6]: дар мавриде, ки такрори ҷиноятро ҳамин Кодекс ба сифати ҳолатҳое пешбинӣ менамояд, ки барои он ҷазои нисбатан сахтарро пешбинӣ кардааст, ҷинояти аз тарафи шахс содиргардида мутобиқи қисми дахлдори моддаи ҳамин Кодекс, ки ҷазоро барои такрори ҷиноят пешбинӣ менамояд, банду баст карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар асоси надоштани доғи судӣ барои ҷинояти аввал, ин намуди такрорӣ аз ретсидиви ҷиноят фарқ мекунад.

Намуди дигари такрорӣ содир намудани якчанд ҷиноятро дар бар мегирад, ки дар моддаҳои гуногуни Қисми махсуси КҶ пешбинӣ шудаанд.

Якум, такрорӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар баъзе ҷиноятҳо ба муқобили шахсият пешбинӣ шудааст. Масалан, расонидани зарари миёна ба саломатӣ аз ҷониби шахси қаблан содирнамудани ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё одамкушии пешбининамудаи м.м.104 ва 110 КҶ (б. «ж» қ. 2 м. 111 КҶ); таҷовуз ба номус аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷинояти пешбининамудаи м.139 КҶ ҶТ-ро содир кардааст (б. «а», қ.2 м. 138 КҶ) ва ғайра. Дар ин ҳолат такрори ҷиноятро ду ва ё зиёда ҷиноятҳои қасдона содиркардаи пай дар пай, ки шахс барои ҳеҷ кадоми онҳо маҳкум нашудааст, ташкил медиҳанд. Ин ҷо сухан дар бораи такрори махсуси ҷиноятҳои якхела меравад. Гузашта аз ин, якхелагии онҳо дар баъзе ҳолатҳо дар асоси монандии объекти таҷовуз

муқаррар карда мешавад (б. «ж» қ. 2 м. 111 КҶ дар ҳолатҳои дигар - дар асоси монандии ангеза (б. «а», қ. 2, м. 138 КҶ).

Дувум, ҳолатҳои такрорӣ, инчунин метавонанд дар мавридҳое ҷой дошта бошанд, ки ҷиноятҳои якум ва дувум аз рӯйи беэҳтиётӣ содир шудаанд, ё якум аз рӯйи беэҳтиётиву дуввум қасдан ва ё баръакс ба вуҷуд доштани доғи судӣ барои ҷинояти аввал анҷом дода шуда бошанд. Ин омезиши ҷиноятҳо на маҷмуи ҷиноятҳо ҳисобида мешавад ва на ретсидиви ҷиноят, зеро ки дар мавриди аввал доғи судӣ вуҷуд дорад, дар мавриди дигарӣ яке аз ҷиноятҳо аз беэҳтиётӣ содир шудааст. Ин намуди такрорӣ дар ягон моддаи Қисми махсуси КҶ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда нишон дода нашудааст. Аз ин рӯ, он метавонад ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ба назар гирифта шавад.

Савум, ба такрорӣ, инчунин ҳолатҳои такроран содир намудани ҷиноятро бо шакли дилхоҳи гуноҳ , аз ҷониби шахси дар синни ноболиғи доғи судӣ доштаро дохил намудан мумкин аст, зеро мутобиқи қ.4 м.21 КҶ ҶТ ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ба назар гирифта намешавад.

Мавҷудияти доғи судӣ барои яке аз ҷиноятҳо маҷмуи ҷиноятҳо ва синну соли ноболиғи ҷинояткор ретсидивро истисно мекунанд. Ин омезиши ҷиноятҳо метавонад ҳамчун як ҳолати вазнинкунандаи баъзе таркибҳо ва ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад намояд. Масалан, ҷинояткор бори аввал ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобилро дар синни 16-солагӣ содир мекунад ва бори дуюм ҳамон ҷиноятро бо доғи судӣ дар синни 19-солагӣ. Дар ин ҳолат, ҷинояти такрорӣ бояд тибқи б. «а» қ. 2 м. 252 КҶ дар асоси аломати такрорӣ банду баст карда шавад. Азбаски ин ҳолати такрори ҷиноят ретсидив нест, қоидаҳои қ. 2 м. 66 КҶ ҶТ ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта намешаванд. Ҳамзамон чунин омезиши ҷиноятҳо судро вазифадор менамояд, ки нисбат ба ҷинояткори калонсол қоидаҳои қ. 2 м. 66 КҶ ҶТ дар бораи андозаи ҳадди ақали имконпазири ҷазо ба назар гирад, зеро дар ин ҳолат такрорӣ ҳамчун аломати банду басткунанда ҳамзамон ретсидив дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили КҶ ҶТ, метавон чор шартро ҷудо намуд, ки ҳангоми онҳо такрорӣ ҷиноят ҳамзамон ҳамчун ретсидив баҳо дода мешавад. Якум, дар вақти содир шудани ҷинояти аввал ҷинояткор бояд ба балоғат расида бошад. Шарти дувум қасдона содир кардани ҳар ду ҷиноят аст. Шарти савум ин аст, ки бояд доғи судӣ барои ҷинояти қаблӣ бекор ё бардошта нашуда бошад. Чорум, ин намуди такрорӣ дар дар моддаи қисми махсуси КҶ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят номбар шудааст.

Чунин ба назар мерасад, ки ин равиши қонунгузор бар хилофи принсипи адолат мебошад, зеро дар ин ҳолат ҳисобкунии дукаратаи доғи судӣ ба назар мерасад (такрорӣ, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят ва таъини ҷазо бо назардошти ретсидив)[7].

Ғайр аз ин, дар чунин тақсимоти сершуморагӣ ба намудҳо, рақобати онҳо аён аст. Аён аст, ки ретсидив дар ҳолати такрорӣ, масалан, вақте ки таҷовуз ба номус аз ҷониби шахсе содир карда шавад, ки барои ҳамин ҷиноят доғи судӣ дорад, мумкин аст ҷой дошта бошад.. Ин то куҷо асоснок аст? Чун ки дар ин ҳолат мо бо ду аломати вазнинкунанда рӯ ба рӯ мешавем: такрорӣ ва ретсидиви

махсус, ки бешубҳа, хатари иҷтимоии шахси содиркунандаи ин ҷиноятҳоро меафзояд. Ҳамин тариқ, такрорӣ ҷиноятҳо ретсидиви махсуси онҳоро дар фурӯ мебарад. Бо чунин ҳалли масъала розӣ шудан имконнопазир аст, зеро дар ин ҳолатҳо оқибатҳои ҳуқуқӣ ҳам нисбати шахси қаблан маҳкумшуда ва ҳам онҳое, ки пештар доғи судӣ надоштаанд, яксон хоҳад буд. В.И.Ткаченко ҳам ба нокомии чунин тарҳи масъала диққат додааст[8].

Эҳтимол, дар як вақт пурра истифода бурдани ҳам ҳолати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят дар намуди такрорӣ ва ҳам қоидаи таъини ҷазо ҳангоми ретсидив мумкин набошад, аммо омезиши муайяни байниҳамдигарии онҳо имконпазир аст.

Масалан, А.В. Василевский пешниҳод менамояд, ки дар чунин ҳолатҳо ҳадди ақали ҷазо барои таркиби ҷиноят бо ҳолатҳои вазнинкунанда дар сурати ретсидиви махсус тибқи қоидаҳои қ. 2 м. 68 КҶ ФР (қ.2 м.66 КҶ ҶТ) муайян гардида, аммо ҷазо мувофиқи санксияи қ. 1 моддаи чунин ҷиноят муайян карда шаванд[9]. Шояд ин вазъ дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахси гунаҳгорро пурратар ба назар мегирад.

Дар адабиёт нуктаи назари дигар ҳам дар бобати ин масъала баён шудааст. Чунонки муаллифони яке аз китобҳои дарсӣ Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ менависанд: «Мувофиқи м.м.158, 159, 162, 163, 221, 226 КҶ такрорӣ ва ретсидив ҳамчун аломатҳои мустақил ва нобаробари ҷинояти дахлдор эътироф карда мешаванд. Аммо дар м.63 бошад ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо дониста мешаванд. Ин аст, ки такрорӣ дар асоси меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ва м. 63 КҶ, такрориеро дар назар дорад, ки бо маҳкушавӣ робита надорад «[11].

Ин хулоса хилофи қ. 3 м. 19 КҶ ҶТ мебошад. Аз муқаррароти ин меъёр аслан барнамеояд, ки такрорӣ маънои танҳо ҳолатҳои аз ҷониби шахси қаблан маҳкумшуда содир кардани ҷиноятро дорад ва ба ин маъно, м. 19 м. 21 КҶ ҶТ такрор мекунад. Қисми 3 м.19 КҶ ҶТ танҳо ба он ишора месозад,ки такрори ҷиноят ҳам дар мавриди ҷой доштани доғи судӣ ва ҳам бе мавҷуд будани он ҷой дошта метавонад.

Аз ин рӯ, ба мафҳуми такрорӣ ислоҳ даровардан лозим меояд. Ин пешниҳодро баъзе муаллифон борҳо изҳор кардаанд. Масалан, В.Ф. Шевченко пешниҳод мекунад, ки танҳо ҳолатҳои такроран содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки доғи судӣ надорад, такрорӣ эътироф карда шаванд. Мавҷудияти доғи судии қаблии шахсе, ки такроран ҷиноят содир кардааст, бояд ҳамчун ҳолати мустақили вазнинкунанда баррасӣ карда шавад[12]. В.П. Малков ва Х.А. Тимершин пешниҳод мекунанд, ки такроран содир шудани ду ва ё зиёда ҷиноятҳои дар ҳамон моддаи қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо, ки барои ҳеҷ кадоми онҳо шахс маҳкум карда нашудааст, такрорӣ эътироф шаванд[13]. Ба андешаи мо, содир шудани ду ва ё зиёда ҷиноятҳои монанд, яъне ҷиноятҳои дар як модда ё қисми модда пешбинишударо бояд такрорӣ ҳисобид. Агар такрори ҷиноятҳои монанд бо мавҷудияти доғи судии қаблӣ алоқаманд бошад, он гоҳ чунин далел бояд ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо, бе назардошти қоидаҳои таъини ҷазо ҳангоми ретсидив ба ҳисоб гирифта шавад, инчунин танҳо дар ҳолате, ки агар такрорӣ ба сифати ҳолати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят пешбинӣ нашуда бошад.

Чунин тафсири такрорӣ дар ниҳоят имкон фароҳам меорад, ки ҳар се шакли сершумории чиноятҳоро аз якдигар комилан возеҳ ва бечунучаро фарқ кунанд.

Таҳиягарони Кодекси ҷиноятии Амсилавӣ барои давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил[14], ки онҳоро профессор Б.В. Волженкин дастгирӣ менамояд[15], пешниҳод карданд, ки аз истифодаи такрорӣ ва доғи судӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар моддаҳои Қисми махсус бо ба маҷмуи ҷиноятҳо дохил намудани ҷиноятҳои монанд ва якхела даст кашид.

Албатта, нишон додани доғи судӣ, такрори ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунадаи таркиби ҷиноятҳои мушаххас дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ принсипи адолатро халалдор месозад, яъне доғи судӣ ҳамчун ҷавобгарии дубораи шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш, ки аллакай нисбати он ҷазо дода шудааст, баррасӣ мегардад.

Ҳамин тавр:

1. Ретсидиви ҳамчун яке аз намудҳои сершумории ҷиноятҳо бо дигар намудҳои он зич алоқаманд аст ва дар баъзе ҳолатҳо рақобати онҳо мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, таърифи возеҳи онҳо барои фарқ кардани ретсидив аз дигар намудҳои сершумории ҷиноятҳо зарур аст.

2. Аз ҳам ҷудо сохтани ретсидив ва маҷмуъ ҳамчун намудҳои сершуморӣ ба як критерия асос ёфтааст: далели қаблан маҳкумшудан (маҳкум шудааст - ретсидив, маҳкум нашудааст – маҷмуи ҷиноятҳо). Асоси муайян кардани такрорӣ критерияи дигар - монанд ё якхелагии ҷиноятҳо мебошад. Дар ин ҳолат мафҳумҳои такрорӣ ва маҷмуъ, аз як тараф ва такрорӣ ва ретсидив аз тарафи дигар, якдигарро такрор мекунанд.

3. Ретсидив аз такрорӣ бо моҳияти иҷтимоии худ фарқ мекунад, зеро ин шакли хавфноктари кирдори ҷиноятӣ мебошад. Бархурди ин мафҳумҳо ҳангоми содир кардани ҷиноятҳои монанд ё кирдорҳои дар қонуни ҷиноятӣ махсус пешбинишуда мушоҳида карда мешавад.

4. Барои рафъи бархӯрд байни такрорӣ ва ретсидиви ҷиноятҳо, тағйир додани мафҳуми такрорӣ зарур ба назар мерасад. Содир кардани ду ва ё зиёда ҷиноятҳои ҳаммонанд, яъне ҷиноятҳои пешбининамудаи як модда ё қисми модда, дар сурати надоштани доғи судӣ барои яке аз онҳо, бояд такрорӣ ҳисобида шаванд.

Адабиёт

1. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. - М., 1999. - С. 242.
2. Пинчук В.И. Множественность преступлений: Учебное пособие. - СПб, 1999. - С. 3.
3. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. Душанбе,2019. -С.299.С.299-300.
4. Малков В.П. Множественность преступлений по советскому уголовному праву: дисс…д-ра юрид. наук. Казань, 1974. -С.12-13; Коротких Н.Н.Теоретические и прикладные проблемы учения о множественности

преступлений: уголовно-правовое и уголовно-исполнительное исследование: дисс...канд.юрид.наук. Владивосток,2016.-С.49.

5. Становский М.Н. Назначение наказания.-Спб, Сант-Петербург,1999. -С.305.
6. Бытко Ю.И. Рецидив преступлений по новому УК РФ // Правоведение. 1997. № 1.- С. 24.
7. Коротких Н.Н. Рецидив как вид множественности преступлений в российском уголовном праве:дисс...канд.юрид.наук.Владивосток,2001.-С.56.
8. Ткаченко В.И. Множественность преступлений //Уголовное право Российской Федерации: Общ. ч./ Под ред. Б.В. Здравомыслова. - М., 1999. -С. 276.
9. Василевский А.В. О дифференциации ответственности и наказания при множественности преступлений// Юридическая техника и проблемы дифференциации ответственности в уголовном праве и процессе. - Ярославль, 1999. - С. 76.
10. Уголовное право Российской Федерации: Общ. часть. / Под ред. Б.В.Здравомыслова. - С. 276.
11. Шевченко В.Ф. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика рецидивной преступности (на материалах Санкт-Петербурга): дис...канд. юрид. наук. СПб., 1998. -С. 23.
12. Малков В.П., Тимершин Х.А. Множественность преступлений: Учебное пособие. Уфа, 1995. – С. 51.
13. Правоведение. 1996. № 1.
14. Волженкин Б.В. Принцип справедливости и проблемы множественности преступлений по УК РФ // Законность. 1998. - № 12. - С. 5.

Масъалҳои фарқ кардани ретсидиви ҷиноят аз дигар шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо

Дар мақола мафҳум ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо баррасӣ гардида, фарқияти ретсидив аз дигар шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо ва масъалаҳои фарқгузорӣ намудани онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф баён менамояд, ки дар бисёр ҳолатҳо ретсидиви ҷиноят махсусан бо такрори ҷиноят омезиш меёбад, ки ин бар хилофи принсипи адолат мебошад, зеро дар ин ҳолат ҳисобкунии дукаратаи доғи судӣ ба назар мерасад (такрорӣ, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят ва таъини ҷазо бо назардошти ретсидив). Муаллиф барои бартарф намудани чунин мухолифатҳо ва такмил додани шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо хулосаҳои худро пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: ретсидиви ҷиноят, сершуморагии ҷиноятҳо, кодекси ҷиноятӣ, такрори ҷиноят, принсипи адолат, таъини ҷазо, маҷмуи ҷиноят, ҷинояти қасдона, доғи судӣ, ҳолати вазнинкунанда, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Вопросы разграничения рецидива от других форм множественности преступлений

В статье рассматриваются понятие и признаки множественности преступлений. Анализируются отличия рецидива от иных форм

множественности преступлений и проблемы их разграничения. Автор констатирует, что во некоторых случаях рецидив преступления особенно сочетается с повторностью преступления, что противоречит принципу справедливости, поскольку в этом случае имеет место двойной учет судимости (повторность как отягчающее обстоятельство состава преступления и назначения наказания с учетом рецидива). Автором делаются выводы с целью устранения подобных противоречий и совершенствования форм множественность преступлений.

Ключевые слова: рецидив преступлений, множественность преступлений, Уголовный кодекс, повторность преступлений, принцип справедливости, назначение наказания, совокупность преступлений, умышленное преступление, умышленное преступление, отягчающее обстоятельство, уголовная ответственность.

Issues of distinguishing recidivism from other forms of multiplicity of crimes

The article discusses the concept and signs of multiplicity of crimes. The differences between recidivism and other forms of multiplicity of crimes and the problems of their delimitation are analyzed. The author states that in some cases, recidivism is especially combined with repetition of the crime, which contradicts the principle of justice, since in this case there is a double counting of criminal records (repetition as an aggravating circumstance of the crime and sentencing taking into account the recidivism). The author draws conclusions in order to eliminate such contradictions and improve the forms of multiplicity of crimes.

Key words: recidivism of crimes, multiplicity of crimes, Criminal Code, repetition of crimes, principle of justice, sentencing, totality of crimes, intentional crime, intentional crime, aggravating circumstance, criminal liability.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Носир Нодирҷон – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти давлат ва ҳуқуқ, унвонҷӯ. **Тел:** +992 934 38 00 00. **Email:** safarzoda.nekruz@mail.ru

Сведания об авторе: Сафарзода Носир Нодирджон – Национальная академия наук Таджикистана, Институт государства и права, соискатель. **Тел.:** +992 934 38 00 00. **E-mail:** safarzoda.nekruz@mail.ru

Information about author: Safarzoda Nosir Nodirjon – National academy of sciences of Tajikistan, Institute of state and law, applicant **Тел.:** +992 934380000. **E-mail:** safarzoda.nekruz@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 5.5.9) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.9)

ДОПУСТИМОСТЬ ДОКАЗАТЕЛЬСТВ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ: НОРМЫ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ АКТОВ И ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ В ОСНОВНЫХ ПРАВОВЫХ СИСТЕМАХ СОВРЕМЕННОСТИ

Абдуллозода П.С., Зарифзода А.Х.
Таджикский национальный университет

Введение. Допустимость доказательств является одним из элементов доказывания, который имеет важное значение при его оценке. Сравнительный анализ данного аспекта оценки доказательств имеет не только теоретическое, но и важное практическое значение. Допустимость доказательств является существенным критерием не только в рамках национального законодательства о производстве по уголовному делу – на содержание данного понятия оказывают влияние как нормы национального уголовно-процессуального законодательства, так и нормы международно-правовых актов. На современном этапе определенное влияние на оценку допустимости доказательств оказывает соблюдение прав человека при собирании и проверке доказательств.

Многие нормы о правах человека предусмотрены международно-правовыми актами. Очевидно, что международно-правовые акты непосредственно не закрепляют положения о том, при соблюдение каких из названных прав доказательства считаются допустимыми. Тем не менее соблюдение указанных норм дает возможность говорить о том, что при собирании и проверке доказательств права человека не были нарушены.

Международно-правовые акты о правах человека носят универсальный характер для производства по уголовному делу, поскольку содержат не только положения, непосредственно связанные с уголовным процессом, но и иные положения, относящиеся к соблюдению прав человека. При этом, нормы международных договоров о правовой помощи носят специальный характер, поскольку получение доказательств на основе таких договоров возможно только при соблюдении их норм. Доказательства, которые получены в ходе реализации договора о международно-правовой помощи по уголовным делам, должны иметь юридическую силу в уголовном процессе как запрашивающего, так и запрашиваемого государства. В связи с этим, при определении юридической силы таких доказательств не последнюю роль играет оценка их допустимости как свойства доказательств.

Наряду с использованием договоров об оказании международно-правовой помощи по уголовным делам, предпринимаются попытки создания наднациональных, то есть международных уголовных судов, в том числе судов ad hoc. В настоящее время постоянно действующим является Международный уголовный суд ООН. Отношения различных национальных государств с этим судом можно оценивать по-разному. Прежде всего, необходимо отметить, что

деятельность данного Суда носит скорее политический, чем правовой характер, и наряду с непростыми отношениями Международного уголовного суда с отдельными государствами, в некоторых случаях и действия самого суда являются в большей мере политическими. Однако не следует забывать и то, что деятельность указанного Суда осуществляется в рамках специально разработанных процедур. Поэтому, при собирании доказательств для МУС, необходимо руководствоваться нормами международно-правовых актов. Действия Суда в части определения допустимости или недопустимости доказательств, имеют огромное значение, поскольку это непосредственно влияет на его итоговое решение. В базовом акте, на основании которого действует Международный уголовный суд, содержатся нормы о допустимости доказательств. В данной практике можно наблюдать смещение норм от современных правовых систем к системе международного права.

Степень разработанности темы. Требования к допустимости доказательств различаются в зависимости как от основных правовых систем мира, так и от систем права каждого национального государства. Более того, требования к допустимости доказательств различаются даже в рамках одной правовой системы и одного национального государства, в случае наличия у него федеративной структуры и наделения субъектов федерации правом принятия собственного уголовно-процессуального законодательства. Однако, вне зависимости от существующих различий, требования к допустимости доказательств должны быть схожи, по крайне мере в части оказания международно-правовой помощи, поскольку такие доказательства будут использованы при производстве по уголовному делу в другом государстве. Если в законодательстве запрашивающего и запрашиваемого государств существуют существенные различия в подходах к определению допустимости доказательств, необходимо требовать от запрашиваемого иностранного государства использования норм уголовно-процессуального закона своего государства.

Вопросы допустимости доказательств и их отдельные аспекты закреплены в таких международно-правовых актах, как, к примеру, Международный пакт о гражданских и политических правах от 16 декабря 1966 года. Часть третья статьи 14 Пакта предусматривает, что «каждый имеет право при рассмотрении любого предъявляемого ему уголовного обвинения как минимум на следующие гарантии на основе полного равенства:

...d) быть судимым в его присутствии и защищать себя лично или через посредство выбранного им самим защитника;

...g) не быть принуждаемым к даче показаний против самого себя или к признанию себя виновным» [16] и т.п.

Согласно указаным нормам к лицу не должны применяться способы физического, психологического и иного принуждения, с целью получения от него показаний против самого себя или признания вины.

Европейская конвенция по правам человека от 04 декабря 1950 года непосредственно не предусматривает нормы о допустимости доказательств, однако нормы этой Конвенции для тех государств, которые являюся ее участниками, играют определенную роль при определении допустимости

доказательсв, к примеру нормы о «запрещение пыток» (ст.3),»праве на справедливое судебное разбирательство» (ст.6-1) и др. Наряду с важностью названных норм для оценки доказательств, полученых на основе договоров о правовой помощи на территории государств, являющихся участниками данной Конвенции, такие нормы имеют значение и в тех государствах, которые участниками данной Конвенции не являются. Европейский суд по правам человека в рамках своих постановлений определил некоторые правила допустимости доказательств. По мнению некоторых авторов «именно такой подход является международным стандартом по вопросу применения доказательств, полученных с применением пыток и иного бесчеловечного обращения» [21, с.57]. С данным мнением трудно согласиться, поскольку исключительно европейские стандарды не могут служить в качестве международных стандартов допустимости доказательств.

Республика Таджикистан ратифицировал Римский статут Международного уголовного суда в 1999 году. Вопросы статуса доказательств, в том числе их допустимости, имеют особое значение в деятельности Международного уголовного суда. Здесь мы рассматриваем вопросы допустимости доказательств независимо от политического статуса данного суда, просто в качестве модели действия международного суда, который разрешает уголовно-правовое вопросы на процессуальной основе.

Часть четвертая статьи 56 Римского статута 1998 года предусмотривает, что «допустимость доказательств, сохраненных или собранных для судебного разбирательства, ... определяется в ходе судебного разбирательства ..., и они имеют такую доказательную ценность, какая может быть определена Судебной палатой». Следует отметить, что Судебное палата имеет право выносить решения о допустимости или относимости доказательств (ч.9 ст. 64) [20].

Статья 69 Римского статута под названием «Доказательства» регулирует ряд правил представления и оценки доказательств, в том числе критерии допустимости доказательств. Многие вопросы доказывания в рамках процедур МУС предусмотрены Правилами процедуры и доказывания. Соглано указаным Правилам Суд определяет относимость и допустимость доказательств. При принятии подобного решения Суд учитывает то положительное или отрицательное воздействие, которое доказательства могут оказать на справедливость судебного разбирательства.

Римский статут не только предусматривает критерии не только допустимости, но и недопустимости доказательств. Согласно части седьмой статьи 69 «Доказательства, которые получены в результате нарушения положений настоящего Статута или международно признанных прав человека, не являются допустимыми, если:

a) нарушение порождает серьезные сомнения в достоверности доказательств; или

b) допуск доказательств был бы несовместим с добросовестным проведением разбирательства и наносил бы ему серьезный ущерб».

Таким образом, одним из критериев допустимости доказательств является исполнение положений Римского статута при собирании таких доказательств и

проведении на их основе судебного разбирательства. Однако, понятия «международно признанные права человека» Римский статут не раскрывает. Данное понятие должно толковаться как права человека, которые закреплены в международно-правовых актах ООН в области прав человека.

П.П. Степанов и Г.Е. Беседин отмечают, что «на стадии разработки учредительных документов МУС делегации государств столкнулись с ... [предложением о введении принципа] исключения доказательств, полученных с нарушением прав человека. ... Однако ... в первоначальном варианте правила 63 «Общие положения, касающиеся доказательств» Правил процедуры и доказывания МУС предусматривалась другая крайность – принцип допустимости всех доказательств, предложенный некоторыми делегациями. Думается, что это последнее предложение в какой-то мере опиралось на опыт работы трибуналов ad hoc. Дело в том, что в практике МТБЮ и МТР приоритет при оценке доказательства отдавался оценке его доказательственной силы, а не допустимости. В какой-то мере это можно объяснить историческим контекстом» [25, с.472].

Нельзя согласиться с таким мнением авторов поскольку практика названных судов, в том числе Международного уголовного суда, показывает, что допустимость доказательств является одним из основных свойств доказательств. Юридическая сила доказательства определяется на основе совокупности всех его свойств. Таким образом, допустимость доказательств является неотъемлемым элементом юридической силы этих доказательств.

Следует честно признать, что зачастую допустимость доказательств не отделяют от других свойств доказательств, например таким, как достоверность. Действительно, обоснованное сомнение в достоверности доказательства может стать основой для признания такого доказательства недопустимым.

В соответствии с правилом 63 Палата имеет права «оценивать все представленные доказательства, чтобы определить их относимость или допустимость согласно статье 69». Правила процедуры и доказывания во многом ссылаются на положения Римского статута. Это показывает, что нормы Правил процедуры и доказывания не могут противоречить нормам Римского статута.

Примечательно, что Палата решает вопрос допустимости по свой инициативе или по ходатайству одной сторон по основаниям, предусмотренным в пункте 7 статьи 69 Римского статута, который закрепляет критерии недопустимости доказательств. Таким образом, если доказательство не является недопустимым, оно является допустимым.

Правило 64 закрепляет «Процедуру, связанную с относимостью и допустимостью». Согласно данному правилу «вопрос, связанный с относимостью и допустимостью, должен быть поднят в момент предъявления доказательства в Палате». В иных случаях, этот вопрос рассматривается в случае направления письменного обращения. Ходатайство, поданное в письменном виде, передается сторонам для ознакомления. В случае, если судьи не примут иное решение, представленные сведения признаются доказательствами и считаются допустимыми. Любое решение о доказательствах должно быть мотивированным, мотивы его принятия отражаются в протоколе судебного

разбирательства. Как правило, доказательства, которые являются недопустимыми или неотносимыми, Палата не рассматривает, то есть они не могут быть положены в основу принятого процессуального решения.

Необходимо отметить, что часть восьмая статьи 69 Римского статута предусматривает, что «решая вопрос о допустимости или относимости доказательств, собранных государством, Суд не должен выносить решения относительно применения национального законодательства этого государства». Здесь идет речь о доказательствах, которые получены на территории государств. Как известно, МУС не имеет определенной территории, обозначенной границами, на которой действует его юрисдикция. Поэтому, многие доказательства в рамках международного сотрудничества собирается на территории национальных государств. Часть восьмая статьи 69 Римского статута указывает на то, что если доказательства собраны на территории определённых государств, нормы закона этого государств никак не могут определять допустимость доказательств, которые получены на его территории, поскольку допустимость этих доказательств для МУС определяется на основе Римского статута и Правил процедуры и доказывания [19, с. 344].

Одним из важных вопросов в современном уголовном процессе является допустимость доказательств, полученных на территории иностранного государства. На данную тему имеется немало научных работ. Но международно-правое акты РТ, особенно международные договоры РТ о международно-правовой помощи по уголовным делам, чаще всего определяют возможности использования доказательств, которые получены в рамках оказания такой помощи. Например, статья 65 Кишинёвской конвенции о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам от 7 октября 2002 г. предусматривает, что «доказательства, полученные в запрашиваемой Договаривающейся Стороне в результате исполнения поручения в соответствии с ее законодательством, имеют такое же доказательственное значение и в запрашивающей Договаривающейся Стороне».

Здесь речь идет не только о допустимости доказательств, полученных на территории иностранного государства, но и о правовом значении таких доказательств.

Двусторонние договоры РТ по вопросам международно-правовой помощи непосредственно не предусматривают критерии допустимости доказательств, полученных на территории иностранного государств. Примером таких договоров могут служить: Соглашение между РТ и Турецкой Республикой о правовом сотрудничестве в области гражданских, торговых и уголовных отношений от 6 мая 1996 г. [24]; Договор между РТ и Китайской Народной Республикой о правовой помощи по гражданским и уголовным делам от 16 сентября 1996 г. [9]; Договор между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой об оказании взаимной правовой помощи по гражданским, семейным и уголовным делам 6 мая 1998 г.; Договор между РТ и Республикой Индия о взаимной правовой помощи по уголовным делам 10 мая 2001 г. [10]; Соглашение между РТ и Объединенными Арабскими Эмиратами об оказании взаимной помощи по уголовным делам 9 апреля 2007 г. [23]; Соглашение между

РТ и Исламской Республикой Иран о взаимной правовой помощи по уголовным вопросам от 30 мая 2022 г. [22]; Договор между Правительством РТ и Правительством Малайзии о взаимной правовой помощи по уголовным делам от 7 мая 2024 г. и др. Однако в каждом договоре закреплены свои требования к документам, которые Запрашивающая сторона получает по результатам исполнения запроса. Такие документы должны иметь как минимум подпись и печать, а в некоторых новых договорах даже предусмотрена возможность использования цифровой или электронной подписи. Несоблюдение норм международно-правовых актов, признанных Республикой Таджикистан, приведёт к недопустимости доказательств, полученных на её территории. При этом, однако, все доказательства, полученные на территории иностранного государства, проверяются и оцениваются на основе законодательства Республики Таджикистан. Доказательства, полученные на территории иностранного государства, по своему доказательственному значению и по юридической силе равноправны или равносильны доказательствам, полученным на территории Республика Таджикистан [1].

Требования о допустимости доказательств в рамках различных правовых систем отличаются от начального требования к доказательствам. В качестве примера можно привести как различную правовую регламентацию данного вопроса, так и различия в процедуре, такие как возможность признания доказательства недопустимым в ходе досудебного производства в континентальной правовой системе, и признание сведений в качестве доказательств только в ходе судебной стадии процесса в странах общего права.

В качестве общей черты допустимости доказательств в разных правовых системах можно назвать признание допустимости доказательства одним из элементов доказательства. Даже в исламском уголовном процессе доказательства обладают подобным свойством. На примере уголовного процесса Исламской республики Иран П. Гусейнова указывает: «важнейшим правом обвиняемого является право не быть обвиненным или осужденным на основе недопустимых доказательств. Оно вытекает из целого ряда уголовно-правовых норм, устанавливающих условия допустимости доказательств... Согласно ст. 175 УК 2013 года, если требования к показанию отдельного лица установлены исламскими нормами, то такое показание является действительным и имеет для суда предустановленную силу, вне зависимости от убеждения (знания) судьи. Разумеется, это не означает невозможность опровержения таких доказательств (при наличии сомнений) путем дальнейшего расследования (ст. 171 УК 2013 года, ст. 389 УПК 2014 года)» [8, с. 101].

Методы исследования. В рамках англо-американской правовой системы имеется чёткое представление о допустимости доказательств, но требований к допустимости доказательств не так много, так как это имеет свои исторические корни, особенно в Англии. Как отмечает К.Ф. Гуценко, «исторически доказательственное право никогда не рассматривалось здесь как инструмент обеспечения прав личности. Его основная цель усматривалась в создании таких правил доказывания, которые позволяли бы устранить из процесса или не допустить в процесс сомнительные доказательства. Если доказательство, с точки

зрения английского судьи, не вызывает сомнения (пусть даже оно получено с нарушением процедуры) и способно выполнить свою процессуальную миссию, связанную с выяснением обстоятельств дела для постановления справедливого приговора, то нет никаких причин отказываться от такого доказательства».

Доказательственное право несомненно оказывает влияние на различные элементы доказательств, особенно на допустимость. По мнению И.В. Ерпылёва, вопрос о допустимости доказательств для стран англо-американской правовой системы «чаще всего является межпроцессуальным, при этом, вопросы допустимости рассматриваются в отдельных кодифицированных актах, не зависящих от собственно процессуальных законов, тогда как в странах романо-германской системы существуют отдельные правила о допустимости доказательств для каждой процессуальной отрасли, интегрированные в процессуальные кодексы» [11, с. 11].

Необходимо отметить, что свойства доказательств также различаются в рамках каждой правовой системы. Это зависит от того, настолько формализировано доказательственное право. Если все вопросы регулирования доказательств регламентированы в рамках закона, естественно требования к допустимости расширяются. Но если не существует такой обстоятельной регламентации, требования к допустимости не расширяются, и наряду с этим в качестве главного свойства доказательств выступают другие его свойства, что можно наблюдать в английском уголовном судопроизводстве.

К.Ф. Гуценко пишет: «В соответствии с преобладающей английской трактовкой ключевыми свойствами доказательства признаются не его допустимость (в континентальном понимании смысла этого слова), а относимость и достоверность. Проверка этих свойств, особенно достоверности, как известно, сопряжена с большими трудностями, чем проверка допустимости. Обеспечить ее с помощью каких-то зафиксированных в правовых нормах априорных критериев крайне сложно, поскольку достоверность доказательства зависит от обстоятельств дела, от его оценки в совокупности с другими доказательствами…».

Как отмечает М.Л. Верещагина, «многие английские правила допустимости доказательств являются «неписаными», хотя и существуют Закон о доказательствах 1853 года и Закон о доказательствах в уголовном процессе 1898 года. Как правило, правила допустимости доказательств созданы для применения их юристами-профессионалами и для ограждения тех, кто рассматривает уголовное дело по существу, от влияния недопустимых доказательств» [6, с. 36].

Другими словами, в английском уголовном судопроизводстве, существенное значение имеют те свойства доказательств, которые позволяют с их помощью раскрывать обстоятельства, имеющие значение для уголовного дела. Если компетентный орган или лицо нарушили отдельные нормы материального закона или надлежащую процедуру, он должен ответить за такое поведение. Но, даже будучи полученным с нарушением этих правил, если доказательство не утратило свойство раскрытия обстоятельств по делу, это доказательство используется. В широком понимании, подобные доказательства

используются и в континентальной правовой системе, только не в рамках расследуемого уголовного дела, в котором они были получены, а в рамках дела в отношении компетентного лица, которое получило доказательства с нарушением закона, тем самым совершив правонарушение.

В США вопросы допустимости доказательств регламентируют Федеральные правила о доказательствах Соединенных Штатов Америки. Согласно Правилу 402 «Все относимые доказательства являются допустимыми, если иное не предусмотрено Конституцией США, актами Конгресса, настоящими правилами или предписаниями Верховного Суда США, вынесенными в соответствии с его нормотворческой компетенцией. Неотносимое доказательство является недопустимым» [29].

Из приведенной выше нормы вытекает, что допустимость доказательства зависит от его относимости. Наряду с этим, рассматриваемая норма ограничивается формализированность доказательства и требование, которое предусмотрено Конституцией США, актами Конгресса, настоящими правилами др. надо имеет ввиду правила предусматривает, что: «Не относимое доказательство является недопустимым». Не надо примешивать, что не относимое доказательства будить недопустимое доказательства. Если не имеет значение сведение к делу относимость таких доказательств станет неодносимими доказательства. Естественно, не относимое доказательство является недопустимым то иск не имеют юридическое сила.

Белозерова И.И., Вилисов Ю.Н., и Дубова А.С. отмечают, что «для каждого из видов доказательств установлены свои правила определения допустимости. Необходимо учитывать насколько действительны определенные виды доказательств, и может ли представление определенных доказательств привести судью или присяжных к поспешным выводам, которые необязательно являются действительными. Допустимы ли доказательства или нет, зависит от нескольких различных факторов, которые суд должен проанализировать. Многие предметы и заявления часто исключаются из доказательств в уголовном процессе, поскольку они считаются «недопустимыми»[3, с. 144].

Необходимо отметить, что как правило перечень источников доказательств в уголовном процессе США не приводится. Поэтому, если в законодательных нормах определен вид доказательства, в зависимости от этого определяются требования к такому доказательству, в том числе о допустимости этого доказательства.

В соответствии с Правилом 104 вопрос о допустимости доказательств разрешается судом на основании пункта b указанного Правила. Согласно данному пункту «относимость доказательств, основана на факте. Когда относимость доказательств зависит от выполнения фактического условия, суд допускает такие доказательства на основании представления достаточных данных, свидетельствующих о выполнении подобного условия».

По мнению И.И. Белозеровой, Ю.Н. Вилисова и А.С. Дубовой в уголовном процессе США «подходящие доказательства должны доказывать или опровергать важный факт в уголовном деле. Если доказательство не относится к конкретному факту, то оно недопустимо. Также доказательство должно быть

надежным, что означает достоверность источника доказательства. Это обычно относится к свидетельским показаниям. Однако, даже если доказательства сочтены судьей допустимыми, они могут быть исключены, если есть вероятность того, что они могут запутать присяжных, ввести их в заблуждение или предубеждать присяжных против обвиняемого» [3, с. 144].

Как видно из вышеизложенного, относимость доказательства играет определенную роль в признании доказательств допустимыми. Однако это не означает, что в странах англо–американской системы права, к примеру, в Англии и США, допустимость доказательств не является самостоятельным свойством доказательств. Как предусмотрено Правилом 105, «в случае если доказательство, которое является допустимым для одной стороны или для одной цели, но недопустимым для другой стороны или для другой цели, признается **допустимым,** то судья по ходатайству стороны ограничивает сферу применения такого доказательства и инструктирует об этом присяжных заседателей».

Обсуждение. Следут отметит, что даже в рамках одной правовой системы нельзя найти двух одинаковых положений о допустимости доказательства. Например, в США и Англии «… правило о недопустимости доказательств направлено не на обеспечение их достоверности, которая и так достаточно гарантирована перекрестным допросом как необходимым условием формирования каждого доказательства, а на достижение других целей: в США – это предупреждение нарушения правовых норм органами уголовного преследования, в Англии – обеспечение справедливости процедуры производства по делу» [17, с. 108].

Как правило, в континентальной системе права уголовный процесс является надлежащей процедурой для защиты прав человека. Кроме того, большинство вопросов уголовного процесса регламентирует отдельный кодификационный акт. Поэтому исполнение требований указанного акта для лиц, ведущих уголовный процесс, является обязательным. Вопросы доказательственного права также не исключены из данного утверждения. В рамках континентальной системы права объём регламентации доказательственного права в странах, входящих в данную систему, отличается.

В ФРГ УПК запрещает применение принуждения вне рамок закона, или использование других методов, которые ущемляют права человека, свободу волеизъявления для получения показаний. Отсюда вытекает, что все доказательства, полученные такими методами, являются недопустимыми. В качестве основы для данного утверждения можно привести следующую цитату: «Следствием всеобъемлющего действия явилась бы недопустимость использования в уголовном процессе доказательств, установленных на основании не подлежащих использованию показаний. Федеральный Верховный суд Германии проводит в таких случаях дифференциацию конкретных обстоятельств и вида запрета. Во всяком случае, при существенном унижении человеческого достоинства (избиение, сравнимое с пытками обращение с обвиняемым) и при иных тяжких нарушениях (например, особо злостный обман, нанесение тяжкого психического ущерба вследствие длительного лишения сна) недопустимость использования полученных таким образом показаний

распространяется также на установленные на их основании доказательства»[7, с. 62]/

В основе регламентации вопроса о допустимости доказательств в уголовном процессе Германии лежат два правила: 1) запрет получения (т. е. недопустимость получения доказательств определенными способами) и 2) запрет использования (т. е. недопустимость использования доказательств, полученных определенными способами). Таким образом, УПК ФРГ устанавливает ряд запретов на получение доказательств, а запреты на использование содержатся в основном в прецедентном праве, создаваемом Федеральной судебной палатой (Верховным Судом ФРГ), а не в УПК. Исключение составляет прямо предусмотренный в УПК запрет использования показаний, полученных с применением физического воздействия, наркотиков, пыток, гипноза и ряда других незаконных действий, о которых речь пойдет далее (ст. 136а УПК) [30].

Согласно § 242 УПК ФРГ «во всех случаях сомнения вопросы о допустимости разрешает суд». Если прокурор ходатайствовал перед судом о допустимости доказательства, но суд не рассмотрел данного ходатайства или признал доказательства недопустимым, то в процессе это доказательство считается недопустимым [7, с. 265]

Необходимо отметит, что «В Германии в процессе предварительного расследования суд играет значительную роль. Так, он может производить следственные действия (допросы, осмотры) по ходатайству прокуратуры или без него в целях обеспечения допустимости использования доказательств в судебном разбирательстве» [26].

В части свободы оценки доказательств УПК ФРГ предусматривает, что «по результатам исследования доказательств суд принимает решение в соответствии со своим свободным убеждением, основанным на общей оценке разбирательства» (§ 261). Таким образом, суд определяет допустимость доказательства на основании закона и по своим внутренним убеждением.

Уголовно-процессуальное право ФРГ признает в качестве доказательств: свидетельские показания; заключение эксперта, документы и вещественные доказательства. Иные виды доказательств УПК не предусмотрены [26].

По сравнению с УПК ФРГ УПК Франции тоже не регламентирует вопросы доказательств и доказывания всесторонне и предусматривает некоторые из необходимых положений в отдельных главах. Отсюда возникает необходимость искать положения о доказательствах, которые разбросаны по УПК, и с нахождением тех положений, которые регламентируют вопросы доказательств в целом и интересующий нас вопрос возникают сложности.

При этом в УПК Франции все же имеются положения в той или иной мере регламентирующие вопросы доказательств и доказывания [27]. Так, согласно статье 171 «недействительным признается существенное нарушение формы, предусмотренной Уголовно-процессуальным кодексом, которое причинило ущерб интересам заинтересованной стороны».

Как отмечает В.О. Белоносов, «очень сильное положение (предусматривающее добровольное разрешение противоречия) сформулировано

в статье 172 УПК Франции: «Сторона, допустившая существенное процессуальное нарушение, может отказаться ссылаться на это нарушение, тем самым упорядочив процедуру. Такой отказ должен быть ясно сформулирован. Он может быть сделан только в присутствии адвоката или при условии, что адвокат был надлежащим образом уведомлен»[4].

Согласно статье 56 УПК Франции, «если характер преступления таков, что доказательства его могут быть получены путем изъятия бумаг, документов, компьютерных данных или других предметов, находящихся во владении лиц, … то должностное лицо полиции, наделенное полномочиями сотрудника судебной полиции, незамедлительно прибывает по месту жительства таких лиц для проведения обыска, о чем составляет протокол».

В соответствии со статьей 427 УПК Франции, «за исключением случаев, когда законом предусмотрено иное, факты правонарушений могут быть установлены с помощью любых средств доказывания, а судья принимает решение на основе своего внутреннего убеждения. Судья может основывать свое решение только на доказательствах, представленных в ходе судебного разбирательства и состязательно обсужденных сторонами в его присутствии».

Согласно данной статье факт преступления может быть установлен любыми способами доказывания, если закон не предусматривает для этого иные основания и процедуры. Таким образом, в этом случае полномочия субъекта доказывания расширяются, а внутреннее убеждение суда имеет огромное влияние на производство по делу, в том числе на признание доказательств допустимыми. При этом, судья имеет право основывать своё решение только на тех доказательствах, которые перед ним представили стороны, и он исследовал эти доказательства в состязательном процессе предоставив сторонам возможность их оспаривания. Признание подсудимым своей вины, как и любое другое доказательство, подлежит свободной оценке судьей и его принятие в качестве доказательства зависит от его собственного усмотрения (статья 428 УПК Франции)

Следует отметить, что «впервые выражение «свободная оценка доказательств по внутреннему убеждению» появилось в английском уголовном судопроизводстве в 1670 г. Применительно к этому принципу были разработаны понятия относимости и допустимости доказательств, способов доказывания, бремени доказывания и презумпций. В континентальной Европе правила о свободной оценке доказательств по внутреннему убеждению появились во Франции после революции 1789 г. В австрийском уголовном процессе этот принцип впервые был введен в 1848 г., а окончательно — с 23 мая 1873 г. «[1].

В тех случаях, когда должностные лица судебной полиции или иные лица, выполняющие определенные функции судебной полиции, уполномочены фиксировать правонарушения в протоколах или отчетах, доказательства обратного могут быть представлены только в письменной форме или посредством свидетельских показаний (статья 431 УПК Франции).

[1] Уголовный процесс России и стран Европы: сравнительно-правовое исследование : монография / под общ. и науч. ред. С. П. Щербы. — Москва : Проспект, 2023. С.128

Следует признать, что во французском уголовном процессе исполнение требований закона при получении доказательств является обязательным. Например, они не могут быть получены путем нарушения адвокатской тайны – «письменные доказательства не могут быть основаны на переписке, которой обмениваются обвиняемый и его адвокат» (статья 432 УПК Франции)

Факт совершения преступления доказывается либо письменными документами – протоколами или актами, либо свидетельскими показаниями — при отсутствии таких протоколов и актов или в дополнение к ним. Если законом не предусмотрено иное, протоколы и акты, составленные должностными лицами и сотрудниками судебной полиции, иными лицами, наделенными определенными полномочиями сотрудников судебной полиции, считаются достоверными до тех пор, пока не будет доказано обратное. Доказательство обратного может быть представлено исключительно в письменной форме или посредством свидетельских показаний (статья 537 УПК Франции).

Оборотной стороной данного требования является допустимость доказательств, полученных с соблюдением норм УПК, и возможность отказаться от доказательств, собранных вне надлежащей процедуры и т.п.

Таким образом, вопросы допустимости доказательства предусмотрены, прежде всего, нормами международно-правовых актов. В основном нормы международно-правовых актов направленно на защиту прав человека. Те международно-правовые акты, которые регламентируют действия Международного уголовного суда, носят процессуальный характер, и имеют огромное значение для уголовно-процессуальной науки, поскольку при их разработке произошло смешение норм различных правовых систем, в том числе англо-американской и континентальной. Требование о соблюдении положений Римского статута, то есть соблюдении международно-признанных прав человека, а также норм национального права при получении доказательств, в большинстве своем свойственно континентальным правовым системам. В то же время, требование к достоверности как одному из критериев допустимости доказательств, характерно для англо-американской правовой системы. При получении доказательств на территории иностранного государств его допустимость имеет огромное значение наряду с другими свойствами доказательств.

Литертура

1. Абдуллоев П.С. Юридическая сила доказательств в сфере уголовного процесса, полученных на территории иностранного государства // Вестник Московского университета. Серия 11:Право. – 2012. – №5. – С. 95-106.

2. Антонович Е.К.К вопросу о допустимости доказательств, полученных за пределами территории Российской Федерации в рамках оказания правовой помощи по уголовным делам // Труды Академии управления МВД России. – 2014. – №4 (32). – С. 41-44.

3. Белозерова И.И., Вилисов Ю.Н., Дубова А.С. Доказательства в уголовном процессе США // Пробелы в российском законодательстве. – 2020. – Т. 13. – №7. – С. 143-145.

4. Белоносов В. О. Доказательства и доказывание по УПК Франции // Юридический вестник Самарского университета Juridical Journal of Samara University. – 2023. – Т. 9. – №4. – С. 62-73.

5. Быкадорова Е.В. Особенности установления допустимости доказательств, полученных на территории иностранного государства // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2019. – №4 (84). – С. 131–136.

6. Верещагина М. Л. Институт допустимости доказательств по английскому и американскому уголовному доказательственному праву // Вестник ЮУрГУ. – 2008. – №18. – С. 36-41.

7. Головненков П. Спица Н. Уголовно-процессуальный кодекс Федеративной Республики Германия - Strafprozessordnung (StPO)-Научно-практический комментарий и перевод текста закона. Потсдам. 2012. – С. 62.

8. Гусенова П. А. Исламский уголовный процесс: религиозно-правовая природа и характерные черты: на примере Исламской Республики Иран и Королевства Саудовская Аравия / дисс. ... канд. Юрид. Наук / 12.00.09. СПб. – 2016. – 458 с.

9. Договор между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой о правовой помощи по гражданским и уголовным делам [Текст] (Пекин, 16 сентября 1996 г.) // АМО РТ. – 1996. – №24. – Ст. 399.

10. Договор между Республикой Таджикистан и Республикой Индия о взаимной правовой помощи по уголовным делам [Текст] (Нью-Дели, 10 мая 2001 г.) // АМОРТ. – 2003. – №9-10. – Ст. 484.

11. Ерпылёв И. В. Реализация института допустимости доказательств в уголовном процессе и правоохранительной деятельности России и зарубежных государств (сравнительно-правовой анализ)» / дисс. ... канд. Юрид. Наук / 12.00.11. – М., 2016. С.11.

12. Зубарев А.А., Венидиктов М.И. Оценка допустимости доказательств, полученных за рубежом при исполнении запросов об оказании правовой помощи //Уголовное судопроизводство: современное состояние и стратегия развития. Сборник научных трудов Международной научно-практической конференции. – М., 2025. – С. 268-272.

13. Костин А.А. Условия допустимости отдельных видов доказательств, полученных в иностранных государствах // Закон. – 2015. – №9. – С. 156-167.

14. Лясковец А., Сизов А. Критерий допустимости доказательств, полученных на территории иностранного государства // Международно-правовые чтения. Воронеж, 2014. – С. 135-139.

15. Марданов Д.Р. О допустимости доказательств, полученных на территории иностранных государств // Закон и право. – 2009. – №9. – С. 72-74.

16. Международный пакт о гражданских и политических правах [Текст] (Нью-Йорк, 16 декабря 1966 г.) // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1976. – № 17. – Ст. 291.

17. Николаева Т.Г., Шестакова С.Д., Роганов С.А. Допустимость доказательств в зарубежном уголовном процессе // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2012. – №2 (54). – С. 103-108.

18. Орлов Ю.К., Лясковец А.В. Проблема критерия допустимости доказательств, полученных на территории иностранного государства в процессе осуществления международного сотрудничества в сфере уголовного судопроизводства // Известия Юго-Западного государственного университета. Серия: История и право. – 2013. – №3. – С. 65-69.

19. Правила процедуры и доказывания Международного уголовного суда // Волеводз А.Г., Волеводз В.А. Современная система международной уголовной юстиции: хрестоматия. – М., 2009. – С. 344.

20. Римский статут Международного уголовного суда [Текст] (Рим, 17 июля 1998 г.) // АМО РТ. – 1999. – №12. – Ст. 359.

21. Рудич В.В. Международные стандарты допустимости доказательств, полученных под пытками и иным путем бесчеловеческого обращения с задержанными (арестованными) по уголовному делу // Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». – 2015. – Т. 15, – №4. – С. 53-57.

22. Соглашение между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран о взаимной правовой помощи по уголовным вопросам от 30 мая 2022 г. [CD-R] // ЦБПИ РТ «Адлия». Версия 7.0. По состоянию на 11 января 2023 г.

23. Соглашение между Республикой Таджикистан и Объединенными Арабскими Эмиратами об оказании взаимной помощи по уголовным делам [Текст] (Абу-Даби, 9 апреля 2007 г.) // АМО РТ. – 2008. – №5. – Ст. 401.

24. Соглашение между Республикой Таджикистан и Турецкой Республикой о правовом сотрудничестве в области гражданских, торговых и уголовных отношений [Текст] (Анкара, 6 мая 1996 г.) // АМО РТ. – 1996. – №24. – Ст. 396.

25. Степанов П. П., Беседин Г. Е. Использование в уголовном процессе доказательств, полученных с нарушением закона: универсальность проблемы и разнообразие подходов к ее решению // Правоведение. – 2019. – Т. 63, – №3. – С. 460-480.

26. Уголовно-процессуальное право ФРГ: Учебник. 6-е изд., сдои, и изм. / Вернер Бойльке; Пер. с нем. Я. М. Плошкиной; Под ред. Л. В. Майоровой. – Красноярск: РУМЦ ЮО, 2004. – 352 с.

27. Уголовно-процессуальный кодекс Франции. Последние изменения и дополнения от 13 августа 2025 г. Code de procédure pénale //https://wipolex-res.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/fr/fr/fr629fr_1.pdf?last-modified=1755604553&Expires=1786002837&Signature=UxQeSYQUFTJRODzXmdg99ToSpRk65TMrQCYo6ezVTy0rbyhoBmFTm1-~MgZYFXpj0W9C9WCIqCKUqeTAIxODzkr8OhfbFOxKHbiaHKuVSr2nZEXtBO0LNVfL9RkH~PjwyDThiKmFwdcpQQpQGUlylEZpsN6ckO7LBsKhnE3uAklwQxq~jbDRDqoFc25b6~veRCBerXbqIDQo15OGTBn~qt8XQ3d5AvlIObvs~i5OfG-HS50z7bjh2B-V8y-FXJYGXS7O6g-OpOEzQ~hDpph8IIRP8LdDdfurqnGOaKVujosJjqP4k0QkV8P8DBihfcD-IOEfZkzu1ACJSK7LvaFXBg__&Key-Pair-Id=K1QGBX7Y6FHYJN

28. Уголовный процесс России и стран Европы: сравнительно-правовое исследование: монография / под общ. и науч. ред. С. П. Щербы. – М.: Проспект, 2023. С.128

29. Федеральные правила о доказательствах Соединенных Штатов Америки. от 30 марта 1973 г. № 93–12. По состоянию на 1 декабря 2024 года (Federal Rules of Evidence) // https://www.law.cornell.edu/rules/fre

30. Хубер Б. Допустимость доказательств в уголовном процессе Германии // Известия высших учебных заведений. Правоведение. – 2011. – №1. С. 257-263. URL: https://access.heinonline.org/HOL/LandingPage?handle=hein.journals/pravd2011&div=29&id=&page= (дата обращения: 20.09.2026).

Допустимость доказательств в уголовном процессе: нормы международно-правовых актов и особенности правового регулирования в основных правовых системах современности

В статье исследуются теоретические и правовые вопросы допустимости доказательств в уголовном процессе с учетом положений международно-правовых актов и особенностей правового регулирования данного института в основных современных правовых системах. Рассматривается взаимосвязь допустимости доказательств с соблюдением прав и свобод человека при их собирании, проверке и оценке. В рамках исследования анализируются положения Международного пакта о гражданских и политических правах, Европейской конвенции о защите прав человека и основных свобод, Римского статута, а также Правил процедуры и доказывания Международного уголовного суда. Особое внимание уделяется условиям допустимости и недопустимости доказательств, полученных с нарушением прав и свобод человека, признанных международным сообществом. Также рассматривается правовое значение доказательств, полученных в рамках оказания международной правовой помощи по уголовным делам.

На основе сравнительно-правового анализа определяются особенности подходов к допустимости доказательств в англо-американской и романо-германской правовых системах. В частности, анализируется порядок регулирования данного вопроса в уголовном процессе Англии, Соединенных Штатов Америки, Германии и Франции. Кроме того, рассматривается вопрос использования в уголовном процессе Республики Таджикистан доказательств, полученных на территории иностранных государств. В результате установлено, что допустимость доказательств является самостоятельным юридическим свойством доказательства, определяющим возможность его использования в уголовном процессе. Соблюдение требований международно-правовых актов и положений внутригосударственного уголовно-процессуального законодательства является важным условием обеспечения законности и защиты прав и свобод человека.

Ключевые слова: допустимость доказательств, доказательства, уголовный процесс, международно-правовые акты, международные стандарты,

права человека, недопустимость доказательств, международная правовая помощь, международное уголовное правосудие

Қобили қабул будани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ: меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқӣ дар низомҳои ҳуқуқии муосир

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии қобили қабул будани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти муқаррароти санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии падидаи мазкур дар низомҳои асосии ҳуқуқии муосир мавриди таҳқиқот қарор дода мешаванд. Робитаи қобили қабул будани далелҳо бо риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳангоми ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии онҳо баррасӣ мегардад. Дар доираи таҳқиқот муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, Оинномаи Рим ва Қоидаҳои мурофиавӣ ва далелҳои Суди байналмилалии ҷиноятӣ таҳлил карда мешаванд. Диққати махсус ба шартҳои қобили қабул ва ғайриқобили қабул будани далелҳое дода мешавад, ки бо вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф гардидааст, ба даст оварда шудаанд. Ҳамчунин, аҳамияти ҳуқуқии далелҳои дар доираи расонидани ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бадастомада мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар асоси таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ хусусиятҳои равишҳо ба қобили қабул будани далелҳо дар низомҳои ҳуқуқии англо-амрикоӣ ва романо-олмонӣ муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, тартиби танзими ин масъала дар мурофиаи ҷиноятии Англия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон ва Фаронса таҳлил мегардад. Ҳамчунин, масъалаи истифодаи далелҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ бадастомада дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Дар натиҷа муайян карда шудааст, ки қобили қабул будани далел яке аз хусусиятҳои мустақили ҳуқуқии мебошад, ки имкони истифодаи онро дар мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд. Риояи талаботи санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва муқаррароти қонунгузории мурофиавии дохилидавлатӣ шарти муҳими таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Калидвожаҳо: қобили қабул будани далелҳо, далелҳо, мурофиаи ҷиноятӣ, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, стандартҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, қобили қабул набудани далелҳо, ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, адолати судии байналмилалии ҷиноятӣ, Суди байналмилалии ҷиноятӣ

Admissibility of evidence in criminal proceedings: norms of international legal acts and features of legal regulation in the main legal systems of our time

The article examines the theoretical and legal issues of the admissibility of evidence in criminal proceedings, taking into account the provisions of international legal instruments and the specific features of the legal regulation of this institution in the major contemporary legal systems. It considers the relationship between the admissibility of evidence and the observance of human rights and freedoms in the course of its collection, verification, and assessment. The study analyzes the provisions of the International Covenant on Civil and Political Rights, the European Convention

for the Protection of Human Rights and Fundamental Freedoms, the Rome Statute, as well as the Rules of Procedure and Evidence of the International Criminal Court. Particular attention is paid to the conditions governing the admissibility and inadmissibility of evidence obtained in violation of human rights and freedoms recognized by the international community. The legal significance of evidence obtained within the framework of international legal assistance in criminal matters is also examined. Based on a comparative legal analysis, the article identifies the specific features of approaches to the admissibility of evidence in the Anglo-American and Romano-Germanic legal systems. In particular, it analyzes the regulation of this issue in the criminal proceedings of England, the United States of America, Germany, and France. In addition, the article examines the issue of using in the criminal proceedings of the Republic of Tajikistan evidence obtained in the territories of foreign states. The study establishes that the admissibility of evidence constitutes an independent legal property of evidence, determining the possibility of its use in criminal proceedings. Compliance with the requirements of international legal instruments and the provisions of domestic criminal procedural legislation is an important condition for ensuring the rule of law and protecting human rights and freedoms.

Keywords: admissibility of evidence, evidence, criminal proceedings, international legal instruments, international standards, human rights, inadmissibility of evidence, international legal assistance, international criminal justice, International Criminal Court

Абдуллозода Парвиз Саъдулло, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор. Тел: (+992) 900-55-51-67 E-mail: 1986_parviz.a@mail.ru.

Зарифзода Абдукарим Ҳасан, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ. Тел.: (+992) 903-70-69-70. E-mail: abdukarim_gasanov@mail.ru

Абдуллозода Парвиз Саъдулло, Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор, заместитель директора. E-mail:1986_parviz.a@mail.ru. Тел.: (+992) 900-55-51-67

Зарифзода Абдукарим Хасан, Таджикский национальный университет, соискатель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета. Тел.: (+992) 903-70-69-70. E-mail: abdukarim_gasanov@mail.ru

Abdullozoda Parviz Sa'dullo, National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan, doctor of legal sciences, professor, deputy director. E-mail: 1986_parviz.a@mail.ru. Tel.: (+992) 900-55-51-67.

Zarifzoda Abdukarim Hassan, Tajik National University, candidate for the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision at the Law Faculty. Тел.: (+992) 903706970. E-mail: abdukarim_gasanov@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

САБАБҲОИ ТАТБИҚ НАМУДАНИ ЧОРАҲОИ АМНИЯТИИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

Раҳимзода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Мубориза бо ҷинояткорӣ бояд тибқи реҷаи муназзам бурда шавад. Дар марҳилаи муосир, ки пешрафти босуръати техникаву технология ва тағйири муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷаҳонро фаро гирифтааст, мубориза бо ҷинояткорӣ ҳамчун як самти муҳим ва аввалиндараҷаи фаъолияти ҳар як давлат, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Гузашта аз ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш зикр менамояд, ки «Муқовимат ба терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ вазифаи ҷонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад» [14].

Бо талошҳои зарурии дар ин самт андешидашаванда нигоҳ накарда, шаклҳои алоҳидаи ҷинояткорӣ бештар хусусияти таҳдидкунандаро касб намуда истодаанд. Дар робита ба ин, давлат пайваста баҳри сулҳу оромӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амният, аз ҷумла таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тадбирҳои судманд меандешад. Вале, бо вуҷуди кӯшишҳои пайвастаи давлат баҳри мубориза бо олами ҷинояткорӣ, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки амнияти давлат, шаҳрвандон, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, зери таҳдид қарор гирифта, ба тафтиши холисонаи парванда ва муҳокимаи одилонаи судӣ халал ворид намуда истодааст. Чунки ҷинояткорӣ дар тамоми дунё аз нуқтаи назари касбият, тарз ва усулҳои содирнамоии он ва инчунин бо истифода аз технологияи нави муосир хусусиятҳои навро пеша намудааст.

Дар ин росто олими рус, Д.М. Берова ба васеъ шудани доираи ҷинояткорӣ, мустаҳкам гардидани сохтори ташкилии он, афзоиш ёфтани ҷинояткорӣ аз лиҳози касбият ва доираи фаъолият ишора намуда, зикр менамояд, ки онҳо ба ҷомеа таҳдид менамоянд ва сифатҳои навро касб кардаанд [4, с. 30].

Дар давраи муосир, ҷинояткорӣ ба таври куллӣ таҳаввулоти сифатӣ пайдо намудааст, ки ин дигаргунӣ дар сохтор ва хусусияти усулҳои содиркунии кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби субъектҳои он ба таври возеҳ таҷассум ёфта, онҳо ба татбиқи методҳо ва воситаҳои нави мураккаби ҷиноятӣ рӯ овардаанд. Ин ҳолат мақомоти ҳифзи ҳуқуқро водор месозад, ки бо мақсади таъмини муқовимати қатъӣ ва самаранок, ба таҷдиди назари куллии фаъолияти функсионалӣ ва ташкилии худ даст зада, ба татбиқи пайвастаи усулҳо ва технологияҳои муосири мубориза рӯ ованд. Дар ин замина олими шӯравӣ М.С. Строгович зикр менамояд, ки ҷинояткорӣ тартиботи ҳуқуқиро вайрон намуда, ба одамон зарар мерасонад, бинобар ин муборизаи устувор, доимӣ ва қатъӣ бар зидди он бояд бурда шавад. Ӯ, ошкор намудани ҷиноят, фош сохтани шахси содиркунандаи ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани субъекти ҷиноят ва татбиқ намудани дигар чораҳои таъсиррасонии пешбинишудаи қонунро ҳамчун муборизаи бомуваффақият бо ҷинояткорӣ пешниҳод менамояд [22, с. 14].

Олими ватанӣ, Н. Абдуллозода низ ҷонибдори чунин андеша буда, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси таҳдидкунандаро яке аз роҳҳои босамари таъмини амнияти шахси ҳимояшаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ мешуморад [1, с. 46].

Метавон ба андешаҳои олимони мазкур розӣ шуд, вале бояд зикр намоем, ки ҳарчанд аз ҷониби давлат дар муқобили ҷинояткорӣ муқовимати қатъӣ ва самаранок бурда, нисбат ба гунаҳкорон тадбирҳои судманд андешида шавад ҳам, вале ин чораҳо барои ҳимояи пурсамари иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чандон басанда намебошанд. Қобили зикр аст, ки андешаи наздиктар ба воқеияти фаъолияти амалии мубориза бо ҷинояткориро Р.Ҳ. Раҳимзода пешниҳод намуда, зикр менамояд, ки чораҳои мавҷудаи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин, дигар чораҳои ташкилию техникӣ ва маъмурӣ, ки маъмулан барои таъмини ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ то ҳол кофӣ ҳисобида мешуданд, айни замон натиҷаҳои назаррасро ба бор наоварда истодаанд ва механизми босамари ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба таври пурра таъмин накарда истодаанд [18, с. 33].

Тавре ки маълум аст, таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вазифаи асосии ҳамаи мақомот ва шахсони мансабдоре мебошад, ки парвандаи ҷиноятӣ дар истеҳсолоти онҳо қарор дорад.

Дар шароити афзоиши хатари ҷинояткории мураккаб ва хусусияти фаромарзии он дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, таъмини амнияти босифати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вазифаи ҳатмӣ ва аввалиндараҷа мебошад. Татбиқи ҳамаҷонибаи ин тадбирҳо кафолати асосӣ барои пешгирии ҳолатҳои дахолати ғайриқонунӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни истеҳсолот аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва инчунин, дигар чораҳои ташкилию техникиро амалӣ менамоянд (яъне, мақомоти татбиққунандаи чораҳои ҳимояи давлатӣ), зарур аст, ки ҷиҳати таъмини амнияти шахсоне, ки мутобиқи қонунгузорӣ иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд ё шахсони ба иштирокчиёни мурофиа алоқаманд, тадбирҳои зарурӣ андешанд. Чунки саривақт наандешидани тадбирҳои амниятӣ метавонад ба рафти таҳқиқ, тафтиш ва баррасии парванда дар суд таъсири манфӣ расонда, ҳаёти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро зери хатар қарор диҳад ва барои расидан ба адлияи ҷиноятӣ дар ҷомеаи адолатпарвар монеа эҷод кунад.

Дар сурати ошкор шудани мавҷудияти таҳдиди воқеӣ ба амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин хешовандон ва дигар шахсони бо онҳо алоқаманд, онҳо ҳуқуқи муроҷиати расмӣ ба мақомоти давлатии ваколатдорро бо мақсади татбиқи чораҳои амниятӣ доранд. Ин ҳуқуқ ҳамчун кафолати конститутсионӣ аз мақоми мурофиавии шахс ё алоқамандии ӯ ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бармеояд. Ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти ваколатдор бо мақсади ҳифз аз таҳдиди воқеии ҳаёт, зӯроварӣ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк, ё дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки ба амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ нигаронида шудаанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ (назарияи мурофиаи ҷиноятӣ) аз ҷониби олимони соҳа мавриди таҳлили амиқ ва

ҳамаҷониба қарор гирифтааст [19]. Тибқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ, шахсоне, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъуланд, уҳдадоранд, ки иттилоотро дар бораи ҳама гуна кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки заминаи содиршавӣ ё омодагӣ ба ҷиноятро ташкил медиҳанд, қабул намуда, фавран мавриди санҷиш қарор диҳанд.

Татбиқи чорабиниҳои амниятии мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани маҷмуи шароити муайяни ҳуқуқӣ имконпазир аст. Механизми ҳуқуқии қабули қарори мурофиавӣ оид ба татбиқи чорабиниҳои мазкур, пеш аз ҳама, ҳамчун маҷмуи элементҳои танзимкунанда, ба монанди: асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи он баромад мекунад, ки риояи қатъии тартиботи ҳуқуқиро талаб менамояд.

Дар низоми танзими ҳуқуқии чорабиниҳои амниятии мурофиавӣ, муайян намудани сабаб барои татбиқи онҳо яке аз элементҳои муҳим ва ҳалкунанда ба ҳисоб меравад.

Мақсади мақола муайян намудани мафҳум, моҳият ва доираи сабабҳои татбиқи чорабиниҳои амниятӣ нисбат ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: 1) тавсифи ҷудогонаи сабабҳои татбиқи чорабиниҳои амниятии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; 2) кушода додани мафҳум ва моҳияти сабабҳои татбиқи чорабиниҳои амниятии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.

Дараҷаи коркарди масъала. Дар назарияи илми мурофиаи ҷиноятӣ мафҳуми «сабаб», чун анъана, бештар барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор мегирад. Муносибати муҳаққиқон барои муайян намудани мафҳуми «сабаб» яксон набуда, онро гуногун тавсиф менамоянд. Масалан, С.И. Ожегов дар луғати тафсирии забони русӣ, калимаи сабабро чунин маънидод намудааст: «Ҳолате, ки метавонад барои ягон кор ҳамчун асос хизмат кунад» [13].

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ сабаб ҳамчун маълумоти воридшаванда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар робита ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ маънидод гардидааст [8, с. 203]. А.С. Лизунов бошад, ибораи сабабро таҳлил намуда, зикр менамояд, ки он табиати дуҷониба дорад: а) ҳамчун манбаи маълумоти аввалиндараҷа ва б) фактҳои ҳуқуқие, ки барои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ заминаи ибтидоӣ мегузоранд [11, с. 145].

Албатта, метавон ба андешаи А.С. Лизунов розӣ шуд, чунки барои оғози парвандаи ҷиноятӣ на танҳо манбаҳои расмии пешбинишудаи м. 140 КМҶ ҶТ баромад мекунанд, балки мавҷудияти воқеии ҳодисаи ҷиноят ин манбаҳоро асоснок мегардонад.

Олимон Б.Т. Безлепкин сабабро ҳамчун иттилооти аввалиндараҷа дар хусуси кирдори тайёршаванда ё содиршуда, ки аломатҳои таркиби мушаххаси ҷиноятро дар бар мегирад [2, с. 191] ва Т.Н. Москалькова онро сарчашмаи маълумот дар бораи ҷиноят меҳисобанд [12, с. 302]. А.В. Смирнов ва К.Б. Калиновский низ сабабро чун иттилоъ дар бораи ҷинояти содиршуда, содиршаванда ё тайёршаванда меҳисобанд. Вале онҳо мушаххас манбаи онро, ки дар моддаи 140-и КМҶ ФР пешбинӣ гардидааст, ишора менамоянд ва қабули

он мақомоти тафтишотро (ва оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ судяро) муваззаф мекунад, ки ба фаъолияти мурофиавӣ шуруъ намоянд [21, с. 483].

Ҳамин тариқ, сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ – ин маҷмуи манбаҳои расмии пешбининамудаи м. 140 КМҶ ҶТ мебошад, ки тибқи талаботи қонун ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид мешаванд ё ба онҳо маълум мегарданд ва онҳоро вазифадор менамоянд, ки ба таҳқиқи фарзияи кирдор шуруъ намуда, қарори дахлдор қабул кунанд.

Метод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва сотсиологӣ ташкил медиҳанд. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи низомҳои ҳуқуқӣ ошкор гардида, таҷрибаи мусбати хориҷӣ ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ истифода шавад [24]. Бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мафҳуми «сабаб» ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ҳангоми татбиқи чорабиниҳои амниятӣ, инчунин муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ва Қонуни федералии ФР «Дар бораи ҳимояи давлатии ҷабрдидагон, шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» муқоиса карда шудаанд. Усули сотсиологӣ дар шакли назарпурсӣ дар байни 184 нафар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ гардид, ки аз онҳо 128 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (суд – 29, прокуратура – 58, корҳои дохилӣ – 21, АНДМ МК – 10, АНМН – 10) ва 56 нафар дигар иштирокчиёни мурофиа (айбдоршаванда, судшаванда, шоҳид, ҷабрдида, шахси холис ва ҳимоятгар) мебошанд [17, с. 334]. Натиҷаҳои назарпурсӣ нишон доданд, ки 53%-и пурсидашудагон ҳангоми иҷрои функсияи мурофиавӣ ба таҳдид дучор шудаанд. Аз онҳо 54% таҳдидро аз ҷониби шахсони номаълум қайд намудаанд ва таҳдидҳо на танҳо ба таври ошкоро (72%), балки тариқи телефон (30%), сомонаҳои иҷтимоӣ (12%) ва паёмак (6%) сурат гирифтаанд [17, с. 329–330].

Бо вуҷуди ин, агар дар оғози парвандаи ҷиноятӣ доираи сабабҳо ва манбаъҳои иттилоот мушаххас бошанд, пас ҳангоми татбиқ намудани чорабиниҳои амниятӣ нисбат ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ин шакли дигарро мегирад.

Ба андешаи мо, сабаби татбиқ намудани чорабиниҳои амниятӣ нисбат ба оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ хусусияти хосси худро дошта, дар баробари иттилооти аввалиндараҷа ва сарчашмаи маълумот, метавонад иттилоот аризаи хаттӣ набошад ва маълумот аз сарчашмаҳои бо қонун муқарраршуда барнаояд.

Масалан, мувофиқи қ. 2 м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ба сифати маълумоти аввалиндараҷа ва сарчашмаи маълумот, ин аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда ва ё шахсоне, ки бо мақсади ҳифзи манфиати шахсони дигар бо ариза мурочиат намудаанд, нисбат ба ноболиғон бошад – дар асоси аризаи хаттии падару модари онҳо ё шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин намояндагони ваколатдори мақомоти васояту парастории баромад менамояд.

Гузашта аз ин, татбиқ намудани чорабиниҳои амниятӣ хислати таъхирнопазир дошта, онҳо метавонанд ҳатто то оғози расмии парвандаи ҷиноятӣ амалӣ карда шаванд. Ин зарурат аз он бармеояд, ки ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқҳои молумулкии

шахси ҳимояшаванда дар зери таҳдиди воқеӣ қарор дошта, ҳар гуна таъхир метавонад ба оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ оварда расонад. Бинобар ин, кӯчактарин маълумоте, ки сабаб барои қабули қарори асоснок оид ба чораҳои амниятӣ мебошад, дар татбиқи он муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳлили қ. 2 м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [10] нишон медиҳад, ки доираи маълумоти воридшаванда маҳдуд мебошад. Танҳо маълумоте, ки чун сабаби татбиқ намудани чораҳои амниятӣ мегарданд, манбаъҳои зерини иттилоотӣ баромад менамоянд: 1) аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда ва ё шахсоне, ки бо мақсади ҳифзи манфиати шахсони дигар масъул мебошанд; 2) аризаи хаттии падару модари ноболиғон ё шахсони онҳоро ивазкунанда; 3) аризаи хаттии намояндагони ваколатдори мақомоти васояту парасторӣ.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар Қонуни мазкур моддаи махсус бо номи сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ мавҷуд намебошад. Ҳарчанд дар м. 16-и он «Асосҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ» зикр гардида бошад ҳам, вале мазмуни сабабҳои татбиқи чораҳои амниятӣ дар қисми 2-юми он нуҳуфтааст. Бинобар ин, дар як модда омехта кардани мафҳумҳо боиси фаҳмиши мухталифи сабабҳо ва асосҳои татбиқи чораҳои амниятӣ дар миёни олимон гардидааст. Масалан, С.А. Табаков аризаи хаттии шахси ба ҳимоя ниёздошта, розигии дар шакли хаттӣ ифодагардида ва дар сурати ноболиғ будани шахси ҳимояшаванда аризаи хаттии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин намояндагони ваколатдори мақомоти васоят ва парастириро ба сифати асосҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ арзёбӣ намудааст [23]. Аризаи хаттӣ ва гирифтани розигӣ, ба андешаи мо, на асос, балки сабаб ва шарти татбиқ намудани чораҳои амниятӣ маҳсуб меёбад.

Бо ҳамин монанд, А.А. Дмитриева маълумотро оид ба мавҷуд будани таҳдиди воқеии куштори шахси ҳимояшаванда, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк вобаста ба иштирокаш дар мурофиаи судии ҷиноятиро асоси татбиқ намудани чораҳои амниятӣ маънидод намудааст [6, с. 52]. Бинобар ин, ба андешаи ӯ наметавон розӣ шуд, чунки маълумот низ шакли хосси худро дошта, метавонад дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ё дигар шакл ба мақомоти татбиққунандаи чораҳои амниятӣ пешниҳод гардад. Пас маълумот низ ба андешаи мо ҳамчун сабаб маънидод мегардад.

Олимон М.Ю. Бекетов ва В.А. Саморока қайд мекунанд, ки дар моддаи 16 Қонуни федералии ФР «Дар бораи ҳимояи давлатии ҷабрдидагон, шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [25] аризаи хаттӣ ҳамчун «асос» барои татбиқи чораҳои амниятӣ нишон дода шудааст [3]. Вале, ба андешаи ин муаллифон, чунин тарзи баён ба мазмуни аслии қонунгузорӣ комилан мувофиқат намекунад [3]. Аз гуфтаҳои олимони мазкур бармеояд, ки аризаи хаттӣ на асос, балки сабаби татбиқ намудани чораҳои амниятӣ баромад менамояд, зеро он ҳамчун хабар дар бораи мавҷуд будани таҳдид хизмат мекунад.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, асосҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ мавҷудияти воқеии ҳодисаи таҳдиди воқеии куштори шахси ҳимояшаванда, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ, хешовандон, хешовандони наздик ва

наздиконаш, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкаш бо сабаби иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбанд [17, с. 255].

Муҳокима. Дар доктринаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ оид ба муайян намудани сабаб ва заминаҳои татбиқи чораҳои амниятӣ андешаҳои гуногун мавҷуд буда, аксари муҳаққиқон онро гуногун тавсиф менамоянд. Масалан, О.В. Карягина ва Ю.С. Аваков зикр менамоянд, ки сабаби татбиқи чораҳои амниятӣ ҳамчун як заминаи аввалияи қонунӣ ва омиле фаҳмида мешавад, ки барои оғози ду ҷараёни бо ҳам алоқаманд хизмат мекунад: а) ҷараёни мурофиавии ҷиноятӣ ва б) ҷараёни ташкилие, ки барои амалӣ намудани муқаррароти ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи чораҳои ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ равона шудааст [7]. Онҳо ҷараёни мурофиавиро ҳамчун заминаи қабули қарори мурофиавӣ ва ҷараёни ташкилиро бошад, ҳамчун механизми воқеии амалӣ намудани чораҳои амниятӣ маънидод намудаанд. Яъне, ба хусусияти дугона доштани сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ ишора менамоянд.

Р.О. Рачабов бошад, ҷанбаи моддии сабабро ҳамчун маҷмуи маълумот ва иттилооти шифоҳӣ, хаттӣ ва электронӣ маънидод намуда, зикр менамояд, ки ба мазмуни он аломатҳои хос мансуб мебошанд:

- ҳатман анҷом додани амалҳои минбаъдаи мурофиавӣ (татбиқ ё рад намудани чораҳои амниятӣ);
- мазмуни ҳуқуқӣ – сабаб дар қонун пешбинӣ шудааст;
- муайян намудани шакл – хаттӣ ё шифоҳӣ [16].

Г.А. Скрипилев бар он андеша мебошад, ки сабабҳо ҳамчун заминаи ҳатмии ҳуқуқӣ барои қабули қарор баромад намуда, он бояд, ҳадди ақал, ба чунин хусусиятҳо, аз қабили «қонунӣ будан», «босифат» ва инчунин «алоқамандӣ» ҷавобгӯ бошад [20].

Таҳлили андешаҳои илмии олимон нишон медиҳад, ки новобаста аз гуногунии ақидаҳо, ҳамаи онҳо дар масъалаи сабаб ҳамчун манбаи аввалин ва муроҷиати расмӣ ҳамфикранд, ки ин дар амалия тавассути пешниҳоди ариза сурат мегирад.

Дар сурати мавҷуд будани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда, хешовандон, хешовандони наздик ва наздикони онҳо, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон, ки бо сабаби иштироки онҳо ба вуқӯъ мепайванданд, шахсони мазкур метавонанд бо ариза ба мақомот ё шахсони мансабдори масъуле, ки чораҳои амниятиро татбиқ менамоянд, муроҷиат кунанд. Аммо қонун мазмун ва муҳтавои аризаро пешбинӣ намекунад. Яъне, шакли таҳия намудани ариза дар хусуси татбиқ намудани чораҳои амниятӣ танзим нагардидааст.

Дар шакли аризаи хаттӣ ифода гардидани иродаи шахсони зикршуда, чун сабаби татбиқ намудани чораҳои амниятӣ баромад менамояд, зеро аризаи хаттӣ манбаи маълумот оид ба зарурати татбиқ намудани чораҳои амниятӣ ва шарти зарурӣ маҳсуб ёфтааст. Аризаи хаттӣ маънои додани ризоиятро дорад, ки ин ҳолат чандон ба мақсади ҳимояи давлатӣ ва вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ мутобиқ намебошад.

Тавре дар боло сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятиро зикр намудем, ба назар чунин мерасад, ки онҳо чун манбаъҳои кифоякунанда барои

татбиқ намудани чораҳои амниятӣ басанда намебошанд. Ба андешаи мо, дар қонунгузорӣ сабабҳои татбиқи чораҳои амниятӣ ба таври возеҳ ва пурра нишон дода нашудааст. Ҳарчанд Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва тартиби татбиқи онҳоро танзим намояд ҳам, аммо пешгирӣ намудани содиршавии ҷиноят ва таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва вазифаҳои асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб меёбанд. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар баробари кафолати мурофиавӣ, ҳамчун таъиноти мурофиаи ҷиноятӣ бояд пазируфта шавад. Аз ин рӯ, хуб мебуд, агар дар мавридҳои истисноӣ, аз ҷумла дар ҳолати ҷой доштани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс, хешовандон, хешовандони наздик ва наздикони онҳо, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон, ки ба худи субъектони мазкур маълум намебошанд ва аз ин ҳолат мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ огоҳ аст, фавран аз ҷониби онҳо чораҳои судманди амниятӣ андешида шаванд. Мутобиқи м. 140 КМҶ дар баробари ариза дар бораи ҷиноят, инчунин иттилоот дар воситаҳои ахбори омма ва аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд, сабаби оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ мегарданд. Бинобар ин, сабаб барои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ, на танҳо аризаи хаттӣ, балки бояд иттилоот дар воситаҳои ахбори омма, сомонаҳо ва паёмрасонҳои иҷтимоӣ ва аз ҷониби мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ба даст овардани маълумот оид ба мавҷуд будани таҳдиди воқеии куштори шахс, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ, хешовандон, хешовандони наздик ва наздикони онҳо, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон низ баромад намоянд. Дар ин хусус Л.В. Бруснитсин низ зикр менамояд, ки дар баробари аризаи хаттӣ, ҳамчун сабаб барои қабули қарор дар бораи татбиқи чораҳои амниятӣ, мумкин аст иттилоот оид ба ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) ва дигар манбаъҳо ба даст омадааст, баромад намояд [5]. Гузашта аз он, дар тафсири Қонуни федералии ФР «Дар бораи тартиби дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда ва айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят» дар баробари аризаи хаттии гумонбаршуда ва айбдоршаванда, ба сифати сабаби татбиқ намудани чораҳои амниятӣ маводҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дигар маълумоти хаттӣ ва шифоҳӣ баромад менамоянд [9, с. 66].

Бинобар ин, мо пешниҳод намудем, ки бо мақсади бартараф намудани нокифоягии сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ ба қ. 2 м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» баъд аз ибораи «васояту парасторӣ» дар таҳрири зайл тағйирот ворид карда шавад: «иттилооти дар воситаҳои ахбори омма интишоргардида ва аз ҷониби мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ба даст овардани маълумоти дар қ. 1 ҳамин модда пешбинигардида» [17, с. 263]. Бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ, пешниҳоди мазкурро дар таҳрири зерин пурра намудан ба мақсад мувофиқ аст: «иттилооти дар воситаҳои ахбори омма, сомонаҳо ва паёмрасонҳои иҷтимоӣ интишоргардида, инчунин маълумоти бевосита аз ҷониби мақомоти

таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ё мақомоти амаликунандаи ФОҶ бадастомада оид ба ҳолатҳои дар қ. 1 ҳамин модда пешбинигардида».

Хулоса. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон чунин мафҳуми сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятиро пешниҳод намуд. Сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ – ин манбаъҳои расмӣ ва ғайрирасмие мебошанд, ки аз онҳо мақомот ва шахсони мансабдоре, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамоянд, дар бораи зарурати татбиқ намудани чораҳои амниятӣ оид ба таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки шахси ҳимояшаванда, инчунин хешовандон, хешовандони наздик ва наздикони онҳо иттилоот мегиранд.

Дар асоси таҳлил, омӯзиш ва мафҳуми зикршуда, метавон сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятиро манбаъҳои зерини иттилоотӣ маънидод намуд: а) аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда ва ё шахсоне, ки бо мақсади ҳифзи манфиати шахсони дигар масъул мебошанд; б) аризаи хаттии падару модари ноболиғон ё шахсони онҳоро ивазкунанда; в) аризаи хаттии намояндагони ваколатдори мақомоти васояту парасторӣ; г) иттилооти дар воситаҳои ахбори омма, сомонаҳо ва паёмрасонҳои иҷтимоӣ интишоргардида; ғ) маълумоти бевосита аз ҷониби мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ё мақомоти амаликунандаи ФОҶ бадастомада.

Вобаста ба афзоиш ёфтани сатҳи ҷиноятқорӣ дар ҷаҳони муосир, зарурати татбиқи чораҳои муассири амниятӣ нисбат ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бештар тақозо мегардад. Таъмини амният ва ҳифзи ҳуқуқии онҳо на танҳо шарти расидан ба ормонҳои ҷомеаи адолатпарвар мебошад, балки омили муҳим дар таҳкими боварии ҷомеа ба низоми адолати судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳои наҷиб ва таъмини амнияти ҳуқуқӣ дар кишвар, масъалаи мазкурро бо суханони Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми солонаи худ вазифаҳои калидии сохторҳои давлатиро муайян намудаанд, чунин хулоса кардан бамаврид аст: «таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷиноятқорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тамоми кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, агентиҳои назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва сари вақт ошкор кардани ҷиноятҳо, муайян ва бартарафсозии сабабу омилҳои содиршавии онҳо чораҳои ҷиддӣ андешанд» [15].

Таҳқиқоти мазкур тибқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳти унвони «Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи маданӣ, фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ, омӯзиши ҷиноятқорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар ҶТ» анҷом дода шудааст.

Муқарриз: Искандаров З.Ҳ., *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

Адабиёт

1. Абдуллозода Н. Татбиқи одилонаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чун яке аз ҷанбаҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқи инсон». – Душанбе: ВКД ҶТ, 2014. – С. 46.
2. Безлепкин Б.Т. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации (постатейный). 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2003. – С. 191.
3. Бекетов М. Ю., Саморока В. А. Поводы и основания принятия решения о применении мер безопасности // Уголовное право. – М.: АНО «Юридические программы», 2016. – № 3. – С. 103–109.
4. Берова Д.М. Реализация функции защиты в уголовном судопроизводстве // Российский судья. – М.: Юрист, 2009. – №7. – С. 30.
5. Брусницын Л.В. Комментарий законодательства об обеспечении безопасности участников уголовного судопроизводства (постатейный). – М.: Юстицинформ, 2009. – 304 с.
6. Дмитриева А.А. Поводы и основание принятия решения о применении уголовно-процессуальных мер безопасности к участникам досудебного уголовного судопроизводства // Вестник ЮУрГУ. Серия: Право. – Челябинск: ЮУрГУ, 2016. – Т. 16, № 1. – С. 52.
7. Карягина О. В., Аваков Ю. С. Поводы и основания применения мер безопасности защищаемого лица в уголовном судопроизводстве: постановка проблемы // Вестник Таганрогского института управления и экономики. – Таганрог: ТИУиЭ, 2021. – № 2. – С. 52–55.
8. Комментарий к УПК РСФСР / Под ред. проф. В.Т. Томина. – М., 1996. – 724 с..
9. Комментарий к Федеральному закону «О содержании под стражей подозреваемых и обвиняемых в совершении преступлений» / Под ред. А. С. Михлина и В. И. Селиверстова. – М.: Спартак, 1999. – 368 с.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 644 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010, № 12, мод. 806; дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 03.07.2012, № 865).
11. Лизунов А.С. Доследственная проверка как часть досудебного производства: дисс. ... канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2017. – 226 с.
12. Научно-практический комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева; Науч. ред. В.П. Божьев. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2004. – 1150 с.
13. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. 100000 слов, терминов и выражений. Под общей редакцией профессора Л.И. Скворцова. – 28-е издание, переработанное. – М.: Мир и Образование, 2019. – 1376 с.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 23.04.2014 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи

дастрасӣ: URL: https://president.tj/event/missives/6146 (санаи мурочиат: 25.04.2025 с.).
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабря соли 2018 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://www.president.tj/event/missives/17365 (санаи мурочиат: 23.05.2026).
16. Раджабов Р. О. Понятие повода, основания и условий применения мер безопасности участников уголовного процесса // Пробелы в российском законодательстве. – М.: Издательский дом «Юр-ВАК», 2011. – № 2. – С. 154–157.
17. Раҳимзода М. С. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / зери назари д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 336 с.
18. Раҳимзода Р.Ҳ. Стратегияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чун яке аз ҷанбаҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқи инсон». – Душанбе: ВКД ҶТ, 2014. – С. 31-36.
19. Саморока В.А., Бекетов М.Ю. Принятие следователем решения о применении мер безопасности в отношении участников уголовного судопроизводства // Уголовное право. – М.: АНО «Юридические программы», 2011. – №1. – С. 72-78.
20. Скрипилев Г. А. Поводы применения мер безопасности участников уголовно-процессуальной деятельности // Общество и право. – Краснодар: Краснодарский университет МВД России, 2012. – № 3 (40). – С. 211–216.
21. Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации (постатейный) / под общ. ред. А.В. Смирнова. 5-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2009. – 992 с.
22. Строгович М.С. Право обвиняемого на защиту и презумпция невиновности: Монография // Под ред. В.М. Савицкого. – М.: Наука, 1984. – 143 с.
23. Табаков С.А. Основание и порядок принятия следователем решения о применении мер безопасности, предусмотренных Федеральным законом от 20 августа 2004 г. № 119-ФЗ «О государственной защите потерпевших, свидетелей и иных участников уголовного судопроизводства» // Законодательство и практика. – Омск: Омская академия МВД России, 2016. – № 2. – С. 18–21.
24. Тихомиров Ю.А. Курс сравнительного правоведения. – М.: Норма, 1996. – 432 с.
25. Федеральный закон РФ «О государственной защите потерпевших, свидетелей и иных участников уголовного судопроизводства» от 20.08.2004 № 119-ФЗ (в редакции от 28.02.2025 № 23-ФЗ) // Официальный интернет-портал правовой информации. – URL: http://pravo.gov.ru (Санаи мурочиат: 23.05.2026).

Сабабҳои татбиқ намудани чораҳои амниятии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ

Дар ин мақолаи илмӣ яке аз мавзуъҳои калидӣ ва ҳаётан муҳимми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ – заминаҳои назариявӣ ва роҳҳои амалии ҳимояи амнияти

иштирокчиёни мурофиаи судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз, ки рушди босуръати технология шаклҳои наву мураккаби ҷинояткории фаромарзиро ба вуҷуд овардааст, ҳифзи ҷони иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ шарти аввалиндараҷаи таъмини адолати судӣ ба шумор меравад. Муаллиф усулҳои муқоисавию ҳуқуқиро истифода намуда, мафҳуми «сабаб»-ро ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқи чораҳои амниятӣ, давлатӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, фарқиятҳои аслии онҳоро нишон додааст.

Муаллиф исбот менамояд, ки танҳо бо аризаи хаттӣ маҳдуд кардани манбаъҳои иттилоотӣ дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои пешгирии саривақтии таҳдидҳо ва хатарҳо комилан басанда нест. Бо такя ба дастурҳои Паёми Президенти кишвар ва хулосаҳои олимони соҳа, дар мақола пешниҳод мешавад, ки доираи сабабҳои ҳуқуқӣ васеъ карда шуда, манбаъҳои нави муосир – ба мисли сомонаҳо, паёмрасонҳои иҷтимоӣ ва маълумоти фаврии мақомот низ расман эътироф карда шаванд. Дар натиҷа, лоиҳаи тағйирот ба қисми 2 моддаи 16 Қонуни соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таърифи нави илмии «сабабҳои татбиқи чораҳои амниятӣ» таҳия ва асоснок карда шудааст, ки метавонад дар такмили қонунгузории миллӣ саҳми амалӣ гузорад.

Калидвожаҳо: мубориза бо ҷинояткорӣ, чораҳои амниятӣ, ҳимояи давлатии иштирокчиён, мурофиаи судии ҷиноятӣ, манбаҳои иттилоотӣ, мафҳуми сабаб, асосҳои ҳуқуқӣ, аризаи хаттии шахс, таҳдиди воқеӣ, паёмрасонҳои иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори омма (вао), такмили қонунгузорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини адолати судӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ.

Поводы применения мер безопасности участников уголовного судопроизводства

В данной научной статье рассматривается одна из ключевых и жизненно важных тем уголовно-процессуального права – теоретические основы и практические пути защиты безопасности участников судебного процесса. Сегодня, когда стремительное развитие технологий порождает новые сложные формы трансграничной преступности, защита жизни участников уголовного судопроизводства выступает первоочередным условием обеспечения правосудия. Используя сравнительно-правовые методы, автор всесторонне анализирует понятие «повод» при возбуждении уголовного дела и при применении мер государственной безопасности, раскрывая их коренные различия.

Автор доказывает, что ограничение источников информации в действующем законодательстве Республики Таджикистан исключительно письменным заявлением совершенно недостаточно для своевременного предотвращения угроз и рисков. Опираясь на поручения, изложенные в Послании Президента страны, и выводы ученых в данной области, в статье предлагается расширить круг правовых поводов и официально признать новые современные источники, такие как веб-сайты, социальные мессенджеры и оперативные данные органов. В результате разработан и обоснован проект изменений в часть 2 статьи 16 профильного Закона Республики Таджикистан, а также сформулировано новое научное определение «поводов для применения

мер безопасности», что может внести практический вклад в совершенствование национального законодательства.

Ключевые слова: борьба с преступностью, меры безопасности, государственная защита участников, уголовное судопроизводство, источники информации, понятие повода, правовые основания, письменное заявление лица, реальная угроза, социальные мессенджеры, средства массовой информации (сми), совершенствование законодательства, правоохранительные органы, обеспечение правосудия, правовые гарантии

Occasions for the application of security measures for participants in criminal court proceedings

This scientific article examines one of the key and vital topics of criminal procedural law – the theoretical foundations and practical pathways for protecting the security of judicial process participants. Today, as the rapid development of technology gives rise to new and complex forms of transnational crime, protecting the lives of participants in criminal proceedings stands as a primary condition for ensuring justice. Utilizing comparative legal methods, the author comprehensively analyzes the concept of «ground» (povod) both in initiating a criminal case and in applying state security measures, revealing their fundamental differences.

The author demonstrates that restricting informational sources in the current legislation of the Republic of Tajikistan solely to a written application is entirely insufficient for the timely prevention of threats and risks. Drawing upon the directives outlined in the Message of the Country's President and the conclusions of legal scholars, the article proposes expanding the scope of legal grounds by officially recognizing new modern sources, such as websites, social messengers, and operational data from law enforcement authorities. Consequently, a draft amendment to Part 2 of Article 16 of the relevant Law of the Republic of Tajikistan has been developed and substantiated, and a new scientific definition of «grounds for applying security measures» has been formulated, which can make a practical contribution to improving national legislation.

Key words: fight against crime, security measures, state protection of participants, criminal proceedings, informational basis, concept of ground, legal grounds, written application of a person, real threat, social messengers, mass media, improvement of legislation, law enforcement agencies, ensuring justice, legal guarantees.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимзода Муъмин Сайфулло – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 917166288. E-mail: nauch-rabot86@mail.ru

Сведения об авторе: Рахимзода Мумин Сайфулло – Таджикский национальный университет, юридический факультет, кандидат юридических наук, доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора. Адрес: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992)

917166288. E-mail: nauch-rabot86@mail.ru

Information about the author: Rahimzoda Mumin Sayfullo – Tajik National University, Faculty of Law, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 917166288. E-mail: nauch-rabot86@mail.ru

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО (ИХТИСОС: 5.5.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.5.10)

РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНОГО ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО ПРАВА В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ПУБЛИЧНОГО ПРАВА

Кодиров Н.А.
Таджикский национальный университет

Введение. Современное международное право имеет собственные специализированные отрасли, каждая из которых регулирует определённые группы международных отношений. Одной из таких отраслей является международное энергетическое право. Эта отрасль охватывает вопросы производства, транспортировки, продажи, использования и правового регулирования энергетических ресурсов на международном уровне [13, с. 193].

Международное энергетическое право, как самостоятельная отрасль международного права активно развивается в последние десятилетия. Такой стремительный рост связан с тем, что энергетика является одной из основных опор мировой экономики и играет решающую роль в обеспечении стабильности и развития.

Глобальные проблемы, такие как обеспечение энергетической безопасности, эффективный контроль над энергетическими ресурсами, изменение климата и использование возобновляемых источников энергии, породили необходимость формирования транснациональной правовой системы регулирования энергетического сектора [12]. Особенно в условиях современного мира, характеризующегося геополитическими конфликтами и обострённой конкуренцией за энергетические ресурсы, правовое регулирование этой сферы приобретает стратегическое значение.

Энергетика охватывает не только экономические вопросы, но и тесно связана с политикой, экологией, безопасностью и правом. С развитием межгосударственных отношений в данной сфере возникла объективная необходимость выделения международного энергетического права как самостоятельной отрасли.

Глобализация мировой экономики оказала глубокое влияние на энергетический сектор. Сегодня производство, транспортировка и использование энергетических ресурсов носят транснациональный характер, что способствует формированию новых международных правовых отношений. Эффективное регулирование этих процессов невозможно без современного правового механизма.

Правительство Республики Таджикистан под руководством Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона, реализует ряд стратегических проектов, направленных на улучшение электроснабжения и укрепление энергетической безопасности страны.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своем Послании Маджлиси Оли от 16 декабря 2025 года отметил [8, с. 16–18], что по оценкам международных финансовых организаций, Таджикистан входит в число шести ведущих стран мира по доле «зеленой» энергии — экологически чистой электроэнергии, производство которой сегодня составляет 98% от общего объёма. Это является вкладом Таджикистана в предотвращение разрушительных последствий глобального потепления и реализацию экологических инициатив на региональном и глобальном уровнях.

Степень разработанности проблемы. В научной литературе международное энергетическое право трактуется как специальная отрасль международного права, включающая совокупность принципов и правовых норм, регулирующих отношения между субъектами энергетического сектора. Эта отрасль обеспечивает координацию интересов государств, энергетических компаний и других заинтересованных субъектов для достижения устойчивого развития энергетики и решения проблем, связанных с ресурсами, их использованием и транспортировкой. Международное энергетическое право признано частью международного публичного права, играющей ключевую роль в обеспечении энергетической безопасности, повышении эффективности использования энергетических ресурсов и расширении международной энергетической интеграции [14, с. 34–38].

Исторически становление международного энергетического права связано с геополитическими событиями 1970-х годов [2, с. 2–9]. По мнению Белицкой А., ссылающейся на труды А.Г. Быкова, необходимость формирования данной отрасли возникла после «арабского нефтяного эмбарго», вызвавшего мировой энергетический кризис [3, с. 47–55]. Эмбарго, инициированное странами-членами ОПЕК во главе с Саудовской Аравией, было направлено против Соединённых Штатов, поддерживавших Израиль в арабо-израильском конфликте. В результате этого цены на сырую нефть были увеличены сначала на 70%, затем на 128%, при одновременном снижении объемов добычи. Эти меры вызвали экономический кризис в странах Западной Европы и США [7, с. 23].

В современном мире энергетическая безопасность является ключевым элементом, напрямую связанным с экономической безопасностью. Обеспечение устойчивого доступа к энергетическим источникам и их бесперебойной транспортировки — это не только внутренняя проблема государств, но и предмет международного сотрудничества. Энергетическая безопасность оказывает значительное влияние на устойчивость экономики, внешнюю политику и глобальную стабильность. Поэтому в международном праве понятия «энергетическая безопасность» и «экономическая безопасность» рассматриваются как основные факторы устойчивого развития и решения глобальных проблем [5, с. 88–98].

Некоторые ученые, в том числе Д.Ш. Сангинзода, Н. Гаффорзода, Ф. Рахимов и А.К. Хусаинов, по-разному трактуют содержание энергетической безопасности и энергетической политики, связывая их с устойчивым развитием,

рациональным управлением ресурсами и стратегической независимостью государства [9; 4; 10; 12].

Формирование самостоятельной правовой отрасли — один из ключевых теоретических и практических вопросов юриспруденции.

Международное энергетическое право представляет собой совокупность норм и принципов международного права, регулирующих отношения государств в сфере энергетики. Его предметом являются международные экономические отношения между субъектами международного права; объектом регулирования — энергетическая отрасль, включая ресурсы, технологии, инфраструктуру и процессы производства, транспортировки и использования энергии.

В системе международного права различаются общие и отраслевые принципы. К отраслевым принципам международного энергетического права относятся суверенитет над энергетическими ресурсами, свобода транзита, обеспечение энергетической безопасности, энергоэффективность и охрана энергетических ресурсов. Эти принципы отражают руководящие идеи, закреплённые в нормах международного права и применяемые при международном взаимодействии государств.

Как отмечал известный российский юрист С.С. Алексеев [1, с. 292], каждая отрасль права должна обладать собственным предметом регулирования, специальным методом и системой институтов, что придаёт ей структурную самостоятельность. Этим требованиям отвечает и международное энергетическое право.

Л.И. Дембо подчеркивал, что определяющим элементом выделения отрасли права являются именно особые принципы, а не только предмет и метод регулирования [14, с. 88–98]. Принципы формируют внутреннюю целостность и системность отрасли, объединяя разнообразные нормы в единую структуру [15].

Д.И. Фельдман развил данную концепцию, утверждая, что отрасль международного права должна представлять собой согласованную систему норм, регулирующих определённый круг международных отношений, которая обладает относительной автономией и отражает реальные потребности международного общения [11, с. 57–58].

Таким образом, в трудах ведущих исследователей международное энергетическое право признаётся самостоятельной отраслью международного публичного права. Оно направлено на регулирование отношений между государствами в использовании, управлении и охране энергетических ресурсов.

Поскольку источники энергии часто расположены в пределах национальных границ, принципы невмешательства и суверенитета имеют особое значение. Общие принципы международного права — «договоры должны соблюдаться» (*pacta sunt servanda*), невмешательство и запрет применения силы — также применимы в международном энергетическом праве, способствуя предотвращению конфликтов и укреплению энергетической безопасности [6, с. 47–56].

Методология исследования. Методологическую основу исследования роли международного энергетического права в системе международного публичного права составляет комплекс общенаучных и частнонаучных методов

познания, позволяющих обеспечить всесторонний, системный и объективный анализ исследуемой проблематики. Методологический подход обусловлен межотраслевым характером международного энергетического права, его тесной взаимосвязью с международным публичным правом, международным экономическим, экологическим, инвестиционным и морским правом, а также с современными процессами международного сотрудничества в энергетической сфере.

В качестве основного методологического подхода использован системный метод, посредством которого международное энергетическое право рассматривается как совокупность взаимосвязанных международно-правовых норм, принципов и институтов, регулирующих отношения государств и иных субъектов международного права в области разведки, добычи, транспортировки, распределения и использования энергетических ресурсов. Применение данного метода позволило определить место и функциональное значение международного энергетического права в общей системе международного публичного права.

Формально-юридический метод применялся при исследовании содержания международно-правовых норм, закреплённых в международных договорах, конвенциях, соглашениях и иных источниках международного права, регулирующих энергетические отношения. С его помощью проведён анализ юридической природы соответствующих норм, принципов и международно-правовых обязательств государств.

Сравнительно-правовой метод использовался для сопоставления различных международно-правовых подходов к регулированию энергетических отношений, включая вопросы энергетической безопасности, трансграничного энергетического сотрудничества, использования природных ресурсов, привлечения иностранных инвестиций и охраны окружающей среды. Данный метод позволил выявить общие закономерности и различия в правовом регулировании энергетической сферы на международном и региональном уровнях.

Историко-правовой метод применён для изучения процесса формирования и последующего развития международного энергетического права, выявления основных этапов становления международно-правового регулирования энергетических отношений и определения факторов, повлиявших на его современное содержание.

Методы анализа и синтеза использованы для раздельного изучения отдельных элементов международного энергетического права и последующего объединения полученных результатов в целостное представление о его месте в системе международного публичного права. Посредством анализа исследованы отдельные нормы, принципы и институты, а посредством синтеза определены их взаимосвязь и общая функциональная направленность.

Логический метод позволил последовательно раскрыть содержание основных научных категорий и понятий, связанных с международным энергетическим правом, определить взаимосвязь между энергетической

безопасностью, международным сотрудничеством и международно-правовым регулированием энергетических отношений.

Кроме того, в исследовании применялись методы индукции и дедукции, позволившие, исходя из анализа отдельных международно-правовых норм и практики государств, сформулировать общие теоретические выводы о роли международного энергетического права в системе международного публичного права и, наоборот, проверить общие положения посредством их применения к конкретным международным энергетическим отношениям.

Комплексное применение указанных методов обеспечило научную обоснованность выводов, позволило выявить особенности международно-правового регулирования энергетических отношений и определить значение международного энергетического права в обеспечении энергетической безопасности, устойчивого развития, международного сотрудничества и рационального использования энергетических ресурсов. Следовательно, международное энергетическое право представляет собой не просто совокупность правовых норм, а комплексную отрасль международного публичного права, регулирующую сложные экономические, политические и экологические отношения в глобальном энергетическом рынке. Эта отрасль играет ключевую роль в устойчивом развитии, обеспечении энергетической безопасности и гармонизации интересов различных участников.

Вывод. Международное энергетическое право, как важная отрасль международного публичного права играет ключевую роль в регулировании отношений между государствами в сфере производства, транспортировки, распределения и использования энергетических ресурсов. В условиях глобализации и возрастания взаимозависимости государств вопросы энергетической безопасности, защиты окружающей среды, регулирования мировых энергетических рынков, рационального использования ресурсов и разрешения энергетических споров приобретают особое значение.

Анализ показывает, что отсутствие универсальных обязательных международных актов, противоречие интересов государств и влияние политических факторов ограничивают эффективность международно-правового регулирования энергетики. Тем не менее развитие международного сотрудничества, совершенствование договорных механизмов и адаптация правовых норм к задачам устойчивого развития способны содействовать решению указанных проблем.

Настоящее исследование выполнено в соответствии с планом научно-исследовательских работ кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета на 2026–2030 годы по теме «Развитие международного публичного и частного права в Республике Таджикистан».

Литература:

1. Алексеев С.С. Проблемы теории государства и права: [Текст] / Учебник под ред. С.С. Алексеев // Юридическая литература, – Москва: 1979. – 391 с.

2. Белецкая А.К. 70-летию со дня рождения Энергетическое право, [Текст] / А.Г. Быкова // Издательская группа «Юрист» – 2008. №1. – С. 2-9

3. Быков А.Г. Международное энергетическое право: становление и развитие [Текст] / А.Г. Быков // Журнал международного права. – 2005. – №3. С. 47-55

4. Ғафорзода Нигорахон. Мавқеи амнияти энергетикӣ дар сиёсати ҶТ дар даврони истиқлолият: [Матн] / Н. Гаффорзода // автореф. дис. … канд. полит. наук – Душанбе, 2006. – 56 с.

5. Дембо Л.И. О принципах построения системы права [Текст] / Дембо Л.И. // Советское государство и право. 1956. № 8. - С.88-98.

6. Жукова И.С. О международном энергетическом праве как отрасли международного права [Текст] / И.С. Жукова // Вестник ОГУ. 2010. №2 (108). С. 47-56.

7. Кузьмин Э.Л. Каграманов А.К. Глобальная энергетическая безопасность и трубопроводный транспорт Политико-правовой аспект [Текст] / Э.Л. Кузьмин, А.К. Каграманов // Научная книга, – Москва: 2029 – 253 с.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, [Матн] / аз 16 декабри соли 2025. – 48 с.

9. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Воситаи таълимӣ // Зери таҳрири умумии н.и.ҳ., проф. Ғаюров Ш.К. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 199 с.

10. Раҳимов Ф. Ташаккул ва инкишофи гидроэнергетикаи Тоҷикистон дар давраи истиқлолият [Матн] /– Душанбе: 2014. – 158 с.

11. Фельдман Д.И. Система международного права [Текст] / Д.И. Фельдман – Казань.: Изд-во Казанского ун-та – 1983. – 119 с.

12. [Захираи электронӣ] https://jumhuriyat.tj/bahsho/2807-toikiston-dar-masiri-muboriza-alaji-mushkiloti-globalii-ilim.html (санаи мурочиат:25/01/2026).

13. Bradbrook A. Energy Law as an Academic Discipline [Text] / A. Bradbrook, J. Adrian // Journal of Energy and Natural Resources Law, Volume 14 (2), 1996. – P. 217.

14. Heffron R.J. Rønne A. Tomain J.P. Bradbrook A. Talus K.A treatise for energy law [Text] / R.J. Heffron, A. Rønne, J.P. Tomain, A. Bradbrook, K.A. Talus // The Journal of World Energy Law and Business, Volume 11, Issue 1, 2018.-P.34-38.

15. Ҳусайнов А.Қ. Дастовардҳои энергетикии Тоҷикистон ва инъикоси он дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] https://cyberleninka.ru/article/n/dastovard-oi-energetikii-to-ikiston-va-inikosi-on-dar-payom-oi-prezidenti-um-urii-to-ikiston (санаи мурочиат: 31/01/2026).

Роль международного энергетического права в системе международного публичного права

Настоящая статья посвящена анализу процесса формирования международного энергетического права как самостоятельной отрасли международного права. В ней рассматриваются основные этапы развития правовых норм в энергетической сфере с периода после Второй мировой войны

до современности. Автор анализирует роль политических, экономических и экологических факторов в становлении международной энергетической правовой системы, а также вклад международных организаций – в частности, Организации Объединённых Наций, Европейского Союза и других региональных структур – в укрепление межгосударственного сотрудничества в области энергетики. Аналитический материал показывает, что устойчивое развитие, обеспечение энергетической безопасности и охрана окружающей среды являются ключевыми элементами формирования этой отрасли. В результате международное энергетическое право стало важной частью современной системы международного права, способствующей согласованию интересов государств в использовании энергетических ресурсов.

Ключевые слова: международное право, международное энергетическое право, энергетическая безопасность, устойчивое развитие, международное сотрудничество, правовое регулирование.

Нақши ҳуқуқи байналмилалии энергетикӣ дар низоми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ

Мақолаи мазкур ба таҳлили раванди ташаккули ҳуқуқи байналмилалии энергетикӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ гардидааст. Дар он марҳилаҳои асосии инкишофи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи энергетика, аз давраи пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон то замони муосир, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологиро дар ташаккули низоми ҳуқуқии байналмилалии энергетикӣ таҳлил намуда, саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва дигар созмонҳои минтақавиро дар таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи энергетика нишон медиҳад. Маводи таҳлилӣ нишон медиҳад, ки рушди устувор, таъмини амнияти энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист унсурҳои калидии ташаккули ин соҳа мебошанд. Дар натиҷа, ҳуқуқи байналмилалии энергетикӣ ба як бахши муҳимми низоми муосири ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфта, ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо дар истифодаи манбаъҳои энергетикӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалии энергетикӣ, амнияти энергетикӣ, рушди устувор, ҳамкории байналмилалӣ, танзими ҳуқуқӣ.

The role of international energy law in the system of public international law

The article is devoted to the analysis of the formation of international energy law as an independent and significant branch of contemporary international public law. It examines the main stages in the development of legal regulation of international energy relations, from the post–World War II period to the present day. The author analyzes the impact of political, economic, and environmental factors on the evolution of international legal norms in the energy sector, as well as the role of international organizations, including the United Nations, the European Union, and regional structures, in strengthening interstate cooperation in this field. The study demonstrates that energy security, sustainable development, and environmental protection are key components of modern international energy law. It concludes that this branch of law is

becoming increasingly important for coordinating states' interests in the rational and equitable use of energy resources.

Keywords: international law, international energy law, energy security, sustainable development, international cooperation, legal regulation.

Қодиров Некруз Абдулмаҷидович, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **+992 905808686** E-mail: **master.nek@mail.ru**

Кодиров Некруз Абдулмаджидович, Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент, заведующий кафедрой международного права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **+992 905808686** E-mail: **master.nek@mail.ru**

Kodirov Nekruz Abdulmajidovich, Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor, Head of the Department of International Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **+992 905808686** E-mail: **master.nek@mail.ru**

Мақола дар редаксия ворид шуд: 30.05.2026
Аз тақриз баргашт: 25.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТАЛАБОТ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БАРОИ НАШР ДАР МАҶАЛЛАИ «ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН» ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);

4) тақриз;

5) насаб, ном ва номи падари муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

6) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);

7) калидвожаҳо (даҳ-дувоздаҳ калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

8) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан*:* Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…» [1, с. 25].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);

• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

ТРЕБОВАНИЯ, ПРЕДЪЯВЛЯЕМЫЕ К СТАТЬЯМ ДЛЯ ОПУБЛИКОВАНИЯ В ЖУРНАЛЕ «ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;
2) фамилия, имя, отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
3) контактные данные (мобильный телефон и электронный адрес автора);
4) рецензия;
5) фамилия, имя, отчество рецензента статьи на таджикском, русском и английском языках;
6) аннотации на таджикском, русском и английском языках (каждая до 500 знаков, включая пробелы, точки и запятые);
7) ключевые слова (десять-двенадцать основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;
8) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …» [1, с. 25].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);
• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 29.09.2026 супорида шуд.
Ба чопаш 30.09.2026 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 39,75.
Супориши № 112. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.